ISSN 2226-9355

Паёми

ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО

4(52)
2023

Силсилаи илмҳои: филологӣ педагогӣ таърих

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УШУРЗОДА

ДБЗХТ

ISSN 2226-9355

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих)
2023. № 4(52)

ВЕСТНИК
УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)
2023. № 4(52)

HERALD
OF THE LANGUAGES UNIVERSITY
(the series of Philological, Pedagogical and Historical sciences)
2023. № 4(52)

Душанбе – Dushanbe, 2023

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО
Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих
Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Маҷалла соли 2011 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

Сармуҳаррир:
Гулназарзода Жило Бурӣ — *доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

Муовини сармуҳаррир:
Камолзода Илҳом Икром — *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

10.00.00 – Филология	
Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ҷамшедов Парвонахон	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Турсунов Файёзҷон Мелибоевич	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Салими Хатлонӣ	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Каримов Амонулло Файзуллоевич	*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
Олимӣ Хосият Ҳоким	*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
13.00.00 – Педагогика	
Шербоев Саидбой	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Неъматов Саъдулло Эргашевич	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Шоҳиён Нуралӣ Набот	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Шосаидзода Сафар Ҳасан	*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
Товбаева Мавлуда Мусулмоновна	*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
07.00.00 – Таърих	
Ҳотамов Намоз Басарович	*доктори илмҳои таърих, профессор*
Муллоҷонов Сайфулло Кучакович	*доктори илмҳои таърих, профессор*
Миракзода Фаридун Юсуфӣ	*номзади илмҳои таърих, дотсент*
Икромов Ғайбулло Холович	*номзади илмҳои таърих, дотсент*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2021 ворид гардидааст.

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст (http: //elibrary.ru).

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:

Дар соҳаи илмҳои филологӣ: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

Дар соҳаи илмҳои педагогӣ*: 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

Дар соҳаи илмҳои таърих: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.payom.ddzt.tj).

Паёми Донишгоҳи забонҳо.
Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – 2023. – № 4 (52). ISSN 2226-9355.
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи №189/МҶ-97 аз 19.02.2021 сол.

Нишонии маҷалла: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Сомонаи маҷалла: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

© ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 2023

ВЕСТНИК УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ
Серия филологических, педагогических и исторических наук
Учредитель журнала:
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода
Журнал основан в 2011 г. Выходит 4 раза в год.

Главный редактор журнала:
Гулназарзода Жило Бури — *доктор филологических наук, профессор, ректор Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода*

Заместитель главного редактора:
Камолзода Илхом Икром — *кандидат юридических наук, доцент, проректор по науке и инновации Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

10.00.00 – Филология	
Мухаммадджонзода Олимджон Обиджон	*доктор филологических наук, профессор*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм	*доктор филологических наук, профессор*
Джамшедов Парвонахон	*доктор филологических наук, профессор*
Турсунов Файёзджон Мелибоевич	*доктор филологических наук, профессор*
Салими Хатлони	*доктор филологических наук, профессор*
Каримов Амонулло Файзуллоевич	*кандидат филологических наук, доцент*
Олими Хосият Хоким	*кандидат филологических наук, доцент*
13.00.00 – Педагогика	
Шербоев Саидбой	*доктор педагогических наук, профессор*
Неъматов Саъдулло Эргашевич	*доктор педагогических наук, профессор*
Шохиён Нурали Набот	*доктор педагогических наук, профессор*
Шосаидзода Сафар Хасан	*кандидат педагогических наук, доцент*
Товбаева Мавлуда Мусулмоновна	*кандидат педагогических наук, доцент*
07.00.00 – История	
Хотамов Намоз Басарович	*доктор исторических наук, профессор*
Муллоджонов Сайфулло Кучакович	*доктор исторических наук, профессор*
Миракзода Фаридун Юсуфи	*кандидат исторических наук, доцент*
Икромов Гайбулло Холович	*кандидат исторических наук, доцент*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 30.03.2021.

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки (http: //elibrary.ru).

Журнал принимает научные статьи по следующим научным областям:

В области филологических наук: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

В области педагогических наук: *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

В области исторических наук: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.payom.ddzt.tj)

Вестник университета языков.
Серия филологических, педагогических и исторических наук. – 2023. – № 4 (52).
ISSN 2226-9355.
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство № 189/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
Адрес журнала: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30
© ТМУИЯ им. С. Улугзода, 2023

HERALD OF THE LANGUAGES UNIVERSITY
The series of philological, pedagogical and historical sciences
Founder of the journal:
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda
The journal is established in 2011. Issued 4 times a year.

CHIEF EDITOR:
Gulnazarzoda Zhilo Buri — *Doctor of Philology, Professor, Rector of the Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda*

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Kamolzoda Ilhom Ikrom — *Candidate of jurisprudence, associate Professor, Vice-Rector for Science and Innovation of the Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

10.00.00 – Philology	
Muhammadjonzoda Olimjon Obidjon	*Doctor of Philology, Professor*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum	*Doctor of Philology, Professor*
Jamshedov Parvonakhon	*Doctor of Philology, Professor*
Tursunov Fauyozjon Meliboevich	*Doctor of Philology, Professor*
Salimi Khatloni	*Doctor of Philology, Professor*
Karimov Amonullo Fayzulloevich	*Candidate of Philology, associate Professor*
Olimi Khosiyat Hokim	*Candidate of Philology, associate Professor*
13.00.00 – Pedagogy	
Sherboev Saidboy	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Ne'matov Sa'dullo Ergashevich	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Shohiyon Nurali Nabot	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Shosaidzoda Safar Hasan	*Candidate of Pedagogy, associate Professor*
Tovbaeva Mavluda Musulmonovna	*Candidate of Pedagogy, associate Professor*
07.00.00 – History	
Hotamov Namoz Basarovich	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Mullojonov Saifullo Kuchakovich	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Mirakzoda Faridun Yusufi	*Candidate of Historical Sciences, associate Professor*
Ikromov Ghaybullo Kholovich	*Candidate of Historical Sciences, associate Professor*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 30.03.2021.

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library (http: // elibrary.ru).

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

In the field philological sciences: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

In the field pedagogic sciences: *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

In the field historical sciences: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.payom.ddzt.tj).

Herald of the Languages University.
The series of Philological, Pedagogical and Historical sciences. – 2023. – № 4 (52).
ISSN 2226-9355.
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate № 189/JR-97 от 19.02.2021 г.
Address of the journal: 17/6, Muhammadiev str., Dushanbe, 734019, Republic of Tajikistan.
Web site of the journal: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Phone: (+992 37) 232-87-30

© TIUFL named after S. Ulughzoda, 2023

ТДУ 809.155.0

МУРОДИФОТ ДАР ҲИКОЯҲОИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ

Гулназарзода Ж.Б., Сатторова Д. Қ.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муродифҳо яке аз категорияҳои луғавӣ ба шумор рафта, дар захираи умумии луғавӣ нақши муҳимро мебозанд. Ҳар як муродиф дар забон хусусият ва мавқеи корбурди худро дорад. Ҳодисаи муродифотро ҳанӯз донишмандони асримиёнагӣ дар пажуҳишҳои худ мавриди баррасӣ қарор дода буданд. Ақидаҳои онҳо дар бораи муродифот аз назари муҳаққиқон дур намондааст. Чунончи, Д. Хоҷаев дар китоби хеш «Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI» чунин нигошааст: «Насируддини Тусӣ дар «Асос-ул-иқтибос» меорад, ки алфози бисёр ба як маънӣ далолат кунад ва онҳоро мутародифа (муродиф) медонад» [22, с.116].

Доир ба муродифот, ки яке аз воситаҳои ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон аст, таҳқиқотҳои хеле зиёд ба назар мерасад. Забоншиносон ба монанди М. Муҳаммадиев, Р. Ғаффоров, Н. Маъсумӣ, Ҳ.Маҷидов, Б. Камолиддинов, М. Қосимова, Д.Хоҷаев, С. Ҳошимов, А.Ҳасанов, Т. Шокиров, О. Қосимов, М. Саломов, Ш.Буриев, З.Назарова, Р. Усмонов, С. Ҷӯраева, М. Мирзоева, Ю. Д. Апресян, В. А.Звягинсев ва дигарон назаррасанд.

Мавҷудияти муродифҳо дар забон омили муҳим мебошад. „Синонимҳо калимаҳои ҳаммаъное аз решаҳои гуногунанд, ки таркиби луғавии забонро бой мекунанд… барои аз такрори калима худдорӣ кардани муаллиф (гӯянда) бо мақсади шаклҳои гуногуни ифодаҳои дар забон бударо истеъмол кардан ва ба ин восита саҳеҳӣ, равшанӣ ва қувваи бадеи гуфтаи худро таъмин намудан ба кор бурда мешаванд” [14, с.79].

Аз рӯйи хулосаҳои В. А. Звягинсев доир ба муродифҳо забоншиноси машҳур И. Гумболдт ҳанӯз дар асри XIX ақидаи худро чунин иброз дошта буд: «Калима намояндаи ашё нест, балки ифодаи назари шахсии мо ба ашёст» (Звягинсев 1956, 16). Инчунин, забоншиноси тоҷик Ҳ. Маҷидов овардааст, ки «Ҳамчун ҳодисаи семантикӣ синонимия тамоми қабатҳои забонро фаро мегирад…Табиист, ки ҳар яке аз ин ҳодисаҳо дар сатҳи муайяни забон амал мекунад ва аз ҳамин ҳодисаи сатҳи дигар ба куллӣ фарқ дорад» [9, с.78-79].

Муродифҳо дар таркиби луғавии забон ҳамчун воситаи муҳимми забон барои возеҳу равшан ифода кардани афкори нависандагон дар асарҳои бадеӣ мавқеи муҳим дорад. Ба андешаи мо муродифҳо яке аз имконоти беҳтарин ва муваффақтарин дар баёни афкор нисбат ба дигар воҳидҳои луғавии забон мебошад.

Муҳаққиқи муродифҳои забони муосири тоҷик М.Муҳаммадиев дар мавриди муродифҳо чунин меорад: ″Дар ҳақиқат, муродифҳо ду ва зиёда калима ва мафҳумҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати маъно наздик ва баъзан баробар буда, бо маъноҳои иловагӣ, тобиши услубӣ-маънои худ ва мавқеи истеъмолашон дар забон аз якдигар фарқ мекунанд″ [13, с. 88].

Ҳаминро бояд қайд кард, ки ҳар яке аз калимаҳои муродифӣ дар эҷоду таълифоти нависанда хусусияти услубӣ зоҳир намуда, дар баёни андешаи мақсадноки ӯ хизмати бузургеро адо мекунад. Аз ин рӯ, забоншинос М. Қосимова қайд мекунад, ки манбаъҳои пайдоиши муродифот дар забон, аз рӯйи таҳқиқоти забоншиносон, чунинанд:

а) калимасозӣ;

б) ворид шудани калимаҳо дар забони гуфтугӯйӣ ва шеваҳо;

в) иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар;

г) эвфемизмҳо. [ниг.7, с.101].

Интихоби дурусту дар ҷойи худ истифода намудани муродифҳо аз лаёқату забондонии муаллифи асари бадеӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ин на ба ҳар адиб даст медиҳад. Нависанда ва адиби нозукбин барои корбаст намудани ин қабати луғавӣ бояд, ки дар доираи силсилаи муродифӣ давр зада, яке аз онҳоро, ки услубан дар асар мувофиқат менамояд, ба риштаи наср ё назм бикашад. Муродифҳо дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаю шеваҳои забони тоҷикӣ кайҳо боз мавриди омӯзиши хеле зиёд қарор ёфтаанд. Омӯзиши мавзуи мазкур барои муайян намудани боигарии қабати луғавии забон дорои аҳамияти калон аст. Забоншинос Қ. Мухторӣ хусусиятҳои услубии муродифҳоро баррасӣ намуда, дар ин маврид андешаи худро чунин иброз намудааст: «Интихоби калима, ба назар гирифтани тобишҳои нозуки маъно ва обуранги услубии калимаҳо аз ҷанбаҳои сабки нигориш буда, бо масъалаи муродифҳо алоқаи устувор дорад. Худи муродифҳо низ аз масъалаи марказии услубшиносӣ дониста шудааст ва муродифот дар сатҳи лексикология, фразеология ва грамматика баррасӣ мегардад» [11, с. 90].

Тавассути муайян намудани роҳҳои истифодаи муродифҳо ва хусусиятҳои маъноию услубии онҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ дар баробари ошно гардидан ба забони асари алоҳида, инчунин саҳмгузории адибро ба масъалаи вазъи забони давраҳои фаъолияти ӯ муайян менамоем, ки ин масъала дар оянда метавонад ба муҳаққиқони дигар ёрӣ расонад. Дар баробари омӯзиши муродифҳои асар, бо тасвири ҳаёти он даврае, ки адиб ба риштаи тасвир кашидааст, шинос мегардем ва ба ин васила аз забони зиндаи мардум, ки дар нутқи қаҳрамонҳо ба кор рафтаанд, ошно мегардем.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки ҳар яке аз калимаҳои муродифӣ дар эҷоду таълифоти нависанда хусусияти услубӣ зоҳир намуда, дар баёни андешаи мақсадноки ӯ хизмати бузургеро адо мекунад.

Зимни омӯзиш маълум гардид, ки муродифҳо дар ин бандҳои маъноӣ на танҳо аз рӯйи маънӣ, балки бо тобишҳои иловагии маъноӣ, хусусиятҳои услубӣ ва дараҷаи истеъмол аз ҳамдигар фарқ карда меистодаанд. Ба ин маънӣ забоншиноси маъруфи тоҷик Н. Маъсумӣ қайд мекунад, ки "Муродифот қариб ҳамеша бо маънои луғавии худ тобишҳои хоси он калимаҳо, ё бо обуранги бадеӣ – эҳсосӣ, ё бо хусусияти хоси услубӣ ба ин ё он намуди муродифҳо мансуб будани худ, ё аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол ва ё аз рӯи имконияти бо дигар калимаҳо муродиф шудан аз якдигар фарқ мекунанд" [8, с.37].

Муҳаққиқ Д. Фозилов ҳангоми баррасии хусусиятҳои лексикии «Сафарнома»-и Носири Хусрав калимаҳои муродифии онро ба се гурӯҳ ҷудо намуда, меорад, ки «калимаҳои муродифие, ки пурра дар забони адабии муосир дар истеъмоланд: дин-кеш, зулм-ҷавр, халқ-раият, мардум… то ҳол дар адабиёти бадеии забони ҳозира пурра дар истеъмоланд» *[21, с. 118-119]*.

Дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ силсилаи муродифии **зулм, ҷабр, ҷафо, ситам, азоб, шиканҷа** дар мавридҳои муносиб истифода шудаанд. Ин вожаҳо аз ҷиҳати услуб ва тобиши маъноӣ каму беш фарқ доранд, аммо дар маҷмуъ аз лиҳози маънӣ наздикмаъно буда, бо ҳам муродиф мешаванд.

... сардорон хабардор шуда ононро бисёр ***азоб доданд***...[35][*].

Дар мисоли боло вожаи **азоб** ба маънии аз тарафи касе азоб кашидани шахсро ифода кардааст. Муродифҳои ***ҷафо*** ва ***зулм,*** ки аз тарафи шахсе ба амал оварда мешавад, дар осори адиб ба назар расид. Дар ҳикояи "Ҳамидаи сиёҳбахт" ин калима рӯзи сиёҳи персонажи асарро нишон додааст:

Хулоса, Ҳамида ин гуна ***ҷафоҳоро*** *аз шавҳараш ҳам бисёр дид, аммо чӣ кор кунад? [15].*

---

[*] Деҳотӣ, А. Куллиёт. Ҷилди 3. – Душанбе, 1966. - 380 с. Минбаъд мисолҳо аз ҳамин асар оварда шуда, саҳифаҳо дар қавс нишон дода мешавад.

Модари бечора аз бекасии худ оҳ кашида ва аз ***зулми*** *босмачиён шикояткунон гиря мекард [37].*

Дар ин ҷо низ калимаи ***зулм*** ба маънии *ситам, ҷабр, ҷафо* ва беадолатӣ омадааст. Ба ғайр аз ин силсилаи муродифҳо доир ба ин калимаҳо боз якчанд муродифҳои дигар низ дар ҳикояҳои адиб вохӯрдан мумкин аст. Калимаи ***заҳмат,*** ки маънои луғавиаш ***ранҷ, машаққат, меҳнат, азият, озор ва азоб*** аст, дар осори нависанда ба маънои ранҷ ва меҳнат омадааст:

Аммо ба ивази ин дар редаксия кори вай боз як парда боло шуд, вай акнун ***заҳмат*** *кашида тарҷумаҳошро дастӣ наменавишт... [78].*

Дар мавриди дигар калимаҳои ***ғам ва кулфат*** низ маънои азобро ифода кардааст:

Оҳ, Ҳамидаи берӯзӣ, чи гуна бахти сиёҳе доштӣ, ки бо ин қадар ***ғаму кулфатҳои*** *пай дар пай мубтало гаштӣ [15].*

Чунин саволҳои одӣ майнаҳои моро то ҳол ***азоб*** *медиҳад [112].*

Калимаҳои **гиря**, **дод**, **фарёд** ва **фиғон** дар ҳикояҳои адиб як силсилаи муродифро ташкил дода, аз нигоҳи маънӣ мафҳуми амалро ифода менамояд. Ин калимаҳои ҳаммаъно дар шакли муродифҳои ҷуфт низ оварда шудаанд. Ҷузъҳои дуюми **доду фарёд**, **доду фиғон** дар нигоштаи нависанда шиддат ёфтани амалро нишон медиҳад. Ҷузъи дуюми ин вожаи ҷуфт ба якдигар муродиф бошад ҳам, таъсири экспрессивиашон мухталиф аст, яъне **фарёд** амале мебошад, ки онро оромтар иҷро кардан мумкин аст.

Аз дур овози ***гиряи*** *ғамолуди зане ба гӯш мерасид [15].*

Овози ***гиряю фиғони*** *хурду калон, ёҳугӯӣ ва азонҳои пай дар пай аз ҳар як ҳавлӣ мебаромад [45].*

Аз бисёр ***гиря*** *овозаш гирифта, аз камхобӣ аз чашмонаш об мерафт, гурусна монданашро намедонист, гоҳо як шабонарӯз боз чизе нахӯрда мегузаронид* [8].

Дар ин асно Ойҷон "дод аз дасти номусулмон" гӯён ***фиғон*** *бардошта, давида ба кӯча баромад ва якбора чунон хомӯш ва бедарак шуд, ки ба куҷо рафтанаш маълум набуд [100].*

Аммо баръакси ин таркиби муродифии **доду фиғон** амалеро ифода менамояд, ки дар натиҷаи ғаму андӯҳ ва мусибати зиёд ба миён омадааст. Калимаи ***нола*** низ дар силсилаи муродифӣ ворид шудааст:

Оё ин ***нолаи*** *кадом зани ситамдида ва кулфатзадаи бечора бошад [15].*

Калимаҳои **қувват, маҷол, тоб, тавон бо** ҳам муродифанд**.** Қувва [т] маънои умумикунандаи зӯр, қудрат, нерӯ, қувваи ҷисмониро ифода мекунад ва серистеъмол аст. Маҷол, тоб, тавон, тоқат, мадор қувваи коре надоштан, маҷол надоштан барои иҷрои кореро мефаҳмонад.

–Хайр, чӣ шудааст, келинчак шудам гуфта дар кунҷи хона шишта чарху дук кунад-мӣ? – ҷавоб дод Одил оромона ва ин оромӣ оташи Зиёдаро боз ҳам ***қувват*** *дод [37].*

Дар ҷумлаи поён калимаи **маҷол** ба маънои бемадорию беқувваттӣ омадааст. *Танҳо камтар шир хӯрда бошад ҳам, аз баландии ҳарорати дарунӣ ҳазм карда натавониста қай намуда буд, рангаш чун заъфарон зард шуда ва баданаш мисли чӯби хушк хароб шуда,* ***маҷоли*** *гап задан ва чашм кушодан надошт [37].*

Аммо Солеҳзода ***тоқат*** *карда натавониста, забони тезашро ба кор даровард* [99].

Вожаҳои **суҳбат**, **гуфтугӯ, мусоҳиба, гуфтугузор, гуфтушунид**, **маслиҳат, баҳс** силсилаи муродифиро ташкил медиҳанд:

Суҳбат вобаста ба матн тобиши маънои гуногунро ифода менамояд.

Ҳар дуи моро ҳам ба ин ***суҳбат*** *таклиф карданд [56].*

Ман дар як ***суҳбат*** *"Майлун гуфтанӣ гап нест, Майлон будагист" гӯён ба номи вай ҳайрат изҳор кардам* [85].

Дар баъзе маврид он ба маънои **маслиҳат, гуфтугузори хайрандешона дар атрофи ягон масъала, фикру мулоҳиза** меояд, ки дар мисоли зер ҳамин маъноро ифода кардааст:

Зани Абдуллобой гуфт: Амакатон нестанд, ман имшаб ***маслиҳат*** *кунам, фардо шудану ношуданашро мегӯям [13]*

Масъалаи номмонӣ ба фарзандон дар ҳамаи замонҳо мавзуи ***баҳс*** *ва* ***мулоҳизаҳои*** *гуногун ва аҷибу ғариб будааст [83].*

Калимаи **гуфтушунид** маънои **баҳс, аз ҳар тараф суҳбат кардан, гапзанон кардан ва** баъзан ба маънои гапу калоча, гап-гап, овоза низ ба кор бурда мешавад. Чунончи:

Рӯзи дуюм бегоҳонӣ рӯйи ҳавлии тӯйхона мисли сайр пур аз одам буд, ҳама хандону шукуфон бо ҳам дар ***гуфтушунид*** *буданд [13].*

Дар ин ҷумла вожаи ***гуфтушунид*** омадааст, ки бо ҳам гап задани чанд кас ва ё музокира кардан дар бораи чизеро ифода мекунад. Шумораи зиёди муродифот дар захираи луғавии забон аз он шаҳодат медиҳад, ки муродифот қисмати мукаммал ва ғании таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошад, аз ин рӯ, ҳамаи нависандагон ин имконоти бойи луғавии забонро аз даст надода, барои бемаврид такрор наёфтани калимаҳо онҳоро самаранок истифода менамоянд. Аз ин рӯ, олимону забоншиносони тоҷик ин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта, таъкид менамоянд: “Агар кас таркиби луғавии забони худро хуб донад, аз он ба хубӣ истифода бурда тавонад, забони ӯ равон, сода ва ифоданок мешавад” *[16, с. 17].*

Вожаҳои ***ашк, сиришк ва оби дида*** бо ҳам хусусияти муродифӣ пайдо намудаанд, ки нависанда ҳар яки онро дар ҷой ва мавриди муносиб корбаст намудааст*:*

Ҳамидаи мо, ки аз чашмаш ***ашки*** *ятимӣ, аз дилаш доғи фироқи падару модар нарафта буд, дар болои он ӯро мастона мезад, ё бо баҳонаи андак коре ба синаи реш-реши ӯ намак мепошид* [14].

Аз дур овози ***гиряи*** *ғамолуди зане ба гӯш мерасид [15].*

Оё ин ***нолаи*** *кадом зани ситамдида ва кулфатзадаи бечора бошад?* [15].

Дасту пояш аз тарс чун шохчаи бед меларзид, ***фарёд*** *баровард, аламаш тоза шуд ва* ***фиғонаш*** *баланд гардид [12].*

Аммо чи гуна хомӯшӣ, ки даруни дилаш чун оташи танӯр аланга мезад, ***оби чашмаш*** *аз рухсораи сурхаш ҳамчун борони баҳорие... равон буд* [12].

Қ. Мухторӣ дар мавриди вожаи ***сиришк*** ҳангоми баррасии хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ меорад: «Интихоби калимаи беҳтарин барои ифодаи мафҳум, мақсад ва андешаи худ ҳунар аст, масалан, шоир… калимаи сиришкро аз силсилаи синонимҳои чакра, қатра, сиришк истифода мекунад. Пас, дар ин ҷо ғарази услубие мавҷуд аст» [11, с. 91].

Муродифот барои таъмини обуранги бадеию тобишҳои гуногуни услубӣ ва дар баробари ин тасвири нависандаро образноку дилкаш ифода кардан ва ҳамчунин воқеӣ инъикос намудани ҳодисаю воқеоти зиндагии персонажҳои асар воситаи муҳимму ҷолибтарини забон ба шумор меравад. Забоншинос Тоҳирова Қ. дар китоби хеш “Забони адабии муосири тоҷик” қайд менамояд, ки се роҳи ба вуҷуд омадани муродифҳо дар забон ба назар мерасад: а) калимасозӣ; б) қабули вожаҳо аз шеваҳои маҳаллии забони тоҷикӣ; в) иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар [21, с. 21].

Дар осори Абдусалом Деҳотӣ муродифҳои ифодакунандаи сару либос ба монанди ҷома, хилъат ба мушоҳида расид:

Пас аз хӯрда шудани таом домуллоимом аз рӯи шариат хутбаро сар кард, дар ҳамин вақт як касе, ки дар паҳлуи домод нишаста буд, ба ***ҷомаи*** *домод сӯзан мезад [13].*

Ана инашро ба ягон ҷойи ***хилъати*** *худатон … дӯхта монед [94].*

Дар мавриди ин вожаҳои ифодакунандаи сару либос забоншиносон низ фикру ақидаҳои хешро иброз намудаанд. М. Насруллоев қайд мекунад, ки “вожаи ***хилъат*** адабӣ-китобӣ буда, дар осори адибон бештар мушоҳида мешавад. Муродифи он ***ҷома*** мебошад, ки дар забони адабии муосир бештар дар нутқи шифоҳӣ ба назар мерасад ва хусусияти умумиистеъмолӣ дорад” *[17, с. 253].*

Дар забони тоҷикӣ муродифҳои адабӣ хеле зиёданд. Абдусалом Деҳотӣ ҳам аз муродифҳои адабӣ ва ҳам аз муродифҳои лаҳҷавӣ истифода кардаанд.

Бештар муродифҳои ифодакунандаи ҳолат ва руҳия аз исмҳои маънӣ [абстаркт) сохта мешаванд ва ё исмҳои маънӣ мебошанд. Баъзе исмҳои маънӣ ҳолат ва руҳияи ботинии инсонро мефаҳмонад ва маънои барои ҳамаи калимаҳо умумӣ муродиф шуда меоянд. Калимаҳои ***сабр, тоб, тоқат ва тобоварӣ*** низ аз ҳамин қабил калимаҳоянд. Калимаҳои ***сабр*** нисбатан ба ***тоқат ва тобоварӣ*** аз ҷиҳати маъно васеътар буда, дар алоҳидагӣ бо онҳо ҷояшро иваз карда метавонад. Ин калима чи дар нутқи адабӣ ва чи дар нутқи гуфтугӯйӣ ба таври васеъ ба кор бурда мешавад:

*Ҳоло **сабр** кунетон рӯзе мешавад, ки бар болои Моҳ байроқҳои сурхи калон-калон бароварда мезананд [127].*

*...бинобар ин ба ин қадар зулмҳои шавҳараш **тоқат** оварда натавониста, ба шаҳр равон шуд* [15].

*Ғурбатхола **тоқат** карда натавониста ба миёни гапи муаллима як лагад зад [46].*

***Тоқаташ** тоқ шуд ва бо як овози пурдаҳшат фарёд зад [52].*

Вожаҳои тоқат ва тобоварӣ бештар ҳамроҳ, ба тариқи ҷуфт тобу тоқат меоянд. Дар осори Абдусалом Деҳотӣ калимаи тобовариро дар алоҳидагӣ мушоҳида кардан мумкин аст, аммо ин гуна ҷуфти муродифро мушоҳида наменамоем.

*... пойи шутур ҳам бошад, ба сармо **тобоварӣ** карда наметавонад* [52].

Забоншинос М. Муҳаммадиев ҳангоми баррасии баъзе хусусиятҳои лексикии «Шоҳнома» доир ба муродифҳо меорад: «Барои ифодаи як мафҳум калима-синонимҳо оварда мешаванд ва ҳар кадоми онҳо тобишҳои маъноии ба худ хосе низ доранд» [13, с. 91].

Гурӯҳи дигари исмҳои маънӣ ҳолати руҳии инсонро ифода намуда, нисбат ба муҳит муносибати шахсро мефаҳмонанд. Масалан, калимаҳои **тарс** ва **ҳарос** аз ҳамин қабиланд:

*Бечора Қосимҷон аз **тарс** беҳуш шуда афтодааст ва аз ҳамон шаб ин ҷониб аз по мондааст [55].*

Калимаи **тарс** нисбат ба дигар муродифҳои худ маънои васеътар дорад ва серистеъмолтар аст. Калимаҳои ҳаммаънои он аз ҷиҳати услуб ва андозаи истеъмол баробар нестанд. Калимаи **ваҳм** ҳам дар гуфтугӯ ва ҳам дар услуби бадеӣ роиҷ аст, аммо доираи истеъмоли ин калимаи нисбат бар **тарс** маҳдудтар буда, як навъ тарси воҳимаангезро ифода мекунад:

*Қодир ҳис кард, ки аз овози Қосим ҳанӯз ҳам аломатҳои **ваҳм** нарафтааст ва дили вай бо изтироб тез-тез мезанад [50].*

Абдусалом Деҳотӣ вожаҳои ***тарс ва ваҳмро*** дар як ҷумла истифода бурдааст:

*Бо вуҷуди ин шердилиҳо **тарс** ва **ваҳми** «ба доми худ кашидани аждаҳо» ҳанӯз дар хотирашон буд, ларзида, такида роҳ мерафтанд [21].*

Вале дар баъзе маврид ин ду калима ҳамроҳ шуда ҷозибаи суханро зиёдтар менамоянд ва дар натиҷа тасвири ҳолати персонаж равшантар ба қалам дода мешавад. Доираи истеъмоли калимаи **ҳарос** бошад, нисбат ба калимаи ваҳм маҳдудтар аст:

*Бечора Қосимҷон аз **ҳарос** ва тарси зиёд беҳуш шуда афтодааст ва аз ҳамон шаб инҷониб аз по мондааст [54].*

Муродифҳое, ки ифодакунандаи кирдорҳои хубу бад мебошанд, бо исмҳои ифодакунандаи ҳолат то андозае наздик аст. Вале бо баъзе хусусиятҳои дигари хоси худ, монанди ифодаи шахс, ки умуман рафтори ӯ гардидааст ва ё бо таъсири ягон ҳодисаи маълум дар ӯ ба амал меояд, аз қисмҳои ҳолат фарқ мекунад. Масалан, калимаҳои **макр, ҳила, найранг** дар забони адабии имрӯзаи тоҷик бештар бо шакли макру ҳила, ҳиллаю найранг меоянд ва дар алоҳидагӣ низ дар ҳикояҳои адиб ба чашм расид:

*Ҳеҷ чиз надиҳед!.. Ин **найранг,** албатта, аз хӯрҷини ин фитнагар баромадааст [99).*

*Ин ба ман туҳмат аст! Ҳамаи ин **макр** аст! – гӯён Ҳалима гиря карда ба хона даромад* [99].

Калимаҳои **фиреб** бо калимаҳои макр, ҳила, найранг хусусияти ҳаммаъноӣ пайдо мекунанд:

–Аз неъматҳои лазизи табиӣ, ба тарзи сунъӣ обҳои лунда ва ё лундаҳои об сохта фурӯхтан, харидорро рӯирост ***фиреб*** *додани дӯстдорони даромади осон кай барҳам меҳӯрда бошад* [112].

Дар осори нависанда калимаҳои фиребгарию найрангбозӣ ҷуфти муродифиро ташкил додаанд.

... эътироз кард қорӣ Идрис, мардум вайро ба сабаби ***фиребгарию найрангбозиаш*** *қорӣ Иблис ҳам меноманд [24).*

Ҳамин тавр, барои пуробуранг ва ҷолиб ифода шудани матлаб эҷодкор аз чунин силсилаи муродифотӣ истифода бурдааст.

Вожаҳои муродифии **дӯст, рафиқ**, **шарикро** низ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ вохӯрдем:

Дар байни ***дӯстон*** *ҳозир будани намояндагони республикаи нави советӣ ... хурсандиҳоро даҳчанд зиёд мекард [167].*

Қалами аввалини онро "шахси холис" гуфта ба ман доданд ва канӣ, чӣ тавр?- пурсид ***рафиқам*** *бесаброна* [111].

Калимаҳои **шарик, ёр, ҷӯра** ба вожаи **дӯст** муродиф ва ҳаммаъно буда, Абдусалом Деҳотӣ дар ҳикояҳояш аз ин силсилаи муродифҳо низ истифода кардааст:

-Ҳа, ***шарик****, ба хайр, ба кори савдо даромадаед, - гуфтам ҳолпурсона [75].*

Яке аз ***ҷӯраҳои*** *домод, туфлии домодро гирифта доданӣ шуда, аз ҷояш хеста дар ҷустуҷӯй шуд [68].*

Хулоса, зимни омӯзиш маълум гардид, ки муродифот дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ ба таври фаровон истифода гаштааст. Аз ин рӯ, роҳҳои пайдоиш ва хусусиятҳои муродифшавии калимаҳо ва ифодаҳо дар забони тоҷикӣ хеле гуногун буда, намунаашро дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ мавриди баррасӣ қарор додем. Абдусалом Деҳотӣ бо маҳорату истеъдоди волои эҷодӣ бо истифода аз тамоми роҳҳои пайдоиши муродифҳо дар корбурди ин категорияи луғавии забони тоҷикӣ малакаву касбияти адибии хешро хеле моҳирона ва нозукбинона нишон додааст.

Рӯйхати адабиёт:

1. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров. – Душанбе: Дониш, 1988. – 125 с.
2. Гулназарова, Ж.Б. Таснифоти маъноии феъл дар «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / Ж.Б. Гулназарова. – Душанбе : Шуҷоиён, 2011. – 168 с.
3. Деҳотӣ, А. Куллиёт. Ҷилди 3. – Душанбе, 1966. - 380 с.
4. Деҳотӣ, А. Куллиёт. Ҷилди 5. – Душанбе, 1966. - 367 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ваморфология. Қисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1973.
6. Камолиддинов, Б. Калимаҳои гуфтугӯйӣ дар ҳикояҳои Ҳаким Карим. //Маълмӯаи аспирантҳо.-Ҷилди 5.- Душанбе, 1966-С. 4-19.
7. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик. Қ. 1 / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2012. – 420 с.
8. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод, 1959. – 294 с.
9. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе : Деваштич, 2007. – 244 с.
10. Мирзоева, М. Синонимҳои лексикӣ ва фразеологӣ дар осори бадеии С. Айнӣ / М. Мирзоева. – Душанбе. - 2017
11. Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. – Душанбе, 2006. –129 с.
12. Муҳаммадиев, М., Талбакова Ҳ., Нурмаҳмадов Ю. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик- Душанбе, 1997- 189 с.
13. Муҳаммадиев, М. Баъзе хусусиятҳои лексикии «Шоҳнома» / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг. 2005. – 138 с.

14. Муҳаммадиев, М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. – Душанбе : Маориф, 1993. – 272 с.
15. Муҳаммадиев, М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Муҳаммадиев. – Душанбе : Ирфон, 1968. – 63 с.
16. Набиева, Р. Синонимҳо дар ашъори Рӯдакӣ. //Мактаби советӣ. -№5. -1967.
17. Насруллоев, М. Баъзе вижагиҳои муродифот дар осори Убайди Зоконӣ. //Забон –рукни тоат (маҷаллаи илмӣ). №14. – Душанбе. ҶДММ «Абдураҳмон Р», 2023. С. 251-261.
18. Ниёзмуҳаммадов, Б. Хусусиятҳои забони осори М. Турсунзода / Б. Ниёзмуҳаммадов // «Садои Шарқ». – 1964. –№ 1. – С. 106-121.
19. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина»-и С. Айнӣ. – Душанбе, 1973 .-254 с. Фаворин, В.К. Синонимы в русском языке / В.К. Фаворин. – Свердсловск, 1953. – 186 с.
20. Тоҳирова, Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Қ. Тоҳирова. – Душанбе, 1967. - 80 с.
21. Фозилов Д.Ф. Хусусиятҳои лексикии «Сафарнома»-и Носири Хусрав. /Ф.Фозилов. – Душанбе, 2013. 170 с.
22. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе: 2016. - 343 с.
23. Ҳалимов, С. Таърихи забони адабии тоҷик [асрҳои XI-XII] / С. Ҳалимов. – Душанбе: ДДМТ, 2002.

МУРОДИФОТ ДАР ҲИКОЯҲОИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ

Баррасии забон ва услуби нигориши эҷодкор вобаста ба мақсади таҳқиқ паҳлуҳои гуногуни хусусияти забонро метавонад муайян ва мушаххас кунад. Низоми луғатшиносии забон хеле густурда ва рангоранг аст. Омӯзиши вижагиҳои луғавӣ-маъноии забон дар намунаи осор ё асари алоҳидаи ин ё он адиб дар низоми луғавии забон хусусияти онро марҳила ба марҳила, зина ба зина нишон медиҳад. Кабатҳои луғавӣ-маъноӣ дар ин росто мавқеи назаррас доранд. Дар гурӯҳҳои қабатҳои луғавӣ-маъноӣ муродифот мақоми меҳварӣ дорад. Таҳлили муродифот дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ далели ин гуфтаҳост. Дар мақола бо такя ба назару андешаҳои олимон роҳҳои пайдоиш, хусусият, навъ ва тарзу усули корбурди муродифот дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ нишон дода шудааст. Муродифот барои гурез аз истифодаи такрори як калима, таъкиди маъно, риояи таносуби сухан, оҳангнокии гуфтор ва ба ин восита, саҳеҳӣ, равшанӣ ва қувваи бадеии асар таъмин намудан ба кор бурда мешаванд.

Аз ин рӯ, Абдусалом Деҳотӣ барои пуробуранги ва ҷозибанок шудани осораш кӯшиш кардааст, ки аз муродифҳо истифода барад ва ин маҳорати баланди нависанда дар осораш инъикос гардидааст.Сабаби асосии муваффақияти нависанда, пеш аз ҳама, дар забон ва услуби нигориши ӯ, дар навишти ҳикоя ва осори насриаш мебошад.

Калидвожаҳо: *муродиф, забони тоҷикӣ, муъҷазбаёнӣ, забони асари бадеӣ, нависанда, услуб, қабатҳои луғавӣ-маъноӣ, Абдусалом Деҳотӣ.*

СИНОНИМЫ В РАССКАЗАХ АБДУСАЛОМА ДЕХОТИ

Исследование языка и стиля автора в зависимости от цели исследования может идентифицировать и конкретизировать различные аспекты языковых характеристик. Лексикографическая система языка очень обширна и красочна. Изучение лексико-семантических особенностей языка на примере творчества или отдельного произведения того или иного писателя в лексической системе языка поэтапно показывает ее особенности Значительное положение в этом направлении занимают лексико-семантические слои. В группах лексико-семантических пластов синонимы имеют особый статус. Анализ синонимов в рассказах Абдусалама Дехоти является доказательством этих утверждений. В статье, основанной на мнениях ученых, показаны пути происхождения, особенности, виды и способы использования синонимов в рассказах Абдусалама Дехоти. Синонимы используются для того, чтобы избежать повторения одного и того же слова, подчеркнуть смысл, соблюсти пропорцию речи, тональность речи, а также обеспечить точность, ясность и художественную силу произведения.

Поэтому Абдусалом Дехоти старался использовать синонимы, чтобы сделать свои произведения красочными и привлекательными и это высокое мастерство писателя отражается в его произведениях.Основная причина успеха писателя заключается, прежде всего, в его языке и стиле мышления, в написании рассказов и прозаических произведений.

Ключевые слова: *синоним, таджикский язык, чудотворчество, язык художественного произведения, писатель, стиль, лексико-семантические пласты, Абдусалом Дехоти.*

SYNONYMS IN ABDUSALOM DEHOTI'S STORIES

Studying of the author's language and style, depending on the purpose of the study, can identify and specify various aspects of linguistic characteristics. The lexicographic system of the language is very extensive and colorful. The study of the lexical-semantic features of a language using the example of creativity or a separate work of a particular writer in the lexical system of a language gradually shows its features. A significant position in this direction is occupied by lexical-semantic layers. In groups of lexical-semantic layers, synonyms have a special status. The analysis of synonyms in Abdusalam Dehoti's stories by is proof of these statements. The article, based on the opinions of scientists, shows the paths of origin, features, types and methods of using synonyms in Abdusalam Dehoti's stories. Synonyms are used to avoid repetition of the same word, to emphasize the meaning, to maintain the proportion of speech, the tone of speech, and to ensure the accuracy, clarity and artistic power of the work.

Therefore, Abdusalom Dehoti tried to use synonyms to make his works colorful and attractive and this high skill of the writer is reflected in his works. The main reason for the success of the writer lies primarily in his language and style of thinking in writing stories and prose works.

Keywords: *synonym, Tajik language, miracle work, language of a work of art, writer, style, lexical and semantic layers, Abdusalom Dehoti.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Гулназарзода Жило Бурӣ *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректор. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992 37) 232 50 00; E-mail: ddzt@ddzt.tj*

Сатторова Дилрабо Қаҳоровна *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 901303691*

Сведения об авторах: Гулназарзода Жило Бури *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, доктор филологических наук, профессор, ректор. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: (+992 37) 232 50 00; E-mail: ddzt@ddzt.tj*

Сатторова Дилрабо Кахоровна *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, старший преподаватель кафедры таджикского языка. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 901303691*

Information about the authors: Gulnazarzoda Zhilo Buri *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Doctor of Philological Sciences, Professor, Rector. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992 37) 2325000; E-mail: ddzt@ddzt.tj*

Sattorova Dilrabo Kahorovna *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, senior lecturer in the Department of the Tajik language. Address: 734019, Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev str, 17/6, tel.: (992) 901303691*

ТДУ 801.8

ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ МАРОСИМИ ТӮЙИ АРУСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Абдулоева Г.З., Лузинаи З., Назирқулов Т.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Этнолингвистика самти забоншиносие, ки таъсирпазирии забонӣ, омилҳои пайдоиши фарҳанги маънавии миллӣ, равоншиносии қавмиро дар фаъолият ва таҳаввулоти забон меомӯзад.

Чӣ тавре ки маълум аст, тӯйи арусӣ ҳам як ҷузъи фарҳанги миллӣ ба шумор рафта, аз суннату анъанаҳои зиёде иборат мебошад. Тӯйи арусӣ дар ҳар як манотиқи кишварамон ба таври хосса гузаронида мешавад.

Аввалин муҳаққиқе, ки ба омӯзиши анъанаю маросими тӯйи тоҷикон таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ин донишманди рус О.А. Сухарёва мебошад. Муҳаққиқи варзида аввалин шуда, дар мақолаи «Маросимҳои тӯй дар Самарқанд ва дигар районҳои Осиёи Миёна» баъзе урфу одатҳои мардуми тоҷикро ҳангоми барпо намудани тӯйи арусӣ таҳлил намудааст [17, с.173].

Муҳаққиқи дигари рус Н. А. Кисляков масъалаҳои зиёди мансуб ба никоҳ ва оиладории мардуми тоҷикро дар мақолаҳои «Очерки по истории семьи и брака у народов Средней Азии и Казахстана» баррасӣ намудааст. Инчунин, дар мақолаи «Семья и брак у таджиков» тамоми ҷанбаҳои маросими ҷашни арусии мардуми тоҷикро омӯхта, ҷараёни тӯйи тоҷиконро ба шаш марҳила: 1) хостгорӣ; 2) тӯйи фотиҳа;3) давраи айни фотиҳа ва тӯй; 4.тайёрӣ ба адои қалин; 5.тӯйи арусӣ (арусбиёрон); 6) рӯйбинон ҷудо кардааст [7, с.26].

Гарчанде дар ин таҳқиқот оид ба вижагиҳои ин гурӯҳи калимаву истилоҳот чизе оварда нашуда бошад ҳам, аммо худи номгузорӣ шудани ин маросим барои омӯзиши ҷанбаҳои нанд.

Омӯзиши вожагони урфу одат ва ҷашну маросими хонаводагӣ, махсусан, маросими тӯйи арусӣ бештар дар корҳои забоншиносони маъруфи тоҷик ба назар расад ҳам, аммо нишон додани ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангии он, инчунин, муқоисаи он бо забони олмонӣ аз мадди назари онҳо дур мондааст.

Гарчанде аксарияти маросим миёни мардуми тоҷик якхела бошанд ҳам, вобаста ба маҳаллу минтақаҳои кишвар онҳоро бо вожаҳои гуногун ном мегиранд. Пас, ҳаминро бояд зикр кард, ки бисёр калимаҳое, ки ба урфу одат ва ҷашну маросими тӯйи арусӣ дахл доранд, ба калимаҳои лаҳҷавӣ табдил ёфтаанд. Ин гурӯҳи калимаҳо низ, гарчанде шаклҳои гуногун дошта бошанд ҳам, аммо маъноҳои якхела доранд, аз қабили *ноншиканон, рӯмолгирон, рӯмолдарон, фотиҳакунон*, (оғози маросими тӯйи арӯсӣ) [2, с.40].

Дар тӯйи арусӣ дар ҳар мавзеи тоҷикнишин маросими гуногун гузаронида мешаванд. Масалан, калимаҳои *«саршӯён»*, «*ҳинобандон»,* гарчанде сирф хусусияти маҳаллиро зоҳир намоянд ҳам, аммо дар фарҳангҳои пешин дар ҳамин шакл дарҷ гардидаанд, пас аз ин мебарояд, ки ин калимаҳо аз давраҳои аввали рушди забонамон сарчашма гирифта, то ба ин рӯз дар ҳамон шакли қадимаашон дар забони тоҷикӣ маҳфуз монда тавонистаанд. Масалан, калимаи *«ҳинобандон»* дар дар шарҳи худро ёфтааст: *«ҳинобандон* – маъруф; ва низ ҷашн, ки дар кадхудоӣ кунанд, ҳангоми ҳино бастани арӯс» [15, с.86].

Тафсири чунин вожаҳо на танҳо дар фарҳангҳо дарҷ гардидаанд, инчунин, ҳар як муҳаққиқе, ки ба омӯзиши ин гурӯҳи калимаҳо даст задааст, тавонистааст, то андозае онҳоро маънидод намояд, ки намунаеро ба таври зайл оварда тавонистем: «*Ҳинобандон* яке аз оинҳои қадимии мардуми Осиёи Миёна, Эрону Афғонистон ва Ҳиндустон ба шумор меравад, ин расм то ҳол дар Эрону Ҳиндустон мустаҳкаму пойдор аст. Имрӯз дар бисёр маҳалҳои тоҷикнишин бо номи *«дугонаталбон»* маълум аст. Дар ин маросим тӯйдорон ба ороиши базмгоҳ диққати махсус медоданд. Онҳо яке аз хонаҳои калонтаринро бо ҷиҳози

арусу домод, оинахалтаҳо, сӯзанию кашидадӯзиҳо ва дигар ороиши арӯсӣ оро медоданд. Ин ҷашни махсуси духтарон мебошад» [16, с.56].

Дар бештари таълифоте, ки ба ин самт равона гардидаанд, диққати муҳаққиқон маҳз ба омӯзиши калимаи «арус», ки ба пайдоиши калимаҳои мураккаби *арускобӣ, арусбиёрон, арусбинон, арусталбон* боис гаштааст, равона карда шудаанд. Дар фарҳанг вожаи «арус» чунин тафсир шудааст: «зани навкадхудо ва марди навкадхудо; магар дар урф итилоқи ин бештар бар зан кунанд» [7, с.42].

Инчунин, ҳангоми таҳлили мавод мо собит намудем, ки калимаву истилоҳоте, ки ифодагари урфу одат ва ҷашну маросими тӯйи арусианд, таърихи пайдоиши худро доранд, ки ин равандро забоншинос Н. Гадоев хеле ҷолиб баён намудааст: «Аксарияти онҳо аз ниёгонамон ба мо омада расидаанд. Дар ҳар воҳиди луғавӣ ва истилоҳ бевосита урфу одат, анъанаю воситаҳои меҳнат ва ниҳоят ба таърихи зиндаи халқ иртиботи ногусастанӣ доранд» [6, с.64].

Қобили зикр аст, ки бо гузашти айём баъзеи урфу одатҳо ва маросими тӯйи арусӣ бо мурури замон аз байн рафта, калимаву истилоҳоти ифодакунандаи он суннату анъана ба архаизмҳо мубаддал гаштаанд: *аспшинонии арус, доманчок, гаҳворабахш, чимилиққанон, ҷоғагундорон*.

Ҷашнгирии идҳо, ба ҷо овардани он расму оин ва суннату анъанаҳое, ки аз гузаштагонамон ба мо мерос мондаанд, бо ҳаёти ҷамъиятии инсон вобастагии хеле зич дорад ва чӣ табаддулоте, ки дар ҷамъият мепайвандад, ба забон, фарҳанг ва тамаддун бетаъсир намемонад ки оид ба ин масъала фикрҳои тоза рӯйи варақ оварда шудаанд: «Ташаккули таркиби луғавӣ, аз ҷумла, лексикаи расму оин ба ҳаёт ва таърихи офарандаи он – халқ, алоқаманд мебошад. Гузаронидани тӯйро дар ягон давра манъ накардаанд. Ҳамаи халқҳо барои барпо кардани оила, чӣ дар даврони гузашта ва чӣ дар даврони ҳозира маросими тӯй мегузаронидаанд. Ин маросим вобаста ба хусусиятҳои этникӣ, миллӣ аз ҳамдигар фарқи зиёд доранд» [23, с.10].

Ҳангоми гузаронидани тӯйи арусӣ дар гузашта истилоҳоти *чалаандозон, ҳамсинфталбон, отаталбон, куртапӯшон* мавриди истифода қарор намегирифтанд, аммо ҳангоми дар якҷоягӣ зистан бо мардумони дигар ва бо таъсири урфу одати дигар қавму қабилаҳо ин анъанаҳо ба мо низ омада расиданд, ки боиси дар забон пайдо шудани калимаву истилоҳоти нав гаштанд, ки ба ин масъала диди муҳаққиқон гуногун аст. Масалан, забоншиноси рус О. Финко чунин овардааст: «Мувофиқи ақидаҳои дар илм ҷойдошта, фарҳангу маданияти ҳар як қавму қабила, дар даврaҳои ташаккули амиқи расму оин ва урфу одати он халқро дар забонашон ҳувайдо месозад» [22, с.3].

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, маросими хонаводагӣ бештар хусусияти миллӣ доранд, аз ин лиҳоз, ин гурӯҳи калимаҳо бояд дар доираи мавзеъҳои гуногуни кишварамон мавриди пажӯҳиш қарор гирад. Баъзе масъалаҳои мубраме дар ин бахш вуҷуд доранд, ки то ҳол роҳи ҳали худро наёфтаанд. Масалан, гарчанде урфу одатҳои мардуми Бадахшон хусусиятҳои фарққунандаи худро доро бошанд ҳам, аммо баъзе масъалаҳое вуҷуд доранд, ки омӯзишу пажӯҳиши амиқро тақозо менамоянд.

Мусаллам аст, ки омӯзишу пажӯҳиши мавзуи мазкур солҳои охир дар самтҳои гуногун диққати муҳаққиқони ҷавонро низ ба худ ҷалб намуда, оид ба ин мавзуъ муҳаққиқони ҷавон рисолаву мақолаҳои зиёд иншо намуда истодаанд.

Тӯй яке аз суннатҳои маъмули мардуми тоҷик ба шумор меравад. Он, махсусан, дар ним асри охир ба шаклу маънии дигар такмил ёфта, афзун гардид ва густариш ёфт. Муҳаққи дигар ин гурӯҳи калимаҳоро дар ашъори Лоиқ Шералӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, чунин овардааст: «Вожаҳову истилоҳоти хоси тӯй дар байни мардуми тоҷик вирди забон гардида, асрҳои зиёд инҷониб мустаъмал мебошад. Умуман, онҳо маросиму анъанаҳои аҷоиби халқиро инъикос карда, лаҳзаву ҳангом ва айёми хушу гуворои ҳаётро ифода менамоянд» [16, с.227].

Омӯзиши тӯйи арусӣ дар доираи забони олмонӣ низ аз мадди назари муҳаққиқон дур намондааст. Гарчанде кишвари Олмон дар солҳои охир ба яке аз кишварҳои пешрафтаи дунё мубаддал гашта, дар замони ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо мардуми ин мавзеъ метавонистанд арзишҳои миллиашро аз даст диҳанд, аммо бо вуҷуди ин масъалаи ҳифзи миллат, забон ва маданият ба мисли дигар мавзеъҳо дар он ҷо низ дар мадди аввал аст.

Бояд ҳаминро дарҷ созем, ки аслан, ибораи тӯйи арусӣ дар шакли «*Hochzeit»* маъмул аст, ки агар онро тарҷумаи таҳтулафзӣ намоем, мафҳуми «вақти баланд, бузург»-ро ба мо дода метавонад. Пас, бояд перомуни баромади ин калима каме андеша кард. Сабаби иртиботи ногусастанӣ доштани ибораи «вақти баланд, бузург» бо ибораи «*тӯйи* арусӣ» дар он аст, ки олмониҳо маросими ба ҳаёти мустақилона қадам гузоштанро барои зиндагии инсон аз ҳама муҳим, яъне аз ҳама нуқтаи баланди зиндагии инсон мешуморанд, ки донишманди олмонӣ Г. Шюнеман низ тарафдори ин андеша аст: «Маросими тӯйи арусӣ аз ҳама ҷашни хотирмон дар ҳаёти инсон ба ҳисоб меравад» [9, с.7].

Албатта, чӣ тавре зикр намудем, тасвири забонии мардуми тоҷик ва олмон гуногун аст, ки ин хусусиятро мо дар вожагони тӯйи арусӣ низ мушоҳида карда метавонем. Мавриди зикр аст, ки вожаҳои die *Braut* – арус ва der *Bräutigam* – домод, боиси дар забони олмонӣ пайдо шудани калимаву истилоҳоти зиёде дар ин бахш гардидаанд, ки гарчанде маъноҳои баъзеи онҳо, аз қабили баъзе аз *Brautbett* – тахти арусӣ, *Brautbitte* – хостгорӣ, *Brautbitte*r – хостгормард, *Brautbitterin* – хостгорзан, *Brautbukett* – гулдастаи арус, *Brauteltern* – волидайни арус, *Brautfahr*t – барои овардани арус рафтан, *Brautgemach* – хонаи домоду арус, *Brautgeschenk* – туҳфаи домоду арус, *Brautgewand* – либоси домоду арус, *Brautkind* – кӯдаке, ки пеш аз никоҳ таваллуд мешавад, *Brautkleid* – либоси арусӣ, *Brautkrone* – тоҷи арус, *Brautkutsche* – аробае, ки дар асп баста шудааасту дар он арусу домод менишинад, *Brautlauf* – рақси тӯёна, *Brautleute* – домоду арус, *Brautmutter* – модари арус, *Brautnacht* – шаби арусӣ, *Brautschau* -– арускобӣ/ арусхушкунӣ, *Brautschmuck* – ороиши тӯёнаи арусӣ, *Brautstand* – домоду аруси дарфотиҳа, *Brautvater* – падари арус, *Brautwerber* – хостгормард, *Brautwerberin* – хостгорзан, *Brautwerbung* – хостгорӣ барои тоҷикон ошно бошад ҳам, аммо, истифодаи калимаҳои *Brautexamen* – суҳбати шахси руҳонӣ пеш аз маросими ақди никоҳ бо арус, *Brautkranz* – гулчанбари арус, *Brautwagen* – фойтуни арус дар забони тоҷикӣ ба назар намерасанд.

Муҳаққиқи олмонӣ Е. Зайб хусусиятҳои хоси тӯйи арусии мардуми олмонро ба инобат гирифта, қайд намудааст, ки хешовандон ба назди арусу домод нону намак меоранд, то ин ки домоду арус ба мисли нону намак ҳамеша бо ҳам бошанд [8, с.126].

Ҳангоми таҳлили мавод мушоҳида гардид, ки дар тӯйи арусии мардуми олмон ба мисли тоҷикон ба тайёр намудани нон, ки бисёри урфу одатҳояшон маҳз бо ин иртибот дорад, эътибори хосса зоҳир менамоянд. Масалан, калимаи «*Butterschnize*l» дар ифодаи мафҳуми «нони дарозрӯяе, ки занҳои меҳмон ба тӯйи арусӣ меоранд», танҳо дар рӯзи тӯйи арусӣ истифода бурда мешавад, ба мисли «кулчаи дасти арус».

Муҳаққиқон тамоми нозукиҳои вожагони тӯйи арусии мардуми олмонро ба инобат гирифта, мавридҳои истифодаи ҳар яке аз ин калимаҳоро дар забони олмонӣ нишон дода тавонистаанд. Масалан, муҳаққиқи дигар Е. Шишкина, ки диқати хешро маҳз ба омӯзишу пажӯҳиши тӯйи арусии мардуми Олмон равона сохта, соли 2008-ум китоберо бо номи «Deutsche Hochzeit» (Тӯйи арусии олмонӣ) пешкаши аҳли илм намудааст. Муаллиф ба ҳар як расму оине, ки ҳангоми ҷашни арусӣ гузаронида мешаванд диққати махсус дода, қайд намудааст, ки дар тӯйи арусии олмонзабонон вожаи *«Geschenk*» хеле зиёд корбаст мешавад, ки маънои «*туҳфа*»-ро дорад [10, с.130].

Бо вуҷуди он, дар забони тоҷикӣ истифодабарии ибораи «ивази ангуштаринҳо аз тарафи арусу домод» дар маросими туйи арусӣ танҳо пас аз Инқилоб ба назар расад ҳам, вале ин яке аз анъанаҳои асосии мардуми олмонзабон ба ҳисоб рафта, миёни ин мардум то ба имрӯз маҳфуз мондааст. Инчунин, Е. Шишкина қайд намудааст, ки баъзе урфу одат маҳз

хоси олмониҳо мебошанд, аз қабили:*Trauringaustausch* – ивази ангуштаринҳо аз тарафи арусу домод ва *Trauvorzeichen* – мунтазам нигоҳ кардан ба шамъ, инчунин, *Hochzeitszug* – равон сохтани корвони тӯй аз колисо ба самти хонаи арус [10, с.119].

Инчунин, доир ба анъанаи *Brautschuhversteigern* – харидорӣ намудани кафши арус низ қайду ишораҳо намудаанд, ки ин анъана ҳам маҳз хоси ин мардум аст. Дар тӯйи арусӣ диққати арусро ба хӯрданиҳои болаззат ҷалб намуда, дугонаҳояш ба таги мизе, ки арус нишастааст, даромада, кафши пойи рости ӯро дуздида ба фурӯш мегузоранд. Ин кафшро бояд домод харидорӣ намуда, ба арус баргардонад ва агар ягон нафаре пайдо шавад, ки кафшро бо нархи гаронтар харидорӣ намояд, домод обрую эътибор ва ҷояшро аз даст медиҳад. Муҳаққиқи тӯйи арусии олмониён Е. Зайб овардааст, ки «дар ҳолате, ки домод кафши арусро харидорӣ карда натавонад дар пойгаҳи дар нишаста, аз он ҷо бо тавқи лаънат абадан ғайб мезанад. Ба хотири он ки ин ҳодиса рух надиҳад, домод кӯшиш менамояд, ки чӣ қадаре ки гарон наафтад, кафши арусро аз дугонаҳояш харидорӣ намуда, обрӯю эътиборашро аз даст надиҳад» [18, с.172].

Албатта, дар айни замон ин амалҳо танҳо дар деҳот маҳфуз мондаанд ва ин мардум ҳам барои ҳифзи ин анъанаву суннатҳои деринаи худ то қадри имкон мекӯшанд. Миёни мардуми деҳот маҳфуз мондани урфу одат ва ҷашну маросимро ба инобат гирифта, забоншиноси варзидаи рус Н.Ю. Тартинова чунин ибрози ақида намудааст: «Танҳо мо ҳангоми омӯзиши лаҳҷа бо системаи мукаммали луғати ифодакунандаи урфу одат аз наздик шинос шуда метавонем» [18, с.4].

Теъдоди зиёди вожагони маросимҳои тӯйи арусиро ба инобат гирифта, онҳоро ба таври зайл гурӯҳбандӣ намудем:

4. Лексические единицы, выражающие *юридическую лексику* в таджикском и английском языках, например**: ҳуҷҷати таҳлилӣ** - analytical document-анализуруемый документ, **амали таъсиррасонӣ** - impresssive act –влиятельное действие, **кирдори зиддиҷамъиятӣ** - antisocial act-противообщественное поведение, **далелҳои айбдоркунӣ ва шайъӣ** - accusation and exact proof - обвиняемые доводы, **афсари эҳтиётӣ** - reserve officer-офицер запаса, **сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ** - internal and external officer- внутренняя и внешняя политика, **авфи умумӣ** - general amnesty - всеобщая амнистия, **ҳадафи асосӣ** - the main aim - основная цель**, кодекси ҷиноӣ** - criminal case - уголовный кодекс**, парвандаи оперативӣ** - operational case - судебное дело (документы), **ҳуҷҷати махфӣ** - secret document секретный документ, **суроғаи пинҳонӣ** - secret address - секретный адрес, усули ҷалбкунӣ - recruiting method-привлекающий метод, **ҷиноятқорӣ**-criminality - криминальность, **фошкунӣ**-leakage - огласка, **айбдоркунӣ** - accusation - обвинение, махфикорӣ**-secrecy**, **муайянкунӣ**-determination -определение**, тасмими муҷозот** - decision on punishment - постановление о наказании, **васият намудан** - **to make a will** - сделать завещание и т.д. [20, с. 560-659].

В английском языке к лексическим единицам данной подгруппы относятся: **legislato**r-**қонунгузор**-законодатель, **to consider**-дида баромадан-рассматривать, **discussion**-муҳокима - обсуждение, **to correct - ислоҳ намудан**-исправлять, **representative**-намоянда - представитель**, defender** - муҳофизаткунанда-адвокат, **administrator - роҳбар** - администратор, **to represent** - муаррифи намудан - представлять (например, клиента в суде), **to defend**-ҳимоя кардан - защищать, **guilty**-гунаҳкор - виновный и т.д.

5.**Лексические единицы, выражающие лексику «мировая политика» в таджикском и английском языках.**

Современный мир, который изучает мировая политика, сложно и противоречиво складывался на протяжении тысячелетий. Менялись социально-политическая организация человеческого общества, механизмы взаимодействия между народами. А поскольку наследие прошлого так или иначе проявляется и сегодня, понять происходящее на планете можно только через обращение к историческому развитию мира. Исторический анализ дает ответ на вопросы, что и почему менялось в его политической структуре или, напротив, оставалось неизменным; каков общий вектор развития и чего ожидать в будущем. В течение многих веков люди селились вместе, создавая деревни, города, страны. Поселения

взаимодействовали между собой-торговали и воевали, заключали договоры и даже имели различного рода представительства. Все это было прообразом современных *международных отношений* и *мировой политики*[9, с. 332-340].

Следовательно к лексическим единицам данной подгруппы относятся лексика и термины, выражающие историю и теорию мировой политики: **intermestic politics** - международная и внутренняя политика (*термин, введенный в научный оборот для обозначения политики государства, которая одновременно имеет как внутренний, так и международный аспект),* **peacebuilding** - восстановление мира (*создание условий, в том числе институтов гражданского общества, способствующих укреплению мира*), **глобализация - globalization -** глобализация (*процесс, в результате которого все более прозрачными становятся границы национальных государств в различных областях - экономике, социальном взаимодействии и т.п.),* **global governance** - глобальное управление, **идеализм - idealism -** идеализм (*школа в международных отношениях, получившая распространение в первой половине XX столетия, отводит главенствующую роль в международных делах международному праву, международным организациям, а также морали),* **foreign aid** - иностранная помощь *(предоставление одним государством другому ссуд, экспортных кредитов, а также технической и военной помощи),* **интеграция - integration интеграция** *(процесс сближения, объединения на межгосударственном уровне),* **peace research -** исследование проблем мира, **миграция - migration**-миграция, **international political economy** - международная политическая экономия, **autarky -** автаркия, **balance of power** - баланс сил, **congress of Vienna**- Венский конгресс, treaty of Versailles - Версальский договор, **peace of Westphalia** - Вестфальский мир, i**nterdependence**-взаимозависимость, **foreign policy** - внешняя политика, **renewable resources** - возобновляемые ресурсы, **gender inequality** - гендерное неравенство, **геноцид - genocide** - геноцид геополитика - **geopolitik**-геополитик, девальвация-**devaluation** - девальвация, **import quotas** - импортные квоты, **либерализм - liberalism**-либерализм, maastricht treaty- маастрихтский договор, **customs union** -таможенный союз, **истиқлол**-sovereighty - суверенитет; **худмуайянкунии халқу миллатҳо** - self- determination of people and nations - самоопределение народов и наций, **ташрифи расмӣ** - official visit - официальный визит, **амният–** security-безопасность, и т.д. и т.д.

В английском языке к лексическим единицам данной подгруппы относятся: **International Court of Justice, ICJ, или World Court** - Международный Суд, создан в 1945 г. в качестве судебного органа ООН. Решает возникающие споры между государствами. Его местонахождение - Гаага, Нидерланды. В Суде заседают 15 судей, которые избираются абсолютным большинством голосов Совета Безопасности и Генеральной Ассамблеей ООН на девять лет, **embargo - эмбарго** решение правительства о запрете коммерческих связей с определенным государством, **monetary autonomy** - финансовая автономия, **sustainable development** - устойчивое развитие, traditionalists-традиционалисты, **integration theory** - теории интеграции, **rational choice** - рациональный выбор, **realism**-реализм, human rights - права человека и т.д. [9, с. 332-340].

Лексические единицы данной ЛСГ в таджикском и английском языках состоят из простых и сложных сочетаний, выражающие понятия сферы политической лексики. В качестве грамматических средств используются дополнения, обстоятельства, определения, а также различные лексические единицы и т.д. В обоих языках в системе лексем выявляется наличие тесных семантических связей. Выделение семантических групп разных уровней свидетельствует о том, что они являются единицами целостного семантического поля и охватывают разный объем и материал в сопоставляемых языках.

Как видно из примеров, **лексические единицы, выражающие** понятие «**мировая политика»** в таджикском и английском языках, состоят из лексических единиц,

употребляемые в сфере мировой политики, входят слова и понятия, которые имеют свою историю происхождения.

6. Лексические единицы, используемые в сфере философии в таджикском и английском языках.

Термин **философия**-philosophy происходит из (греч. phileo-люблю и sophia-**мудрость,** т. е. любовь к мудрости) - *форма общественного сознания,* представляющая собой систему наиболее общих понятий о мире, месте человека в нем, теоретическая основа *мировоззрения.* Человек с ранних времен пытался уяснить свое отношение к окружающему его миру, поставить вопрос о происхождении и сущности своего сознания, о закономерностях в изменении явлений природы и общественной жизни [5, с. 367].

Термин **absolute - абсолют** *лат. Absolutus* - ничем не обусловленный, существующий сам по себе понятие, **abstract and concrete thinking - абстрактное и конкретное (*лат abstractio-удаление, отвлечение, concretio-сгущение*)** - *философские категории, выражающие различные, диалектически связанные между собой моменты развития***, basis-базис *(совокупность исторически определённых производственных отношений, образующих экономическую структуру общества и определяющих характер надстройки) и т.д.*** относятся к терминам выражающие, понятия философской науки [5, с. 367].

В английском языке к терминам, выражающие понятия философской науки относятся*:*

verification - верификация (*лат. verus - истинный и facege - делать*) *один из способов проверки истинности теоретических утверждений (гипотез, теорий) путем сопоставления их содержания с содержанием полученных в результате опыта эмпирических данных*, **probability**-вероятность**, interaction**-взаимодействи**е, hypothesis** - гипотеза (греч. hypothesis - основание, **principle** - принцип, **hermeneutics** - герменевтика - разъясняющий, microsociology - **микросоциология** (греч. mikros-малый, *раздел социологии, изучающий структуру и функционирование малых социальных групп, семья, школьный класс* и т.п.) **science methodology- методология науки** - *область науки, изучающая общие и частные методы научных исследований, а также принципы подхода к различным типам объектов действительности и к разным классам научных задач, опыт, описание, рассудок и разум*, **sensationalism - сенсуализм** (лат. sensus— ощущение) - *направление в теории познания*, **system - система** (греч. systema - «соединенное, *составленное из частей) совокупность элементов, определенным образом связанных между собой и образующих некую целостность* и т.д.[5, с. 15-91]

Приведенные выше примеры свидетельствуют, что словарный состав таджикского литературного языка, по мере надобности, в соответствии со своими законами и правилами, не только пополняется и обогащается за счет новых слов. Благодаря этому многие исконно таджикские слова приобретают новое значение или получают широкий смысл, и данный процесс развития языка усиливается в таджикском языке с каждым днём.

Анализ языкового материала показывает, что политическая лексика как лексико-семантическая подсистема языка, имеет свою специфичность, которая проявляется в данном случае в том, что как только вновь созданное, переосмысленное или заимствованное слово начинает обозначать идеологически релевантное понятие, оно приобретает некоторый набор признаков, которые устойчиво характеризуют элементы именно этих подсистем.

В их структуру входят те же самые компоненты, которые трансформируются в определенные сочетания этих компонентов (или микрокомпонентов, составляющих компоненты значения слова.

Следовательно, следует сказать, что как в таджикском, так и в английском языке, понятие **«сиёсат - policy - полтитка» -** это **о**бласть человеческой деятельности, связанная с завоеванием, укреплением и использованием государственной власти для достижения какой-

л. группой общества, партией и т.п. своих целей. Деятельность представителей органов государственной власти, партий, общественных организаций связанная с воздействием на ход жизни общества, решением социальных проблем и т.п. Лексические единицы, выражающие **«сиёсат - policy - полтика»** в таджикском и английском языках охватывают следующих фразы: **тартиб додан - to draw up** - составлять (напр, план, **ҳал намудан - to resolve** - разрешать (урегулировать) проблему, **тасдиқ намудан - to claim** - утверждать, оспаривать, **имзо кардан - to sign**-подписывать, **қарор баровардан** - make a decision - выносить решение, **аз қарори худ гаштан** - change your mind- переменить своё решение, отказаться от своего намерения и т.д.

Таким образом, примеры показывают, что лексические единицы, выражающие понятие «**сиёсат - policy - политика**» в таджикском и английском языках состоят из лексических единиц, употребляемые в сфере политики, политологии, философии, мировой экономики и т.д., которые включают, слова и понятия, которые имеют свою историю происхождения. Семантическая организация этих лексических единиц включает в себя лексику, выражающую политическую лексику в сравниваемых языках.

Следует констатировать, что эти лексические группы имеют строго иерархический характер, что отражается в систематической организации лексических единиц исследуемого лексического фонда. В системе лексем политической сферы выявлено наличие тесных семантических связей. Выявление семантических групп разного уровня указывает на то, что они являются единицами единого семантического поля и охватывают разные объемы и материалы в сравниваемых языках.

Анализ языкового материала, касающегося классификации политической лексики, показывает, что они во многом зависят от языка, а не от его структурных и типологических характеристик, также от лексических особенностей языка, обусловленных социальной реальностью, в которой живут его носители и которую этот язык отражает. У них много общего, что определяется схожими социальными условиями функционирования таджикского и английского языков.

Что касается английского языка, то следует сказать, что существует большое количество слов, обозначающих различные лексиконы, выражающие такие политические понятия, как этапы избирательной кампании, люди, принимающие участие в ее организации и т.д., поскольку президентские выборы, борьба партий занимают важное место во внутренней политике и политической жизни Англии.

Анализ политической лексики выявил основные критерии, такие как соотнесенность, степень эмоциональной окрашенности. Политическая лексика рассматривается в синхронном аспекте, т.е., говоря о происхождении политической лексики, мы имеем в виду наиболее часто используемую единицу лексики, которая вошла в широкое употребление.

Рецензент: Турсунов Ф.М., д.ф.н., профессор ТМУИЯ им. С. Улугзода

ЛИТЕРАТУРА:

1. Айнӣ С. Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт. Ҷ. 12 / С. Айнӣ.- Душанбе, 1976. - ҷ.12. -130 с.
2. Брагинский И.С. Жизнь и Творчество С. Айни. – Душанбе, Ирфон, 1968.-199с.
3. Василенко И.А. Политическая глобалистика: Учебное пособие для вузов. - М.: Логос, 2003. - 360 с.
4. Кернаценский М. В., Шатина Н. В. Основы социологии и политологии: Учеб, пособие.- М.: ФОРУМ: ИНФРА-М, 2002.-192 с.-(Серия «Профессиональное образование»).
5. Краткий словарь по философии/Под общ. ред. И. В. Блауберга, И. К. Пантина.— 4-е изд.— М.: По-литиздат, 1982.- 431 с.
6. Краткий энциклопедический еловарь-еправочник (политология) /Отв. ред. Борцов Ю. С., ыауч. рад. Коротец И. Д. Ростов- на-Дону: изд-во «Феникс», 1997- 608 с.

7. Крючкова Т.Б,Особенности формирования и развития общественно- политической лексики и терминологии. Москва.- наука 1989-131с
8. Крючкова Т.Б. Зарубежная социолингвистика. Германия, Испания.-М.:Наука.-1991.-157с.
9. Лебедева М. М. Мировая политика: Учебник для вузов/М. М. Лебедева.-М.: Аспект Пресс, 2003.— 351 с.
10. Маҳмадов А.И. Луғоти мухтасари сиёсатшиносӣ. - Кӯлоб.-1992. - 23 с.
11. Мухитдинов Э. Терроризм и Экстремизм. - Душанбе, 2020. -76 с.
12. Мюллер, В. К. Большой англо-русский словарь. Изд-е 6-е. М.: Цитадель-трейд; Вече; Лада, 2007.- 832 с.
13. Рахимов А., Расулов К. Асосҳои фалсафа. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2003. - 352 с.
14. Саидов З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2017 гг.): Учебное пособие. - Душанбе: Контраст, 2017. -112 с.
15. Саидов З.Ш. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей». - Душанбе, 2015, - 346 с.
16. Салимов Н., Шарифзода А. Тоҷики оламшумул.-Душанбе: Ирфон, 2011. - 372 с.
17. Соловьев А.И. Политология: Политическая теория, политические технологии: Учебник для студентов вузов. - М.: Аспект Пресс, 2001.-559 с
18. Сухомлинов В., Шалаев Г. Дорога к согласию. Документальное повествование о президенте Республики Таджикистан Эмомали Рахмонове.Издательский дом Собеседник.Москва 2002.-158с
19. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, (иборат аз 2 ҷилд), ҷилди 1, тартибдиҳандагон С. Назарзода, А.Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода, зери таҳрири Сайфиддин Назарзода (раис), Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон Душанбе-2008.-С.787.
20. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ // Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ. Нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ. Зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д. Холматова, С. Каримов—Душанбе: «Чопхонаи Пайванд», 2006.- 813с
21. Фаттоев С.С., Расулов К.Р., Гулахмедов М.Г. в книге “Низошииносӣ”. Душанбе: Шаркц озод, 2004 - 177 с.
22. Фролова И. Т. Философский словарь. – М., 5-е издание. Издательство политической литературы.- 1986. – 590 с.
23. Шарифзода А., Шамсиддинов С., Косими З. Президент. (Роль Эмомали Рахмона в укреплении государственной власти и национальной независимости). -Душанбе: «Ирфон», 2011. -372 стр.
24. Шатина Н. В. Основы социологии и политологии: Учеб, пособие. - М.: ФОРУМ: ИНФРА-. М., 2002. -192 с.
25. Шейгал Е.И. Семиотика политического дискурса: Монография. М.-Волгоград: Перемена, 2000. - 368 с.
26. Шейгал Е.И. Структура и границы политического дискурса // Филология - Philologica. № 14. Краснодар, 1998. С.22–29. Шейгал Е.И. Семиотика политического дискурса: Монография. М.-Волгоград: Перемена, 2000. 368 с.
27. Эмомали Рахмон. Независимость Таджикистана и возрождение нации Том пятнадцатый. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 576 с.

КЛАССИФИКАЦИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается классификация политической лексики в таджикском и английском языках. Анализ лингвистического материала показывает, что политическая лексика состоит из слов, относящихся к сфере общественно-политической лексики.

Семантическая организация этих лексических единиц включает в себя лексику, выражающую политическую лексику в сопоставляемых языках.

Политическая лексика состоит из слов, которые обозначают одно и то же явление или понятие, но в разных сферах деятельности, и которые обозначают деятельность органов государственной власти и государственного управления, отражающих социальную систему и экономические отношения, события и проблемы внутренней и международной общественной жизни.

Следует констатировать, что эти лексические группы имеют строго иерархический характер, что отражается в систематической организации лексических единиц исследуемого лексического фонда. В системе лексем политической сферы выявлено наличие тесных семантических связей. Выявление семантических групп разного уровня указывает на то, что они являются единицами единого семантического поля и охватывают разные объемы и материалы в сопоставляемых языках.

Ключевые слова: *общественно-политическая лексика, таджикский, английский, политическая лексика, семантика, государственная власть, политология.*

CLASSIFICATION OF POLITICAL VOCABULARY IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article discusses the classification of political vocabulary in Tajik and English. The analysis of linguistic material shows that political vocabulary consists of words related to the sphere of socio-political vocabulary. The semantic organization of these lexical units includes vocabulary expressing political vocabulary in the compared languages.

Political vocabulary consists of words that denote the same phenomenon or concept, but in different spheres of activity, and which denote the activities of public authorities and public administration, reflecting the social system and economic relations, events and problems of domestic and international public life.

It should be stated that these lexical groups have a strictly hierarchical character, which is reflected in the systematic organization of lexical units of the lexical fund under study. In the system of lexemes of the political sphere, the presence of close semantic connections is revealed. The identification of semantic groups of different levels indicates that they are units of a single semantic field and cover different volumes and materials in the compared languages.

Keywords*: socio-political vocabulary, Tajik, English, political vocabulary, semantics, state power, political science.*

ТАСНИФОТИ ЛЕКСИКАИ СИЁСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар ин мақола сухан дар бораи таснифи вожаҳои сиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ меравад. Таҳлили маводи забоншиносӣ нишон медиҳад, ки лексикаи сиёсӣ аз калимаҳои марбут ба соҳаи луғати иҷтимоӣ-сиёсӣ иборат аст. Таркиби маъноии ин воҳидҳои луғавӣ луғатхоеро дар бар мегирад, ки лексикаи сиёсиро дар забонхҳи муқоисашаванда ифода мекунанд.

Луғати сиёсӣ аз калимаҳое иборат аст, ки як ҳодиса ё мафҳумро ифода карда, вале дар соҳахои гуногуни фаъолият, яъне фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатиро ифода намуда, системаи иҷтимоӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ, ҳодисаҳо ва проблемаҳои ҳаёти ҷамъиятии дохилию байналмилалиро инъикос мекунанд.

Бояд гуфт, ки ин гурӯҳҳои луғавӣ характери қатъии иерархӣ доранд, ки ин дар ташкили мунтазами воҳидҳои луғавии фонди луғавии омӯхташаванда зоҳир мегардад. Муайян кардани гурӯҳҳои семантикии сатҳи гуногун гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо воҳидҳои як майдони семантикӣ буда, ҳаҷму маводи гуногунро дар забонҳои муқоисашуда фаро мегиранд.

***Калидвожаҳо**: лексикаи ҷамъиятию сиёсӣ, тоҷикӣ, англисӣ, лексикаи сиёсӣ, семантика, ҳокимияти давлатӣ, сиёсатшиносӣ.*

***Маълумот дар бораи муаллиф: Аттоев Сухбатхон Каримович** - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи забонҳои хориҷӣ. Нишонӣ: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 33. тел.: +(992) 900 999 550, E-mail: gtl.karimi@gmail.com*

***Сведения об авторе: Аттоев Сухбатхон Каримович** - Национальная академия наук Таджикистана, соискатель кафедры иностранных языков. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 33. тел.: +(992) 900 999 550, E-mail: gtl.karimi@gmail.com*

***Information about the author: Attoev Suhbatkhon Karimovich** – Rudaki Institute of Language and Literature of the National Academy of Sciences of Tajikistan, leading researcher in the department of foreign languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, 33 Rudaki Avenue. Tel.: +(992) 900 999 550, E-mail: gtl.karimi@gmail.com*

ТДУ 800.1

ТАВЗЕҲИ СЛЕНГ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

Ғафурӣ З.С.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Сарфи назар аз таҳқиқоти густарда, дар забоншиносии муосир барои тавзеҳи истилоҳи “сленг” то ҳол андешаи ягона вуҷуд надорад. Назари забоншиносон ба моҳияту муҳтавои сленг яксон набуда, баъзан онро *лаҳҷаи иҷтимоӣ, лаҳҷаи гурӯҳӣ, забони тахассусӣ, забони ҷамъиятӣ, сотсиолект ё ҳатто услуби иҷтимоӣ ва ҳамчунин жаргон, сленг ва арго* ном мебаранд (Грачёв 1992, 1996; Елистратов 1993; Ерофеева 2000; Сквортсов 1972; Стойко 1957; Химик 2000; Яклова 2000, 2001 ва дигарон). Мушкилии асосӣ дар номушаххас будани маҳаку меъёрҳои муайянкунандаи сленг буда, баъзан истилоҳи “сленг” бо мафҳумҳои, ба монанди “диалектизм”, “жаргонизм”, “вулгаризм”, “забони гуфтугӯй”, “шевагиҳо” ва ғайра омехта карда мешавад [4, с. 8].

Забоншиноси номдори америкоӣ Ч. Фриз қайд мекунад, ки “истилоҳи “сленг” он қадар доираи маъноии худро васеъ кардааст ва барои ифодаи он қадар мафҳумҳои гуногун ба кор мераванд, ки муайян кардани марз миёни он ки чӣ чизе сленг асту чӣ чизе не, ниҳоят душвор гардидааст” [8, с. 52]. Ин аст, ки бисёре аз забоншиносони англис, ба монанди муҳаққиқи маъруфи сленгизмҳо Эрик Партриҷ вожаи сленгро фақат муродифи жаргон ё арго медонад [10, с. 3]. Ҳамин гуна тавзеҳоти гуногуни сленг, ба гуногунандешӣ ва ихтилофи назари забоншиносони англис боис гардидааст.

Чунончи, барои И.Р. Галперин набудани тавзеҳи ягона ва номушаххасии меъёрҳои ташхиси сленг боиси он шудааст, ки умуман мавҷуд будани сленгро инкор кунад. Далелҳои ӯ бар асоси таҳқиқи аломатҳои лексикографӣ мебошад, чунончи ҳамон як калима дар фарҳангҳои гуногун бо аломати “сленг”, “шевагӣ” ва ё бидуни ҳеҷ аломат оварда мешавад. Аз ин рӯ, И.Р. Галперин мавҷуд будани сленгро ба унвони категорияи мустақил напазируфта, пешниҳод мекунад, ки истилоҳи “сленг” ҳамчун муродифи англисии калимаи “жаргон” истифода шавад [3, с. 107-114].

Дар забоншиносии рус бештар ба тавзеҳе, ки В.А. Хомяков барои сленг додааст, такя мекунанд: “Сленг - ин қабати лексикии барои як давраи муайян нисбатан устувор, серистеъмол, сатҳи услубан мушаххас (коҳишёфта)-и луғавӣ (исм, сифат, феъл, падидаҳои рӯзмарра, ашё, фароянд ва нишонаҳо), - ҷузъҳои баёни омиёнаи ба забони адабӣ воридшуда, сарчашмаи баромадашон хеле гуногун, дараҷаи наздикшавӣ ба меъёри адабӣ, ифодаҳои таҳқиромездошта мебошад” [7, с. 43-44].

Дар луғатнигории ғарбӣ, аксаран, ҳар падидаи забонии навро, ки маъмул гардида бошад, сленг мегӯянд. Чунончи, дар Луғатномаи бузурги Оксфорд [9] сленг ҳамчун забони услуби паст, вулгарӣ ва омиёнаи ғайриадабӣ тавсиф мешавад. Дар луғатномаҳои дигар низ мухтасаран: Slang n - жаргон. slangy adj - жаргонный [12, с. 544] ё Slang - сленг; жаргон; slangy - жаргонный [1. 379] ва монанди инҳо оварда мешавад, ки шабеҳи якдигаранд.

Дар “Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ”-и О.С. Ахманова истилоҳи сленг чунин шарҳ дода шудааст: 1. Шакли гуфтугӯйии нутқи касбӣ; 2. Нишонаҳои шакли гуфтугӯйии ин ё он гурӯҳи касбӣ ё иҷтимоӣ, ки ба забони адабӣ ё умуман ба нутқи одамоне, ки ҳеҷ робитаи мустақиме бо ашхоси ин гурӯҳҳо надоранд, ворид шуда, тобишҳои ҳиссию муассирӣ касб мекунанд [2, с. 419].

Дар «Луғати энсиклопедӣ”-и соли 1980 калимаи “сленг” каме дигартар тавзеҳ мешавад: 1. Забони гурӯҳи касбии ҷудогона дар муқобили забони адабӣ; 2. Шакли забони гуфтугӯй, ки ба меъёрҳои забони адабӣ мутобиқат надорад [5, с. 1234].

В.А. Хомяков муҳимтарин фарҳангҳои тафсирии забони англисиро (Мухтасари луғати бузурги Оксфорд (1956), Луғати бузурги Уэбстер (1959) ва Луғати Чэмберм (1965)) таҳқиқ намуда, ба ин натиҷа мерасад, ки ҳатто аз ин се луғат маълум мешавад, муаллифон зери

мафҳуми истилоҳи “сленг” падидаҳои тамоман гуногун: “забони вулгарии паст; жаргон ва аргоҳои мухталиф; забони гуфтугӯии ғайриадабӣ”-ро мефаҳманд [6, с. 33-34].

Ҳамчунин, аз таҳлили асару мақолаҳои донишмандони хорич̣ӣ бармеояд, ки онҳо сленгро (ҳамчун забони гуфтугӯии ғайриадабии махсуси омехта бо вожаҳои бегона) ба тарзҳои мухталиф мефаҳманд: ҳамчун услуб (H. W. Fowler, 1958), ҳамчун як навъи ба худ хоси забони “оворагардон” (J. B. Greenough, G. L. Kittredge, 1929), ҳамчун шакли забони гуфтугӯӣ (G. H. McKnight, 1923), ҳамчун шакли фарқкунандаи нутқи гуфтугӯии маъмулӣ (S. Potter, 1964), ҳамчун забоне, ки ба он ҳаҷву масхара хос аст (C. Fries, 1963), ҳамчун забони рамзу ишора (J. Nosek, 1963), ҳамчун падидаи инкоркунандаи меъёрҳо (L. Soudek, 1967) ва ғайра [6, с. 35-37].

Сленгро худи В.А. Хомяков дар таҳқиқоташ “қабати махсуси лексикаи маҳаллӣ, ки берун аз қолабҳои забони адабии муҳоварӣ ва хорич̣ аз ҳудуди лаҳҷаҳои забони миллӣ ҷой гирифта, аз як тараф, қабати махсуси лексикӣ ва фразеологияи касбии лаҳҷаҳо, жаргонҳои иҷтимоӣ ва арготизмҳои олами ҷиноиро ва аз сӯйи дигар, як қабати густарда ва лексикаи ҳиссӣ-муассири оммафаҳм ва фразеологияи нутқи ғайриадабиро дар бар мегирад” [7, с. 111] гуфтааст, ки ба назари мо, тавзеҳи возеҳтар аст. Вале, бар илова бояд гуфт, ки чун сленг фарогири ҳамаи унсурҳои забонӣ аст ва дар айни замон, ба ҳеч̣ яке аз онҳо пурра шомил намешавад, бояд ба унвони “лаҳҷаи нави ҷавонон” шинохта шавад (фақат бо ин далел, ки аксаран зодаи зеҳни ҷавонон аст ва дар лаҳни ҷавонон фаъол мебошад), ки хосияти замонӣ, ноустувор, зудтағйирёбанда ва пешрав дорад,

Дар забоншиносии муқоисавии тоҷик низ, як қатор муҳаққиқон, аз қабили Т. Шарипов, З. Мусоямов, П. Нуров, Т. Ҷӯраев, Х. Асламов ва дигарон ба таҳқиқи масъалаи сленгҳо даст зада, корҳои арзишманде анҷом додаанд, ки ҳамагӣ ба масъалаҳои мухталифи сленгҳои компютерӣ рабт доранд. Мутаассифона, то ҳол таҳқиқоти комил ва қобили таваҷҷуҳе, ки сирф ба таҳқиқи сленги ҷавонони тоҷик ихтисос дода шуда бошад, анҷом нашудааст. Агарчи, дар мақолаҳои зиёди илмию публитсистӣ, чи аз ҷониби филологҳо ва чи ғайри онҳо, роҷеъ ба “лаҳҷаи ҷавонони имрӯза” таваҷҷуҳ шудааст, вале аксари онҳо аз он ки таҳқиқӣ бошанд, бештар танқидӣ ҳастанд.

Дуруст аст, ки сленгҳо падидаҳои доимӣ нестанд, берун аз меъёрҳову қолабҳои боядӣ ҳастанд, ҳамеша дар ҳолати пайдошавию тағйиру маҳвшавианд, вале бояд эътироф кард, ки зиндатарин забон аст, зеро озоду қолабшикан аст. Сленг, дигар аз доираи “ифодаҳои дар дохили гурӯҳҳои хурд истифодашаванда” [11, VI-VII] берун баромада, ҳарчи бештар ба фазои мухталифи зиндагии мардумон ворид гардида, табдил ба забони оммафаҳму умумиистеъмол мешавад, ки лексикаи фарогири доираи маъноии бисёр васеъ мебошад. Гузашта аз ин, сленгҳо дар забони шахсони аз назари синну сол ва ҷинсият гуногун, касбу кори ҳархела, ВАО, адабиёти илмию адабӣ, сиёсат ва монанди инҳо ба кор гирифта мешаванд, ки онҳоро “нишондиҳандаи табақаи поёнии ҷамъият” хондан норавост. Ба ибораи дигар, имрӯз сленгро танҳо хоси ҷавонон донистан на он қадар дуруст аст.

Агарчи сленгҳо дар даҳсолаҳои охир тавсеаи бесобиқа доранд, бо вуҷуди истифодаашон дар сатҳҳои гуногун аз забони меъёрӣ фарқкунанда буда, вобаста ба маърифати корбаронаш “муътадил” ё “дағал” арзёбӣ мешаванд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки сленг ба унвони зерсохтори забон аз тарафи гурӯҳҳои иҷтимоии мухталиф, ки ҳам аз лиҳози забонӣ, ҳам аз тариқаи пӯшиш, табъу завқ, одобу рафтор ва нақши ҷамъиятиашон аз ҳам тафовут доранд, васеъ истифода мешавад.

Муқарриз: Каримов А.Ф., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Рӯйхати адабиёт:

1. Англо-русский словарь (Под ред. О.С. Ахмановой и У.А.М. Уилсон). - М.: “Русский язык”, 1990. - 486 с.
2. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. - М.: Советская энциклопедия, 1966.

3. Гальперин И.Р. О термине “сленг” / И.Р. Гальперин // Вопросы языкознания. - 1956. - № 6. - С. 107-114.
4. Гальперин И.Р. Очерки по стилистике английского языка. - М.: Издательство литературы на иностранных языках, 1958. - 459 с.
5. Советская энциклопедический словарь. - М.: Советская энциклопедия, 1980.
6. Хомяков В.А. Введение в изучение сленга - основного компонента английского просторечия. - Вологда: Вологодский гос. пед. ин-т, 1971. - 104 с.
7. Хомяков В.А. Нестандартная лексика в структуре английского языка национального периода: Автореф. докт. дисс. ... - Л., 1980. - 168 с.
8. Fries Ch. Introduction to American College Dictionary. - N.Y.: New American Library, 1947.
9. Oxford English Dictionary, Oxford Press, 1993. - 1800 p.
10. Partrige E. Slang Today and Yesterdey. - London: Routledge and Kegan Paul, 1979.
11. Spears A.R. NTC’s Dictionary of American Slang and Collogual Expressions. - M.: Русский язык, 1991. XV+766 p.
12. The Oxford New Russian Dictionary (Russian - English; English - Russian). - New York: Berkley Books, 2007. - 630 p.

ТАВЗЕҲИ СЛЕНГ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

Дар ин мақола яке аз масъалаҳои муҳимми рӯзмарра ва глобалии забоншиносӣ, ки аз аҳаммияти зиёд барҳӯрдор аст, яъне сленги ҷавонон ва дараҷаи таҳқиқу омӯзиши он дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ ва назару дидгоҳҳои муҳаққиқон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар мақола, қабл аз ҳама, ба мафҳуму маънои истилоҳи “сленг” ҳамчун падидаи забонӣ ва тавзеҳоте, ки дар фарҳангҳои тафсирию тарҷумавӣ дода шудааст, диққат дода шудааст.

Калимаву ибороти сленгии ҷавонон рӯз аз рӯз вусъат ёфта, табдил ба забони муошират табақаҳои гуногуни ҷамъият гардида, ба забони тарғиботи молу маҳсулот, забони ВАО, забони сиёсат ва забони адабиёти бадеии навин таъсир гузошта истодааст.

Сленг баръакси жаргону арго махсуси доира ё гурӯҳҳои хурд набуда, ҳарчи бештар ба фазои мухталифи зиндагии мардумон ворид гардида, табдил ба забони оммафаҳму умумиистеъмол мешавад, ки лексикаи фарогири доираи маънои бисёр васеъ мебошад.

Аз ин рӯ, ба андешаи муаллиф, сленг ҳамчун зерсохтори забон, ки аз тарафи гурӯҳҳои иҷтимоии мухталиф, сарфи назар аз тариқаи пӯшиш, табъу завқ, одобу рафтор ва нақши ҷамъиятиашон истифода мешавад, на аз назари танқидӣ, балки олимона пажӯҳиш шавад. Зеро, ташаккулу таҳаввули ҳар забоне вобаста аз навгониҳо, падидаҳои тоза ва, албатта, аз соҳибони он вобаста аст.

Калидвожаҳо: *забоншиносии муосир, сленг, ҷавонон, падидаи забонӣ, тарҷума, калима, доираи маъноӣ, муошират.*

ОБЪЯСНЕНИЕ СЛЕНГА В СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

В данной статье рассматривается один из более важных и глобальных вопросов языкознания, имеющий большое значение, а именно сленг молодежи и степень его изучения и рассмотрения на английском, русском и таджикском языках, а также проанализированы мнения исследователей. В статье, прежде всего, уделяется внимание понятию и значению термина «сленг» как лингвистическому явлению и объяснениям, данным в интерпретационной и переводческой культурах.

Сленговые слова и выражения молодежи расширяются с каждым днем, становясь языком общения разных социальных слоев, влияя на язык рекломирования товаров и продуктов, язык СМИ, язык политики и язык современной литературы.

Сленг, в отличие от жаргона и арго не является чем-то особенным для круга или небольших групп, он все больше проникает в разные сферы жизни людей, становясь

общеупотребительным и широко используемым языком, представляющим собой всеобъемлющую лексику весьма широкого спектра значений.

Поэтому, по мнению автора, сленг как подструктура языка, которой пользуются разные социальные группы, независимо от их одежды, вкусов, манер и социальной статус, должен изучаться не критически, а научно. Потому что становление и развитие любого языка зависит от нововедениz, новых явлений и, конечно же, от его владельцев.

Ключевые слова: современное языкознание, сленг, молодежь, языковой феномен, перевод, слово, смысловой ряд, общение.

EXPLAINING SLAN IN MODERN LINGUISTICS

This article analyses one of the most important and global issues of linguistics, covering significant value namely youth slang and the degree of its study in english, russian and tajik languages, as well as the analysed opinions of researchers. In the article, first of all, pays attention to the concept and meaning of the term “slang” as a linguistic phenomenon and its explanation given in interpretive and translation cultures.

Slang words and expressions of young people are expanding every day, becoming the language of communication of different social strata, influencing the language of advertising of goods and products, the language of the media, the language of politics and the language of modern literature.

Slang, unlike jargon and argot, is not something special for circles or small groups; it is increasingly penetrating into different spheres of people’s lives, becoming a common and widely used language, representing a comprehensive vocabulary of a very wide range of meanings.

Therefore, according to the author, slang as a substructure of the language used by different social groups, regardless of their clothing, tastes, manners and social status, should be studied not critically, but scientifically. Because the formation and development of any language depends on innovation, new phenomena and, of course, on its owners.

Keywords: *modern linguistics, slang, youth, linguistic phenomenon, translation, word, semantic range, communication.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғафурӣ Зоир Саъдулло *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, унвонҷӯй. Нитшонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992)988885159*

Сведения об авторе: Гафури Зоир Садулло *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, соискатель. Адрес: 734019, г. Душанбе, улица Мохаммадиева, 17/6. Тел.: (+992)988885159*

Information about the author: Ghafuri Zoir Sadullo *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of philological sciences, applicant. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Tel.: (+992)988885159*

ТДУ: 801.1

ТАШАККУЛИ НАЗАРИЯИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ВА ТАМОЮЛОТИ АСОСИИ ОН ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

Давлатов М., Мусоямов З.

Донишгоҳи байналмилалиии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар охири асри XX дар забоншиносии муосир назарияи аломатҳои китобат, бо дарназардошти аломатҳои китобат ҳамчун низоми махсус бартарӣ дошт. Низоме, ки дар ташкилаш мақсади функсионалии аломатҳои китобатро дар нутқи хаттӣ (матн) ва қисмҳои он инъикос мекунад.

Бо шарофати равиши функсионалӣ-системавӣ дар назарияи аломатҳои китобат, маълум шуд, ки «хусусияти фарқкунандаи системаи аломатҳои китобат дар он аст, ки ин системаи сунъӣ, бешубҳа, ба системаи табиӣ — бо забон нигаронида шудааст» [11, с. 150].

Дар аввалҳои асри XXI, назарияи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо диққати ҷиддӣ ба фаъолияти аломатҳои китобат дар фаъолияти нутқи соҳибзабонон низ тавсиф карда мешуд, яъне дар муқоиса бо охири асри XX тағйирот ба вуҷуд омад, аз аломатҳои китобат, ки танҳо ба нутқи хаттӣ тааллуқ доштанд, дар фаъолияти нутқии гӯяндагони ин ё он забон низ аломатҳои китобат ба назар гирифта мешуданд.

Аз ин сабаб, дар назарияи аломатҳои китобат бо усули коммуникатсионӣ-прагматикӣ равиши функсионалӣ-системавӣ, ки наметавонад ба мавзуи фаъолияти нутқ дар шакли хаттии худ аҳаммият диҳад, зуд бартараф карда шуд. Дар ин давра, яъне оғози асри XXI, аломатҳои китобат ҳамчун «малакае фаҳмида шуд, ки новобаста аз таҷрибаи иҷтимоию фарҳангӣ ва ҳамзамон бо соҳаи тафсири танқидии нутқ амал мекунад» [13, p. 48].

Далели он, ки таҷрибаи эмотсионалӣ-субъективии фаъолиятҳои нутқии соҳибзабонон ва ҳар каси дигар ҳоло арзиши бесобиқа ба даст меорад [18].

Бояд қайд кард, ки рушди назарияи аломатҳои китобат дар аввали асри XXI дар забонҳои гуногунсохтор бештар ба ғояи умумии забоншиносии асри XXI алоқамандии шадид дорад. Ҳамин тавр, ба гуфтаи академик В.А. Плунгяна, дар асри XXI «мо бояд бо забоншиносии тағйирёбанда», бо «матне, ки ба усулҳои миқдорӣ, омӯзиши диахронӣ ва синхронии гуногуни забоншиносӣ нигаронида шудааст, рӯй оварем» [8, с. 7, 10].

Чунин ба назар мерасад, ки назарияи аломатҳои китобат, ки мутобиқи равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ таҳия шудааст, ин тасвири забоншиносии асри XXI-ро комилан қонеъ мекунад. Аммо дар баробари таҳлили ҳолатҳо, усули функсионалӣ, инчунин, дар доираи назарияи муосири аломатҳои китобат истифода бурда мешавад, ки хусусияти инъикоскунандагии зарурии аломатҳои китобатро аз забонҳои модарӣ талаб мекунад ва ё онҳоро ба инъикоси падидаҳои фарозабонии аломатҳои китобат ташвиқ мекунад [2, 2014; 13, 2011].

Масъалаи дигар ин аст, ки дар назарияи аломатҳои китобат объективият бартарӣ пайдо мекунад. Он нуқтаи назар, ки «дар аломатҳои китобат муносибати эҳсосотӣ ва иродавӣ ба мавзуъ комилан вуҷуд надорад ва танҳо як муносибат вуҷуд дорад» [7, с. 145], дар забоншиносии муосир мавқеи худро аз даст дода истодааст.

Нуқтаи назари объективӣ имкон медиҳад, ки далелҳои мухталифи аломатҳои китобат ва муносибати озод ба тафсири онҳо васеътар фаро гирифта шаванд. Таҳлили рисолаву мақолаҳои оид ба назарияи аломатҳои китобат навишташуда дар тайи солҳои 2000 то 2021 тамоюлҳои мушаххаси рушди назарияи аломатҳои китобатро нишон медиҳад. Дар ин ҳолат, тамоюлҳои асосӣ дар самтҳои таҳлили аломатҳои китобат дар доираи равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ ва аломатҳои китобат дар гуногунии функсионалии онҳо дида мешаванд. Ҳадафи мо дар ин мақола ҷамъбасти ин тамоюлҳои мушаххаси рушди назарияи аломатҳои китобат мебошад.

Бояд қайд намуд, ки то ҳол дар бораи назарияи аломатҳои китобат ҳеҷ гуна тасаввуроте вуҷуд надорад, ки тамоюлҳои асосии рушди он кадомҳоянд, то чӣ андоза онҳо бо тағйирот дар шакли хаттии фаъолияти нутқии соҳибзабонон, махсусан, тавассути муоширати компютерӣ (computer-mediated communication) вобастаанд ва дар ин робита, сарбории афзояндаи функсионалӣ ба соҳаи аломатҳои китобат, дар ниҳоят, чӣ гуна аз нуқтаи назари коммуникатсионӣ-прагматикӣ метавонад ба равиши аломатҳои китобат таъсир расонад [15, p. 299].

Дар ин мақола мо кӯшиш намудем, ки бори аввал тамоюлҳои асосии рушди назарияи аломатҳои китобатро муайян созем, махсусан, ба хусусиятҳои равшани назарияи аломатҳои китобат тавассути муносибати коммуникатсионӣ-прагматикӣ таъкид карда, хусусиятҳои хоси фаъолияти аломатҳои китобат дар шаклҳои гуногуни функсионалии онҳо нишон бидиҳем.

Тавре ки маълум аст, равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ мушкилоти дуҷонибаро ҳал мекунад: «Чунин хосиятҳои воҳидҳои забонро, ки дар муошират пайдо мекунад, яъне дар робитаҳои мутақобилаи шарикон дар ҷараёни мубодилаи фикрҳо (ва эҳсосот) , аз як тараф ва бо назардошти ҷузъи назарраси воҳидҳои забон, ки бо шахсе, ки ин забонро ҳамчун воситаи коммуникатсия истифода мебарад ва интихоби худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда, аз тарафи дигар, дар бар мегирад» [10, с. 5].

Бинобар ақидаи Н. Формановская, равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ барои дарки «падидаҳои забонҳо, ки дар шароити нутқи хаттӣ, бешубҳа, ба воситаҳои аломатҳои китобат (аломатҳо, усулҳо ва ғайра) зоҳир мегарданд», мусоидат менамояд.

Яке аз тамоюлҳои муҳимтарини рушди назарияи аломатҳои китобат, ки бо равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ сурат мегирад, пайдоиши ғояҳои нав дар бораи принсипҳои аломатҳои китобат, яъне дар бораи омилҳои муайянкунандаи фаъолияти аломатҳои китобат мебошад. Аввалан, принсипҳои ба таври умум қабулшудаи аломатҳои китобат (сохторӣ-синтаксикӣ, семантикӣ, интонатсионӣ) ҳамчун принсинҳои асосӣ қабул карда намешаванд. Имрӯзҳо мутахассисони аломатҳои китобат боварӣ доранд, ки дар аксари ҳол ин принсипҳо «дар шакли алоҳида эътибор надоранд» [3, с. 33].

Сониян, принсипи коммуникативӣ ё худ коммуникатсионӣ-прагматикӣ ҳамчун принсипи бартаридоштаи аломатҳои китобат номида мешавад, ки ба таври назаррас сегонаи номбаршударо низ фаро мегирад [1, с. 17].

Тавре ки Н.Л. Шубина иброз менамояд, «меъёрҳои аслӣ бояд ҳамчун усули коммуникативӣ-прагматикӣ тасниф карда шаванд, зеро онҳо ҳадди ақал ҳатмӣ буда, истифодаи аломатҳои китобатиро мувофиқи шартҳои дар вазъияти муайяни коммуникатсионӣ муқарраршуда танзим мекунанд, яъне онҳоро дар матни мушаххас мавриди баррасӣ қарор медиҳанд» [12, с. 63].

О. Крилова дар принсипи коммуникатсионии пунктуатсия, рад кардани гузоштани (-) тиреро дар ҳолатҳои беномӣ бар аъзои асосии он шарҳ медиҳад. «Агар шумо тиреро нигоҳ доред, пас робитаҳои семантикӣ ва синтаксисии ин узви дувуми ҷумла дақиқ муайян карда мешаванд. Масалан: Кӯдакон ба волидон — ёварон (Кӯдакон барои волидон кистанд?) ё: Кӯдакон — ёварони волидон (Кӯдакон кистанд?) » [6, с. 50]. Аз ин мисоли овардаи Крилова баръало равшан мегардад, ки овардани тире дар чунин мавридҳо зарур аст ва ҳангоми қироат ё дар матни шифоҳӣ низ таъкид кардани он тавассути ист (пауза) барои равшан намудани мақсади ниҳоии суханвар муҳим мебошад.

Аз шарҳҳои мазкур маълум мегардад, ки дер ё зуд мутахассисони соҳаи пунктуатсия маҷбур мешаванд, ки ба рамзсозӣ ва умумисозии (кодификатсияи ва унификатсияи) аломатҳои китобат гузаранд, зеро «оҳиста-оҳиста, дар амалияи суханронӣ, принсипи коммуникатсионӣ кайҳо боз роҳи худро кушодааст» [9, с. 380].

Сеюм, ба василаи устувории яке аз принсипҳо дар пунктуатсия метавон барои таъмини ҳам даркшавандагии нутқ, яъне дастрасу фаҳмо будани он ва ҳам муносибати

услубии он шароити мусоид фароҳам овард. Ин ақида ба усули сохторӣ-синтаксисӣ дар пунктуатсия, ки дар мавриди он дар адабиёти илмӣ бисёр навишта шудааст, комилан, татбиқ мешавад. Ҳамин тавр, ба ақидаи Шоу, «дар сатҳи синтаксис, аксари вергулҳо зиёдатӣ мебошанд, зеро ҷузъҳои ҳам аз ҷиҳати мантиқ ва ҳам аз ҷиҳати интонатсия тақсимнашавандаи нутқро бештар ва бештар фаро мегирад [16, с. 214]. Ба ин ақидаи Шоу мо ҳам ҷонибдорем, зеро амалан ҳеҷ суханвари тоҷикзабон (умуман, форсигӯ) пеш аз пайвандаки «ки» ист (пауза) намекунад. Ин падида дар тақлид бо пеш аз «что» вергул мондан дар забони русӣ пайдо шуда, бо мурури замон ба яке аз қоидаҳои устувори пунктуатсионии забони тоҷикии муосир табдил ёфтааст.

Е. Кран тафсири нави пунктуатсияро ҳамчун «системаҳои аломатҳо ва унсурҳои графикӣ, ки барои ҳифзи тамомияти ҳукм дар шакли хаттӣ шифоҳӣ ва таъмини интихоби дурусти онҳо пешниҳод ва истифода мешаванд», пешниҳод мекунад [14, с. 136].

Таърифи Е. Кран кӯшиши нав кардани принсипи сохторӣ-синтаксисии пунктуатсия, ҳатто, агар аз ҷониби муҳаққиқон нодида ва ба чашми кам гирифта шуда бошад ҳам, бо ғояҳои аслӣ ва дарки визуалӣ ҳамхонӣ мекунад. Тамоюли махсусе, ки дар назарияи пунктуатсия бо сабаби муносибати коммуникатсионӣ-прагматикӣ ба вуҷуд омадааст, тавсеаи функсияҳои аломатҳои пунктуатсия мебошад.

Қобили қайд аст, ки вазифаи пайвастшавӣ, ки аз ҷониби дефис таъмин карда мешавад, бо шартҳои пайвастагии синтаксиси аъзои чидаи ҷумла мутобиқат намекунанд. Ҳол он ки аз нуқтаи назари принсипи коммуникатсионӣ-прагматикии пунктуатсия вазифаи пайвастшавӣ (ё худ алоқамандӣ) хеле муҳим аст, зеро вобаста аз мавзуи нутқ дар фаъолияти нутқӣ моҳияти ин вазифа ба таври гуногун дида мешавад.

Тамоюли назаррас дар назарияи пунктуатсия, ки дар асоси принсипи коммуникатсионӣ-прагматикӣ таҳия шудааст, тағйир додани ғояҳо дар бораи воҳиди асосии пунктуатсия мебошад. Дар пунктуатсия шароити гуногуни нутқиро принсипҳои гуногуни синтаксисӣ, коммуникатсионӣ-синтаксисӣ ва коммуникатсионӣ-прагматикӣ барои аломат гузоштани изҳороти хаттӣ (яъне матн) тавассути аломатҳои китобатӣ инъикос мекунанд. Мавқеи принсипҳои пунктуатсия нисбат ба аломатҳои пунктуатсионӣ (аломатҳои китобат) аввалиндараҷа аст, яъне онҳо формула ё усули корбурди аломатҳои китобатро муайян мекунанд [5, с. 35].

Фаъолияти ифодаи экспрессивӣ-эмотсионалӣ дар журналистика ба пешфарзи дарки автоматии аломатҳои китобатӣ дар ҳолатҳои муайян ё дар ҳамбастагии муайян бо дигар унсурҳо асос ёфтааст.

Гуногунии усулҳои ифодаи пунктуатсия дар соҳаи журналистика нишон медиҳад, ки асоси механизми усулҳои пунктуатсияи экспрессивӣ ва истифодаи аломати пунктуатсия дар ин жанр, вобаста ба мақсади маводи пешниҳодшаванда фарқ мекунанд [4, с. 8].

Дар осори бадеӣ пунктуатсия бори эстетикиро бар дӯш мегирад, дар ташкили композитсияи ҳикоя иштирок мекунад, табиати нутқро муайян мекунад ва, албатта, бартарияти услуби муаллифро ба вуҷуд меорад. Масалан, дар ҳикояи Эдгар По «The Tell-Tale Heart» чунин омадааст: True! — nervous — very, very dreadfully nervous I had been and am; but why will you say that I am mad? // Дуруст! — асабонӣ — хеле, хеле шадидан асабонӣ будам, аммо чаро шумо мехоҳед гӯед, ки ман девонаам?

Дар ин ҷо нависанда ҳолати руҳии персонажро бо аломатҳои китобат возеҳтар нишон медиҳад, ки яке аз мисолҳои хеле равшани ифодаи экпрессивӣ-эмотсионалӣ мебошад.

Ё ки намояндаи дурахшони ин матлаб метавонад шеъри «Интернет»-и Н. Скандиак бошад, ки дар он суҳбати холии ҷавононро дар ҳолати маҷозӣ бо истифода аз тасвирҳои компютерӣ (аломатҳои компютерӣ-интернетӣ) нишон медиҳад: @, --`----,--- , яъне суҳбати онҳо мисли аккоси саг ё мошини шалақ садо медиҳад.

Ба туфайли алоқаи онлайнӣ як қатор навовариҳои саривақтӣ ба вуҷуд омаданд. Масалан, дур кардани аломати пунктуатсия аз ҳарфи ниҳоии изҳорот, мисол: Do you understand my wish_?

Қавсҳо ҳамчун ҷуфти пунктуатсия истифода намешаванд ва барои онҳо вазифаи нав эҷод шудааст, вазифаи эҳсосӣ-эмотсионалӣ ва мислӣ “) ” / ;-) / ;-(ва монанди инҳо.

Мувофиқи ақидаи Ҷ. Ракло, дар муоширати компютерӣ, вазифаҳои ифодакунандаи аломатҳои китобат, аслан, бо нутқи муқаррарии хаттӣ ё шифоҳӣ мувофиқ нестанд. Аз ҷумла, дар матни муоширати компютерӣ эллипс ҳамчун аломати муттаҳидкунанда истифода мешавад, ба мисли иваз кардани иттифоқ ё вергул, мисол: <yahoo> you mean to tell me cutie…you don’t have any old shoes / <Эҳе> шумо азизам мехоҳед гӯед, ки ягон пойафзоли куҳна надоред [15, с. 301].

Омӯзиши гуногунрангии функсионалии пунктуатсия, ки гузаронида шудааст, барои муайян кардани баъзе намунаҳои умумӣ дар заминаи мушаххасоти аломатгузории матн дар соҳаҳои гуногуни алоқаи хаттӣ ва шифоҳӣ замина фароҳам меорад. Якум, амалияи забоншиносии муосир дар заминаи аломатҳои китобат, асосан, ба мақсаднокии коммуникатсионии истифодаи аломатҳои китобат нигаронида шудааст. Дувум, фаъолияти пунктуатсия ҳоло на танҳо аз рӯйи меъёр маҳдуд аст, балки барои таҷассуми эҷодиёти мавзуи нутқ мувофиқ аст. Сеюм, омили эҳсосӣ-эмотсионалӣ назар ба омили сохторӣ дар торафт муҳимтар мегардад.

Марҳилаи куллан нав дар таҳияи назарияи пунктуатсия бо тағйир додани таҳқиқоти пунктуатсия аз равиши функсионалӣ-системавӣ ба коммуникатсия-прагматикӣ алоқаманд аст. Имрӯз, дар назарияи пунктуатсия олимони соҳа аз тавсифи амалияи пунктуатсия хеле кам қаноатманданд ва барои фаҳмондани он, ки чӣ гуна вазифаҳои пунктуатсия дар муоширати хаттӣ ва шифоҳӣ истифода мешаванд, нигаронанд. Аз ин сабаб, дар ин ҷо нуқтаи назари объективӣ оид ба пунктуатсия ба таври назаррас бартарӣ дорад ва усули прагматикӣ торафт бештар истифода мешавад.

Дар назарияи пунктуатсияи забоншиносии муосир, ки ба равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ асос ёфтааст, аз нуқтаи назари иртиботи нутқ дар феҳристи хаттӣ ва аҳаммияти аломатҳои пунктуатсия дар амал, ки принсипҳо ва вазифаҳои пунктуатсия ба назар гирифта мешаванд, таносуби аломати пунктуатсия ва мавқеи пунктуатсия, пойгоҳи афзалиятноки аломатҳои китобат, ифодаи аломатҳои китобат, иқтидори семантикии пунктуатсия, пунктуатсияи матнҳои гуногун барин масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Илова бар ин, равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ ба дарки гуногунрангии функсионалии фаъолиятҳои пунктуатсия, масалан, истифодаи аломатҳои пунктуатсия дар муоширати компютерӣ мусоидат мекунад.

Муқарриз: Каримов А.Ф., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

1. Андросова Ф. С. Пунктуационные знаки в художественном тексте: коммуникативно-прагматический аспект / Ф. С. Андросова. — Санкт-Петербург: Лань, 2018. — 156 с. — ISBN 978-5-8114-2783-3.
2. Булгакова О. А. Обыденная метаязыковая рефлексия как способ определения пунктуационной вариативности / О. А. Булгакова, М. Г. Чабаненко // Вестник Новосибирского государственного университета. Серия: История, филология. — 2014. — Т. 13. — № 9. — С. 97—101.
3. Валгина Н. С. Актуальные проблемы современной русской пунктуации / Н. С. Валгина. — Москва: Высшая школа, 2004. — 259 с. — ISBN 5-06-004937-X.
4. Дзякович Е. В. Стилистический аспект современной пунктуации. Экспрессивные пунктуационные приемы: автореферат диссертации … кандидата филологических наук: 10.02.01 / Е. В. Дзякович. — М., 1994. — 20 с.

5. Кольцова Л. М. Пунктуационный эксперимент в художественном тексте / Л. М. Кольцова. — Воронеж: ВГУ, 2006. — 194 с.
6. Крылова О. А. Норма и пунктуация / О. А. Крылова // Русская речь. — 2008. — № 6. — С. 49—51.
7. Пешковский А. М. Лингвистика. Поэтика. Стилистика: Избранные труды / А. М. Пешковский. — Москва: Высшая школа, 2007. — 800 с. — ISBN 5-06-005089-0.
8. Плунгян В. А. Лингвистика в XXI веке: проблемы, перспективы, точки роста / В. А. Плунгян // Слово.ру: балтийский акцент. — 2018. — Т. 9. — № 1. — С. 7—12. — DOI:10.5922/2225-5346-2018-1-1.
9. Прияткина А. Ф. Русская пунктуационная система и перспективы ее развития / А. Ф. Прияткина // Русский синтаксис в грамматическом аспекте (синтаксические связи и конструкции). Избранные труды. — Владивосток: ДВГУ, 2007. — С. 375—382. — ISBN 978-5-7444-1940-0.
10. Формановская Н. И. Речевое общение: коммуникативно-прагматический подход / Н. И. Формановская. — Москва: Русский язык, 2002. — 216 с. — ISBN 5-20003192- 3.
11. Ширяев Е. Н. Рецензия на книгу: Шварцкопф Б. С. Современная русская пунктуация: система и ее функционирование. — Москва: Наука, 1988. — 192 с. — ISBN 5-02-010873-1.
12. Шубина Н. Л. Пунктуация современного русского языка / Н. Л. Шубина. — Москва: Издательский центр «Академия», 2006. — 256 с. — ISBN 5-7695-2881-8.
13. Betham E. Punctuation today: a qualitative study / E. Betham // Skepsi. — 2011— 2012. — Vol. 4. — № 2. — Pp. 34—67.
14. Krahn A. E. A new paradigm for punctuation. Dissertation / A. E. Krahn. — Wisconsin–Milwaukee: University of Wisconsin–Milwaukee, 2014. — 235 p.
15. Raclaw J. Punctuation as a social action: the ellipsis as a discourse marker in computer-mediated communication / J. Raclaw // Proceedings of the 32nd annual meeting of the Berkeley Linguistic Society. — Berkeley: UC Berkeley, 2006. — Pp. 299—306.
16. Shou K. The syntactic status of English punctuation / K. Shou // English studies. — 2007. — Vol. 88. — № 2. — Pp. 195—216.
17. Watson C. Points of contention: rethinking the past, present, and future of punctuation / C. Watson // Critical inquiry. — 2012. — Vol. 38. — № 3. — Pp. 649—672.
18. Watson R. Colons and hyphens and commas, oh my! An examination of recreational punctuation / R. Watson // Language arts journal of Michigan. — 2005. — Vol. 21. — № 1. — Pp. 30—34.

ТАШАККУЛИ НАЗАРИЯИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ВА ТАМОЮЛОТИ АСОСИИ ОН ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

Дар мақола ҷамъбасти тамоюлҳои асосии рушди назарияи пунктуатсия дар аввалҳои асри XXI, махсусан, дар самтҳои нисбатан устувор дар таҳлили пунктуатсия дар доираи равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ ва фаъолияти пунктуатсионӣ дар он гуногунии функсионалӣ оварда шудааст. Гузашта аз ин, то ҳол тасаввуроте вуҷуд надорад, ки дар назарияи пунктуатсия дар аввалҳои асри XXI чӣ навгониҳое ба даст омадааст ва тамоюлҳои асосии рушди он кадомҳоянд.

Дар мақола ҳамчунин назарияи пунктуатсия тавассути призмаи муносибати коммуникатсионӣ-прагматикӣ таъкид шудааст. Таҳлили рушди назарияи пунктуатсия дар аввалҳои асри XXI ба рисолаю мақолаҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ аз соли 2000 то 2021 асос ёфтааст. Нишон дода шудааст, ки чӣ гуна дар назарияи пунктуатсияи аввали асри XXI дар асоси равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ, принсипҳо ва вазифаҳои пунктуатсия, таносуби аломати китобатӣ ва мавқеи пунктуатсия, заминаи афзалиятнок аломатҳои китобатӣ, вербализатсияи аломатҳои китобат баррасӣ карда мешаванд, пунктуатсия, иқтидори

семантикии пунктуатсия, пунктуатсияи матн муайян карда шудаанд. Ғайр аз ин, дар мақола нишон дода шудааст, ки чӣ гуна гуногунии функсионалии фаъолиятҳои пунктуатсия, аз ҷумла истифодаи аломатҳои пунктуатсия, дар муоширати компютерӣ дигар шуда истодаанд.

Калидвожаҳо: *назарияи пунктуатсия, фаъолияти пунктуатсия, равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ, муқаррароти пунктуатсионӣ, эҷодкорӣ дар пунктуатсия.*

РАЗВИТИЕ ТЕОРИИ ПУНКТУАЦИИ И ОСНОВНЫЕ ЕЕ ТЕНДЕНЦИИ В СОВРЕМЕННОМ ЯЗЫКОЗНАНИЕ

В статье представлено обобщение основных тенденций в развитии теории пунктуации в первой четверти XXI века, а именно относительно устойчивых направлений в анализе пунктуации в рамках коммуникативно-прагматического подхода и пунктуационной деятельности в ее функциональном разнообразии. При том, до сих пор отсутствует представление о том, что нового сделано в теории пунктуации в первой четверти XXI века и каковы основные тенденции ее развития.

В статье также освещается теория пунктуации сквозь призму коммуникативно-прагматического подхода. Анализ развития теории пунктуации в первой четверти XXI века основан на таджикских, русских и англоязычных публикациях 2000 - 2021 годов. Показано, как в теории пунктуации первой четверти XXI века на основе коммуникативно-прагматического подхода рассматриваются принципы и функции пунктуации, соотношение знака препинания и пунктуационной позиции, основания приоритетности знаков препинания, вербализация знаков препинания, пунктуационная вариантность, смыслоразличительный потенциал пунктуации, текстовая пунктуация. Кроме того, продемонстрировано, как освещается функциональное разнообразие пунктуационной деятельности, в том числе употребление знаков препинания в компьютерно- опосредованной коммуникации.

Ключевые слова: *теория пунктуации, пунктуационная деятельность, коммуникативно-прагматический подход, пунктуационный узус, креативность в пунктуации.*

DEVELOPMENT OF THEORY OF PUNCTUATION MARKS AND BASIC OF ITS TRENDS IN THE MODERN LINGUISTICS

A generalization of the main trends in the development of the punctuation theory in the first quarter of the 21st century is presented, namely, relatively stable trends in the analysis of punctuation within the framework of the communicative-pragmatic approach and punctuation activity in its functional diversity. However, there is still no idea of what has been done in the theory of punctuation in the first quarter of the 21st century and what the main trends in its development. The article considers the disclosure of how the theory of punctuation is covered through the prism of a communicative- pragmatic approach. An analysis of the development of punctuation theory in the first quarter of the 21st century is based on Tajik, Russian and English publications from 2000 to 2021. It is shown how in the theory of punctuation of the first quarter of the 21st century, on the basis of a communicative- pragmatic approach, the principles and functions of punctuation, the relationship between the punctuation mark and the punctuation position, the grounds for the priority of punctuation marks, the verbalization of punctuation marks, punctuation variance, the semantic potential of punctuation, textual punctuation are considered. In addition, it is demonstrated how the functional diversity of punctuation activity, including the use of punctuation marks in computer-mediated communication is covered.

Keywords: *punctuation theory, punctuation activity, communicative- pragmatic approach, punctuation usage, creativity in punctuation.*

Маълумот дар бораи муалифон: Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич *– Донишгоҳи байналмилалиии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, декани факултети забони англисӣ. Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мухаммадиева 17/6. E-mail: zubaidullo@gmail.com Тел: (99237) 2325000; (+992) 985140587.*

Давлатов Муслим *– Донишгоҳи байналмилалиии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, омӯзгори кафедраи забонҳои романӣ-германӣ, Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734019, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.:(+992) 988-48-22-82. E-mail: muslim_davlatov888999@mail.ru*

Сведения об авторах: Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, декан факультета английского языка. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева. 17/6. Электронная почта: zubaidullo@gmail.com Тел: (99237) 2325000; (+992) 985140587.*

Давлатов Муслим *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, преподаватель кафедры романо-германских языков.* ***Адрес:*** *Республика Таджикистан, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6,* ***Тел.:*** *(+992) 988-48-22-82.* ***E-mail:*** *muslim_davlatov888999@mail.ru*

Information about the authors: Musoyamov Zubaidullo Muminshoevich *– Tajik International University of foreign languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of philological sciencies, dean of English Language Faculty. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17/6 Muhammadiev str. E-mail: zubaidullo@gmail.com Tel: (99237) 2325000; (+992) 985140587.*

Davlatov Muslim *- Tajik International University of foreign languages named after Sotim Ulughzoda, teacher of the Department of Romanic-Germanic Languages. Address: Republic of Tajikistan, 734019, Dushanbe city, 17/6 Muhammadiev str., Tel.: (+992) 988-48-22-82. E-mail: muslim-davlatov888999@mail.ru*

ТДУ 801

ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ НОМУВОФИҚАТИИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВӢ ДАР МАТНҲОИ АСЛӢ ВА ТАРҶУМА (ДАР МИСОЛИ АСАРИ «ҶЕН ЭЙР»-И Ш. БРОНТЕ)

Давлатова М.О.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар замони муосир ба масъалаи равобити адабӣ ва тарҷумаи адабиёти бадеӣ аҳаммияти бештар зоҳир гашта, дар ин замина корҳои таҳқиқотии зиёд анҷом ёфта истодааст.

Аслан, дар раванди тарҷума ҳамчун фаъолияти инсон ва иртиботи ду забони гуногун, ки ба ду амали ба ҳам алоқаманд ифода меёбанд, нақши асосиро мувофиқатӣ ва номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ мебозанд. Барои муайян намудани принсипҳои асосии мувофиқатӣ ва номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ҷараёнҳои таҳлил ва синтез истифода бурда мешаванд, ки дар ифодаи тарҷумаи мукаммал нақши муассир доранд.

Ин ду ҷараёни ба ҳам наздик бо дарки асосии матни аслӣ ва таҳияи он ба забони тарҷумашаванда зич алоқаманданд, яъне тарҷумон ҳангоми тарҷумаи матни аслӣ, мазмуни воҳидҳои луғавиро таҳлил намуда, мувофиқ омадан ё наомадани онро пайдо менамояд, зеро ҷараёни таҳлил иртиботи байни фиристанда (муаллифи матни аслӣ) ва қабулкунандаи он (тарҷумон) аст. Тарҷумон пеш аз тарҷумаи матн бо истифода аз ҷараёни таҳлил тавассути шакл ба мазмуни он бояд сарфаҳм рафта, на ба воситаҳои забонӣ, балки ба вазифаи онҳо дар системаи забон диққати махсус диҳад, чунки он таъсири эмотсионалие, ки матни аслӣ ба хонанда мерасонад, дар матни тарҷумавӣ низ бояд мушоҳида карда шавад.

Дар амал ё ҷараёни синтез тарҷумон аз матни тарҷумавӣ барои ифодаи муҳтавои матни асл унсурҳои аз ҷиҳати вазифа ва таъсирнокӣ баробар ва мувофиқ меҷӯяд, ки дар натиҷа муҳтавои матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ комил гузашта, таъсири эмотсионалии он гум намешавад.

Мавриди зикр аст, ки барои мувофиқ омадани муҳтавои матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ, дар матн борҳо вариантҳо иваз карда мешаванд. Роҷеъ ба масъалаи мазкур дар тарҷума А.Д. Швейтсер ақидаи ҷолиб баён намуда, ҳангоми тарҷума мутобиқати қонуну қоида ва талаботҳои матни аслиро ба матни тарҷумавӣ, муодилнокии воҳидҳои лексикӣ мешуморад [7, с. 7].

«Ин амал мисли фаъолияти нутқӣ, - мегӯяд Швейтсер, - одатан бо усули санҷиш ва иштибоҳ ба амал бароварда мешавад» [7, с. 264].

Моҳияти амали мазкур дар тарҷумаи асарҳо аз он иборат аст, ки тарҷумон дар сурати мунтазам санҷидани якчанд варианти имконпазири тарҷума варианти асосиро интихоб менамояд ва он вариантҳоеро, ки бо муҳтавои матни аслӣ мутобиқат намекунанд, ҷудо карда, муҳтавои матни аслиро ба мазмуни матни тарҷумавӣ мувофиқ мекунонад.

Масалан,

“Be seated somewhere; and until you can speak pleasantly, remain silent” (J.E., 8).

Бирав, ягон ҷо бинишин ва то даме хушадаб буданро наомӯзӣ, хомӯш бош (Ҷ.Э., 5).

Дар ҷумлаҳои мазкури матни аслӣ ва тарҷумавӣ хусусиятҳои фарққунанда ва номувофиқатии нопурраро мушоҳида кардан мумкин аст, чунки дар ҷумлаи матни аслӣ калимаи *бирав* истифода бурда нашудааст, вале дар матни тарҷумавӣ вобаста ба вазъият ва муҳтавои матни аслӣ калимаи мазкур интиқол гардидааст. Ҳамзамон, дар ҷумлаи матни аслӣ ибораи *to speak pleasantly-ором гап задан* истифода бурда шудааст, ки дар шакли *хушадаб будан* интиқол шудааст ва муҳтавои ифодаҳои мазкур ба ҳам мувофиқ шуда наметавонанд. Гарчанде истифодаи калимаҳои мазкур дар матни тарҷумавӣ ба мазмун ва муҳтавои матни аслӣ таъсири манфӣ нарасонанд ҳам, сохторан мувофиқат намекунанд, аммо мазмуни матни аслиро қисман инъикос карда метавонанд.

Барои ҳаммаъно шудани матни аслӣ ва матни тарҷумавӣ тарҷумон аз як тараф ба мазмуни асосӣ шакли навро ҷустуҷӯ мекунад ва аз тарафи дигар, расонидани таъсири эмотсионалии хонандаро ба инобат мегирад, ки дар натиҷа тарҷумаи саҳеҳ ба даст меояд. Тарҷумаи саҳеҳ тарҷумаи комили функсионалиест, ки таъсири матни аслиро дар матни тарҷумавӣ низ мувофиқ мекунад.

Дар байни тарҷумаи саҳеҳ ва тарҷумаи ҳарфоҳарф (таҳтуллафзӣ) хусусиятҳои фарққунандаро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар тарҷумаи ҳарфоҳарф қолаби калимаҳои матни тарҷумавӣ ба ҷойи калимаҳои матни аслӣ гузошта шуда, қолабҳои синтаксисии матни аслӣ кӯчонида мешаванд, ки дар натиҷа меъёрҳои забони тарҷума вайрон мегарданд.

Инъикоси маълумот дар матни тарҷумавӣ аз мутобиқати воситаҳои забони аслӣ ва забони тарҷума аз лексикаву морфология сар карда, то синтаксису услубшиносӣ вобаста аст. Байни воситаҳои луғавии забонҳои гуногунсохтор дар миқдор, ҳаҷми семантикии воҳидҳои луғавӣ, тобишҳои маъноиву экспрессивӣ, алоқаҳои синтаксисӣ, таносуби маъноии онҳо бо калимаҳои дигар ва ғайра тафовути зиёд мушоҳида карда мешаванд. Дар баъзе мавридҳо ба воҳиди додашуда дар забони тарҷума мутобиқат вуҷуд надорад, яъне пайдо намудани муодили комил дар матни тарҷумавӣ аз доираи имконият берун аст.

Масалан,

“*Miss* Jane screamed so loud, ma`am, pleaded Bassie” (J.E., 18).

-*Духтархонум* Ҷен чунон баланд дод зад, бону, - илтиҷоогин гуфт Бессӣ (Ҷ.Э., 16).

Калимаи *Miss* дар забони англисӣ пеш аз номи бонувон ба таври васеъ истифода бурда мешавад, аммо дар забони тоҷикӣ мафҳуми мазкур бо номи бонувон серистеъмол нест. Дар ҷумлаи матни тарҷумавӣ калимаи мазкур чун *духтархонум* истифода шудааст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик, умуман, истифода бурда намешавад. Калимаи мазкури забони англисӣ дар забони тоҷикӣ дар шакли *хонум* бештар тобиши услубии баланд дорад.

Чӣ тавре ки қайд намудем, қонуну қоидаҳои мушаххас роҷеъ ба мувофиқ кунонидани муҳтавои матни аслӣ ва матни тарҷумавӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, ҳангоми тарҷума як қатор номувофиқатиҳо ба вуҷуд меоянд, ки бартараф намудани онҳо ва мувофиқ кунонидани мазмуни матни аслӣ ва матни тарҷумавӣ вазифаи ҳар як тарҷумон маҳсуб меёбад.

Масалан,

I had read Goldmith`s History of Rome, and had formed my opinion of Nero, Caligula, &c. (J.A., 11).

Ман «Таърихи Рим»-и Голдсмитро мутолиа карда, роҷеъ ба Нерон, Калигула ва дигар мустабидон тасаввуроти хосаи худро ҳосил намуда будам (Ҷ.Э., 9).

Таҳлили мисолҳои мазкур нишон медиҳанд, ки дар сурати як маъноро ифода накардани воҳидҳои луғавӣ дар забон номутобиқатии пурра, қисман ё нопурра ба вуҷуд меояд, ки ба мазмун ва муҳтавои матни аслӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ба ақидаи В.Н. Комиссаров, ба сифати воҳидҳои луғавии байнизабонӣ на танҳо калимаҳое ба шумор мераванд, ки рамзи ифодакунандаи мутобиқатҳоро ифода мекунанд, балки калимаҳое ба шумор мераванд, ки дорои мазмун ва муҳтавои устуворанд [4, с. 31]. Масалан, калимаи *мустабидон* дар ҷумлаи мазкур номувофиқ омадааст, гарчанде мазмуни матни аслиро ифода карда метавонад.

Роҷеъ ба масъалаи таҳлили муқоисавии дараҷаҳои муодилнокии байнизабонии воҳидҳои луғавӣ аз нигоҳи тарҷума С.Р. Кесамирова низ таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, оид ба таҳлили сохторӣ ва маъноии воҳидҳои луғавии муодил чунин пешниҳодҳо намудааст: «Барои ба дараҷаи комилии муодилнокӣ расидан тарҷумон дар раванди тарҷума, новобаста аз сохтори гуногуни маъноӣ ва грамматикии забонҳо мазмун ва мундариҷаи матнҳоро мувофиқ созад. Агар дар муодилнокии тарҷумавӣ мазмуни матн ҳангоми гузариш ба дигар забон ҳифз карда шавад, он гоҳ сатҳи муодилнокӣ ба дараҷаи олӣ мерасад, вале то ба он зинаи максималӣ расидани муодилнокӣ роҳу усулҳои мухталифи тарҷума истифода бурда мешаванд» [3, с. 29].

Масалан,

“Abbot and Bessie, I believe I gave orders that Jane Eyre ***should be left*** in the red room till I came to her myself” (J.E., 18).

-Эббот! Бессӣ! Ба назарам, ман фармуда будам, ки Ҷен Эйрро дар хонаи сурх ***банд кунед***, то даме худам барояш наоям (Ҷ.А., 16)!

Ҷумлаҳои матни аслӣ ва тарҷумавӣ сохторан мувофиқат намекунанд, чунки воҳиди *should be left* дар матни тарҷумавӣ муодили худро дар шакли *банд кунед* ёфтааст, ки ин воҳидҳо шаклан мувофиқат намекунанд. Калимаи ***left*** аз асоси замони ҳозираи калимаи ***leave*** гирифта шуда, *маънои тарк кардан, партофтан, рафтан, фаромӯш кардан, ба таъхир гузоштан, ба дигар рӯз гузаронидан, иҷозат доданро* дорад, вале маънои *банд карданро* дода наметавонад. Худи калимаи *банд кардан* низ дар фарҳанги забони адабии ҳозираи тоҷик ба маънои «*бастан, пайвастан, васл кардан, пеши роҳро гирифтан, масдуд кардан, танг кардани роҳе, дар роҳи чизе монеа ба вуҷуд овардан, иҳота кардан, печонида гирифтан, гирифтор намудан, мубтало кардан*» [5, с. 130] кор фармуда мешавад, вале мазмун ва муҳтавои *партофтанро* ифода карда наметавонад.

Бояд тазаккур дод, ки дар баъзе мавридҳо калимаҳои муайяни дар як забон истифодашаванда мазмунан як маъноро ифода мекунанд, аммо дар забони дигар шаклан маънои дигарро. Масалан, калимаи fabric –и англисӣ барои русҳо «ткань» барои тоҷикон «матоъ» ҳисобида шавад ҳам, дар баъзе мавридҳо онро чун «фабрика» тарҷума мекунанд.

Аз таҳлили воҳидҳои луғавии мазкур бармеояд, ки мазмун ва муҳтавои матни забони бегона барои дарк ва фаҳмиши тарҷумон мушкилиҳои хосеро эҷод мекунад ва ба ақидаи баъзе муҳаққиқон баъзе унсурҳои забон тарҷуманашавандаанд. Лозим ба ёдоварист, ки пайдо намудани муодили пурра, қисман ва ё нопурра –ин мутобиқ намудани мазмуни матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ аст. Воҳидҳои луғавӣ дар сатҳи шакл, ҳамчун калима ё ҷузъи алоҳида тарҷумашаванда нестанд, вале дар таркиби матни умумӣ комилан тарҷумашавандаанд. Пас, ҳар чизе ки дар забон мавриди истифода қарор дода мешавад, тарҷумашаванда аст.

Ҷузъиёти алоҳидаи воҳидҳои луғавии забон ҳамеша ба матни яклухт тобеанд. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки тарҷумон вазифаи воситаҳои забони аслиро дар заминаи алоқаҳои умумии мантиқӣ, ғоявӣ, маъноӣ, ҳиссию экспрессивӣ ва эстетикӣ дар матни яклухт муайян мекунад. Тарҷумон дар марҳилаи синтез низ ҳангоми ҷустуҷӯйи чунин воситаҳо дар забони тарҷума, ки дар маҷмуъ ҷиҳати функсионалии воситаҳои матни аслиро барқарор менамоянд, ба таври функсионалӣ амал мекунад.

Принсипи функсионалии номутобиқатӣ дар раванди тарҷума дар таҳвили гуногуни маводи тарҷумашаванда зоҳир мегардад, ки якчанд мисолро баррасӣ мекунем:

1. Scarcely dared I answer her; for I feared the next sentence might be rough (J.E., 20).
   Ман базӯр ҷуръат карда, посухаш додам, бим доштам, ки баъди чунин нармсуханӣ мабодо суханони дуруштро ба забон орад (Ҷ.Э., 17).
2. Christmas and the New Year had been celebrated at Gateshead with the usual festive cheer; parents had been interchanged, dinners and evening parties given (J.E., 29).

Дар Гейтсҳэд, чун ҳамеша, мавлуди Исо ва соли навро шоду хуррам ҷашн гирифтанд; ба ҳама валинеъматона туҳфаҳо нисор мешуданд, хонум Рид нимарӯзону бегоҳон зиёфат меорост (Ҷ.Э., 26).

Дар сурати интиқоли матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ бояд ягон варианти муайян нигоҳ дошта шавад, чунки бевариантӣ —ин он василае аст, ки ҳангоми тағйир додан иваз намешавад, яъне тибқи қонун ва меъёрҳои назарияи тарҷума матни аслӣ бояд ҳамаи ғояҳои матни тарҷумавиро доро бошад. Дар ҷумлаҳои мазкур ин ҳолатҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки бар хилофи матни аслӣ баъзе воҳидҳои луғавӣ ихтисор шудаанд, ё илова гардидаанд. Дар баъзе онҳо сохтори ҷумла низ ба тағйироти куллӣ дучор гардидааст.

Чӣ тавре ки қайд намудем, матни аслӣ ва матни тарҷумавӣ ҳеҷ гоҳ ба ҳам пурра муодил шуда наметавонанд, чунки дар раванди тарҷума дар байни баъзе воҳидҳои луғавӣ номувофиқатиҳои ҷузъӣ ва куллӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар ҷумлаҳои мазкури забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ муодилнокии калимаҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, чунки қариб ҳамаи воҳидҳои луғавии ҷумлаҳои матни аслӣ дуруст ва пурра интиқол ёфта, дар забони тоҷикӣ муодилҳои худро пайдо кардаанд.

Ҳангоми тарҷума ҳолатҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ҳақиқат, он чизе дар матни аслӣ вуҷуд дорад, интиқол дода намешавад, балки хулосаи тарҷумон, ки чун иштирокчии бевоситаи раванди тарҷума нест, гуфта мешавад.

“We shall do very well by-and-by” (J.E., 19).

-Ана акнун мо оҳиста-оҳиста офият хоҳем ёфт (Ҷ.Э., 17).

Дар ҷумлаи мазкур дар истифодаи воҳидҳои луғавӣ номутобиқатиро мушоҳида кардан мумкин аст, чунки воҳидҳои луғавӣ муодили дурусти худро дар асари тарҷумашуда наёфта, интиқол ёфтаанд, аммо мазмуни онро аз матни аслӣ ҳамин тавр маънидод кунем, хато намекунем, чунки мафҳуми аслии ифодаҳои мазкур *ба наздикӣ мо аз уҳдаи ин мебароем* тарҷума карда мешавад. Вай аз ҷиҳати сохтор қисман мутобиқат накарда, мафҳум ва вазифаи худро дар асари тарҷумашуда пурра инъикос нанамудааст.

Аз ин рӯ, ҳангоми на танҳо тарҷумаи шифоҳӣ, балки дар тарҷумаи хаттӣ низ бояд ҳамаи меъёрҳои матни аслӣ ба асари тарҷумашуда аз ҷиҳати сохтор, маъно ва вазифа ба ҳам мутобиқ бошанд, то ки барои ҳалли номувофиқатиҳо заминаи мусоид фароҳам оварда шавад.

Муқарриз: Соҳибназарова Ҳ.Т., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Рӯйхати адабиёт

1. Бронте, Ш. Ҷен Эйр: Роман/ Ш. Бронте. –Душанбе: ТҶБ Истиқбол, 2010. - 412 с.
2. Влахов С., Флорин С. Непереводимое и перевод // Мастерство перевода / С. Флорин. – М.: Сов. писатель, 1965.
3. Кесамирова, С.Р. Таҳлили муқоисавии дараҷаҳои муодилнокии байнизабонии воҳидҳои луғавӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) / С.Р. Кесамирова. – Душанбе, 2021. – 152с.
4. Комиссаров, В.Н. Лингвистика перевода / В.Н. Комиссаров. -3 изд. – М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2009. –176с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. /дар зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода –Душанбе, 2008. – 950с.
6. Фёдоров А.В. Основы общей теории перевода /А.В. Фёдоров. -М., 1983.
7. Швейцер А.Д. Перевод и лингвистика / А.Д. Швейцер. –М.: Воениздат, 1973. –282 с.
8. Bronte, Sh. Jane Ayre/ Sh. Bronte. -L., 1999. - 496 p.

ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ НОМУВОФИҚАТИИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВӢ ДАР МАТНҲОИ АСЛӢ ВА ТАРҶУМА (ДАР МИСОЛИ АСАРИ «ҶЕН ЭЙР»-И Ш. БРОНТЕ)

Мақолаи мазкур ба масъалаи принсипҳои асосии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар матнҳои аслӣ ва тарҷума дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, дар он доир ба роҳҳои ифодаи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забон сухан меравад. Ҳамчунин, муаллифи мақола бо мисолҳо аз асарҳои бадеӣ хусусиятҳои фарққунанда ва умумии воҳидҳои луғавиро мавриди таҳлил ва баррасӣ додааст.

Дар мақола, ҳамзамон, барои мувофиқ омадани муҳтавои матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ кӯшишҳо ба харҷ дода шуда, дар матн иваз шудани вариантҳо нишон дода шудааст. Роҷеъ ба масъалаи мазкур нуқтаи назари олимони соҳа низ оварда шудааст, яъне ҳангоми тарҷума мутобиқати қонуну қоида ва талаботи матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ, муодилнокии воҳидҳои лексикӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Моҳияти амали мазкур дар тарҷумаи асарҳо аз он иборат аст, ки тарҷумон дар сурати мунтазам санҷидани якчанд варианти имконпазири тарҷума варианти асосиро интихоб менамояд ва он вариантҳое, ки бо муҳтавои матни аслӣ мутобиқат намекунанд, ҷудо карда, муҳтавои матни аслиро бо муҳтавои матни тарҷумавӣ мувофиқ мекунонад.

Аз таҳлили воҳидҳои луғавии мазкур бармеояд, ки мазмун ва муҳтавои матни забони бегона барои дарк ва фаҳмиши тарҷумон мушкилиҳои хосеро эҷод мекунад ва ба ақидаи муҳаққиқон, баъзе унсурҳои забон тарҷуманашавандаанд. Лозим ба ёдоварист, ки пайдо намудани муодили пурра, қисман ва ё нопурра ин худ мутобиқ намудани мазмуни матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ аст. Воҳидҳои луғавӣ дар сатҳи шакл, ҳамчун калима ё ҷузъи алоҳида тарҷумашаванда нестанд, вале дар таркиби матни умумӣ комилан тарҷумашавандаанд. Пас, ҳар чизе ки дар забон мавриди истифода қарор дода мешавад, тарҷумашаванда аст.

Калидвожаҳо: *принсип, номувофиқатӣ, воҳиди луғавӣ, мушкилӣ, мазмун, матни аслӣ, инъикос, матни тарҷумавӣ, интиқол, роҳҳои ифода, фарқият.*

ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ НЕСООТВЕТСТВИЯ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ОРИГИНАЛЬНЫХ ТЕКСТАХ И ПЕРЕВОДЕ (НА ПРИМЕРЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ Ш. БРОНТЕ "ДЖЕЙН ЭЙР")

Данная статья посвящена вопросу основных принципов несоответствия лексических единиц в оригинальном и переводном текстах на таджикском и английском языках, а также в ней говорится о способах выражения несоответствия лексических единиц в языке. Также автор статьи проанализировал и рассмотрел отличительные и общие черты словарных единиц на примерах из художественных произведений.

В статье при этом были предприняты усилия по сопоставлению содержания исходного текста с переведенным текстом, а также показано изменение вариантов в тексте. По данному вопросу также представлена точка зрения ученых отрасли, а именно: во время перевода учитывается совместимость нормативно-правовых актов и требований оригинального текста с переведенным текстом, где учитывается гибкость лексических единиц.

Суть этого действия при переводе произведений состоит в том, что переводчик в случае регулярной проверки нескольких возможных вариантов перевода выбирает основную версию и отделяет те версии, которые не соответствуют содержанию исходного текста, и адаптирует содержание оригинального текста к содержанию переведенного текста.

Из анализа этих лексических единиц выясняется, что содержание иноязычного текста создает особые проблемы для понимания переводчика, а некоторые элементы языка, по мнению исследователей, являются непереводимыми. Следует помнить, что найти полный, частичный или неполный эквивалент означает адаптацию содержания исходного текста к переведенному тексту. Лексические единицы не переводимы на уровне формы, как слово или отдельная часть, но вполне переводимы в составе общего текста. Поэтому доказано все, что используется в языке, переводимо.

Ключевые слова: *принцип, несоответствие, лексические единицы, трудность, содержание, оригинальный текст, отражение, переведенный текст, трансформация, способы выражения, различие.*

BASIC PRINCIPLES OF INCONSISTENCY OF LEXICAL UNITS IN ORIGINAL TEXTS AND TRANSLATION (BASED ON THE EXAMPLE OF "JANE EYRE" BY SH. BRONTE)

The article deals with the issue of the basic principles of inconsistency of lexical units in the original texts and translation in the Tajik and English languages, and also talks about ways to express the inconsistency of lexical units in the language. The author of the article also analyzed

and examined the distinctive and common features of vocabulary units using examples from works of art.

In this article, efforts have been made to compare the content of the source language with the target language, and also shows the change in variations in the text. The point of view of industry scientists is also presented on this issue, namely: during translation, the compatibility of regulations and requirements of the source language with the target language flexibility of lexical units is taken into account.

The essence of this action when translating works is that the translator, in the case of regularly checking several possible translation options, selects the main version and separates those versions that do not correspond to the content of the source language, and adapts the content of the source language to the content of the target language.

It should be remembered that finding a complete, partial or incomplete equivalent means adapting the content of the source language to the translation.

Lexical units are not translatable at the level of form, like a word or a separate part, but are completely translatable as part of a general text. Therefore, everything that is used in a language is translatable.

Keywords: *principle, inconsistency, lexical units, difficulty, content, source language, reflection, target language, transformation, methods of expression, difference.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатова Моҳшариф Олимовна – *Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторанти (PhD) кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. Суроғa: 734019, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992)904086226, E-mail: hakimjonsaidzoda@gmail.com*

Сведения об авторе: Давлатова Мохшариф Олимовна *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, докторант (PhD) кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992)904086226, E-mail: hakimjonsaidzoda@gmail.com*

Information about the author: Davlatova Mohsharif Olimovna – *Tajik International University of Languages named after Sotim Ulughzoda, Doctoral Student (PhD) of the Department of Comparative Linguistics and Theory of Translation of the Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., tel.(+992)904086226, E-mail: hakimjonsaidzoda@gmail.com*

ТДУ 801.3

ИҚТИБОСОТИ ЛУҒАВӢ ВА МУНОСИБАТИ ОНҲО БО ДИГАР ҲОДИСАҲОИ ЛУҒАВӢ ВА ПУРИЗМ

Қурбонов Э. М.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иқтибос яке аз ҳодисаҳои муҳим ва ногузири ҳар як забон ба ҳисоб меравад. Дар дунё, ба фикри мо, забоне вуҷуд надорад, ки ин ҳодисаи лексикӣ ба он таъсири худро нагузошта бошад. Тасаввур кардан душвор аст, ки дар олам халқе ё миллате вуҷуд дошта бошад, ки бо халқу миллатҳои дигар робита надошта бошад. Чунонки аз таърих маълум аст, аз қадимулайём боз қабилаҳои гуногун дар ҳамсоягии ҳам мезистанд, ки забон, расму оин, маданияти мухталиф доштаанд ва маҷбур буданд, ки бо ҳамдигар муросою мубодила кунанд. Забон яке аз ин воситаҳои мубодилаҳо буда ва он ҳам гуногун будааст. Мардуми он давр хоҳу нохоҳ бо забонҳои худашон бо ҳамдигар муошират менамуданд. Забоне байни забонҳо аз лиҳози нуфус ва фарҳанг рушд ёфта, бар дигарон тасаллут мегирафт ва дар натиҷа вожаҳои навбанав ба лаҳҷаю шеваи онҳо дохил мешуд. Пас, ин ҳодисаи забонӣ – иқтибосшавии луғавӣ таърихи хеле қадим доштааст.

Иқтибосшиносӣ ҷузъи таркибии илми забоншиносӣ буда, он объекти таҳқиқ, таърихи инкишоф ва масаъалаҳои ҳалношудаеро дорад. Мушкилоти унсурҳои иқтибосӣ мураккаб ва серсоҳа аст. Маҳаки асосии ҳалли он фасоҳати забон, ҳусни баён ва талаби замон аст.

«Иқтибос гуфта, унсури луғавӣ, фонетикӣ, семантикӣ, грамматикӣ ва синтаксисии аз як забон ба системаи забони дигар дохилшударо меноманд» [1, с. 6]. Баъзе забоншиносон ақида доранд, ки ҳамаи калимаҳое, ки аз забонҳон хориҷӣ ба забони модарӣ дохил мешаванд, иқтибосанд. Аммо, ба назари забоншинос Т. Бердиева, на ҳар вожаи аз забонҳои дигар ба забони мо – тоҷикӣ дохилшуда мақоми иқтибосро соҳиб мешаванд. Ӯ мегӯяд: «Барои он ки вожаи забони бегона статуси иқтибосро гирад, вай бояд аз санҷиши забон гузарад, яъне серистеъмол шавад, фаҳмо, хушбаён ва равон бошад. Барои ин вақту шароити муайян лозим аст. Ҳазмшавии калимаи хориҷӣ як замони муайянро талаб мекунад. Пас, ҳангоми тадқиқи он методи синхронию диахронӣ бояд мавриди истеъмол қарор гирад» [3, с. 7].

Лозим донистем, ки ин ҷо дар бораи истилоҳоти «синхрония» ва «диахрония» маълумоти мухтасар диҳем. Синхрония фосилаи ҷузъии инкишофи забон аст. Вай як давраи рушдро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Серистеъмолии калимаи аз дигар забон омада муносибати семантикии онро дар матнҳои гуногунмавзуъ бо роҳи синхронӣ меомӯзанд, аммо ҳазмшавии калимаи бегона, дар заминаи забони модарӣ ҳуқуқи комил пайдо кардани он, инкишофи иқтидори корбурд, васеъшавии маъноях, қобилияти калимасозиаш фосилаи муайянеро талаб мекунад, ки инро бо методи диахронӣ муайян мекунанд. Аз тарафи дигар, барои фарқ кардани калимаҳои иқтибосӣ аз унсурҳои тасодуфӣ таърихи ин калимаҳоро донистан кифоя нест. Ин ҷо меъёрҳо вуҷуд дорад. Меъёрҳои иқтибосшавиро муҳаққиқи ин соҳа – Т. Бердиева ба таври зайл номбар кардааст:

«1. Калимаи хориҷӣ ба савтиёти забони модарӣ итоат кунад; 2. Калимаҳои хориҷӣ меъёрҳои сарфу наҳви забони модариро риоя намоянд; 3. Калимаҳои хориҷӣ ба қонунияти задагузории забони модарӣ тобеъ шаванд. 4. Иқтибосҳои арабӣ мувофиқи задагузории тоҷикӣ талаффуз шавад; 5. Калимаҳои хориҷӣ дар заминаи калимасозии забони модарӣ калимаҳои нав сохта тавонанд» [1, с. 7].

Бояд қайд намуд, ки муаллифи суханҳои болоӣ, асосан, вожаҳои арабии ба забони тоҷикӣ дохилшударо баррасӣ намудааст, бинобар ин, меъёрҳои муқаррарнамудаи ин забоншинос низ дар доираи тадқиқоти шахсии худаш сурат гирифтааст.

Дар заминаи гуфтаҳои боло ва мухтавиёти мақолаҳои ба ин мавзуъ бахшидашуда [1; 2; 5; 6; 10; 12; 13; 15] меъёрҳои иқтибосро дар забони муосири тоҷикӣ чунин баён кардан мумкин аст:

Вожаҳои иқтибосшуда бояд ба қонунияти овозӣ, маъноӣ, сарфию наҳвии (морфологию синтаксисӣ)-и забони тоҷикӣ пурра итоат кунанд; ба системаи забон чун узви комилҳуқуқ дохил шаванд; дар заминаи забони модарӣ воҳидҳои нави лексикӣ созанд; доираи маънои худро мувофиқи табиати он васеъ намоянд; инчунин, забони модарии моро миқдоран бой, сифатан инкишоф диҳанд.

Зарурати истеъмоли луғати иқтибосӣ аз он бармеояд, ки ин ҳодиса хосияти сирф забонӣ надошта, балки он бо омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, фарҳангӣ ба миён меояд. Сабабҳои забонӣ ва иҷтимоии иқтибосшавӣ ба ҳам марбутанд, лекин фарқҳо низ доранд.

Сабабҳое, ки аз табиати забон бармеоянду ба ворид шудани унсурҳои забони бегона замина мегузоранд, пеш аз ҳама, эҳтиёҷи номдиҳии ҳодисоти сершумори ҳаёти рӯзмарра аст. Ҷамъият, ки инкишоф меёбад ва ҳар соату дақиқа ақлу хиради инсон олоту афзори нав ба нав меофарад, ҳар як забонро ба номҳои нав эҳтиёҷманд месозад. Дар ин ҳолат забони модарӣ аз банду решаи худ ғизо мегирад ва агар он кор надод, вай аз сарчашмаи дигар, яъне луғати забони дигар, баҳра мебарад.

Сабаби дигари воридшавии вожаҳо аз як забон ба забони дигарро муҳаққиқ Т. Бердиева «барҳам додани полисемия (сермаъноӣ)» [1, с. 8] маънидод мекунад. Барои исботи фикраш муҳаққиқ аз ҷумла мегӯяд: «…ҳангоме ки як калима маъноҳои гуногунро ифода мекунаду лекин моҳияти ҳодиса ё предметро қатъӣ инъикос карда наметавонад. Дар ин ҳолат он калима бо амри қонунияти дохилии инкишофи забон аз ин «вазифа» соқит мегардад. Барои ифодаи мафҳумҳои нав унсурҳои лексикии он забонеро, ки соҳибонаш ин мафҳумро офаридаанд, ё ҷорӣ кардаанд, иқтибос мекунад» [1, с. 8].

Аммо, ба назари мо, ҳодисаи сермаъноӣ аз иқтибос кардан дида, ба забон фоидаовартар мебошад, зеро ҳодисаи аввалӣ дар системаи луғавии худии забон сурат мегирад. Баъзе забоншиносон сермаъноии калимаро асоси ғановат ва фарҳанги ҳар як забон медонанд. Чунончи профессор Ҳ. Маҷидов қайд кардаанд: «Дар ташаккули сермаъноии луғавӣ, ки аз ҳодисаҳои басо ҳассоси забон ба шумор меравад, мақоми усулҳои мухталифи тавлиди он ниҳоят калон аст. Шиносоии ҳамаҷониба бо ин усулҳо ба ҳар як соҳибзабон имконият медиҳад, ки **бидуни муроҷиат ба калимаҳои забонҳои бегона аз ғановати маъноии забони модарии худ** ба пуррагӣ истифода барад» [7, с. 46].

Ин ҷо ҳам, ба фикри мо, агар сухан дар бораи калимасозӣ ва истилоҳофарӣ равад, он гоҳ ҳақ бар ҷониби забоншиноси мазкур аст.

Маълум аст, ки забони ҳозираи адабии тоҷикӣ се сарчашмаи инкишоф дорад: а) забони адабиёти классикӣ, б) забони шифоҳӣ, в) иқтибосот аз забонҳои дигар.

Таъсири ин се сарчашма дар инкишофи лексикаи забони тоҷикӣ як хел нест ва дар як ҳолат ҳам набудааст. Дар даврҳои то ду даҳсолаи аввали асри ХХ сарчашмаҳои а) ва б) васеъ истифода ёфта бошад, солҳои 30-юм сарчашмаи савум (иқтибосгирӣ) серистеъмол гашт.

Иқтибосро аз экзотизмҳо ва унсурҳои тасодуфӣ бояд фарқ кард. Экзотизм гуфта калимаҳоеро мегӯянд, ки либос, хӯрок, одат, тарзи зиндагӣ, номи парандаю набототу ҳайвоноти ягон кишвари дур ё халқияти номашҳурро ифода мекунанд. Истилоҳи «экзотизм»-ро О. С. Ахманова аз иқтибос ҷудо намекунад. Вай менависад: «...лексикаи экзотикӣ калима ё ибораҳоест, ки аз забонҳои номашҳур, одатан аз забонҳои ғайриҳиндуаврупоӣ иқтибос шуда, барои обуранги бадеии баён истеъмол меёбанд» [1, с. 214].

Ин истилоҳ дар «Луғати терминҳои забоншиносии тоҷик» низ чандон аниқ маънидод нашудааст: «Экзотизмҳо... калима ва ибораҳое, ки аз забонҳои хориҷии номаълум барои ифодаи моҳияти асосии гуфтугӯи он маҳал иқтибос карда мешаванд**: мадемуазел, сенор, фрау, фрейлен, ҷентлмен, лир, мерси, браво**» [13, с. 215]. Аз рӯйи мисолҳои овардашуда маълум мешавад, ки экзотизмҳо ва унсурҳои тасодуфӣ омехта шудаанд, ки ин ҷоиз нест. Калимаҳои **мерсӣ, браво** экзотизм набуда, балки унсури тасодуфианд.

Унсури тасодуфӣ чист? Ин истилоҳро муҳаққиқ Т. Бердиева чунин таъриф додааст: «Унсури тасодуфӣ калима ё ибораи бегоназабонест, ки ба системаи забони модарӣ дохил нашуда, симои бегонагии худро нигоҳ дошта, бо мақсади услубӣ мавриди истеъмол қарор мегирад. Дараҷа ва доираи истеъмоли унсурҳои тасодуфӣ хеле маҳдуд аст» [2, с. 11].

Аммо профессор Маҷидов Ҳ. вожаҳоеро, ки ба забони адабии тоҷикӣ ба воситаҳои гуногун ворид шуда, вижагиҳои фарққунандаи худро нигоҳ медоранд, экзотизм гуфтааст: «Баръакси ин, дар як гурӯҳ калимаҳои дигар, ки тавассути забони русӣ аз забонҳои мухталифи олам ворид шудаанд, махсусиятҳои маҳалливу экзотикии онҳо равшан эҳсос мегарданд. Масалан, **мистер** «оқо», **миссис** «хонум», **леди** «бону», **милорд** «ҷаноби олӣ», **ҷентелмен** «ҷавонмард» (аз англисӣ); **самурай** «намояндаи табақаи феодалӣ», **гейша** «раққоса», **кимоно** «пироҳани занонаи японӣ» (аз японӣ); **фазенда** «ҳавлии берунишаҳрӣ» (аз испании Бразилия); **анчар** «як навъ дарахти заҳрдор, заҳум» (аз малаӣ); **яранга** «капаи намадин» (аз забони ҳиндуҳои Америка) ва монанди инҳо» [8, с. 128].

Ба назари мо, таърифи профессор Ҳ. Маҷидов моҳияти экзотизмҳоро дуруст ва пурратар ифода мекунад. Пас, экзотизмҳо вожаҳое мебошанд, ки баръакси калимаҳои иқтибосӣ ба системаи қонунии забон пурра дохил нашудаанд ва асосан, дар матнҳои бадеӣ ва гоҳе ҳам забони гуфтугӯйӣ ба кор бурда мешаванд.

Экзотизмҳо, одатан, дар сафарномаҳо, қайдҳои публитсистон, дар тасвири журналистон истеъмол мешаванд. Ин қабати луғавӣ бештар дар саҳифаҳои матбуот, барномаҳои радио ва намоиши телевизион дучор мешаванд, зеро воситаҳои ахбори умум аз ҷиҳати луғат хеле гуногунтаркиб ва серсоҳаанд, зарфи рӯзмарраи забонро бо тамоми бурду бохташ инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, имрӯз ҷараёни инкишофи системаи забонро на фақат адабиёти бадеӣ, балки воситаҳои ахбори омма бештар инъикос мекунанд ва ба он ҷараён пуртаъсиртаранд.

Тадқиқи захираи иқтибосии лексикаи забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки дар байни иқтибосҳои англисӣ экзотизмҳо хеле каманд ва онҳо дар захираи ғайрифаъоли луғавӣ маҳфузанд.

Иқтибосвожаҳоро аз варваризмҳо низ бояд фарқ кард.

Варваризм чист? Калимаи вайронсохт, ба қолиби калимасозии забон номувофиқ, унсури бегоназабони ҳазмношударо гӯянд, ки таносуби «гӯянда—шунаванда»-ро халалдор созад. Мисол: ба ҷойи **салом** — ***чао***, ба ҷойи **ташаккур ё бале** — ***о'кей***, ба ҷойи **бубахшед** — ***мерсӣ*** ва ҳоказо.

Иқтибос набояд сабаби душворфаҳмӣ ва пайдоиши муродифоти бемавқеъ гардад. Барои пешгирии он ҷараёни иқтибосро муътадил намудан лозим аст. Чӣ тавре ки дар боло зикр шуд, барои инкишофи забон се маъхаз хизмат мекунад; осори классикӣ, забони шифоҳӣ ва иқтибосот. Иқтибосҳоро олимон аз ҳар ҷиҳат таҳқиқ мекунанд. Масалан, этимолог асли калимаи иқтибосиро омӯхта, маънии онро дар забони иқтибосшаванда муайян мекунад. Мутахассиси таърихи забон иқтибосотро дар партави омилҳои таърихии дохилшавиаш таҳқиқ намуда, роҳҳои азхудшавии онро дар забони иқтибоскунанда, тағйироти савтию маъноии онро таҳлил мекунад ва ҳоказо. Маълум аст, ки як забон ба забони дигар худ аз худ таъсир намекунад. Барон он ҳодисаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, муҳити ҷуғрофӣ ва амсоли инҳо сабаб мегардад.

Омилҳои иҷтимоӣ ба рукуд ё инкишофи забон сабаб мегардад. Таҳқиқи ин қабил мушкилот соҳаи нави забоншиносӣ-сотсиолингвистикаро ба миён овардааст.

Сотсиолингвистика як соҳаи илми забоншиносист, ки табиати иҷтимоии забон, вазифаҳои ҷамъиятии он ва таъсири рӯйдодҳои иҷтимоиро ба ҷараёни инкишофи забон меомӯзад. Қонунҳои дохилии инкишофи забон ҳам хусусияти иҷтимоӣ доранд. Вусъати доираи истеъмоли забони адабӣ, ривоҷи илм ва маданият, сохти нави давлатдорӣ, пешравии муносибатҳои истеҳсолӣ ва ғайра омилҳои иҷтимоии инкишофи забон ҳисоб меёбанд. Сотсиолингвистика бо таъсири омилҳои иҷтимоӣ миқдоран ва сифатан тағйир ёфтани сохту

таркиби луғавии забон, сабабҳои робитаи забон ва рӯйдодҳои ҷамъиятӣ, таъсири мутақобили қонуниятҳои дохилии забон ва инъикоси бавоситаи ҳодисаҳои ҷамъиятиро тадқиқ мекунад. Робитаи қонуниятҳои таърихии инкишофи дохилӣ ва иҷтимоии забон кайҳо боз мавриди баҳси олимон қарор гирифтааст.

Аз ин рӯ, вазифаи сотсиолингвистон ҳам дар он буд, ки кашфиёти дар ҳалли забонҳои миллӣ ба даст овардаро ҷамъбаст кунанд. Масалан, ба лоиҳа кашидани забон, аз нуқтаи назари илмӣ ба амал ҷорӣ намудани истилоҳсозӣ вазифаи сотсиолингвистон буда, ҳалли назариявӣ ва истифодаи амалии он дар забоншиносии тоҷик хеле муҳим аст.

Устод С. Айнӣ ҳанӯз солҳои 20-ум ба ҳалли масъалаҳои илман бузург ва амалан таъхирнопазир шуғл варзида буд. Маҳз ӯ дар он давраи душвор бо усулҳои нави забоншнпосӣ мусаллаҳ шуда, самти ҳаётан муҳимми рушди забонро муайян намуд, дар ҳалли масъалаҳои истилоҳсозӣ, роҳҳои инкишофи забони адабӣ хидмати сазовореро анҷом дод. Ӯ маҷрои иқтибосҳои арабӣ, русию интернатсионалии забонамонро аз баъзе хомфикрҳо наҷот дод. Пажӯҳишҳои илмию амалии С. Айнӣ тамоюлҳои нави ривоҷи забонро муайян намуд.

Маҳз С. Айнӣ буд, ки меъёри таъсирнокии забони матбуотро аз рӯзи аввали нашри он дар софию покӣ, равонию оммафаҳмиаш медид. Силсилаи мақолаҳои устод дар саҳифаҳои «Шуълаи инқилоб», «Бедории тоҷик», «Овози тоҷик» имрӯз ҳам муассирияти худро дар гузоришу ҳалли масъалаҳои мухталифи забон гум накардаанд.

Назарияҳои инкишофдиҳандаи забоншиносии тоҷикро Носирҷои Маъсумӣ хеле мукаммал намуд. Аз қуллаи донише, ки то кунун дар илми забон андӯхта шудааст, Маъсумӣ ҷузъу кулли сотсиолингвистикаи тоҷикро таърихан ва муосиран таҳқиқ кардааст.

Гуфтан кифоя аст, ки чаҳонбинии фалсафии ӯ дар асараш «Муҳимтарин масъалаҳои таҳқиқи тараққиёти забони адабии имрӯзаи тоҷик”, ки яке аз бузургтарин тадқиқотҳои сотсиолингвистии имрӯза ба шумор меравад, хеле равшан зоҳир гаштааст, ки муаллиф дар он ҳамбастагии таърихи башарият ва таърихи забонро бо далелҳои илмӣ асоснок кардааст. Ба назарияи сотсиологияи илмӣ такя карда, А. Маъсумӣ қонуниятҳои дохилию иҷтимоии инкишофи забон, алоқаҳои сабабию натиҷавии ривоҷи забону ҷамъиятро ошкор намуд [17, с. 63].

Соли 1981 тадқиқоти Ш. Рустамов бо номи «Забон ва замон» дастраси аҳли илм гардид. Муҳаққиқ масъалаҳои доманадори забоншиносиро мадди таҳқиқ қарор дод, ки масъалаҳои омӯхтани таъсири забони хориҷӣ ба тоҷикӣ ва дар ин замина инкишоф додани таркиби луғавии он, роҳҳои истифодаи иқтибосот дар рушди истилоҳсозии тоҷик ва як силсила масъалаҳои дигарро дарбар мегирад, ки имрӯз хеле ҳалталаб аст.

Масъалаи иқтибос ва фасоҳати забон рукни дигаре низ дорад, ки он аз кӯтоҳбаёнӣ бармеояд. Кӯтоҳбаёнӣ қонуни дохилии инкишофи забон аст. Қонунҳои дохилии рушди забон худ аз худ ба амал намеоянд. Гарчанде тамоюлҳои ривоҷи забон хусусияти объективӣ дошта бошанд ҳам, онҳо маҳз тавассути эҳтиёҷи соҳибзабон пайдо мешаванд. Сабаби ин ҳодиса хусусияти иҷтимоӣ доштани забон ва бофтаи он, ҳамбастагии қонунҳои дохилӣ ва берунии он аст. Яке аз қонуниятҳои муҳимми забон кӯтоҳбаёнӣ аст.

Тадқиқотҳои забоншиносон тасдиқ мекунад, ки тамоюлҳои зикршуда эҳёи захираи иқтибосоти забони тоҷикиро тезонда, ба захираи истилоҳӣ гузашгани онҳоро қувватнок намуд. Азбаски иқтибосот бо маъноҳои гуногуни худ амри истеъмол дошта, ҳангоми истифода баҳри ифодаи мафҳумҳои нави илм, техника ва технологияи муосир баъзан ба душворӣ меовард, барои ба консервасияи забон роҳ надодан, бо таъсири тамоюли кӯтоҳбаёнӣ оммафаҳмию муосирияти забон баъзан бо иқтибоси бевоситаи истилоҳҳои нав таъмин мегардад. Ҳангоми иқтибоси баъзе калимаҳои русию аврупоӣ шартҳои кӯтоҳбаёнӣ на ҳама вақт риоя мегардид. Масалан, истилоҳҳои радиоволна, радиосвяз, радиостудия ба забони тоҷикӣ ба шакли мавҷи радио, алоқаи радио, студияи радио оварда шудааст, ҳол он ки радиомавҷ, радиостудия муъҷазу фаҳмост, зеро инқолиб дар забони тоҷикӣ ҳаст:

радионур, радиохалал, радиомино, радиопадиди...

Ҳамин тавр, омӯзиши иқтибос масъалаи доманадор буда, он таҳқиқи даврагию ҳарзамониро талаб мекунад. Ногуфта намонад, ки илми иқтибосшиносӣ дар инкишофи худ ба монеаҳои ҷараёни пуристӣ рӯ ба рӯ меомад. Пуризм гуфта кӯшиши аз калимаҳои иқтибосии забонҳои дигар тоза кардани забон ва пешгирии воридоти унсурҳои луғавӣ ва сарфунаҳвии бемавриди забон (масалан: калимаҳои гуфтугӯй, шевагӣ ва ғайра)-ро меноманд. Пуризм дар давраи барқарор гардидани нормаҳои забони адабӣ зуҳур мекунад ва ба ҷараёни нави сиёсӣ ва маданӣ марбут аст. Дар таърихи инкишоф ва барқарор гардидани забонҳои адабии мамлакатҳои гуногун ҳодисаи пуризм мушоҳида шудааст. Пуризм хислати ҳам манфию ҳам мусбат дорад.

Таърихи забон ба фаҳмиши пуристон маҷмуи фактҳои гузашта ва ҳозираи забон аст. Зарурияти қонунҳои мавҷудаи забонро пуристон эътироф карда, ногузарии тағйиротҳои сифатии минбаъдаи онро инкор мекунанд. Манфитарин хислати пуристон инкори унсурҳои ҳазмшудаи иқтибосӣ, иваз намудани онҳо бо калимаҳои сохташаклу сохтамазмун аст. Пуристон худро «муборизи» фасоҳати забони адабӣ эълон намоянд ҳам, лекин сабаби пайдоиши воҳидҳои нави луғавиро нодуруст шарҳ медиҳанд. Ноқисии дигари назарияи пуристӣ дар он зоҳир мегардад, ки тағйироти нормаи забон на ҳамчун натиҷаи инкишофи он, балки ҳодисаи вайронкунии анъанавияти забон маънидод карда мешавад. Пуризм, одатан, дар марҳалаи ташаккули забони адабии миллӣ, тағйиротҳои бузурги сиёсию-иҷтимоӣ воқеъ мегардад. Ҷараёни оммавӣ намудани забони адабӣ баъзан барои пуризм замина фароҳам меорад. Ҷиҳати мусбати пуризм дар он аст, ки истеъмоли бемавриди иқтибосот (беҳтараш ва аниқтараш калимаҳои хориҷӣ)-ро пешгирӣ мекунад.

Солҳои 20-уми садаи XX дар давраи барқарор гардидани нормаҳои забони адабии имрӯзаи тоҷик баҳсҳо дар бораи фасоҳати забон ва назари пуристӣ ба забони адабӣ пайдо шуда буданд. Байни забоншиносон оид ба масъалаи истифодаи калимаҳои иқтибосии арабӣ ва калимаҳои шеваю лаҳҷаҳои гуногун баҳс мерафт. Худ аз худ аён буд, ки аз калимаҳои иктибосии арабӣ даст кашидан боиси камбағал шудани таркиби луғавии забони тоҷикӣ мегардад, чунки ин калимаҳо ҳамчун калимаҳои аслии тоҷикӣ истеъмол мешуданд.

Ба баҳс ва майлҳои пуристӣ С. Айнӣ дар мақолааш «Ҷавоби ман» (рӯзномаи «Овози тоҷик», 1928) зарбаи сахт дод. Устод ҳуқуқи истеъмол доштани калимаҳои иқтибосии арабиро тасдиқ карда, аз истифодаи калимаҳои душворфаҳми арабӣ худдорӣ карданро маслиҳат дод. С. Айнӣ шева ва лаҳҷаҳоро дар баробари забони адабиёти классикии тоҷик яке аз минбаъҳои асосии инкишофи забони адабии тоҷик мешуморид ва дар истеъмоли унсурҳои умумишавандаи забони шифоҳӣ фаъолона иштирок мекард [17, с. 46].

Иқтибос яке аз ҳодисаҳои муҳим ва ногузири ҳар як забон ба ҳисоб меравад. Проблемаи унсурҳои иқтибосӣ мураккаб ва серсоҳа аст. Маҳаки асосии ҳалли он фасоҳати забон, ҳусни баён ва талаби замон аст.

Дуруст аст, ки ҳамаи забонҳои дунё бо ҳам додугирифте доранд ва ба он ниёз ҳам доранд. Ин табодул, асосан бо луғат ба амал меояд ва дар доираи муайян бояд сурат гирад, ки онро меъёр меноманд.

Вожаҳои иқтибосшуда бояд ба қонунияти овозӣ, маъноӣ, сарфию наҳвии (морфологию синтаксисӣ)-и забони иқтибосгир пурра итоат кунанд; ба системаи забон чун узви комилҳуқуқ дохил шаванд; дар заминаи забони модарӣ воҳидҳои нави лексикӣ созанд; доираи маънои худро мувофиқи табиати он васеъ намоянд; инчунин, забони модариро миқдоран бой, сифатан инкишоф диҳанд.

Дар шароити имрӯза бошад, сабаби асосии вуруди луғати англисӣ, ки махсусан ба забони гуфтугӯйӣ рӯзмарра дохил шуда истодаанд, мо дар пешравии рӯзафзуни илму техникаву технологияи иттилоотӣ ва забони техникаи муосир эътироф шудани забони англисӣ мебинем.

Муқарриз: Музофиршоев М.О. – н.и.ф., дотсенти ДМТ

Адабиёт

1. Ахманова О. С. Словарь лингвистических терминов. –М., 1966. –315 с.
2. Бердиева Т. Назарияи иқтибос. – Душанбе: Дониш, 1991. –128 с.
3. Бердиева Т. Хазинаи хирад, оид ба забони адабии ҳозираи тоҷик //Адабиёт ва санъат. – 1987.12.03. – С. 6.
4. Ғафуров Р. Дар бораи яке аз роҳҳои бой гардидани таркиби луғавии забони адабии тоҷик. // Мактаби советӣ. – №6. – 1978. – С. 13–17.
5. Ғафуров Р. Калимаҳои русӣ ва советӣ – инрернатсионалӣ дар забони тоҷикӣ//Мактаби советӣ. –№2. –1975. – С. 20–23.
6. Крысин, Л . П . Эвфемизмы в современной русской речи / Л. П. Крысин // Русистика. - Берлин, 1994. - № 1-2. - С. 28-49.
7. Крысин, Л. П. Иноязычные слова в современном русском языке / Л. П. Крысин. - М. : Наука, 1968. - 208 с.
8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Душанбе: Деваштич. –2007. – 242 с.
9. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод,1959. – 294 с.
10. Музофиршоев М. Наввожаҳо ва усули тавлиди онҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ. – Душанбе: ЭР – граф. –2013, –170 с.
11. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ – сиёсии забони тоҷикӣ дар асри ХХ. – Душанбе: Дониш. –2004. – 303 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Мураттибон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. – Иборат аз ду ҷилд. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с; Ҷ.2. – 945 с.
13. Ҳусайнов Х., Шукурова К. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Х.Ҳусайнов, К.Шукурова. м – Душанбе: Маориф, 1983. 256 с.
14. Шарофов Н. Калимаҳои русӣ – интернатсионалӣ дар забони адабии тоҷик – Душанбе: Дониш. –1972. 168 с.
15. Шарофов Н. Сохта шудани калимаю терминҳои нав ба воситаи калка. //Мактаби советӣ//, 1980. №3 –С. 4 – 18.
16. Шукуров Г. Х. Таҳаввулоти забони адабии тоҷик дар даврони истиқлол (дар асоси маводи рӯзномаҳо): фишурдаи рисолаи номзадии илмҳои филологӣ. Душанбе, –2007. – 23 с.
17. Юсуфов Ҳ. Калимаҳои русию интернатсионалӣ дар осори С. Айнӣ. //Армуғон. – Ҷилди 2. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 43–53.

ИҚТИБОСОТИ ЛУҒАВӢ ВА МУНОСИБАТИ ОНҲО БО ДИГАР ҲОДИСАҲОИ ЛУҒАВӢ ВА ПУРИЗМ

Иқтибосшавии луғавӣ раванди қонунии ҳар забони дунё ба ҳисоб меравад. Ҳодисаи мазкур бо баъзе аз майлонҳои забонӣ муносибати мутақобила ва гоҳе ҳам наздик дорад. Дар мақола ин маъно дар мисоли муносибати иқтибосоти луғавӣ бо экзотизмҳо, унсурҳои тасодуфӣ, варваризмҳо ва ҳаракати пуристӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Вожаҳои иқтибосӣ аз экзотизмҳо ва унсурҳои тасодуфӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо, асосан, барои рафъи эҳтиёҷоти забон ба он ворид шуда, ба табиату қонуниятҳои он забон мутобиқ гардонида мешаванд. Экзотизм бошад, либос, хӯрок, одат, тарзи зиндагӣ, номи парандаю набототу ҳайвоноти ягон кишвари дур ё халқияти номашҳурро ифода мекунад. Унсури тасодуфӣ калима, ё ибораи бегоназабонест, ки ба системаи забони модарӣ дохил нашуда, симои бегонагии худро нигоҳ дошта, бо мақсади услубӣ мавриди истеъмол қарор мегирад ва доираи истеъмоли унсурҳои тасодуфӣ хеле маҳдудтар аз иқтибосотанд.

Иқтибосоти луғавӣ аз варваризмҳо низ тафовут доранд, зеро калимаи вайронсохт, ба қолиби калимасозии забон номувофиқ, унсури бегоназабони ҳазмношударо гӯянд, ки таносуби «гӯянда—шунаванда»-ро халалдор созад. Мисол: ба ҷойи **салом** — ***чао***, ба ҷойи **ташаккур ё бале** — ***о'кей***, ба ҷойи **бубахшед** — ***мерсӣ*** ва ҳоказо.

Пуризм ҷараёне аст, ки бо роҳи он кӯшиши аз калимаҳои иқтибосии забонҳои дигар тоза кардани забон ва пешгирии воридоти унсурҳои луғавӣ ва сарфунаҳвии бемавриди забон (масалан: калимаҳои гуфтугӯӣ, шевагӣ ва ғайра) сурат мегирад. Хислати номақбули пуристон инкори унсурҳои ҳазмшудаи иқтибосӣ, иваз намудани онҳо бо калимаҳои сохташаклу сохтамазмун аст. Пуристон худро «мубориз»-и фасоҳати забони адабӣ эълон намоянд ҳам, лекин сабаби пайдоиши воҳидҳои нави луғавиро нодуруст шарҳ медиҳанд. Ноқисии дигари назарияи пуристӣ дар он зоҳир мегардад, ки тағйироти нормаи забон на ҳамчун натиҷаи инкишофи он, балки ҳодисаи вайронкунии анъанавияти забон маънидод карда мешавад. Пуризм, одатан, дар марҳалаи ташаккули забони адабии миллӣ, тағйироти бузурги сиёсию-иҷтимоӣ воқеъ мегардад. Ҷараёни оммавӣ намудани забони адабӣ баъзан барои пуризм замина фароҳам меорад. Ҷиҳати мусбати пуризм дар он аст, ки истеъмоли бемавриди иқтибосот (беҳтараш ва аниқтараш калимаҳои хориҷӣ)-ро пешгирӣ мекунад.

Калидвожаҳо: *калимаҳои иқтибосӣ, экзотизмҳо, варваризмҳо, унсурҳои тасодуфӣ, фасоҳати забон, пуризм.*

ЗАИМСТВОВАННЫЕ СЛОВА И ИХ ОТНОШЕНИЯ С ДРУГИМИ ПОХОЖИМИ ЭЛЕМЕНТАМИ И ПУРИЗМОМ

Лексическое заимствование считается закономерным явлением в любом языке мира. Это явление имеет взаимную, а иногда и тесную связь с некоторыми языковыми наклонностями. В статье это значение рассматривается на примере отношения лексических заимствований с экзотизмами, случайными элементами, варваризмами и пуристским движением.

Заимствованные слова отличаются от экзотизмов и случайных элементов тем, что они в основном вводятся для удовлетворения потребностей языка и адаптируются к природе и законам этого языка. Экзотическая лексика подразумевает одежду, пищу, привычки, образ жизни, названия птиц, растений и животных какой-то далекой страны или неизвестного народа. Случайный элемент – слово или словосочетание иностранного языка, не входящее в систему родного языка, сохраняющее своего иноязычного образа и используемое в стилистических целях, причем сфера использования случайных элементов гораздо ограниченее, чем заимствования.

Лексические заимствования отличаются от варваризмов еще и тем, что в них произносится искаженное слово, не соответствующее речевому образцу языка, элемент не перевариваемого иностранного языка, нарушающий отношения «говорящий-слушающий». Пример: вместо приветствия – чао, вместо спасибо или да – ок, вместо извините – мерси и так далее.

Пуризм - процесс, посредством которого предпринимается попытка очистить язык от слов, заимствованных из других языков, и предотвратить внесение лексических и ненужных языковых элементов. Недопустимой характеристикой пуристов является отрицание переваренных элементов заимствованных, замена их ложными словами и ложным содержанием. Другой недостаток пуристской теории состоит в том, что изменение языковой нормы трактуется не как результат ее развития, а как нарушение традиционности языка. Пуризм обычно возникает на этапе формирования национального литературного языка, крупных политических и социальных перемен. Популяризация литературного языка иногда создает основу для пуризма. Положительная сторона пуризма состоит в том, что он предотвращает ненужное использование заимствования (лучше и точнее иностранных слов).

Ключевые слова: *заимствованные слова, экзотизмы, варваризмы, случайные элементы, понятливость языка, пуризм.*

BORROWED WORDS AND THEIR RELATIONSHIPS WITH OTHER SIMILAR ELEMENTS AND PURISM

Lexical borrowing is considered a natural phenomenon in any language of the world. This phenomenon has a reciprocal and sometimes close relationship with certain linguistic inclinations. The article examines this meaning using the example of the relationship of lexical borrowings with exoticisms, random elements, barbarisms and the purist movement.

Loanwords differ from exoticisms and random elements in that they are mainly introduced to satisfy the needs of a language and are adapted to the nature and laws of that language. Exotic vocabulary implies clothing, food, habits, lifestyle, names of birds, plants and animals of some distant country or unknown people. A random element is a word or phrase of a foreign language that is not part of the system of the native language, retains its foreign language image and is used for stylistic purposes, and the scope of use of random elements is much more limited than borrowings.

Lexical borrowings also differ from barbarisms in that they pronounce a distorted word that does not correspond to the speech pattern of the language, an element of an indigestible foreign language that violates the “speaker-listener” relationship. Example: instead of greeting - ciao, instead of thank you or yes - ok, instead of excuse me - merci and so on.

Purism is a process by which an attempt is made to cleanse a language of words borrowed from other languages and to prevent the introduction of lexical and unnecessary linguistic elements. An unacceptable characteristic of purists is the denial of digested borrowed elements, replacing them with false words and false content. Another drawback of the purist theory is that changes in the language norm are interpreted not as a result of its development, but as a violation of the traditional of the language. Purism usually arises at the stage of formation of a national literary language, major political and social changes. The popularization of a literary language sometimes creates the basis for purism. The positive side of purism is that it prevents the unnecessary use of borrowings (better and more accurate foreign words).

Keywords: *borrowed words, exoticisms, barbarisms, random elements, intelligibility of language, purism.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Эраҷ Мулокаримович *– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти (PhD) кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. Тел.: (992) 888223347. E-mail: kurbonov.e@list.ru*

Сведения об авторе: Курбонов Эрадж Мулокаримович *- Таджикский национальный университет, аспирант кафедры современного таджикского литературного языка.* ***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: (992) 888223347. Электронная почта: kurbonov.e@list.ru*

Information about the author: Kurbonov Eraj Mulokarimovich *- Tajik National University, post-graduate student of the Department of Modern Tajik Literary Language.* ***Address****: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: (992) 888223347 Email: kurbonov.e@list.ru*

ТДУ 801.1

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ВАЛЕНТНОКИИ ФЕЪЛҲО ДАР ИБОРАҲОИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ибрагимова Раъно Абдушукуровна

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Яке аз муаммоҳои баҳсталаби илми забоншиносӣ ибора мебошад, ки он воҳиди асосии синтаксис ба шумор меравад. Ҳарчанд ки тадқиқоти илмӣ вобаста ба муаммои мазкур бисёранд, вале забоншиносон оид ба созмонёбии ибора, алоқамандии ҷузъҳои он ақидаҳои гуногун баён кардаанд.

Баъзе забоншиносон, алалхусус, Б.А. Илиш якҷоягии калимаҳои ба ҳам алоқамандро ибора мешуморанд. Ба қавли ӯ, ҳам «*a red flag*» ва ҳам «*with a flag*» ибора мебошанд. Вале ин ақида ҳақиқати ҳолро акс наменамояд, зеро таркибҳои пешояндии навъи *«with a flag», «at home», «to school»* ва ба монанди инҳо ба як талаботи ибора ҷавоб дода наметавонанд. Ибора мафҳуми мураккабро ифода менамояд, вале таркибҳои пешояндӣ чунин мафҳумро ифода карда наметавонанд [3, с. 165].

Забоншиноси дигари англис Е.Крейзинга дар китоби худ «Handbook of Present – day English» ақидаи дигарро пешкаш намудааст. Ӯ ибораро ҳамчун як гурӯҳи калимаҳо муайян мекунад, ки воҳиди ягонаи семантикиро ташкил медиҳанд ва якҷоя барои ифодаи маънои мушаххас истифода мешаванд [15, с.18].

Ҳ.Суит ба ҷои вожаи «ибора» истилоҳи «гурӯҳи калимаҳо»-ро истифода бурдааст. Ӯ нишон додааст, ки «гурӯҳи калимаҳо» – ин маҷмуи калимаҳоест, ки аз чиҳати грамматикӣ ва мантиқӣ ба ҳам алоқаманд буда, ҷумла маҳсуб намеёбанд [16, с. 172].

Аз рӯйи ақидаи А.А. Шахматов бошад, дар синтаксиси ибораҳо асосан аъзоҳои пайрави ҷумла дар алоқамандӣ бо сараъзои худ ва ё дар муносибати дутарафа нисбат ба ҳамдигар омӯхта мешаванд, яъне “Ибора маҷмуи калимаҳоест, ки ягонагии грамматикиро ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи вобатагии баъзе аз ин калимаҳо ба дигарашон ошкор мегардад” [13, с. 83].

Ф.Ф. Фортунатов ибораро ба тарзи зерин муайян мекунад: «Он чизи бутунро аз рӯйи маънӣ метавон ибора номид, ки он аз пайвасти як калимаи пурра бо калимаи пурраи дигар сохта мешавад, ин хоҳ ифодаи томи психологӣ ва ё ифодаи ҷузъи он бошад» [11, с. 167].

Дар забоншиносии тоҷик якумин асаре, ки дар бораи ибораҳо маълумот медиҳад, ин асари Д.Тоҷиев, «Тарзҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷик» мебошад. Дар ин асари худ Д. Тоҷиев ба воситаи алоқаи синтаксисии изофӣ ва ҳамроҳӣ пайваст шудани муайякунанда бо муайяншаванда, муносибатҳои маъноӣ ва бо дигар калимаҳо омадани ибора, инчунин дараҷаи истеъмолнокии ин алоқаҳоро бо мисолҳои аниқ нишон додаст [7, с. 70].

Асари дигаре, ки дар хусуси ибораҳо бевосита маълумот медиҳад, китобчаи А. Халилов, «Ибораҳои изофӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» ба ҳисоб меравад, ки дар он роҷеъ ба роҳҳои пайваст кардани калимаҳо бо истифода аз бандаки изофӣ ва, инчунин, муносибати онҳоро муайян мекунад, имконот ва вариантҳои пайванди изофӣ бо пешванд ва пасвандро ошкор мекунад [12, с. 31].

Дар китоби К.Усмонов, “Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” ин масъала мавриди баррасӣ қарор ёфтааст, ки зинаи аввали ибораасозӣ ин ба инобат гирифтани имконияти ҳамдигаркашӣ, яъне тавъамияти маъноҳои лексикии калимаҳои дохили ибора ба ҳисоб меравад [10, с. 55].

Масалан, феъли «*фиристодан*» метавонад аз ҷиҳати маънои лексикиаш калимаҳои навъи «*мактуб*», «*хӯрок*» ва амсоли онҳоро ба худ тавъам созад.

Вале ин феъл исмҳои навъи «*осмон*», «*пурсупос»,* «*муҳаббат*» ва монанди онҳоро ба худ тавъам карда наметавонад. Аз ҳамин хотир, ба ҷойи аввал мафҳуми баҳамкашӣ, яъне

тавъамиятро дар илми забоншиносӣ бояд гузошт. Маҳз ҳамон тавъамият аст, ки бе ягон воситаи грамматикӣ сохтани ибораҳои озоди синтаксисиро таъмин менамояд, ки инро дар забоншиносӣ, бо истилоҳи алоқаи ҳамроҳӣ коргузорӣ кардаанд.

Агар маҳз ба масъалаи тавъамияти калимаҳои дохилии ибораро дар миқёси ду забон муқоиса намоем, аён мешавад, ки дар ин ҷабҳа низ тафовутҳои барҷаста ба назар мерасад.

Мисол: Дар забони тоҷикӣ «*дору хӯрдан*» гӯянд, дар забони англисӣ «*to eat the medicine*» намегӯянд, балки «*to take in medicine*» мегӯянд. Ё худ дар забони тоҷикӣ «*дасти касеро фишурдан*» гӯянд, дар англисӣ «*to shake one's hand*» мегӯянд.

Ҳамин тавр, ибораҳои феълӣ аз рӯйи сохти худ ба хелҳои гуногун ҷудо мешавад, зеро онҳо таркибҳои хеле васеъ ва мураккаби синтаксисиро ташкил карда метавонанд. Ин, пеш аз ҳама, ба таснифи феълҳо аз рӯйи характери равонагии амал вобаста аст. Л.С.Бархурдаров аз ин нуқтаи назар феълҳоро ба монда ва гузаранда тақсим карда, ибораҳои феълиро аз таркиби созмониашон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудааст:

1. Ибораҳое, ки ядрояшон ҳам феъли монда ва ҳам феъли гузаранда мешаванд;

2. Ибораҳое, ки ядрояшон як навъи муайяни феъл мебошад, яъне ё танҳо феъли гузаранда, ё ин ки танҳо феъли монда [1, с. 110].

Г.Г.Почепсов феълҳои амалашон равонабударо ба се тақсим кардааст:

1. Феълҳои амалашон равона ба объект, объекту адресат ё танҳо ба адресат: *shook the hand* (равона ба объект); *reminded him of his friend* (равона ба объекту адресат); *telephoned me* (равона ба адресат).

2. Феълҳои амалашон равона ба ҳол: (*put his hat on the table*), объекту адресату ҳол (*to bring me things to the church*), адресату ҳол (*to tell us secretly*).

3. Феълҳо ба худ таркибҳои гуногунро тобеъ кунонида метавонанд ва ин ба валентнокии феъл вобаста мебошад [5, с. 39].

Дар таҳқиқи хусусиятҳои пайвастшавии воҳидҳои забон ва қонуниятҳои ташкилёбии ибора ҳодисаи забонии валентнокӣ мавқеи калон дорад.

Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бо вуҷуди типи аналитикӣ буданашон ибораҳои озоди синтаксисиро ба таври худ созмон медиҳанд. Дар адабиёти забоншиносии англисӣ ин масъала нисбатан хубтару чуқуртар тадқиқ гаштааст. Дар забоншиносии тоҷик нисбатан зиёдтар масоиле мавҷуданд, ки онҳо равшанӣ андохтанро мехоҳанд.

Пеш аз ҳама, ин ба масъалаи комбинаторикаи лексикӣ алоқаманд аст. Комбинаторикаи лексикӣ ин ҳамгироии маънои лексикии таркиби ибора аст. Ин масъала солҳои охир тадқиқ шуда истода бошад ҳам, дар забоншиносии тоҷик он то ҳол ба миён гузошта нашудааст. Маълум аст, ки предмет дорои аломатест, ё он амалиёте мегузаронад, ё аз болои он амалиёт гузаронида мешавад. Як аломат ба як гурӯҳ предметҳо хос асту ба гурӯҳи дигари предметҳо хос нест.

Масалан: *Дарозӣ аломатест, ки хоси предметҳои навъи қалам, мӯй, роҳ ва амсоли онҳост.*

Вале ба предметҳои навъи «*пиёлаи дароз*», «*тӯби дароз*» ва «*осмони дароз*» имконпазир нест. Бинобар он ҳангоми тадқиқи масъалаи созмонёбии ибораҳои озоди синтаксисӣ масъалаи мувофиқати маънои лексикии калимаҳои таркиби ибора ба назар гирифта намешавад ва ин бояд дар мадди аввал бошад, зеро дар марҳилаи аввали ибораосозӣ бояд ҳамгироии маънои лексикии калимаҳои таркиби ибора ба инобат гирифта шавад, дар марҳилаи дуюми ибораосозӣ, ба роҳу воситаҳои грамматикӣ, ба ҳам васл намудани ҷузъҳои ибора таъмин карда шавад.

Чуноне ки маълум аст назарияи валентнокиро аввалин шуда намояндаи равияи структуралистӣ олими франсуз Л.Тенйер дар китоби “Elements de syntaxe structurale” пешниҳод ва коркард намудааст [8, с. 142].

Мувофиқи ақидаи Л.Тенйер, феълҳо (ӯ дар асоси ин гурӯҳи лексикию грамматикӣ назарияи валентнокиро пешниҳод намудааст) хусусиятҳои хоси пайвастшавӣ зоҳир

менамояд, ки мувофиқи маънои мундариҷавии худ метавонанд миқдори муайяни ҷузъҳои тобеъ, яъне иштирокчиёни амалро қабул намоянд. Тенйер валентнокиро танҳо ба феълҳо нисбат менамуд ва худи валентнокӣ дар назарияи ӯ ин миқдори муайяни актантҳо (иштирокчиёни амал), ки ба феълҳо пайваст мешавад, маънидод карда мешавад [8, с. 67].

Аз рӯйи он, ки феъл қобилияти актантгирӣ дорад ё надорад онҳоро ба намудҳои зерин тақсим мекунанд:

1. Феълҳои яквалентӣ ё ки феълҳое, ки актант надоранд.
2. Феълҳои яквалентӣ, ки танҳо як актант гирифта метавонанд.
3. Феълҳои дувалентӣ, ки ду актант доранд.
4. Феълҳои севалентӣ, ки се актант доранд.

Масалан: Феъли *to give – додан* – севалента аст, зеро ки он се иштирокчиро дар назар дорад: 1) касе, ки медиҳад, 2) чизе, ки дода мешавад, 3) касе, ки ба ӯ дода мешавад.

Муайян намудани шумораи актантҳо ба Л.Тенйер имконият дод, ки ӯ хелҳо ва намудҳои ибораҳоро аз ҷиҳати сохтор тавзеъ сохта, имконияти феълҳоро дар ташкили ибораҳо тадқиқ намояд.

Масалан:

I give him a flower. – Ман ба ӯ гул медиҳам.

Назарияи валентнокии Л. Тенйер дар забоншиносии муосир мавқеи мустаҳкам гирифта ташаккули гуногунҷабҳаи худро пайдо намуд, ки он пеш аз ҳама ба мушахаскунии маънои худи мафҳуми валентнокӣ, қонуниятҳои мантиқӣ, семантикӣ ва грамматикаи валентнокии калима, қобилияти валентнокии ҳиссаҳои гуногуни нутқ, инчунин он ба маъно ва шакли валентнокии калима вобаста аст [8, с. 122].

Дар забоншиносии имрӯза мафҳуми валентнокӣ чунин маънидод карда мешавад. Валентнокӣ ин қобилияти феъл ё баъзан дигар ҳиссаҳои нутқест, ки барои дар атрофи худ пайдо намудани ҷойҳои муайян, ки бояд ишғол карда шаванд, имконият фароҳам меоварад. [6, с. 151].

Мафҳуми валентнокӣ дар китоби «Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»-и К.Усмонов чунин маънидод карда шудааст: “Валентнокӣ гуфта кашиши семантикии калимаро меноманд, ки барои пурра кардани маънои он нигаронида шудааст” [9, с. 85].

Одатан ду навъи валентнокиро ҷудо мекунанд:

1. Семантикӣ ё семантикию мантиқӣ.
2. Валентнокии синтаксисӣ.

Дар валентнокии семантикӣ аъзоҳои валентнок, ки ҷойҳои холиро пурра мекунанд, аргумент номида мешаванд ва ҳамон созмон (калимаи валентнок ва аргумент) созмони предикативию аргументӣ номида мешаванд. Агар дар назарияи Л.Тенйер мафҳуми «актант» ин ду сатҳи номбурдаро таҷҷасум кунад, дар назарияи нав ба ду сатҳ: семантикию синтаксисӣ ҷудо кардани валентнокӣ падидаи нав дар илми забоншиносист [8, с. 62].

Методи Ч. Филмор усули тавсифи семантикаи ҷумла чун системаи валентҳои семантикӣ мебошад, ки мувофиқи он алоқаи феъли асосӣ бо нақшаҳои аз маънои ин феъл зоҳиргарданда ва бо калимаҳои номинативӣ (пеш аз ҳама ҷонишин) ифодаёбанда амалӣ мегардад. Аз рӯйи ин усул феълҳо падежҳо ё нақшаҳои мушаххасро талаб менамоянд, ки ба маънои онҳо вобаста аст, масалан феъли *супоридан* нақшаҳо (падежҳо)-и он чи ки *супорида мешавад* ё ин ки объекти таҳвил суроға (адресат) объекте, ки ба ӯ *супорида мешавад* ва предмет ё шахсе, ки амали *супориданро* иҷро менамояд [14, с. 120].

Дар забоншиносии шӯравӣ ва русии ҳозира ба ин назария дар тадқиқотҳои В.Богданов [2], Е.С.Кубрякова [4] таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ч. Филмор [14] вазифаҳо ва ролҳои зерини семантикӣ-аргументиро ҷудо мекунад:

Agent (A) Агент – Барангезандаи ҳодиса;

Counter-agent (C) Контр-агент – Қувваи муқовимат, ки бар зидди он амал анҷом дода мешавад;

Object (O) Объект – объекте, дар натижаи таъсири амали аз субъект сарзананда ҳаракати объект тағйир меёбад;

Result (R) Натиҷа – объекте, ки дар натиҷаи таъсири ягон амал ё ягон чиз ба вуҷуд меояд;

Instrument (I) Инструмент – олоти амал, яъне аргумент ба олоти амал далолат мекунад;

Source **(S)** Сарчашма – ҷое, ки ба он чизе равона карда мешавад;

Experience (E) Таҷриба – чизе, ки дар он таъсири ягон амал ба вуқуъ меояд;

Counter(C) Муқобилият – қувва ё амале, ки ба муқобили он амал нигаронида шудааст.

Julia after a long resistance yielded to the entreaties of her \ brother-in -law and went back to bed. – Пас аз хеле муқобилият Юлия ба хоҳиш ва талаботи бародари шавҳараш гардан фуроварда, ба ҷойхоби худ равон шуд.

Object (O) Объект – дар натиҷаи таъсири амали аз субъект сарзананда ҳаракати объект тағйир меёбад. Масалан:

The Gadfly sent him a letter but there was no answer. – Ғӯрмагас мактубро фиристода буд, лекин то ҳол ҷавоб нагирифта аст.

Result (R) Натиҷа – объекте, ки дар натиҷаи таъсири ягон амал ё ягон чиз ба вуҷуд меояд. Масалан:

Lanny wrote a letter. – Лени мактуб навишт.

Instrument (I) Инструмент- олоти амал, яъне аргумент ба олоти амал далолат мекунад. Масалан:

They went together by car. – Онҳо бо мошин рафтанд.

Source (S) Сарчашма – ҷое, ки ба он чизе равона карда мешавад. Масалан:

The bus picked its way through District six. – Мошин роҳи худро ба райони шашум идома дод.

Experience (E) Таҷриба - чизе, ки дар он таъсири ягон амал ба вуқӯъ меояд. Масалан:

At this moment he killed the man and went out. – Дар ин муддат ӯ мардро кушт ва баромада рафт.

Ҳамин тавр, валентнокӣ гуфта, хусусияти синтаксисии калимаро меноманд, ки мувофиқи он калимаҳо озод буда, талаб мекунанд, ки ин ҷойҳо бо миқдори муайяни калимаҳои аз ҷиҳати шаклу маъно пурра карда шаванд.

Баъзе феълҳо яквалентаанд, яъне онҳо танҳо як калимаро ба худ тобеъ мегардонанд: *to go into the room.*

Ба қатори ибораҳои сода, ки дар онҳо ядро бо феъли яквалента ифода мегардад, дуаъзогиҳое дохил мешаванд, ки ҷузъи бо исм, масдар, ҷонишин, шумора, герундий ифода ёфтаанд. Инчунин навъи ибораҳо дар ҳар ду забон ба истиснои герундий дар забони тоҷикӣ васеъ истифода мешаванд.

Зергурӯҳи якум тавассути алоқаи вобастагии бевосита алоқаманд мешавад. Дар забони тоҷикӣ мисли забони англисӣ ин зергурӯҳ бо ду восита: вобастагӣ ва ҳамроҳӣ созмон меёбад. Масалан:

to see them – V + proun obj

Дар ин намуди ибораҳо ҷузъи асосӣ феъли яквалента буда, ҷузъи тобеъ одатан бо ҷонишин дар падежи объектӣ дар забони англисӣ сохта мешавад. Дар забони тоҷикӣ бошад, ин ибора чунин шакл дорад.

Онҳоро дидан, яъне адъюнкт бо ҷонишини шахсӣ пасоянди -ро мегирад ва дар ҷои аввал меистад, ядро бошад дар ҷои дуюм меистад, дар ин ҷо алоқаи вобастагӣ дида мешавад. Барои муайян кардани сохти ибора дар алоқаи ҳамроҳӣ мо мисоли *to read a book* -ро дар забони англисӣ дида мебароем.

V + N, яъне дар ин намуди ибора ҷузъи асосӣ бо феъл ифода ёфта, адъюнкт бо исм ифода меёбад. Зергурӯҳи дуюм бошад, дар забони англисӣ ҳам тавассути алоқаи вобастагӣ, ҳамроҳӣ ва пешояндӣ созмон меёбад. Ҳол он ки дар забони тоҷикӣ зергурӯҳи дуюм танҳо тибқи пешояндҳо сохта мешавад. Масалан:

to explain them:

Дар алоқаи вобастагии бевосита дар забони англисӣ V + proun obj ҷузъи асосӣ дар ҷои аввал меистад, адъюнкт бо ҷонишин дар падежи объектӣ ифода меёбад. Дар забони тоҷикӣ бошад, дар мисоли *ба онҳо фаҳмонидан* ибора чунин шакл дорад:

prep + proun+V,

Яъне адъюнкт бо пешоянд дар ҷойи аввал ва ҷузъи асосӣ дар ҷои дуюм меистад. Адъюнкт бо ҷонишин ифода ёфтааст.

Дар намуди алоқаи ҳамроҳӣ ду ҷузъ бо пешоянд алоқа зоҳир намуда, ҷузъи тобеъ исм ё ҷонишини ишоратӣ мебошад. Баъзан бо феъли ғайришахс низ ифода меёбад ва сохти он чунин аст:

V + prep +N

Мисол: *to fight for peace – барои сулҳ муборизa бурдан.*

Дар ин мисол ибораи – *барои сулҳ муборизa бурдан* – адъюнкт дар ҷойи аввал пешоянд ва ядро меояд ва сохти он бо забони англисӣ як хел нест, яъне prep +N + V. Намуди дигари валентнокии предикативӣ, ки дар он ҷузъи асосӣ бо феъл ифода меёбад ва предикатсияи пурраро ифода мекунад, ки он дар забони англисӣ тавассути пешоянду масдар ифода меёбад. Масалан:

to try to understand:

V + inf

Дар забони тоҷикӣ он чунин шакл дорад:

Барои фаҳмидан кӯшидан:

prep+ inf + inf

Дигаре дувалента мебошад (ду калимаро ба худ тобеъ мегардонад)

to give him the book.

Яъне он обеъкти грамматикиро талаб мекунад. Истифода набурдани яке аз объектҳои грамматикӣ сабабгори нопуррагии предикатсия мегардад. Агар ибораи *қалам додан – to give a pencil* -ро ба ҷумла ворид созем, он чумла фикри нотамомро ифода мекунад.

Мисол: *ман қалам додам.*

Ҳангоми шунидани чунин ҷумла шунаванда ҳатман талаб мекунад, ки гӯянда ба кӣ додани қаламро низ зикр намояд. Танҳо мавриди зикр кардани адресати амал предикатсияи комил ҳосил мегардад, яъне *ман қаламро ба муаллим додам*, ҷумлаи пурра аст. Аз ин рӯ, *қаламро ба касе додан – to give a pencil to smb* ибораи яклухт шуда метавонад. Сеюмӣ севалентаанд, яъне се калимаро ба худ тобеъ мегардонад: *bring me my thing to the church*.

Камплетив гуфта, он аъзои ҷумларо меноманд, ки маънои хабарро пурра мекунад. Одатан таҳти истилои «камплетив» пуркунанда ва баъзан ҳамроҳкунандае фаҳмида мешавад, ки бе он маънои феъл-хабар нопурра аст. Масалан:

Ӯ мактуб фиристод (камплетив пуркунанда).

Ӯ дар ин ҷо зиндагӣ мекунад (камплетив-ҳол).

He slept soundly (камплектив-ҳол)

Аъзои камплетивӣ ду хел мешавад:

1.Аъзои объектӣ: *to pick roses, to write with a pencil, to think about the journey.*

2.Аъзои квалификативӣ: *to look curiously, to speak frankly*.

Ин ду навъ комплетивҳоро бо ифодаи дигар комплетивӣ объектӣ ва камплетивӣ ҳолӣ номидан мумкин аст. Комплетивӣ объектиро ба ду ҷудо мекунанд:

1. Комплетиви объектии бепешоянд. Дар ин хели комплетив феъл бо объекти худ бевосита алоқа зоҳир менамояд. Мисол: *to watch TV, to draw the design.*

2. Комплетиви объектии пешояндор, ки дар он объекти феъл ба воситаи пешоянд алоқаманд мегардад. Мисол*: to write with a pen; to talk about stars.* Комплетиви квалификативӣ ё ҳолӣ низ ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд, ки ин ба семантика ва вобасташавии онҳо алоқаманд аст:

а. Комплетивҳои нишондиҳандаи аломати амал ё ба ибораи дигар, комплетивҳои ҳоли тарзи амал ва муқоисавӣ. Чунин комплетивҳо аломати амалро ё бевосита ё ба воситаи қиёс нишон медиҳанд. Мисол: *to thank heartily; to speak loudly;*

б. Комплетивҳои ҳолие, ки амалро аз лиҳози шароит ва вазъият шарҳ медиҳанд*: to watch in some humour; to wait here; to come to see; to leave knowing it.*

Аз рӯйи таснифоти Г.Г. Почепсов, ки дар боло оварда шудааст, дидан мумкин аст, ки феълҳо аз рӯйи валентнокии худ метавонанд на танҳо як, балки ду ва ё зиёда комплетив дошта бошанд. Дар мисоли «*to bring me my things»* феъли *«to bring»* ду комплетив дорад, ки ҳар ду ҳам комплетивҳои объектии бепешоянд мебошанд. Комплетивҳои объектӣ метавонанд ба як феъл ҳам бе пешоянд ва ҳам бо пешоянд алоқаманд гашта, онро шарҳ диҳанд: *to tell me about the races.* Ба як феъл метавонанд ду навъ комплетив тобеъ шавад: *to hang the picture on the wall*. Дар ин ибора ҳам комплетиви объектӣ (*the picture*) ва ҳам комплетиви ҳолӣ (*on the wall*) мавҷуд аст. Агар ибораи «*to bring me my things to the church*»-ро таҳлил кунем, аён мегардад, ки дар он ду комплетиви объектӣ ва як комплетиви ҳолӣ мавҷуд аст, ки ин ибораи мураккаби феълӣ мебошад ва комплетивҳо феълро аз ҳар ҷиҳат шарҳ медиҳанд [5, с.19].

Ҳамин тавр, мо масъалаи комбинаторикаи лексикӣ, яъне ҳамгироии маънои лексикии таркиби ибораро дида баромадем, ки он дар забоншиносии тоҷик то ҳол ба миён гузошта нашудааст. Ин алоқаи семантикӣ аввалиндараҷа буда, дар се навъи алоқа ифода меёбад: алоқаи мувофиқат, алоқаи ҳамроҳӣ ва алоқаи вобастагӣ.

Муқарриз: Турсунов Ф.М., д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Рӯйхати адабиёт

1. Бархурдаров Л.С. Структура простого предложения современного английского языка. – М., 1966
2. Богданов, В.В. Семантико-синтаксическая организация предложения / В.В. Богданов. Л.: Просвещение, 1977. – 204 с.
3. Илиш Б.А. Строй современного английского языка. - М-Л.: 1965
4. Кубрякова, Е.С. Лексическая и синтаксическая сочетаемость слова и ее отражение в процессах словообразования / Е.С.Кубрякова // Проблемы сочетаемости слов. Вып. 145. – М.: Наука, 1979. – С. 24-31.
5. Почепцов, Г.Г. О принципах синтагматической классификации глаголов // Филологические науки. 1969. - № 3. – С.18-39.
6. Степанова, М.Д., Хелъбиг, Г. Части речи и проблема валентности в современном немецком языке / М.Д. Степанова, Г. Хельбиг. - М.: Высшая школа, 1978. – 260 с.
7. Таджиев, Д.Т. Способы связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке / Д.Т. Таджиев. –Сталинабад, 1955. – 165 с.
8. Теньер Л. Основы структурного синтаксиса. Пер. с французского. М., 1988.- 128с.
9. Усмонов, К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К. Усмонов. - Душанбе, Хуҷанд: Нури маърифат, 2010. – 236 с.
10. Усмонов, К. Грамматикаи муқоисавии звбонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. / К. Усмонов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – 430 с.
11. Фортунатов, Ф.Ф. О преподавании грамматики русского языка в средней школе. Избранные труды, т.2. – М.: Учпедгиз, 1957. – 471 с.
12. Халилов, А. Ибораҳои изофӣ дар забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1964. – 191 с.
13. Шахматов, А.А. Синтаксис русского языка. – Л., 1941. – 288 с.
14. Fillmore Ch. The Case for Case. – Universals in Linguistic Theory. N.Y., 1968.

15. Kruisinga E. A Handbook of Present-Day English. Part 2. Groningen, 1932. – 218p.
16. Sweet, H. A New English Grammar Logical and Historical. Part 1 / H. Sweet. -Oxford, 1955.- 499 p.

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ВАЛЕНТНОКИИ ФЕЪЛҲО ДАР ИБОРАҲОИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур мавриди яке аз муаммоҳои баҳсталаби илми забоншиносӣ – ибора сухан меравад. Дар мақола фикру андешаҳои забоншиносон роҷеъ ба ибора ва вижагиҳои валентнокии феълҳо дар ибораҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ оварда шудааст. Дар забони англисӣ мавзуи мазкур нисбат ба забони тоҷикӣ васеътару дақиқтар тадқиқ гаштааст.

Дар тадқиқи хусусиятҳои пайвастшавии воҳидҳои забон ва қонуниятҳои ташкилёбии ибора ҳодисаи забонии валентнокӣ мавқеи калон дорад. Валентнокӣ гуфта, хусусияти синтаксисии калимаро меноманд, ки мувофиқи он калимаҳо озод буда, талаб мекунанд, ки ин ҷойҳо бо миқдори муайяни калимаҳои аз ҷиҳати шаклу маъно пурра карда шаванд. Баъзе феълҳо яквалентаанд, яъне онҳо танҳо як калимаро ба худ тобеъ мегардонанд: *to go into the room.*

Ҳамин тавр, зинаи аввали иборасозӣ ин ба инобат гирифтани имконияти ҳамдигаркашӣ, яъне тавъамияти маъноҳои лексикии калимаҳои дохили ибора ба ҳисоб меравад. Ба қатори ибораҳои сода, ки дар онҳо ядро бо феъли яквалента ифода мегардад, дуаъзогиҳое дохил мешаванд, ки ҷузъи бо исм, масдар, ҷонишин, шумора, герундий ифода ёфтаанд.

Дар мақола, инчунин, масъалаи комбинаторикаи лексикӣ, яъне ҳамгироии маънои лексикии таркиби ибораро дида баромадем, ки он дар забоншиносии тоҷик то ҳол ба миён гузошта нашудааст. Ин алоқаи семантикӣ аввалиндараҷа буда, дар се навъи алоқа ифода меёбад: алоқаи мувофиқат, алоқаи ҳамроҳӣ ва алоқаи вобастагӣ.

Калидвожа: *ибора, ибораҳои озоди синтаксисӣ, ибораҳои феълӣ, хусусиятҳои валентнокӣ, комплетив, алоқаи семантикӣ дар ибора, алоқаи мувофиқат, алоқаи ҳамроҳӣ, алоқаи вобастагӣ.*

О НЕКОТОРЫХ ВАЛЕНТНОСТНЫХ СВОЙСТВАХ ГЛАГОЛОВ В СЛОВОСОЧЕТАНИЯХ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье рассматривается одна из дискуссионных проблем лингвистической науки – словосочетание. В статье представлены мнения лингвистов относительно выражения и особенностей валентности глаголов в словосочетаниях английского и таджикского языков. В английском языке данная тема изучена шире и точнее, чем в таджикском языке.

При изучении особенностей сочетаемости языковых единиц и закономерностей формирования словосочетаний занимает большое место языковое явление – валентность Под валентностью понимается синтаксическая особенность слова, согласно которой слова свободны и требуют дополнения этих пространств определенным количеством слов по форме и значению. Некоторые глаголы одновалентны, то есть подчиняют только одно слово: *to go into the room.*

Таким образом, первым этапом образования словосочетаний является учет возможности сочетаемости, то есть сочетаемость лексических значений слов внутри словосочетания. В ряд простых словосочетаний, в которых ядро выражено одновалентным глаголом, есть два члена, компоненты которых представлены существительными, инфинитивами, местоимениями, числительными и герундиями.

В статье также рассмотрен вопрос лексической комбинаторики, то есть интеграции лексического значения состава словосочетания, который еще не поднимался в таджикском языкознании. Эта смысловая связь является первичной и выражается в трех видах связи: связи соглашение, управление и примыкание.

Ключевые слова: *словосочетание, свободные синтаксические словосочетания, глагольные словосочетания, валентностные свойства, комплетив, семантическая связь в словосочетании, согласование, управление, примыкание.*

ON SOME VALENCY PROPERTIES OF VERBS IN ENGLISH AND TAJIK PHRASES

This article discusses one of the debatable problems of linguistics – phrase. The article presents the opinions of linguists regarding the expression and features of the valency of verbs in phrases in English and Tajik languages. In English, this topic has been studied more widely and more accurately than in Tajik.

When studying the features of the compatibility of linguistic units and the patterns of formation of phrases, a linguistic phenomenon - valency - occupies a large place. Valency is understood as a syntactic feature of a word, according to which words are free and require the addition of these spaces with a certain number of words in form and meaning. Some verbs are monovalent, that is, they subordinate only one word: to go into the room.

Thus, the first stage in the formation of phrases is to take into account the possibility of compatibility, that is, the compatibility of the lexical meanings of words within a phrase. In a series of simple phrases, in which the core is expressed by a monovalent verb, there are two members, the components of which are represented by nouns, infinitives, pronouns, numerals and gerunds.

The article also considers the issue of lexical combinations, that is, the integration of the lexical meaning of the composition of a phrase, which has not yet been raised in Tajik linguistics. This semantic connection is primary and is expressed in three types of connection: agreement, government and adjoinment.

Key words: *Phrase, free syntactic phrases, verbal phrases, valency properties, completive, semantic connection in a phrase, agreement, government, adjoinment.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ибрагимова Раъно Абдушукуровна – *Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷ. Нишонӣ: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков 1.* ***E-mail:*** *rano1977@list.ru*

Сведения об авторе: Ибрагимова Раъно Абдушукуровна - *ХГУ им. ак. Б. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры перевода и грамматики английского языка факультета иностранных языков. Адрес: 735700. Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1.* ***E-mail:*** *rano1977@list.ru*

Information about the author: Ibragimova Rano Abdushukurovna - *Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, candidate of philological sciences, docent of the department of translation and grammar of the English language of the faculty of foreign languages. Address; 735700. Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.* ***E-mail:*** *rano1977@list.ru*

ТДУ 809.155.0

КОРБУРДИ АНТРОПОНИМҲО ДАР ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Насруллоев М.Н.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мусаллам аст, ки антропонимия (antopos – одам + onyma – ном ҷузъи ономастика (номшиносӣ) буда, номҳои ашхосро тадқиқ менамояд.

Номҳо муддати дароз диққати олимону муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардаанд. Намуди зоҳирӣ, таърих, тағйироти гуногун, тақсимот ва ҳадафи онҳо аз ҷониби таърихшиносон, адабиётшиносон, равоншиносон, этнографҳо, ҷуғрофидонон ва бештар аз ҷониби забоншиносон омӯхта шудаанд.

Тадқиқи номшиносии тоҷик, аслан, аз солҳои шаст - ҳафтодуми асри бист мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Тайи солҳои охир дар забоншиносии тоҷик оид ба омӯзиши номшиносӣ, махсусан, таҳқиқи номҳо дар осори бадеӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотии назаррасе ба анҷом расидаанд. Таҳқиқи антропонимия аз тарафи Я.Н. Калонтаров, О.Ғ. Ғафуров, Р.О. Ортиқов, Ш. Ҳайдаров, Р. Шоев, Э. Давлатов, Д. Майнусов, Ф. Давлатова ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Доир ба номҳои ашхос аввалин шуда дар забоншиносии тоҷик О. Ғафуров кори таҳқиқотиро ба анҷом расонида, дар асоси тадқиқоти хеш чанд китоб таълиф кардааст. Асари нахустини ӯ ҳанӯз соли 1968 зери унвони «Рассказы об именах» ба табъ расида буд. Дар ин асар муаллиф ба омӯзиши ному лақаби мардуми тоҷик диққати бештар дода, инчунин кӯшидааст, этимологияву пайдоиши баъзе номҳои ҷуғрофиро шарҳу эзоҳ диҳанд. Ҳамзамон, О. Ғафуров дар ин тадқиқоташ саъй кардааст, номҳои аз ҷиҳати таркиби овозӣ наздику якранги забонҳои гуногунро бо ҳам муқоиса намояд.

Яке аз китобҳои муҳимми ӯ ин «Маънои ҳазору як ном» мебошад. Дар ин китоб шарҳу тафсири бештар аз ҳазор номҳои дар ҳаёти имрӯзаи тоҷикон, дар таърих ва адабиёти онҳо дучоршаванда дода шудааст. Дигар китоби О. Ғафуров «Шарҳи исму лақабҳо» мебошад. Дар ин китоб оид ба илми ономастика таъбиру тафсири номҳои хос ва лақабҳо сухан меравад.Забоншинос Р.Шоев дар асараш оид ба миқдори номвожаҳои асари “Самаки айёр” чунин ибрози андеша менамояд: “Андозаи мадорики ономастикии «Самаки айёр», ки маҷмуан ба 960 адад мерасад... Аз ин шумораи умумӣ 793 ному лақаби одам – антропоним (705 номи мардона, 87 номи занона ва як номи шахси хуносо) мебошанд [19, с. 4-5].

С. Абдуллоева доир ба “Ономастикаи “Форснома”-и Ибни Балхӣ” рисолаи илмӣ навишта, перомуни номи одамон ва ҷойномҳо бо таҳлили луғавӣ-маъноӣ ба қабатҳои забонии антропонимҳо ва сохти морфологии онҳо ҷой додааст.Э. Давлатов дар рисолаи хеш ба тадқиқи забонии ономастикаи “Қасас-ул-анбиё” доир ба антропонимия (номи одамон) аз лиҳози калимасозӣ (сода, сохта ва мураккаб) ва вижагиҳои луғавӣ-маъноии онҳо, таҳлили луғавӣ-маъноии топонимия (ҷойномҳо) аз қабили ойконимия, оронимия, комонимия, номҳои худову фариштагон, китобҳо, дарахтон ва ғайра мавриди баррасӣ қарор додааст. Д.Ф.Майнусов (Антропонимҳои «Шоҳнома» – и Абулқосим Фирдавсӣ), С.Х.Қурбонмамадов (поэтонимияи «Шоҳнома»), Ф.Т.Давлатова (Антропонимияи «Таърихи Табарӣ» – и Балъамӣ), Шаҳбози Рустамшо («Таърихи Систон» (ҷанбаи таърихӣ – забоншиносӣ) ва дигарон ба таҳқиқи топониму антропонимияи осори адабӣ ва ҳудудҳои муайян мансубанд, ки мавзуи корҳои илмӣ – таҳқиқотии доманадору васеъ мебошад, зеро онҳо вижагиҳои махсуси исмҳои хосро фаро гирифтаанд.

“Нахустин мушкилие, ки дар маводи антропонимӣ бо он муҳаққиқ рӯ ба рӯ мешавад, ин мушкили таъйинот (индентификатсия) мебошад. Тамоми мавриду ҳолатҳои истифодаи ин ё он номро ошкор намуда, мушаххасан номи як одамро аксаран ғайриимкон аст, ки маънию моҳияти ҳатто сарчашмаи алоҳидаро ҳамчун бутунияти тамоми маҷмуъ дарку фаҳм кард, ҳамчунин метавон тамоми сарчашмаҳои мухталифро низ, ки ин ном вомехӯрад. Муайян

кардани доира ва теъдоди амалиётҳои расмию корӣ, ки тавассути як нафар сурат гирифтаанд, робитаҳои хешии онҳоро мавриди баррасӣ қарор додан, пешрафтҳои вазифавӣ, ҳусни таваҷҷуҳи сиёсӣ ва динӣ – ҳамаи ин ва дигар чизҳоро уҳда ва иҷро кардан, зимни мавҷуд будани таъйиноти дурусти антропонимӣ ғайриимкон мегардад" [2, с.162].

Истилои арабҳо ва дар ин марзу бум густариш ёфтани дини Ислом Эрону Осиёи Миёнаро дар ташаккули антропонимияи тоҷик мақоми чашмрас доранд.

Шоири машҳури тоҷик Лоиқ Шералӣ дар яке аз мақолаҳояш менависад: "Дар номҳои одамон ҳам вазъи таърихи халқ ифода мешавад. Чун арабҳо Осиёи Миёнаро истило карданд ва мардум ба Ислом гаравиданд, чунонки Абулқосим пешгӯйӣ карда буд: "*Чу бо тахт минбар баробар шавад, Ҳама ном Бубакру Умар шавад"*, ҳама номҳои суғдиву паҳлавию сакоиву бохтарӣ ва ғайра ба исмҳои арабӣ бадал шуданд, номҳои юнонӣ, ибронӣ, туркӣ низ тоҷиконро ҳалқапеч карданд. Албатта, ин ҳолати сартосарӣ набудааст. Тоҷикони сарбаланд номи баланди худро ҳам аз шабохуну рӯзохунҳои ҳаводис дифоъ кардаанд" [18, с. 5].

Ҳамин тавр, мо дар асоси таҳқиқоти номшиносон антропонимияи осори Убайди Зокониро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, баррасӣ менамоем:

1. **Номи паёмбарон ва асҳоби эшон**: *Одам, Довуд, Сулаймон, Яъқуб, Юсуф, Мусо, Исо, Муҳаммад (с), Абубакр, Умар, Усмон, Алӣ, Ҳасан, Ҳусейн, Абуҳурайра ...*

Дар адабиёти классикии тоҷику форс, аз ҷумла дар осори Убайди Зоконӣ нисбат ба пайғамбарон, пешвоёни дин муносибати эҳтиромона зоҳир мегардад.

Дигар дар қиссаи ***Одам алайҳиссалом*** *мефармояд, ки ...*[*] [347].

Одам 1. Исми машҳури асотирӣ ва динӣ, нахустинсон, абулбашар, ҳазрати Одам (а), ҷуфти Ҳавво [17, с.18].

Ё магар ***Довуд*** *меҳмон мекунад арвоҳро,*
К-аз забони ӯ ба ҳар гӯше салое мерасад [261].

Довуд (Dāvud) – аз яҳудии қадим **Давид** "маҳбуб, азиз, меҳрубон" аз паёмбарони бани Исроил [15, саҳ. 53].

Антропоними Довуд (Dāvud) аз ҷиҳати сохт сода буда, маъноях «маҳбуб» мебошад ва дар осори адиб чаҳор маротиба мушоҳида гардид.

Дар масканат чу пайрави ***Салмон*** *намешавем,*
Дар салтанат ба ҷоҳи ***Сулаймон*** *намерасем* [249].

Салмон – номи яке аз асҳоби расулуллоҳ салаллоҳу алайҳӣ ва олиҳи ва саллама, ки ӯро **Салмони Форсӣ** гуфтандӣ (аз "Муайид") [7, саҳ. 434].

Сулаймон ҳамон Саламони яҳудист, ки маъноии «солеҳ»-ро доштааст [15, саҳ. 138].

Ба ***Юсуф*** *баркушояд чашм* ***Яъқуб****,*
Ба Ромин барнамояд Вис маҳбуб [292].

Яъқуб (Ya′gub) – арабишуда аз забони яҳудии қадим **Иаков** "пайрав, азпайраванда, аз пай ё из рафтан"; номи яке аз пайғамбарони *Банӣ Исроил (Bani Isrāil)* (яҳудиён), падари *Юсуф (Yusuf)* омадааст [15, саҳ. 182; 17, саҳ. 693].

Гуфт: ***Исо*** *мурдагонро зинда мекард, вале* ***Мусо*** *мардеро бидид ва ӯро ба зарбат муште бияфканд ва он мард мурд* [409-410].

Исо – арабишуда аз яҳудии қадим **Исус**, "ҳадяи Худованд"; номи яке аз Паёмбарон [15, саҳ. 69].

Ман онам, ки Худои таоло аз бузургии ман маро чанд ҷо дар Қуръони маҷид ёд фармуда, яке дар қиссаи ***Мусо алаҳиссалом*** *мефармояд...* [347].

Мусо *(Muso)* – аз яҳудии қадим **Моисей** "аз об кашидашуда" номи паёмбари бани Исроил [15, саҳ. 102]; аз рӯйи ривоятҳои динии яҳудиён Мусоро баъди зоида шуданаш гӯё ба қуттие андохта, ба дарё сар додаанд. Баъди аз мавҷи дарё берун овардан, ӯро ба ҳамин

[*] Убайди Зоконӣ. Куллиёти Убайди Зоконӣ. – Теҳрон: Заввор, 1384.- 548 саҳ. Минбаъд мисолҳо аз ҳамин асар оварда шуда, саҳифаҳо дар қавс нишон дода мешавад.

муносибат гӯё Моше, яъне «баровардашуда» номида будаанд. Аммо ин шарҳи қадим нуқсонҳои ҷиддӣ дорад. Номи Моше дар асоси луғоти ибронӣ шарҳ дода шудааст ва ҳол он ки пайғамбари навзодро мувофиқи ҳамон ривоят яҳудиён не, балки мисриён халос кардаанд. Худ аз худ маълум аст, ки мисриён яҳудӣ будани кӯдакро намедонистанд ва аз ҳамин сабаб ба ӯ номи ибронӣ ҳам дода наметавонистанд.

Ба қавли тадқиқотчиёни Таврот ва таърихи дини яҳудиён, агар ҳамин ривоят ягон асоси ҳақиқӣ дошта бошад, пас номи Мӯсо бояд дар заминаи мисрии қадим шарҳ дода шавад. Шояд номи Мӯсо (Моше) аз калимаи мисрии **мессу** «кӯдак» гирифта шуда бошад, мегӯянд онҳо.

Лекин шакли дигари ин ном, ки бештар дар байни яҳудиёни маҳаллӣ маъмул аст, яъне Мошияҳ, моро ба тафсири дигар водор мекунад. Умуман, ҷузъи як аломати он мебошад, ки ҳамин ном ба худои яҳудиён Яҳве бахшида шудааст [6, саҳ. 88].

Барбод рафт хирмани куффор хоксор,
Чун баркашид ханҷари оташфишон ***Умар*** [85].
Хулди барин нишеман ***Усмон*** *боҳаёст,*
Ҷанноти адн мискини ***Усмон*** *боҳаёст* [85].
... ва ***Расул алаҳиссалом*** *бар номи ман тасбеҳ кардааст* [347].
Шахсе шикояти дигаре мекард ва уюби ӯ бо ***Амиралмуъминин Ҳасан ибни Алӣ*** *мегуфт.* ***Амиралмуъминин Алӣ*** *бо писар гуфт ...* [46].
Ҳар гоҳ касе гаронҷонӣ мекард ***Абуҳурайра*** *мегуфт* [425].
Даллол аз ӯ пурсид, ки номи ту чист? Гуфт: ***Абубакр****. Номи падарат чист? Гуфт:* ***Умар****. Номи ҷаддат? Гуфт:* ***Усмон*** [430].

Абубакри Сиддиқ – мураккаб аз абу (падар, соҳиб) +бакр (тару тоза): **маъно:** соҳиби чизҳои тару тоза, тару тозадор; номи якуми Хулафои рошиддин [15, саҳ. 15] номи пурааш Абдуллоҳ ибни Абиқуҳофа, халифа, яке аз чор ёр, падарарӯси Муҳаммади пайғамбар (падари Оиша). Савдогари калон. Аз қабилаи қурайши Макка буда, пеш аз Ислом Абдулот (“лот” - бут) ном дошт. Баъди қабули дини Ислом Абдуллоҳ ном гирифт... баъди вафоти Муҳаммад халифа шуд [20, с. 32].

Умрон *номеро дар Қум мезаданд. Яке гуфт: Чун* ***Умар*** *нест, чарош мезанед? Гуфтанд: «****Умар*** *аст ва алифу нуни* ***Усмон*** *ҳам дорад»*

Умар номи қадимтарини арабӣ буда, маъноияш чандон равшан нест. Шояд ба мазмуни «зинда» меомада бошад [6, с. 135]; ҷонсахт, пойдор, устувор; бобақо, фаромӯшнашаванда, безавол; номи дуюмин халифа аз хулафои рошиддин .- Умар бинни Хаттоб [15, с. 143].

Усмон – яке аз номҳои қадимтарини арабӣ буда, сабаби дар байни мусулмонони ғайри араб интишор шуданаш он аст, ки ин ном ба халифаи сеюм Усмон ибни Аффон тааллуқ дошт. Маънои исми Усмон чандон равшан нест. Луғатшиноси араб Ибни Дурайд онро ба маънои «ҷобир» яъне «шикастабанд» шарҳ медиҳад [6, с. 135].

Алӣ – ба маънии баланд; ва номи Ҳақ таоло; ва номи халифаи чаҳорум карамаллоҳу ваҷҳаҳу [8, с. 75].

Гуфтанд: чандум халифа буд? Гуфт: ман халифа надонам, он аст, ки ***Ҳусейн*** *ӯро дар дашти Карбало шаҳид кардааст* [443].

Ҳусейн – дар забони арабӣ шакли мусағғари номи Ҳасан аст. Маъноияш «Ҳасани хурдӣ» мешавад [6, с. 172].

Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо бармеояд, ки дар осори Убайди Зоконӣ номи паёмбарон ва асҳоби эшон фаровон ба назар мерсад. Адиб дар рисолаи “Дилкушо” номи асҳоби паёмбар – (Абубакр, Умар, Усмон ва Алӣ)-ро ҷо-ҷое дар шакли танз истифода намудааст. Номи оилавӣ ва авлодӣ, асосан бо ёрии вожаҳои **ибн, бин** сохта шудаанд.

2. Номи шахсони таърихӣ-воқеӣ (реалионим)

Ба қавли М.Н.Қосимова: “Антропонимҳо ахбору маълумотеро дар бар мегиранд, ки дар ному насаб ва нажоди ашхос маҳфуз аст. Дар номи ашхос хислату хусусияти инсон, алоқамандӣ (мансубият)-и ӯ бо волидайн, оила, авлод муайян мегардад” [10, с. 116].

Дар осори Убайди Зоконӣ чунин реалионимҳо мушоҳида гардид: *Афлотун, Арасту (Аристотолис), Анушервон ибни Кисро, Қайсар, Султон Увайси Қаранӣ, Себуя ...*

*То дар ин рӯзгор, ки таърихи ҳичрат ба 750 расид, аз васияте, ки султони ҳукамо [**Афлотун**] аз барои шогирди худ **Аристотолис** навиштааст ва [Ягонаи рӯзгор] **Хоҷа Насриддини Тӯсӣ** раҳимуллоҳ онро аз забони юнонӣ ба иборати порсӣ тарҷума карда ва дар зайли «Ахлоқи носирӣ» сабт гардонида, бо пандномае, ки подшоҳи олам **Анӯшервон ибни [Кисро] Қубод** фармуд, ки бар тоҷи мурассаъ навиштанд ва ҳар ҳафта онро бар самъи хавосу авом расонидандӣ, мутолаа афтод, хотирро ба он насоеҳ рағбате тамом пайдо шуд* [379].

***Анӯшервон** рӯзе ба додрасӣ нишаста буд* [409].

*Амрадони мастро чу хуфта дарёбед, дарҳол [...] то бедор нашаванд ва фурсати фавт нашавад, ки **Афлотун** гуфтааст...* [382].

Афлотун – номи ҳакими машҳури Юнони қадим [1, с.35].

Аристотолис – ҳакими қадимии машҳури Юнонӣ [1, с. 32].

Анӯшервон – [ANUŠERVON] мураккаб аз анӯш + ервон –урван – раувон – райвон (ҷон); дорои равони ҷовидон; ҳамешахурраму масрур; шакли куҳани номи Нӯшервони Одил; подшоҳи сулолаи Сосониён [15, с. 25].

Қубод – <ав. Kavat, ф.қ. ва ф.м. Kuvat// Kuykuvāt> Kaykubod, ф.н. Qubod// Kayqubod “шоҳи маҳбуб”, “барҳақ”, “шоҳи одилу барҳақ”, номи яке аз подшоҳони каёнӣ дар “Авасто” ва “Шоҳнома”, номи яке аз подшоҳони Сосонӣ [2, с. 194].

Анӯшервон ибни [Кисро] Қубод дар мисоли овардашуда ба маънои подшоҳи салтанати Сосониён омадааст.

*Дасташ зи Макка гардани **Қайсар** бизад ба Рум,*
Чун гашт бар мамолики дин қаҳрамон Умар [88].

Қайсар - 1. Лақаби подшоҳони қадимии Рим. 2. Лақаби подшоҳони асри охирини Германия [1, с. 510].

Убайди Зоконӣ дар осораш аз шахсони таърихӣ ба некӣ ёд мекунад. Аз андешаҳои эшон иқтибос меорад ва ба онҳо дуруд мефиристад. Бояд тазаккур дод, ки адиб нисбат ба шахсиятҳое, ки бо корҳои некашон машҳур гардидаанд, эҳтиром қоил аст.

3. Номи ҳокимону ашрофзодагон: *Ҳорунаррашид, Кисро, Муовия, Язид, Маҳдӣ, Чингизхон...*

Мусаллам аст, ки таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз вожагони иқтибосии арабӣ бой аст ва қисми асосии онҳоро номвожаҳои арабӣ ташкил медиҳанд. Имрӯзҳо низ номвожаҳои арабӣ дар номгузории забони адабии тоҷикӣ пештозанд.

Ба қавли Ҷ.Алимӣ: “Ҷараёни ба таркиби луғавии антропонимҳои тоҷикон дохил шудани вожаву номҳои арабӣ, ки теъдоди бештари вожаву номҳои иқтибосиро ташкил медиҳанд, аз асрҳои VII-VIII, яъне аз давраи Мовароуннаҳру Хуросонро истило кардани арабҳо оғоз ёфта, то Инқилоби Октябр давом кардааст” [2, с. 205].

***Ҳорунаррашид** аз канизаке вақоъ хост* [417].

Ҳорунаррашид – халифаи панҷум аз сулолаи Аббосиён. Бо ёрии вазирони оли Бармакиён намояндагони ашрофи феодалии Эрон ба сари ҳокимият омадааст... Ҳарчанд нақлу ривоятҳои “Ҳазору як шаб” Ҳорунаррашидро ҳамчун халифаи одил машҳур гардонида бошад ҳам, дар асл басе золим будааст. Масалан, Ҳорунаррашид тамоми намояндагони хонадони Бармакиёнро беасос кушта, молу мулкашонро мусодира намуд [22, саҳ. 406].

*Рӯзе **Маъмун**ро аз ӯ ёд омад, бифармуд, то ӯро ҳозир карданд, пурсид, ки ҳамчунон пеши ту Ҷабраил пеши ту меояд?* [445].

Маъмун – номи яке аз халифаҳои Аббосӣ, писари Ҳорунаррашид [12, саҳ. 665].

Муовия *ба ҳилм маъруф буд ва касе натавониста буд ӯро хашмгин созад [411].*

Муовия ибни Абусуфён – асосгузори сулолаи Уммавиён дар хилофати араб. Муовия яке аз котибони Муҳаммад пайғамбар будааст... Нахустин халифае буд, ки дар хилофати араб барид (почта)-ро ҷорӣ кард [21, саҳ. 554].

Абуязид *гуфт: дере буд, зане намеёфтам, ки ... маро таҳаммул тавонад [423].*

Язид ибни Муовия – (Солҳои ҳукмрониаш 60/680-64/683) халифаи дуюми уммавӣ.

Язид – номи яке аз халифаҳои Бани Умайя, писари Муовия, ки набераи Муҳаммад пайғамбар – Ҳусайн ибни Алӣ дар дашти Карбало бо фармони ӯ кушта шуд [13, с. 628].

Ҳорунаррашид бо ***Ҷаъфари Бармакӣ*** *ба бустон мешуд, пиреро бар харе савор дод, ки чашмаш об медод* [423].

Маҳдӣ халифа *дар шикор аз лашкар ҷудо монд, шаб ба хонаи аъробие расид* [431].

Махдӣ – дар забони арабӣ ба маънои «ба ҳидояти Худо амалкунанда, баргузидаи Худо меояд» [6, с. 78].

Халаф *ном ҳокиме дар Хуросон буд* [437].

Чингизхон*, ки имрӯз ба кӯрии аъдо дар дарки асфал муқтадо ва пешвои муғулони аввалин ва охирин аст* [46].

Чингиз дар муғулии қадим ба маънои «бузург ва тавоно» меомадааст [6, саҳ. 152].

Дар таворихи муғул ворид аст, ки ***Ҳалокухон****ро чун БаҒдод мусаххар шуд, ҷамъеро, ки аз шамшер боз монда буданд, фармуд, то ҳозир карданд* [46].

... ва хонадони ***Ҳалокухон*** *ва масоии ӯ дар сари нийяти* ***Абусаид*** *рафт* [46].

Абусаид – дар асари мондагори аллома Бобоҷон Ғафуров – "Тоҷикон" оид ба давраи ҳокимияти турку муғул маълумоти муфассал оварда шудааст. Хусусан, замони ҳокимияти Ҳалокухон, Абусаид ва машҳури онҳо Ҳусайни Бойқаро дар осори Убайди Зоконӣ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, "Дар давраи ҳукмронии султон Абусаид (1451-1469) ҳаёти илмӣ ва адабӣ ру ба таназзул ниҳода, ба ивази он таассуби динӣ ривоҷ гирифт, нуфузи руҳониёни иртиҷоъпараст ва пайравони дарвешия беш аз пеш афзуд. На фақат Самарқанду Бухоро, балки тамоми Мовароуннаҳр аҳаммияти худро ҳамчун мамлакати пешқадами шарқ аз даст дод [4, с. 546].

Мовароуннаҳр аз соли 1469 ба дасти фарзандони султон Абусаид гузашт ва Хуросон ба ихтиёри авлоди Умаршайх қарор гирифт. Бузургтарин намояндаи ин хонадон Султон Ҳусайн ибни Мансур ибни Бойқаро буд, ки дар Ҳирот ҳокимияти қавии худро барқарор намуда, муддати чил сол салтанат ронд [4, С. 547].

Абдураззоқи Самарқандӣ, ки давомдиҳандаи корҳои вай аст, бо унвони «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» китобе навишт, ки аз вақти таваллуди Абусаиди Ҳулокуӣ то Абусаиди Темурӣ, яъне воқеаҳои таърихии байни солҳои 1304 ва 1469-ро дарбар мегирад [4, С. 577].

Аз баррасии фасли мазкур бармеояд, ки бештари номвожаҳо иқтибосиянд. Бештари онро номи ҳокимони араб ва турку муғул ташкил медиҳанд.

4. Номи адибон

Убайди Зоконӣ чун анъана мисли дигар адибони классик дар мақтаи ғазалҳояш номашро зикр менамояд. Номи хешро дар бештари муқаддимаи рисолаҳояш низ ҷой додааст. Аз ин рӯ, бо овардани як мисол иктифо мекунем.

Ҳаст ин қиссаи аҷибу ғариб

Ёдгори ***Убайди Зоконо*** [363].

Абунувос *мастеро бидиду аз дидани ҳолати ӯ ба ҳайрат шуд ва аз ҳаракоташ бихандид* [417].

Абунувос - ал-Ҳасан ибни Ҳонӣ (747-814) – шоири эронинажоди араб. Дар хурдӣ ба Басра, Миср, Димишқ сафар карда, баъд ба дарбори халифаҳои Аббосӣ – Ҳорунаррашид ва фарзанди ӯ – Амин меояд ва қисми зиёди умрашро дар ин ҷо мегузаронад [20, С. 34].

Мавлоно Қутбиддин ба роҳе мегузашт. ***Шайх Саъди****ро дид, ки шоша карду ...* [434].

*Чора сабр аст, зи **Саъдӣ** бишунав панд, **Убайд**,*
«Саъдӣ, имрӯз таҳаммул куну фардои дигар» [82].

Саъдии Шерозӣ - бузургтарин адиби ғазалсарои адабиёти форсии тоҷикӣ Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ (1184-1292) мебошад, ки ҳам дар назм ва ҳам наср Убайди Зоконӣ ба ӯ бештар пайравӣ намудааст. Хусусан, рисолаи "Дилкушо"-и Убайди Зоконӣ дар пайравӣ ба "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ иншо гардидааст.

«Дар таърихи адабиёти Эрон Убайд нахустин касест, ки ба сабки хос ба интиқоди авзои иҷтимоӣ пардохта ва ба ин шакл рисолате нигоштааст. Бинобар ин, ифтихори эҷоди интиқоди иҷтимоӣ дар адабиёти Эрон асосан Убайди Зоконӣ аст. Насри Убайд хеле равону ширин ва мустаҳкам аст. Убайди Зоконӣ дар насрнависӣ пайрави Саъдист. Дар достонҳои ӯ, дар пандҳои ӯ, ба таври хулоса дар насри адиб ба заҳмате метавон як калимаи зиёдатӣ пайдо кард. Қудрат ва маҳорати Убайд дар наср ба қадре ошкор аст, ки ҷуз Саъдӣ фасеҳтар аз ӯ суроғ надорем. Муқаллидони дигари Саъдӣ ҳунари ӯро дарнаёфта буданд» [23, с. 5].

Бути тавсанмизоҷ аз бадлигомӣ
*Ба оине, ки мегӯяд **Низомӣ*** [85].

Низомӣ – Низомии Ганҷавӣ шоири номвари тоҷику форси асри XIII мебошад. Зода ва парвардаи Ганҷаи Озарбойҷон Низомии Ганҷавӣ аз бузургтарин устодони каломи бадеъи форсӣ-тоҷикӣ ба шумор рафта, «Хамса»-и дилписанду бегазанди ӯ аз шоҳкорҳои фарҳанги тоҷику форс эътироф гардидааст.

Убайди Зоконӣ ба Низомии Ганҷавӣ эҳтиромі хос дошта, чаҳор маротиба дар осораш ёд мекунад ва як байт ҳам аз эҷоди ӯ ҷой додааст.

5. Номи қаҳрамонҳои асар ва ё номҳои шартӣ

Номҳои қаҳрамонони «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар осори Убайди Зоконӣ ёдрас шудааст. Мисол:

*Гарат **Кайхусраву Ҷамшед** ном аст*
В-арат халқи ҷаҳон яксар ғулом аст [85].

Ҷамшед – ав. Yima xšaēta, ф.қ. Yima xša, ф.м. ва ф.н. Jamšed [Yima "ҳамзод", "ҷамъ", xšaēta "нур"] айн. "ҳамзоди нур", "ҷамъи нур". Бинобар ривояти "Авасто" ва "Шоҳнома" ҳукмрони одил ва тараққидиҳандаи ҷаҳон, нақотдиҳандаи халқҳо аз офат мебошад [2, саҳ. 197-198].

Ба ҳаққи суҳбати деринаи мо,
*Ба ҳусни **Юсуф**у ҳузни **Зулайхо*** [88].
Хок ҳамон аст, ки бар бод дод
*Тахти Сулаймону сарири **Қубод**.*
Чарх ҳамон аст, ки бар хок рехт
*Хуни **Сиёвуш**у сари **Кайқубод*** [250].

Сиёвуш ав. Syāvarśan, [аз **Syāva** "сиёҳ" ва **arśan** "нар", "мард"] ф.м. ва ф.н. Syāvaxś – Syāvuś – Siyovuś. Замрае аз олимон Сиёвушро "дорандаи аспи сиёҳ", "сиёҳчашм" маънидод кардаанд, вале таҳлили этимологии шакли авестоии ном моро бештар ба он водор месозад, ки Сиёвушро ба маънии "марди сиёҳчеҳра", "сиёваш", "сиёҳҷурда" (сабзина) бипазирем [2, с. 196]; (Siyovush)– аз авастоии **Сйаваршан** ва паҳлавии **Сиёвахш**; дорандаи аспи сиёҳ; соҳиби аспи қаҳваранг, сиёҳчашм [15, с. 135].

***Мансури Ҳаллоҷ**ро чун бар дор ҳамекарданд, гуфт ...* [88].
*Дили **Маҷнун** зи **Лайлӣ** ком гирад,*
***Сикандар** з-оби ҳайвон ҷом гирад.*
*Ба **Ширин** даррасад бечора **Фарҳод**,*
*Парирӯ рӯй бинмояд ба **Гулшод**.*
*Зи **Узро** ҷони **Вомиқ** тоза гардад,*
Чу ғам шодиш беандоза гардад.

Вомиқ - 1. Дӯстдоранда. 2. Номи қаҳрамони достони «Вомиқу Азро» [16, саҳ. 283; 12, саҳ. 240].

Узро - духтар, дӯшиза; бокира, афифа [12, с. 48].

Вомиқу Узро номи қаҳрамонҳои асосии асари "Вомиқу Узро" мебошанд, ки адиб дар асараш ҷой додааст.

*Нишинад шод бо **Гулчеҳр Авранг**,*

Ба дасте гул, ба дасте ҷоми гулранг [85].

Гулчеҳр – духтари чеҳрааш зебо, чун гул латиф ва нозук [14, саҳ. 50].

Авранг – тахти подшоҳӣ. Аврангу сарир – ҳарду ҳам ба маънии тахт [1, саҳ. 24].

Авранг – ошиқи Гулчеҳр [15, с. 17].

***Ал-яъҷуҷ ва-л-маъҷуҷ** – қавми туркон, ки ба вилояте мутаваҷҷеҳ шаванд* [46].

*Убайд аз давлати **Хусрав** дар ин фасл*

*Бинои айши **Ширин** мекунад боз* [264].

***Фарҳодро**, ки бо лаби **Ширин** тааллуқ аст,*

Рағбат ба нӯшдоруву ҳоҷат ба қанд нест [230].

Фарҳод – ф.м. Frahāt, ф.н. Farhod [аз **Fra** "нур", "шукуҳ", "зебо" ва **hat** "додан"] нурдиҳанда, "шукуҳбахш", номи панҷ тан аз подшоҳони Порт [2, саҳ. 200].

Бояд тазаккур дод, ки дар мисоли овардашуда номи қаҳрамони асари бадеӣ - "Хусрав ва Ширин"зикр кардааст.

***Абулъино** бар суфрае нишаст* [410].

*Рӯзе **Ҷуҳо** барои хариди дарозгӯше ба бозори молфурӯшон мерафт* [410].

*Султон Маҳмуд рӯзе дар ғазаб буд. **Талҳак** хост, ки ӯро аз он маломат берун оварад* [439].

***Ибода**ро гуфтанд: хоҳарат аз шӯйи хеш ба мерос чӣ бурд?* [411].

Номвожаҳои **Ҷуҳо, Султон Маҳмуд, Талҳак, Ибода, Ҷамоз** дар мисолҳои овардашуда ба сифати номи қаҳрамони асари бадеӣ истифода шудааст.

***Шайх Бадриддин соҳиб** мардеро бо ду зеборӯй бидид ва гуфт: исмат чист? Он мард гуфт: **Абдулвоҳид**. Гуфт: ту ин дуро яла кун, ки ман **Абдулиснайн** ва ҳар дуро бандаам* [414].

Абдулвоҳид (Бандаи якто) – номи мазкур дар замони мо низ маъмул мебошад ва ба маънои бандаи якто омадааст. Адиб дар муқобили **Абдулвоҳид** номи **Абдулиснайн (Бандаи ду)** ба хотири ифодаи фикр, ки маънои "бандаи ду"-ро дорост, овардааст.

*Бонг бар ман зад, ки ҳей, моро намешиносӣ? Маро **Ришуддин Абулмаҳосин** гӯянд* [347].

Аз мисолҳои овардашуда маълум мегардад, ки Убайди Зоконӣ бо сохтани номҳои шартии ҳаҷвомез осорашро зеб додааст. Дар рисолаи "Ришнома" номи қаҳрамони асар ***Ришуддин Абулмаҳосин*** (Риши дин Падари Ҳусн) мебошад, ки дар шакли мунозира риш худро таърифу тавсиф мекунад.

*Гуфт: **Шодӣ**! Аспро об деҳ* [436].

*Бозаргоне зане хушсурат **Зуҳра** ном дошт* [459].

*Розӣ чун даст дар ҳалқаи Каъба зад гуфт: Худоё, ба шукронаи ин ки маро ин ҷо овардӣ "**Булён**"-у "**Бунафша**"-ро аз моли худ озод кардам. Гелонӣ чун ҳалқа бигрифт, гуфт: бад-ин шукрона "**Муборак**"-у "**Сунқар**"-ро озод кардам* [440].

Дар мисолҳои овардашуда адиб номҳои шартии канизакон ва ғуломоне ба монанди **Шодӣ, Зуҳра, Булён, Бунафша, Муборак** ва **Сунқар** -ро ҷой додааст.

6. Номи тахаллус, куния, лақаб ва номҳои ифтихорӣ (криптоним)

Тадқиқи бисёрҷанбаи лақаб ва тахаллусу исмҳои ифтихорӣ аз солҳои ҳафтодуми асри XX оғоз гардида, дар ин масъала дар забоншиносии тоҷик аз ҷониби муҳаққиқони соҳа кам ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Тахаллус, куния, лақаб ва номҳои ифтихорӣ бе сабабе гузошта намешавад, ҳатман омиле, амале, ҳолату ҳаракате, ҳодисаву воқеае сабаб мешаваду ба як шахс номи ифтихорӣ ё тахаллусу лақаб мегузоранд. **"**Лақаб – номи дуюме, ки ба

тариқи ифтихор, мадҳ ё ҳаҷву мазаммат ба номи аслии касе илова карда мешавад ё ҷойи аслии ӯро мегирад. Лақабро ба одам мегузоранд. Дар ин маънӣ лақаб аз тахаллус, ки онро худи шоир ё нависанда интихоб мекунад, фарқ дорад. Дар лақабгузорӣ, одатан, хусусиятҳои ботинӣ ва зоҳирии инсон ба ҳисоб гирифта мешавад" [3, с. 180; 1, с. 181].

Ба қавли О.Ғафуров: "Аввалин лақабҳои фахрӣ, ки дар бисёр мавридҳо ба ҷойи исм кор фармуда мешуданд, дар аҳди Аббосиён пайдо шуданд" [5, саҳ. 14].

Р.Шоев дар тадқиқоти хеш лақабҳоро аз нигоҳи истеъмол ва баромад ба ду қисмати асосӣ тасниф намудааст: а) лақабҳое, ки аз байни халқ мебароянд; б) лақабҳои ифтихорӣ, ки аз тарафи зимомдорон тақдим карда мешуданд [19, с. 46]. Ҳамчунин, мавсуф дар бораи пайдоиш ва зуҳури суннати лақабгузории гурӯҳи дуюм ишора карда мегӯяд, ки: "лақабҳои гурӯҳи дуюм дар забони тоҷикӣ ҳанӯз аз асрҳои IX маъмуланд ва идомаи он хеле тулонист" [19, с. 46].

Номҳои одамон ва ё исмҳои хос нисбатан мустақилона интихоб карда мешаванд. Ном, насаб ва номи падар воҳидҳои ҳосилшуда буда, аз робитаҳои оилавӣ ва гурӯҳӣ ба вуҷуд меоянд. Лақаб, тахаллус ва амсоли инҳо мақоми номи иловагӣ доранд, на номи асосӣ, бештари аъзои ҷомеаи этнолингвистӣ онҳоро надоранд. Лақабҳо ва андронимҳоро худи шахс интихоб намекунад, балки аз ҷониби шахсони дигар, онҳо тавассути тамос бо интиқолдиҳанда ё танҳо ғойибона татбиқ карда мешаванд. Тахаллус, лақаб ва криптонимҳоро худи шахс бо сабабҳои гуногун интихоб карда метавонад.

Зимни омӯзиши номҳои ашхос дар осори Убайди Зоконӣ ба исмҳои хос вохӯрдем, ки онҳоро тахаллус, лақаб, куния ва ё номи ифтихорӣ ном мебаранд. Аз қабили, *Масеҳ, Малакулмавт, Зулқарнайн, Расул, Мустафо, Сиддиқ ...*

Малакулмавт *– соқии бориш* [76].

Малакулмавт - фариштаи аҷал, фариштаи марг, фариштае, ки мутасаддии гирифтани ҷон аст, Азроил (а) [12, с. 627].

Зулқарнайн *– он кӣ ду зан дорад* [76].

Зулқарнайн/Зилқарнайн – дорои ду шох, душоха; лақаби Искандари Мақдунӣ [1, саҳ. 462].

Дар мисоли овардашуда адиб мефармояд, ки ҳар касе ки ду зан дорад душоха аст.

Гӯиё дорад зи инъомаш ***Масеҳо*** *баҳрае,*

К-аз дами ӯ дардмандонро давое мерасад [261].

Масеҳ – дӯст ва бисёр паймоишкунандаи замин; (ба муносибати ин ду маънӣ лақаби Исо (а) пайдо шудааст, зеро ки дӯсти Ҳақ буданд ва аз боиси таҷарруд аксар ба сайругашт); ва ба маънии дурӯггӯ; ва ба маънии он ки як чашму як абрӯ надошта бошад; ба муносибати ин ду маънӣ лақаби Даҷҷол низ аст. Аммо ҷойи дигар лақаби Даҷҷолро **Миссиҳ** гуфтанд, ки дар вазни сиккин аст (ба маънии корд); **Масеҳ** бошад, бар вазни саҳеҳ омадааст ба маънии пораи нуқраву зари бесикка, ки сиккааш фарсуда шуда бошад [8, саҳ. 260].

Хуррам касе, ки бо ту кунад ошноӣ,

В-аз нури ***Мустафо*** *расадаш рӯшноӣ [85].*

Мустафо – баргузида, сара, мақбул, писандида; интихобшуда, мунтахаб, софкардашуда; лақаби Пайғамбар (с) [15, с. 97].

Расул *мефармояд, ки «Ал-ҳаёу мин-ал-имон»* [82].

Расул – 1. Фиристода, қосид. 2. Пайғамбар, паёмбар; **расули Акрам** (с) унвони Муҳаммад(с), пайғамбар (с) [17, с. 153].

Хушвақт он ки ошиқ ***Сиддиқи акбар*** *аст,*

Дар роҳи дин мувофиқ ***Сиддиқи акбар*** *аст* [85].

Сиддиқ – марди бисёр ростгӯй, садоқатманд; боваркунанда, имоновaранда ба Худо, он ки ба Худо садоқат дорад; лақаби Юсуф писари Яъқуб ва Абубакр – халифаи якуми Муҳаммад пайғамбар (с) [17, с. 335].

Маълум, ки таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз калимаҳои иқтибосии арабӣ бой мебошад ва қисме аз онҳо ба вазифаи исмҳои шахс низ истифода мешаванд.

*Зи ашъори **Ҳумом** ин назми дилсӯз*

Адо кун пеши он моҳи дилафрӯз [85].

Ҳумом – тахаллуси шоири муосири шайх Саъдӣ. Меҳтари қавм, сардори қабила [1, с. 544].

Чунонки маълум гашт, тахаллус, лақаб ва номҳои ифтихории осори Убайди Зокониро бештар номвожаҳои арабӣ ва ба ашхоси марбут ба дин буда ташкил медиҳанд.

7. Номи халқ, қавму қабила мансубияти шахс ба қавму минтақа (этнохороним)

Номи мансубияти шахс ба қавму қабила, миллату шаҳр ва ягон равияро бо истилоҳи этнохороним ифода мекунанд. Бояд тазаккур дод, ки дар антропонимҳо ба кадом халқу миллат, қавму қабила мансуб будан, касбу кор ва машғулияту ихтисос, мансубияти шахс ба ягон кишвар, вилоят, шаҳру деҳот, мансубияти шахс ба ин ё он табақаи иҷтимоӣ таҷассум меёбад.

*Мавлоно Шарафиддини хаттот ду шогирд дошт: яке **турку** дигаре **тоҷик** [454].*

Тоҷик – бар вазни солик аст ва тоҷик ғайри араб ва туркро гӯянд", дар "Фарҳанги форсӣ" чунин сабт гардидааст: "Тоҷик" (тозик) аз "тот" (раият) ва "ҷик" (пасоянди тасғир) буда, умуман ғайритурк, он ки турку муғулӣ набошад" [9, с. 162-163].

"Хулоса, калимаи "тоҷик" ҳамчун истилоҳ агар унвони халқу миллати мардуми Мовароуннаҳр машҳур гардида бошад, пас ҳамчун луғат алоқаманд ба ҳиссиёти наҷиби инсон, ишқу муҳаббат буда, яъне тоҷикон" ба маънии ишқварзон, ошиқпешагон ва сарвари ишқу муҳаббат омадааст. Ё худ осори гузаштагонамон гувоҳӣ медиҳад, ки ба илми ситорашиносӣ мардуми мо ихлосманд будаанд, аҷаб нест, ки ҳамон маликаи "тозӣ", ки ифодакунандаи сурати фалаки хурде дар самовот буда, ситораи Каҳкашонро дар оғӯши худ ҷо додааст, оқибат сабабгори дар аввал пайдоиши "тозик"-и паҳлавӣ ва баъди арабон калимаи "тозик" ба тарзи "тоҷик" талаффуз шуда бошад [9, саҳ. 171].

*Марде ба амире шикоят бурд, ки духтари ман зани фалон **турк** аз бандагони туст* [416].

*Зани **туркмон**е дар об нишаста буд* [458].

*Ғуломбачагони **турк**ро то беришанд ба ҳар баҳо, ки бифрӯшанд бихаред ва чун оғози риш баровардан кунанд, ба ҳар баҳо, ки бихаранд бифрӯшед* [382].

Турк – халқҳои туркзабон монанди ӯзбек, туркман, қирғиз ва ғайра [1, саҳ. 398]; номи умумии халқҳои туркзабон [17, с. 647].

***Аробие**ро гуфтанд: Ту пир шудаӣ ва умре табоҳ кардаӣ, тавба бикун ва ба ҳаҷ рав* [409].

***Арабе** намозро бисёр сареъ ва сабук мехонд [427].*

*Марде бо имоми ҷамоате, ки бар гурӯҳе намоз мехонд бигзашту ӯ чунон мехонд: "Алиф лом мим. Ғулибати-т-**турк**" гуфт: ин оя "ғулибати-р-**рум** бошад"* [422].

Рум - аҳли Рум; сохташуда дар Рум; киноя аз ранги сафед: румӣ ва зангӣ; а) киноя аз ранги сафед ва сиёҳ [17, с. 173].

*Аз тазвири қозиёну шанқасаи **муғул**он ва арбадаи кингону ҳарифии касоне, ки эшонро вакте… ва акнун даъвии забардастию қаттолӣ ва паҳлавонӣ кунанд ва забони шоирону макри занон ва чашми бади ҳосидону кинаи хешовандон эмин мабошед* [384].

Муғул – 1. Халқе, ки аксарияти аҳолии Муғулистонро ташкил медиҳад. 2. Зода ва сокини Муғулистон [16, с. 826].

*Хоҷае ба сафар рафт. Ғуломе **ҳинду** дар хона дошт* [454].

Ҳиндӣ - мардуми Ҳиндустон, аҳли Ҳинд; ҳинду эронӣ мансуб ба ҳиндӣ ва эронӣ; забонҳои ҳинду эронӣ [13, с. 746].

*Таому шароб танҳо махӯред, ки ин шева кори қозиёну **ҷуҳудон** бошад* [382].

Ҷуҳуд/яҳудият/ яҳудӣ – мансуб ба халқи яҳудӣ; банӣ Исроил, исроилӣ: забони яҳудӣ; халқи яҳудӣ [17, с. 693].

Ҳамадоние *дар хонаи худ мерафт* [429].

Қазвини*ро писар дар чоҳ афтод* [435].

Ҳамадонӣ сокини шаҳри Хуросон ва **Қазвинӣ** бошад мансуб ба аҳли Қазвин.

Ардабили*е бо табиб мегуфт: заҳмате дорам, тадбир чӣ бошад?* [437].

Розӣ, Гелонӣ *ва* ***Қазвинӣ*** *бо ҳам ба Ҳаҷ рафтанд* [439].

Бухорӣ *зане бихост* [442]. *Шахсе бо* ***Бухорӣ*** *гуфт* [457].

Зани ***Бухороие*** *духтаре биёвард [465].*

Бухоро – ишора ба зане аз шаҳри Бухоро.

Хуросони*еро падар дар чоҳ афтиду бимурд* [444].

Хуросонӣ – мансуб ба аҳли Хуросон мебошад.

Вожаи «хуросонӣ» дар осори Убайди Зоконӣ 17 маротиба истифода гардидааст ва бештари он ба тариқи танз дар рисолаи “Дилкушо” ба назар расид. Дар мисоли овардашуда ба маънии шахсе, ки аҳли Хуросон мебошад, истифода гардидааст.

Шерозие *дар масҷид банг мепухт* [450].

Қазвиние *дар ҳаммом рафт.* ***Хитои****еро дид, ки сар дар ҳавз кардаву сару тану андоме бағояти хушу фарбеҳ ва сафеде дошт* [451].

Аъробие *ба Ҳаҷ рафт. Дар тавоф дастораш бирбуданд* [451].

Яке дари хонаи марди ***қазвини****ро бикӯфту пурсид: фалон дар хонаӣ?* [443].

Аъробӣ – араби бодиянишин [1, с. 38].

Қазвин – дар ин ҷо ба шахсе аз сокини шаҳри Қазвин ишора шудааст.

Ҷалол ва ***ромини****е пеши Мавлоно Рукниддини Абҳарӣ дарси ҳайат мехонд* [453].

Лураке *дар маҷлиси ваъз ҳозир шуд* [461].

Шоши*е ҳар дарсе, ки бихонд як ҳафта такрор кардӣ, то беҳ ёд гирифтӣ* [471].

Шош – вожаи Тошканд дар гузашта бо номҳои “Шош” ва “Чоч” будааст, ки бо мурури замон тағйири ном кардааст. Дар ин ҷо ба маънои шахсе аз аҳли Шош (Тошканди имрӯза) ифода ёфтааст.

Подшоҳеро се зан буд, ***порсӣ, тозӣ*** *ва* ***қибтӣ*** [483].

Дар ин ҷо адиб номи **занҳоро аз мамлакати Порс, тозӣ** – арабӣ; забони тозӣ забони арабӣ [1, с. 395] ва **қибтӣ/қубтӣ** – мардуми қадимии Миср, мисрӣ [17, с. 686]-ро дар назар дорад.

Дар саройи Барконхон ***хитои****ён дар миёни суратҳо се сурат сохтаанд, ки нишаставу сар ба ҷайби тафаккур мекунаду дигаре як даст ба сар мезанаду ба дигар даст риш бармеканад* [483].

Хитоӣ – сокини кишвари Хитой (Чин).

Ҳангоми таълифи мақола маълум гардид, ки антропонимияи осори адибро аз лиҳози қабати забонӣ бештар аз забони арабӣ ба чашм расид. Номвожаҳои исми ашхоси арабӣ дар байни дигар номҳои ғайриэронӣ мақоми намоёнро касб менамоянд.

Маводи ономастикии осори Убайди Зоконӣ, дар маҷмуъ, номҳои паёмбарон ва асҳоби эшон, қаҳрамони таърихӣ, ривоятӣ, олимону адибон, лақабу тахаллусу номҳои ифтихорӣ ва номи мансубияти шахс ба қавму минтақа, дар маҷмуъ, дар ташаккули забони адабии муосири тоҷик заминаи устуворе гузоштааст. Аз рӯйи ҳисоби оморӣ маълум гардид, ки бештари номҳоро номи мардона ташкил мекунанд. Номи занона хеле кам (8-то) буда, онҳоро номи қаҳрамони асари бадеӣ ва номҳои шартии офаридаи адиб мебошанд.

Дар осори адиб дар калимасозӣ ва сохтани ибораҳои маҷозӣ ифода шудани номи пайғамбарон ба назар расид. Ба монанди *Юсуфрӯй (зебо), ҳусни Юсуф, Юсуфи руҳ, мулки (тахти) Сулаймон, Масеҳонафас (нафаси муъҷизавии ҳазрати Исо, ки мурдаро зинда мекард)...*

Номи одамон дар осори Убайди Зоконӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунанд. Аз ҷумла, дар баробари номҳои маъмулӣ сохтани номи нав дар заминаи маънои вожа мавриди корбурд қарор мегирад. Масалан, агар номи Абдулвоҳид дар замони мо ҳам маъмул ва серистеъмол бошад, пас **Абдулиснайн** номи сохтаи адиб аст. Ё ин ки дар рисолаи "Ришнома" номи қаҳрамони асар – **Ришуддин Абулмаҳосин** ба маънои **риши дин падари ҳуснҳо** баён гардидааст. Ин гуна номгузории танзомез хоси Убайди Зоконӣ мебошад.

Инҷониб бар ин назар ҳастем, ки баррасии масъалаи мазкур дар забоншиносии тоҷик доманаи фарох дошта, ҳанӯз ҳам масъалаи камтаҳқиқшуда ба ҳисоб меравад.

Муқарриз: Қосимов О.Ҳ., д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ. Ҷилди 12/ С.Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 564 с.
2. Алимӣ, Ҷ. Ономастика (назария ва амалия)/ Ҷ.Алимӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2017. - 552 с.
3. Бобомуродов, Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ.– Душанбе: Сино, 2016. - 410 с.
4. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав/ Б.Ғ. Бобоҷон. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. - 976 с.
5. Ғафуров, О. Шарҳи исму лақабҳо/ О.Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 160 с.
6. Ғафуров, О.Ғ. Маънои ҳазору як ном /О.Ғ.Ғафуров.– Душанбе: Маориф, 1987. – 176 с.
7. Ғиёсуддин, М. Ғиёс-ул-луғот.Ҷилди 1. / М. Ғиёсиддин. – Душанбе: Адиб, 1987. - 490 с.
8. Ғиёсуддин, М. Ғиёс-ул-луғот.Ҷилди 2. / М. Ғиёсиддин. – Душанбе: Адиб, 1988. - 480 с.
9. Девонақулов, А. Асрори номҳои кишвар/ А.Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1989. –224 с.
10. Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик/ М.Н.Қосимова. – Душанбе, 2013. – 490 с.
11. Самарқандӣ, Я. Ш. Фарҳанги номвожаҳои форсии тоҷикӣ/ Январ Шукрии Самарқандӣ.– Душанбе: Эр – граф, 2010. - 392 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ .Ҷ.1. - М.:СЭ. 1969.-951с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ .Ҷ.2. - М.:СЭ. 1969.-949с.
14. Фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ. Ҷилди 1 (номҳои духтарона). – Душанбе: Истеъдод, 2017. – 184 с.
15. Фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ. Ҷилди 2 (номҳои писарона). – Душанбе: Истеъдод, 2017. – 184 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.Ҷ.1.-Душанбе, 2008.-950с.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2.-Душанбе, 2008.-945с.
18. Шералӣ, Л. Як рукни муқаддасоти миллӣ// Дарси хештаншиносӣ. Л.Шералӣ. – Душанбе, 1989. -С.5.
19. Шоев, Р. Ономастикаи «Самаки айёр»/ Р.Шоев. –Душанбе: Ирфон, 2013. - 192 с.
20. Энсиклопедияи советии тоҷик, №1. –Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1973. -С.32-34.
21. Энсиклопедияи советии тоҷик, №4. –Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1983. -С. 554.
22. Энсиклопедияи советии тоҷик, №8. –Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1987. -С. 406.
23. Эраҷи Вомуқӣ. Ҷаҳаннамӣ ва ҳиҷогӯ Убайди Зоконӣ! //Нигин, №7. / Эраҷи Вомуқӣ,– Теҳрон, 1344. -С. 5.

Манбаъ:

I. Убайди Зоконӣ. Куллиёти Убайди Зоконӣ. – Теҳрон: Заввор, 1384.- 548 с.

КОРБУРДИ АНТРОПОНИМҲО ДАР ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Мусаллам аст, ки антропонимия (antopos – одам + onyma – ном) ҷузъи ономастика (номшиносӣ) буда, номҳои ашхосро тадқиқ менамояд. Дар мақолаи мазкур кӯшише ба таҳқиқи антропонимияи осори Убайди Зоконӣ равона гардидааст. Ҳангоми таълифи мақола

маълум гардид, ки антропонимияи осори адибро аз лиҳози қабати забонӣ бештар аз забони арабӣ ба чашм расид. Номвожаҳои исми ашхос ба забони арабии осори адиб дар байни дигар номҳои ғайриэронӣ мақоми намоёнро касб менамоянд. Маводи ономастикии осори Убайди Зоконӣ, дар маҷмуъ, номҳои паёмбарон ва асҳоби эшон, қаҳрамони таърихӣ, ривоятӣ, олимону адибон, лақабу тахаллусу номҳои ифтихорӣ ва номи мансубияти шахс ба қавму минтақа, дар маҷмуъ, дар ташаккули забони адабии муосири тоҷик заминаи устуворе гузоштааст. Аз рӯйи ҳисоби оморӣ маълум гардид, ки бештари номҳоро номи мардона ташкил мекунанд. Номи занона хеле кам (8) буда, онҳоро номи қаҳрамони асари бадеӣ ва номҳои шартии офаридаи адиб мебошанд.

Номи одамон дар осори Убайди Зоконӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунанд. Аз ҷумла, дар баробари номҳои маъмулӣ сохтани номи нав дар заминаи маънои вожа мавриди корбурд қарор мегирад. Масалан, агар номи Абдулвоҳид дар замони мо ҳам маъмул ва серистеъмол бошад, пас **Абдулиснайн** (**Бандаи ду**) номи сохтаи адиб аст. Ё ин ки дар рисолаи “Ришнома” номи қаҳрамони асар – **Ришуддин Абулмаҳосин** ба маънои **риши дин падари ҳуснҳо** баён гардидааст. Ин гуна номгузории танзомез хоси Убайди Зоконӣ мебошад.

Калидвожаҳо: *забон, лексика, Убайди Зоконӣ, ном, ономастика (номшиносӣ), антропонимика (номи шахс), асари бадеӣ, танз, гуна, маъно.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АНТРОПОНИМОВ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ УБАЙДА ЗАКОНИ

Известно, что антропонимия (antopos – человек + onyma – имя) входит в состав ономастики и изучает имена людей. В данной статье предпринята попытка исследовать антропонимию произведений Убайда Закони. В ходе написания статьи выяснилось, что антропонимия литературных произведений с точки зрения языкового слоя более заметна в арабском языке. Существительные личных имен в арабском языке литературных произведений занимают видное место среди других неиранских имен. Ономастический материал произведений Убайда Закони в целом, имена пророков и их сподвижников, исторических и легендарных героев, ученых и писателей, прозвища, почетные имена и имя человека, принадлежавщего народу и региону как в целом, заложил прочный фундамент в формировании современного таджикского литературного языка. По статистике выяснилось, что большая часть имён составлена из мужских имён. Женских имен очень мало (8), и это имена персонажей художественных произведений и условные имена, созданные писателем.

Имена людей занимают важное место в произведениях Убайда Закани. В частности, наряду с общеупотребительными именами используется создание нового имени на основе значения слова. Например, если имя Абдулвахид популярно и широко используется в наше время, то **Абдулиснайн** (Раб двух) — это вымышленное имя писателя. Или что в памфлете "Ришнама" упоминается имя героя произведения **- Ришуддин Абулмахосин**, что означает **Борода религии**, **Отец красота**. Этот тип юмористического именования свойственен Убайду Закони.

Ключевые слова: *язык, лексика, Убайд Закони, имя, ономастика, антропонимика, художественное произведение, юмор, вариант, семантика.*

THE USE OF ANTHROPONYMS IN THE WORKS OF UBAYD ZAKANI

It is known that anthroponymy (antopos - person + onima - name) is part of onomastics and studies the names of people**.** This article attempts to investigate the anthroponymy of the works of Ubayd Zakani.In the course of writing the article, it turned out that the anthroponymy of literary works from the point of view of the linguistic layer is more noticeable in the Arabic language. Nouns of personal names in Arabic literary works feature prominently among other non-Iranian names. The onomastic material of the works of Ubayd Zakoni in general, the names of the prophets and their companions, historical and legendary heroes, scientists and writers, nicknames, honorary names and the name of a person belonging to the people and the region as a whole, laid a solid

foundation in the formation of the modern Tajik literary language. According to statistics, the most of the names are made up of male names. There are very few female names (8), and these are the names of characters in works of art and conditional names created by the writer.

The names of people occupy a central/important place in the works of Ubayd Zakani. In particular, along with common names, the creation of a new name based on the meaning of the word is used. For example, if the name **Abdulvahid** is popular and widely used in our time, then **Abdulisnain** (**Slave of Two**) is a fictitious name of the writer. Or that in the pamphlet "Rishname" the name of the hero of the work is mentioned - **Rishuddin Abulmahosin**, which means the **Beard of religion**, the **Father of beauty**. This type of humorous naming is specific to Ubaid Zakani.

Keywords: *language, lexicon, Ubayd Zakani, name, onomastics, anthroponymy, literary works, humor, version, semantics.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Насруллоев Муҳаммад Нуриллоевич *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дотсент, докторанти кафедраи забони тоҷикӣ. Суроғa: 734019. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Муҳаммадиев, 17/6. E.mail: nasrullohzoda@gmail.com. Телефон: (+992) 93-405-52-55.*

Сведения об авторе: Насруллоев Мухаммад Нуриллоевич *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, доцент, докторант кафедры таджикского языка. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6.E.mail: nasrullohzoda@gmail.com. Телефон: (+992) 93-405-52-55.*

Information about the author: Nasrulloev Muhammad Nurilloevich *– Tajik International University of Foreign languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of Philology, associate Professor of the. Address: 17/6 Muhammadiev str., Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734019. E.mail: nasrullohzoda@gmail.com. Phone number: (+992)93-405-52-55*

ТДУ 801.1

ПАДИДАИ КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Раҳимова Ш. Д.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар забонҳои гуногуни ҷаҳон такрорҳо, бо як ё ду сатҳи зинанизоми забонӣ маҳдуд нагардида, вазифаҳои хеле гуногунро иҷро мекунанд. Универсалӣ будани гӯнашиносии падидаи мазкур аз он иборат аст, ки бо кумаки редупликатсия маъноии муайяни категориалӣ интиқол дода мешавад. Редупликатсия падидаест, ки хоси бисёр забонҳо буда, онро дар ҳама сатҳҳо, қабатҳои забон мушоҳида кардан мумкин аст. Бояд қайд кард, ки дар баробари ин мафҳуми забоншиносӣ ва истилоҳи «редупликатсия», ки аз лотинии «reduplicatio» гирифта шудааст, падидаҳои зерини забонӣ: «такрорҳо» дар русӣ, , «reduplication» ва «germination» – дар забони фаронсавӣ, «repetition», «repeat» – дар забони англисӣ ва «ripetizione» – дар забони итолиёвӣ низ мавҷуданд, ки истилоҳан ба он шабоҳат доранд.

Аммо то ба имрӯз дар ҷомеаи илмӣ дарки гуногуни истилоҳи мазкур ва баҳсҳои сершумор вуҷуд доранд, зеро дар асарҳои муҳаққиқони гуногун зери редупликатсия ҳамчун доираи гуногуннавъи зуҳуроти забонӣ: «такрорҳо», «ҷуфтшавиҳои дохилӣ ва байникалимавӣ», «падидаи бозии забонӣ», «морфемаҳои супрасегментӣ», «такрори тасодуфии калима ё қисми он», «такроре, ки ҳамчун воситаи ифодаи маъноҳои грамматикӣ хизмат мекунад».

Муносибати каме дигар ба падидаи редупликатсия дар таҳқиқотҳои Ҳ. Хирт инъикос ёфтааст. Тибқи анъана, вай низ аз умумияти ҳиндуаврупоии ҳодисаи такроршавӣ бармеояд, аммо олим вожаҳои ҷуфтӣ (калимаҳои такроршавӣ)-ро аз рӯйи категорияҳои гуногуни луғавӣ ва грамматикӣ тасниф мекунад. Масалан, Х. Хирт байни ҷуфтшавии нидоҳои (Doppelung Interjectionen), ҷуфтшавии ҳиссачаҳои (Doppelung der Partikeln), ҷуфтшавии шумораҳои (Doppelung der Zahlworte), ҷуфтшавии ҷонишинҳо, ҷуфтшавии исмҳо ва сифатҳо (Doppelung von Substantiven und Adjectiven), ҷуфтшавии феълҳо (Doppelung von Verben) фарқ мегузорад.

Ба ғайр аз таснифоти пешниҳодкардаи редупликатсияҳо аз рӯйи ҳиссаҳои нутқ аз ҷониби олим, чизи арзишманд дар кори ӯ он аст, ки вай хусусияти ивазшавии овозҳоро дар калимаҳои такрорӣ ва шаклҳои феълӣ дар перфект, оянда, дар замони ҳозира феъл – шаклҳои аористӣ, дар шиддат (интенсив) ва ғайра муайян кардааст.

Ба омӯзиши падидаи такрор забоншиносони рус диққати калон дода, ҷанбаҳои шеъриии такрор дар корҳои В.М. Жирмунский, Ю.Т инянов ва чанде дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Такрори луғавӣ, инчунин масъалаҳои умумии такрор дар таҳқиқотҳои А.П. Баранников, Д.Н. Овсянико-Куликовский ва дигарон, дар як қатор монографияҳо, диссертатсияҳо ва мақолаҳои махсус баррасӣ шудаанд.

Паҳншавӣ ва басомади редупликатсияҳо аз забон ба забон фарқ карда, дар низомҳои забоние, ки редупликатсияҳо як навъи серистеъмоли тавлиди калима ба шумор меравад, он бо ифодаи садо зич алоқаманд аст. Маҳз ҳамин алоқаи мутақобила хусусияти ангезандае мебошад, ки дар асоси калимаҳое, ки натичаи редупликатсия мебошанд, қарор дода шудааст.

Забони англисӣ яке аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба ҳисоб рафта, падидаи худро нигоҳ доштааст. Ташаккули калимаҳои нав бо кумаки усули мазкур аз ҷониби Э.Сапир, О. Есперсен, Э. Экхардт, А.М. Бол, Л. Блумфилд баррасӣ шуда, ба шумори таҳқиқотҳои охирин оид ба редупликатсия дар забони англисӣ корҳои Е. Найда, Г. Марчанд, Д.Э. Болингер, И.Р. Галперин, И.В. Арнолд, Н. Тана, Н.А.Шехтман ва дигарон бахшида шудаанд.

О.Ю. Крючкова падидаи такроршавиро дар ҷанбаи гунашиносии забонӣ баррасӣ намуда, редупликатсияҳоро ба: пурра, нопурра, дивергентӣ, мураккабгардида, муродифӣ ё маъноӣ тақсимбандӣ кардааст [4, с. 68~84].

Дар мавриди навъи такроршавии мураккабгардида бояд қайд кард, ки дар ҳамаи забонҳо он аз такроршавии ин ё он ҷузъҳои алоҳидаи калимаҳое иборат мебошад, ки бо истифодаи иловагии аффиксҳо ҳамроҳӣ мекунанд.

Ю.Н. Лотман сохторҳои гуногуни матни бадеиро таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки: «такрорҳои грамматикӣ унсурҳои алоҳидаи грамматикии матнро аз ҳолати автоматикунонии забонӣ мебароранд: онҳо диққатро бо унсурҳои интихобшудаи грамматикӣ, бо пайдокунии ногузири кардани маъно, диққатро ба худ ҷалб мекунанд» [5, с. 198].

Омӯзиши калимаҳои такрорӣ дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз аз солҳои 50-ум бо пайдо шудани кори М.Ф.Фозилов, ки ба омӯзиши калимаҳои образнок бахшида шуда буд, оғоз ёфтааст [8]. М.Ф.Фозилов дар назди худ вазифа гузоштааст, ки калимаҳои образнокро дар забони тоҷикӣ ва дар яке аз гӯишҳои тоҷикӣ (Конибодом) корбастшударо сабт намуда, инчунин мавқеъи ин гурӯҳи калимаҳоро дар грамматикаи тоҷикӣ муайян намояд. Дар кори худ ӯ хусусиятҳои маъноӣ ва фонетикии калимаҳои образнок, аффиксҳои морфологии калимаҳои образнок, ташаккулёбии исму сифатҳо аз ин калимаҳо ва фаъолияти калимаҳои образнокро дар чумла мавриди баррасӣ карор додааст.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, мо истифодаи ҳар ду истилоҳи «такрор» ва «редупликатсия»-ро ҷоиз мешуморем, зеро дар таҳқиқотҳои илмии мавҷуда оид ба ин масъала ҳам редупликатсия, ҳам такрор фаро гирифта шудаанд. Дупликатсия инчунин ба ҷуфтсозӣ ё такрори калимаҳо, ҳиҷоҳо ва решаҳо ишора мекунад. Азбаски мафҳуми «редупликатсия» ба ҷуфтсозӣ (такрор)-и овозҳо, ҳиҷоҳо ва калимаҳо дахл дорад, ҳарду истилоҳро истифода бурдан мумкин аст.

Хусусиятҳои фоно-морфологии калимаҳои такроршаванда дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. **Масъалаҳои такрорҳо (редупликатсияҳо), ки ҳамчун усули ҷуфтсозии дохиликалимавӣ фаҳмида мешаванд, дар адабиёти таҳқиқотӣ дар асоси маводи забонҳои гуногун, пеш аз ҳама минтақаи ҷанубу шарқии Осиё, ба андозаи муайян баррасӣ шудаанд. Дар хусуси тоҷикшиносӣ ва англисшиносӣ бошад, дар ин ҷо масъалаи редупликатсияҳо аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ҳанӯз ба қадри кифоя таҳқиқ нашудааст.**

Дар забоншиносӣ доир ба аҳаммияти гунашиносии редупликатсияҳо муҳокимаронихои мухолиф вуҷуд дошта, баъзе муҳаққиқон [Н.В.Солнцева, 1985 ва дигарон] редупликатсияро дар қатори нишонаҳо гунашиносие баррасӣ мекунанд, ки ки навъҳои забонро фарқгузорӣ мекунанд, дигарон чунин имкониятро рад мекунанд [В.И.Беликов, 199]..

Бояд қайд кард, ки барои забони англисӣ ташаккули редупликатҳо дар мобайни кластерҳои иборат аз се ҳамсадоҳо хос аст, ки яке аз онҳо ҷуфт мешавад, масалан, *hoddley poddley, higletty pigletty, Wibbleton Wobbleton, niddle noddle, hubble bubble.*

Дар забони англисӣ, такрорҳо назар ба забонҳои дигар бештаранд. Масалан: *Chin-chin* – лаққидан, суҳбати дунявӣ, *ip-flop* – – гардиши якбора, *dilly-dally* – бе кор нишастан, *hoity-toity* – ҳассос, хашмгин, «лутфан ба ман бигӯед», *razzle-dazzle* – бесарусомонӣ, саргумӣ, *wishy-washy* – чойи нофаҳмо, тира, суст дам кардашуда, ва ғайра.

Асарҳое ҳастанд, ки ба омӯзиши редупликатсия аз ҷиҳати диахронӣ бахшида шуда, дар онҳо муносибати байни намудҳои редупликатсияҳо ва сохти забон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Фарзия дар бораи мавҷуд будани як қатор омилҳое изҳор карда мешавад, ки ба истифодаи васеътари такрори калимасозӣ дар забони англисӣ мусоидат мекунанд, аз қабили: тамоюли пурзӯри таҳлилӣ, мавҷудияти қофия дар анъанаҳои адабӣ, равандҳои креолизатсия ва пидгинизатсия. Таснифи пешакии калимаҳои такроршавандаи англисӣ аз рӯйи сохтор ва тарзи ташаккули онҳо пешниҳод шудааст.

Ҷойивазкунии фонологии овозҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.

Ҳодисаи фонологӣ ин ивазшавӣ (тағйирёбӣ)-и садонокҳо ва ҳамсадоҳо барои таъсиси амсилаҳои фономорфологӣ, редупликатсияҳо ва калимаҳои такрорӣ дар забонҳои англисӣ ва

тоҷикӣ ҳамчун асос хизмат мекунад. Ташаккули ҳар як амсила маҳз ба хусусияти тағйироти вокалию ҳамсадоҳо дар таркиби калимаҳои такрории ташаккулёбанда вобаста мебошад.

Ивазшавии садонок ва ҳамсадоҳои гуногун зуд-зуд рух медиҳад ва дар ҷараёни тағйири фонемаҳо, яъне ҳангоми такроршавии садонок ва ҳамсадоҳо фонемаҳои нав пайдо шуда, баъзеи онҳо аз байн мераванд. Бо вуҷуди ин, ҳангоми муайян кардани намудҳои асосии ивазшавии морфонологӣ ҳолатҳои маъмултаринро, ки маҳз онҳо навъҳо, амсилаҳои гунагиро дар ду забони муқоисашавандаро ташкил медиҳанд, ба назар гирифтан лозим аст.

Ба таркиби навъҳои асосии фономорфологӣ вобаста ба ивазшавии фонемаҳои садонок ва ҳамсадо дар ҷузъҳои ҷуфтшуда, ки калимаҳои редупликативиро ташкил медиҳанд, М.М. Буранова навъҳои зерини фономорфологиро ворид мекунад:

1. Редупликатсия бидуни тағйирёбии садонокҳо ва ҳамсадоҳо;
2. Редупликатсия бидуни тағйирёбии садонокҳо, аммо бо тағйирёбии ҳамсадоҳо.
3. Редупликатсия бо тағйирёбии садонокҳо [1, с. 37].

Амсилаҳои дар боло зикршуда муҷаррадӣ (абстрактӣ) мебошанд, ки татбиқи назарраси онҳо дар ҳар як забон ба таври инфиродӣ сурат мегирад. Таснифи зикршудаи навъҳои асосии фономорфологии калимаҳои такрорӣ – редупликатҳоро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳамчун асос гирифта, навъҳои редупликатсияро дар маводи мушаххаси таҷрибавӣ, аз муқаррароти назариявии О. Есперсен [2] ба баррасии амсилаҳои гуногуни фонетикии редупликатсия гузашта, мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Дар поён амсилаҳои фономорфологии такрорҳоро дар забонҳои муқоисашавандаи англисӣ ва тоҷикӣ, ки дар онҳо миқдори калони ивазшавиҳои зиёди фонемаҳои вокалӣ ва ҳамсадоҳо дида мешаванд, дида мебароем. Вале бояд таъкид кард, ки ҳангоми муайян кардани ивазкуниҳои асосӣ ва муқаррар намудани навъҳои редупликатсияҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ танҳо амсилаҳои устувори аз рӯйи маводи тағйироти фонемаҳо ташаккулёфта ба назар гирифта мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти О. Есперсен, М.М.Буранова ва дигарон дар асоси таҳлили маводи воқеии забонӣ амсилаҳои асосии устувори фономорфологии зеринро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян кардан мумкин аст:

1. Редупликатсияи фономорфологӣ бидуни тағйир ёфтани садонокҳо ва ҳамсадоҳо;
2. Редупликатсияи фоно-морфологӣ бо роҳи тағйирёбии овозҳои ҳамсадо;
3. Такрори фономорфологии калимаҳо бо тағйирёбии танҳо садонокҳо.

Дар забони англисӣ М.М. Буранова такрорҳои зеринро кашф мекунад: *[I] – [i]: chee-chee; [i] – [i]: chin-chin; [e] – [e]: pretty-pretty; [в] – [д]: bang – bang; [t] – [t]: art-art; [p] – [p]: chop-chop; [w] – [w]: paw – paw; [u:] – [u:]: frou-frou; [m] – [m]: bum – bum; [g] – [g]: girly-girly; [ou] – [ou]: so-so; [ai] – [ai]: bye-bye; [au] – [au]: vow – vow; [h] – [h]: hoity – hoity; [z] – [z] zero-zero* [1].

Дар навъҳои зерини такрорҳо тағйирёбии графикии ҳамсадоҳо пайдо шуданд, масалан: *pink-pink, pinc-pinc (pink-pinc). [a-a]: ack-ack, blang-blang, cancencancern, chack-chack, clang-clang, clap – clap, clack – clack, dab – dab, knap – knap, lap – lap, patter – patter, ramp – ramp, scratch, tan – tan, tap – tap, tat – tat, twinkle – twinkle, waggle – waggle, quack – quack, yak – yak, yap – yap, quack – quack.*

Калимаҳои такрорӣ аз се таркиб ёфт шуданд: *meh-meh-meh;*

Дар навъи ивазшавии садонокҳои баррасишаванда калимаҳое низ пайдо шудаанд, ки дар онҳо унсури пайвасткунанда мавҷуд аст, масалан: tac-au-tac.

Чунин навъи фономорфологӣ дар забони тоҷикӣ ба қадри кофӣ инкишоф ёфтааст, дар ҳоле ки дар забони англисӣ ин ҳолат нисбатан кам дучор меояд. *рӯ ба рӯ; дам ба дам, печопеч, якояк, шабошаб, ғелмаҒел* ва ғайра.

Дар забони тоҷикӣ ҳолатҳои такроршавӣ бидуни тағйир ёфтани ҳамсадоҳо ва садонокҳо низ зиёд дучор мешаванд.

Дар ташаккули навъи мазкури калимаҳои такрорӣ садонокҳои зерини забони тоҷикӣ фаъолона иштирок мекунанд: **а, у, и,** ва ба ин гурӯҳ дар забони тоҷикӣ калимаҳои такрорие дохил мешаванд, ки аз рӯйи принсипи зерин сохта шудаанд: **а – а:** *аста-аста; анча-анча;* **ѐ – ѐ**: *ѐр-ѐр; ѐш-ѐш*; **и – и**: *гир-гир; шир-шир; шипир-шипир*; **у – у:** *дур-дур; гул-гул; дур-дур*; **о – о**: *зор-зор; олам олам*; ӯ – ӯ; *шӯр-шӯр; базӯр-базӯр;* **е – е:** *дер-дер; далер-далер;* гласные буквы; **я – я;** *ялт-ялт; ялтир-ялтир; якта-якта; як-як* [6].

Дар диссертатсияи Д.Ш. Музафарова мисолҳое оварда шудаанд, ки фаъолнокии баланди корбурди чунин амсилаҳоро дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ тасдиқ мекунанд:

а) ***е – е; а – а; у – у;*** *тез-тез; зуд-зуд; дунѐдунѐ; ароба-ароба; аста-аста (разгов.), аҳѐн-аҳѐн, гашта-гашта, шишташишта, бурда-бурда, аҳа-аҳа, газида-газида, қабат-қабат, гурӯҳ-гурӯҳ, даҒдаҒа (даҒдаҒа), дабдаба, дароз-дароз, майда-майда, дуқур-дуқур, қат-қат, сахт-сахт, қасар-қасар, шақар-шақар, қатор-қатор, канор-канор, вой-вой, бай-бай-бай, бас-бас, бале-бале, баъзе-баъзе, қаҳ-қаҳ, тасма-тасма. Дастадаста, дарѐ-дарѐ, лак-лак, маҳалла-маҳалла, ҳазор-ҳазор, гала-гала, вақ-вақ, мана-мана, лаган-лаган, лахта-лахта, қазо-қазо; калоба-калоба, чаҳон-чаҳон, сандуқ-сандуқ, чала-чала, чаман-чаман, гарам-гарам, дам-дам, ҳай-ҳай, ҳалка-ҳалка (занҷир), тақа-тақ, шарт-шарт, шатта-шатта, тарам-тарам, тахт-тахт (кӯрпаю болишт), тахта-тахта, пах-пах, такрор-такрор, тақтақ, ларзида-ларзида, шақ-шақ (дарвоза), сабат-сабат, саф-саф, сараксарак, раста-раста, боҒ-боҒ, палаха-палаха, парча-парча, пага-пага, партпарт (бедона) шар-шар, шап-шап, тап-тап, пайкол-пайкол, анбор-анбор.*

***б) и – и*:** *киқир-қиқир, кизиқ-кизиқ, қинтир-қинтир, қирс-қирс, биҷир-биҷир, билук-билук, дир-дир, гир-гир, нима-нима, илим-илим, нимта-нимта, витвит, миш-миш, милдир-милдир, минг-минг, миллион-миллион, лип-лип, ликлик, чир-чир, чи-чи, чилп-чилп, ҳир-ҳир, гиз-гиз, гилт-гилт, шипир-шипир, зирзир, ҳил-ҳил, шивир-шивир, тиқ-тиқ, тирка-тирка, тилим-тилим, чингирчингир, шивир-шивир, ҷиз-ҷиз, ҷон-ҷон, чимир-чимир, чиқ-чиқ, пиқ-пиқ, пичирпичир, пир-пир, шилдир-шилдир, пирс-пирс, дингир-дингир, шип-шип,*

***в) о – о*:** *боҒ-боҒ, дона-дона, гоҳ-гоҳ, вой-вой, вой-вой-вой, чорта-чорта, говур-говур, зор-зор, той-той (пахта), ҳазор-ҳазор, чой-чой, пора-пора, олам-олам, оҳиста-оҳиста, оҳ-оҳ.*

***г) у – у*:** *қубба-қубба, қулт-қулт, бул-бул, дув-дув, дуқ-дуқ, дур-дур, дуқур-дуқур, гуро-гур, гурӯҳ-гурӯҳ, гуп-гуп, гур-гур, гул-гул, ку-ку, қурс-қурс, кӯҳ-кӯҳ, уҳ-уҳ, хув-хув, чув-чув, ҳуйт-ҳуйт, ху-ху-ху, туф-туф-туф, шу-шу, гулдур-гулдур, ҳунг-ҳунг, пушт-пушт,* и.т.д.

д) э – э: *эҳ-эҳ, эҳа-эҳа, эзма-эзма, (разгов.), этак-этак, эй-эй, элак-элак.*

***е) я – я*:** *якка-якка, ялт-ялт, ялтир-ялтир, якта-якта, ягон-ягон.*

ё) ӯ – ӯ: *тӯп-тӯп, дӯқ-дӯқ, хӯш-хӯш, тӯқ-тӯқ, ӯҳӯ-ӯҳӯ, зӯр-зӯр, лӯқ-лӯқ, хӯп-хӯп, , тӯда-тӯда, тӯша-тӯша, гурӯҳ-гурӯҳ* [6].

Ҳамин тариқ, калимаҳои такрорӣ, ки бо ивазшавии садонокҳои решагӣ ҳамроҳӣ намекунанд, асосан, хоси калимаҳои якҳиҷоӣ мебошанд. Дар забонҳои муқоисашавандаи англисӣ ва тоҷикӣ ҳолатҳои такрори сеҷузъӣ низ мушоҳида шуда, калимаҳои такрорӣ дар ин забонҳо мафҳумҳои сершуморӣ ва шиддатнокӣ, давомнокӣ ва ифоданокиро ифода мекунанд.

Сохтори фономорфологии такрорҳо дар забони тоҷикӣ.

Дар забони тоҷикӣ воҳидҳои редупликатсияҳо дар натиҷаи ивазшавии овозҳо (садоҳо) ташаккул меёбанд. Одатан, ивазшавии ҳамсадоҳо ба тариқи зайл аст: **л** бар **п**; **з** ба **п** ; **ч** ба **б**; **в** ба **п** ва ғайра, дар маҷмуъ, дар забони тоҷикӣ овозҳо (ҳамсадоҳо)-и қисми 1-и калимаҳои такрорӣ ба ***п*** табдил меёбанд. Чунин падидаи фонетикӣ як қатор калимаҳои такрорӣ (нав)-ро ба вуҷуд меорад. Мисолҳои зерин далели ин шуда метавонанд. Масалан:

а) ивазшавии овозҳои ҳамсадои П – Л: *шип-шилта; каппа-калон.*

б) ивазшавии овозҳои ҳамсадои П – З: *топ-тоза.*

в) ивазшавии овозҳои ҳамсадои П – Р: *, суп-сурх, тип-торик.*

г) ивазшавии садоҳои ҳамсадои П – Й: *таппа-тайер, шип-шиварам.*

д) ивазшавии овозҳои ҳамсадои П – Ё: *сип-сиёҳ*
е) ивазшавии овозҳои ҳамсадои П – Ф: *сап – сафед.*
ё) ивазшавии овозҳои ҳамсадои П – Б: *каб-кабуд.*
ж) ё мутобиқати тағйирёбандаи овозҳои ҳамсадои Б – Б: *каб-кабуд.*
з) ивазшавии овозҳои ҳамсадои В – Р: *заб-зард.*
к) ивазшавии овозҳои ҳамсадои Б – Ч: *луб-луч.*
л) ивазшавии овозҳои ҳамсадои П – В: *шип-шив.*
м) ивазшавии овзҳои ҳамсадои Д – П: *дуо-пуо.*
н) ивазшавии овозҳои ҳамсадои Т – П: *туйча-пӯйча.*
о) ивазшавии овозҳои ҳамсадои Ш – П: *шиша-пиша, шӯрбо-пӯрбо.*
п) ивазшавии овозҳои ҳамсадоҳои М – Ч : *майда-чуйда.*

Мисолҳои овардашудаи такрорҳои нопурраро бо амсилаҳои якхела маҳдуд кардан мумкин аст, зеро калимаҳои такроршавандаи навъи мазкур аз ду қисм иборатанд: якум морфемаи холӣ ё квазиморфема (нимаморфема) мебошад, ки аз рӯйи тақлид ё аз рӯйи қофия нисбат ба қисми дуюм сохта мешавад. Амсилаҳои чунин редупликатсияҳо дар монографияи Искандарова Д.М., Бектош Л. [3, с. 121~122] муфассал тавсиф карда шудаанд. Онҳо ду намуди амсиларо ҷудо мекунанд, ки дар онҳо морфемаи аввал ҳиҷои аввали калима (сифат) бо иловаи ҳарфҳои -п/-б мебошад:

	Амсилаҳо	мисолхо
1.	Rd = CV1w+ **п/б –** W	*Сап-сафед*
		Заб-зард
2.	Rd = CV1w+ **ппа** – W	*Таппа тайер*

Дар амсилаҳои мазкур Rd – редупликатсия, CV1w – ҳиҷои аввали калима аст, ки аз С – садонок ва V– садонок, W – калима мебошанд.

Дар забоншиносии англисӣ ин қисмҳои репликативиро морфемаҳои қалбакӣ (psevdo – morphemes) меноманд. Дар аксари мавридҳо ҳарду ҷузъҳо аз морфемаҳои холӣ иборат буда тавониста, чунин ҳолат бештар ба низоми забони муосири англисӣ хос мебошад. Масалан: ***bumper-jumper*** *(ронандае, ки аз паси мошини дар пеш истода хеле наздик ҳаракат дорад),* ***killer-diller*** *(марди хонумбоз, Дон Жуан),* ***popsy-wopsy*** *(зебосанами табассумкунанда «маҷаллагӣ»),* ***razzle-dazzle*** *(бетартибӣ, ошуфтагӣ),* ***namby-pamby*** *(заиф),* ***mumbo-jumbo*** *(сафсата),* ***tootsie-wootsie*** *(пойчаи кӯдак),* ***boogie-woogie*** *(мусиқӣ дар сабки «буги-вуги»).*

Бояд қайд кард, ки тақсимоти калимаҳои такрорӣ ба пурра ва нопурра (ҷузъӣ) дар асоси он пешниҳод карда шудааст, ки ҳангоми ҷуфт кардани асос дар баъзе мавридҳо тағйироти муайян мушоҳида мешавад, дар мавридҳои дигар чунин тағйирот қайд карда нашудааст. Намунаҳои такрори пурраи ҷуфтшавиҳо ба тариқи зайл аст: дар забони англисӣ – **goody-goody, bye-bye, jaw-jaw** ва ғайра; дар забони тоҷикӣ – **анбор-анбор, зуд – зуд, kam-kam, ohista-ohista** ва ғайра.

Такрор пурраро бо кумаки баъзе воситаҳои грамматикӣ низ сохтан мумкин аст. Чунон ки маълум аст, забони тоҷикӣ аз ҷиҳати навъи морфологӣ забони таҳлилӣ ба ҳсиоб рафта, бинобар ин, дар бисёр мавридҳо барои ифодаи мафҳумҳои грамматикӣ воситаҳои ёридиҳанда, ба ном унсурҳои таркибӣ, пеш аз ҳама, пешояндҳо истифода мешаванд. Масалан, ба воситаи пешояндҳои *ба, дар, ба, аз, андар* як қатор калимаҳои такрорӣ сохта мешаванд, ки маънои грамматикии сифат, тарзи амал, замон, макон ва ғайраро ифода мекунанд: Масалан: маънои сифат (хосият) – – ***ранг ба ранга, тоза ба тоза, қатор андар қатор, рӯ ба рӯ*** ва ғайра.

Дар забони англисӣ редупликатсияҳо, инчунин, тавассути пайвандакҳо, пешояндҳо, ҳиссачаҳо ва ғайра сохта мешаванд. Масалан: ***turn here, turn there, all in good time – all in good time, days and days; well, well, well*** *ва ғайра.*

Ҳангоми такрори нопурра дар қисми дуюми калимаҳои такрорӣ тағйироти расмӣ ба амал меоянд. Такрорҳои нопурра маънои умумият, дастаҷамъӣ ва ғайраро ифода мекунад.

Қисми аввали такрори нопурра ё мураккабгардида аз ҷиҳати луғавӣ холӣ мебошад, яъне маънои муайяне надорад. Бо вуҷуди ин, қисми аввал барои баланд бардоштани нерӯйи эҳсосотии қисми дуюм хизмат мекунад. Редпликатсияи нопурра бо усулҳои зерин ба амал омада метавонанд:

1) ба қисми дуюми ҷузъи такрорӣ овози ҳамсадо (аксаран беҷаранг) илова гардида, садоноки решагӣ ё омезиши ибтидоии овозӣ тағйир меёбад. Масалан: *чой-пой, ош-пош, об-поб, нон – пон, об-поб, нон-пон, якта-нимта* ва ғайра.

2) овози ҳамсадои қисми якуми такрор дар қисми дуюмаш бо садои дигари ҳамсадо иваз мешавад: масалан, ***м-х; п-м; м-ч***; ***б-р; х-м*** ва ғайра: *ханг-манг, мева-чева, мол-ҳол, боғ-роғ, пул-мул, майда-чуйда* ва ғайра.

3) овози садоноки ҷузъи дуюм тағйир меёбад: *чанг – чунг, дон-пон* ва ғайра.

4) тағйир ёфтани овозҳои садонок, инчунин овозҳои ҳамсадо мувофиқи талаботи қофия (дар шеър): *латта-путта, маида-чуйда, чала-чулпа, китоб-питоб* (ва ғайра.

5) ивазшавии овозҳои садоноки **и-у; о-у**.

Сохтори фономорфологии редупликатсия дар забони англисӣ.

Забони англисӣ, ки забони оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба шумор меравад, тамоюли қавиро ба ташаккули калимаҳои такрорӣ – редупликтаҳо нишон медиҳад. Пеш аз гузаштан ба таҳлили фаъолияти такрор дар забони англисӣ, вазъи омӯзиши падидаи мазкурро дар адабиёти илмии забони англисӣ дида мебароем.

Тавре ки дар шарҳи умумии адабиёти илмӣ қайд карда шуда, яке аз аввалин олимоне, ки ба падидаи редупликатсияи англисӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кардааст, забоншиноси даниягӣ, муаллифи «назарияи пешрафт» дар забон, ки тибқи он ҳамаи тағйироти забон ба осон кардани шароити муошират нигаронида шудаанд ва аз ин рӯ, пешрафта мебошанд, Отто Всперсен ба шумор меравад. Дар ҷилди шашуми китоби худ «Modern English Grammar» («Грамматикаи муосири англисӣ») ӯ асосҳои фонетикӣ ва қисман маънои асосҳои калимаҳоеро, ки бо кумаки редупликатсия, яъне такроршавӣ ташаккул ёфтаанд, овардааст. Масъалаи мазкур дар корҳои дигари ӯ низ баррасӣ шудааст [14, с. 557~579].

О. Есперсен ба масъалаҳои мушаххаси марбут ба калимаҳои такроршаванда, нақш ва мавқеи онҳо дар калимасозӣ, инчунин намудҳои ивазшавии фонетикии ҷузъҳо ва ғайра дахл мекунад.

Мувофиқи таснифоти О. Есперсен, вожаҳои такроршавандаи забони англисиро аз рӯйи усули ташаккул ба се синфи зерин тақсим мешаванд:

1) реша бидуни тағйирёбӣ такрор мешавад; баъзан бо васеъшавии решаҳо.
2) реша бо иваз кардани садонок такрор мешавад.
3) реша бо тағйири ҳамсадо такрор мешавад.

Тавре ки минбаъд мебинем, таснифоти берунии калимаҳои такроршаванда, ки аз ҷониби О. Есперсен пешниҳод шудааст, дар муайян кардани сохтори расмии навъи мазкури таркиб (композитсия) дар низоми забони англиси ҳамчун як навъ метазабон хизмат мекунад.

Дар китоби Г.Коциол [15] дупликатсия ҳамчун яке аз усулҳои муассири калимасозӣ арзёбӣ шудааст. Арзиши таҳқиқоти ӯ дар он аст, ки ӯ яке аз аввалинҳоест, ки ҷойгоҳи вожасозии такрориро дар забони англисӣ муқаррар кардааст.

Дар бораи вазифаи фонетикӣ ва калимасозии редупликатсия А.М. Бол дар кори худ на ба таври махсус, балки дар доираи муҳокимаи масъалаҳои дигари калимасозӣ дар ин бора сухан меронад. Ӯ ба мавҷуд будани чунин калимаҳои ҷуфт ва муқобил, ки ба воситаи тире

(имлои дефис) навишта мешаванд, ишора мекунад. Масалан: Aye – aye busy – idle; Clip – clop dead – alive; Helter – skelter god – man Proof – proof man – brute tut – tut yes – no [11].

А.М. Бол менависад, ки калимаҳои такроршаванда табиати таъкид доранд ва, аз ин рӯ, онҳо дар ҳарду ҷузъ дорои таъкиди калимавӣ мебошанд. Бояд қайд кард, ки олим ба чои истилоҳи «редупликатсия» истилоҳи «дупликатсия»-ро ба кор бурда, дар доираи мафҳуми мазкур ташаккули вожаҳои чуфтиро умуман ба назар гирифтааст, ки аз ин ворид шудани вожаҳои навъи *busy-idle, god-men etc.* Ба гурӯҳи мзкур шаҳодат медиҳад [11].

Ба шумори таҳқиқотҳои баъдӣ, ки дар онҳо редупликатсия ҳамчун як бахши калимасозӣ дар маҷмуъ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, корҳои Г. Марчанд, И.В. Арнолд ва Д.Болинҷерро иисбат додан мумкин аст, ки ба таҳлили морфемавии калимаҳои такрорӣ бахшида шудаанд [10; 13; 16].

Дар асоси тағйирёбии садонокҳо ва ҳамсадоҳое, ки ҷузъҳоро ташкил медиҳанд, Г. Марчанд чунин таснифотро пешниҳод менамояд:

1) комбинатсияи аблаутӣ:

Комбинатсияҳои аблаутӣ шаклҳои чуфтие мебошанд, ки аз як морфемаи асосӣ (одатан дуюм), баъзан аз морфемаи қалбакие иборатанд, ки дар таркибҳои дигар бо садоноки дигар такрор мешавад. Тағйироти маъмулӣ ба тариқи зайл аст: [1] – [ae]: chit chat 'gossip' (from chat 'easy familiar talk'), dilly-dally loiter', knick-knack 'small articles of ornament', riff-raff 'the mob', shilly-shally 'hesitate', zigzag (borrowed from French), and [i] – [o]: ding-dong (said of the sound of a bell), ping-pong 'table-tennis', singsong 'monotonous voice', tiptop 'first-rate [16].

Ба ин ҷо калимаҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо садонокҳои ҷузъҳои якум ва маъмулан дуюм [i] – [as], [i] – [o] иваз мешаванд. Масалан: *bibble – babble, chit – chat, higgle – haggle, jingle – jangle, kit – kat, clip – clop, criss – cross, singsong, wish-wash ва ғайра.*

2) комбинатсияҳои қофиягӣ:

Комбинатсияҳои қофиягӣ шаклҳои ҷуфтӣ буда, аз ду унсур (аксаран ду морфемаҳои қалбакӣ) иборатанд, ки ба қофия пайваст мешаванд: *boogie-woogie, flibbertygibberty 'frivolous', harum-scarum 'disorganised', helter-skelter 'in disordered haste', hoity-toity 'snobbish', humdrum 'bore', hurry-scurry 'great hurry', hurdygurdy 'a small organ', lovey-dovey 'darling', mumbo-jumbo 'deliberate mystification, fetish', namby-pamby 'weakly sentimental', titbit 'a choice morsel', willy-nilly 'compulsorily'* (cf. Lat volens-nolens).

Ба ин ҷо он калимаҳое дохил мешаванд, ки тағйироти асосӣ дар онҳо бо тағйири ҷузъҳои ҳамсадо алоқаманд буда, сохтори баромад бояд, ақаллан, дорои як ҷуфт ҳиҷоҳои ҳамсоя бо қофияҳои якхела бошад.

Масъалаҳои такрор, редупликатсия мавриди таҳқиқи англисшиносии шуравӣ низ қарор гирифтааст. Мутахассиси намоёни соҳаи луғатшиносӣ, услубшиносӣ, илми баён, асосгузори мактаби илмии услубшиносии рамзхонӣ И.В. Арнолд дар китоби худ «Луғатшиносии забони муосири англисӣ» вазифаи калимасозии редупликатсияро таҳқиқ намуда, тақсимоти зерини калимаҳои такрории англисиро ба синфҳо пешниҳод мекунад:

1. Таркибҳои такрори пурра

Should he give them half a minute of blah-hlah or tell them what had been passing through his mind?

«All on the never-never, what'll happen if he loses his job?» (Lindsay)

2. Комбинатсияҳои аблаутӣ
3. Комбинатсияҳои қофиягӣ

Синфҳои мазкури калимаҳои такроршаванда низ аз ҷиҳати фонетикӣ ва маъноӣ низ тавсиф карда мешаванд.

Баъзе масъалаҳои назариявии такроршавии маъноӣ дар диссертатсияи доктории Н.А. Шехтман баррасӣ шуда, ӯ чунин такрорҳоеро, ки ба воситаи ассотсиатсияҳо дар матн ҷуфтшавии маъноро ба вуҷуд меоранд, мавриди таҳқиқ карор додааст. Такроршавии маъноӣ

ё редупликатсияи маъноӣ дар шабоҳати ду ё зиёда аломатҳои маънодоре асос ёфтааст, ки дар наздикии синтагматикӣ қарор доранд. Такрори маъноӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои алоқаҳои ассотсиативии исмҳои хос ба ҳисоб меравад.

Навъҳои асосии тағйироти фономорфологӣ вобаста ба флуктуатсияи таркибҳои вокалию ҳамсадоҳо ва ҷузъҳои ҷуфтӣ дар калимаҳои такроршаванда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ин 1) редупликатсия бе ивази садонокҳо ва ҳамсадоҳо; 2) редупликатсия бидуни тағйир ёфтани садонокҳо, вале бо иваз шудани ҳамсадоҳо; а) такрор бо пайдоиши овози нав; б) такрор бо тағйирёбии садонокҳои атроф ё бо тағйирёбии онҳо дар унсури якум ё дуюм; 3) редупликатсия бо тағйирёбии садоноҳок: а) бо тағйирёбии садонокҳо бе ҳамроҳии тағйироти ҳамсадоҳо; б) бо тағйирёбии садонокҳо бо ҳамроҳии тағйироти ҳамсадоҳо.

Амсилаҳои дар боло зикршуда муҷаррадӣ буда, татбиқи назарраси онҳо дар ҳар як забонҳои муқоисашаванда ба таври инфиродӣ амалӣ карда мешавад.

Илова бар ин, вобаста ба сохтори дохилии забонҳои муқоисашаванда, ҳар як амсила дорои зерамсилаҳои дохилизабонӣ мебошад.

1. Редупликатсия бидуни тағйирёбии садонокҳо ва ҳамсадоҳо ин такрори ҳамон як фонемаи садонок дар ҳар ду ҷузъ бе тағйир ёфтани ҳамсадоҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар забони англисӣ байни овозҳо ва ифодаҳои ҳарфии онҳо тафовути зиёд вуҷуд дорад, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ фарқи онҳо камтар аст; дар забони англисӣ тағйироти овозӣ дар транскрипсия интиқол дода мешаванд.

Дар забони англисӣ ҳолатҳои зерини такрор пайдо карда шудаанд: *chee-chee, chin-chin, pretty-pretty, bang-bang, chop-chop, paw-paw, froufrou, bum-bum, girly-girly, so-so, bye-bye, au-au, vow-vow, hoity-hoity, zero-zero, see-see, dik-dik, ding-ding, sing-sing, swish-swish, bleak-bleak, pretty-pretty, zipzip.*

Дар ин ҷо флуктуатсияи ҳамсадоҳо имконпазир аст: *pink-pine;* пайдо шудани унсури пайвасткунанда: *vis– a -vis* ; калимаҳои сеҷузъии такроршаванда: *meh-meh-meh*; ҳазф шудани овози охир: *coff-coffe, dossy-doss*; калимаҳои ба редпликантҳо наздик: *you-you, wow-wow*.

Дар забони англисӣ овозтақлидкунӣ (ба истилоҳ «имитативҳо») одатан, тавассути такрори пурра ифода мешавад, ё ба ибораи дигар, дар байни калимаҳои дорои такрори пурра овозтақлидкуниҳо, махсусан, сершуморанд. Масалан: *click-click, boom-boom, honk-honk, sing-sing, haw-haw*) [17, с. 214-219].

2. Редупликатсия бе тағйирёбии садонокҳо, вале бо тағйирёбии ҳамсадоҳо. Навъи мазкури такрор дар ҳарду забон истифода мешавад. Дар забони англисӣ ба ин навъ ҳолатҳои такрории зеринро нисбат додан мумкин аст:

а) Egg-peg, itty-bitty, inchy-pinchy, oodle-doodle, otty-motty, izey-tizey;

б) Back-track, bang-swang, bead-head, crawly-mawly, chatter-watter, coddymoddy, hash-smash, hiddle-kiddle, hizy-prizy, hinny-pinny,

в) Ham-gam, hob-lob, lay-day,

г) Kerry-merry, lap-clap, pell-mell, shoop-choop.

Калимаҳои навъи мазкур дар муқоиса бо навъҳои дигар бештар маъмуланд, ки шояд ба ин хусусияти хоси қофия, ки ба ин навъи калимаҳо хос аст, мусоидат карда бошад. Ба ин ҷо калимаҳои морфемаҳои пайвасткунандаро низ дохил кардан лозим аст, масалан: *rub-a-dub, chuck-a-luck, nin-a-kin, raz-ma– tazz.*

Талаботи тазодӣ байни ҳамсадоҳои мутаносиб бо ҳисобҳои М. Бизе, забоншинос, ки амсилаҳои асосии конверсияро дар забони англисӣ муайян кардааст, дар маводи англисӣ тасдиқ карда мешавад: маъмултарин амсилаест, вақте ки уснури якум на аз ҳамсадои тарканда, ва дуюмӣ бошад, аз ҳамсадои тарканда оғоз меёбад, аммо агар унсури аввал ба ҳар ҳол бо ҳамсадои тарканда оғоз шавад, пас таносуби ин ҳамсадои тарканда бо эҳтимоли зиёд тарканда маҳсуб намешавад [12, с. 51]. Ба ибораи дигар, барои редупликатсияи англисӣ тазод байни ҳарфҳои ибтидоӣ аз рӯйи усули ташаккул хос мебошад. Аз тарафи дигар, далелҳои забони англисӣ нишон медиҳанд, ки баъзе шабоҳати ҳарфҳои ивазшавандаи ибтидоӣ талаб

карда мешавад. Ба гуфтаи Нилс Тан, қисми дуюми таркиби қофия бештар бо [w], [m] оғоз мешавад, аммо барои [t] – и ибтидоӣ таносуб [l] мебошад, ва ба [r] – и ибтидоӣ аксар вақт ба [d] мувофиқат мекунад. Таносубҳои ибтидоӣ [h]: [p] > [d] > [b] > [g] > [m] > [t] > [k] мебошанд [17, с. 214~219].

Навъи мазкури калимаҳои такрорӣ дар ҳоли ҳозир пешрафт дошта, аз ин . ба вуҷуд омадани калимаҳои нав дар асоси луғати забони англисӣ шаҳодат медиҳад. .

3. Редупликатсия бо тағйирёбии садонокҳо. Чунин навъи тағйирёбии садонокҳо ҳам дар ҷузъи якум, ҳам дар ҷузъи дуюми редупликантҳо барои низомҳои ҳарду забони мариди муқоиса маъмулӣ мебошад. Дар забони англисӣ ин навъро одатан ҳамчун «ивазшавӣ аз рӯйи аблаут» (ablaut combination) меноманд.

Дар забони англисӣ редупликатсияҳои зерин бо тағйирёбии саонокҳо пайдо карда шудаанд: *[i-u] [a-i] biddle– baddle, bing– bang, bincum-bancum, bingle-bangle, bit-bat, bittle-battle, blib-blab, blibber-blabber, (blibber-blabber– blubber), blitter-blatter, blish-blash, bribble-brabbla, bringle-brangle, brittle-brattle, niggle-naggle, nigglynaggly:ahirum-aharum, dibber-dabber, dibble-dabble, diddle-daddle, dillydally,dimber-damber, ding-dang, ding-dangles,dinge-dangle, dish-dash, drillydrally, draggle-draggly, dribble-drabble.*

Ҳамин тариқ, бо назардошти падидаи калимаҳои такрорӣ ва таснифоти усулҳои редупликатсия аз нуқтаи назари фономорфологӣ, мо чунин мешуморем, ки редупликатсияҳо дар забони тоҷикӣ ва англисӣ як усули мустақили калимасозист, ки барои қисматҳои маҷозии нутқи забонҳои мавриди омӯзиш хос мебошад. Таҳлили сохториву маъноии редупликатҳо нишон дод, ки аксарияти воҳидҳои мазкур дар забони англисӣ ба луғати гуфтугӯӣ тааллуқ дошта, дар забони тоҷикӣ аксари вожаҳои редупликативӣ ба луғати бетараф мансуб буда, ҳамзамон, такрорҳои аз ҷиҳати эҳсосотӣ тобиш додашударо ҳам аз ҳисоби такрори пурраи асос, ҳам бо роҳи иваз кардани таркиби овозӣ ё таркиби морфемавии калима ташаккул медиҳанд.

Муқарриз: Каримов А.Ф., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

АДАБИЁТ:

1. Буранова М.М. Структурно-семантические особенности редупликативных слов в английском и узбекском языках: дис... канд. фил. наук. –Диссертация, – Ташкент, 1982. – 142 с.
2. Есперсен О. Современная английская грамматика об исторических принципах. Том. 6. Морфология. – Лондон –Копенгаген, 1954. – 570 с.
3. Искандарова, Д.М. Редупликация в турецком и таджикском языках / Д.М.Искандарова, Л.Бекташ. – Saarbrücken, Deutschland:Palmarium Academic Publishing, 2016. – 160 с.
4. Крючкова О.Ю. Редупликация в аспекте языковой типологии//Вопросы языкознания. – М.,2000. – №4. – С.68-84
5. Лотман Ю.М. Структура художественного текста. – М., 1970.
6. Музафарова Д.Ш. Редупликативные слова в таджикском и английском языках (сопоставительный анализ). Диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук по специальности 10.02.20 – сравнительно-историческое, типологическое и сопоставительное языкознание. – Душанбе, 2016. – 169 с.
7. Сепир Э. Язык. Введение в изучение речи // Избранные труды по языкознанию и культурологии. – М., 1993. [Электронный ресурс] – URL: http://tlf.narod.ru/school/sapir_school.htm (дата обращения 10.10.2014).
8. Фазылов Ф.Ф. Изобразительные слова в таджикском языке. – Сталинабад, 1954 – 188с.
9. Arnold I.V. The English Word. M.; L., 1966. 346 p.
10. Ball, A. Compounding in the English Language / A.Ball. – New York, 1939.
11. Biese V. M. Notes on the Compound Participle in the Works of Shakespeare and his contemporaries. –Helsinki, 1949.
12. Bolinger, D. Aspects of Language. New York; Chicago, 1968.

13. Jesperson O. Symbolic Value of the Vowel i. // Selected writings of O.Jespersen. London, 1960. P.557-579.
14. Koziol, H. Handbuch der Englischen Wortlindundslehre / H.Koziol. – Heidelberg, 1937.
15. Marchand H. The Categories and Types of Present Day English Word Formation // Synchronic-Diachronic Approach: University of Alabama Press, 1960. 379 p.
16. Thun Nils. Reduplicative Words in English. –Uppsala, 1963. – C. 214-219

ПАДИДАИ КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақола падидаи калимаҳои такрорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Таъкид шудааст, ки редупликатсия падидаест, ки хоси бисёр забонҳо буда, онро дар ҳама сатҳҳо, қабатҳои забон мушоҳида кардан мумкин аст. Дар забонҳои гуногуни ҷаҳон такрорҳо, бо як ё ду сатҳи зинанизоми забонӣ маҳдуд нагардида, вазифаҳои хеле гуногунро иҷро мекунанд. Мавҷуд будани усули мазкури калимасозӣ дар низомҳои бисёр забонҳо, ҳамзамон аз универсалӣ будани мавҷудияти редупликатсия аз нуқтаи назари гунашиносӣ, ки маҳз ҳамин боиси омӯзиши навъи редупликативии калимасозӣ аз нуқтаи назари гунашиносӣ, яъне дар чунин забонҳои гуногунсохтор, аз қабили забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мегардад, асос медиҳад. Амсилаҳои фономорфологии такрорҳоро дар забонҳои муқоисашавандаи англисӣ ва тоҷикӣ, ки дар онҳо миқдори калони ивазшавиҳои зиёди фонемаҳои вокалӣ ва ҳамсадоҳо дида мешаванд, баррасӣ шудаанд. Натиҷагирӣ шудааст, ки бо назардошти падидаи калимаҳои такрорӣ ва таснифоти усулҳои редупликатсия аз нуқтаи назари фономорфологӣ, редупликатсияҳо дар забони тоҷикӣ ва англисӣ як усули мустақили калимасозист, ки барои қисматҳои маҷозии нутқи забонҳои мавриди омӯзиш хос мебошад.

***Калидвожаҳо**: калимаҳои такрорӣ, забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, редупликатсия, калимасозӣ, басомад, морфофонология, садонок, ҳамсадо, морфема.*

ЯВЛЕНИЕ ПОВТОРНЫХ СЛОВ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье исследуется феномен повторяющихся слов в английском и таджикском языках. Подчеркнуто, что редупликация - явление, характерное для многих языков и наблюдаемое на всех уровнях, слоях языка. В разных языках мира редупликации, не ограничиваясь одним или двумя уровнями языковой иерархии, выполняют очень разные функции. Существование этого способа словообразования в системах многих языков одновременно основано на универсальности существования редупликации с точки зрения языкознания, что и приводит к изучению редупликативного типа словообразования с точки зрения типологии, то есть в таких разных языках, как английский и таджикский. Обсуждаются фономорфологические закономерности редупликации в сопоставимых английском и таджикском языках, в которых наблюдается большое количество замен голосовых фонем и согласных. Сделан вывод о том, что с учетом феномена повторяемости слов и классификации способов редупликации с фономорфологической точки зрения редупликации в таджикском и английском языках являются самостоятельным способом словообразования, специфичным для метафорических частей речи изучаемых языков.

***Ключевые слова**: повторные слова, английский и таджикский языки, редупликация, словообразование, частотность, морфофонология, гласный, согласный, морфема.*

THE PHENOMENON OF REPEATED WORDS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

In the article it is researched the phenomenon of repeated words in English and Tajik languages. It has been emphasized that reduplication is a phenomenon that is characteristic of many languages and can be observed at all levels, layers of the language. In different languages of the world, reduplications, not limited to one or two levels of the linguistic hierarchy, perform very

different functions. The existence of this method of word formation in the systems of many languages at the same time is based on the universality of the existence of reduplication from the point of view of linguistics, which leads to the study of the reduplicative type of word formation from the point of view of linguistics, that is, in such diverse languages as English and Tajik. It is discussed the phonomorphological patterns of reduplication in the comparable English and Tajik languages, in which a large number of substitutions of vocal phonemes and consonants are observed. It was concluded that, taking into account the phenomenon of repeated words and the classification of reduplication methods from the phonomorphological point of view, reduplications in Tajik and English languages are an independent method of word formation, which is specific for the virtual parts of the speech of the languages under study.

Keywords*: repeated words, English and Tajik languages, reduplication, word formation, frequency, morphophonology, vowel, consonant, morpheme.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимова Шаҳло Дилшодовна – *Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ассистенти кафедраи забони англисӣ барои ихтисосҳои ҳамгиро. Нишонӣ: 734019. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Муҳаммадиев, 17/6. Телефон: (+992) 918796968*

Сведения об авторе: Рахимова Шахло Дилшодовна *– Таджикский международный университет иностранных языков Сотима Улугзода, ассистент кафедры английского языка для интегрированных специальностей. Адрес: 734019. Республика Таджикистан, ш. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Телефон: (+992) 918796968*

Information about the author: *Rahimova Shahlo Dilshodovna – Tajik International University of Foreign Languages Sotima Ulughzoda, assistant at the Department of English language department for two-profile specialties. Address: 734019. Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, st. Muhammadieva, 17/6. Phone: (+992) 918796968*

ТДУ 801.3

УСУЛИ ИФОДАИ РЕАЛИЯҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ
(дар мисоли асарҳои бадеӣ)

Ризоева Г.И.
Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон

Ҳар як забон дорои мафҳуму ифодаҳои хос аст, ки онҳо тобиши миллӣ дошта, фарҳангу тамаддун ва анъанаи он миллатро муаррифӣ мекунанд. Мафҳумҳои мазкур ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти мардумро ифода намуда, ба ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти мардум дар ҷомеа робита доранд, ки ҳангоми тарҷума ба дигар забон мушкилоти хосро ба миён меоваранд. Чунин ифодаҳо дар илми тарҷумашиносӣ гурӯҳи калони воҳидҳои бемуодилро ташкил медиҳанд.

Ба гурӯҳи воҳидҳои бемуодил калимаву ибораҳо, аз қабили зарбулмасалу мақол, воҳидҳои фразеологӣ, воҳидҳои туфайлӣ, ибораҳои рехта, реалияҳо ва амсоли инҳо дохил мешаванд, ки дар дигар забон вуҷуд надошта, барои тарҷумон мушкилиҳои хос эҷод мекунанд.

Мақолаи мазкур ба яке аз намудҳои воҳидҳои бемуодил –реалияҳо ҳамчун категорияи ҷолиб ва баҳсбарангези тарҷума бахшида шудааст. Реалияҳо гуфта, калима ва ибораҳоеро меноманд, ки хоси ин ё он миллат буда, тобиши миллӣ доранд ва хусусиятҳои миллии ҳамон миллатро ифода мекунанд. Ҳар як миллат реалияҳои хоси худро дорад, ки онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти мардумро дар бар гирифта, аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба якчанд гурӯҳҳо тақсим мешаванд: реалияҳои ифодакунандаи ҳаёти иҷтимоӣ, хӯрокҳои миллӣ, муносибатҳои хешу таборӣ, ҷашнҳои миллӣ, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, масъалаҳои сиёсӣ ва ғайра, ки хусусиятҳои хоси худро доранд. «Реалияҳо мафҳумҳои ҷуғрофӣ, этнографӣ, иҷтимоӣ-таърихӣ, мифологӣ, фолклориро дар бар мегиранд» [7, с. 100].

Реалияҳо ифодаҳоеанд, ки тарҷумаи онҳо барои тарҷумон мушкилиҳои хосеро ба бор меоранд.

Оид ба реалия ва роҳҳои тарҷумаи он фикру андешаи муҳаққиқон гуногун арзёбӣ мешавад ва онҳо нуқтаҳои назари мухталифро пешниҳод менамоянд. Ба ақидаи С. Влахов ва С. Флорин, «Тарҷумаи реалияҳо яке аз мушкилоти бузург ва муҳимми интиқоли калимаю ибораҳои тобиши миллидошта буда, таъриху фарҳанг ва маданияти ҳамон миллатро инъикос менамояд, ки аз худи пайдоиши назарияи тарҷума ҳамчун як мавзуи мустақил сарчашма мегирад» [4, с. 7].

Ҳамчунин, дар бораи реалияҳо ақидаҳои муҳаққиқони тоҷик низ назаррас аст. Дар асари олими тарҷумашиноси тоҷик Турсунов Ф.М. дар бораи реалияҳо ва роҳҳои тарҷумаи онҳо пешниҳодҳои ҷолиб оварда шудааст. Ба ақидаи вай, «Реалия категорияи махсуси калимаҳо ва воситаҳои ифодаест, ки барои инъикоси ашёи рӯзгор, фарҳанг, ҳаёти иҷтимоӣ ва рушди таърихии ба халқҳои дигар бегона истифода мешавад» [7, с. 100].

Калимаву ифодаҳои тоҷикии *оши бурида, ҷома, маҳсӣ, атлас, чакан, каллаю поча, қурут* ва амсоли инҳо реалия буда, дар забони англисӣ танҳо тавассути транскрипсия тарҷума шуда, дар асарҳои бадеӣ дар поварақ шарҳу эзоҳ дода мешаванд.

Реалияҳо вобаста аз мазмуни матни аслӣ тарҷума шуда, саҳми тарҷумон дар интиқоли тобиши маъноии он бузург аст.

Масалан:

He saw the phosphorescence of the Gulf weed in the water as he rowed over the part of the ocean that the fisherman called the great well because there was a sudden deep of seven hundred **fathoms** where all sorts of fish congregated because of the swirl the current made against the steep walls of the floor of the ocean (O.M.S., 32).

Ӯ рӯшноии шабтоби гиёҳони халиҷро дар об медид ва заврақ ронда, аз он қисмати уқёнус мегузашт, ки моҳигирон онро “чоҳи бузург” меномиданд. Зеро дар он ҷо жарфои

уқёнус якбора бо ҳафтсад **фадом** мерасид ва аз сабаби ба обсабзҳо бархӯрда ба ҷониби нишебӣ баргаштани оби уқёнус гирдоб пайдо мешуд ва ҳама гуна моҳиҳо он ҷо ҷамъ меомаданд (П.Б., 33).

Дар мисоли мазкур калимаи ***fathoms*** реалияи ифодакунандаи арзишро дорад ва ба забони тоҷикӣ дар матни тарҷумавӣ чун ***фадом***, ки сирф тоҷикӣ нест, тарҷума карда шудааст. Воҳиди мазкур ба забони тоҷикӣ чун ***сарҷин*** тарҷума мешавад, ки дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба шакли «سرجين сарҷин (аз сажени русӣ) воҳиди дарозӣ, ки ба 3 аршин ё 2, 134 м. баробар аст» [10, с. 220], оварда шудааст. Дар сурати дар сатҳи транскрипсия ё транслитератсия тарҷума шудани воҳиди мазкур вай бояд дар поварақ шарҳу эзоҳ дода мешуд, аммо дар матни тарҷумавӣ ин ба назар нарасидааст.

Масалан, ба ақидаи И.С. Алексеева, «Реалияҳои фарҳанги дигар низ вуҷуд доранд, ки дар асоси мавҷудияти мутобиқати луғавии устувор (озодӣ — freedom), шабеҳи реалияҳои фарҳанги дигаранд ва барои дарки тафовутҳо саъю кӯшиши тарҷумон зарур аст. Гурӯҳи дигар падидаҳои фарҳангиро ташкил медиҳанд, ки дар фарҳангҳои дигар ҳамтои наздик надоранд. Вақте ки сухан дар бораи монеаҳои фарҳангӣ меравад, онҳо одатан, аввалин шуда ба чашм мерасанд. Бо вуҷуди ин, ин реалияҳои муқобилмаъноеанд, ки ҳарчанд дар назари аввал аҷиб ба назар расанд ҳам, хеле кам ба нофаҳмӣ оварда мерасонанд ва танҳо шарҳу эзоҳи муфассалро талаб мекунанд» [1, с. 12].

Бояд тазаккур дод, ки дар баъзе мавридҳо мазмун ва муҳтавои матни аслиро ба инобат гирифта, реалияи забони бегонаро ба калимаи «худӣ» табдил медиҳанд, ки дар натиҷа, ба мазмуни матни аслӣ таъсири манфӣ намерасонад, вале обуранги бадеиии он гум мешавад. Дар ҷумлаҳои зерин реалияи забони англисӣ ба калимаи «одӣ»-и забони тоҷикӣ мубаддал гардидааст.

‘You ought to be aware, Miss, that you are under obligations to Mrs. Reed: she keeps you; if she were to turn you off, you would have to go to the **poor-house**’ (J.E., 13).

Шумо бояд бифаҳмед, ки чӣ андоза дар назди хонум Рид мебоист сипосгузор бошед; охир, ӯ шуморо мехӯронад; агар аз ин ҷо биронадатон, маҷбуред, ки ба **фақирхона** равед (Ҷ.Э., 11).

Дар ҷумлаи матни тарҷумавии мазкур реалияи **poor- house** бо усули калка - таҳтуллафз интиқол ёфта бошад ҳам, маънои семантикии худро гум накардааст, вале, мутаассифона, обуранг ва тобиши бадеӣ аз матни тарҷумавӣ тамоман аз байн рафтааст.

Аз таҳлили ин мисол бармеояд, ки дар калка реалияҳо ҳамчун ибора меоянд. Реалияи мазкур аз ду калима иборат аст: ***«poor – фақир ва house – хона».*** Дар фарҳанги тоҷикон мафҳуми мазкур, умуман, вуҷуд надошта, онро *«хонаи пиронсолон»* иваз мекунад, ки мазмун ва муҳтавои *«фақирхона»*-ро дода наметавонад.

Аслан, ***калка*** ба тарҷумаи муқараррӣ монандӣ дорад ва ягон хусусияти хоси усули тарҷумаро ифода намекунад. Мавриди зикр аст, ки ҳамаи он реалияҳое, ки бо усули *калка* тарҷума карда мешаванд, дар матни тарҷумавӣ ҳамчун калимаҳои иқтибосӣ ҳисобида мешаванд.

Тарзи дурусти тарҷумаи реалияҳо бо роҳу шарҳу эзоҳдиҳӣ бояд ба роҳ монда шуда, дар поварақ оварда шавад. Агар онро ба зергурӯҳи усули тарҷумаи *тасвирӣ бо роҳи фаҳмондадиҳӣ* ҷудо кунем ҳам, хато намешавад ва ин тарзи тарҷума дар асарҳои бадеӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад:

‘Leah, make a little **hot negus** and cut a **sandwich** or two (J.E., 100).

Ли, зудтар **гроги** гарм ва якчанд **сандвич** омода созед (Ҷ.Э., 92).

Реалияи **hot negus** дар матни тарҷумавӣ ҳамчун **гроги гарм** интиқол ёфтааст, вале **грог** калимаи тоҷикӣ набуда, маъноаш *машруботи хубе, ки аз оби ҷӯш, қанд, арақ ё ром тайёр мекунанд*, мебошад. Вале тарҷумон ин реалияи ба хонандаи забони тарҷума ношиносро пурра маънидод накарда, дар матни тарҷумавӣ танҳо *-*грог–навъи нӯшокӣ* эзоҳ додааст, ки хонанда чӣ хел будани навъи нӯшокиро бояд худаш пай барад. Ҳол он ки дар

матни аслӣ калимаи мазкур дар поварақ чун «negus: sweetened and flavoured wine mixed with hot water» [Jane Eyre, 484] шарҳ дода шудааст.

Таваҷҷуҳ намоед ба мисоли дигар:

“Black beans and rice, fried **bananas**, and some stew” (O.M.S., 20).

– Лӯбиёи сиёҳу биринҷ бо **музи** сурхкарда ва каме гӯштбирён (П.Б., 21).

Аз мисоли мазкур бармеояд, ки реалияи ифодакунандаи номи як навъи мева ***banana*** аз забони аслӣ ба забони тарҷума дар шакли ***муз*** тарҷума карда шудааст. Ҳол он ки реалияи ***banana*** хоси забони тоҷикӣ нест ва калимаи ***муз*** низ дар фарҳанги забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Дар ҷумлаи мазкур калимаи *fried* низ истифода бурда шудааст, ки муҳтавои «***сурхкарда***» –и забони тарҷумавиро дода наметавонад. Калимаи «*сурх кардан*», аслан, дар баъзе аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ истифода бурда шуда, маънои «***бирён кардан***»-ро дорад, вале дар забони адабии ҳозираи тоҷик услубан корбурд намешавад.

Дар ҷумлаҳои «*They had got me by this time into the apartment indicated by Mrs Reed, and had thrust me upon a* ***stool*** **(**J.E., 12) ва тарҷумаи он «*Дар ин муддат онҳо маро ба ҳуҷраи нишондодаи хонум Рид кашолакунон даровардaнд ва ба* ***софа*** *фурӯ партофтанд* (Ҷ.Э., 10)» ба ҷойи реалияи матни аслии “**stool”** тарҷумон реалияи дигар, яъне “**софа”-**ро интихоб кардааст. Калимаи ***stool*** аз рӯйи луғатҳои тафсирӣ маънои калимаи “**софа”-**ро дода наметавонад, зеро калимаи “**stool” –** *(табуретка) чорпояча* ва “**софа”** бошад, *дивани пасти васеъро* ифода мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки эзоҳи поварақ аз дигар усулҳо дида беҳтар аст, зеро тарҷумон дар ин усул реалияро қариб пурра маънидод карда, шарҳу эзоҳ медиҳад ва барои хонандаи асар маънои экспрессивии он гум намешавад.

Мавзуи баҳси реалияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар мисоли асарҳои бадеӣ хеле васеъ аст ва бо роҳҳои гуногун тарҷума шуда, дар поварақ шарҳу эзоҳ дода мешаванд. Талаботи асосии тарҷумаи реалия ин донистани тарҷумон дар бораи воқеият ё шароити мушаххаси зиндагии кишваре мебошад, ки тарҷума бо забони он сурат мегирад.

Яке аз вазифаҳои асосии тарҷумон, аҷалан, пурра расонидани мазмуни матни аслӣ ба забони тарҷумавӣ мебошад. Чӣ тавре ки маълум аст, дар системаҳои забонҳои матни аслию матни тарҷумавӣ тафовут дида мешавад ва хусусиятҳои эҷодии матн, ки аз фаъолияти тарҷумон вобастагии комил дорад, метавонад дар ҳар яке аз ин забонҳо то дараҷаҳои гуногун имконияти пурра нигоҳ доштани мазмуни матни аслиро дар тарҷума маҳдуд созад. Аз ин рӯ, вазифаи тарҷумон ҳам дар он зоҳир мегардад, ки маълумоти дар матни аслӣ мавҷудбударо то ҳадди имкон пурра ба даст оварда, дониши заминавиеро дошта бошад, ки адиби матни аслиро офаранда дошта бошад.

Пас, иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои мутарҷим барои дар сатҳи зарурӣ интиқол додани мазмун ва муҳтавои матни аслӣ, ошноии ҳамаҷониба бо таърих, фарҳанг, адабиёт, урфу одат, фарҳангии зиндагӣ ва дигар воқеиятҳои мардуми ба забони аслии сухангӯйро тақозо мекунад. Ба ибораи дигар, талаботи асосии тарҷумаи реалия ин донистани тарҷумон аз воқеият ё шароити мушаххаси зиндагии кишваре мебошад, ки тарҷума ба ҳамон забон сурат мегирад.

Муқарриз: Соҳибназарова Ҳ.Т. – н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Рӯйхати адабиёт

1. Алексеева, И.С. Введение в перевод введение: Учеб. пособие для студ. Фи-лол. и лингв, фак. высш. учеб. Заведений/ И.С. Алексеева. — СПб.: Филологический факультет СПбГУ; -М.: Издательский центр «Академия», 2004. - 352 с.
2. Бархурдаров, Л., Рецкер Я.И., Курс лекций по теории перевода/ Л. Бархурдаров, Я.И. Рецкер. – М., 1968. – 237 с.
3. Бронте, Ш. Ҷен Эйр: Роман/ Ш. Бронте. – Душанбе: ТҶБ Истиқбол, 2010. - 412 с.
4. Влахов, С., Флорин С. Непереводимое и перевод // Мастерство перевода / С. Флорин. – М.: Сов. писатель, 1965.

5. Комиссаров, В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты) / В. Н. Комиссаров. -М.: «Высшая школа», 1990 г.
6. Соболев, Л.Н. Пособие по переводу с русского языка на французский/ Л.Н. Соболев. -М., 1952. -404 с.
7. Турсунов, Ф. М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков): Монография. -Душанбе, 2015. -432 с.
8. Фёдоров, А.В. Основы общей теории перевода/ А.В. Фёдоров. - М., 1983. -170 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. /дар зери таҳрири М. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. –М.: СЭ, 1969. – 952с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. /дар зери таҳрири М. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. –М.: СЭ, 1969. – 952с.
11. Чернов, В.Г. Теория и практика синхронного перевода / В.Г. Чернов. -М., 1978. -208 с.
12. Швейцер, А.Д. Перевод и лингвистика / А.Д. Швейцер. -М.: Воениздат, 1973. – 278 с.
13. Хемингвей, Э. Пирамард ва баҳр/ Э. Хемингвей; бо заб. англ. ва тоҷ. -Душанбе, 2014. - 167 с.
14. Bronte, Sh. Jane Ayre/ Sh. Bronte. -L., 1999. - 496 p.

УСУЛИ ИФОДАИ РЕАЛИЯҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ
(дар мисоли асарҳои бадеӣ)

Мақола ба масъалаи усули ифодаи реалияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асарҳои бадеӣ бахшида шуда, дар он доир ба роҳҳои ифодаи реалияҳои забон ҳамчун яке аз намудҳои воҳидҳои бемуодил сухан меравад. Ҳамчунин, муаллифи мақола бо мисолҳо аз асарҳои бадеии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хусусиятҳои фарққунанда ва умумии реалияҳо ва роҳҳои тарҷумаи онҳоро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Реалияҳо ифодаҳоеанд, ки тарҷумаи онҳо барои тарҷумон мушкилиҳои хосеро ба бор меоранд.

Оид ба реалия ва роҳҳои тарҷумаи он фикру андешаи муҳаққиқон гуногун арзёбӣ мешавад ва онҳо нуқтаҳои назари мухталифро пешниҳод менамоянд, ки дар мақола оварда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки ҳамаи он реалияҳое, ки бо усули *калка* тарҷума карда мешаванд, дар матни тарҷумавӣ ҳамчун калимаҳои иқтибосӣ ҳисобида мешаванд.

Тарзи дурусти тарҷумаи реалияҳо бо роҳи шарҳу эзоҳдиҳӣ бояд ба роҳ монда шуда, дар поварақ оварда шавад. Агар онро ба зергурӯҳи усули тарҷумаи *тасвирӣ бо роҳи фаҳмондадиҳӣ* ҷудо кунем ҳам, хато намешавад ва ин тарзи тарҷума дар асарҳои бадеӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Калидвожаҳо: *реалия, шарҳдиҳӣ, воҳиди луғавӣ, тарҷума, калка, матни аслӣ, воҳидҳои бемуодил, тобиши миллӣ, матни тарҷумавӣ, интиқол*.

СПОСОБЫ ВЫРАЖЕНИЯ РЕАЛИЙ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
(на примере художественных произведений)

Статья посвящена способу выражения реалий таджикского и английского языков в художественных произведениях, в ней речь идет о способах выражения языковых реалий как об одном из видов безэквивалентных единиц. Автор статьи проанализировала и рассмотрела отличительные и общие черты реалий и способы их передачи на примерах из художественных произведений на английском и таджикском языках.

Реалии – это выражения, перевод которых вызывает у переводчика особые трудности.

Исследователи имеют разные мнения о реалиях и способах ее передачи и они предлагают разные точки зрения, которые представлены в статье.

Стоит отметить, что все те реалии, которые переводятся методом кальки, в переводимом тексте рассматриваются как заимствования.

Правильный способ перевода реалий должен быть установлен и представлен в тексте. Даже если его разделить на подгруппу описательного метода перевода, это не является ошибочным, и этот метод перевода широко используется в художественных произведениях.

Ключевые слова: *реалия, интерпретация, лексические единицы, перевод, калька, оригинальный текст, безэквивалентные единицы, колорит, переведенный текст, перенос.*

THE WAYS OF EXPRESSING REALY IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES
(in the example of a work of arts)

The article is devoted to the problem of the way of expressing of specific units in the Tajik and English languages in the works of arts, and also talks about the ways of expressing specific units as one of the types of non-equivalent units. The author of the article also analyzed and considered the distinctive and common features of specific units and methods of their translation using examples from works of arts in the English and Tajik languages.

Specific units are expressions, the translation of which causes special difficulties for translators.

Regarding specific units and methods of its transformation, the opinions of different researchers are assessed and they represent different points of view, which are presented in the article.

It is worth nothing that all those specific units that are translated using the tracing method are considered in the target languages as quoted words.

The correct way to translate realities must be established and presented in the text. Even if, it is divided into a subgroup of the descriptive translation method, it is not erroneous, and this translation method is widely used in literary works.

Keywords: *specific units, interpretation, lexical units, translation, calque, source language, non-equivalent units, coloring, target language, transfer.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ризоева Гулнора Икромовна *- МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», н.и.ф., омӯзгори кафедраи забонҳо. Суроғa: 734042, ш. Душанбе, к. Клара Сеткина 2, тел.: (+992) 918-78-64-55, E-mail: gulnor558@gmail.com*

Сведения об авторе: Ризоева Гулнора Икромовна *- НОУ «Медико - социальный институт Таджикистана», к.ф.н, учитель кафедры языков. Адрес: 734042, г. Душанбе, ул. Клара Сеткина 2, тел. (+992) 918-78-64-55, E-mail: gulnor558@gmail.com*

Rizoeva Gulnora Ikromovna *- NEI «Medical - Social Institute of Tajikistan», candidate of Philology science, the teacher of the department of languages of Address: 734042, Dushanbe, st. Klara Setkina 2, tel. (+992) 918-78-64-55, E-mail: gulnor558@gmail.com*

ТДУ 801.1

ВИЖАГИҲОИ СЕМАНТИКИИ ҲИССАЧАҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Равзалиев Аслиддин Шобидинович

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар забоншиносӣ ҳиссачаҳо аз ҷиҳати гуногунии мақомашон дар нутқ то андозае таҳқиқи худро ёфтаанд. Ба омӯзиши ин ҳиссаи номустақили нутқ забоншиносон А.И. Смирнитский [14], И.И. Мешанинов [9], А. Халилов [16], В.В.Виноградов [1] ва дигарон сару кор доштанд.

Дар давраи тараққиёти забони англисӣ ва истифодаи он масъалаҳои марбут ба ҳиссачаҳои забони англисӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳим ба ҳисоб рафта, баъзе ҷабҳаҳои он таҳқиқотҳои амиқро талаб мекунад.

Ҳиссачаҳо воҳиди ёридиҳандаи нутқ ба ҳисоб рафта, дар ҳамаи забонҳо хусусан дар забони англисӣ паҳн гардида ба ҳисоб мераванд ва аз дигар намудҳои ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ бо хусусиятҳои худ фарқ мекунанд.

Дар забоншиносии тоҷик роҷеъ ба ҳиссачаҳо дар тадқиқоти А.Халилов ва дар китоби Забони адабии ҳозираи тоҷик ба таври мушаххас маълумот оварда шудааст. Лекин аз лиҳози муқоиса ин воҳиди нутқ то ҳол мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст [16, с. 68].

Ҳиссачаҳо дар ҳар ду забони муқоисашаванда ба қатори ҳиссаҳои номустақили нутқ дохил мешавад ва барои таъкид ё маҳдуд кардани маънои калимаи дигаре ё гурӯҳи калимаҳову ҳатто ҷумлаҳои пайрав хизмат менамояд [15, с. 221].

Б.А. Илиш се имконияти муайян намудани ҳолати ҳиссачаҳоро дар ҷумла танқидона дида мебарояд. Ба ақидаи аввал, онҳоро воҳиди мустақиле шуморидан мумкин аст, зеро ҳиссачаҳо дар ҳақиқат ягон аъзои ҷумла шуда наметавонанд. Эҳтимолияти дуюм, ки аз тарафи бисёр грамматистон қабул шудааст, ин шуморидани ҳиссачаҳо чун ҷузъи ҳамон аъзои ҷумлае, ки ба он тааллуқ дорад, мебошад. Аммо Б.А.Илиш ин ақидаро ҷонибдорӣ намекунад, зеро ҳиссачаҳо метавонанд, нисбат ба аъзои ҷумлае, ки ба он тааллуқ доранд дуртар қарор дошта бошанд. Эҳтимолияти сеюм ин ҳиссачаҳоро берун аз ҷумла ҳисобида дар вақти таҳлил онҳоро ба назар нагирифтан аст. Б.А.Илиш ҳар се эҳтимолиятро дида баромада, ба назарияи аввал такя мекунад ва ҳиссачаҳоро аъзои махсуси ҷумла мешуморад [5, с. 79].

Аксари забоншиносон, ба монанди Е.А. Крашенинникова, А.Т. Кривоносов ва дигарон, чунин андеша доранд, ки ҳиссачаҳо маънои луғавии худро надоранд [7], [8].

Аз тарафи дигар ҳангоми ворид кардани ҳиссачаҳои гуногун ба ҷумла маънои асосии ҷумла тағйир меёбад. Муқоиса кунед:

1. Even Tom came to see her off. – Ҳатто Том барои гусел кардани ӯ омад.

2. Only Tom came to see her off. – Танҳо Том барои гусел кардани вай омад.

Дар атрофи ҳар яке аз ин ифодаҳо эҳтимолан метавон як муҳити комилан дигари маъноиро аз нав ба вуҷуд овард, ки бо фарқи маънои худи ҳиссачаҳо муайян карда мешавад:

1. There came almost all her friends and although nobody had expected Tom, even he came to see her off. – Қариб ҳамаи дӯстонаш омада буданд ва ҳарчанд Томро касе интизор набуд, ҳатто ӯ барои гусел кардан омадааст.

2. Till the very last minute Julia had been waiting for her parents, but only Tom came to see her off. –То лаҳзаҳои охирин Ҷулия волидонашро интизор буд, аммо танҳо Том барои гусел кардани ӯ омад.

Аз ин рӯ, ҳар як ҳиссача маънои худро дорад. Саволе ба миён меояд, ки ин маъноро чӣ гуна бояд тавсиф дод.

Бархе аз забоншиносон ба монанди А.М. Пешковский, А.А. Шахматов дар ин маврид чунин мешуморанд, ки маънои хоси ҳиссачаҳо грамматикӣ аст. Дар баробари ин ба

хусусияти хоси абстрактии он ишора карда, ё мавқеи ҳиссачаҳо ҳамчун равшанкунандаи маънои калимаю ибораҳои дигар таъкид шуда, дар бораи мавҷудияти маънои грамматикӣ хулоса бароварда мешавад [11], [17]. Ба ин муносибат моҳияти маънои грамматикиро аниқ муайян кардан лозим аст [6, с. 92].

М.В.Никитин қайд мекунад, ки дар бораи маъноҳои луғавӣ ва грамматикӣ сухан ронда, мо на аз рӯйи навъи мазмун, балки аз рӯйи хусусияти ифода, хусусияти муайян кардани онҳо дар сохтори ифодаҳои забонӣ таваҷҷӯҳ намоем. Баръакси маъноҳои луғавӣ, маъноҳои грамматикӣ воқеан ҳам ҳамеша абстрактӣ мебошанд [10, с. 229].

Ба ақидаи М.В.Никитин, абстрактӣ будани маъно барои хусусияти грамматикӣ ҳисобидани он кифоя нест. Фарқи байни маъноҳои луғавӣ ва грамматикиро на дар табиати мафҳумҳое, ки дар паси онҳо истодаанд, балки дар тарзи махсуси мавҷудияти ҳар кадоми онҳо дарёфтан лозим аст. Дар ин ҷо чунин аломатҳои маънои грамматикӣ, ба монанди ғайримустақилии наҳвӣ, истифодашивии ҳатмӣ, омезиши морфологӣ бо нишондиҳандаҳои маънои луғавӣ дахл доранд. Равшан аст, ки маънои ҳиссачаҳо ба ин меъёрҳо ҷавобгӯ нест ва онҳоро грамматикӣ ҳисоб кардан мумкин нест [10, с. 231].

Аз ин рӯ, забоншиносон ҳангоми тавсифи маънои ҳиссачаҳо ба категорияҳои берунӣ муроҷиат мекунанд. А.Вежбитская, аз ҷумла, ёздаҳ равиши (подход) гуногунро барои тавсифи маънои ҳиссачаҳо номбар мекунад [18, с. 230]. Ҳамин тавр, А.И.Смирнитский маънои ҳиссачаҳоро ба воситаи категорияи муносибат, вале як навъи ба худ хос нишон медиҳад: «Ҳиссачаҳо муносибати гӯяндаро нисбат ба ифодаҳо нишон дода, махсусан ягон лаҳзаро таъкид ва равшан месозад» [14, с. 387].

Забоншиносони рус В.Н. Жигадло, И.И. Мешанинов, В.М. Пророкова маънои ҳиссачаҳоро инчунин бо тобишҳои иловагие низ алоқаманд менамоянд, ки онҳоро ба маънои калима, ибора ва ҷумлаҳои дигар ворид мекунанд [3, с. 132], [9, 239], [13, с. 87].

Инчунин, маънои ҳиссачаҳоро маъноҳои имплитситии (ниҳонии) онҳо муайян мекунанд. М.Г.Поляков ба тафсири маънои ҳиссачаҳо ҳамчун маъноҳои изофӣ муқобил баромад: «Ҳиссача ва калимаи таъкидкунандаи он ду воҳиди алоҳидаи дорои маъноҳои ба худ хос мебошанд, ки ба ҳеҷ вақҳ (инкорпоратсия) ба шакли феъл дохил намешаванд ва дар ин ҳол ба ҳамдигар дохилшавии маъноӣ ва муттаҳидшавӣ ба амал намеояд» [12, с. 103]. Дар ҳақиқат, маънои калимаҳо тағйир намеёбад. Онҳо аз сабаби ҳиссачаҳое, ки маънои денотативӣ надоранд ва аз ин рӯ, набудани алоқаи консептуалии байни ҳиссачаҳо ва калимаи муайянкунандаи он тағйир ёфта наметавонанд. Бо вуҷуди ин, аллакай дар сатҳи ҷойгиршавии ду вожа, ки яке аз онҳо ҳиссача аст, «тавъамият»-и маъное, ки дар натиҷаи мавҷудияти он ба амал омадааст, ошкор мегардад [12, с. 101].

Ҳамин тариқ, ҳиссачаҳо метавонанд муносибати гӯяндаро ба гуфтор ҳангоми таъкиди ин ё он ҷузъ баён кунанд, ба он тобишҳои мухталифи маъноӣ ворид кунанд ва гуфторро ба контексти ғайризабонӣ алоқаманд намоянд. Инчунин муҳим аст, ки тобишҳои маъноии воридкардаи ҳиссачаҳо ба шунаванда нигаронида шуда, он ҳамчун кафолати муайяни дарки дурусти гуфтор фаҳмида мешавад, яъне, мақсади асосии онҳо додани маълумот дар бораи предмети бевоситаи нутқ, дар бораи баҳои денотативӣ ё субъективии он набуда, балки иштирок кардан дар ташкили худи ҷараёни муошират мебошад.

М.В.Никитин чунин маъноҳоро коммуникативӣ номида, онҳоро бо маъноҳои маърифатӣ ва прагматикӣ муқоиса кардааст [10, с. 607]. Хусусияти маъноҳои коммуникативӣ дар он аст, ки онҳо дорои мазмуни муоширатӣ мебошанд, яъне, раванди коммуникативиро бидуни ташкил кардани предмети нутқ, балки ба мазмуни он ва ба воҳиди муоширатии мувофиқ мутобиқ намуда, ташкил ва тавзеҳ медиҳад [10, с. 616].

Тафсири маънои воҳиди забонӣ ҳамчун вазифа ва ҳадафи он хоси самти функсионалӣ дар забоншиносӣ мебошад. Дар доираи равиши функсионалӣ забон ҳамчун системаи функсионалӣ баррасӣ мешавад, ки дар он вазифаю унсурҳо барои таъмини фаъолияти система вуҷуд доранд. Маъно ҳамчун «кор»-е, ки аз ҷониби ифодаи забонӣ иҷро мешавад,

дарк мегардад [17, с. 79]. Азбаски вазифаи аввалиндараҷаи забон муоширатӣ аст, маънои ифодаи забониро низ метавон ҳамчун саҳми эҳтимолии он ба вазифаи коммуникативии ибора, ки ҷузъи он аст, тавсиф кард [17, с. 101].

Ҳангоми баррасии маънои ҳиссачаҳо ба чунин далел диққат бояд дод, ки аксари забоншиносон қайд кардаанд, ки ҳамон як ҳиссача метавонад ба маънои ҷумлаҳои гуногун тобишҳои мухталиф ворид кунад. Ин ба шарти контекстуалии маънои ҳиссачаҳо вобаста аст. Ҳиссача дар алоҳидагӣ вуҷуд надорад: он танҳо дар муҳити гуфтор мавҷуд аст, танҳо дар он муҳите, ки маънои худро зоҳир мекунад [8, с. 58].

Ҳамин тавр, аз як тараф, мазмуни ҳиссачаҳо аз рӯйи гуфтор, алалхусус аз рӯйи мақсади коммуникативии он муайян карда шавад, аз тарафи дигар, ҳиссачаҳо ба иборае, ки дар он амал мекунанд, баъзе тобишҳои маъноии иловагӣ зам мекунанд. Умуман, маънои ҳиссачаҳоро ҳамчун воҳиди муошират тавсиф кардан мумкин аст, ки ба мазмуни гуфтор илова мешавад. Надоштани маънои денотативии ҳиссачаҳо, на танҳо ба семантикаи онҳо, балки ба хусусият ва мавқеи онҳо барои дигар калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳо низ осори худро мегузорад.

Чи хеле ки қайд гардид, ҳиссачаҳо мавзӯи хеле душвор барои омӯзиш мебошанд. Ин мураккабӣ дар он ифода меёбад, ки ҳиссачаҳо дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошанд, ки онҳоро аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунанд, аз ҷумла: равшану аниқ набудании аломатҳои хусусии онҳо, доштани семантикаи ноамиқ, доштани мавқеъ ва вазифаҳои мухталиф, инчунин гуногунии вазифаҳои коммуникативӣ, ки онҳо иҷро мекунанд. Истифодаи ҳиссачаҳо ҳамеша бо муоширати забонӣ алоқаи ногусастанӣ дошта, принсипҳои хоси фаъолияти забонро инъикос мекунад.

Ҳиссачаҳо ҳам ба калимаҳои алоҳида ва ҳам ба гурӯҳи калимаҳо тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшанд. Онҳо инчунин муносибати гӯяндаро ба вазъияти тавсифшуда, ба изҳороти адресат ё ба худ баён мекунанд.

Пеш аз он ки ба баррасии хусусиятҳои семантикии ҳиссачаҳо шурӯъ кунем, бояд дар бораи худи мафҳуми «ҳиссача» муфассал таваққуф кунем. Мафҳуми ин истилоҳ бо қобилияти воҳиди забонӣ ҳамчун вазифаи ифодаи хусусиятҳои гуногуни муоширатӣ тавъам меафтад. В.В.Виноградов дар асарҳои худ ҳиссачаҳоро ҳамчун «якчанд гурӯҳи хурди калимаҳо тавсиф мекунад, ки бо хосиятҳои умумии як навъи грамматикӣ, луғавӣ ва мавқеи мобайнии байни зарфҳо ва калимаҳои модалӣ, аз як тараф ва пайвандакҳо, дар тарафи дигар якҷоя карда шудаанд» [1, с. 296].

Тибқи таърифи дигар, ҳиссачаҳо калимаҳои ёвар мебошанд, ки ба калимаҳои алоҳида ё гурӯҳҳои калимаҳо маъноҳои гуногуни семантикӣ (модалӣ ё эмотсионалӣ) медиҳанд. Ҳиссачаҳо одатан барои такмил додан, равшан кардан, маҳдуд кардан ё рад кардани калимаҳо ё ибораҳои дигар дар ҷумла истифода мешаванд [2, с. 156].

Ба андешаи И.П.Иванова, ба ҳиссачаҳо ба монанди дигар ҳиссаҳои ёвар вазифаи номинативӣ хос нест, яъне онҳо номи предмет, аломат, хусусият ё ҷараёнро ифода накарда, балки барои ифодаи муносибати байни зуҳуроти воқеият, байни калимаҳои мустақил хизмат мекунанд, ва танҳо дар якҷоягӣ бо онҳо истифода мешаванд [4, с. 173].

Ҳиссачаҳо муносибати эмотсионалӣ ва баҳодиҳандаи гӯяндаро, на ба тамоми гуфтор, балки танҳо ба яке аз ҷузъҳои он ифода намуда, бо ин хоҳиши ба ҳар навъ таъкид кардан, додани мазмуни махсус ба он ҷузъро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, пас аз таҳлили ҳамаҷонибаи ҳиссачаҳо оид ба ақидаҳои забоншиносон ҳамчун яке аз ҳиссаҳои баҳсбарангези нутқ дар забони англисӣ ба баррасии муфассали он мегузарем.

Саравваl ба таҳлили муқоисавии ҳиссачаҳои серистеъмол ба монанди: *never – ҳеҷ гоҳ, just – танҳо, only – танҳо ва not – не* шурӯъ менамоем. Ҳар кадоми ин ҳиссачаҳо дар мавридҳои муайян вазифаҳои гуногунро иҷро карда, инчунин ҳам ба калима ё ибораи алоҳида ва ҳам ба тамоми ҷумла тобишҳои муайяни эмотсионалиро мебахшанд. Дар

мисолҳои дар поён овардашуда метавон гуногунрангии ҳиссачаҳои забони англисиро аниқу равшан дида, инчунин аҳамият ва арзиши раднашавандаи онҳоро на танҳо барои нутқи шифоҳӣ, балки барои нутқи хаттӣ низ баҳо дод.

Ба баррасии хусусиятҳои истифодаи ҳиссачаи инкорӣ-қувваткунандаи *never – ҳеҷ гоҳ* оғоз кунем. Дар забоншиносӣ дар мавриди мақоми ҳиссачаҳо як андоза номуайянӣ вуҷуд дорад: бархе аз олимон бар ин андешаанд, ки онҳо зарфанд, бархеи дигар онҳоро ҳамчун ҳиссачаҳои инкорӣ тасниф мекунанд. Масалан, В.Н.Жигадло дар таснифоти худ ҳиссачаи *never – ҳеҷ гоҳ*-ро ба гурӯҳи ҳисачаҳои инкорӣ-қувваткунанда ворид мекунад [3, с. 281].

Фарқият дар маънои онҳост: *never* ҳамчун зарф маънои *"ҳеҷ гоҳ"* –ро дорад, аммо *never ҳамчун* ҳиссача маънои одии инкор *"-не"*-ро ба даст меорад. Масалан, дар баъзе ҷумлаҳо ба ҷойи истифодабарии ҳиссачаи *not – не* бо истифода аз ҳиссачаи *never* метавон инкори одиро сохт.

I never did stop crying. – Ман ҳеҷ гоҳ гиряро бас намекардам [19, с. 7].

Дар ин ҷо низ ҳиссачаи инкорӣ истифода шудааст:

Michael never left a note or at least his parents didn't let anyone see it. – Майкл ҳеҷ гоҳ ёддошт намегузошт ва ё ҳадди ақал волидонаш нагузошта буданд, ки касе онро бубинад [19, с. 29].

Дар мисолҳои зерин баёни далелҳои бо ёрии ҳиссачаи *never – ҳеҷ гоҳ* маънои инкорӣ (инкоршуда) инъикос меёбад:

I never really understood the point of this game, but my brother loved it. – Ман ҳеҷ гоҳ нуқтаи ин бозиро нафаҳмидам, аммо бародарам онро дӯст медошт [19, с. 88].

Дар ин ҷо Чарли иқрор мешавад, ки ӯ моҳияти бозии футболро намефаҳмад, дар ҳоле ки бародараш ба ин бозӣ дилчасп аст. Мисоли зерин сабаби ба дари ошхона ҷой нагирифтани расми кӯдакро нишон медиҳад:

And his mother never hung it on the kitchen door because of its new paint. – Ва модараш ҳеҷ гоҳ аз рангубори наваш онро ба дари ошхона намеовехт [19, с. 39].

Now, I don't remember much about the program itself because I was too young, but my dad never left to make a sandwich except during commercial breaks, and then he usually just sent my mom [19, с. 96]. – Ҳоло, ман дар бораи худи барнома чандон дар ёд надорам, зеро ман хеле ҷавон будам, аммо падарам ҳеҷ гоҳ барои тайёр кардани сандвич намерафт, ба истиснои танаффусҳои тиҷоратӣ ва баъд одатан танҳо модари маро фиристод.

I should probably mention that my dad never cries at the ending. – Эҳтимол бояд қайд кунам, ки падари ман ҳеҷ гоҳ дар охир гиря намекунад.

Дар баробари ҳиссачаи инкорӣ-қувватдиҳандаи *never – ҳеҷ гоҳ* ҳиссачаи *not – не* низ истифода мешавад. Масалан, дар ҷумлаи:

The teacher has assigned us a few chapters at a time, but I do not like to read books like that [19, с. 7]. – Муаллим дар як вақт ба мо чанд боб таъин кардааст, вале ман хондани ин гуна китобҳоро дӯст намедорам.

Ин ҳиссача бадбинии каҳрамонро нисбат ба ин гуна мутолиа пурзӯр намуда, ба ин васила таваҷҷӯҳи хонандаро ба ӯ ва ё баръакс, ба набудани онҳо ҷалб мекунад. Ва ҳамон тавре, ки дар мавриди *never – ҳеҷ гоҳ* такрори чандкаратаи ҳиссачаи мазкур: а) инкорро боз ҳам таквият медиҳад:

I'm not allowed to tell anyone we know. Not anyone. Not ever [19, с. 66]. – Ман иҷозат надорам, ки ба касе, ки мо медонем, бигӯям. На касе. Ҳеҷ гоҳ. б) вазъиятро тезутунд карда, боиси хашму ғазаби ҳарчи бештари ҳодиса мешавад:

From the time we got into the car to the time we came home, my mom literally did not stop talking. Not once. Not even when I was in the dressing room trying on "slacks" [19, с. 78]. – Аз лаҳзаи ба мошин савор шудан то ба хона омадани мо модарам аслан гапашро бас намекард. На як бор. Ҳатто вақте ки ман дар утоқи либоспӯшӣ будам, кӯшиш мекардам, ки "камбаҳо" мепӯшидам.

Мисоли зерин ҳолати ноустувори эмотсионалии қаҳрамони асосиро, ки пас аз тӯфони хотираҳои дарднок ба худ гирифтааст, хеле хуб нишон медиҳад:

Not like I have this last week. I can't think again. Not ever again [19, с. 61]. – На ончунон, ки ман ин ҳафтаи гузашта доштам. Ман дигар фикр карда наметавонам. Дигар ҳеҷ гоҳ.

Акнун ба ҳиссачаи ҷудокунанда-таҳвиятдиҳандаи *even – ҳатто* ва истифодаи онро таҳлил менамоем, ки дар ин ҳолат имконнопазирии созишро таъкид мекунад. Ҳиссачаи мазкур барои аз тамоми оммаи одамон фарқ кардани гурӯҳ ё категорияи муайяни шахсоне, ки дар бораи онҳо сухан меравад, истифода мешаванд:

Not everyone has a sob story, Charlie, and even if they do, it's no excuse [19, с. 19]. – На ҳама воқеаи ғамгин дорад, Чарли ва ҳатто агар дошта бошанд ҳам, аҷаб нест.

Ҳиссачаи ҷудокунанда-таҳвиятдиҳандаи *even – ҳатто* метавонад асолати ашё ё ҳодисаро таъкид кунад:

He even hand-colored the cover [19, с. 8]. – Ӯ ҳатто сарпӯшро дастӣ ранг мекард.

Аз ҷумла ҷудокунанда-таҳвиятдиҳандаи *even – ҳатто* аксаран баъзе шубҳаро ифода мекунад:

Maybe these are my glory days, and I'm not even realizing it because they don't involve a ball [19, с. 41]. – Шояд ин айёми ҷалоли ман бошад ва ман ҳатто намефаҳмидам, зеро онҳо тӯбро дарбар намегиранд.

ё тахминҳо дар бораи далелҳои намоён:

I think he may even be twenty-one because he drinks red wine [19, с. 40]. – Ман фикр мекунам, ки ӯ ҳатто бисту яксола бошад, зеро майи сурх менӯшад.

Ҳамин тариқ, метавон иброз дошт, ки сарфи назар аз ҳама гуногунии ҳиссачаҳо, онҳо аксар вақт матнро нобаробар пурра мекунанд, дар ҳоле ки онҳо қодиранд тобишҳои мухталифи маъноии бениҳоят зиёдро инъикос намуда, якбора якчанд вазифаҳоро ичро кунанд. Тамоми мушкилии омӯзиши онҳо маҳз дар ҳамин гуногунрангӣ аст.

Мавҷудияти ҳиссачаҳо дар нутқи диалогӣ ва монологӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои муайян бароварда шаванд, танҳо ба он диққат додан лозим аст, ки онҳо дар нутқи худ чиро ва чӣ гуна таъкид мекунанд. Яке аз ҳиссачаҳои серистеъмол *never – ҳеҷ гоҳ* маҳсуб меёбад. Маъноии инкорӣ - қувватдиҳандаи он ҳиссиёти зеҳнии инсонро низ метавонад ифода намояд:

People never notice anything [20, с. 5]. – Одамон ҳеҷ гоҳ чизеро пай намебаранд.

He never sat down in a chair [20, с. 19]. – Ҳеҷ гоҳ дар курсӣ нанишаст.

They never want to discuss anything serious unless they feel like it [20, с. 89]. – Онҳо ҳеҷ гоҳ намехоҳанд, ки ягон чизи ҷиддиро муҳокима кунанд, магар ин ки ба онҳо маъқул аст.

Аз таҳлилҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки сарфи назар аз шумораи нисбатан ками ҳиссачаҳое, ки дар забони англисӣ муайян шудаанд, онҳо дар нутқ хеле васеъ муаррифӣ мешаванд. Иброз бояд дошт, ки ҳиссачаҳо тобишҳои гуногуни эмотсионалии маъноиро ифода мекунанд ва дар интихоби воситаҳои муайяни забонӣ ифодаи худро пайдо намудаанд. Дар баробари ин ҳиссачаҳо нутқи хар як шахси алоҳидаро ба таври тамоман дигар пурра карда, хусусиятҳои алоҳидаи гӯяндаро ва ё баръакс, набудани онҳоро таъкид мекунанд. Чунин фаровонии ҳиссачаҳои инкорӣ ва маҳдудкунанда дар асарҳои бадеии забонҳои муқоисашаванда метавонад аз он гувоҳӣ диҳад. Хонанда беихтиёр ба он далелҳои нутқ, ки ба ҳиссачаҳо ҳамроҳ мешаванд, диққати махсус медиҳад, ки ин беҳтар дарк кардани семантикаи он кӯмак мерасонад.

Агар ҳамаи ҳиссачаҳо аз матн ё нутқ хориҷ карда шаванд дарҳол як қабати ахбор дар бораи ҳамаи он чи ки ба амал меояд, аз байн меравад, баёнияҳо маъноии чуқури худро гум мекунанд, ки ин танҳо зарурият ва аҳамияти чунин воҳиди забонро ҳамчун ҳиссачаҳо исбот мекунад. Инак, таҳлили ҳиссачаҳо имкон дод, ки вазифа ва тобишҳои маъноии хоси ҳиссачаҳо ба таври аниқу равшан нишон дода шавад. Ҳиссачаҳои маъмултарин *never – ҳеҷ гоҳ, even – ҳатто ва just – танҳо* маҳсуб меёбанд. Ҳиссачаҳои маҳдудкунанда ва инкории таҳвияткунанда хислати қаҳрамонони асарро ба хубӣ таъкид мекунанд.

Набудани ҳиссачаҳо дар ибораҳои алоҳида метавонад маънои тамоми ифодаро комилан тағйир диҳад ё онро ба таври ҷиддӣ халалдор созад, тамоми эҳсосоти онро нест кунад ва онро танҳо шахсияти шахсӣ гардонад. Вазифаҳои ҳиссачаҳо ва тобишҳои маъное, ки онҳо ба миён мегузоранд, нутқи моро дигаргун сохта, онро бойтар ва пурмазмунтар мегардонанд. Ҳиссачаҳо дар тавсифи муносибат нисбат ба чизе кӯмак мекунад. Махсусан бояд ба назар гирифт, ки комилан мавҷуд набудани ҳиссачаҳо дар нутқ метавонад гӯяндаро водор кунад, ки ба иттилооти гирифта ё муошираташ мусбат ё инкорӣ дода ба ин васила нишон диҳад, ки нисбат ба ҳамсӯҳбаташ ва он чизе, ки баён кардани аст, тамоман бетараф нест, гӯяндаро бодиққат гуш мекунад.

Муқарриз: Турсунов Ф.М., д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Рӯйхати адабиёт

1. Виноградов, В.В. Русский язык. Грамматическое учение о слове: учеб. пособие. - М.: Высшая школа, 1986. - 639 с.
2. Дмитриева, И.В. Теоретическая грамматика английского языка: учеб. пособие. - Минск: РИПО, 2017. - 224 с.
3. Жигадло, В.Н. Современный английский язык. Теоретический курс грамматики: учебн. для спец. языковых высш. учебн. заведений. - М.: Изд-во лит. на иностр. яз., 1956. - 349 с.
4. Иванова И.П. Теоретическая грамматика современного английского языка. - М.: Высшая школа, 1981. - 285 с.
5. Ильиш, Б.А. Строй совр.англ.яз. Учебник по курсу теоритической грам.для студентов.- 2изд Л.: Просвещение, 1971- 363 с.
6. Искоз, А.М. Частицы в современном немецком языке (к проблеме частей речи) // Уч. зап. Ленингр. госуд. ун-та. Серия филол. наук. - 1958. - Вып. 31, №223. – С. 92- 103.
7. Крашенинникова, Е.А. Модальные глаголы и частицы в немецком языке. - Изд. 2-е, перераб. и доп. - М.: Учпедгиз, 1958. - 186 с.
Каждый переводчик должен соблюдать полиграфические требования, соответствующих стандартам и требованиям изданий. Переводческая практика – «…это необходимая модель решения конкретных переводческих задач путем поиска подходящих средств выражения, выводить правила, аргументы и доказательства из теории перевода» [7, 48]. Таким образом, сравнивая лингвистические и стилистические явления двух языков, находя пути и возможности воссоздания единства формы и содержания оригинала с помощью альтернативных лингвистических средств. Теория перевода как отдельная филологическая область формируется с 1950-х годов, практика перевода имеет историю, насчитывающую несколько тысяч лет. Это не должно привести к выводу, что перевод тысячелетиями развивался без теории. Многие научные, исторические, политические, религиозные, философские и художественные произведения с арабского, персидского, хинди, азербайджанского, турецкого и русского языков переведены нашими переводчиками на таджикский язык.

Недостатком теории перевода является то, что она зависит от субъективной склонности некоторых переводчиков переводить текст, подходить к ним в стиле «интуиции» и ставить точку в работе. Потому что «Перевод – это высокий талант»[7, 51] и глубокие филологические знания с интуицией, неутомимый лексический коктейль – теоретико-творческий процесс, состоящий из сочетания практического научного анализа. Ведь любая практическая деятельность, такие как перевод и текущие тенденции чувствует необходимость создания теоретических обобщений. Подобные факты и обобщения, в свою очередь, приводят к широкомасштабным выводам и побуждают их применять к ряду переводческих явлений.

Перевод обычно исследуется в историко-культурном, литературном, лингвометодологическом и духовном направлениях. Но все эти направления либо прямо, либо косвенно одна из ветвей направления, поскольку перевод – это процесс, всегда требующий работы с языковым материалом. Поэтому в теории перевода два языка связаны

лингвистическими и стилистическими средствами. Направление лингвистических исследований различно. Так, как перевод, изучая практику даже в направлении литературоведения, в большинстве случаев это делается посредством анализа языковых явлений.

Таким образом создавать переводческие обобщения сравнительное исследование лингвометодического инструментария разных пар языков, а также эстетического своеобразия художественного текста Семантико-методическое воплощение в структуре элементов и прагматические (вытекающие из обстоятельств) особенности требуют опоры на методологическую основу. Ведь ясно, что каждый язык – это инструмент. Тем более, языковые средства художественного произведения являются прямым или косвенным выражением стилистических задач, служат для того, чтобы: каждое языковое явление, независимо от содержания выражаемой идеи, является стилистическим.

Одним из факторов, дающих этому существенный толчок, является тот факт, что теория перевода в последнее время серьезно развивается. Теория перевода отличается от других традиционных филологических, особенно лингвистических методов исследования. При этом необходимо детально проанализировать языковые средства языков оригинала и перевода от некоторых других специальных методов лингвистического исследования, в том числе с использованием метода компонентного анализа, в это время сравниваются единицы двух языков. Переводы, выполненные этими методами, которые дополняют друг друга, дает возможность для тщательной и беспристрастной оценки со всех сторон, где выявляются знания учащихся или слушателей.

В данной статье мы рассматриваем вопрос перевода, как аспекта межкультурной связи, которая в свою очередь, не может репрезентировать свои цели и задачи, не согласовываясь с полиграфическими требованиями.

Самые необходимые требования, относящиеся к переводческой системе, рассматриваются в пределах общей необходимости, где языковая норма и норма печатной процедуры строго соблюдается.

Рецензент: Хамидова Т.М. – к.ф.н., доцент ТМУИЯ им. С. Улугзода

Литература:

1. Бархударов Л. С. Общелингвистическое значение теории перевода // Теория и критика перевода. - Изд-во ЛГУ, 1962. - с. 814.
2. Бархударов Л. С. Уровни языковой иерархии и перевод // Тетради переводчика. - ИМО, 1969. - № 6. - с. 3-12.
3. Бархударов Л. С. Язык и перевод. - ИМО, 1975. - 339 с.
4. Бахмутова Е. А. Культура речи. - Казань: Изд-во Казанского университета. 1964. - 112 с.
5. Берков В. О словарных переводах // Мастерство перевода, 1971. - с . 340-361.
6. Берлизон С.Б. Международные устойчивые обороты // Вопросы фразеологии, стилистики и грамматического строя романогерманских языков. - Самарканд, 1972. - Вып. 222. - с. 10-28.
7. Бирюков Ф. Г. Мастер речевых характеристик // Русская речь. - 1974.-№ 1. - с. 253.
8. Реформатский, А. А. Введение в языковедение / А. А. Реформатский. – М.: Аспект Пресс, 2015. – 536 с.
9. Реформатский, А. А. Мысли о терминологии / А. А. Реформатский // Современные проблемы русской терминологии. – М.: Наука, 1986. – С. 163–198.
10. Рецкер, Я. И. Теория перевода и переводческая практика /Я. И. Рецкер. – М.: Р. Валент, 2007. – 244 с.
11. Рябова, Е. А. Теоретические аспекты изучения терминов / Е. А. Рябова Вестник Московского государственного областного университета. Серия: лингвистика. – 2009. – №2. – С. 86–91

ПРОБЛЕМЫ ПЕРЕВОДА ПОЛИГРАФИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье был проанализирован один из самых на данный момент актуальных вопросов связанных с проблемой перевода полиграфической терминологии в таджикском языке. Автор остановился на выборе именно этой темы исходя из того, что в настоящее время большое внимание уделяется проблемам перевода, а в полиграфической системе большое внимание уделяется терминам, которые распространяются в языковом аспекте. Автор сумел на достоверных и многообещающих доказательствах наглядно показать ряд недостатков, связанных с данным вопросом, а также на многих примерах показал пути их исправления.

По мнению автора, каждый переводчик должен соблюдать полиграфические требования, соответствующих стандартам и требованиям изданий. Это играет немаловажную роль так, как перевод обычно исследуется в историко-культурном, литературном и духовном направлениях. Но все эти направления либо прямо, либо косвенно одна из ветвей направления, поскольку перевод – это процесс, всегда требующий работы с языковым материалом. Также следует отметить, что сейчас уделяется большое внимание данной тематике дающих существенный толчок тому, что теория перевода в последнее время серьезно развивается. Теория перевода отличается от других традиционных филологических, особенно лингвистических методов исследования.

В результате исследования данной темы был сделан вывод, что в условиях непрерывного развития современных технологий каждый самосознательный человек должен уважать национальные ценности, в частности, государственный язык, который в своей натуре взращивает многовековую историю нашего народа и сохраняет древнюю культуру нашей нации, чтобы внести беспрецедентный вклад.

Ключевые слова*: перевод, полиграфический перевод, теория перевода, исследования, проблемы перевода, полиграфические терминологии, результат исследования, полиграфические требования, направление, переводческая практика.*

МУШКИЛОТИ ТАРҶУМАИ ИСТИЛОҲОТИ ПОЛИГРАФӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола яке аз масъалаҳои мубрами марбут ба масъалаи тарҷумаи истилоҳоти полиграфӣ дар забони тоҷикӣ таҳлил карда шуд. Муаллиф тавонист бо далелҳои боэътимод ва умедбахш як қатор камбудиҳои марбут ба ин масъаларо ба таври возеҳ нишон диҳад ва инчунин дар бисёр мисолҳо роҳҳои ислоҳи онҳоро нишон дод. Муаллиф тавонист бо истифода аз далелҳои боэътимоду умедбахш як қатор камбудиҳои марбут ба ин масъаларо равшан нишон диҳад ва инчунин бо мисолҳои зиёд роҳҳои ислоҳи онҳоро нишон диҳад.

Ба ақидаи муаллиф, ҳар як тарҷумон бояд талаботи полиграфиро, ки ба стандартҳо ва талаботи нашрияҳо мувофиқат мекунанд, риоя кунад. Зеро дар тарҷума, одатан, самтҳои таърихию фарҳангӣ, адабӣ ва маънавӣ омӯхта мешавад. Аммо ҳамаи ин самтҳо ё мустақим, ё ғайримустақим яке аз шохаҳои самт мебошанд. Тарҷума равандест, ки ҳамеша кор бо маводи забонро талаб мекунад. Инчунин, бояд қайд кард, ки ҳоло ба ин мавзуъ диққати зиёд дода мешавад, ки ба он такони ҷиддӣ медиҳад, ки назарияи тарҷума вақтҳои охир ба таври ҷиддӣ рушд карда истодааст. Назарияи тарҷума аз дигар усулҳои анъанавии филологӣ, алалхусус, забоншиносии таҳқиқот фарқ мекунад.

Дар натиҷаи таҳқиқи ин мавзуъ хулоса бароварда шуд, ки дар шароити рушди пайвастаи технологияҳои муосир ҳар як шахси худогоҳ бояд арзишҳои миллиро, аз ҷумла забони давлатиро, ки дар табиати худ таърихи чандинасраи халқи моро ба воя мерасонад ва нигоҳ медорад, эҳтиром намуда, фарҳанги қадимаи миллати моро барои саҳми бесобиқа нигоҳ медорад.

Калидвожаҳо: *тарҷума, тарҷумаи полиграфӣ, назарияи тарҷума, тадқиқот, мушкилоти тарҷума, истилоҳоти полиграфӣ, натиҷаи тадқиқот, талаботи полиграфӣ, самт, таҷрибаи тарҷума.*

OF TRANSLATION OF POLYGRAPHIC TERMINOLOGY IN TAJIK LANGUAGE

This article analyzes one of the most topical issues related to the problem of translation of polygraphic terminology in Tajik language. The author chose this topic on the basis of the fact that nowadays a lot of attention is paid to the problems of translation, and in the printing system a lot of attention is paid to the terms that are distributed in the linguistic aspect. The author has managed to illustrate with reliable and promising evidence a number of shortcomings related to this issue, and has shown with many examples the ways to correct them.

In the author's opinion, every translator must comply with the printing requirements, standards and requirements of the editions. This plays an important role as translation is usually studied in historical-cultural, literary and spiritual directions. But all these directions are either directly or indirectly one of the branches of the direction, since translation is a process that always requires working with linguistic material. It should also be noted that nowadays a lot of attention is paid to this subject giving a significant impetus to the fact that the theory of translation has been seriously developed recently. Translation theory differs from other traditional philological, especially linguistic methods of research.

The study of this topic concluded that in the continuous development of modern technology, every self-conscious person should respect national values, particularly the state language, which in its nature nurtures the centuries-old history of our people and preserves the ancient culture of our nation to make an unprecedented contribution.

Keywords: *translation, printing translation, translation theory, research, translation problems, printing terminology, research result, printing requirements, direction, translation practice.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Тошова Мадина Маҳмадкаримовна *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ассистенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти рус. Тел: 888858887, g-mail: sofisofijon@gmail.com*

Сведение об авторе: Тошова Мадина Махмадкаримовна *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, ассистент кафедры теории и истории русской литературы. Тел.: 888858887; g-mail sofisofijon@gmail.com*

Author information*:* ***Toshova Madina Mahmadkarimovna*** *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, assistant of the Department of Theory and History of Russian Literature. Tel: 888858887. g-mail sofisofijon@gmail.com*

УДК: 809.155.0

БАРРАСИИ ДИАЛЕКТИЗМҲОИ СИФАТӢ ДАР ОСОРИ СОРБОН

Умедҷони Лоиқшо

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба хусусиятҳои грамматикии сифат таваҷҷуҳи муҳаққиқон бештар равона гардидааст ва он дар рисолаву нигоштаҳои забоншиносон Ш.Ниёзӣ [10], Б.Ниёзмуҳаммадов [11], Э.Шоев [13], дар китобҳои дарсии “Забони адабии ҳозираи тоҷик” [5], “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” [2] ва ғ. маълумотҳои заруриро пайдо кардан мумкин аст.

Масъалаҳои марбут ба сифат дар шевашиносии тоҷик қариб дар ҳамаи корҳои батабърасидаи шевашиносии тоҷик то солҳои 80-уми асри гузашта, асосан, дар доираи баъзе категорияҳои он, алалхусус, дараҷанокӣ мулоҳизаронӣ ба чашм мерасанду халос. Ш.Исмоилов таҳқиқи ин мушкилоти мазкурро ноқис арзёбӣ намуда, нопурра арзёбӣ карда, чунин нигоштааст: “Ҳатто дар китоби “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” [13], ки моҳияти ҷамъбастӣ дорад ва мебоист ҳар як ҳиссаи нутқ дар он ба таври алоҳида тадқиқ ҷамъбаст меёфт, омӯзиши сифат якҷоя бо исм сурат гирифта, муҳокимаи муҳаққиқон, асосан, дар атрофи дараҷаҳо ва калимасозии сифат равона шудааст [6, с.136]. Масъалаи таҳқиқи сифат аз лиҳози лексикологӣ дар рисолаи “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” [9] бори нахуст мавзуъбандӣ ва мавриди таҳқиқи луғавию маъноӣ қарор гирифтааст. Маводи лаҳҷавӣ дар доираи сифат нисбат ба исм фаровон нест, вале сифатҳо бо тобишҳои маъноии худ дар муҳити лаҳҷа озодона гардиш хӯрда, ҷиҳати ифодаи матлаб нақши муҳим мебозанд. Ғ.Ҷӯраев диалектизмҳои сифатиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: а) калимаҳои сифатие, ки хислат ва хусусияти инсонро ифода мекунанд; б) калимаҳои сифатие, ки хислат ва хусусиятҳои ғайриинсонро ифода мекунанд [9, с.205]. Ш. Исмоилов ин гурӯҳбандиро такмил дода, диалектизмҳои сифатии нисбат ба инсон, ҳайвонот, ба таом, ба либос ва анвои матоъ, ба мева, дарахт, марбут ба замин ва мавзуъҳои гуногун гурӯҳбандӣ кардааст [6, с.136-146]. Чунин навъи таҳқиқу таҳсимбандӣ ба аксарияти рисолаҳои ба лексикаи лаҳҷаҳои забонамон бахшидашуда низ хос мебошад.

Роҷеъ ба нақши диалектизмҳо дар забони осори А.Самад Ҷ.Саидова вобаста ба маводи ҷамъоваришуда диалектизмҳои сифатиро ба се гурӯҳ: 1) диалектизмҳои сифатие, ки хислат ва хусусияти шахсро ифода мекунанд; 2) диалектизмҳои сифатие, ки хислат ва хусусияти ҷонварҳоро ифода мекунанд; 3) диалектизмҳои сифатие, ки аломати ашёи гуногунро ифода мекунанд, таҳсим кардааст [12, с.83-96]. Вобаста ба моҳияти маводи фароҳамомада мо ба таснифоти мазкур пайравӣ мекунем:

1) диалектизмҳои сифатие, ки хислат ва хусусиятҳои инсонро нишон медиҳанд. Ин гурӯҳ диалектизмҳо нисбат ба дигарашон аз лиҳози теъдод ва ғунҷоиши мавзуъ афзалият доранд, зеро мақсаду мароми нависанда маҳз дар нишон додани паҳлуҳои мухталифи хислату характери персонаж ва қаҳрамонони асараш равона гардидааст. Сорбони дар осори худ бештар ба диалектизмҳои сифатие рӯ овардааст, ки тавассути онҳо камбудиҳои шахс ошкор ва ислоҳ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, матнҳое, ки дар онҳо диалектизмҳои сифатӣ чун воситаи забонӣ ба кор бурда мешаванд, асосан, характери танқидӣ дошта, бо ниятҳои услубӣ баҳри нишон додан ва бартараф намудани нуқсонҳои шахсият корбаст шудаанд. Ғ.Ҷӯраев дуруст менависад, ки “калимаҳои сифатӣ аз воситаҳои муҳимми забонанд, ки ба воситаи онҳо хислатҳои нек бо бад, ҷисми солим бо носолим муқобил гузошта мешавад. Ба тарзи дигар гӯем, нобаробарии маънавию ҷисмонии инсон маҳз дар силсилаи калимаҳои сифатӣ ифода меёбад” [9, с.205-206].

1) диалектизмҳои сифатие, ки барои ифодаи аломатҳои ҷисмонии инсон ба кор рафтаанд: ***шал, бепой, чатиш, зунг, уҷҷак, нодухтар, мулуҳ, найгӯш, гӯшлаққа, буча*** *ва монанди инҳо* аломатҳои ҷисмонии инсонро нишон додаанд: ***шал*** – одаме, ки пойҳояш кор

намекунад бо диалектизми сифатии “чӯлоқ” муродиф мебошад; дар матни романи “Ҷӯгӣ” Сорбон бо мақсади таҳвияти фикр ва ишора ба аломат сифати “бепой”-ро бо калимаи ***шал*** ҳамоҳанг сохтааст: *... аз миён поёнаш наменамуд, гӯё* ***шал*** *ё* ***бепой*** *бошад*. Чунин навъи ҷӯр сохтани калимаҳои сифатии ҳаммаъно дар романи “Росу” ба силсилаи синонимии ***шал-бепой-чӯлоқ*** илова гардидани калимаи ***ланг*** низ мушоҳида мешавад, ки он чун лақаб ба номи Амир Темур ҳамроҳ шудааст: *Ай* ***Темури ланг****. Ман медонам, ки ту раҳму шафқат гуфтанӣ фаҳму эҳсосро намедонӣ. Аз калла манора месозӣ* 14, с.29]; ***уҷҷак*** – “долсурат ва ё хамидақомат” маънӣ мешавад. Азбаски чунин вазъи ҷисмонӣ бештар ба калонсолон хос аст, Сорбон сифати дигар – ***пир***ро ҷиҳати ҷалб намудани диққати хонанда бо ***уҷҷак*** ҷуфт бастааст: ***уҷҷаки пир: ...баргашт ва падари уҷҷаки*** (долсурат) пираш онҳоро диданӣ омад [14, с.40]. Ҳамин гуна аломати ҷисмонии ба аломати пирӣ наздикро диалектизми сифатии пиртуллак низ ифода кардааст: *Модари* ***пиртуллак*** *ҳама чизро дарёфт, ки ин хун на он хун* [14, с.59]. Аммо бо истеъмоли диалектизми ***пирдухтар***, ки морфемаҳои таркиби ин калима ба ҳам зидмаъноанд, Сорбон мафҳуми камолоти умрро не, балки мафҳуми ҳадди ниҳоии синни балоғат ва давраи чавониро чунин номидааст: Пирдухтар шуд, наомад [15, с.19]; ***ҳатул*** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ “коҳил, танбал, коргурез, муғамбир” [Рашт) маънидод мешавад [13, с.798]. Нависанда ин сифатро нисбат ба мардони ҷӯгӣ, ки коҳилу танпарваранд, истифода бурдааст: *Ҳар ҷӯгимарди* ***ҳатул*** *низ хешро Ардашери сейи Ҳахоманишӣ, султон Сулаймони усмонӣ ё худ Амири Мангитӣ пиндорад* [21, с.61]; ***чапаґай*** мафҳуми “чапдаст”-ро ифода мекунад: *Зеро ӯ чун амак* ***чапаґай*** (чапдаст) *нест* [15, с.177]; ***ажриқчашм*** (ранги сабзгуни моил ба кабудӣ)– ба аломати чашми персонаж тааллуқ дорад: Русбачаи малламӯйи ажриқчашм ҳафтсола шуда бошад ҳам мактаб намерафт [15, с.222]; ҷуфти синонимии ***шалпару бефара*** мафҳуми “хеле зиёд хаста будан”-ро далолат мекунад: *Баъзан чунон* ***шалпару бефара*** *гарданд, ки ҳанги рост истодан накарда, лингҳоро паҳн гузошта нишинанд* [21, с.19]; ***чатиш*** – дурага, омехта; кӯдакони аз падару модари гуногунмиллат ва ё гуногунирқ ба дунёомада: *Ҷӯгиён ҷавонони* ***чатиш****ро дида, пиндоранд, ки онҳо аз динашон бегона гашта* [21, с.24]; ***газгӯшти найгӯш*** – ибораи сифатӣ, ки тавассути он ду ҳолати ҷисмонӣ – хароб будан ва гӯшдарозӣ инъикос гардидааст: *Шӯйи* ***газгӯшти найгӯш*** *як пой дар шаҳру як пой дар деҳа* [17, с.50]; ***сарторик*** – ҳомиладорӣ: *Оби даҳон, ки рафт, ҳамон чизи дилкашро нахӯрад, дил беҳузур гардад; худи занони* ***сарторик*** [20, с.20].

Як маҳорати аҷиби суханварии Сорбонро дар корбурди диалектизмҳои гурӯҳи сифат дар ҷодаи мутаносибан ва пайи ҳам истифода бурдани поэтизми сифатии ***лоґари сарвболо*** ва диалектизми ***ґӯшлаққа***, ки дар забони адабӣ ба қатори вожаҳои услуби паст шомил мешавад, мушоҳида кардан мумкин аст: Ҷавони лоґари сарвболо ва ґӯшлаққа [17, с.43].

2) дар ифодаи намуди зоҳирӣ ва ранги рӯйи инсон: ***сиёҳи мазанг*** – ибораи сифатии изофӣ, ки ҷузъи аввали он ***сиёҳ*** ба маънои ранг маъруф мебошад, вале ҷузъи дувуми он: ***мазанг*** дар ФЗТ – “як қабилаи ҷӯгӣ, лӯлӣ” маънидод шуда, дар забони адабӣ низ дар гардиш будааст. Чунончи:

Ҷӯгизанон*и шаҳру* ***мазангон****и бодия,*

Доранд бар фатонату идрокат офарин [13, с.620].

Вожаи ***мазанг*** дар ФҒҶЗТ [13] ин тавр тавзеҳ ёфтааст: “зангӣ, одами сиёҳандом; 2) лӯлӣ, ҷӯгӣ [13, с.431]. Сорбон ин ҷуфти наздикмаъноро ба маъноҳои зикршуда дар тавсифи Гадой-ҷӯгӣ ба кор бурдааст: *Шавҳари* ***сиёҳи мазанг*** *Гадой аз ҳодисаю воқеаҳо огоҳ гашта, зани зеборо талоқ дода буд* [21, с.27]. Омезиши ранги пӯсти ҷӯгиён дар тасвири Сорбон бо сифатҳои дигар дар таркиби ин ибораи сифатии изофии ***лублучаки сиёҳ*** низ ҷӯр ва ҳамоҳанг гардидааст: *Гумон кардем, ки* ***ҷӯгибачаҳои лублучаки сиёҳ*** *худашонро ба об партофтаанд* [21, с.23]; ***ҳабата*** – дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ дар шакли овозии ***ҳабата//абата//абота*** истеъмол гардида, ба се маъно тавзеҳ ёфтааст: 1)ғажд, чиркин, ифлос; 2) безеб, зиштрӯй; 3) нообод, хароба [13, с.783]. Сорбон ин диалектизмро ба маънои

дуюмаш зиштрӯ будан ин гуна кор бастааст: *Ҳамон **ҳабатая** худат ёфтӣ, апа, ҷавобаша те* [21, с.36].

3) дар мавриди ифодаи аломатҳои руҳию равонии одамон: ***гизала*** (бадқаҳр, бадҷаҳл, тез): *Зани Мулло **гизала** садо шунида, ҷон аз дасту пояш баромад* [21, с.26]; *олими **Оламдон*** (ҳамадон, донишманд) – ин ибора баъзан дар гуфтори аҳли зиё бо мазмуни "аълома" ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ садо дода, дар байни мардум гунаи дигари он"ҳамадон" низ ба маънои аслию маҷози мустаъмал мебошад.: *Мо олими **Оламдо**н дорем, агар ҳавай надона, мо намедонем* [14, с.9]; ***ёгии сарҳуй*** (ҷавонону наврасони беназоратмонда, одами нофармон; бекору беҳудагард): *Кас фиристӣ, **ёгии сарҳуй** дар Бурсзор ҳаст ё наст* [18, с.62]; ***хаппак*** (камгап; дамдузд): *Бойи **хаппак** дар зиндагӣ шӯхиҳо низ дошт, илоҳӣ ҳамтур бошад* [21, с.49].

4) дар ифодаи мансубияти шахс ба маҳал ва миллат: ***ваҳдатӣ*** (мансуб ба ш. Ваҳдат): *Пас аз ҳамаро гӯш додану гап чиданфармуд Рачабалии **ваҳдатӣ,** ки ба гуфти хеш ҳамаро якранг мефаҳмид* [17, с.41]; ***кӯлобӣ*** (мансуб ба минтақаи Кӯлоб): *Фишори пирамарди **кӯлоби**ро чен кард* [17, с.41]; ***шаҳрӣ*** (мансуб ба шаҳр*): Шаборӯз аз оғӯши аруси **шаҳрӣ** канда нест* [17, с.53]; ***кӯҳистонии лачакбасар*** (шахси мансуб ба мавзеъҳои кӯҳистон): "*Бардошти бозор" посух дод **кӯҳистонии лачакбасар*** [15, с.160]: ибораи фразеологии ***раги ҷуҳудӣ доштан*** (аз ҳад зиёд доногӣ кардан; дилёбӣ, корчалонӣ): ***Ягон раги ҷуҳудӣ** ҳам **дорӣ**, мегӯм* [14, с.30].

5) дар ифодаи хислатҳои манфии инсон: ***луссак*** (нодида, чашмгурусна): *Камон мешуд, медонистам бо ин душмани **луссаки муфтхор** чӣ кор карданамро* [15, с.235]; ***нокас*** (разил), ***ҳаром*** (нопок, бадзот), ***ҷалаб*** (зани беҷогард), ***фоҳиша*** (зани танфурӯш): *Аз мани **нокаси ҳаром, ҷалаб, фоҳиша** ҳарфҳои паст намешунидӣ* [14, с.37]; ***хурамхабрав*** (муфтхӯр, коҳил, танпарвар): *Мардон **хурамхобрав*** [21, с.18]; ***ҳавасакӣ*** (ноустувор, булҳавас, зудбовар): *Кирдори духтари **зудбовару ҳавасаки**ро намебахшид* [18, с.39]; ***ҳаромхиштак*** (ғар; булҳавас): *Лек тахмин занад, ки кори шӯйи **ҳаромхиштак** бувад, ки умраш ба ҳаромкорӣ гузаштааст* [17, с.69]; ***хармиҷоз*** (беаҳд): *Аз дасти ин мардҳои **хармиҷоз** коре намеояд* [14, с.32].

6) аломатҳои синнусолии одамон: ***калонӣ*** (нисбат ба зани якум, ки калонсол аст): ... *ба зани **калонӣ** ва бачаҳояш нигоҳ намекардагӣ шуд* [14, с.19]; ***хурдӣ*** (зани нисбатан ҷавонтар): *Агар дар хона бошад, дуздии зани **хурдӣ** пардаро якбара зада аз тиреза нигоҳ мекард* [14, с.19-20]; ***калонӣ*** (нисбат ба арус ва ё келини калонӣ); ***хурдӣ*** (нисбат ба арус ва ё келинӣ хурдӣ): *Сабаби аз хона баромада рафтани аруси хурдиатон ҳамин. Хушдоман ба аруси **калонӣ** ҳайрону нобоварона нигарист* [14, с.26].

7) маънои маҷозӣ касб намудани диалектизмҳои сифатӣ: ***ширин*** (маънои аслӣ: бомазза: маънои маҷозӣ: азиз, меҳрубон): *Балота гирам, раиси **ширин,** худи Худо фамуда* [21, с.12]; ***сабукпо*** (маҷозан: зани беҷогард, ғар, фоҳиша): *Мокиёнҳо он сӯ равона мешуданд чун зани **сабукпо*** [15, с.16].

8) диалектизмҳои сифатӣ, ки ба як навъи зуҳуроти транспозитсия – субстантиватсия дучор омадаанд. Ин қабил сифатҳо дар матн парадигмаҳои исмро қабул карда, ба исм гузаштаанд: ***ҳаром*** (муқобили ҳалол; ҳар чизи истеъмолаш манъ ва амали иҷрояш мамнуъ) – изофат қабул карда, ба худ сифати ***бепадар***ро тобеъ кардааст; пеш аз худ ҷонишини ишоратии **ин** ва пасоянди **-ро** қабул карда, ба саволи исм ҷавоб шудааст: *Ин **ҳароми бепадарро** ҳам бубар!* [21, с.66]; ***шал, кӯр, талбанда*** аслан калимаҳои сифатӣ мебошанд, ки бо гирифтани пасванди ҷамъсози –***ҳо*** ба исм гузаштаанд: *Дар сари роҳҳо **шалу кӯру талбандаҳо**и зиёд мешинанд* [14, с.20]; ***зӯнг*** (зани нозо): *-Ин **зӯнгро** ба хонаи падару модараш баред* [21, с.27]; ***ношуди бузбоз*** (фитнагар): *Он **ношуди бузбоз**ро нафрин хонд* [22, с.78]; ***Бекас, бепушту паноҳ*** (беворис, бесоҳиб): ***-Бекас** дид-а? **Бепушту паноҳ** донистӣ-а?* [18, с.9]; Сифатҳои исмшуда бо алоқаи изофӣ ба худ сифатҳои дигарро тобеъ кардаанд: *Бозомаданд **луссакҳои муфтхӯру ҳаромхӯр*** [18, с.42]; ***ақлакҳо*** (доноҳо; маҷозан:

донотарошҳо*): -Ҳуй,* ***ақлакҳо,*** *ин санг аз худи Чархи Кабуд омадагӣ* [17, с.69]; ***пирхар*** (таҳқир, дашном): ***-Кори ту чӣ, пирхар!*** [17, с.71]; бе ягон аломати грамматикӣ бевосита дар мақоми исм корбаст шудаанд: *...ду даст ба ду тараф, ҳамчуноне ки* ***зардэзор*** *мехобид* [15, с.208].

Дар баробари ба исм гузаштани сифатҳо, падидаи баръакси он: ба сифат гузаштани исмҳоро ҳам мушоҳида кардан мумкин аст: исми ***корсон*** дар таркиби ибораи ***шиками корсон*** маҷозан мафҳуми сифатии "дам"-ро пайдо кардааст: ***Шиками корсон****ашро молида Худоёрро ба ёд меовард* [21, с.42].

2) диалектизмҳои сифатие, ки аломату чигунагиро нисбат ба ҳайвонот нишон медиҳанд. Калимаҳои лаҳҷавии ***гаргин*** (гирифтори бемории гар), **безеб** (зишт), ***қарқӣ*** (ифлос, чиркин), ***ҷиран*** (аспи рангаш зардчатоб), ***улоғӣ*** (аспи боркаш, аспи бузкашӣ), ***дайду*** (бесоҳиб), обсар (сарзада, гаранг), ***уволак*** (бегуноҳ), ***обӣ, чур*** (рост, сих), ***чукка*** (рост) ва амсоли инҳо дар матни осори Сорбон барои нишон додани хислату хусусият ва таъинот ҳайвоноти гуногун, аз қабили мол, асп, хар, саг, буз, калтакалос, муш ва ғ. ба кор рафтаанд. Чанд мисол: *Хойида - хойида ҳамчун* ***моли гаргин, безебу қарқӣ****, ки чӯпон аз ранги рӯяш безор бошад* [14, с.7]. *Пойи писар баста аз таги шиками аспи* ***ҷирани*** *пешонисафед* [19, с.49]. *Роҷуи* ***уволак****, агар зинда бошад, ба ягон муши нағз медидагияш мегуфтагист* [14, с.51*]. Намои аҷиб дорад мисоли бузи* ***чур****, ки гоҳи нигоҳ шохи* ***чукка*** *ва гӯши* ***чур*** *баробари шунидан истеху боло мегашта бошанд* [17, с.61].

3) диалектизмҳои сифатие, ки аломату хосияти ашё ва ҳодисаҳои гуногунро ифода мекунанд.

Ба қатори вожаҳои лаҳҷавии ин гурӯҳ сифатҳое шомил мешаванд, ки онҳо ҷиҳати нишон додани хусусияти ашёи гуногун – об, зарфҳо, либос, санг, овоз, сухан ва ҳоказо дар забони асарҳои Сорбон ба кор рафтаанд. Чунончи: ***гажд*** (ифлос; нисбат ба об), ***нимлитра*** (нисбат ба ҳаҷми зарф), ***безеб*** (зишт; нисбат ба кор), ***кӯтоҳи аз сари линг*** (нисбат ба палто), ***чукка*** (нисбат ба аломати сангҳои тез ва рост), ***ҳаром*** (нисбат ба чиз), ***гармохунук*** (нисбат ба об), ***баҷойӣ*** (нисбат ба сухан) ва монанди инҳо. Мисолҳо: *Об оварданд дар як боқлашкаи* ***нимлитра*** [14, с.51]. *Дар сармо як палтои* ***кӯтоҳи аз сари линг*** *мепӯшиданд* [15, с.24]. *Чизи* ***ҳаром****ро хӯрдан дар китобҳоимуқаддас манъ карда шудааст* [14, с.15]. *... чун бар сангҳои* ***чукка*** *бархӯрда садо барорад* [17, с.73]. *Шаҳрбону то овоз* ***дупӯстаи*** *гирён набарояд, сар ҷунбонд* [17, с.47]. *Дар дӯлча оби гармохунук овард, то Шубон дасту рӯй шӯяд* [19, с.33]. *Бошад будагист, аммо ман пай набурдам. Чӣ гапе* ***баҷойӣ*** *доранд* [18, с.26].

Қайд кардан ҷойиз аст, ки аксари диалектизмҳои сифатии баррасигашта ҳам дар нутқи персонажҳо ва ҳам дар нутқи тасвирии нависанда истифода гардида, ҷиҳати образнокии тасвир, таъмини воқеяти рӯйдодҳо, фардикунонии нутқи иштирокчиёни воқеаҳо дар романҳои Сорбон мусоидат кардаанд.

Муқарриз: Мирбобоев А., н.и.ф., дотсенти ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Адабиёт:

1. Гадоев Н. Баъзе хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб. / Н. Гадоев. – Душанбе: Балоғат, 2017. – 232 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷиди 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
3. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил (дар асоси маводи романи "Одамони ҷовид"). / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 224 с.
4. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон. / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1977. – 203 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология, фонетика, морфология. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 236 с.
6. Исмоилов Ш. Лексикаи лаҳҷаҳои водии Рашт. / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2018. – 333 с.
7. Мақсудов Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара. / Т. Мақсудов. – Душанбе, 1977. – 197 с.

8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. (Луғатшиносӣ). / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: ДМТ, 2007. – 242 с.
9. Неменова Р.Л., Ҷӯраев Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. / Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1980. – 328 с.
10. Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. / Ш. Ниёзӣ. – Сталинобод: Нашриёти АИ РСС Тоҷикистон, 1954. – 48 с.
11. Ниёзмуҳаммадов Б. Забоншиносии тоҷик. / Б. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Дониш, 1970. – 387 с.
12. Саидова Дж. Диалектизмы и их стилистические особености в художественных произведений (на основе произведений А.Самада). / Дж. Саидова: автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.22. – Душанбе, 2019. – 25 с.
13. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. (мураттибон: М.Маҳмудов, Р.Ғаффоров, Б. Бердиев). – Душанбе: Пайванд, 2012. – 946 с.

Манбаъҳо

14. Сорбон. Росу (роман) // Садои Шарқ, №1, 2010. – С.8-61.
15. Сорбон. Мағзреза (дида ва шунида). –Душанбе: Адиб, 2013. – 352 с.
16. Сорбон. Барзгар (роман) // Садои Шарқ, №1, 2014. – С.8-71.
17. Сорбон. Шаҳрбону (Роман. Аввалаш) // Садои Шарқ, №7, 2015. – С.39-79.
18. Сорбон. Шаҳрбону (Роман. Поён) // Садои Шарқ, №8, 2015. – С.8-44.
19. Сорбон. Зуза (Роман) // Садои Шарқ, №10, 2016. – С.17-65.
20. Сорбон. Зуза (Роман. Поён) // Садои Шарқ, №11, 2016. – С.15-56.
21. Сорбон. Ҷӯгӣ (роман). Китоби 2 // Садои Шарқ, №2, 2019. – С.8-67.
22. Сорбон. Ҷӯгӣ (роман). Китоби 2 // Садои Шарқ, №3, 2019. – С.59-83.

БАРРАСИИ ДИАЛЕКТИЗМҲОИ СИФАТӢ ДАР ОСОРИ СОРБОН

Аҳамияти захиравӣ доштани лаҳҷаҳо дар робита ба истифодаи диалектизмҳои маҳаллу манотиқи гуногун дар рушди таркиби луғавии тоҷик бармало равшан гардид. Таъсири мутақобилаи забони адабӣ бо шохаи дигари забони умумимиллӣ – лаҳҷаю шеваҳо раванди доимӣ буда, хусусан, дар солҳои пас аз ба даст овардани истиқлолияти миллию давлатӣ ҷиҳати вусъат бахшидан ва такомул додани забони давлатӣ ва ба забони ягонаи умумихалқӣ табдил ёфтани он муҳиммии зиёд касб мекунад.

Адабиёти бадеӣ дар инкишоф ва тавсеаи меъёрҳои забони адабӣ мақоми назаррас дошта, зарурати корбурди минбаъдаи ҳар як диалектизми дар забони асар истифодашуда муайян карда мешавад. Пас, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки адабиёти бадеӣ як купрӯки хеле устувор ҷиҳати ба забони адабӣ интиқол ёфтани калимаҳои хоси лаҳҷа маҳсуб меёфтааст, ки дар ин ҷода нақши нависандаи маъруф Сорбон бағоят калон мебошад. Зеро нависанда аз имкониятҳои гуногуни забон истифода бурда, диалектизмҳоро ҳамчун воситаи муқтадири услубӣ дар офаридани тасвири манзараҳо, ҳодисаҳо, кушодани симои персонаж ва ҷаҳони ботинии ӯ ба кор бурдааст, ки он бояд ба хонанда таъсири эстетикӣ бахшад, ба рушди шахсияти ӯ ва болоравии маънавиёташ мусоидат намояд.

Диалектизмҳои сифат дар доираи аломатҳои марбут ба инсон, ҳайвонот ва ашёву ҳодисоти гуногун таҳқиқ шудаанд ва бо нишон додани нақши воситаҳои калимасоз ва шаклсоз мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: *диалектизмҳои сифатӣ, осор, Сорбон, забони адабии ҳозираи тоҷик, забони адабӣ, забони тоҷикӣ, хусусиятҳои грамматикии сифат, забоншинос, шевашиносии тоҷик, корбурди диалектизмҳо, транспозитсия, субстантиватсия, калимаҳои лаҳҷавӣ, нависанда, роман.*

ИССЛЕДОВАНИЕ КАЧЕСТВЕННЫХ ДИАЛЕКТИЗМОВ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ СОРБОНА

Стало очевидно резервное значение диалектов в развитии таджикской лексики в плане использования диалектизмов разных регионов. Взаимодействие литературного языка с другой ветвью национального языка - диалектами и стилями - представляет собой

непрерывный процесс, особенно в годы после обретения национальной и государственной независимости, в целях расширения и совершенствования государственного языка и превращения его в единый национальный язык. язык, это становится очень важным.

Художественной литературе принадлежит значительная роль в развитии и расширении норм литературного языка, определяется необходимость дальнейшего использования любых диалектизмов, употребляемых в языке произведения. Итак, можно прийти к выводу, что художественная литература считается очень устойчивым мостом для передачи диалектно-специфических слов в литературный язык, в котором очень велика роль известного писателя Сорбона. Потому что писатель использовал различные возможности языка и использовал диалектизмы как мощное стилистическое средство в создании образов сцен, событий, раскрытии образа персонажа и его внутреннего мира, что должно дать читателю эстетический эффект, способствовать развитию его личности и подъем его духовности.

Диалектизмы качества исследованы в рамках знаков, относящихся к людям, животным и различным предметам и явлениям, и изучены путем показа роли словообразовательных и формообразующих средств.

***Ключевые слова**: качественные диалектизмы, произведения, Сорбон, современный таджикский литературный язык, литературный язык, таджикский язык, грамматические признаки прилагательного, лингвист, таджикская диалектология, употребление диалектизмов, транспозиция, субстантиватсия, диалектные слова, писатель, роман.*

REVIEW OF QUALITATIVE DIALECTICISMS IN THE WORKS OF SORBON

The reserve importance of dialects in connection with the use of dialectisms of different regions in the development of the Tajik vocabulary has become clear. The interaction of the literary language with another branch of the national language - dialects and styles - is a continuous process, especially in the years after gaining national and state independence, in order to expand and improve the state language and its transformation into a single national language, it becomes very important.

Artistic literature has a significant role in the development and expansion of the standards of the literary language, and the need for further use of any dialectism used in the language of the work is determined. So, we can come to the conclusion that fiction is considered a very stable bridge for the transfer of dialect-specific words to the literary language, in which the role of the famous writer Sorbon is very important. Because the writer used the various possibilities of the language and used dialectisms as a powerful stylistic tool in creating images of scenes, events, revealing the image of the character and his inner world, which should give the reader an aesthetic effect, contribute to the development of his personality and the rise of his spirituality.

Dialecticisms of quality have been investigated in the framework of signs related to people, animals and various objects and events, and have been studied by showing the role of word-forming and form-forming tools.

***Keywords:** qualitative dialectisms, works, Sorbon, modern Tajik literary language, literary language, Tajik language, qualitative grammatical features, linguist, Tajik idioms, use of dialectisms, transposition, substantiation, dialect words, writer, novel.*

***Маълумот дар бораи муаллиф: Умедҷони Лоиқшо** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, унвонҷӯйи кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ. Нишонӣ: 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: (+992) 985474787; umedjonil-1987@mail.ru*

***Сведения об авторе: Умеджони Лоикшо** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина соискатель кафедры теории и практики языкознания Айни. Адрес: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки 121.Телефон: (+992) 985474787; umedjonil-1987@mail.ru*

***Information about the author: Umedjoni Loiksho** – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, applicant for the Department of Theory and Practice of Linguistics of the Adress: 734003, Dushanbe city, 121 Rudaki avenue. Phone: (+992) 985474787; umedjonil-1987@mail.ru*

УДК 801.3

ЛЕКСИКОГРАФИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ КОНЦЕПТА ТРУД / МЕҲНАТ

Ҳабибов С.Ш.

Филиал НИУ «МЭИ» в г. Душанбе

На текущем этапе лексикографический анализ играет значительную роль в описании структуры концепта, его названия и выразительных средств языка. Примером такого концепта является «Труд» - универсальная концепция-константа с сложной и многоуровневой структурой. Это объясняется многозначностью лексемы, лежащей в основе концепта, а также субъективностью восприятия этого понятия.

Лексикографическое изучение языковых единиц является одним из ключевых аспектов лингвистического анализа. Вместе с этим, исследователи используют такие понятия, как «лексикографическое исследование», «лексикографический аспект» и «метод лексикографического анализа» [6, с. 7].

Современная лингвистика придаёт большое значение лексикографическому анализу как приоритетному методу. Лексикографирование языковых единиц представляет собой важное направление лингвистического исследования. Вместе с этим методом учёные используют такие понятия, как «лексикографическое исследование», «лексикографический аспект» и «метод лексикографического анализа».

По мнению Т.В. Жеребило, термин «метод лексикографического анализа» интерпретируется как форма функционального анализа, который включает анализ словарей и их статей [5, с.4]. Суть этого метода заключается в возможности детального изучения объектов лексикографии (например, антонимии, синонимии, фразеологии и т.д.), их особенностей, функционирования в языке и структуры концепта.

Согласно С.Г. Воркачеву, метаязыковое сознание проявляется в словарных описаниях, представляющих особенности научного и повседневного уровней сознания. Повседневное сознание, seinerseits, имеет этнокультурную специфику [4, с.9].

Наиболее продуктивным методом проведения лексико-семантического анализа концепта меҳнат» («труд») является лексикографический анализ, в рамках которого были использованы различные словари. Изучение происхождения слова и его развитие в языке связано как с историей языка, так и с жизнью народа, его культурой, природными условиями обитания и социальным развитием. Поэтому лексикографический анализ слов, которые представляют определённый концепт в языке, важен для полного понимания этого концепта в мировоззрении народа.

В таджикском языке ключевым словом, представляющим концепт «труд», является «меҳнат». Семантическая структура этого слова включает различные значения и свойства этого концепта. Задача состоит в определении этого семантического поля и выявлении всех слов, связанных с этим концептом.

Лексема «меҳнат» является ключевым словом – репрезентантом и именем номинативного поля в таджикском языке, а в русском языке – *«труд».* Совокупность всех данных смыслов образует семантическую структуру слова. Семантическая структура слова «меҳнат» (труд) составляет смысловое строение основной единицы лексики. Она проявляется в полисемии слова как способность называть различные свойства, явления, предметы и т.д.

В целях выявления лексико-семантических вариантов понятия обратимся к толковым словарям таджикского и русского языков, так как лексико-семантический вариант является предельно обобщённым и семантически простым, составляя некую абстракцию, которая служит для анализа языковых единиц.

Слово меҳнат толкуется в “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” следующим образом **МЕҲНАТ** *а.* 1 محنت **.** Азоб, ранҷ, машаққат, заҳмат, меҳнат кашидан, азобу машаққат

кашидан, дар азоб будан. 2**.** Фаъолияти мақсаднок ва ба ҷамъият нафъовари инсон, ки ранҷу кӯшиши ақлонӣ ва ҷисмонӣ металабад; кор [ФТЗТ; 2011 т.1, с. 793]

В «Таджикско-русском словаре под редакцией М.В. Рахими и Л.В. Успенской приводится следующая дефиниция **Меҳнат** 1) труд; **меҳнати фикрӣ** умственный труд; **меҳнати ҷисмонӣ** физический труд; 2) см.**заҳмат**, [ТРС, 1954, с. 229].

В словаре М. Мухаммадиева М. «Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ» [ЛСЗТ; 1975] приводятся следующие лексемы, соответствующие понятию меҳнат и составляющие переферийные компонеты**: кор, заҳмат, ранҷ, шуғл, хизмат, риёзат**. Эти слова кроме общего значения (название действия) обладают стилистическими и семантическими различиями. Слово **кор** – полисемично, и может легко заменяться другими синонимами. Оно общеупотребительно и в литературном, и в разговорном языке.

Слово **меҳнат** в сравнении со словом **кор** менее употребительно, однако в отличие от других слов цепочки используется чаще.

Слова **ранҷ, риёзат** ограничены в употреблении, кроме основного значения могут использоваться в значениях **душворӣ, азоб** (трудность, страдание) – **заҳмат (меҳнат)** кашидан; касеро заҳмат додан. Слово **риёзат** используется также в значениях **худдорӣ кардан (воздерживаться), парҳез, зоҳидӣ кардан, фидокорӣ намудан** (аскетизм, сдержанность, самоотверженность).

Слово **хизмат (хидмат)** со своими синонимами обладает оттенками значений. Оно используется в значении **вазифа** (должность) (ин работ як вақт хидмати корвонсароеро адо мекард) и **фаъолият** (деятельность) – **хизмати муаллимӣ, хизмати ҷамъиятӣ**. Слово **хизмат** весьма продуктивно в словообразовании.

Слово **шуғл** также обладает оттенками значений, посредством чего входит в другую группу синонимов. **Чанд рӯз аст, ки ба китобхонӣ шуғл (ҳавас, завқ) пайдо кардааст.**

Слово **ранҷ** в некоторых случаях синонимично словам **азоб, душворӣ**: **чанд рӯз аст, ки дар бистари беморӣ ранҷ мекашад**.

Слово **амал** входит в группу полисемичных и многофункциональных слов. Кроме упомянутых значений оно может использоваться и в других: **амали дору (таъсири дору); дар амал (ҳаёт) татбиқ намудан; дар ислоҳи кор низ амал (рафтор) кардан; кишти баҳорӣ нағз амал (сабзиш) кард; ба амал омадан (ба иҷро расидан); амал (рутба, мансаб)-еро иҷро кардан**.

Примеры: *Мардум кор мекунанд, меҳнат мекунанд, тухми амал мекоранд (Ҷ.И.). Наход дар масоҳати саду ҳафтод гектар ҳамин қадар меҳнат, ҳамин қадар ранҷу заҳмат барбод равад* (Ф.М.). *Хизмататонро кам кардам, акнун аз ман розӣ шавед (С.А.).*

Шуд нозири ҷавонии ту,
Шуғли дарси ҳаётхонии ту. (М.Т.).
Ранҷи мо – ганҷи мо (посл) -
Ҳар ки нон аз амали хеш хӯрад,
Миннати Ҳотами Той набарад. (посл).
Одам барои хатдон шудан, бояд чандин сол риёзат кашида хонад (С.У.)
Меъмор, ки нақше орад тару пур,
Ҳосил кунад онро ҳама аз заҳмати дур.
Бисёр кашад ранҷ, ки шояд рӯзе,
Орад самаре меҳнати софаш ба зуҳур. (М.М.)

В словаре “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” [ФТЗТ;2008] приводятся следующие толкования указанным выше синонимам:

КОР 1 كار. Амалиёти табдил ёфтани як шакли энергия ба шакли дигар, амал. 2. Он чи ки касе ба он машғул аст, шуғл, пеша; **кори дастӣ** а) амале, ки ба воситаи даст ва умуман бо истифодаи қувваи ҷисмонӣ ба ҷо оварда мешавад; б) маҳсуле, ки аз дасти косибу пешаварон мебарояд; *муқоб*. **кори корхонагӣ**. 3. Он чи аз касе содир мешавад, рафтор, кирдор: **ин кори**

ӯ кори хуб нест. 4. Хизмат, ҷои хизмат, вазифа; машғулият. 5. Супориш ё масъалае, ки иҷро ва ҳалли он ҳамчун яке аз шаклҳои санҷиши дониши мактабиён ба ҳисоб гирифта мешавад: **кори дипломӣ, кори санҷишӣ, кори курсӣ. 6.** ***Маҷ.*** вазъият, аҳвол; кор чатоқ // кор хӯрҷин ***гуфт*****. вазъияти хеле бад, аҳволи бад. 7.** ***Маҷ.*** **ҷанг, муҳориба;** кору пайкор задухӯрд, муҳориба. 8. *Маҷ.* марг, аҷал; кор шудан ба ҳоли баду табоҳ афтодан; хеле ранҷу озор дидан; кор тамом шудан роҳи ҳалли масъалаеро пайдо кардан [ФТЗТ;2008, т. 1. с.622].

Кор I 1) дело, работа; занятие; кори амалӣ практическая работа; кори илмӣ научная работа [ТРС, 1954, с. 192].

ЗАҲМАТ I *а.* 1 **زحمت**. Ранҷ, машаққат, меҳнат; азият, озор, азоб. 2. Ташвиш, дарди сар, тасдеъ; **аҳли заҳмат** заҳматкашон, меҳнаткашон; **насли заҳмат** ранҷбарзодагон, авлоди меҳнаткашон; **заҳмат додан** ташвиш додан, боиси нороҳатӣ шудан; халал расонидан; **заҳмат кашидан** ранҷ бурдан, машаққат кашидан; нороҳат шудан; **заҳмати беҳуда кашидан** беҳуда ранҷ бурдан, меҳнати бефоида кардан.

ЗАҲМАТ II*а.* **زحمت***гуфт.* бало, зиён, зарар, ки гӯё аз деву ҷин мерасад; **зиёну заҳмат** балову ранҷ аз қувваҳои мавҳум; **зиёну заҳмат расондан** [ФТЗТ;2008, т.1, с.515]

ЗАҲМАТ I 1) затруднение, трудность; тягость, беспокойство; ба заҳмат андохтан, заҳмат додан утруждать, обременять; доставлять беспокойство; заҳмат дидан, заҳмат кашидан испытывать затруднения, переносить трудности; 2) *уст*. труд.

ЗАҲМАТII *разг.* 1) нечистая сила, злой дух бес; 2) злоба, состояние крайнего раздражения, бешенство; заҳмати ӯ гирифта истодааст а) он бесится от злости, он неистовствует [ТРС, 1954, с. 153].

ШУҒЛ ***а.*** **شغل**машғулият, кор, пеша, касб; шуғл кардан машғул шудан бо коре. [ФТЗТ;2008, т.2, с.684]

ШУҒЛ занятие, дело, **шуғл доштан** *бо чизе,* **шуғл кардан (намудан)***ба чизе*заниматься *чем-л.*; **ӯ як ҳафта шуд ки бо шоҳмотбозӣ шуғл дорад** вот уже неделя, как он занимается шахматной игрой [ТРС, 1954, с. 463].

ХИЗМАТ//ХИДМАТ 1 **خدمت//خذمت**. кор кардан барои касе. 2. кор, фаъолият. 3.вазифа, коре, ки инсон ё чизи дигар ба иҷрои он уҳдадор аст: **хизмати ҳарбӣ**, **хизмати нақлиёт**. 4. кор ва фаъолияти шоёни эҳтиром ва сазовори таҳсини умум; **ҳаққи хизмат** музди кор; **ба хизмат гирифтан** касеро барои иҷрои коре қабул кардан; **ба хизмат камар бастан** ба иҷрои коре омода будан; **хизмат кардан** кор кардан, вазифаеро ба ҷо овардан, супоришеро иҷро кардан. [ФТЗТ;2008, т. 2. с.447]

ХИЗМАТ 1) служба, должность; деятельность **хизмати ҳарбӣ** военная служба; **рӯйхати хизматҳо** послужной список; 2) услуга одолжение; **ба хизмати шумо ҳозирам** я к вашим услугам [ТРС, 1954, с. 422].

РИЁЗАТ *а.* 1 رياضت . тоб овардан ба ранҷу машаққат, сахтӣ, азоб; машқи варзишӣ, таълим додани ҷонварон, махсусан асп; **риёзат додан** *маҷ.* ранҷу азоб додан касеро, **риёзат кардан** ранҷу заҳмат кардан: **риёзати шоққа** меҳнати сахт; порсоӣ, зоҳидӣ. 2. гӯшанишинӣ, парҳезгорӣ бо мақсади ибодат, зоҳидӣ; **риёзат кашидан** ранҷ бурдан, ба машаққат тоб овардан дар роҳи расидан ба мақсаде [ФТЗТ;2008, т. 2. с.161].

РИЁЗАТ *книжн.* 1) трудность, затруднение; испытание; 2) воздержание, аскетизм, подвижничество; **риёзат кашидан** а) испытывать трудности, преодолевать затруднения; подвергаться лишениям; б) прилагать усилия, трудиться; в) вести воздержанную, аскетическую жизнь, подвергать себя лишениям.

Согласно Таджикскому национальному корпусу, 9 разных словоформ концепта **меҳнат** встречается примерно в 3095 документах, суммарная частотность: 6207. 1 уникальная словоформа примерно в 77 документах, суммарная частотность: 406.0. Слово **кор** 26 разных слов примерно в 17010 найденных документах, общая частота: 52951. **Ранҷ** - уникальная словоформа примерно в 56 документах, суммарная частотность: 339.0. Слово **заҳмат** 1237 предложений найдено примерно в 704 документах, общая частота: 1247.

Хизмат 4399 вхождений, 4281 предложение найдено примерно в 2180 документах, общая частота: 4399. **Шуғл** – 837 найденных документов, общая частота: 1302. **Риёзат** – 1 уникальное слово примерно из 31 найденного документа, общая частота: 80 [https://tajik-corpus.org/tajik_corpus].

Исходя из приведённых выше данных можно увидеть, что в таджикском языке слово *«кор»* употребляется больше по сравнению с его синонимами, такими как «меҳнат», «заҳмат», «шуғл» и многие другие. Приведённые лексические единицы обладают общим значением, часто выступают в роли синонимов, однако употребляются они в различных коммуникативных ситуациях по-разному, кроме того имеют определённую стилистическую окраску, обладая в контексте своим собственнчм значением.

Одним из важных аспектов лексикографического анализа является также исследование коннотаций и эмоциональных оттенков, связанных с понятием «Меҳнат». Например, «меҳнат» может ассоциироваться с понятиями дисциплины, самоотверженности, достижения, усилий, трудностей, но также может вызывать ассоциации с усталостью, перегрузкой или даже эксплуатацией.

Таким образом, лексикографический анализ концепта «Меҳнат» позволяет исследовать его многогранность, разнообразие значений и использование в различных контекстах. Это помогает более точно понять и описать понятие «Меҳнат» в таджикском языке, учитывая его лексическую, семантическую и эмоциональную природу.

Рецензент: Хасанова Ш.Р., к.ф.н., доцент ТМУИЯ им. С. Улугзода

Список использованной литературы и источников

1. Аникин В.П. О логико-семантической классификации пословиц и поговорок // Русский фольклор. - М., 1976. № 16. - С. 263-278.
2. Апресян Ю.Д. Идеи и методы современной структурной лингвистики. Краткий очерк. М., 1966. - 302 с.
3. Верещагин Е.М., Костомаров В.Г. Национально-культурная семантика русских фразеологизмов // Словари и лингвострановедение. - М., 1982. - С. 89-98.
4. Воркачев С. Г. Культурно-языковая специфика концепта любви в русском и испанском языках: опыт этносемантического анализа // Язык и антропологические сущности / КубГУ; отв. ред. Г.П. Немец. – Краснодар: Изд-во КубГУ, 1997. – С. 194-198.
5. Жеребило Т.В. Термины и понятия лингвистики: Общее языкознание. Социолингвистика // Словарь-справочник. – Назрань: Пилигрим, 2011. – 280 с.
6. Жуков К.А. Концепт «Труд» как один из центральных фрагментов пословичной картины мира // Вестник Новгородского Государственного Университета – 2004. –№ 29. – С. 88-92.
7. Аникин В.П. Русские пословицы и поговорки. - М., 1988. - 431 с.
8. Жуков В.П. Словарь русских пословиц и поговорок. М., 1991. - 536 с.
9. Зимин В.И., Спирин А.С. Пословицы и поговорки русского народа. Объяснительный словарь. М., 1996. - 544 с.
10. Абрамов Н. Словарь русских синонимов и сходных по смылу выражений. М., 1996. - 502 с.
11. Мухаммадиев, М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М. Мухаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1993.
12. Назарзода, С. Фарханги тафсирии забони точикӣ. – Душанбе: 2008 –Т. 1 – 950 с.
13. Назарзода, С. Фарханги тафсирии забони точикӣ. – Душанбе: 2008 – Т. 2. – 945с.
14. Ожегов СИ., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. М., 1999. - 944 с.
15. Таджикско-русский словарь / под редакцией М.В. Рахими и Л.В. Успенской. – М., 1954
16. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ / М. Фозилов. – Душанбе, 1975. – 367с.
17. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои точикию форсӣ – ҷилди 1-2-3 / М. Фозилов. – Душанбе, «Нашри камол» –2014. – 640 с.
18. https://tajik-corpus.org/tajik_corpus
19. https://ruscorpora.ru/explore?req
20. https://ravshanfikr.tj/lu-atnoma-o/mavodho/215-far-angi-tafsirii-zaboni-to-ik.html

ЛЕКСИКОГРАФИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ КОНЦЕПТА ТРУД / МЕҲНАТ

В статье автор затрагивает вопросы, связанные с лексикографическим анализом концепта труд / меҳнат. Лексикографическое изучение языковых единиц является одним из ключевых аспектов лингвистического анализа, поскольку такой метод даёт возможность детального изучения объектов лексикографии (например, антонимии, синонимии, фразеологии и т.д.), их особенностей, функционирования в языке и структуры концепта. Одним из важных аспектов лексикографического анализа является также исследование коннотаций и эмоциональных оттенков, связанных с понятием «Меҳнат». Например, «меҳнат» может ассоциироваться с понятиями дисциплины, самоотверженности, достижения, усилий, трудностей, но также может вызывать ассоциации с усталостью, перегрузкой или даже эксплуатацией.

Таким образом, лексикографический анализ концепта «Меҳнат» позволяет исследовать его многогранность, разнообразие значений и использование в различных контекстах. Это помогает более точно понять и описать понятие «Меҳнат» в таджикском языке, учитывая его лексическую, семантическую и эмоциональную природу.

Ключевые слова: *лексикографический анализ, эмоциональная природа, лексикографическое исследование, лексикографический аспект, метод лексикографического анализа, лексико-семантический анализ, коннотация и эмоциональные оттенки.*

ТАҲЛИЛИ ЛЕКСИКОГРАФИИ КОНСЕПТИ ТРУД / МЕҲНАТ

Муаллиф дар мақола ба масъалаҳои таҳлили луғатнигории мафҳуми меҳнат дахл кардааст. Омӯзиши луғатнигории воҳидҳои забонӣ яке аз ҷанбаҳои асосии таҳлили забоншиносӣ маҳсуб меёбад, зеро ин усул барои омӯзиши муфассали объектҳои луғатнигорӣ (масалан, мутазод, муродиф, фразеология ва ғ.) хусусияташон, корбарии онҳо дар забон ва сохтори консепт имкон медиҳад. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳлили луғатнигорӣ низ омӯзиши тобиш ва тобишҳои эҳсосии марбут ба мафҳуми “меҳнат” мебошад. Масалан, «меҳнат»-ро бо мафҳумҳои интизом, фидокорӣ, комёбӣ, саъю кӯшиш, душворӣ алоқаманд кардан мумкин аст, аммо инчунин метавонад мушобеҳ бо хастагӣ, сарбории зиёдатӣ, ё ҳатто истисморро ба вуҷуд орад.

Ҳамин тавр, таҳлили луғатнигории мафҳуми «меҳнат» имкон медиҳад, ки гуногунрангии мафҳум, гуногунмаъноӣ ва истифодабарии онро дар қаринаи гуногун таҳқиқ намоем. Ин барои дурусттар дарк ва тавсифи мафҳуми «меҳнат» дар забони точикӣ бо назардошти хусусияти луғавӣ, маъноӣ ва эҳсосии он ёрӣ мерасонад.

Калидвожаҳо*: таҳлили луғатнигорӣ, табиати ҳиссӣ, тадқиқоти луғатнигорӣ, ҷанбаи луғатнигорӣ, усули таҳлили луғатнигорӣ, таҳлили луғавӣ-маъноӣ, тобиш ва тобишҳои эҳсосӣ.*

LEXICOGRAPHICAL ANALYSIS OF THE CONCEPT LABOR / MENAT

In the article, the author touches on issues related to the lexicographic analysis of the concept labor / mekhnat. Lexicographic study of linguistic units is one of the key aspects of linguistic analysis, since this method makes it possible to study in detail the objects of lexicography (for example, antonymy, synonymy, phraseology, etc.), their features, functioning in language and the structure of the concept. One of the important aspects of lexicographic analysis is also the study of connotations and emotional shades associated with the concept of “Mekhnat”. For example, "mekhnat" can be associated with concepts of discipline, dedication, achievement, effort, difficulty, but can also evoke associations with fatigue, overload, or even exploitation.

Thus, a lexicographic analysis of the concept “Mekhnat” allows us to explore its versatility, variety of meanings and use in various contexts. This helps to more accurately understand and describe the concept of “Mekhnat” in the Tajik language, taking into account its lexical, semantic and emotional nature.

Keywords*: lexicographic analysis, emotional nature, lexicographic research, lexicographic aspect, method of lexicographic analysis, lexical-semantic analysis, connotation and emotional shades.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳабибов Самад Шукурович *– Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии «Донишкадаи энергетикии Москва» дар шаҳри Душанбе, муаллими калони кафедраи фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ. E-mail: samadhab@mail.ru*

Сведения об авторе: Хабибов Самад Шукурович *– Филиал Национального исследовательского университета «Московский энергетический университет» в г. Душанбе, старший преподаватель кафедры социально-гуманитарных наук. E-mail: samadhab@mail.ru*

Information about the author: Samad Shukurovich Habibov *– Branch of the National Research University “Moscow Energy University” in Dushanbe, senior lecturer at the Department of Social Sciences and Humanities. E-mail: samadhab@mail.ru*

ТДУ: 811.222.8’ 373

СИФАТҲОИ МАНСУБ БА «ЗАНД»-У «ПОЗАНД» (ҲУЗВОРИШҲО) ДАР «БУРҲОНИ ҚОТЕЪ»-И МУҲАММАДҲУСАЙНИ БУРҲОН

Ҳасанзода А.А., Мирзозода Н.М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Идеограмма дар луғат ба маънии *шарҳ додан, тафсир намудан* омада, дар истилоҳ *аломат ё маҷмуи аломатҳое* мебошад, ки бо як тарз навишта ва бо тариқи дигар талаффуз мешавад. Чунин аломатҳо, одатан, мансуб ба забонҳои алоҳидаи бостонӣ буда, бо сабабҳои айниву зеҳнӣ ба забони дигар интиқол ёфтаанд. Чунин вазифаро дар забони форсӣ калимаҳои ба забони оромӣ рабтдошта иҷро кардаанд.

Чунонки маълум аст, бузургтарин хазинаи луғавии забон фарҳангнома аст ва тавассути он як истилоҳ, як вожа ё як унсури луғавӣ аз гузашта ба имрӯз интиқол меёбад. Дар мавриди сабт ва интиқоли ҳузворишот низ нақши фарҳангномаҳо, аз ҷумла, «Фарҳанги паҳлавик», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ» ва «Луғатнома»-и Деҳхудо бисёр бузург аст.

Дар ин навишта идеограммаҳои ифодакунандаи аломату хусусият, ки дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» ҷойгиранд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Шоистаи зикр аст, ки «Бурҳони қотеъ» бо вуҷуди эродҳои муҳаққиқони гуногун оид ба надоштани асноди шоҳид, беҳтарин фарҳангномаи форсӣ-тоҷикӣ аст, зеро аносири решагӣ ва сарватҳои арзишманди забонро сабт карда, қайдҳои дорои аҳаммияти таърихии марбут ба забоншиносиро доро мебошад.

Бояд гуфт, ки теъдоди ҳузворишоти дар луғатномаи мавриди омӯзиш ҷойдошта хеле зиёд аст ва дар ин мақола танҳо воҳидҳои луғавии марбут ба аломату хусусият матраҳ мешаванд.

Ҳангоми омӯзиш муайян шуд, ки ҳузворишоти зерини ифодакунандаи аломату хусусият дар «Бурҳони қотеъ» зикр шудаанд: ***атут, арик, басим, бетона, папара, пирорин, ҷеҳ, рубо, радко, зубо, зайин, собута, салиш, катас, кадбо, кумахт/кумехт, мано, ҳӯсруб***.

Бо назардошти хусусиятҳои лексикӣ-семантикиашон, воҳидҳои луғавии баррасишаванда ба зергурӯҳҳои зайл дастабандӣ шуданд:

- идеограммаҳҳои ифодакунандаи хислату характери инсон ва мафҳумҳои ба он вобаста;
- идеограммаҳои марбут ба сифати хӯрданиҳо;
- идеограммаҳои марбут ба масофа ва пастиву баландӣ;
- идеограммаҳои ифодакунандаи сифатҳои умумии ашё ва ашхос.

Гурӯҳи аввал. Ҳузвориши ифодакунандаи аломату хусусият, ки хислати инсонро нишон медиҳад, моддаи луғавии **бетона** аст. М.Бурҳон дар шарҳи он чунин менависад: **«Бетона (بیتانه)** – бар вазн ва маънии **бегона** аст, нақизи ошно бошад ба луғати «Занд»-у «Позанд»» [2, ҷ.1, 204]. Деҳхудо ҳам дар такя ба «Бурҳони қотеъ», «Низом-ул-атбоъ» ва «Онандроҷ» ҳамин маъниро зикр кардааст [9].

Бояд гуфт, ки шакли **бетона** гунаи қадимаи вожаи **бегона** аст. Ин воҳиди луғавӣ дар раванди гузариши забон аз як сохтор ба сохтори дигар ва таъсири забонҳои гуногун, инчунин, инкишофи таърихии фонемаҳои таркиби калима ва табдилу азбайнравии онҳо аз **бетона** ба **бегона** тағйири хӯрдааст.[1]

Ҳузвориши **папара** (**پپره**) дар «Бурҳони қотеъ» ба маънии *пир* дар муқобили *ҷавон* шарҳ гардидааст [2, ҷ.1, 221]. Деҳхудо ҳам чунин шарҳ дода, ба унвони сарчашма танҳо «Бурҳони қотеъ»-ро меорад [9].

Ҳузвориши **ҷеҳ (جه)** дар «Бурҳони қотеъ» ба маънии *занони фоҳиша ва бадкор* шарҳ гардидааст [2, ҷ.1, 331]. Деҳхудо ҳам вожаи фавқро ҳамин гуна шарҳ додааст [9].

---

[1] Ниг.: «Вожаномаи паҳлавӣ-Позанд». –С.186.

Дар мавриди ин моддаи луғавӣ ҳам метавон гуфт, ки барои ифодаи мафҳуми зишткор истифода шуда, бо вожаи **бад** ё **зишт** робитаи овоӣ надорад.

Идеограммаи дигари марбут ба аломату хусусият вожаи **радко (ردگا)** аст, ки дар «Бурҳони қотеъ» ба маънии *рост ва дуруст* дар муқобили *каҷ ва дурӯғ* зикр мешавад [2, ҷ.2, 66]. М.Муин дар мавриди вожаи **радко** ишора мекунад, ки асли калима аз **родако** аст ва ҳузвориши гунаи қадимии онро дар шакли **râdakâ**, гунаи паҳлавиашро дар шакли **râst** нишон додааст [3, 944]. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ҳам айнан ҳамин маънӣ зикр шуда, ба унвони сарчашма луғатномаҳои «Онандроҷ», «Бурҳони қотеъ» ва «Низом-ул-атбоъ» оварда шудааст [9].

Дар такя ба овонавишти гунаи қадимии ин вожа метавон гуфт, ки пешинаи ин ҳузвориш бо вожаи *рост* рабти шакливу овоӣ надорад, зеро вожаи *рост* аз решаи ҳиндуаврупоии **REG, RĒGTOS, ROG, RG** буда, дар авестоӣ ба гунаи **RAŻAEITI, RAZ**, дар порсии бостон ба гунаи **RASTA**, дар паҳлавӣ ба гунаи **RĀST** дучор омадааст [4, 298].

М.Бурҳон ҳузвориши **зубо (زوبا)**-ро дар такя ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънии *дузд ва роҳзан ва қутто-ут-тариқ* шарҳ додааст [2, ҷ.2, 109-110]. Деҳхудо низ ҳамин маъниро дар такя ба луғатномаҳои «Бурҳони қотеъ», «Низом-ул-атбоъ» ва «Онандроҷ» зикр карда, зимнан дар асоси ҳошияи фарҳанги «Бурҳони қотеъ» ин моддаи луғавиро бар асари ғалатхонӣ маъхуз аз вожаи **гӯбо** гуфтааст [9].

Воҳиди луғавии **собута (سابوته)** дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» ба маънии *зани пир* зикр шудааст [2, ҷ.2, 121]. Тибқи иттилои Деҳхудо ин моддаи луғавӣ дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ба маънии *зани пир бошад ба забони порсиён;* дар «Бурҳони қотеъ» *зани пирро гӯянд ба забони «Занд»-у «Асто»;* дар фарҳангҳои «Рашидӣ», «Анҷуманоро» ва «Онандроҷ» ба маънии *зани пир ба забони мардуми Исфаҳон* мебошад [9].

Ҳузвориши **кадбо (کدبا)** дар такя ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънии *дурӯғ* шарҳ ёфтааст [2, ҷ.2, 360]. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо низ дар ҳамин шакл бо ишора ба «Бурҳони қотеъ» ва «Онандроҷ» шарҳ рафтааст [9]. Аз заминаи маълумоти Манучеҳри Ориёнпур, метавон тахмин зад, ки дар талаффузи ин ҳузвориш вожаи *дурӯғ* истифода шудааст, ки шубҳанок аст, зеро решаи ин вожаҳо ҷудогона аст.[2] Вожаи *дурӯғ* калимаи решагии забон-асоси ҳиндуаврупоӣ аст ва вожаи *кадбо* ҳузвориши оромӣ.

Идеограммаи дигар **ҳӯсруб (هوسرب)** аст, ки дар такя ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънии *некномӣ* ё *номи нек* зикр мешавад [2, ҷ.3, 206]. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ҳам чунин аст [9].

Гурӯҳи дуюм. Дар ин даста вожаҳои марбут ба сифати хӯрданиҳо баррасӣ хоҳанд шуд. Ҳузвориши **атут (اتوت)** ҳамчун вожаи марбут ба сифат дар «Бурҳони қотеъ» ба маънии *тундӣ ва тезӣ* омадааст [2, ҷ.1, 71]. Ин моддаи луғавӣ дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ҳам дар такя ба фарҳанги «Бурҳони қотеъ» айнан ҳамин гуна шарҳ ёфтааст [9].

Воҳиди луғавии **басим (بسیم)** низ барои ифодаи аломату хусусият истифода шудааст ва дар «Бурҳони қотеъ» ба маънии *хушмаза ва хушлаззат* мазкур аст [2, ҷ.1, 180]. Тибқи иттилои Деҳхудо, ин вожа дар Тунис барои ифодаи навъе аз нахӯд мавриди истифода қарор мегирад. Ӯ ин вожаро ба ҳайси ҳузвориш дар такя ба луғатномаҳои «Бурҳони қотеъ», «Анҷуманоро», «Онандроҷ», «Низом-ул-атбоъ» ба маънии *хушмаззаву хушлаззат* шарҳ додааст [9].

Дар ҳошияи фарҳанги «Бурҳони қотеъ» зикр шудааст, ки бархе **басим**ро ба маънии *хандон* гирифтаанд ва баъзе гуфтаанд, ки ин калима дар арабӣ истеъмол нашуда ва онро ба *насим* дар «Гулистон» тасҳеҳ кардаанд, вале чунон ки гузашт, ин калима дар алсинаи сомӣ собиқа дорад. Ҳамчунин, дар «Низом-ул-атбоъ» ба маънии *шодмон, хандон, масрур, табассумкунанда, хушҳол кушодарӯй* шарҳ дода шудааст [9]. Ҳасан Амид ин вожаро маъхуз

[2] Ниг.: ба “Фарҳанги решаҳои ҳиндуаврупоии забони форсӣ”. –С.276-277.

аз забони арабӣ хонда, онро ба маонии *хандон, кушодарӯ; хуш; хушмазза, лазиз* шарҳ додааст [9].

Гурӯҳи сеюм. Ин даста вожаҳои марбут ба масофа ва пастиву баландиро фаро гирифтааст. Идеограммаи дигари марбут ба аломату хусусият **арик** аст. М.Бурҳон менависад: **«Арик (اریک) –** бар вазни шарик; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънии *дур* аст, ки бар муқобили *наздик* бошад» [2, ҷ.1, 84]. Деҳхудо ҳам ҳамин маъниро зикр карда, ба унвони сарчашма ба «Бурҳони қотеъ» ишора мекунад. Ҳамчунин, дар луғатномаи мазкур вожаи **арик** ба маънии *кӯҳ ва водӣ* низ мазкур аст [9].

Ҳузвориши дигар **зайин** аст. **«Зайин (زیین)** – бар вазни **замин**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънии *дароз* ва *баланд* бошад, ки нақизи *кӯтоҳ* аст; ва ба касри аввал (яъне зайин) соҳиби тараф ва соҳиби ҷонибро гӯянд» [2, ҷ.2, 116]. Ин вожа низ дар «Бурҳони қотеъ» ҳамчун сифат сабт гардида, барои ифодаи дарозии ашё ба кор рафтааст. М.Муин овонавишти гунаи қадимии вожаро ба гунаҳои **zâyann**, **zayaēn** ва шакли паҳлавиашро дар шакли **buland** нишон додааст [4, 1055]. Деҳхудо ҳам дар ҳамин шакл шарҳ додааст [9].

Дар зикри ин вожа ҳам бояд гуфт, ки идеограмма аст ва барои ифодаи мафҳуми *дароз* мустаъмал аст. Ин моддаи луғавӣ бо пешинаи вожаи *дароз*, ки аз решаи ҳиндуаврупоии **DELĒGH** ва **DIGHO** аст, робитаи шакливу қаробати овоӣ надорад.

Гурӯҳи чорум. Дар ин бахш вожаҳои ифодакунандаи аломати умумии ашёи гуногун баррасӣ хоҳанд шуд. Яке аз идеограммаи марбут ба аломату хусусият ва сифати умумии ашёи гуногун воҳиди луғавии **пирорин** аст. Ин моддаи луғавӣ дар фарҳанг чунин омадааст: **«Пирорин (پرارین) –** бар вазни **риёҳин**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънии *хуб* ва *неку* бошад; ва ба фатҳи аввал (яъне *пароpин*) ҳам дуруст аст» [2, ҷ.1, 226]. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ҳам ҳамин гуна омадааст [9]. Гуфтан ҷоиз аст, ки ин вожа дар матни «Позанд» дар ҳамин шакл ҳамчун ҳузвориш барои ифодаи *хуб, нек* истифода шудааст, аммо ба гузаштаи вожаи **хуб** робитаи шаклӣ надорад. Вожаи **хуб**, ки имрӯз хеле доираи истеъмоли фарох дорад, аз решаи забон-асоси ҳиндуаврупоии **SŪ, SŪE, SU** мебошад ва дар матнҳои авестоӣ, порсии бостон ва паҳлавӣ дар шаклҳои **HŪ, HŪBAYA; U-; XŪB, HŪP, XVAP, HUDĀG** дучор омадааст [4, 251].

Воҳиди луғавии **рубо** дар «Бурҳони қотеъ» бад-ин тартиб шарҳ гардидааст: **«Рубо (ربا)** – ба маънии *рубудан* бошад, ки масдар аст; ва амр ба *рубудан* ҳаст, яъне бирабо; ва бо ташдиди сонӣ (яъне *руббо*) ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънии бузург ва азим бошад; ва ба маънии рахшанда ва рахшон ҳам омадааст; ва ба касри аввал (яъне рибо) дар арабӣ суд ва нафъи зарро гӯянд» [2, ҷ.2, 63].

Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ду вожаи **рубо** зикр шудааст: яке, ба маънии *ҷойгоҳе аст миёни «абво» ва «суқё»,* дигаре ба маънии *рабудан* [9]. Дар «Онандроҷ» ва «Анҷуманоро» чунин омадааст: «Чун мураккаб шавад, ба ҳамаи сиғаҳо мувофиқ ояд, мисли рабудану рабоянда ва рабуда» [9].

Дар «Фарҳанги Низом» қайд шуда: «Исми фоил аз масдари **рабудан** аст, дар сурате, ки бо лафзи дигар мураккаб шавад. Мисли оҳанрабо» [9]. Дар «Низом-ул-атбоъ» ба маънии *гиранда, ҷазбкунанда* омадааст [9].

Шоистаи зикр аст, ки вожаи **рубо** на ҳузвориш аст ва на вожаи ифодакунандаи аломату хусусият. Ин моддаи луғавӣ дар шакли **рабудан** дар адабиёти классикии мо хеле серистеъмол аст ва дар ҳамин шакл наметавонад сифатеро ифода кунад. Чунон ки мушоҳида шуд, М.Бурҳон бо ташдиди **«ро»** дар шакли **руббо** ин воҳиди луғавиро чун сифат шарҳ додааст ва дар ташреҳи он ба луғати «Занд»-у «Позанд» такя кардааст. Деҳхудо ҳам вожаи мазкурро дар шакли **руббо** ҳамчун ҳузвориш дар такя ба луғатномаҳои «Бурҳони қотеъ» ба маънии *бузург ва азим* шарҳ додааст [9]. Ҳасан Амид ин моддаи луғавиро ба маънии *рабудан* зикр кардааст [9]. Маълум аст, ки А. Ҳасан ин вожаро танҳо дар шакли **рубо** бе ташдиди «ро» шарҳ додааст.

М.Бурҳон дар ташреҳи моддаи луғавии **салиш** чунин менависад: «**Салиш (سلیش)** – ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънии *бад* ва *забун* бошад, ки нақизи *хуб* ва *нек* аст» [2, ҷ.2, 169]. Деҳхудо ҳам чунин шарҳ додааст [9]. Бино бар маълумоти Сайиди Урён, ин моддаи луғавӣ дар матнҳои суриёнӣ ба гунаи **saryā**, дар матнҳои оромии яҳудӣ ба гунаи **siryā**, дар арабӣ ба гунаи **شر (šarr)** ва дар матнҳои «Позанд» ба гунаи **səliš** дучор омада, дар овонавишт ба шаклҳои **səllniš, šlîā, šlÿā, sališ** хонда шудааст [6, 464].

Вожаи **катас** дар «Бурҳони қотеъ» чунин омадааст: «**Катас (کتس) –** бар вазни **қафас;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» кӯчак ва хурд бошад ва арабон *сағир* гӯянд» [2, ҷ.2, 357]. Деҳхудо ҳам чунин шарҳ додааст [9].

Ҳузвориши **кумахт (کمخت)** ҳам чун вожаи марбут ба сифат дар фарҳанги мавриди омӯзиш ба маънии *омехта* ва *дарҳам* шарҳ гардидааст [2, ҷ.2, 397]. Деҳхудо дар шарҳи ин вожа ба луғатномаҳои «Бурҳони қотеъ», «Онандроҷ» ва «Низом-ул-атбоъ» такя карда, зимнан, бо ишора ба ҳошияи фарҳанг[3] моддаи луғавии *кумахт*ро мусаҳҳафи *кумехт* ҳисобидааст [9].

Бояд гуфт, ки гунаи **кумехт**и вожа ҳам дар фарҳангнома зикр шудааст ва айнан бо ҳамин маъно: «**Кумехт (کمیخت) –** бар вазни **гурехт**; ба забони «Занд»-у «Позанд» ба маънии *дарҳам омехта* бошад» [2, ҷ.2, 398]. Бано ба таъкиди Деҳхудо шакли дуруст ҳамин буда, **кумахт** саҳв аст [9].

Ҳузвориши **мано** ҳам барои ифодаи аломату хусусият истифода шудааст. Ин вожа дар «Бурҳони қотеъ» ба маънии *кушод ва фарох* мазкур аст [2, ҷ.3, 105]. Тибқи иттилои Деҳхудо, дар «Онандроҷ» ва «Низом-ул-атбоъ» ҳам чунин шарҳ ёфтааст [9]. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар «Луғатнома»-и Деҳхудо вожаи иқтибосии **мано** низ қайд шудааст, ки маънии *паймона* ва ҷойи дигар *воситаи чен кардани вазн*ро ҳам ифода кардааст [9].

Бо назардошти муҳтавои гуфтаҳои боло метавон таъкид кард, ки дараҷаи ҷой доштани идеограммаҳои ифодакунандаи аломату хусусият дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» вусъатнок буда, аксари ҳузворишот барои ифодаи хислату сифати инсон истифода шудаанд.

Баъзе аз ҳузворишоти баррасишуда аз лиҳози шаклу маъно ба вожаҳои решагии тоҷикӣ, ки гузаштаашон ба забон-асоси ҳиндуаврупоӣ мерасад, қаробат дошта, шояд бар асари тасҳиф ба гурӯҳи ҳузвориишот шомил шуда бошанд, аммо ҳангоми муқоиса аён гардид, ки қисми асосии вожаҳои дар ин бахш матраҳшуда қаробати шаклӣ надоранд ва барои ифодаи идеограммаҳои оромӣ чунин хонда шудаанд.

Муқарриз: Насруллоев М.Н., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

1. Амид, Ҳасан. Фарҳанги Амид. Ҷилдҳои 1-3 / Ҳасан Амид. -Матн: бевосита. –Теҳрон: Амири Кабир, 1381. -2540 с.
2. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. 1) Ҷилди 1 / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. -Матн: бевосита. –Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.; 2) ҷилди 2. -Матн: бевосита. –Душанбе: Адиб, 2004. – 424 с.; 3) ҷилди 3. -Матн: бевосита. –Душанбе: Адиб, 2014. – 400 с.
3. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ: ҷилдҳои 1-4 (бо хатти форсӣ]. / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. -Матн: бевосита. –Теҳрон: Ибни Сино, 1342. –2470 с.
4. Кошонӣ, Манучеҳр Ориёнпур. Фарҳанги решаҳои ҳиндуаврупоии забони форсӣ / Манучеҳр Ориёнпури Кошонӣ. -Матн: бевосита. –Теҳрон. –546 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Қисмҳои 1-2 (аз асри Х то ибтидои асри ХХ]. -Матн: бевосита. –Москва: Советская энсиклопедия, 1969. – 952 с.
6. Урён, С. Вожаномаи паҳлавӣ-Позанд (Фарҳанги паҳлавӣ) /С.Урёр. Матн: бевосита. – Теҳрон: Сура, 1377 ҳ.қ. –589 с.
7. Фарравашӣ, Б. Фарҳанги форсӣ ба паҳлавӣ /Б.Фарривашӣ. Матн: бевосита. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1380, 571 с.

[3] Таҳияи М.Муин

8. Ҷӯйборӣ, Г.Қ., Наврӯзӣ, Ҳ. Баррасии луғати ҳузворишӣ («Занд»-у «Позанд») дар «Бурҳони қотеъ» / Г.Қ.Ҷӯйборӣ, Ҳ.Наврӯзӣ. -Матн: бевосита // Мутолиот ва таҳқиқоти адабӣ. –1394. №18. –С. 143-152.
9. https://vajehyab.com (таърихи дастрасӣ: 25.05.2021)
10. https://wikipedia.org (таърихи дастрасӣ: 13.07.2022)

СИФАТҲОИ МАНСУБ БА «ЗАНД»-У «ПОЗАНД» (ҲУЗВОРИШҲО) ДАР «БУРҲОНИ ҚОТЕЪ»-И МУҲАММАДҲУСАЙНИ БУРҲОН

Луғатномаи «Бурҳони қотеъ» як гурӯҳ воҳидҳои луғавиеро фаро гирифтааст, ки вожаҳои бозмондаи забони оромӣ буда, дар сарчашмаҳо ба унвони идеограмма (ҳузвориш) ё вожаҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд» ёд мешаванд. Дар фарҳанги мавриди омӯзиш ин гурӯҳи калимаҳо ба сифати воҳидҳои марбут ба луғати «Занд»-у «Позанд» сабт шудаанд.

Иддае аз фарҳангномаҳои нахустасрҳои миёна ва даврони баъдӣ, амсоли «Фарҳанги паҳлавик», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ» ба ҷуз ганҷинаи вожаҳои нобу асили тоҷикӣ маҳсуб ёфтанашон боз ҳамчун маъхази нодири маҳфуздорандаи ҳузворишҳо ба шумор мераванд.

Дар ин навишта идеограммаҳои марбут ба аломату хусусият матраҳ гардидаанд. Воҳидҳои луғавии баррасишаванда бо назардошти вижагиҳои луғавию маъноияшон ба гурӯҳҳои: а) идеограммаҳҳои ифодакунандаи хислату характери инсон ва мафҳумҳои ба он вобаста; б) идеограммаҳои марбут ба сифати хӯрданиҳо; в) идеограммаҳои марбут ба масофа ва пастиву баландӣ; г)идеограммаҳои ифодакунандаи сифатҳои умумии ашё ва ашхос дастабандӣ ва матраҳ шудаанд.

Хулоса мешавад, ки идеограммаҳои ифодакунандаи аломату хусусият дорои вижагиҳои махсуси лексикӣ буда, тадқиқи ин гурӯҳи вожаҳо дар забоншиносӣ амри муҳим ва муайянкунандаи масоили марбут ба таърихи забон мебошад.

***Калидвожаҳо**: «Занд»-у «Позанд», аломату хусусият, ҳузвориш, воҳидҳои луғавӣ, сифат, ҳузворишҳои паҳлавӣ, вожаҳои оромӣ, овонависӣ*

ПРИЛАГАТЕЛЬНЫЕ, ПРИНАДЛЕЖАЩИЕ К «ЗАНД» И «ПОЗАНД» (ИДЕОГРАММЫ) В «БУРХАН КОТЭЪ» МУХАММАДХУСАЙНА БУРХАНА

В словарь «Бурхани котэъ» входит группа словарных единиц, представляющих собой оставшиеся слова арамейского языка, которые упоминаются в источниках как идеограммы или слова, родственные «занд» и «позанд». В изучаемой культуре эта группа слов фиксируется как единицы, относящиеся к словарю «занд» и «позанд».

Некоторые памятники культуры раннего среднего и более позднего периодов, такие как «Фарханги Пахлавик», «Фарханги Джахангири», «Бурхани котей», считаются сокровищницей благородных и самобытных таджикских слов.

В данной статье упоминаются идеограммы, относящиеся к признакам и характеристикам. По своим лексико-семантическим особенностям рассматриваемые лексические единицы делятся на следующие группы: а) идеограммы, представляющие характер человека и родственные ему понятия; б) идеограммы, относящиеся к качеству продуктов питания; в) идеограммы, относящиеся к расстоянию и высоте; г) группируются и выделяются идеограммы, представляющие общие качества вещей и людей.

Делается вывод о том, что идеограммы, обозначающие признаки и характеристики, обладают особыми лексическими особенностями, и изучение этой группы слов в языкознании является важным и определяющим вопросом, связанным с историей языка.

***Ключевые слова**: «Занд» и «Позанд», признаки и характеристики, идеограмма, лексические единицы, качество, пехлевийские идеограммы, арамейские слова, произношение.*

ADJECTIVES BELONGING TO «ZAND» AND «POZAND» (IDEOGRAMS) IN «BURKHAN KOTE» BY MUHAMMADHUSAIN BURKHAN

The Burhani Kote dictionary includes a group of vocabulary units representing the remaining words of the Aramaic language, which are mentioned in the sources as ideograms or words related to “zand” and “pozand”. In the culture being studied, this group of words is recorded as units belonging to the vocabulary “zand” and “pozand”.

Some cultural monuments of the early middle and later periods, such as “Farhangi Pahlavik”, “Farhangi Jahangiri”, “Burkhani Kotey”, are considered a treasury of noble and original Tajik words.

This article mentions ideograms related to signs and characteristics. According to their lexical and semantic features, the lexical units under consideration are divided into the following groups: a) ideograms, representing the character of a person and related concepts; b) ideograms relating to distance and height; d) ideograms are grouped and highlighted, representing the general qualities of things and people.

It is concluded that ideograms denoting signs and characteristics have special lexical features, and the study of this group of words in linguistics is an important and defining issue related to the history of language.

Keywords: *“Zand” and “Pozand”, signs and characteristics, ideogram, lexical units, quality, Pahlavi ideograms, Aramaic words, pronounciation.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф *– Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикӣ. Нишонӣ: ш.Хуҷанд, маҳаллаи 15 – 85, Тел.:92-824-25-61; E-mail: abdujamol58@mail.ru*

Мирзозода Ноил Мирзо *– Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, докторант (PhD). Нишонӣ: ш.Хуҷанд, кӯчаи М.Хуҷандӣ, 25 Тел.:92-825-60-70; E-mail: nmirzozoda@bk.ru*

Сведение об авторах: Хасанзода Абдуджамол Ашраф *–Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, д.ф.н., профессор кафедры таджикский язык. Адрес: г. Худжанд, мкр.15 – 85, Тел.: 92-824-25-61; Электронная почта: abdujamol58@mail.ru*

Мирзозода Ноил Мирзо *- Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, докторант (PhD). Адрес: г. Худжанд, ул. М.Худжанди, 25, Тел.: 92-825-60-70; Электронная почта: nmirzozoda@bk.ru*

Information about the authors: Hasanzoda Abduchamol Ashraf *– Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Doctor of Philology, professor of department tajik language. Address: Khujand, mcr, 15 – 85. Tel.: 92-824-25-61; Email: abdujamol58@mail.ru*

Mirzozoda Noil Mirzo *–Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, doctoral (PhD). Address: Khujand, Str. M.Khujandi, 25. Tel.: 92-825-60-70; Email: nmirzozoda@bk.ru*

ТДУ 801.2

ТАҲЛИЛИ ПРАГМАТИКИИ ҶОНИШИНҲОИ ШАХСИИ СУБЪЕКТӢ

Ҳалимова М.С.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Рушди назарияи лингвистӣ имконнопазирии таърифи якхелаи забонро бо назардошти танҳо аломатҳои зоҳирӣ ва шаклии он равшан нишон дод. Мароқ ба тарафи мундариҷавии воқеиятҳои забонӣ имкон дод, ки олимон аз забоншиносии сохторӣ ба семантика, баъд ба прагматика гузаранд, «ҷудокунӣ ва ташаккулдиҳии он ҳамчун ҷанбаи алоҳидаи пажӯҳиш дар солҳои 1960 ибтидои солҳои 70-ум зери таъсири назарияҳои мантиқӣ-фалсафии амалҳои нутқии Ҷ. Олстин, Ҷ. Сёрл ва дигарон, назарияҳои прагматикии маънои П. Грайс ва назарияҳои прагматикии референсияи Л. Линский, П. Ф. Стросон ва ғайра оғоз ёфт» [5, 389].

Асосҳои прагматика беш аз 60 сол пеш аз ҷониби яке аз бунёдгузорони семиотика Ч.Морис ниҳода шуд, тавре маълум аст, ғояҳои Ч. Пирсро дунболагирӣ карда, дар назарияи аломатҳо се ҷанбаи забоншиносиро ҷудо намуд: *синтактика, семантика ва прагматика.* Ба андешаи В.Гак, *агар синтактика «фаҳмонад, ки мулоҳиза чӣ тавр тартиб дода шудааст, семантика* нишон диҳад, ки вай чӣ мегӯяд, мулоҳизаи мазкур чӣ маъно дорад” [4,78], пас соҳаи *пажӯҳиши прагматикӣ,* тибқи тавсифи Ю.С.Степанов, *доираи муносибатҳоро байни аломатҳо ва онҳое, ки аломатҳоро истифода мебаранд,* фаро мегирад [8, 326].

Соҳаи прагматика нокифоя марзбандӣ карда шудааст, зеро он ба сифати принсипи муттаҳидкунанда истифодаи забонро аз ҷониби гӯяндагон пеш ниҳода, бисёр мавзуъҳоро дар бар гирифт, ки онҳо дар чунин бахшҳои забоншиносӣ мисли суханпардозӣ, услубшиносӣ, синтаксиси рӯзмарра, назарияи фаъолияти нутқӣ ва ғайра таърихи дуру дароз доранд ва бо онҳо прагматика минтақаҳои васеи бархӯрди манфиатҳои пажӯҳишгариро дорост. Ҳудудгузории байни прагматика ва семантика мушкилиҳои зиёдеро ба вуҷуд меорад. Ба соҳаи таҳқиқи прагматика омӯхтани мулоҳизаҳо аз ду дидгоҳ дохил мешавад: 1) вақте ки гӯянда дар асоси тасаввуроти шахсӣ оид ба воқеияти атроф мулоҳиза мекунад ва дар ин маврид ӯ мақсаду ниятҳои худро ба назар мегирад; 2) вақте ки шунаванда ба мақсади дарк бо назардошти интизориҳои худ аз муошират мулоҳизаронӣ мекунад. Ҳангоми мулоҳизаронӣ семантикаи он робитаҳои тарафайни байни мулоҳиза ва предмети ифодашаванда (денотат)-ро афзун мегардонад. Он нисбатан дақиқтар порчаи ифодашавандаи воқеияти атрофро ҷудо мекунад, ки ҳамчун денотати матн акс ёфтааст ва ягонагии мулоҳиза ва сигнификат (мундариҷаи мафҳуми предмети ифодашаванда)-ро нишон медиҳад. Ба туфайли ин дар таркиби мундариҷаи мулоҳиза ҷанбаҳои семантикӣ ва прагматикӣ фарқ карда мешаванд, ки бисёр забоншиносони хориҷӣ ва ватанӣ инро ҳамчун падидаи пешрафта арзёбӣ менамоянд. Онҳо бахусус ҷанбаи прагматикиро таъкид мекунанд, ки дар худ ҷузъҳои синтаксисӣ ва маъноиро омезиш медиҳад. Ҳангоми таҳлили мулоҳизаҳои тамоили прагматикӣ дошта донистани ҳолати муошират, ки омилҳои ҳам лингвистӣ ва ҳам ғайрилингвистиро фаро мегирад, нақши муҳим мебозад.

Бархӯрди соҳаҳои пажӯҳиши ду фан барои Е.В.Падучева зарурати тафриқадиҳии худи прагматикаро ба вуҷуд меорад, ки он бо фаъолияти коммуникативӣ ва амалиёти нутқӣ, мақсадҳои он, сабабҳо, кӯшишҳои гӯянда ва интизориҳои шунаванда кордор мебошад [7,165]. Дар сохтори мундариҷавии мулоҳиза ҷанбаҳои семантикӣ ва прагматикиро тафовут дода, бисёр забоншиносони хориҷӣ ва ватанӣ нақши пешбарандаи ҷанбаи ахириро, ки он шакли лингвистӣ (ҷанбаи синтаксикӣ) ва амалкарди коммуникативиро (ҷанбаи семантикӣ) муттаҳид месозад, таъкид менамоянд. «Дар ҷанбаи прагматикӣ таъйиноти коммуникативии воҳиди забонӣ, истифодаи он аз ҷониби сухангӯ ҳамчун аслиҳаи амали нутқӣ, таъсиррасонӣ ва таъсири мутақобила, мансубияти он ба рафтор ва фаъолияти сухангӯ инъикос меёбад» [9, 6]. Новобаста аз фаҳмиши гуногуни вазифаҳои прагматика, равишҳои гуногуни он (аз ҷумла, А.А. Метслер ва дигарон), пажӯҳиши хусусиятҳои прагматикии воҳидҳои забонӣ

мустақиман бо таҳлили воқеиятҳои нутқӣ алоқаманд карда мешавад, ки дар коркарди онҳо намояндагони мактаби забоншиносие, ки сохтори фаъолияти нутқиро муфассал омӯхтаанд, саҳми бузург гузоштаанд.

ТП. *Ман мехостам, ки «чанд пул доштани шуморо ва дар куҷо мондани он пулҳоро фаҳмам ва баъд аз он бо дуздони ғиждувонӣ рафта* онҳоро *ғорат кунам», гуфтам бо камоли дуруштӣ (Марги судхӯр, 38) – „Natürlich!“ entgegnete ich schroff. „Ich wollte herausbekommen, wieviel Geld Sie besitzen und wo Sie es verstecken, um das dann den Dieben aus Gishduwon mitzuteilen und Sie auszuplündern“ (Tod des Wucherers, 45).*

Дар мисоли таҳлилӣ истифодаи забон аз ҷониби гӯянда тавассути яке аз намудҳои фаъолияти нутқ – суханпардозӣ ифода гардидааст. Мулоҳизаи гӯянда аз назари ниятҳои коммуникативӣ дар доираи муносибатҳо байни кӯшишҳои гӯянда “барои расидан ба мақсади ниҳоии худ – ба даст овардани ҳуҷра ва интизориҳои шунаванда – аз супоридани ҳуҷра бо нархи дастрас ва тановули ҳаррӯзаи оши палав” таҷассум гардидааст. Дар мазмуни ҷумлаи олмонӣ (*«Албатта!»,- гуфтам ман бо дуруштӣ. Ман мехостам фаҳмам, ки Шумо чанд пул доред ва онҳоро дар куҷо пинҳон мекунед, то ки баъд онро ба дуздони ғиждувонӣ хабар диҳам ва Шуморо ғорат ғорат кунонам)* ибораҳои масдарии тоҷикӣ дар ҷумлаи мураккаби тобеи олмонӣ дар шакли ҷумлаҳои сода ифода гардидааст ва маънои ҷонишинӣ бо ҷонишини *“Sie – Шумо”* дар вазифаи мабтадо *“Sie – Шумо”* ва пуркунандаи бевосита *“Sie – Шуморо”* сурат гирифтааст. Вобаста ба валентнокии феълҳо ҷумлаи тоҷикии *“... фаҳмам ва баъд аз он бо дуздони ғиждувонӣ рафта <u>онҳоро</u> ғорат кунам»* дар забони олмонӣ тавассути ҷумлаи пайрави мақсад *“um das dann den Dieben aus Gishduwon mitzuteilen und <u>Sie</u> auszuplündern” = то ки баъд онро ба дуздони ғиждувонӣ хабар диҳам ва <u>Шуморо</u> ғорат ғорат кунонам”* тарҷума гардидааст.

Ба ақидаи В. Г. Гак, фарқияти байни амалҳои нутқии (АН) мустақим ва ғайримустақим хеле муҳим аст. Дар амалҳои мустақими нутқӣ натиҷаи амалиёт ба василаи маънои мустақими мулоҳиза пешакӣ муайян карда мешавад. Дар амалҳои ғайримустақими нутқӣ натиҷаи мазкур бо маънои мустақими мулоҳиза мувофиқат наменамояд, аммо ба туфайли донишҳои овозӣ (прессупозитсия)-и сухангӯён, шароити муошират падид меояд [4, 15]. Ҳамин тавр, ҳар амали нутқӣ, ки дар ҳолати мушаххаси муошират ҷараён мегирад, иштирокчиёни он (фиристанда ва қабулкунандаи иттилоот), муносибатҳои байни онҳо (прессуппозитсия), ки коммуникатсияро имконпазир мегардонад, ва мақсаднокӣ (кӯшиши коммуникативӣ)-ро қаблан муайян мекунад. Зикр кардан муҳим аст, ки ҷанбаи прагматикии яклухтии нутқӣ на ҳосили шаклии қисматҳои прагматикии дар он вуҷуддошта, балки самараи таъсири мутақобилаи мураккаби онҳост.

Дар пайравии дигар забоншиносон прагматикаро ҳамчун «яке аз ҷанбаҳое, ки воҳидҳои забонро дар муносибат бо ягон шахс ё ашхоси истифодабарандаи он ҷудо мекунад ва пажӯҳиш менамояд» [1, 344] фаҳмида, мепиндорем, ки омили пешбар «интихоб»-и воситаҳои забонӣ аз «номгӯйи нақди барои таъсиррасонии беҳтарин» мебошад. Ба ақидаи Ю.С.Степанов, «Прагматика, пеш аз ҳама, интихоб, афзал донистани ин ё он шакли забонӣ нисбат ба дигараш, ки маънои наздик ё мушобеҳ дорад, интихоб ба василаи сабабҳои ҳолатӣ ва инфиродӣ аст» [8, 327]. Зимнан интихобро фиристандаи иттилоот дар ҷараёни тавлиди матн анҷом медиҳад, интихобро қабулкунандаи иттилоот низ дар ҷараёни идроки он иҷро мекунад.

Сухангӯ, интихоби худро анҷом дода, вазифаҳои таъсиррасонии интенсионалии худро ба роҳбарӣ мегирад. Матлабҳои прагматикии фиристандаи иттилоот, ишора мекунад А. А. Метслер, заминаи таҳияи ҳама гуна мулоҳиза ва шароити интихоби як намунаи муайян аз низоми воситаҳои забонӣ барои ба даст овардани ҳадафи мулоҳиза мебошад [6, 56]. Зери мафҳуми интенсияи коммуникативӣ кӯшиши фиристандаи иттилоот барои аз тариқи хабари худ ба даст овардани мақсад фаҳмида мешавад. Интихоби воситаҳои нутқи барои муаллиф зарур, ки мулоҳизаро ташкил дода, онро бо назардошти вазифаҳои интенсионалӣ амалӣ

мекунад, дар асоси маҷмуи донишҳои овозии ташкилдиҳандаи манбаъ барои шарҳи пурраи сабабнокии хабари мазкур гузаронда мешавад. Ба категорияи пресуппозитсия, ки мабдаи онро дар назарияи тақсимот ба «додашуда» (тема) ва «нав» (рема) ёфтан мумкин аст, дар пажӯҳишҳои лингвистӣ ҷойи муҳим ҷудо карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки прессуппозитсияи семантикӣ- истилоҳе, ки «қисмати маънои ҷумлаеро, ки бояд дуруст бошад, то ҷумла ҳамчун аз лиҳози семантикӣ ғайриодӣ ё дар мулоҳизаи мазкур ноҷо пазируфта нашавад [5, 396], ва суппозитсияи прагматикиро, ки ҳамчун «маҷмуи донишҳои пешакии ҳамсуҳбатон оид ба мавзуи нутқ» [5, 367] муайян мегардад, фаҳмида нашавад. Бо тафовут аз прессуппозитсияҳои семантикӣ, пресуппозитсияҳои прагматикӣ ба фиристандаи хабар ҳамеша маълуманд. «Категорияи пресуппозитсияи прагматикӣ маҷмуи пресуппозитсияи гӯянда ва шунаванда мебошад. Маҷмуи мазкур ба онҳо дар муошираті амалишаванда чун такягоҳ хидмат мекунад. Барои фаҳмо будани нутқ ва бароварда сохтани мақсади худ гӯянда бояд донишҳои ҳамсуҳбаташро ба ҳисоб гирад. Доираҳои бархӯрди донишҳои гӯяндагонро бунёди умумии онҳо ташкил медиҳад. Дар таҳқиқот мо, аз пайи Е. В. Падучева [7, 69], пресуппозитсия ҳамчун мулоҳизае муайян карда мешавад, ки он бояд ба шунаванда маълум бошад, то мулоҳиза меъёрӣ, яъне дар заминаи муошират бамаврид бошад.

Ҳангоми таҳлили мулоҳизаҳои тамоили прагматикидошта донистани ҳолати муошират, ки омилҳои ҳам лингвистӣ ва ҳам ғайрилингвистиро фаро мегирад, нақши вижа мебозад. Адабиёти доманадоре, ки ба амалкарди ҷонишинҳои шахсӣ бахшида шудааст, асосан ба пажӯҳиши шаклҳои ҷонишинии муроҷиат вобаста аз ҳолати муошират (расмӣ/ғайрирасмӣ), ки интихоби онҳоро як қатор омилҳои экстралингвистӣ (синну сол, баромади иҷтимоӣ, касб, дараҷаи шиносоӣ ва ҳоказо) муайян месозанд, равона карда шудааст. Вазифаи моро, пеш аз ҳама, ошкор гардондани маъноҳои мушаххаси коммуникативии мулоҳизаҳои олмонӣ, ки дар онҳо барои гӯяндагон ин ё он шакли прономиналии шахси якум, дуюм, сеюми танҳо ё ҷамъ дар ҳолати муайяни нутқӣ ҷудо карда мешавад, таркиб медод. Ҳамин тариқ, мафҳуми «ҳолати нутқӣ» ба мо таваҷҷуҳи махсус бармеангезад. Мафҳуми «ҳолати прагматикӣ», ки дар таҳқиқот мавриди истифода қарор мегирад, пойгоҳи хоса (ё нуқтаи такягоҳӣ) мебошад, ки пажӯҳиши мазкур дар асоси он анҷом дода шуда, аз ошкорсозии иқтидорҳои прагматикии зуҳуроти нутқии ҷонишинҳои субъектӣ, ки ғайриоблигаторӣ (дар аксари мавридҳо) будани ифодаи шаклиро дар мулоҳизаҳои олмонӣ бозгӯ мекунад, иборат менбошад.

Тавсифи ҳолати прагматикӣ. Дар адабиёти лингвистии муосир истилоҳи «ҳолат» ҳар гуна шарҳ дода мешавад. Яке аз тафсирҳо ба таҳлили ҷанбаҳои денотативии ҳолати воқеӣ, ки дар мулоҳизаҳо инъикос ёфтаанд, тааллуқ дорад. Масалан В. Г. Гак ҳолатро ҳамчун порча, қисме аз воқеияти дар забон ифодаёфта, яъне моддаи ҳаракаткунанда муайян намудааст. «Ҳолат дар натиҷаи ҳамоҳангии объектҳои модӣ ва ҳолатҳои онҳо ба амал меояд» [4, 358]. Маънои дигари «ҳолат» бо таҳлили воситаҳои лексикии забон дар ҳолати мушаххаси муошират, баррасии маъноҳои лексикӣ аз нигоҳи вазифаи коммуникативии забон вобаста мебошад. Аз ҷониби А. В. Бондарко ва мактаби ӯ, мафҳуми «ҳолати категориявӣ», яъне сохторҳои типии мундариҷавие, ки яке аз ҷанбаҳои ҳолати ифодаёбанда мебошад, коркард шудааст. «Мафҳуми ҳолати категориявӣ семантикаи таҳлилшавандаро ба сатҳи мулоҳиза мебарорад. Вақте сухан оид ба намунаҳои мушаххаси нутқии ҳолати категориявӣ меравад, ҷанбаҳои мундариҷавии мулоҳизаи ба ин ё он порчаи воқеияти ҳаётӣ мансубият дошта, ки аз ҷониби гӯяндагон ин тавр ё он тавр идрок мегардад, ба назар гирифта мешаванд» [2, 21]. Мафҳуми «ҳолати коммуникативи»-ро одатан забоншиносон зимни тавсифи семантикаи воҳидҳои лексикӣ ба ҳисоб мегиранд. Масалан Н. Ю. Шведова зарурати омӯзиши вожаҳоро аз дидгоҳҳои гуногун зикр мекунад: дар заминаи парадигматикӣ, синтагматикӣ ва мундариҷавии ҳолати нутқӣ (ҳолатӣ ё овозӣ), дақиқтараш, дар заминаи ҳолатҳои нутқии барои сухан хос, ки ҳудудҳои онҳо наметавонанд сареҳан муайян карда шаванд [10, 8].

Амали боэътидоли забон, – мефаҳмонад Е. В. Падучева, – дар шароити ҳолати нутқии мукаммал, ки гӯянда ва шунаванда аз матни тавлидшаванда ҷудо нестанд, ҷараён меёбад [7, 164]. Ошкор гардондани ҳолатҳои типии нутқӣ дар асоси таҳлили матн амалӣ карда мешавд. Матн ва ҳолати нутқӣ қисмҳои таркибии мафҳуми матн мебошанд. Мафҳуми ҳолати нутқӣ аз мафҳуми матн тафовут дорад. Масалан Е. И. Беляева, ба дунболи Ван Дейк, ҳолатро чунин муайян мекунад: «вазъи воқеии корҳо, ки дар он ҳодисаи коммуникативӣ ҷой дошт, матн танҳо хусусиятҳои аз лиҳози забоншиносӣ релевантии ҳолатҳои коммуникативиро фаро мегирад» [3, 53]. Матн ва ҳолати нутқиро он ба ҳам наздик мекунад, ки дар ҳар ду вазъ иттилооти тибқи манбаъҳо гуногун (матнӣ, ҳолатӣ) ба маънои воҳиди забонӣ дар амали мушаххаси он таъсир расонда, дар ташаккулдиҳии маънои мулоҳиза ширкат меварзад.

Тарзҳои эксплиситӣ ва имплитситии ифодаи субъекти прономиналӣ. Маълум аст, ки дар ҷумлаҳои тоҷикӣ нақши ҷониншинҳои шахсии субъектӣ бузург нест. Субъекти прономиналӣ, чун қоида, ба таври имплиситӣ ифода меёбад. Е.И.Шенделс зикр мекунад, ки хабари феълӣ дар худ мубтадо (муайянкунанда ё муайяншаванда)-ро фаро мегирад ва худ аз худ ба типи пурраи ҷумла мутобиқ аст [11,62]. Дар забони тоҷикӣ феъли тасрифшаванда метавонад барои ифодаи мубтадои прономиналӣ кофӣ бошад.

Забони тоҷикӣ ба шакли *имплитситии* ифодаи шаклҳои субъектии ҷонишинҳои шахсӣ афзалият медиҳад, бо вуҷуди вазъе, ки истифодаи онҳо факултативӣ эътироф карда мешавад. Зеро шакли феъли тоҷикӣ, мисли олмонӣ, дар сохтори ҷумла худкифо мебошад.

Масалан: - *Омадӣ? - Бале. = Bist du gekommen? – Jawohl; тирамоҳ омадам = ich bin im Herbst eingetroffen. Рузона меоям = ich komme am Tage; Не, ҳанӯз ҳуҷра наёфтаам (Марги судхӯр, 39)- Ich habe noch keine Zelle gefunden (Tod des Wucherers, 48).*

Проблемаи ҷумлаҳои эллипсис ба фаъолияти онҳо дар нутқ вобаста аст. Мафҳуми эллипсисро мо дар доираи ҷумла таҳқиқ намуда, онро ҳамчун норасоии ягон компоненти ҷумла муқаррар менамоем, ки он аз контекст ё аз ҳолати нутқии мушаххас фаҳмида мешавад, айни замон возеҳии маъно тавассути параллелизми маъной ва синтаксисӣ таъмин карда мешавад. Ҷумлаҳое ки дар онҳо норасоии бандак дида мешавад, ба эллипсис мансубанд. Ҳангоми таҳқиқот дар забони олмонӣ намудҳои зерини ҷумлаҳои эллипсис ошкор карда шуданд:

1) эллипсиси предикатив бо тарзи мафъули бешахс:

Тоҷ.: *Бе шакку шубҳа! =* **Олм.:** *Ausgeschlossen:*

"Du kannst also nicht rasch aus einen Sprung nach Hause kommen?" – „Ausgeschlossen (es ist ausgeschlossen)." – Ту ку бо як ҷаҳиш тез ба хона расида наметавонӣ? Албатта! Бе шакку шубҳа! (Информант). Муродифи синтаксисӣ дар забони тоҷикӣ низ ҳамчун эллипсис бидуни мубтадо ва бандаки феълӣ ифода ёфтааст.

2) эллипсиси ҷумлаҳои ифодакунандаи тарзи ҳаёт:

Тоҷ.: Баръакс = **Олм.:** Im Gegenteil:

„Fehlanzeige (ist es Fehlanzeige), Frank?" „Im Gegenteil (A.Seghers, 63)– Хабари бардурӯғ, Франк? – Баръакс (А.Зегерс, 64). Муродифи синтаксисӣ дар забони тоҷикӣ низ ҳамчун эллипсиси ифодакунандаи тарзи ҳаёт баён ёфтааст.

3) эллипсиси ҷумлаҳои предикативии бешахс:

Тоҷ.: Возеҳу равшан = **Олм.:** Sonnenklar:

„Ich nehme an, das ist dir klar?" – „Sonnenklar (es ist sonnenklar)." – Ба фикрам, ту инро фаҳмидӣ? -Возеҳу равшан (Информант). Ҷумлаҳои эллипсисӣ дар забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати сохтор компонентҳои предикативии (номии) коструксияро нигоҳ доштаанд.

4) эллипсиси ҷумлаҳои бешахс бидуни ҷонишини *es*. Он ба ду зергурӯҳ тақсим мешавад:

1) бо хабари феълӣ:

Тоҷ.: Дар ин бора набояд сухан равад = **Олм.:** „(Es) Kommt gar nicht in Frage*:*

Aber Cindy fiel ihr ins Wort. „(Es) Kommt gar nicht in Frage. Das ist ja schliesslich meine Angelegenheit...“ (A.Seghers, 72)– Вале Синди ба ӯ гап гардонд. Дар ин бора на бояд сухан равад. Қисса кӯтоҳ ин кори ман аст(А.Зегерс, 74).

1) бо предикатив:

Тоҷ.: Барои ман он беҳтар мебуд = **Олм.:** Mir waere (es) wohler:

„Mir waere (es) wohler, wenn es so waere.“ – Барои ман он беҳтар мебуд (ман худро осуда ҳис мекардам), агар чунин ҳолат рух медод (Информант).

Ҷумлаҳои бешахси бидуни es дар забони олмонӣ дорои тартиби инверсионии (номураттаби) калима мебошанд, дар чунин маврид es дараҷаи фаъолияти худро гум мекунад. Муродифҳои синтаксисии забони тоҷикӣ аз рӯйи сохтор ба ҷумлаҳои яктаркибаи бешахс бо хабари феълӣ мувофиқ меоянд.

Чунин ба ҳисоб меравад, ки ифодаи эксплиситии субъекти прономиналии хабарӣ вазифаи шаклҳои феълии шахсиро такрор мекунад ва аз ин сабаб зиёдатӣ аст. Ҳол он ки истифодаи баробарвақтаи ин ду восита барои ифодаи шахс фарқияти вазифавии онҳоро пешбинӣ мекунад. Ҷонишинҳои шахсӣ: а) шахсро ба таври субстантсионӣ, ҳамчун субъекти амал ё ҳолати бо феъл ифодаёфта, яъне ҳамчун объекти воқеӣ дар байни дигар объектҳо ва берун аз амали нутқӣ муаррифӣ мекунанд; б) ҳолати субъектро дар амали коммуникативӣ нишон медиҳанд, яъне ӯро ҳамчун иштирокчии фаъол ё нофаъоли амали нутқӣ муаррифӣ мекунанд. Бояд қайд кард, ки норасоии мубтадои грамматикӣ дар забони олмонӣ воситаи сарфаи забонӣ ва ифодаи эмотсионалӣ дар нутқ ба ҳисоб рафта, он дар давраи ҳозираи инкишофи забони олмонӣ ба тағйирёбии сохтори грамматикии вай дар маҷмуъ таъсир нарасонидааст.

КР. *ӯ боз ба девор такя намуд. Қавоқҳояш варам карда буданд. Ибодатхона тамоман дорик шуд (А.Зегерс,73)- Er lehnte sich wieder an seine Wand. Die Lider waren ihm schwer. Jetzt war es Vollkommen dunkel (A.Seghers, 70)*

Субъекти семантикӣ тавассути ҷонишинҳо ифода меёбад, бинобар ин ба забони тоҷикӣ трансформатсияи чунин ҷумлаҳои яктаркиба ба ҷумлаи дутаркиба ё ҷумлаҳои алоҳидаи сода имкон дорад. Он вақт субъекти семантикии ҷумлаҳо ҳамчун мубтадои грамматикии ҷумлаи дутаркиба баромад мекунад. Чунин маврид дар баргардониши зерин ба назар мерасад:

ТП. *Як хизматгори сирдон доштам, ки ӯ бемор шуда, ба хонаи худ рафтааст (Марги судхӯр, 45) - Ich habe einen Diener gehabt, der in meine Geheimnisse eingeweiht war.Aber er ist erkrankt und nach Hause gefahren (Tod des Wucherers, 58).*

Шаклҳои шахсии феъл мансубияти субстансионалӣ надоранд ва танҳо ба мансубияти амал ба яке азиштирокчиёни амали коммуникативӣ ишора мекунанд. Ин фарқияти вазифавии байни шаклҳои шахсии феълӣ ва ҷонишинҳои шахсӣ омили имконпазирии истифодаи баробарвақтаи онҳо дар забон мегардад. Яъне ифодаи эксплиситии субъекти прономиналии хабариро зарурати муаррифии субстансионалии шахс дар ҷумла ба вуҷуд меорад. Ин гуна иттилоъро оид ба субъект мо иттилои зиёдатӣ мешуморем. Омилеро, ки мақоми мубтадо метавонад дар шахс, шумора ва/ё ҷинс барқарор созад, синтаксисӣ ҳисобидан мумкин аст. Аммо чунин ҳам ҳисобидан мумкин аст, ки мубтадо як навъ вазифаи мундаричавиро иҷро мекунад. Боз инро ба назар гирифтан зарур аст, ки ҷонишини шахсӣ шаклан унсури нозарурии сохтори ҷумла буда, ба интихоби шакли феълӣ новобаста аз тарзи ифодаи худ дар ҷумла (эксплиситӣ ё имплиситӣ) таъсир мегузорад. Нақши ҷонишинҳои субъектӣ дар ташкилдиҳии сохторӣ-семантикии ҷумла назаррас аст.

Ҳамин тариқ, барои ошкор сохтани хусусиятҳои хоси амалкарди ҷонишинҳои шахсӣ таҳлили матн ё майдони семантикие, ки дар он бо мақсади барқароргардонии ҳолатҳои барои мулоҳизаҳои олмонии шомили унсури эксплиситии прономиналӣ маъно ва мундариҷаи онҳо татбиқ меёбад, зарур аст. Вобаста ба вазъи мазкур мафҳуми «ҳолати прагматикӣ» ворид карда мешавад. Зери ин мафҳум ифодаи ҳолати мушоирати нутқиеро мефаҳманд, ки он

нияти коммуникативии муаллифро тавсиф менамояд. Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми ҳолати прагматикӣ бо мафҳуми амали нутқӣ мувофиқ намеояд, зеро дар ҳамон як ҳолат метавонад типҳои мухталифи мулоҳизаҳои нутқӣ татбиқ карда шаванд ё ҳамзамон рӯзмарра кунондани якчанд амали нутқӣ имконпазир аст.

Муқарриз: Каримов А.Ф. – н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт

1. Ахманова, О. С. Словарь лингвистических терминов/ О.С. Ахманова [Текст]. - М.: Сов. энциклопедия, 1966. - 607 с.
2. Бондарко, А.В. Категориальные ситуации (к теории функциональной грамматики)/ А.В. Бондарко [Текст]// Вопросы языкознания. - 1983. - № 2. - С. 20-32.
3. Беляева, Е.И. Грамматика и прагматика побуждения: Английский язык/ Е.И. Беляева [Текст]. -Воронеж: Изд-во ВГУ, 1992. - 168 с.
4. Гак, В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков/ В.Г. Гак. -М.: Просвещение, 1989. -288 с.
5. Лингвистический энциклопедический словарь. - М.: Сов. энциклопедия, 1990. - 685 с.
6. Мецлер А.А. Прагматика коммуникативных единиц/ А.А. Мецлер. - Кишинев: Штиинца, 1990. -104 с.
7. Падучева, Е.В. Говорящий: субъект речи и субъект сознания //Логический анализ языка (культурные концепты)/ Е.В. Падучева. -М.: Наука, 1991. - С.164-168.
8. Степанов, Ю.С. В поисках прагматики (проблема субъекта)/ Ю.С. Степанов// Изв. АН СССР. Отд-ние лит. и яз., 1981. - Т.40. - № 4. - С.325-332.
9. Сусов, И. П. Семантика и прагматика предложения/ И.П. Сусов. -Калинин, 1980. -50 с.
10. Шведова, Н.Ю. Входит ли лицо в круг синтаксических категорий, формирующих предикативность?/ Н.Ю. Шведова// Русский язык за рубежом. - 1971. - № 4. -300 с.
11. Schendels, E.I. Deutsche Grammatik. Morphologie. Syntax/ E.I. Schendels, Text. –M., 1979. - 397 S.

Адабиёти бадеӣ

1. Айнӣ, С. Энциклопедияи насри муосири тоҷик: Ёддоштҳо (чаҳор қисм): Иборат аз як китоб/ С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энциклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. - 680 с.
2. Зегерс, А. Салиби ҳафтум/ А. Загерс. –Душанбе, 1960. -392 с.
3. Сайфуллоев, Х. Г., Доттер Ф. Қиссаҳои ду фарҳанг. Erzählungen aus zwei Kulturen/ Х. Г. Сайфуллоев. -Душанбе – Клагенфурт, 2002. -116 с.
4. Ҷалил, Р. Асарҳои мунтахаб/ Р. Ҷалил. -Душанбе: Адиб, 1988.-Ҷ. 1. - 304 с.
5. Ҷалил, Р. Одамони ҷовид/ Р.Ҷалил. –Душанбе, 1968. -458 с.
6. Aini, S. Vergangenes/ S. Aini// Sowjetliteratur, Nr. 9, 1967.-210 S.
7. Aini, S. Der Tod des Wucherers/ S. Aini. –Berlin, 1966. -257 S.
8. Seghers, A. Das siebte Kreuz/ A. Seghers,–Berlin, 1957. -378 S.

ТАҲЛИЛИ ПРАГМАТИКИИ ҶОНИШИНҲОИ ШАХСИИ СУБЪЕКТӢ

Дар сохтори мундариҷавии мулоҳиза ҷанбаҳои семантикӣ ва прагматикиро тафовут дода, бисёр забоншиносони хориҷӣ ва ватанӣ нақши пешбарандаи ҷанбаи ахириро, ки он шакли лингвистӣ (ҷанбаи синтаксикӣ) ва амалкарди коммуникативиро (ҷанбаи семантикӣ) муттаҳид месозад барои ошкор сохтани хусусиятҳои хоси амалкарди ҷонишинҳои шахсӣ таҳлили матн ё майдони семантикие, ки дар он бо мақсади барқарор гардонии ҳолатҳои барои мулоҳизаҳои олмонии шомили унсури эксплиситии прономиналӣ маъно ва мундариҷаи онҳо татбиқ меёбад, зарур аст.

Дар мақола масъалаҳои прагматикии ҷонишинҳои шахсии субъектӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми ҳолати прагматикӣ бо мафҳуми амали нутқӣ мувофиқ намеояд, зеро дар ҳамон як ҳолат метавонад типҳои мухталифи

мулоҳизаҳои нутқӣ татбиқ карда шаванд ё ҳамзамон рӯзмарра кунондани якчанд амали нутқӣ имконпазир аст.

Калидвожаҳо: *семантика, мақола, ҷонишини шахсии субъектӣ, прагматикӣ, нутқи шифоҳӣ, ҷумла, адабиёт, забони олмонӣ, забони тоҷикӣ.*

ПРАГМАТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЛИЧНЫХ СУБЪЕКТНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ

Разграничивая семантический и прагматический аспекты в содержательной структуре рассуждения, многие зарубежные и отечественные лингвисты совмещают ведущую роль последнего аспекта в языковой форме (синтаксический аспект) и коммуникативного действия (семантический аспект). Анализ текста или семантического поля, в котором, чтобы восстановить падежи по немецким соображениям, включающим эксплицитный местоименный элемент, необходимо применить их значение и содержание.

В статье анализируются и обсуждаются прагматические вопросы субъектных личных местоимений. Следует отметить, что понятие прагматической ситуации несовместимо с понятием речевого акта, поскольку в одной и той же ситуации могут применяться разные виды речевого рассуждения или возможно одновременное совершение нескольких речевых актов.

Ключевые слова*: семантика, статья, субъектное личное местоимение, прагматический, устная речь, предложение, литература, немецкий язык, таджикский язык.*

PRAGMATIC ANALYSIS OF PERSONAL SUBJECT PRONOUNS

Delimiting the semantic and pragmatic aspects in the content structure of reasoning, many foreign and domestic linguists combine the leading role of the latter aspect in the linguistic form (syntactic aspect) and communicative action (semantic aspect). An analysis of a text or a semantic field in which, in order to restore cases for German reasons, including an explicit pronominal element, it is necessary to apply their meaning and content. The article analyzes and discusses the pragmatic issues of subjective personal pronouns.

It should be noted that the concept of a pragmatic situation is incompatible with the concept of a speech act, since in the same situation different types of speech reasoning can be used or several speech acts can be performed simultaneously.

Keywords: *semantics, article, subjective personal pronoun, pragmatic, oral speech, sentence, literature, German language, Tajik language.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳалимова Маҳбубуба Сафаралиевна *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми филология, дотсент, декани факултети забонҳои Аврупо. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, ул. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 55851-5252*

Сведения об авторе: Халимова Махбубуба Сафаралиевна *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, доцент, декан факультета языков Европы. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мохаммадиева, 17/6. Тел.: +992 55851-5252*

Information about the author: Halimova Mahbuba Safaraliyevna *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of science of philology, associate professor, dean of the faculty of European languages. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: +992 55851-5252.*

ТДУ: 809.155.0

ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ЖАРГОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТАРҶУМАИ ОН

Ҷалолова Ш. А.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Жаргон нахустин маротиба дар забони англисӣ бо истилоҳи ***slang*** ба вуҷуд омадааст. Ҳамчунин, жаргон маҷмуи калимаҳо ё маънои нави калимаҳои мавҷуда буда, дар гурӯҳҳои гуногун истифода мешаванд. Жаргон дар матн яке аз воситаҳои лингвистии таъсиррасонӣ ба хонанда, ташаккули ҷаҳонбинӣ, рафтор, дарк ва баҳодиҳии ӯ ба муҳит маҳсуб ёфта, сабабҳои афзоиши маҳбубияти онро шарҳ медиҳад.

Олимон ва забоншиносони ҷаҳон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то жаргон дар илми забоншиносӣ мақоми муайянро ишғол намояд, аммо таҳқиқоти онҳо нишон медиҳанд, ки то ҳол муносибати ягонаи илмӣ ба ин падида вуҷуд надорад. Дар ин росто баъзе ҷанбаҳо ва мушкилоти корбурд ва фаъолияти жаргон, яъне ба мақсад мувофиқ будани корбурд, вазифа ва усулҳои тарҷумаи он дар муҳокимаи публитсистӣ то ҳол барои таҳқиқ боз аст.

Чи тавре дар боло тазаккур додем, истилоҳи «жаргон» бештар дар забони англисӣ истифода мешавад. Муҳаққиқон замони пайдо шудани жаргон дар забони гуфтугӯии англисӣ пурра шарҳ надодаанд. Забоншинос ва мутахассиси англис, ки дар мураттиби луғати жаргонӣ саҳми бориз доштааст, Эрик Партриҷ мебошад. Ӯ бори аввал дар асри XVIII вожаи мазкурро бо ҷиҳатҳои илмӣ шарҳ додааст. Пас ин маънои «ранҷонидан»-ро дошт. Тақрибан соли 1850, истилоҳи мазкур барои луғати "ғайриқонунӣ" истифода шудааст. Дар баробари ин, баъдтар муродифоти калимаи жаргон, яъне «линго», ки асосан дар табақаҳои поёнии ҷомеа истифода мешуд, пайдо шудааст.

Ҳамчунин, шарҳи дигари мафҳуми «жаргон» дар «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ»-и А.С. Ахманова чунин ифода ёфтааст:

1. Жаргон – навъи гуфтугӯии суханронии касбӣ.

2. Жаргон – унсурҳои варианти гуфтугӯии гурӯҳи муайяни касбӣ ё иҷтимоиест, ки ба забони адабӣ ё нутқи одамоне, ки бевосита ба ин гурӯҳи одамон алоқаманд нестанд, дар ин забонҳо ранги махсуси ҳиссиёт (эмотсия)-и ифодакунанда пайдо мекунанд[4, с. 400].

Омӯзиши адабиёти илмӣ, инчунин омӯзиши зуҳуроти мушаххаси жаргон дар нутқи ҳаррӯзаи забони модарии англисӣ имкон дод, ки вижагиҳои асосии “жаргон” муайян карда шаванд, ки инҳоро дар бар мегиранд.

1. Жаргон луғати адабӣ нест, яъне калимаву ибораҳое, ки аз нигоҳи талаботи меъёри адабии муосир берун аз забони стандартии англисӣ (Standard English) қарор доранд. Масалан: “He is a **rad** kid” "Ӯ як кӯдаки аҷоиб аст".

2. Жаргон вожаест, ки асосан дар нутқи шифоҳӣ пайдо мешавад ва истифода мешавад. Масалан: “Why don’t you try and have ***a kip*** before everyone gets here?” Дар ин ҷумла калимаи “kip” маънои сабук, кӯтоҳ хоб карданро дорад. Инчунин, дар луғати америкоиҳо бошад, дар ин ҳолат калимаи “nap” истифода мешавад.

3. Жаргон луғати аз ҷиҳати эмотсионалӣ рангин аст. Асосан, дар байни мактаббачагон, донишҷуён, ҳарбиён, коргарони чавон паҳн шудааст. Жаргонро зуд-зуд тағйир медиҳанд, ки онро аломати забонии наслҳо мегардонад.

Жаргон калимаю ибораҳои гуногунро дар бар мегирад, ки одамон бо онҳо метавонанд худро ба гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва касбӣ муаррифӣ кунанд: "cop", "slop" ва ё "copper" – "полис", "dick" - "детектив". Сленг мафҳуми хеле васеъ аст, ки сабаб ва ангезаҳои истифодаи онро ба назар мегирад. Дар гуфтори зинда инкишоф ва корбурди сленгҳои муосир, ки бештар дар байни насли ҷавон густариш ёфтааст, ба таври умум аз инҳо бармеангезад:

- норозигӣ аз калимаву ибораҳои анъанавӣ;
- дучор омадан ба ҳолатҳои наве, ки лексикон барои онҳо табиатан камбизоат аст;
- хоҳиши таассуроти ҷомеа;

- хоҳиши муошират "ҳақиқӣ";
- хоҳиши ба даст овардани таъсири ҳаҷвии муайян;
- хоҳиши эҷоди як корбурди услубӣ бо ёрии равшанӣ ва ифодаи жаргонҳо.

Омилҳои асосии ба вуҷуд омадани истилоҳоти нави жаргонӣ қонуниятҳои дохилии забоншиносии инкишофи таркиби луғавии забон ва таъсири экстралингвистӣ мебошанд. Аз ҷумла, онҳоро номбар мекунем:

- аз сензура озод карда шудани воситахои ахбори оммавӣ, танзими идеологии онҳо, сусткорӣ;
- ҷустуҷӯи озодонаи журналистон дар заминаи стандарту василаҳои нави ифодакунандаи баён;

Мушкилоти бузург дар тарҷумаи воҳидҳои жаргонӣ ҳам аз забони хориҷӣ ва ҳам баръакс дар он аст, ки жаргон, бахусус, сленгҳои ҷавонон як қабати сайёри луғат аст ва ҳеҷ як луғати вожаҳои нав қодир нест, ки ба рушди забони адабӣ расида бошад. Илова бар ин, бисёр воҳидҳои лексикии жаргонӣ хеле кӯтоҳмуддат буда, зуд аз кор мемонанд. Луғатҳо барои сабти номи онҳо имконият надоранд. Ҳамин тариқ, бузургтарин душворӣ дар кор бо жаргон ин дарёфти муодили муосир мебошад. Ба ғайр аз ин, тарчумонҳо ба як катор мушкилиҳои дигар низ дучор меоянд, ки мо дар бораи онҳо муфассалтар сухан меронем.

Дар илми забоншиносӣ воҳидҳои лексикии бидуни контекст номҳо, номҳои ҷуғрофӣ, номи нашрияҳои даврӣ ва фирмаҳо, номи киштиҳо, ҳавопаймоҳо, ҳизбҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятиро дар бар мегиранд.

Воҳидҳои лексикие, ки як падида ва мафҳумҳоро ифода мекунанд, вале ба жаргон мансубанд, аз контекст вобастаанд ва дар забони мавриди ҳадаф муодили муқаррарӣ надоранд.

Hard cheese – ноомади кор, кори бад ё вазъияти ногувор.

Англисҳо то ҳол бо истифода аз ин ибора ба касе мегӯянд, ки "Ин мушкилии шумост!", нишон медиҳад, ки ин ба онҳо дахл надорад ва он нишон дод ва ба ҷабрдида раҳм намекунад. Калимаи cheese – панир ва hard – сахт тарҷума мешавад.

Cheers - гап на танҳо дар бораи хайрухуш ва суханронии кӯтоҳ бо хоҳиши чизе ва таклифи нӯшидани май ба васфи касе. Дар забони махсуси британиёӣ ин, инчунин маънои куҳнаи "ташаккур"-ро дорад. Масалан, ташаккур барои ба ман ин нӯшокиро овардан, Стив. - Cheers for getting me that drink, Steve.

Loaded – Агар дар бораи пул ва ё маблағ гап занем... агар хамсояатон пули зиёд дошта бошад, гуфтан мумкин аст, ки бор шудааст (бор кардааст). Боршуда як истилоҳи умумӣ барои пул / сарват аст.

Тадқиқот нишон дод, ки роҳи муносибтарин барои тарҷумаи жаргон ин истифодаи аналогҳои функсионалӣ ё мувофиқатӣ мебошад, ки онҳо дар забони тарҷумашаванда мавҷуд бошад ва барои мавриди истифода дастрас бошанд.

Барои мушаххас намудани жаргон ва корбурди он навъи дигар, чун ихтисорот мавқеи баландро дорад. Ихтисорот бештар дар мукотиба истифода мешавад, вақте ки шахс бо вақт ё аломатҳо маҳдуд аст, хоҳиши навиштани калимаҳо ва ибораҳои дарозро надорад. Чунин забон, ҳатто ном дорад - digispeak (забони рақамӣ). Аз ин рӯ, агар шумо зуд-зуд бо дӯстонатон аз дигар кишварҳо, ҳамкасбони хориҷӣ муошират кунед, ё танҳо мехоҳед, ки ихтисороти англисиро бифаҳмед, пас ин якчанд мисол барои шумо муфид хоҳад буд.

Some1 (someone) — касе
Any1 (anyone) — ягон кас
Be4 (before) — пеш аз оне ки
2day (today) — имрӯз
4u (for you) — барои шумо
gr8 (great) — аъло, олиҷаноб
w8 (wait) — интизор шудан

2u (to you) — ба шумо

u2 (you too) — ба шумо ҳам ва ғайра.

Чунин ба назар мерасад, ки инҳо танҳо ҳарфҳо ва рақамҳо ҳастанд, аммо кӯшиш кунед, ки ин ихтисорҳоро талаффуз кунед, то онҳоро фаҳмед. Инчунин, бояд қайд намуд, ки ихтисорот на танҳо дар ҳолати гуфтугӯӣ ба вуҷуд меоянд, балки дар матни хаттӣ низ бисёр ба назар мерасанд. Масалан, **PLS, PLZ** — Лутфан (лутфан) кӯтоҳ карда шудааст аз калимаи “please”, **THX** — Thanks тарҷумаи ин калима “ташаккур” мебошад.

Fortnight (Fourteen nights) — чордаҳ шаб, ё ду ҳафта

Жаргон кӯмак мекунад, ки нутқи моро бо гардишҳои дурахшон ва эҳсосотӣ ҳал кунад. Муҳим он аст, ки онро дар ҳолатҳои дуруст истифода баред.

Жаргон яке аз системаҳои ҷолибтарини забоншиносии муосир мебошад ва дар муносибати гуфтугӯии америкоиҳо нақши калон мебозад. Гап дар сари он аст, ки маданияти гуфтор ва услуби он дар мадди аввал гузошта шудааст ва дар ин ҷо жаргон ногузир аст. Масъалаи омӯзиши сленг ва тафовут дар он пайваста мавриди таваҷҷуҳи забоншиносони ҷаҳон аст. Вақте ки забон зинда аст, ҳеҷ чизро партофтан мумкин нест.

Муҳаққиқон забони англисии британиёӣ ва амрикоиро ба чанд намуд ҷудо мекунанд. Бо донистани онҳо метавон пайдоиш ва пайдоиши гӯишҳо ва лаҳҷаҳоро таҳлил кард. Забони англисии амрикоиро метавон ба се намуди лаҳҷаҳо тақсим кард: шимолӣ, марказӣ ва ҷанубӣ. Дар навбати худ, ҳар кадоми онҳо ба истилоҳ зергӯишҳо тақсим мешаванд.

Забони англисии британиёӣ низ ба се намуд тақсим мешавад: англисии консервативӣ (conservative - забоне, ки дар оилаи шоҳона ва парламент сухан меравад); стандарти қабулшуда (received pronunciation - забони BAO); англисии пешрафта (advanced - забони ҷавонон).

Чунин ақида вуҷуд дорад, ки забони англисии амрикоӣ забони содашуда аст. Дар асл, эҳтимол аст. Охир, одамони одии мамлакатҳои гуногун ба Америка даҳсолаҳо омада буданд, забони худро бо худ меоварданд. Дар ниҳоят, забони англисӣ консервативии тозашуда барои муошират бо забони одӣ мувофиқ набуд. Гузашта аз ин, на ҳама меҳмонон ӯро мешинохт. Аз ин рӯ, асоси забони англисии амрикоӣ забони англисии гуфтугӯӣ буд. [3, с. 3–19]

Сарчашмаҳои асосии забони жаргонҳои амрикоӣ гурӯҳҳо ва қишрҳои гуногуни аҳолӣ мебошанд. Чанде аз онҳоро номбар мекунем: муҳоҷирон, артиш, флот, тиҷорат, донишҷӯён, мактаббачагон, навозандагон, варзишгарон ва ғ.

Аксар вақт дар забони англисӣ шумо метавонед ихтисоротҳоро пайдо кунед. Масалан, дар калимаи оила - family - fam, асосҳо - fundamentals - fundas, пиронсол - geri, benzin - бензин – petro ва ғ.

Дар айни замон, сленг қисми хеле зиёди луғати англисиро ишғол мекунад. Аҷиб аст, ки ҳоло шумо метавонед шумораи зиёди луғатҳои сленгро пайдо кунед. Аммо бояд алоҳида қайд кард, ки аввалин чунин луғат Луғати классикии забони вулгарии Фрэнсис Гросс мебошад, ки соли 1785 нашр шудааст. Аз он вақт инҷониб дар ин мавзуъ чанд асари бузург, аз ҷумла таҳқиқоти илмӣ ва луғатҳои машҳур ба табъ расидаанд, аммо онҳо ба қадри кофӣ маъруф нашудаанд. агар шумо барои худ як луғатро интихоб кунед, пас шумо бояд ба он диққат диҳед, ки дар ин соҳа он луғатҳо ба таври мусбат муқоиса карда мешаванд, ки на танҳо тарҷума ва заминаи иҷтимоӣ, балки, агар имконпазир бошад, таърихи пайдоиши онро нишон медиҳанд.

Дар ниҳоят, ҷолибтарин (ва аз нуқтаи назари омӯзиши сленг муфид) на танҳо фаҳмидан ва омӯхтани жаргонҳои англисӣ, балки фаҳмидани он аст, ки он чӣ гуна пайдо шудааст ва аз кадом калимаҳо сохта шудааст. Таърихи ин ибораҳо метавонад хеле печида ва баъзан хандаовар бошад.

Дар асри 21 раванди фаъоли гузариши луғатҳои жаргонӣ (сленгӣ) ба забони адабии англисӣ ба амал меояд. Каме пештар (тақрибан 5 сол пеш) чунин (калима ва ибораҳои ҳозир

маъмул) аз қабили «of course» (албатта), « to take part » (иштирок кардан), « to get up » (бархез) жаргонӣ буданд.

Қобили зикр аст, ки ин на танҳо дар сатҳи муошираты ҳамарӯза (байни хешовандон, дӯстон ва шиносон), балки дар муҳити расмӣ низ рух медиҳад. Номи бархе аз раисҷумҳурони ИМА метавонад мисоли ин бошад: " James Earl Carter " ба " Jimmy Carter ", " William Jefferson Clinton " ба " Bill Clinton " кӯтоҳ шудааст. Бархе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки албатта, манбаи асосии пур кардани сленг аксаран тағйирёбии маънои калима дар забони англисӣ мебошад. [5, с. 138]

"Эҷоди сленг ва е жаргон" махсусан дар давраҳои дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ, ҷангҳо, тағйиротҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ, вақте ки зарурати фаврии номбар кардани чизи наве, ки ҳар рӯз дучор мешавад, ба вуҷуд меояд ва бо ҳамин тариқ боҳашамат инкишоф меёбад. Ҳарчанд на ҳама чиз дар жаргон қобили қабул аст, аммо он суханронии забони англисиро бо зинда будан, чандирӣ ва зеҳни ғайричашмдошти худ ба таври қобили мулоҳиза оро медиҳад. Муҳтарам профессор С. Боянус дар бораи жаргон ҳамчун забони овора, ки тамоми умр дар атрофи забони адабӣ овезон аст, муборизa мебарад, вале ҳеҷ гоҳ ба ҷомеаи баланд намеафтад, ҳариб бо муҳаббат ҳарф мезад [8, с. 107].

Аксари нависандагони англис ва америкоӣ ба ин ё он дараҷа ба сленг эхтиром мекарданд. Онро нодида гирифтан мумкин нест, вагарна персонажҳои тасвиршуда қувваи худро гум мекунанд. Голсуорси (нависандаи англис) дар романҳои трилогияи «Анҷоми боб» бисёр калимаҳои нав дорад, ки дар асарҳои қаблии ӯ пайдо нашудаанд. Инак, масалан, буржуазии муҳтарам Соамс дар хайрат аз домодаш мепурсад, ки ибораи « to get somebody's goat » бузи касеро гирифтан чӣ маъно дорад ва чавоб медихад, ки маънои «касеро озор додан»-ро дорад.

Аз нуқтаи назари равоншиносӣ сленг ҳамчун маҳсули эҷодиёти индивидуалии лингвистии (ё ҳатто «маънавӣ») гурӯҳҳои алохидаи иҷтимоӣ ва касбӣ фаҳмида мешавад, ки ҳамчун ифодаи забонии шуури ҷамъиятии одамони ба муҳити муайян мансуб мебошад.

Маҳз сленг пайванди асосии гӯишҳои ҳудудӣ бо забони адабӣ ва дар баъзе мавридҳо байни вожаҳои маҳаллие, ки аз як тараф, ба вариантҳои гуногуни маҳаллӣ дохил мешаванд ва аз тарафи дигар, меъёри адабӣ мебошад.

Ниҳоят, қайд менамоем, ки дар хар як ҳолати мушаххас ба жаргон таъйин шудани як зуҳуроти забоншиноси ба мувофикат кардан ё мувофикат накардани он бо падидаи дахлдори лаҳҷаи ҳудудиву ичтимоии додашуда вобаста аст.

Жаргон ба рушд ё пешбурди илм ва технология ба таври васеъ мусоидат мекунад, зеро олимон намудҳои сленгро барои баҳо додани ҷаҳони навоварӣ ва кашфиётҳои худ ва ташвиқи одамон ба манфиати кори илмии худ эҷод ва истифода мебаранд. Баъзе намудҳои илмии сленг дар ҷомеа истифода мешуданд ва баъдан онҳо ба забони расмии англисӣ қабул карда шуданд. Баъзе гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аз қабили полис, сарбозон, тоҷирон, дуздон, донишҷӯён, маҳбусон, табибон, ҳуқуқшиносон ва ғ. жаргонро барои нигоҳ доштани сир истифода мебаранд.

Жаргон мисли дигар ҷанбаҳои нутқ, баъзан барои ҷалби таваҷҷуҳ истифода мешавад. Нав ва ғайриодӣ будани он ҳамеша шавқу ҳаваси шунавандаро бедор мекунад. Аммо муҳимтар он аст, ки жаргон шахсият ва хусусиятҳои ошкори суханварро инъикос мекунад. Умуман, шахсе, ки сленгро истифода мебарад, суҳбати ҷолиб дорад.

Донистани забони махсус (жаргон) ба мо кӯмак мекунад, ки аз мушкилоти муайян дар ҳаёти мо канорагирӣ кунем. Масалан, донистани жаргонҳои дуздон ба мо кӯмак мекунад, ки аз ҳамлаи дуздон барканор шавем.

Элиша Колз дар соли 1976 дар бораи ин ҷанбаи нақши сленг ибрози назар карда, қисман навишта буд: "Фаҳмидани забони махсус (жаргон) муфид аст, зеро он ба мо кумак мекунад, ки ба дасти дуздону қотилон наафтем". [12, с. 308].

Ниҳоят, жаргон дар рушди тафаккур ва шуури инсон саҳми бузург мегузорад. Эҷод ва омӯзиши лафз тафаккур ва шуури инсонро фаро мегирад.

Ҳарчанд забони англисӣ як забони байналмилалӣ аст ва бо муошират дар он шумо метавонед фикри худро озод баён кунед, аммо агар хоҳед, ки ба фарҳанги як кишвари англисзабон наздиктар шавед, ба ҳарфҳо, ихтисораҳо, жаргон ва дигар воҳидҳои дар он истифодашаванда таваҷҷуҳ кунед. Маълумотҳои расидаро, ки ба омӯзиши жаргон дахл доранд, таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадем.

1. Жаргон забони англисиро бо калимаҳои нав ғанӣ мегардонад.

Ҳарчанд бештари навъҳои лафзӣ вуҷуд надоранд, баъзеи онҳо боқӣ монда, забонро ғанӣ мегардонанд. Калимаҳо аз қабили highbrow, mob, trip, bet, dokey, shabby, chap, bore, cab, kidnap ва ғайра ҳамчун истилоҳҳои жаргонӣ нодаркор ҳисобида мешуданд, вале баъдтар ба забони англисӣ стандартии муосир қабул карда шуданд. Ин мақолаи тадқиқотӣ нишон медиҳад, ки жаргон ду фоизи калимаҳои луғатҳои стандартии англисиро ташкил медиҳад.

2. Омӯзиши забоншиносӣ афкори манфӣ ва муносибати манфӣ ба омӯзиши сленгизмро (забони махсус) тағйир медиҳад, ки дар натиҷаи эътирофи аҳаммияти он дар ҷомеаи ҷаҳонии имрӯза ва низоми маориф ба вуҷуд омадааст. Дониши хуби жаргонҳо ба донишҷӯён ва муаллимон кӯмак мекунад, ки аз истифодаи онро дар ҳолатҳои расмӣ, суханронӣ ё навиштан худдорӣ кунанд.

Инак, танҳо мушкилоти жаргонӣ, алалхусус, тарҷумаи он яке аз риштаҳои афзалиятноки омӯзиши дискурси публитсистӣ (далели мантиқӣ) мебошад. Тадқиқот нишон дод, ки роҳи муносибтарин барои тарҷумаи жаргон ин истифодаи аналогҳои функсионалӣ ё мукотибаҳои вариантӣ мебошад, ки агар онҳо дар забони тарҷумашаванда дастрас бошанд.

Забони махсус (жаргон) ба мо кӯмак мекунад, ки дар бораи таърих, урфу одатҳо ва консепсияҳо дар як гурӯҳи одамон омӯзем. Омӯзиши сленг барои нависандагон хеле муҳим аст, зеро он сатҳи дониши онҳоро дар бораи як гурӯҳи одамон, аз қабили ҷиноятқорон, тоҷирон, ронандагон ва ғайра афзоиш медиҳад. Аз ин рӯ, дар тамоми ҷаҳон ҳукуматҳо ва системаҳои маориф бояд нақшаҳо ва барномаҳои таълимии худро аз нав дида бароянд, то стратегияҳои мувофиқ барои беҳтар кардани омӯзиши намудҳои сленгизмҳо (жаргонҳо) дар забони англисӣ таҳия карда шаванд.

Муқарриз: Шозиёева Г., д.и.ф., профессори АИДНПҶТ

Адабиёт:

1. Антрушина Г. Б. Лексикология английского языка [Текст] = English Lexicology : [учеб. пособ. для студ. вузов, обуч. по пед. спец.] / Г. Б. Антрушина, О. В. Афанасьева, Н. Н. Морозова. – 3-е изд., стереотип. – М. : Дрофа, 2001. – 288 с. – (Серия “Высшее образование”). – Библиогр.: С. 283–287.
2. Арнольд И. В. Стилистика. Современный английский язык : (Стилистика декодирования) :[учеб. пособ. для студ. пед. ин-тов по спец. ин. яз] / Ирина Владимировна Арнольд. – 3-е изд., испр. и доп. – М. : Просвещение, 1990. – 300 с. – Библиогр.: – С. 296–298.
3. Арутюнова Н.Д. Аномалии и язык / Н.Д. Арутюнова // Вопросы языкознания. – 1987. – No 3. – С. 3–19.
4. Ахманова О. С. Словарь лингвистических терминов. / О. С Ахманова. – М.: Энциклопедия, 1976. – С. 400–419.
5. Беляева Т. М., Нестандартная лексика английского языка / Т. М. Беляева, В. А. Хомяков. – Л. : Изд-во ЛГУ, 1985. – 136 с.
6. Виноградова, Н.В. Компьютерный сленг и литературный язык: проблемы конкуренции/Н.В. Виноградова // Исследования по славянским языкам. Корейская ассоциация славистов. - Сеул, 2001 - С. 61-72.
7. М. А. Кащеева. Вопросы английской контекстологии: [межвуз. сб.]. Изд-во ЛГУ, 1974. – Вып. 1. 1974. – 159 с.
8. Гальперин И. Р. О термине “слэнг” / И. Р. Гальперин // Вопросы языкознания. – 1986. – No 6. – С. 107–114.
9. Казачкова Е. М. Формирование и функционирование молодежного сленга в лингвокультурной среде [Текст] / Е. М. Казачкова. М., 2006. – 26 с.
10. Хомяков В. А. Нестандартная лексика в структуре английского языка национального периода: Автореф. дис. ... канд. филол. наук: 10.02.02 / В. А. Хомяков. – Л., 1980. – С. 5–49.

11. Ҳаролд Палмер. The Teaching of Oral English. Long man, 1940, С. 100.
12. Campbell, D.T. Distinguishing Differences of Perception from Failures in Communication in Cross-Cultural Studies// Cross-Cultural Communication: Epistemology and Anthropology. N.Y.: Harper & Row, 1964, p. 308-336.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. 1, 2 - ҷилд. / Зери таҳрири: Сайфиддин Н., Сангинов А. ва диг. – Душанбе, 2008.

ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ЖАРГОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТАРҶУМАИ ОН

Мақола ба муайян кардани хусусиятҳои жаргонҳои англисӣ ва усулҳои тарҷума бахшида шудааст. Дар ин мақола пайдоиши жаргон ва ташаккули он ҳамчун як раванди пайвастаи пур кардани таркиби луғавии забон баррасӣ мешавад.

Жаргон яке аз воситаҳои таъсиррасонии забон ба хонанда, таъсиррасонӣ ба чаҳонбинӣ, дарк ва баҳодиҳии ӯ дар бораи муҳити зист буда, сабабҳои афзоиши маҳбубияти онро шарҳ медиҳад. Инчунин, мисолҳо дар хусуси дар кадом шароит ва аз тарафи кӣҳо истифода шудани жаргонҳо дар ҷаҳони муосир оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: *жаргон, калима, тарҷума, луғат, омӯзиш, забон, англисӣ, дониш, махсус.*

ОСНОВНЫЕ ЧЕРТЫ СЛЕНГА В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ И ЕГО ПЕРЕВОД

Статья посвящается определению особенностей англоязычного жаргона и на способы перевода. В данной статье рассматривается происхождение жаргона и его формирование как непрерывный процесс пополнения лексического состава языка.

Жаргон один из лингвистичеких средств воздействия на читателя, влияние на его мировоззрение, восприятия и оценки окружающей среды и также объясняет причины роста его популярности. Так же приведены примеры в каких условиях и кем используются жаргоны в современном мире.

Ключевые слова: *жаргон, слово, перевод, словарь, изучение, язык, английский, знания, особеность.*

THE MAIN FEATURES OF SLANG IN ENGLISH AND ITS TRANSLATION

The article is devoted to the definition of the features of English slang and the methods of translation. This article discusses the origin of slang and its formation as a continuous process of replenishment of the lexical composition of the language.

Slang is one of the linguistic means of influencing the reader, influencing his worldview, perception and assessment of the environment, and also explains the reasons for the growth of its popularity. Examples are also given in what conditions and by whom slang is used in the modern world.

Keywords: *slang, word, translation, vocabulary, learn, language, English, knowledge, peculiarity.*

Маълумот дар бораи муаллиф*: Ҷалолова Шаҳноза Алиевна – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-21. Тел: (+992) 556220010; E-mail: nozajalolova92@gmail.com*

Сведение об авторе: *Джалолова Шахноза Алиевна – Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Ассистент кафедры иностранных языков Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки-21. Тел: (+992) 556220010; E-mail: nozajalolova92@gmail.com*

Information about the author: *Jalolova Shakhnoza Alievna - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Assistant of the Department of Foreign Languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue-21. Mob.phone: (+992) 556220010, E-mail: nozajalolova92@gmail.com*

ТДУ: 802.0+801.3

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ ВА МАЪНОИИ ИСТИЛОҲОТИ МАРКЕТИНГӢ-ИНТЕРНЕТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Якубова М.Т.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мусаллам аст, ки дар замони муосир ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддун ва наздикшавии забонҳо ба шумор меравад ва яке аз омилҳои асосии ин ҷараёнро рушди илму техника ва технологияи инноватсионӣ инъикос менамояд. Бо рушду такомули илму техника, ки омили асосии пайдоиши истилоҳоти технологияи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад, истилоҳоти соҳаи мазкур низ басо пешрафт кардаанд ва ҳамарӯза дар муошират тавассути технологияи муосири иттилоотӣ ба таври васеъ истифода карда мешаванд. Дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа низ дастовардҳои нав ба нави илмиву техникӣ бо алоқамандӣ ба ҳамин омил ба назар мерасанд. Бунёди ҳар забонро захираи луғавӣ ва сохти грамматикӣ ташкил медиҳад.

Калимаҳо ганҷинаи бебаҳои зеҳнии гузаштагони мо мебошанд, ки бо заҳмат эҷод намуда, ба наслҳои имрӯза ба мерос гузоштаанд. Қисми зиёди ин ганҷро калимаю истилоҳоти қадимаю имрӯзаи забони ноби тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Шояд дар олам чунин забоне вуҷуд надошта бошад, ки аз забонҳои дигар калимаю истилоҳотро иқтибос накарда бошад. Одатан, забонҳои камнуфуз аз забонҳои дар илму техника ва фарҳанг пешрафта калимаҳоро ба худ иқтибос мекунанд. Дар даврaҳои гуногуни таърихӣ дар натиҷаи равобити сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ аз забонҳои гуногуни олам калимаю истилоҳоти зиёд ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд. Дар забони муосири тоҷикӣ калимаҳои иқтибосии арабӣ, русӣ, англисӣ ва туркӣ мавқеи бештар доранд [6].

Истилоҳот бетағйир нестанд, онҳо мунтазам тараққӣ меёбанд, ҳудудҳои худро васеъ мекунанд. Бояд тазаккур дод, ки иқтисодиёт дар рӯзгори ҳаррӯза босуръат тағйир меёбад ва рӯ ба инкишоф дорад. Аз ин рӯ, пӯшида нест, ки ибораю истилоҳоти нав вобаста ба тақозои ҳаёти иқтисодии кишвар пайдо мешаванд. Бояд гуфт, ки муҳимтарин тақозои марҳилаи асосии замони гузариш бевосита ба савияи донишу биниши фарҳанги иқтисодии мардумонамон, бахусус, иқтисоди бозорӣ (маркетинг) вобастагии ногусастанӣ дорад.

Дар замони соҳибихтиёрии Тоҷикистон рушду густариши илми иқтисод яке самтҳои муҳим ба шумор рафта, дар ин замина омӯзиши истилоҳоти марбут ба маркетинг ва интернет зарур мебошад.

Истилоҳ узви системаи муайяни истилоҳотест, ки ба як соҳаи муайяни илм, иқтисод, технология, истеҳсолот алоқаманд аст. Ҳар як истилоҳ дар байни як қатор истилоҳҳои дигари ҳамон соҳа таърифи дақиқи илмии худро дорад. Истилоҳ натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва фаҳмиши назариявии онҳоро инъикос мекунад. Калимаи ба таври сунъӣ сохташуда низ метавонад истилоҳ шавад. Истилоҳот на танҳо дар забон, балки ҳамчун як ҷузъи истилоҳоти муайян вуҷуд доранд. **Истилоҳ (истилоҳот** - шакли ҷамъ) — аз забони арабӣ буда, маъноияш калимае, ки дар ягон соҳаи илму фан барои ифодаи маънои махсуси ғайриаслӣ қабул шудааст, яъне *термин* мебошад. Тавре ки медонем, забони илм ва истилоҳоти илмӣ сурати воқеии дараҷаи пешрафти илм ва намоёнгари сатҳи тафаккури ҳар қавму миллат дар фосилаи муайяни таърихист. Ба ибораи дигар, истилоҳ ойинаест, ки натиҷаи тафаккури гӯянда ва ё муаллифро, ки як фарди ҷомеа аст, инъикос мекунад. Илова бар ин, маҷмуи истилоҳот барои пайдоиши донишҳои нави умумибашарӣ замина муҳайё мегардонад, забон ва тафаккурро барои пазироии мафҳумҳои нав омода месозад ва дараҷаи рушди забонро ба сатҳи баландтар мебардорад. Аз ин ҷиҳат, тавоноиву нотавонии ҳар забон дар баёни матолиби илмӣ зоҳир мегардад ва ин ҷо аён мешавад, ки оё ин забон қодир аст вобаста ба шароити таърихӣ ҷавобгӯйӣ ниёзмандиҳои аҳли ҷомеа бошад, мафҳумҳои муҷарради илму фанро ифода намояд ва баробари он рушду такмил ёбад. Мегӯянд, ки гузаштаи ҳар қавму миллат чароғи

роҳи ояндаи ӯст. Имрӯз бо шарофати истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон масъалаи забони илм дар кишвари мо аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Зеро истиқлоли миллӣ муҳимтарин омили бунёди давлати миллӣ, расидан ба ормонҳои ҳазорсолаи миллат ва пешрафти илму фан дар заминаи тафаккури миллӣ маҳсуб мешавад. Забони илм бошад, дар заминаи ташаккулу такомули истилоҳот ба миён меояд [13]. Истилоҳ (аз калимаи лотининии **terminus** – *ҳад, ҳудуд, сарҳад*)- ро ифода мекунад. Истилоҳ (от) вожаи арабӣ аст. Решаи он феъли салаҳа/ салуҳа мебошад, ки аз он вожаҳои гуногун ҳамчун: ислоҳ, солеҳ, сулҳ, салоҳ, салоҳият, масолеҳ, мусталаҳ (от), муслеҳ, маслиҳат ва монанди инҳо ба вуҷуд омадаанд. Вожаи «истилоҳ» низ бо вожаҳои зикршуда ҳамреша аст ва аз он байн бо вожаи мусталаҳ ё гунаи ҷамъи он: мусталаҳот ҳаммаъно аст. Истилоҳ дар луғатҳо дар ду маънӣ шарҳ ёфтааст. Масалан, дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” айнан бо чунин маъниҳо оварда шудааст : 1) бо ҳам сулҳ кардан, оштӣ кардан; 2) калима ё иборае, ки хоси мардум (мас. аҳли як касб) аст, ё дар байни онҳо маънои махсусе пайдо кардааст; калимае, ки дар соҳаи илму фан барои ифодаи маънои махсуси ғайриаслӣ қабул шудааст [14]. Маҷмуи вожагон ё калимаҳои хоси ягон соҳаи илму фан, саноату истеҳсолот, касбу ҳунар, ки бо мафҳумҳои мушаххас алоқаманданд, маъмулан, истилоҳот ном бурда мешаванд. Ҳар соҳаи илму фан, саноату истеҳсолот ё касбу ҳунар истилоҳоти хоси худро дорад, ки ин дар ҳампайвандӣ як низоми том ва муназзами истилоҳоти ҳамин соҳаро ташкил медиҳад [2, с.9].

Калима ва ибораҳое, ки маънои аникро ифода менамоянд, дар доираи ихтисосҳои муайяни илмӣ, техникӣ, санъат истифода бурда мешаванд. Истилоҳ ба сифати ифодаҳои хос барои тасвири мавзуи соҳаи муайян, зуҳурот, хосият ва муносибати он хидмат мекунад. Дар доираи чунин низоми фаҳмиш истилоҳ бояд якмаъно, мунтазам, услубан бетараф бошад. Истилоҳ ва калимаҳои умумиистеъмол метавонанд ба ҳамдигар мувофиқ шаванд.

Истилоҳ махсусиятҳои фарққунандаи худро дорад. Аз ҷумла:

1) муназзамӣ;

2) якмаъной;

3) тамоюл ба сермаъной дар доираи майдони истилоҳоти соҳаи худ, яъне истилоҳоти ҳамон илм, ихтисос ва ё мактаби илмӣ;

4) набудани таъҷилият ва тундӣ;

5) бетарафии услубӣ.

Истилоҳ ҳамчун воҳиди забонӣ, ба қонуниятҳои фонетикӣ ва наҳвии забон тобеъ аст. Вай объекти муайян ва мустақили илми забоншиносӣ мебошад [3, с.7].

Мавриди зикр аст, ки истилоҳоти маркетинги интернетӣ на фақат дар байни ихтисосмандони соҳа васеъ истифода бурда мешаванд, балки дар фазои забонҳои робитадошта низ истифода бурда мешаванд. Барои ҳамин, талаботи зиёди омӯзиши истилоҳоти маркетинги интернетӣ мавҷуд мебошад. Луғатҳо аксар вақт мафҳуми дурустро намедиҳанд, чунки муқоисаи истилоҳот дар ду забон фаҳмиши амиқро намедиҳад, ё ин ки муодили муносибро ёфта наметавонад.

Дар баробари ин, истилоҳот хусусияти илмии худро гум карда, доираи истифодаи онҳо васеъ намегардад. Ҳангоме ки истилоҳот маънои аслии худро гум кунанд, ё ин ки муодили худро наёбанд, бештари онҳо дар раванди интиқол ба забони дигар транслитератсия шуда, тарҷумаи худро намеёбанд. Дар ҳолате, ки истилоҳ тарҷумаи шарҳи маънӣ шавад, хусусияти омонимӣ ва истилоҳии худро гум карда, ба истифодаи воҳидҳои луғавии умумӣ мегузарад. Истилоҳот худашон боқӣ мемонанд, «эквивалент», яъне омонимҳои онҳо, ки дигар системаи зарурӣ ва дақиқии илмӣ надоранд, ба истифодаи умумӣ мегузаранд.

Мисол: **business (тиҷорат)**

online marketing (савдои шабакавӣ)

cash-back (пули нақд)

bonus (мукофотпулӣ) ва ғайраҳо.

Объекти таҳқиқот таҳлили маҷмуи истилоҳоти маркетинг ва маркетинги интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мебошад. То имрӯз навовариҳои истилоҳӣ дар соҳаи маркетинг ва интернет-маркетинг бо мақсади ошкор намудани тамоюлҳои асосии рушд ва ғанигардонии луғати соҳаи истилоҳоти таҳқиқшаванда аз нуқтаи назари ду забон тавсифи низомӣ нагирифтаанд. Таҳлили забоншиносии муфассали истилоҳоти нави маркетингӣ дар давоми се даҳсолаи охир дар доираи ҳар як усули калимасозӣ, шаклҳои нави маҷозӣ аз рӯйи намудҳо ва зернамудҳои моделҳои интиқоли маъноӣ омӯхта мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар бунёди захираҳои истилоҳӣ вобаста ба рушди шаклҳои савдо, истилоҳот ва муайян намудани самтҳои минбаъдаи омӯзиши истилоҳоти маркетинги интернетӣ саҳми арзанда мегузорад. Маводи забонӣ ва хулосаҳои таҳлилии он барои хубтар дарк кардани мушкилоти вожаҳо, вожаҳои байналмилалӣ, муайян кардани шароит ва сабабҳои навоварӣ, муайян кардани самтҳои минбаъдаи рушди забон аз лиҳози луғавӣ, маъноӣ, сохторӣ ва грамматикӣ мусоидат мекунад.

Маркетинг аз калимаи англисии "**market**" – ***бозор*** пайдо шудааст. Назар ба бозор мафҳуми «маркетинг» мазмуни васеъ ва чуқуртар дорад. Маркетингро ***бозоршиносӣ*** гуфтан ҳам на чандон дуруст аст. Маркетингро ҳамчун ***системаи мукаммали ташкил ва идоракунии фаъолияти боҳаракати ширкатӣ*** тасвир намудан лозим аст. Бо ибораи дигар, ***фаъолияти маркетингии ширкат*** аз вақти пайдо шудани идея дар бораи ягон моли нав сар шуда, то вақти истеҳсолу гузориши мол давом дорад ва дар шакли тарғибот инъикос мегардад [13, с.21].

Таърифи ҳозиразамони маркетингро олими Амрико, яке аз аъзоёни ассотсиатсияи маркетинги ИМА, профессори донишгоҳи Шимолу Ғарб Филипп Котлер чунин шарҳ додааст: "Маркетинг – ***яке аз шаклҳои фаъолияти инсон буда, бо воситаи мубодила ба қонеъ намудани эҳтиёҷоту талаботи одамон равона карда мешавад"*** [4, с.10].

Чунин таърифи мухтасар шарҳро талаб мекунад. Ин як раванди иҷтимоӣ аст, зеро як гурӯҳи одамоне, ки ниёзманданд ва мехоҳанд ба ҷомеа маҳсулот пешниҳод ва мубодила кунанд, дахолат мекунанд, зеро барои ба даст овардани муваффақияти ширкат банақшагирӣ, ташкил ва татбиқи пешниҳодҳо ва ғояҳои гуногун зарур аст. Тибқи гуфтаи Филип Котлер, маркетинг ***ин як раванди иҷтимоӣ ва маъмурист*** [7, с. 5].

Маркетинг омӯзиш ва таҳлили ҳам бозор ва ҳам истеъмолкунандагонро дар бар мегирад. Инчунин, метавонад, ки ҳамчун расмиёти тавсиявии тиҷорӣ барои пешниҳоди маҳсулот ё хидмат, ҷалби таваҷҷуҳи истеъмолкунанда ва содиқии онҳо бо бренд ё ширкат арзёбӣ гардад.

Маркетинги интернетӣ як ҷузъи тиҷорати электронӣ мебошад. Онро маркетинги онлайн низ меноманд. Он метавонад қисмҳоро, ба монанди SMM, SEO, PPC, идоракунии иттилоот, таҳлили онлайн, рушди фармоишӣ (ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳои муштариён барои беҳтар кардани маҳсулот ва хидматҳо) дар бар гирад [3, с.1].

Маркетинги интернетӣ аз калимаи англисӣ, (internet marketing) - таҷрибаи истифодаи тамоми ҷанбаҳои маркетинги анъанавӣ дар Интернет, бо мақсади фурӯши маҳсулот, ё хидмат ба муштариён ва идоракунии муносибатҳо бо онҳо мебошад.

Маркетинги онлайн чунин самтҳоро, ба монанди таблиғи васоити ахбори иҷтимоӣ *(SMM), оптимизатсияи сайт барои системаҳои ҷустуҷӯӣ (SEO), маркетинги почтаи электронӣ, маркетинги системаи ҷустуҷӯӣ, маркетинги вируд, маркетинги шарикӣ ва дигар намудҳоро* дар бар мегирад *[3, с. 2]*.

То соли 1990 истифодаи Интернет барои тиҷорат аз ҷониби низомномаи бунёди миллии илмии ИМА манъ карда шуда буд, аммо баъдтар ширкатҳои бузург ба он дастрасӣ пайдо карданд. Пас аз интиқоли назорати интернет дар соли 1992, доираи истеъмолкунандагон ва провайдерҳои хидматрасони интернет ба таври назаррас васеъ шуд, шабакаи интернетӣ миллионҳо одамон ва компютерҳоро дар саросари ҷаҳон пайваст кард [7, с.3].

Худи ҳамон сол аввалин мағозаи онлайнии Чарлз Стек кушода шуд, ки китобҳоро савдо мекард. Дар моҳи октябри соли 1994, First Virtual ба пешниҳоди хидматҳои пардохти молҳои худ дар интернет шуруъ кард ва аввалин системаи пардохти электронӣ гардид. Пас аз якчанд сол, аниқтараш дар соли 1996, Master Card ва Visa-ро эълон карданд, ки стандарти ягонаи муҳофизати ҳисоббаробаркуниро дар интернет бо истифода аз кортҳои пластикӣ, ки ҳамчун SET номгузорӣ шудааст, идора мекард [4].

Ҳоло тиҷорати фазои иттилоотӣ, маҳсулоти нармафзор, моделҳои тиҷорӣ ва бисёр молҳо ва хидматҳои дигар идома доранд. Маҳсулот (product) он чизест, ки шумо бо истифода аз Интернет мефурӯшед. Он на танҳо бо маҳсулоти сомонаҳои дигар, балки бо мағозаҳои анъанавӣ низ рақобат мекунад.

Барои сарфаҳм рафтан ба маркетинги ҳозиразамон бояд мафҳумҳои зеринро аниқ намуда, дар фаъолияти маркетингии худ истифода кард.

Needs ~ эҳтиёҷот ҳиссиёти шахс дар бораи нарасидан ва ё ноёфт будани ягон чизи лозимӣ мебошад. Эҳтиёҷот гуногун ва мураккаб мебошад. Масалан, эхтиёҷоти инсон ба хӯроку либос, манзилу таҷҳизоти он, озодию истироҳат ва ғайра.

Demand ~ талабот эҳтиёҷотест, ки шакли мушаххасро мувофиқи ҳолати имрӯза ва дараҷаи инкишофи иқтисодиёту маънавиёт гирифтааст. Талабот ҳадду канор надорад ва рӯз то рӯз тамоили афзуданро дорад.

Inquiry ~ тақозо — ин талаботест, ки бо пул ифода ёфтааст ва бо қобилияти харидорӣ зич алоқаманд аст. Аз сабаби маҳдуд будани захираҳо масъалаи интихоби талаботе, ки қонеъ гардонидани онҳо аввалиндараҷа аст, ба миён меояд.

Goods ~ мол – ҳамаи он чизҳое, ки ягон эхтиёҷоту талаботро қонеъ мегардонад ва бо мақсади ҷалб намудани диққати одамон барои харидан, истифода ва истеъмол намудани онҳо пешниҳод мешаванд. Мол аз рӯйи миқдору сифат ба тақозои харидорон мувофиқ бошад, он гоҳ мол харида шуда, барои истеъмол истифода бурда мешавад.

Exchange ~ мубодила ивази қимматдорро нишон медиҳад, яъне пешкаш намудани ягон мол ва ба ҷои вай ба даст овардани молҳои зарурист. Мубодила хамчун марҳилаи такрор истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ дар иктисодиёти бозорӣ аҳаммияти калон дорад. Танҳо дар ҳамин ҷо, яъне бозор маълум мегардад, ки то кадом дараҷа эхтиёҷоту талабот аз тарафи истеҳсолкунанда ба эътибор гирифта шудааст.

Agreement ~ созиш — ивази тиҷоратии арзишҳо (қиматро) дар байни тарафҳои мухталиф, одатан фурӯшандаю харидор аст.

Market ~ бозор маҷмуи муносибатҳои истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда оид ба хариду фурӯши мол мебошад. Барои ширкат бошад, бозор бо шумораи харидорони имрӯза ва оянда, ки барои харидани моли ширкат тайёранд, ифода меёбад.

Product ~ маҳсулот он чизест, ки шумо бо истифода аз Интернет мефурӯшед. Он на танҳо бо маҳсулоти сайтҳои дигар, балки бо мағозаҳои анъанавӣ низ рақобат мекунад.

Price ~ нархнома аксар вақт нархи онлайн нисбат ба мағозаи одӣ арзонтар аст, аз ҳисоби он ки сарфаи хароҷот камтар аст. Аммо зарурати интиқол ба миён меояд, ки на танҳо бо хароҷот, балки бо нақлиёт низ алоқаманд аст.

Promotion ~ таблиғ - маҷмуи чораҳо оид ба пешбурди бренд ё маҳсулот дар шабака, таблиғи ҷустуҷӯ, таблиғи контекстӣ, таблиғи баннерӣ, маркетинги почтаи электронӣ, маркетинги шарикӣ, маркетинги вирусӣ, маркетинги пинҳонӣ, таблиғоти интерактивӣ, кор бо блогҳо ва ғ.

Place ~ ҷои тақсимот — нуқтаи фурӯш, барои маркетинги онлайнӣ, нуқтаи ҳамкорӣ ҳангоми қарор дар бораи харид (масалан, сайт, фуруд, таблиғ, гурӯҳ дар шабакаи иҷтимоӣ, ва ғайра).

Cashback ~ пули нақд – бозгашти нақдӣ. Танҳо дар робита бо кортҳои бонкӣ. Аммо, бо истифода аз шумораи зиёди асбобҳои дигар як қисми пулро барои харид баргардонидан

мумкин аст. Истифодаи **cashback** ба шумо имкон медиҳад, ки як қисми пули барои пардохти молҳо ва хизматрасониҳо сарфшударо баргардонед.

SMM- (social media marketing) ~ Маркетинги иҷтимоӣ ва мукаммал. На танҳо таблиғот тавассути платформаҳои гуногуни иҷтимоӣ, балки идоракунии иҷтимоӣ як қисми стратегияи маркетинг ва коммуникатсия мебошад.

SEO- (search engine optimization) ~ Оптимизатсияи системаи ҷустуҷӯӣ - маҷмуи чорабиниҳо оид ба оптимизатсияи дохилӣ ва хориҷӣ барои баланд бардоштани мавқеи сайт дар натиҷаҳои системаи ҷустуҷӯӣ оид ба дархостҳои муайяни корбарон, бо мақсади зиёд кардани трафики шабака.

PPC – (Pay per click) –бо як пахш пардохт намудан, як модели таблиғотии онлайн аст, ки дар он таблиғгар дар сайтҳо таблиғ мекунад ва ба соҳибони онҳо барои пахш кардани корбар пардохт мекунад.

Amazon як ширкати амрикоӣ аст, ки дар бозорҳои платформаҳои тиҷорати электронӣ ва компютерии ҷамъиятӣ аз рӯйи даромад ва капитализатсияи бозор бузургтарин дар ҷаҳон мебошад.

Master card *Incorporated* ~ низоми байналмилалии пардохт, корпоратсияи молиявии фаромиллӣ, ки 22 ҳазор муассисаи молиявиро дар 210 кишвари ҷаҳон муттаҳид менамояд.

Маркетинги онлайнӣ ба мо имкон медиҳад, ки самаранокии таблиғот шумораи меҳмонон, манфиатҳои онҳо ва инчунин ангезаҳоеро, ки онҳоро ба сайт овардаанд, дақиқтар арзебӣ кунем. Ғайр аз он, таблиғ дар интернет нисбат ба таблиғоти анъанавӣ хароҷоти камтарро талаб мекунад. Бо шарофати ин бартариҳои маркетинги интернетӣ, аҳаммияти он барои корхонаҳо сол аз сол меафзояд. Ҳамаи ширкатҳое, ки дар бозори имрӯза фаъолият мекунанд, метавонанд аз рӯйи дараҷаи истифодаи маркетинги интернетӣ дар фаъолияти худ ба се гурӯҳ тақсим шавад: *анъанавӣ, омехта* ва *пурра электронӣ*. Ба гурӯҳи охирин ширкатҳое дохил мешаванд, ки танҳо дар Интернет мавҷуданд — онҳо одатан мағозаҳои онлайнӣ мебошанд. Фаъолияти аксари ширкатҳо дар барномаи офлайнӣ (*аз шабака берун*) ва онлайн (*дар шабака*) муттаҳид карда шудааст, аз ин рӯ гурӯҳи дуюми "омехта" аз ҳама фаровонтар аст.

Маркетинги оммавӣ барои истеҳсол намудани ҳамаи намудҳои молҳо, паҳн кардани як намуди мол ва барои харидани онҳо ҷалб намудани шумораи зиёди харидорону истеъмолкунандагон пешбарӣ карда мешавад.

Маркетинги мақсаднок яке аз шаклҳои замонавӣ, мураккаб ва бисёрҷанбаи он мебошад. Он ба сифати маҳдуд кардани бозор аз рӯйи намуд, гурӯҳ, вобаста ба иштироки харидорон дар он, тақсими онҳо тибқи ноҳия, тарзу услуби коркарди намудҳои молу маҳсулот, ҳаракати онҳо дар бозор ва ғайра баромад мекунад.

Қисматкунӣ (сегментатсия) – ҳамчун ҷудо кардани бозор ба қисматҳои алоҳида, вобаста ба иштироки истеъмолгарон (харидорон) ва сатҳи тақозою қобилияти харидории онҳо истифода карда мешавад.

Ҳамин тавр, истилоҳоти маркетинг ҳамчун инъикоси рушди муосири илму техника ва роҳҳои нави пешбурди мол дар бозорро ба қадри имкон муайян месозад.

Дар охири асри XX интернет, моҳворагӣ телевизионҳои интерактивӣ, мултимедиявӣ, планшетҳо, системаҳои ҷустуҷӯӣ, дастгоҳҳои мобилии дорои вазифаҳои зиёд пайдо шуданд. Технологияҳои рақамӣ ва Интернет имкон медиҳад, ки маълумот аз ҳарвақта зудтар ва васеътар паҳн шавад.

Фазое, ки маркетинг дар ҳама ҷо паҳн шудааст, ВАО (воситаи ахбори омма) ва Интернет мебошад. Ҳамкории байни корхонаҳо хеле осон гардид, алоқаи байни одамоне, ки аз ҳамдигар дар масофаи дур зиндагӣ мекунанд, осонтар гардид. Мақолаи мазкур фарогири таҳлили забоншиносии ҳамаҷонибаи истилоҳоти маркетинг ва маркетинги интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар солҳои 1991-2023, муайян кардани маҳсулнокӣ ва шаклҳои фаъолияти онҳо дар забон мебошад.

Ассотсиатсияи маркетинги амрикоӣ муайян мекунад, ки маркетинг: «Marketing is the activity, set of institutions, and processes for creating, communicating, delivering, and exchanging offerings that have value for customers, clients, partners, and society at large». Тарҷума: «Маркетинг фаъолияте мебошад, ки маҷмуи институтҳо ва равандҳои эҷод, иртибот, интиқол ва мубодилаву пешниҳодҳоеро дар бар мегирад, ки барои харидорон, истифодабарандагон, ва умуман ба ҷомеа арзишманданд» [6, с.8].

Дар замони ҳозира донистани забони англисӣ шарт ва ҳатмӣ гардида, муваффақияти фаъолияти касбии мутахассисони ҳама гуна соҳаҳоро дар бар мегирад.

Аз ин лиҳоз, мақолаи мазкур ба яке аз мавзуҳои мубрами забоншиносӣ бахшида шудааст ва мушкилоти тарҷума ва таҳлил намудани истилоҳоти маркетинги интернетиро баррасӣ менамояд.

Муқарриз: Каримов А.Ф., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

1. Акулич, М.В. Интернет-маркетинг. – М.: Дашков и К, 2016. - 352 с
2. Белобородова, А.Л., Новикова Е.Н., Палякин Р.Б. Интернет-маркетинг:учебное пособие / А.Л. Белобородова, Е.Н. Новикова, Р.Б. Палякин.– Казань: Абзац, 2020.– 130 с
3. Вахобов, Т. Манбаҳои сотсиолингвистии рушди забони тоҷикии адабӣ (солҳои 20-30 асри ХХ). Китоби 1. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2005.- 152 с .
4. Кожушко, О. А., И. Чуркин, А. Агеев и др. Интернет-маркетинг и digital-стратегии. Принципы эффективного использования. — Новосибирск: РИЦ НГУ, 2015. - С. 44.
5. Ҳасани С. Мавқеи истилоҳот дар забоншиносӣ // Маҷаллаи академии илмию оммавӣ "Илм ва Ҷомеа". – Душанбе, 2018. - №4 (12)
6. Основы маркетинга .Краткий курс ФИЛИП КОТЛЕР. - Санкт-Петербург, Киев, 2007
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. - М: Сов. Энсиклопедия,1 969. – 500 с.
8. Словарь AMA (American Marketing Association).
9. Маркетинг от А до Я: 80 концепций, которые должен знать каждый менеджер. Филипп Котлер, 2015.
10. Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот. - Душанбе, 2007.
11. Интернет-маркетинг [эл. рес.]. URL: https://kakzarabativat.ru/marketing/internet-marketing/
12. Интернет-маркетинг для новичков: с чего начать, чтобы не разориться [эл. рес.]. URL:https://skillbox.ru/media/marketing/internet_marketing_dlya_novichkov/
13. Султонов, М.Б.Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ (дар заминаи осори илмии асрҳои IX-XI). – Душанбе: Дониш, 2008
14. Истилох ва истилохшиноси дар забон [ман. эл.]. URL: https://allinweb.ru/zaboni-tojiki/23989/
15. Journal of Consumer Marketing. – 1997- 02. – Vol.14, iss. 1. – P. 5 -19.

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ ВА МАЪНОИИ ИСТИЛОҲОТИ МАРКЕТИНГӢ-ИНТЕРНЕТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур натиҷаҳои таҳқиқот дар бунёди захираҳои истилоҳи вобаста ба рушди шаклҳои савдо, муайян намудани самтҳои минбаъдаи омӯзиши истилоҳоти маркетинги интернетиро дар бар гирифтааст. Мавод ва хулосаҳои таҳлилии он барои хубтар дарк кардани мушкилоти вожаҳо, вожаҳои байналмилалӣ, муайян кардани шароит ва сабабҳои навоварӣ, муайян кардани самтҳои минбаъдаи рушди забон аз лиҳози лексикӣ, семантикӣ, сохторӣ ва грамматикӣ мусоидат мекунад. Як хусусияти садаи XXI - ҳамчун идомаи инқилоби илмиву техникӣ ва оғози инқилоби технологиву иттилоотӣ ин аст, ки он ба ҳар як забони миллӣ ба таври истилоҳоти нав, балки баъзан якбора як системаи истилоҳоти комили ин ё он соҳаи нав ворид мегардад.

Ин боиси истифодаи истилоҳоти мавҷуда ва истеъмоли истилоҳоти нави воридшаванда гардида истодааст. Масалан, пайдоиши техникаи компютерӣ ва маркетинги интернетӣ ба

забонҳои миллӣ истилоҳоти наверо ворид гардонида истодааст, ки баъзеи онҳо шаклан ба истилоҳоти илмҳои дақиқ ва техникӣ монанд буда, вале аз ҷиҳати мафҳум фарқ мекунанд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаи он дар амалияи таълими забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, тайёр кардани тарҷумонҳо, иқтисодчиён, маркетологҳои оянда кӯмак мерасонад. Муаллиф дар мақолаи худ аз адабиёти зарурӣ ва шабакаҳои интернетӣ мушикофона истифода намуда, доир ба истилоҳоти маркетинги интернетӣ як маводи мукаммал ва лозимиеро фароҳам овардааст.

Маводи мазкур метавонад ҳангоми сохтани воситаҳои таълимӣ ва луғатҳо барои курсҳои лексикология хизмат кунанд. Аз тадқиқоти гузаронидаи муаллиф бармеояд, ки мавзуи истилоҳи маркетинги интернетӣ то ба ҳол масъалаҳои ҳалношуда дошта, ба таҳқиқоти нав эҳтиёҷ дорад.

Калидвожаҳо: *истилоҳот, интернет, маркетинг, забоншиносӣ, иқтисод, таҳқиқот, луғат, қонеъ гардонидани талабот, интернет-маркетинг, тарҷума.*

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТЕРМИНОВ ИНТЕРНЕТ-МАРКЕТИНГА В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данную статью включены результаты исследований по созданию терминологических ресурсов, связанных с развитием форм торговли, определением дальнейших направлений изучения терминов интернет-маркетинга. Материал и его аналитические выводы помогают лучше понять проблемы слова, интернационального слова, определить условия и причины новаторства, определить дальнейшие направления развития языка в лексическом, семантическом, структурном и грамматическом аспектах. Одной из особенностей XXI века - как продолжения научно-технической революции и начала технологической и информационной революции - является то, что оно входит в каждый национальный язык не только в виде новых терминов, но иногда сразу в виде полной терминологической системы той или иной новой сферы.

Это приводит к использованию существующих и новых терминов. Например, появление компьютерных технологий и интернет-маркетинга ввело в национальные языки новые термины, которые по форме схожи с терминами точных и технических наук, но отличаются по смыслу. Практическая значимость исследования заключается в том, что информация, полученная в практике преподавания таджикского и английского языков, поможет в подготовке будущих переводчиков, экономистов, маркетологов. В своей статье автор использовал необходимую литературу и интернет-сети, собрал полный и необходимый материал по терминам интернет-маркетинга.

Данный материал может быть использован для создания учебных пособий и словарей для курсов лексикологии. Из исследования, проведенного автором, следует, что тема термина интернет-маркетинг еще имеет нерешенные вопросы и требует новых исследований.

Ключевые слова: *терминология, интернет, маркетинг, языкознание, экономика, исследование, лексика, удовлетворение потребностей, интеренет-маркетинг, перевод.*

STRUCTURAL AND SEMANTIC FEATURES OF INTERNET MARKETING TERMS IN ENGLISH AND TAJIK

This article includes the results of research on the creation of terminological resources related to the development of trade forms, terms and the definition of further directions for studying the terms of Internet marketing. Linguistic material and its analytical conclusions help to better understand the problems of words, international words, determine the conditions and causes of innovation, determine further directions for the development of the language from the lexical-semantic, structural-grammatical points of view. One of the characteristics of the 21st century - as a continuation of the scientific and technological revolution and the beginning of the technological and information revolution - is that each national country includes new terms, and sometimes a

complete system of terms of a particular new field. language. This results in the use of existing terms and the use of new imported terms. For example, the advent of computer technology and Internet marketing has introduced new terms into national languages, some of which are similar in form to the terms of the exact and technical sciences, but differ in meaning. The practical significance of the work lies in the fact that the information obtained in the practice of teaching Tajik and English will help in the preparation of future translators, economists, marketers. In his article, the author used the necessary literature and Internet networks, received complete and necessary material on the terms of Internet marketing.

These materials can be used for lexicology courses, when creating teaching aids and dictionaries. From the study conducted by the author, it follows that the topic of Internet marketing still has its unresolved paths and we need to conduct new research on this issue.

Keywords: *terminology, Internet, marketing, linguistics, economics, research, vocabulary, satisfaction of needs, in modern times, translation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Якубова Мафтуна Турсунбоевна *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ассистенти кафедраи филологияи англис. Сурога: 734019, ш Душанбе, кучаи Муҳаммадиев 17/6. E-mail: maftunaibragimova1@gmail.com*

Сведения об авторе: Якубова Мафтуна Турсунбоевна *- Таджикский международный университет иностранных языков им. Сотим Улугзода, ассистент кафедры английской филологии. Адрес: 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. E-mail: maftunaibragimova1@gmail.com*

Information about the author: Yakubova Maftuna Tursunboevna *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Assistant of the Department of English Philology. Address: 734019, Dushanbe, Muhammadiev street 17/6. E-mail: maftunaibragimova1@gmail.com*

ТДУ 891.550

ТАКОМУЛИ НАЗАРИЯИ МАТНШИНОСИИ БЕРТЕЛС Е. Э.: АЗ М. УСМОНОВ ТО А. НАСРИДДИН

Суфизода Ш.З.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Евгений Эдуардович Бертелс (1890-1957) аз бузуртарин мусташриқони русии қарни бистум аст. Густараи пажӯҳишҳои ӯ хеле фарох буд: аз масъалаҳои мутанаввеи таърихи адабиёт, адабиёти ирфонӣ то тасҳеҳи мутуни илмӣ-интиқодӣ корҳои зиёду арзишмандеро аз худ ба мерос гузоштааст.

Матни дақиқи илмӣ-интиқодии «Шоҳнома»-и ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, ки дар миёни солҳои 1960-1971 дар нуҳ ҷилд мунташир шуд, ному пайкори Е.Э. Бертелсро ба ҷавидонагӣ пайванд бахшид. Ин шоҳасари беназир таҳти сарпарастии вай тасҳеҳ шуда, дар миёни эроншиносони ҷаҳон ба унвони «чопи Маскав» ҳанӯз ҳам яке аз чопҳои муътабари «Шоҳнома» ба шумор меояд. Равиши илмие, ки Бертелс ва шогирдони ӯ дар тасҳеҳи ҳамосаи миллии эрониён пеш гирифтанд, улгӯи кори матншиносони минбаъда гардид.

Интишори матни «Миръоти ушшоқ», яке аз нахустин фарҳангҳои истилоҳоти шеъри ирфонӣ, матни илмӣ-интиқодии маснавии «Искандарнома», «Лайлию Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва чанде дигар, ки бо талошу кӯшиши Евгений Эдуардович Бертелс интишор ёфтаанд, аз вусъати дониши ӯ дар шинохти осори адабии порсии тоҷикӣ далолат мекунад. Назарияҳои матншиносии ин пажӯҳандаи барҷаста дар шарқшиносии ҷаҳон ҳамчун падидаи комилан ҷадиде пазируфта шуд.

Мақолаи «Ёддоштҳое дар бораи истилоҳоти шеърии орифони эронӣ»-и [1] Е.Э.Бертелс роҳнамои хубе барои муҳаққиқони истилоҳоти осори манзуми ирфонӣ гардид. Вай таҷрубаҳои андӯхтаи хешро дар соҳаи матншиносии осори адабии порсии тоҷикӣ дар якчанд мақолаи бунёдӣ ва гузоришҳо дар бораи равиши тасҳеҳи гурӯҳи кории бо сарварии ӯ таҳти унвони «Дар бораи асосҳои филологии таҳқиқи мероси хаттӣ» [4], «Масъалаҳои равиши тасҳеҳи нашри интиқодии осори классики адабиёти мардумони Ховари Миёна ва Наздик» [3], «“Шоҳнома” ва нақди матн» [2], «Нақди ҷадиди “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ» [5] ва ғайра баён шудаанд, ки аз онҳо саҳми барҷастаи эшон дар назарияи матншиносӣ аён мегардад. Роҷеъ ба фаъолияти матншиносии Е.Э. Бертелс Абдулманнони Насридин мақолае бо номи «Бунёдгузори матншиносии равишманд» [6, 156-163] навиштаанд, ки нахуст дар «Номаи Донишгоҳ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров соли 2007 ва баъдан дар таркиби китоби «Матшиносии осори адабӣ» зери унвони «Евгений Эдуардович Бертелс» [7, 320-328] соли 2009 интишор ёфтааст. Дар мақолаи мазкур фаъолияти густардаи ин эроншиноси хушном бо тамаркуз ба вежагиҳои равиши таҳқиқи эшон дар тасҳеҳи мутуни адабии порсии тоҷикӣ баррасӣ ва арзёбӣ шудааст.

Евгений Эдуардович Бертелс бисёре аз муҳаққиқони номдори адабиёти порсии тоҷикиро тарбият кардааст. Муҳаммаднурӣ Усмонов яке аз он шогирдонест, ки ба дараҷаи устоди мумтози адабиёти порсии тоҷикӣ дар ҷомеаи илмии эроншиносии ҷаҳон шуҳрат дорад, ки камолоти маънавии хешро дар мактаби Е.Э. Бертелс дарёфтааст.

Усмонов дар ҳамкорӣ бо Рустам Алиев рубоиёти Хайёмро ба забони русӣ ва форсӣ зери назари Е Э. Бертелс дар ду ҷилд соли 1959 ба чоп расонид. Ҷилди аввали он нусхаи факсимилеи китобхонаи Донишгоҳи Кембриҷ мебошад, ки соли 1207-ум, яъне 85 сол пас аз даргузашти Хайём тадвин шудааст. Дар ҷилди дувум матни чопии форсӣ бо тарҷумаи илмии таҳтуллафзии рубоиёт ба забони русӣ бо тавзеҳоту кумакфеҳристҳо ҷой дода шудааст, ки

арзиши илмии онро ба маротиб афзудааст. Имтиёзи ин матн дар он аст, ки бар асоси қадимтарин нусха (дар он замон) 293 рубоии Хайём таҳияву тарҷума шудааст.

Муҳаммаднурӣ Усмонов дар заминаи тасҳеҳи матни илмӣ-интиқодӣ таҳти таъсири афкори академик Дмитрий Сергеевич Лихачёв назарияи матншиносии шарқиро тавсеа дода, як қатор мақолаҳои илмӣ дар ин замина ба табъ расонид. Тавоноии Муҳаммаднурӣ Усмонов ба унвони матншинос ҳамоно дар таҳияи матни илмӣ-интиқодии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба субут расид. Усмонов ба унвони яке аз муҳаққиқони асосӣ дар таҳияи матни илмӣ-интиқодии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ (9 ҷилд), ки солҳои 1960-1971 дар силсилаи «Мероси адабии мардумони Шарқ» ба чоп расид, мушорикати фаъол дошт.

Дар соли 1950-ум гурӯҳе аз муҳаққиқони Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ бо амри директори он Бобоҷон Ғафуров таҳти сарпарастии Е. Э. Бертелс ва пас аз даргузашти эшон дар соли 1957 бо роҳбарии Абдулҳусайни Нӯшин ба тасҳеҳи матни илмию интиқодии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ оғоз карданд. Нашри мазкур дар асоси муқоисаи дастнависи Лондон (асри XIII), ки ба Музейи Британия тааллуқ дорад, тарҷумаи арабии «Шоҳнома», ки аз ҷониби Қивомуддин Фатҳ ибни Алии Бундории Исфаҳонӣ дар соли 1223-1224-и мелодӣ дар Димишқ сурат гирифтааст ва ҳамчунин ду нусхаи қарни XV, маҳфуз дар Институти мероси хаттии Россия таҳия гардида, ба ин васила то андозае асолати матни ин ҳамосаи камназирро барқарор кардааст, сурат гирифтааст. Дар чопи мазкур маҷмуан се ҷилд (аз нуҳ ҷилд) ва дар чопи дувуми тасҳеҳшуда (бо илова шудани панҷ дастнависи ҷадид) матни чаҳор ҷилдро омода ва матни панҷ ҷилдро таҳрир кардааст. Дар ҳамин сол Усмонов ва Р. Алиев бо ҳамкори муҳаққиқи эронӣ Аҳмади Таботабоӣ ба тасҳеҳи муҷаддади ҷилдҳои аввал ва дувуми он пардохтанд, ки дар солҳои 1972-1974 дар Эрон мунташир ва ба «вероиши дувуми чопи Москав» маъруф гардид. Дар ин таҳрир ду нусхаи хаттии дигар бар дастнависҳои мавриди истифодаи пешин афзуда шудааст.

Дар солҳои 1991-1992 чопи сеюми «Шоҳнома» бо кӯшиши Усмонов дар таҳрири нав мунташир шуд. Соли 2013-ум Муҳаммаднурӣ Усмонов бо машварати матншиносони Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Россия ба шоҳномапажӯҳони эронӣ пешниҳод кард, ки бар асоси «Шоҳнома»-и Маскав ва бо фаро гирифтани чанд дастнависи нодире, ки дар китобхонаҳои Эрон ва ҷаҳон маҳфуз монда, қаблан дар таҳияи матни интиқодии «Шоҳнома» истифода нагардидаанд, тасҳеҳи нави ин ҳамосаи беназирро анҷом диҳанд. Дар натиҷа, таҳрири сеюми матни комили илмӣ-интиқодии «Шоҳнома»-и Маскав зери назари Маҳдии Қариб, яке аз шоҳномашиносони соҳибназари эронӣ дар Теҳрон бознашр шуд. Ин матн, ки ҳосили талошу кӯшишҳои пайвастаи Усмонов аст, севумин ва муътабартарин нашри комили «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба шумор меравад. Матни мазкур то имрӯз дар эроншиносии ҷаҳон яке аз матнҳои муътабари илмию интиқодии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба шумор меравад.

Усмонов чандин мақолаҳои назарӣ ба шакли равишманду дақиқ роҷеъ ба назарияи матншиносии форсии тоҷикӣ таълиф кард. Бино бар эътирофи муҳаққиқон мақолаҳои «Тафовуту иштибоҳот дар нусхаҳои «Шоҳнома» ва барқарор кардани онҳо дар матни интиқодӣ» [10], «Матншиносии Ховари Миёна дар Иттиҳоди Шуравӣ ва усули он» (Маҷаллаи «Паёми таърихи фарҳанги ҷаҳон» [8], «Аз таҷоруби пажӯҳишҳои матншиносии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» [9] таҳқиқоти бунёдии ӯ дастури арзишманде дар илми матншиносӣ буда, дорои тавсияҳои арзишманди назарию амалӣ мебошанд.

Устод Муҳаммаднурӣ Усмонов бар асоси бинишҳои назариявии Евгений Эдуардович Бертелс роҷеъ ба равиши таҳияи матни муқоисавӣ-интиқодӣ андешаҳои ҷолиберо баён кардааст, ки барои матншиносии муосири тоҷик бефоида нахоҳад буд. Евгений Эдуардович ба ин ақида буд, ки дар сурати адами автограф ё нусхае, ки дар замони зиндагии муаллиф китобат шудааст, роҷеъ ба матни аслӣ (codex optimus) сухан ба миён овардан аз рӯйи мантиқ

нест. Дар ин сурат матншинос бояд масъалаи тасҳеҳу таҳияи матни илтиқотӣ (сводно-критический)-ро дар асоси нусхаҳои ба замони зиндагии муаллиф наздик ба миён гузорад.

Табиист, ки нусхаи хаттӣ ҳарчи қадимтар бошад, эҳтимолан, ба нусхаи асли муаллиф наздиктар ва аз тасарруфоти баъдии котибон эминтар мебошад. Аммо, таҷрибаҳои матншиносон исбот намуд, ки ин қоида қатъӣ нест. Дар мавридҳое чунин буда, ки «ақдами нусах асаҳҳи нусах» бошад.

«Чи басо як асари таълифшуда дар қарни панҷум нусхае дар қарни шашум ба дасти котибе камсаводу лоуболе аз рӯйи нусхае, ки бо чаҳор восита ба асл мерасад, истинсох шуда бошад, ки онро оканда аз ғалату сақат ва бадхонию тасҳиф биёбем. Дар муқобил нусхае аз ҳамон китоб дар қарни чордаҳум ба дасти котибе амину дақиқ аз рӯйи нусхаи саҳеҳу мазбуте, ки мустақиман аз рӯйи нусхаи асл навишта шудаву як бор ҳам ба диққат бо асосаш муқобала шуда бошад» [11, саҳ. 18-19].

Ба ақидаи устод Муҳаммаднурӣ Усмонов таҳияи чунин матн марҳилаи бисёр муҳим дар роҳи наздик шудан ба таҳияи матни аслӣ хоҳад буд, зеро дар аксари мавридҳо нусхаи мансуб ба қалами муаллифи асар муаллиф ё нусхаи дар замони зиндагии ӯ тадвиншуда, ҳанӯз аз амъоқи фаромӯшхонаҳои таърих берун наомадааст ё аз байн рафтааст. Дар ин сурат таҳияи матни илтиқотӣ вазифаи фоиқ ва бартарини матншинос ба шумор меравад. Роҷеъ ба аҳаммияти матни илтиқотӣ дар ҷараёни бозсозии матни аслии илмӣ-интиқодӣ устоди зиндаёд Абдуманнон Насриддинов низ дар китоби «Матншиносии осори адабӣ»-и худ муфассал ибрози назар кардаанд [7, саҳ. 47-54].

Муҳаммаднурӣ Усмонов андешаҳои Е. Э. Бертелсро густариши бештаре дода, таъкид меварзад, ки ҳангоми тасҳеҳи матни асосии илмӣ-интиқодӣ ҷанбаи эҷодии омодасозии матн, яъне, дониш ва зарфиятҳои маърифатии мусаҳҳеҳ ниҳоят муҳим аст. Ӯ бояд амонатдор дар тасҳеҳи матн бошад, бо замони зиндагии муаллиф, вежагиҳои мантиқи забонӣ-баёнӣ, мавзуӣ, фикрӣ ва ҳунарии муаллифи асар ва матни мавриди тасҳеҳ ошно бошад ва дар кори худ аз ин ошноӣ босамар истифода кунад.

Муҳаммаднурӣ Усмонов чунин равишро субъективӣ-эҷодӣ номидааст, ки вобаста ба тарзи тафаккуру густараи маърифату ҷаҳонбинии зебошиносонаи шахсии мусаҳҳеҳ аст. Ҷӯёи Ҷаҳонбахш, матншиноси муосири эронӣ ба дурустӣ изҳор мекунад, ки мусаҳҳеҳ на муқарриз аст, на котиб, на муаллиф, балки амонатдори ростинест, ки талош меварзад ибҳомоту норавшаниҳоеро, ки котибони рӯзгорони гузаштаро аз варақ-варақи дастнависҳо бизудояд ва бар асоси донишу маърифати хеш аз муаллифи асар ва даврони зиндагии ӯ бо бакоргирии равишҳои илмии матншиносӣ амонатдорона матне наздик ба ончи муаллиф нигоштааст, тасҳеҳ фармояд [11, саҳ, 13].

Воқеан, тасҳеҳ ва тадвини матн қабл аз ҳама таҳқиқи адабӣ ва таърихии матн аст. Бознависии ғайрификрии вариантҳои гуногуни матни мавриди тасҳеҳ ва нишон додани ихтилофоту дигархониҳои онҳо, ба ақидаи Муҳаммаднурӣ Усмонов, берун аз доираи вазифаҳои мусаҳҳеҳи матни илмии илтиқотист. Агарчи, Муҳаммаднурӣ Усмонов таъкид мекунад, ки ҳангоми таҳияи матни илтиқотӣ донишҳои адабиётшиносии мусаҳҳеҳ муҳим аст, аммо наметавон ба он маҳдуд шуд. Мусаҳҳеҳ гузашта аз донишҳои методологию огоҳӣ аз мавзуъ ва завқи салиму қареҳаи мустақим ва таҷрибаву тавоноиҳои суханшиносӣ, бояд нуқсонҳои имлоию зиёднависӣ дар матнро пайдо карда, шакли дурусту матлубро аз нусхаҳои дигари қобили эътимоди дар ихтиёраш буда ҷойгузини онҳо кунад ва бидуни гароишоти завқи зебоишиносонаву маърифатии шахсӣ интихоби хешро хунсардона дар асоси нусхаҳои дигар анҷом диҳад.

Матни илтиқотӣ марҳилаи наздик шудан ба матни аслист. Барои наздиктар кардани матн ба шакли аслияш матншинос бояд бар асоси он нусхаҳои тоза бозёфташударо омӯхта, матни наздиктаре ба нусхаи муаллифро таҳия намояд. Дар ин сурат матни илтиқотӣ бояд чунон таҳия шавад, ки ниёзе барои бозомӯзии нусхаҳои дар он матн истифодашуда намонад. Аз ин рӯ, матни илтиқотӣ бояд ҳовии муқаддимаи аз назари матншиносии нусхаҳои мавриди

истифодаи мусаҳҳеҳ пурбор, феҳриствораҳову кумакфеҳристҳо ва шарҳу тавзеҳоти мукаммали он осор бошад. Дареғангез аст, ки матншиносону мусаҳҳеҳони кашвари мо равиши осону камзаҳмати тасҳеҳи матнро пешаи кори худ карда, ба таҳияи дастгоҳи илмии матни ба истилоҳ «илмӣ-интиқодӣ» намепардозанд. Устоди зиндаёд Абуманнон Насриддинов низ бар аҳаммияти таълиқот ва кумакфеҳристҳо дар мутуни интиқодӣ таъкид варзида, бо таассуф зикр мекунанд, ки «мутуни интиқодии нақду тасҳеҳшуда дар Тоҷикистон аз ин фазилат бархурдор нестанд» [7, саҳ. 171].

Муҳаммаднури Усмонов таваҷҷуҳи матншиносонро ба вежагии дигари дастгоҳи илмии матни интиқодӣ ҷалб мекунад. Ӯ мегӯяд, ки маъмулан нусхаҳои хаттӣ ғалатҳои зиёди имлоӣ, навишторӣ (мисли дарҳамнависӣ, нохононависӣ, кӯтоҳнависии вожагон) доранд ва намешавад ҳамаи он маворидро дар дастгоҳи илмӣ ворид кунем. Ба хотири дастгоҳи илмии матни илтиқотиро ҳаддалимкон муҷазу сода кардан мусаҳҳеҳ хатоҳои маъмулию такроршаванда ва дигар вежагиҳои имлоии матнро, ки дар сартосари матн мушоҳида мешаванд, дар муқаддима ишора намояд, то матншиносону пажӯҳандагон баъдӣ битавонанд ба осонӣ аз он истифода кунанд.

Ба ин тартиб, Муҳаммаднурӣ Усмонов ба хулосае меояд, ки дар сурати набудани матни асл матншинос дар нахустин гом дар роҳи расидан ба *codex optimus* бояд ба тасҳеҳи матни илтиқотӣ бипардозад, ки бар асоси нусахи хаттии наздик ба замони муаллиф тасҳеҳ мешавад ва марҳилаи бисёр муҳимме дар наздикшавӣ ба матни муаллиф аст.

Дар муқаддимаи матни илтиқотӣ тамоми нусхаҳои мавриди истифода бо густардагии том тавсифи нусхашиносӣ (кодикологӣ) ва матншиносӣ карда шаванд. Ба хотири содаву осон кардани дастгоҳи ёрирасони илмии китоб иштибоҳоти нусхаҳо бояд бар асоси монандиҳои муштарак гурӯҳбандӣ гарданд. Таваҷҷуҳ ва борикназарии вежа бояд ба гурӯҳе аз иштибоҳот карда шавад, ки дар нусхаҳои сипасин такрор шудаанд, зеро мавҷудияти чунин иштибоҳот дар якчанд нусха далели мувассақе бар қаробати миёни онҳост.

Дар ниҳоят устод Муҳаммаднурӣ Усмонов ба хулоса меояд, ки матни илмии илтиқотӣ танҳо оғози кори таҳияи матни илмӣ-интиқодист. Пас аз ин бояд феҳристи аълом ва луғот (конкорданс), феҳристи вожагони душвор (глоссарий) тартиб дода шавад. Аммо, ба андешаи инҷониб агар мусаҳҳеҳ ба ҷойи феҳристи аъломи умумӣ бар асоси вежагиҳои матн феҳристҳои ҷудогонае бар дастгоҳи илмии матн биафзояд, арзиши илмии кори ӯ ба маротиб хоҳад афзуд. Аз ин рӯ, маълумоти дастгоҳи илмии мутуни мухталифи илмӣ-интиқодӣ барои пажӯҳандагони таъриху фарҳанг ва забону адаби порсии тоҷикӣ маводи муътабару мутмаине хоҳад буд.

АДАБИЁТ:

1. Бертельс, Е.Э. Заметки по поэтической терминологии персидских суфиев / Е.Э. Бертельс // Е.Э. Бертельс. Суфизм и суфийская литература. Избр. труды. – М., 1965. – С.109-125
2. Бертельс, Е.Э. «Шахнаме» и критика текста / Е.Э. Бертельс // «Советское востоковедение». – 1955. – № 1. – С.88-95.
3. Бертельс, Е.Э. Вопросы методики подготовки критических изданий классических памятников литературы народов Ближнего и Среднего Востока / Е.Э. Бертельс // Первая всесоюзная конференция востоковедов. Тезисы докладов и сообщений. – Ташкент, 1957.
4. Бертельс, Е.Э. К вопросу о филологической основе изучения восточных памятников / Е.Э. Бертельс // «Советское востоковедение». – 1955. – № 3. – С.11-18.
5. Бертельс, Е.Э. Новое издание «Шахнаме» Фирдоуси / Е.Э. Бертельс // «Краткие сообщения Института востоковедения АН СССР». Т. XIII. – 1955. – С.3-71.
6. Насриддин, А. Бунёдгузори матншиносии равишманд / А. Насриддин // «Номаи Донишгоҳ». – 2007. – №1(12). – С. 156-163.
7. Насриддин, А. Матншиносии осори адабӣ / А. Насриддин. – Душанбе, 2011.
8. Османов, М.-Н. О. «Ближневосточная текстология в Советском Союзе и ее принципы / М.-Н. О. Османов // Вестник истории мировой культуры. – 1961. – № 4. – С.115-123.

9. Османов, М.-Н. О. «Из опыта текстологической работы над Шах-наме Фирдоуси» / М.-Н. О. Османов // Проблемы востоковедения. – 1960. – № 4. – С.123-129.
10. Османов М.-Н. О. Разночтения и описки в списках «Шах-наме» и их фиксация в критическом тексте / М.-Н. О. Османов // Письменные памятники Востока: ист.-филол. исслед. Ежегодник. – 1968. – М., 1969. – С.108-111.
11. Ҷаҳонбахш Ҷӯё. Роҳнамои тасҳеҳи мутун / Ҷаҳонбахш Ҷӯё. – Теҳрон: Мероси мактуб, 1378.

ТАКОМУЛИ НАЗАРИЯИ МАТНШИНОСИИ БЕРТЕЛС Е. Э.: АЗ М. УСМОНОВ ТО А. НАСРИДДИН

Дар мақолаи мазкур нахуст ба дидгоҳҳои матншиносӣ ва равиши тасҳеҳи матни илтиқотӣ, ки аз ҷониби Е.Э.Бертелс ироа гардидааст, пардохта мешавад. Баъдан, тавсеаи ин назарияро дар андешаҳои М. У. Усмонов, ки бархоста аз таҷоруби бевоситаи ӯ дар соҳаи матншиносии осори адабии порсии тоҷикист, мавриди баррасӣ қарор дода, татбиқи ин андешаҳоро дар матшиносии тоҷикӣ дар мисоли бинишҳои матншиносии А. Насриддинов мавриди омӯзиш қарор додаем.

Калимаҳои калидӣ: *матншиносӣ, Е.Э. Бертелс, тасҳеҳ, матни илтиқотӣ, М.У. Усмонов, матни аслӣ, матншиносии осори адабӣ, А. Насриддинов.*

ЭВОЛЮЦИЯ ТЕОРИИ ТЕКСТОЛОГИИ БЕРТЕЛЬСА Е. Е.: ОТ М. УСМОНОВА ДО А. НАСРИДДИНОВА

В данной статье, прежде всего, излагаются теоретические взгляды Е.Э. Бертельса на текстологию и его метод подготовки сводно-критического текста. Затем подвергаются анализу этой теории в научных воззрениях М. Усманова, возникшие из его непосредственного опыта в процессе работы над подготовкой научно-критических текстов таджикско-персидской литературы и их рецепция в таджикской текстологии на примере текстологии А. Насриддинова.

Ключевые слова: *текстология, Э.Э. Бертельс, исправление, выборочный текст, М. Усманов, оригинальный текст, А. Насриддинов, текстология литературных произведений.*

THE EVOLUTION OF THE THEORY OF TEXTUAL STUDIES BY BERTELS E. E.: FROM M. USMONOV TO A. NASRIDDIN

This article, primarily outlines the theoretical views of E.E. Bertels on textology, and his method of preparing a summary-critical text. Afterwards this theory is analyzed in the textological views of M.-N. O. Osmanov which appear from his direct experience in the process of working on the preparation of scientific-critical texts of Tajik-Persian literature, and their reception in Tajik textual criticism, using the example of A. Nasriddinov's textual criticism.

Keywords: *textual studies, E.E. Bertels, text preparation, summary critical text, M.-N. O. Osmanov, original text, A. Nasriddinov, textual analysis of literary works.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур – *Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. тел.: +992 (37) 2214302, E-mail: sufizadeh@gmail.com.*

Сведения об авторе: Суфизода Шодимухаммад Зикриёпур *– Институт языка и литературы имени Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, доктор филологических наук, ведущий научный сотрудник отдела истории литературы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 21. Тел.: +992 (37) 2214302, E-mail: sufizadeh@gmail.com.*

Information about the author: Sufizoda Shodimuhammad Zikriyopur *– Rudaki Institute of Language and Literature of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Philology, leading researcher in the department of history of literature. Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, 21 Rudaki Avenue. Tel.: +992 (37) 2214302, E-mail: sufizadeh@gmail.com*

ТДУ 82+891.550

КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР «САФАРНОМА»-И НИЗОРИИ ҚУҲИСТОНӢ

Додихудоев Ё. Ш.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мусаллам аст, ҳар он чи ки шоир дар мутуни адабиёти бадеӣ чи насрӣ бошад, чи назмӣ ба қалам медиҳад, афкору андешаи хешро дар либоси рангину намакини ороҳои бадеӣ ва тарфандҳои адабӣ зебу зинат мебахшад. Низорӣ дар аснои ёддошт кардани сафарҳои хеш тавонист бо истифода аз ороҳои адабӣ таҷрибиёт ва ҷаҳонбиниву ҷаҳонгардии хеш маҷмуан ба ҳайси як асари пурарзиши адабиву ҷуғрофиёӣ ба махзани адабиёт тақдим намояд.

Бадеият ё тасвири бадеӣ яке аз хусусиятҳои хоси осори адабист. Бинобар ин, адибону шоирон низ ба саноеи адабӣ таваҷҷуҳи хосе доранд. Осори барҷастаи онҳо бино бар истифодаи санъатҳои адабӣ ҳосили маонӣ ва мазмунҳои бикр, андешаи волову маонии баланд ва тасвирҳои дилкашу ҷаззоб мебошад. Маҳз маъноҳои барҷаста дар истифода бо саноеи адабӣ дар осор, хоссатан, дар осори манзум, бешак, ба ҳар як мутолиакунанда лаззат ва фараҳ мебахшад. Воситаҳои тасвири бадеӣ ҷузъи ҷудонашавандаи асари бадеӣ буда, шоир онҳоро барои ифодаи аҳдофи асосии хеш ба кор мебарад ва тавассути онҳо назокати сухану латофати каломро дар шеър эҷод мекунад, вагарна шеър бе нақши санъат хушку холӣ ба вуҷуд меояд.

Ӯ барои дарёфти мақомоти шинохти шахсӣ ва фардӣ, сайр дар роҳи тариқат ва расидан ба камоли маърифат ва ҳақиқат, инчунин дар баёни афкору афъоли хеш зимни сафараш дар «Сафарнома» аз ороҳои бадеӣ ба кор бурдааст. Ва билохира, барои вай муҳим эҳсоси ботин ва роҳу равиши тарбияи руҳонӣ буда, саноеи бадеӣ чун шакли ифшои он истифода мешуданд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар хусуси илми бадеъ муҳаққиқон, аз қабили Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, Рашидуддини Ватвот, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ва амсоли инҳо асарҳои зиқимате таълиф намудаанд, ки то кунун дар истифодаи умуми олимон ва адабиётшиносон қарор доранд. Аз муҳаққиқини замони муосири Эрон Ҳасан Содоти Носирӣ, Сидмаҳмуди Нишот, Ҷалолуддини Ҳумоӣ, Сирус Шамисо, аз адабиётшиносони ватанӣ Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Мусулмониён, Худоӣ Шарипов, Урватулло Тоҳиров, Абдунабӣ Сатторзода дар тарвиҷ ва такмили назарияи саноеи адабӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ додаанд.

Ҳаким Низорӣ сарфи назар аз содагӣ ва бе ягон қасди такаллуфоти зоҳирӣ, дар ашъораш аз ҳар ду навъи санъати бадеӣ лафзӣ ва маънавӣ ба кор бурдааст, ки аз ҳунари баланди шеърофаринии шоир дарак медиҳад.

Маҳз дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ додем, то ҳаводорони шеъру адабро бо ҳунар ва зебоинигории Низориро дар маснавии ӯ «Сафарнома»-аш ошно созем.

Низорӣ дар «Сафарнома»-и хеш низ аз аксари ороҳои лафзӣ ба мисли навъҳои саҷъ (саҷъи мутавозӣ, саҷъи мутарраф, саҷъи мутавозин) ва ҷиносҳо (ҷиноси том, ҷиноси зоид, ҷиноси мураккаб, ҷиноси мутарраф), санъати тазмин-ул-муздавач, раддулсадр-илал-ачз, раддулаҷз илассадр, тард ва акс, тавшеҳ, тазмин ва амсоли инҳоро ҳунармандона мавриди истифода қарор додааст. Инчунин, санъатҳои маънавӣ низ дар «Сафарнома» зиёд ба чашм мехӯранд. Дар зер ба таври ҷудогона ба зикри ҳар кадоми ин санъатҳо пардохта мешавад.

«Саҷъи мутавозӣ он аст, ки вожаҳои саҷъ дар вазн ва ҳарфи охир комилан ҳамсон бошанд». [2, 46]. Саҷъи мутавозиро Низорӣ дар «Сафарнома»-аш ин тавр ба кор бурдааст:

В-ар на нури ишқ будӣ дар басар,
Кас наёрастӣ ба ҳақ кардӣ назар [5, 35].

Басар ва назар: ҳар ду дар ҳарфи равӣ ва вазни муштараканд ва саҷъи мутавозиро ташкил кардаанд.

Саҷъи мутарраф. Дар ин навъи саҷъ каламоти охири қаринаҳо дар ҳарфи охир (равӣ), яксон ва ҳуруф аз ҷиҳати вазн ва адад мухталиф мебошанд [1, 20]. Ин навъи саҷъ дар «Сафарнома» зиёд ба назар мерасад.

Дар раҳи ишқ омада чолоку чуст,
Бо диле сад пораву азме дуруст [5, 38].

Дар ин ду калима, яъне чуст ва дуруст ҳарфи равӣ ягона аст, вале дар вазн гуногунанд.

Саҷъи мутавозин. «Саҷъи мутавозин он аст, ки каламоти қарина дар вазн мутаффиқ ва дар ҳарфи равӣ мухталиф бошанд» [10, 43].

Дар савум рӯз аз пагаҳ бархостем,
Аз пайи кӯч асбу астар хостем [5, 45].

Миёни асбу астар, орояи саҷъи мутавозин барқарор аст. Ҳар ду калима аз назари вазн яке ва дар ҳарфи охир мутафовит ҳастанд.

Орояи мувозина. Сирус Шамисо дар китобаш «Нигоҳи тоза ба бадеъ» дар хусуси орояи мувозина чунин овардааст: «Мувозина ҳамоҳанг кардани ду чиз ё чанд ҷумла ба василаи тақобули исҷоъ мутавозин ва ё махлуте аз исҷоъ мутавозин ва мутавозӣ ва мутарраф аст [7, 6]. Низории Қуҳистонӣ мегӯяд:

Унсу хӯ бо дому дад бояд гирифт,
Тарки ному нанги худ бояд гирифт [5, 51].

Миёни вожаҳои унсу хӯ, дому дад, ному нанг саҷъи мутавозин ва санъати мутавозина вуҷуд дорад.

Санъати тарсеъ. «Тарсеъ истилоҳан он аст, ки адибон дар назм ва наср бахшҳои суханро хона-хона кунанд ва ҳар лафзеро ё иборатеро дар баробари лафзе ё иборате оваранд, ки дар вазн баробар ва дар ҳарфи охирин мувофиқ ё қариб бошанд» [2, 18].

Намунаҳои санъати тарсеъ дар «Сафарнома»-и Низории Қуҳистонӣ низ омадааст:

Бенамозон қаҳбагони зишту хас,
Корашон кардан зи саргин хишту бас [5, 62].

Санъати тарсеъ дар калимаҳои зишту хишт, хасу бас вуҷуд дорад, ки тақобули саҷъҳои мутавозӣ аст.

Ҷиноси том. Ҷиноси том, беҳтарин ва зеботарин навъи ҷинос аст ва чунон аст, ки алфози мутаҷонис дар ҳуруф ва ҳаракоти яке ва фақат дар маънӣ мухталиф бошанд [10, 49]. Ин навъи санъат дар «Сафарнома» кам ба назар мерасад. Ба унвони намуна:

Ҳар ки дар ғурбат бувад бе ошно,
Ғарқаи бегона бошад з - ошно [5, 68].

Калимаи ошно дар мисраи аввал ба маънии ғариб набудан ва шинохт доштан аст ва дар мисраи дуюм ба маънии шиногар мебошад, ки аз ҷиҳати шакли зоҳир муштарак ва аз ҷиҳати маънӣ бо якдигар мутафовит хастанд, ки ҷиноси томро ташкил медиҳанд.

Ҷиноси зоид (ноқиси афзоишӣ). Ҷиноси зоид, яъне яке аз калимаҳои мутаҷонисро ҳарфе бар дигаре зиёдат бошад ё дар аввал ё дар васат ё дар охир [2, 23]. Ҷиноси зоид дар «Сафарнома» зиёд ба назар мерасад. Ба унвони мисол:

То нагардад ботини дарвеш соф,
Нашканад бар лашкари султон масоф [5, 115].

Дар байти боло миёни вожаҳои софу масоф ҷиноси зоид зоҳир шудааст.

Ҷиноси мураккаб. Адабиётшиноси барҷасти тоҷик Турақул Зеҳнӣ дар мавриди таҷниси мураккаб чунин мегӯяд: «Таҷниси мураккаб чунин калимаҳои ҳамҷинс зикр мегардад, ки яке аз онҳо калимаи сода ва дигаре мураккаб ё таркиб аст, ҳар ду монанди ҳамдигаранд ва дар талаффуз якранг бошанд ҳам, дар имло аз ҳам фарқ мекунанд». [8, 142]. Шоир дар байти зерин санъати ҷиноси мураккабро ингуна ба кор бурдаст:

Бениёзо, бар ниёзи мо бибахш,

Гарчи ғафлат кардаем аммо бибахш [5,153].

Байни калимаҳои *бибахш* дар мисраи якум ва *бибахш* дар мисраи дуюм ҷиноси мураккаб аст.

Ҷиноси мутарраф. Ҷиноси мутарраф он аст, ки ду рукни ҷинос фақат дар ҳарфи охир мухталиф бошанд [1,24]. Ҷиноси мутарраф дар «Сафарнома» танҳо дар як маврид ба кор бурда шудааст:

Соқиё, ҷоме дигар пур кун биёр,
То ба шодӣ даркашам бар ёди ёр [5, 160].

Ҷиноси музореъ ва лоҳиқ. Ҷиноси музореъ, яъне ду рукни ҷинос дар ҳарфи аввал ва ё дар байн мухталиф бошанд. [1, 24]. Низорӣ мегӯяд:

Ӯ риёзат мекунад бо зоҳидон,
Ман мураввақ мекашам бо шоҳидон [5, 42].

Зоҳидон ва шоҳидон дар ҳарфи аввал бо ҳам мутафовит ҳастанд ва ҷиноси музореъ мебошанд.

Ҷиноси хат. Адабиётшиноси эронӣ дар китоби «Фунуни балоғат ва санооти адабӣ»-аш ҷиноси хатро чунин шарҳ додааст: «Ҷиноси хат он аст, ки аркони ҷинос дар талаффуз ва ё нуқтагузорӣ мухталиф бошанд [10 :49]. Ҳаким Низорӣ байти зеринро бо истифода аз ин санъат ин тавр баён кардааст:

Гарчӣ кардам ҷаҳд, то ҳоле бувад,
В-аз риё ин мухтасар холӣ бувад [5, 44].

Дар байти мазкур миёни вожаҳои *ҳоле* ва *холӣ* ҷиноси хат мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ҷиноси лафз (лафзӣ). «Ҷиноси лафз ё лафзӣ яъне, каламоти мутаҷонис ва ҳамҷинс дар талаффуз яке ва дар китобат мухталиф бошанд» [10, 49]. Низории Қуҳистонӣ аз ин навъи ҷинос бад-ин сурат баҳра бурдааст:

Дар савум рӯз аз пагаҳ бархостем,
Аз пайи кӯч асбу астар хостем [5, 45].

Миёни вожаҳои *бархостем* ва *хостем* ҷиноси лафз вуҷуд дорад.

Ҷиноси иштиқоқ ва ҷиноси шабеҳи иштиқоқ. Ҷалолуддини Ҳумоӣ мегӯяд: «Ҷиноси иштиқоқ ин аст, ки ду калама аз як мода муштақ шуда бошанд ва ҷиноси шабеҳи иштиқоқ, яъне ду вожа аз як мода муштақ набошанд» [10, 51]. Маълум аст, ки навъи санъат умуман дар шеъри тоҷикӣ форсӣ ба вуфур ба кор бурда мешавад ва чуноне ки Низорӣ низ дар яке аз абёташ ин воситаро хеле барҷаста ба кор бурдааст. Чунончӣ:

Гуфт вақте воизе дар кишваре,
Аз барои ваъз шуд бар минбаре [5,36].

Дар байти фавқ миёни вожаҳои *воиз* ва *ваъз* ҷиноси иштиқоқ зоҳир шудааст.

Ё ки:

Лавҳи дил пур кард аз дастони ишқ,
То сабақ бурд аз дабиристони ишқ [5, 34]

Дар байти боло миёни вожаҳои *дастон* ва *дабиристон* аз санъати ҷиноси шабеҳи иштиқоқ ба кор бурда шудааст.

Раддулсадр илал аҷз. «Раддулсадр илал аҷз он аст, ки каламае, ки дар аввали байт омада аст, дар охири байт такрор шавад. Радд-ус-садр илал аҷз ва радд-ул-аҷз ила-ссадр ва раддулаҷз илассадр баръакси он аст» [10, 55-56]. Намунаи ин ду санъат дар «Сафарнома»-и Низорӣ чунин ба кор рафтааст.

Ҷони ман сӯзон дар оташдони тан,
Ҷони ман рафт, эй дареғо ҷони ман. [10, 50].

Тавре ки малум аст, ки санъатҳои адабӣ ба ду бахш лафзӣ ва маънавӣ ҷудо мешаванд. Ҳаким Низорӣ дар «Сафарнома»-и хеш дар баробари саноеи лафзӣ ҳамчунин аз бахши саноеи маънавӣ назири муроот-ун-назир, ҳусни таълил, иғроқ, иҳом, тазод, истихдом, лаффу

нашр, ирсоду тасҳим, ҷамъ, тафриқ, тақсим, таҷоҳули ориф, илтифот, тансиқи сифот, таҷрид, тамсил, иститбоъ, талмеҳ ва амсоли инҳо хеле нуктасанҷона ва хаёлпардозона мавриди истифода қарор додааст.

Муроот-ун-назир. «Муроот-ун-назир муассиртарин орояи адабӣ аст, ки шоир бо интихоби вожагони муносиб, онро меофаринад. Ин ороя сабаби фаъол шудани дигар ороях̣ои адабӣ низ мегардад. Намунаи барҷаста ва бориз аз ин санъат, дар «Сафарнома»-и Низорӣ ин гуна омадааст:

Шаҳре аз бас лолаву гул чун баҳор,
Марғзоре чун биҳишташ бар канор [5,57].

Байни калимаҳои *лола, гул, баҳор* ва *марғзор,* санъати муроот-ун-назир ё таносуб вуҷуд дорад.

Иғроқ (Муболиға). Адабиётшинос Турақул Зеҳнӣ дар китоби «Санъати сухан» дар хусуси санъати иғроқ чунин овардааст: «Иғроқ ин аст, ки шоир дар баёни сухани хеш аз воқеият фаротар меравад ва ин кор на танҳо аҷиб нест, балки худ аз ороях̣ои адабӣ ба шумор меравад» [8, 72].

Санъати мазкур ба такрор дар «Сафарнома» оварда шуда, ки ба унвони намуна ба зикри як маврид иктифо мешавад:

Исфаҳон ҳамчун биҳиште тоза буд,
Балки сад раҳ хуштар аз овоза буд.
Зиндарӯдаш хуштар аз ҷӯи биҳишт,
Бар ҳар атрофаш дарахтистону кишт [5, 41].

Иҳом. Санъати иҳом ба қавли Ҳумоӣ тахйил ва тавҳим ва турия мегӯянд. Се калимаи аввал дар луғат ба маънӣ ба гумон ва ваҳм афкандан ва турия ба маънии суханро пӯшида доштан ва дар пардаи сухан гуфтан аст. Ва дар истилоҳи бадеъ он аст, ки лафзе биёваранд, ки дорои ду маънии наздик ва дур аз зеҳн бошад ва онро тавре ба кор бибаранд, ки шунаванда аз маънии наздик ба маънии дур мунтақил шавад [10, 174 -175].

В-ин санамро бо ҳазорон хоста,
Сад бузург аз пешу пас бархоста [5, 88].

Дар байти мазкур лафзи *хоста* ба ду маънӣ ба кор рафтааст. Хостаи мисраи аввал ба маънии орзӯ ва хостаи мисраи дуюм ба маънии сарвату пул омадааст, ки ҳадаф маънии дуюм аст.

Иҳоми таносуб. Аз иҳоми таносуб низ дар «Сафарнома» хеле зиёд зикр шудааст.

Ту ба талхӣ мегузорӣ дар азоб,
Фориғ аз шӯри ту Ширин дар шароб [5, 52].

Ширин ҳам ба маънии маззаи ширин ва ҳам номи маъшуқи Фарҳодро ба хотир месупорад, ки маънии дуюм бо калом навъе робита ва таносуб дорад.

Инчунин санъати тазод низ дар «Сафарнома» чанд ҷо ба назар мерасад, ки як байтро намуна меорем:

Маҳрами рози ниҳону ошкор,
Ҳамдаму ҳамсуҳбати лайлу наҳор [5, 42].

Лаффу нашр. «Лаффу нашр дар луғат ғун кардану паҳн кардан аст. Гоҳо шоир дар як мисраъ ё байте ду-се ашёро номбар мекунад ва баъд дар мисраъ ё байти дуюм он ашёро батартиб аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад… [8,75].

Гуфт: дунёро, ки мебинӣ баҳой,
Аз се чиз аст аввал аз фазли Худой.
Дигар аз адли шаҳи фарёдрас,
В-он дигар аз ҳиммати дарвешу бас [5, 125].

Санъати ҷамъ ва тафриқу тақсим:

Ҳар ду баъд аз тарки чангу нойю нӯш,
Буда аз як пир бо ҳам хирқапӯш [5, 42].

Ин байт намунае аз орояи чамъ мебошад. Шоир дар байте дигар санъати тафриқро ин тавр овардааст:

Не Худоро ҳеҷ тоат кардаам,
Не ба Пайғамбар шафоат кардаам [5, 134].

Ҳамчунин, байти:

Ӯ ҳанӯз инсофро парҳезгор,
Ман шикаста тавба ҳамчун зулфи ёр [5, 42]

«Таҷоҳули ориф ба маънии доно ва соҳибмаърифат ва таҷоҳул масдари боби тафоил аст ба маънии ҷаҳлу нодониро ба худ бастан ва худро ба нодонӣ задан» [10, 183]. Пас, аз шарҳи мазкур бармеояд, ки таҷоҳули ориф он аст, ки гӯяндаи сухан бо вуҷуди ин ки чизеро медонад, таҷоҳул кунад ва худро нодон вонамуд намояд ва ин санъат чун бо латоифи адабӣ ҳамроҳ шуд, муҷиби тазйин ва ороиши калом мешавад. Ба унвони мисол аз «Сафарнома»-и Низорӣ:

Ҳамчу мурғе к-аз қафас гардад халос,
Ё чу хуне к-аш бибахшанд аз қасос [5, 78].

Илтифот. Ба қавли адабиётшиноси эронӣ Ҷалолуддини Ҳумоӣ, «Илтифот дорои ду қисм аст. Қисми аввал он ки: дар сухан аз ғайб ба хитоб ё баръакс аз хитоб ба ғайбат мунтақил шавад… ва қисми дуюм он ки суханро тамом кунанд, он гоҳ ҷумла ё мисраъ ва байте биёваранд, ки худ мустақил бошад» [10, 293]. Дар «Сафарнома» намунаи илтифоти бештар аз навъи қисми аввал мебошад. Санъати илтифот аз ғайбат ба хитоб:

Хуш бихуфт эй хонаи бахтат хароб,
Худ маро дигар набинӣ ҷуз ба хоб [5,136].

Санъати илтифот аз хитоб ба ғайбат:

Дар ҷаҳон охир ту боре кистӣ,
Эй зи хар камтар ту боре чистӣ [5, 114].

Санъати талмеҳ. Санъати талмеҳ дар фанни бадеъ иборат аз ин аст, ки нависанда ё шоир барои исботи сухани худ ба ояе, ҳадисе (ё қиссае ё масале ё шеъре) машҳур ва маъруф ишора кунад [8, 108]. Низорӣ дар саросари «Сафарнома»-и хеш аз санъати талмеҳ истифода кардааст ва фаровонии ин ороя, сабаби зебоӣ ва шоиронагии матн гаштааст. Низории Қуҳистонӣ мегӯяд:

Сар бинеҳ бар санги ғам Фарҳодвор,
Ё сари худ гиру рав озодвор [5, 51].

Хулоса, Низории Қуҳистонӣ аз ҷумлаи шоироне маҳсуб мешавад, ки тавассути афкори воло ва андешаи баланди орифонаи хеш тавонист дар арсаи илму адабиёт мавқеи худро пайдо намояд. Ашори орифонаву содиқони ӯ ҳидоятгар ва роҳнамо дар ҷодаи ҳаёт аст, ки то кунун муҳиббони шеъру сухан аз осори ин шоири қаландаргуфтор ба вуфур баҳра мегиранд. Шоир дар ихтисоси эҷоди шеър як навъи салиқа ва малакае хоссе аз худ зоҳир намудааст. Маҳз дар санъатофаринӣ ҳунари шоиронаи хешро ба ҳадди камол нишон дода тавонистааст. Саноати бадеӣ ва ороҳои бадеӣ воситаҳои баёнеанд, ки дар адабиёти ҷаҳонӣ ба кор бурда мешаванд. Ҳаким Низорӣ барои зебонигории афкору андеша ва баёни вазъу ҳолоти даруниву зоҳирӣ ва умуман шаклдиҳии ҷаҳонбинии хеш аз ороҳои бадеӣ ба хубӣ истифода бурдааст. Аз корбурди санъатҳои бадеӣ ва хаёлпардозии шоир дар «Сафарнома»-аш маълум мешавад, ки Низорӣ ҳунари санъатсозӣ ва маҳорату малакаи баланди шеърофариниро соҳиб будааст.

Муқарриз: Салимӣ Х. – д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

АДАБИЁТ:

1. Алӣ Занҷонӣ. Фунун ва саноеи адабӣ. (Анвои шеър ва саноеи лафзӣ). / Занҷонӣ А. - Теҳрон: Нашри Деҳсаро, 1381. – 240 с.
2. Абдунабӣ Сатторзода. Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ / Сатторзода А. - Душанбе: «Адиб», 2011. - 379 с.

3. Маҳдии Муҳаббатӣ. Бадеи нав. / Муҳаббатӣ М. - Теҳрон: Сухан- 1380. – 312 с.
4. Муртазои Саид Ҷавод. «Бадеъ» аз балоғат. / Саид Ҷавод М. - Теҳрон: Завор. – 1394. – 236 с.
5. Низории Қуҳистонӣ. Сафарнома. / Қуҳистонӣ Н. - Теҳрон: Ҳерманд. Бо кушиши маҳмуд Рафеъӣ.
6. Сирус Шамисо. Баён ва маонӣ. / Шамисо С. - Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1374. – 254 с.
7. Сирус Шамисо. Нигоҳи тоза ба бадеъ. / Шамисо С. - Теҳрон Фирдавс, 1387, - 208 с.
8. Турақул Зеҳнӣ. Санъати сухан. (Илми бадеъ ва мухтасари арӯз). Зеҳнӣ Т. - Душанбе: Нашриёти «Ирфон» 1967. – 301 с.
9. Фишоракӣ Муҳаммад. Нақди бадеъ. / Муҳаммад Ф. - Теҳрон: Самт, - 1379. - 202 с.
10. Ҷалолуддини Ҳумоӣ. Фунуни балоғат ва сановоти адабӣ. / Ҳумоӣ Ҷ. – Теҳрон: - Аҳуро, 1389. – 264 с.

КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР «САФАРНОМА»-И НИЗОРИИ ҚУҲИСТОНӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф санъатҳои бадеӣ ва шеваи корбурди онҳоро дар маснавии «Сафарнмома»-Низории Қуҳистонӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Низории Қуҳистонӣ зодаи қарни XIII-XIV аз зумраи шоироне мебошад, ки дар майдони илму адаб мавқеи намоён дорад. Тазкиранависон ӯро дар асарҳояшон зиёд зикр кардаанд. Низорӣ Қуҳистонӣ аз худ панҷ маснавӣ ва девони ғазалиёт муштамил бар 1800 ғазал ба мерос мондааст. Сафарнома яке аз панҷ манзумаи шоир ба ҳисоб рафта, дар он шарҳи сафари худ ва мушоҳидоташро, аз нуқоте, ки дидор карда ва мардумоне, ки дида, овардааст.

Манзумаи мазкур дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бори аввал дар шакли назм бар вазни «Маснавии маънавӣ» суруда шуда, ҳовии 1200 байт мебошад. Дар манзума оид ба шарҳи сафари Низорӣ ба Моварои Қафқоз аст, ки аз баҳори соли 1280-и мелодӣ то декабри соли 1282 тул кашидааст. Шоир бо ҳамроҳии Тоҷиддин Амид - яке аз амалдорони муғули минтақаи Қуҳистон ба сӯи Мағриб ба сафар мебароянд ва аз Тун дар Қуҳистон, аз тариқи Эрони Марказӣ аз роҳи Исфаҳон ба Озарбойҷон, Аррон, Арманистон ва Гурҷистон то Боку бар каронаи дарёи Хазар рафтанд. Шоир вохӯриҳо, суҳбатҳо ва мушоҳидаву таҷрибаҳои хешро, ки дар тули ду сол тавассути шаҳрҳо ва маконҳои зикршуда анҷом додааст, дар шакли достони кӯтоҳ дар маснавии «Сафарнома»-аш ба тасвир овардааст.

Санъатҳои бадеӣ дар асари мазкур хеле моҳирона корбурд шуда, асарро барои хонандагон ҷолибтару ҷаззобтар рӯнамо кардааст. Аз ин лиҳоз, «Сафарнома»-и Низорӣ ба ҷуз он ки асари бадеӣ аст, ҳамзамон иттилои зиёди ҷуғрофиёиро дар партави беҳтарин тасвирҳои шоирона ба мо арза медорад.

Калидвожаҳо: *Низорӣ, Қуҳистонӣ, «Сафарнома», адабиёт, санъатҳои бадеӣ, шеър, корбурд, таҳқиқ.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННО-ИЗОБРАЗИТЕЛЬНЫХ И ВЫРАЗИТЕЛЬНЫХ СРЕДСТВ В «САФАРНАМЕ» НИЗАРИ КУХИСТАНИ

В этой статье автор обсуждает художественные искусства и то, как они используются в маснави «Сафарнмома»-Низори Кухистани. Низори Кухистани, родившийся в XIII-XIV веках, является одним из поэтов, занявших видное положение в области науки и литературы. Писатели много упоминали его в своих произведениях. Низари Кухистани унаследовал пять маснави и коллекцию газелей, содержащую 1800 газелей. Сафарнама — одно из пяти стихотворений поэта, в которых он описывает свое путешествие и свои наблюдения, места, которые он посетил, и людей, которых видел.

Это поэтическое произведение впервые в истории персидско-таджикской литературы исполнено в форме поэмы на весу «Духовная Маснави» и насчитывает 1200 стихов. В поэме описывается поездка Низари на Северный Кавказ, продолжавшаяся с весны 1280 года по декабрь 1282 года. Поэт вместе с Таджиддином Амидом - одним из монгольских чиновников

Кухистанской области отправился в путешествие в Магриб и прошел из Туна в Кухистане, через Центральный Иран по пути в Исфахан, в Азербайджан, Аррон, Армению и Грузию. в Баку на берегах реки Хазар. Свои встречи, беседы, наблюдения и переживания, которые он провел два года в упомянутых городах и местах, поэт описал в форме небольшого рассказа в романе «Сафарнаме».

В этом произведении очень умело использованы художественные приемы, что делает произведение более интересным и привлекательным для читателей. С этой точки зрения «Сафарнаме» Низари, помимо того, что является художественным произведением, дает нам еще и массу географических сведений в свете лучших поэтических образов.

Ключевые слова: *Низари, Кухистани, «Сафарнаме», литература, художественное искусство, стих, использование, исследование.*

USE THE MEANS OF ARTS IN «SAFARNAME»
OF NIZARI QUHISTANI

In this article the author analysis the belle letters style and the ways of using them in “ Safarnoma” written by Nizori Kuhistoni. Nizori Kuhistoni was born in XIII –XIV century, he was one of the poets who has a prominent position in the field of science and literature. Writers have mentioned him a lot in their works. He inherited five masnavis and a collection of ghazals containing 1800 ghazals. Safernoma is considered one of the five poems of the poet, where he explains his trip and observation, that he made when he met with people.

This poem was sung for the first time in the history of Persian-Tajik literature in the form of a verse of "Masnawi manavi" and it consist of 1200 verses. The poem describes Nizori's trip to the North Caucasus, which lasted from the spring of 1280 AD to December 1282. The poet, accompanied by Tajiddin Amid - one of the Mongol officials of the region of Kuhistan, went on a journey to the Maghreb and went from Tun in Kuhistan, through Central Iran, through Isfahan to Azerbaijan, Arron, Armenia and Georgia to Baku on the banks of the Khazar River. The poet described his meetings, conversations, observations and experiences, which he spent two years in the mentioned cities and places, in the form of a short story in his novel "Safarnoma".

The belle letters style in this work are used very skillfully and made the work more interesting and attractive for the readers. From this point of view, Nizori's "Safarnoma" apart from being a work of fiction, also provides us with a lot of information about geographers in the light of the best poetic images.

Keywords: *Nizari, Quhistani, «Safanoma», literature, the belle letters, poem, to use, explore.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Додихудоев Ёдгор Шукрихудоевич *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, муаллими кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Суроға: ш.Душанбе. кӯчаи Маяковский 76/2. e-mail: yodgori83@mail.ru. Тел: 935373938.*

Сведения об авторе: Додихудоев Ёдгор Шукрихудоевич *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзода, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры теории и истории литературы. Адрес: г. Душанбе, улица Маяковский 76/2. e-mail: yodgori83@mail.ru. Тел: 935373938.*

Information about the author: Dodikhudoev Yodgor Shukrikhudoevich *–Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of Philological Sciences, teacher of the Department of the Theory and history Literature. Adress: 76/2 Mayakovskiy str., Dushanbe, Republic of Tajikistan. E-mail: yodgori83@mail.ru, phone number: (+992)93-537-39-38.*

ТДУ 82-14:891.550

САБКИ НИГОРИШИ ЛИРИКАИ МАСТОН ШЕРАЛӢ

Ифтихори Амонқул

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Солҳое, ки устод Мастон Шералӣ шеър мегуфтанду шоирӣ мекарданд, даврони зоҳиран, осоишта ва ботинан, ошуфта буд. Зоҳиран ва, дар воқеъ, ҳам Тоҷикистон чун як ҷумҳурии давлати бузург ва абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ дар боби амният, салоҳият, сиёсат, кифоят ва маданият пешравиҳои рӯзафзун дошт. Вале, ботинан, бо таъсир ва фишори идеологияи раҳгумзанӣ, ки аз берун меомад ва раҳгум задани як зумра мансабдорони баландмақом, ки зери таъсири он афтодаанд ва аз роҳи аслии сотсиалистӣ берун рафтаанд ва манфиату шуҳрату сарвати шахсиашонро аз манфиату адолати иҷтимоӣ ва идеологияи сотсиалистӣ ва хоҷагидории коллективӣ боло гузоштаанд, аз ҷиҳати ахлоқӣ ва иқтисодӣ, сиёсӣ ва қудрат, оҳиставу ноаён ҳам мехӯрад ва мешикаст ва хавфи фалокат меафзуд, ки онро аҳён-аҳён шахсон сарфаҳм мерафтанд. Нозукии тарғиботи вайронкунӣ чунин буд, ки ҳамон касонеро, ки оқибатҳои бади корро фаҳмида, бонги хатар мезаданд, ҳамон касоне, ки бояд он ҳушдорро мешуниданд ва чораи ислоҳашро медиданд, ба ҷои он, ки гӯш диҳанду дастгирӣ кунанд, ба тартиботи мавҷуда душман мегирифтанд ва сиёҳу бадном мекарданд. Дар натиҷа, гуфтор ба кардор рост намеомад.

Шоироне буданд ва ҳастанд, ки ашъори зиёде сурудаанд, китобҳо мунташир намудаанд, соҳиби ҷоизаҳо ва унвонҳо гардидаанд, аммо дасташон ба домони олиҳаи шеър нарасида ва бо вай ҳамнафасу ҳамнишин нагардидаанд.

Хушбахтона, Мастон Шералӣ аз зумраи шоирони саодатмандест, ки бо олиҳаи шеър ҳамнишин будааст ва ишқи вай ба ӯ неру ва илҳом бахшидааст.

Чун меҳри ӯст дар дилам бо ёди васли ӯ,
Ҳудро ба мавҷи баҳр чу кištӣ раҳо диҳам.
Ё мерасам ба соҳилаш, ё ғарқ мешавам,
Аз бурду бохт оқибат садо диҳам[3, с. 23].

Олиҳаи шеър ҳамеша тори илҳомашро ба наво меоварад ва ӯ қариб 30 сол дар нимаи дуюми асри ХХ ашъори пурмазмуну рангин ва пурмуҳтавое эҷод кард ва дар назми тоҷик нақши ногусастанӣ боқӣ гузошт.

Мастон Шералӣ зодаи деҳаи зебоманзари Зериҳисор, ҷамоати Рӯдакӣ, ноҳияи Панҷакент мебошад. Аз айёми кӯдакӣ ба кӯҳу домани зодгоҳаш, ба дарёву чашмасорони пурхурӯшаш ба нағмасаройии паррандагон дил бохта буд ва меҳри азалӣ дар тули умраш ҳамеша бо ӯ буд.

Зериҳисор ва дигар деҳаҳои атроф ҳам, дар замони Суғдиён ва ҳам дар аҳди Сомониён ва ҳам дар айёми мо аз мавзеъҳои ободи сарсабз ба ҳисоб меравад. Ин диёр зодгоҳи устод Рӯдакӣ- хуршеди назми ҷаҳон аст.

Зериҳисор дар домони теппае доман густурдааст, ки замоне дар сари он қалъаи ҳокимнишин арзи ҳастӣ мекард ва имрӯз аз он танҳо харобаҳо ва тарҳи деворҳои ғафс боқӣ мондаасту халос.

Хонаи падарии Мастон Шералӣ дар ҳамин деҳа, дар сари чорроҳа воқеъ гаштааст.

Ба аввалин маҷмуаи Мастон бо номи “Мавҷҳои Зарафшон” худам сарсухан навиштам. Аввалин сарсухан чун калид ба дарвозаи нашриёт аст. Ин аст, ки аз паи он шеъру достонҳои ӯ ва маҷмуаҳояш “Илҳом”, “Реша дар об”, “Ташна”, “Борони сабз”, “Ситораҳо”, “Тӯшаи роҳ”, “Қиёми офтоб”, “Суруди роҳ” ва “Ихлос” пайиҳам дастраси хонандагон шудаанд.

Мастон ба устодонаш, аз ҷумла ба Мирсаид Миршакар ихлоси том дошт ва ба ифтихорашон шеърҳо сурудааст.

Ба ёди Миршакар мегӯяд:

Номи ӯ гирам, бубинам зинда Турсунзодаро,
Он ки дил аз синаи поку ҳалолаш бурда буд... [1, с. 53-58].

Рӯзгор як чизе будааст, ки ҳар як насли инсон, дар кадом тартиботи давлатдорӣ умр ба сар барад, аз дарду даво ба ғаму нишот халосӣ надоштааст. Ва ин дарду даво ва ғаму нишот, ки "Бар сари фарзанди одам ояд, бигзарад", ки дар маҷмуъ, зиндагӣ ном дорад. Ин зиндагӣ пештар аз ҳама ва беҳтар аз дигарон. Ар қафаси синаи ҳоир пасандоз мегардад- ғун меояд, такшин мешавад, соф мешавад ва муъҷазу дилрасу гӯё, дар калимаҳо ва оҳангҳо ва маъниҳо ва фаҳмо ифода меёбад, ки шоир ном дорад. Дар акси ҳол, пургӯйӣ ва пучгӯйӣ беҳудааст, ки "Ногуфтаву носуруда беҳтар".

Қафаси синаи Мастон зиндагиро ғунҷоиши пурра додааст - баланду паст, равою нораво, неку бад, ободу нообод, орзую ҳасрат.....

Мастони шоир аз дидани дастовардҳо ва ободкориҳо ва мушкилкушоиҳо ва ҳалолкориҳо ва дамгариҳо, шодона сухан мегӯяд ва дар васфҳояш меболаду менозад. Дидани аз дастдодаҳо ва харобкориҳо ва мушкилофариҳо ва ҳаромкориҳо ва ноодамиҳо, дилаш ба дард меояд ва ғам мехӯрад ва ҳатто метарсад, ки "Мабодо ин дардҳо давонопазир бошанд?!" . Ба ин маънӣ, Мастон шоири зиндагист, шоири хаёл нест. Вай шеъри зиндагиро месарояд ва мехоҳад, ки бо шеъраш зиндагиро биорояд:

Шеъре, ки нахезад аз дили гарм,
Ногуфтаву носуруда беҳтар.
Ҳар гул, ки шарики рангу бӯй нест,
Аз боғи ҷаҳон дуруда беҳтар.

Касби шоирӣ ва эҷодии шеър барои Мастон шуғли вақткӯркунӣ нест. Барои Мастон шеъру шоирӣ асбоб буд. Асбоби кор, ки ба факори ҷомеа фаъолона таъсир бирасонад ва ба рӯйдодҳои зиндагӣ шарик бошад. Вай шоири хушбин аст - роҳи наве кушоянд, хурсанд мешавад ва масалан ба шоҳроҳи БАМ сафар мекунад, ки хабари хушро ба мардумон расонад. Вай шоири ватанпараст аст- маърифат кардааст, ки "худ забони бахти ҳар миллат забони модарист" ва ҷону ватан як чиз аст: ва ин се матоъро аз як тору пуд бофтаанд:

Ҷоне, ки раҳи ватан напӯяд,
Ҷуз бори зиёдатии тан нест.
Гар дар Ватанат Ватан наёбӣ,
Ҳар ҷо, ки Ватан кунӣ, Ватан нест [3, с. 16].

Мастон бо шеъраш ҷонро ба Ватан пайвастааст ва замин, ки макони Ватан аст, дар назди ӯ ҷон дорад- дам мегирад ва хаста мешавад: "Замин шуд хаста зери тӯпу танҳо". Ин хушдори шоир аст. Хаста шудани замин оқибаҳои нек надорад, чунон, ки хаста шудани одамон дар ғоят ва фалокатҳо мебарад. Ҷои тарс мевқеъ ва мақоми онҳост.

Ман аз мурдан наметарсам,
Ман аз мурдор метарсам...

Мастон шоири тавоност ва дар айни ҳол шоирест, ки адабиётшиносии имрӯзаи мо, осор ва маҳорату мақоми ӯро дуруст нашинохтааст ва ба хонанда нашиносонидааст.

Ва ин байт гӯё васияти ӯст:

Накуи кун, накуи кун, накуи.....
Бадӣ, гарчи парӣ зояд, ҳаромист [1, с. 11-16].

Мастон Шералӣ мунтахабу куллиёту девон надорад, вале ҳар китобчаи тунуки пӯстипиёзиаш беҳтар аз садҳо мунтахабу куллиёти девони имрӯзист. Мастон Шералӣ, бешубҳа, шоири тавоно буд. Аз ӯ шеърҳои зиёде ба ёдгор мондааст ва донандаи хуби адабиёти классикии форсу тоҷик буд.

Воқеан, Мастон Шералӣ дар шеър ҷодаи ҳамворро намеписандид. Ӯ дар яке аз нахустин шеърҳояш бо ифтихор гуфта буд, ки ба роҳи тайшуда ҳаргиз гом нахоҳад зад:

Ман аз ин рӯз ба иқлими суханпардозӣ
Зи роҳи тайшуда ҳаргиз наравам,

Думрави раҳкушое нашавам,
Сафар аз раҳи дигар бинмоям.

Мастон Шералӣ айёме ба арсаи адабиёт омад, ки пургӯӣ мураввач буд. Ва ӯ яке аз аввалинҳо шуда, ба шеъри тоҷик рангубӯйи тоза овард ва ҳамқаламонро даъват кард, ки ба роҳи нави эҷодиёт раҳсипор шаванд:

Шоиро, чашмони сер, охир фиребат медиҳад,
Чашми дилро боз кун
Бо навои хуфтае, к-он ҳаст дар сози ҳаёт,
Нағмаҳои хуфтаро бедор кун
Аз навои куҳна андак ор кун.
Нағмаи навро ба қалби мардум аксандоз кун.

Мастон Шералӣ дар шоирӣ сабку услуби хоси худро дорад. Ба ин гуфтаҳо маҷмуаи шеърҳои ӯ «Илҳом», «Реша дар об», «Ситораҳо», «Ташна», «Суруди роҳ», «Ихлос» ва ғайра гувоҳ мебошанд.

Мастон саропо дард буд ва дар эҷодиёт кардани «зоти парӣ» – шеър ҳамто надошт. Шеър чун чашмаи ҷӯшон аз қаъри дили ӯ фаввора мезад.

Солҳои 60-70-ум давраи нав дар шеъри тоҷикӣ буд, ки яке аз шуруъкунандагони он Мастон Шералӣ ҳисоб мешуд. Ва имрӯз ҳамон давра ба тарзи дигар да шароити истиқлоли миллӣ- сиёсии Тоҷикистон идома дорад ва рангҳои нав пайдо кард ва дар солҳои шастуму ҳафтодум адибони мо шеърро ба баландии шеърият баровардан хостанд. Аз ҷумла, Мастон Шералӣ шеъри ҳақиқӣ пайдо кардан хост ва мегуфт, ки ба шеъри асил бояд даст зад:

Дилам сармояи дарду алам шуд,
Ки чанде беқалам "соҳибқалам" шуд.

Киро гӯям, кадомин дар бикӯбӣ,
Сафи шоир фузуду шеър кам шуд.

Ашъори Мастон Шералӣ ба ҷону имон, ба инсон ва табиат, ба ҳаёт, ба хушбахтӣ, ба зебоӣ, ба дӯст, ба нур, ба ҳар қатра об, ба ҳар санг, ба ҳар халқ, ба ҳар Ватан ва ба ҳама муқаддасоти оламу одам пурэҳсосу некхоҳӣ, некбинӣ, одамдӯстию зебоипарастӣ ва махсусан, ошиқӣ бахшида шудааст:

Туро дар соҳили гулзори дарё дида будам ман,
Ба ранги буттаи садбарги танҳо дида будам ман,
Зи байни дилбарон, болобаландон,
тозарухсорон
Туро зебою боло дида будам ман!
Ту механдидиву аз хок гул сӯйи ту сар мезад,
Ба саҳро лола бо ёди ту доғе дар ҷигар мезад,
Саропо чашм будам бар тамошоят,
дили зорам
Ба уммеди висолат болупар мезад.

Мастон Шералӣ мекӯшад, ки навиштаҳояш бозёфте дошта бошад, сухани нав гӯяд, мавзуи «куҳна»-ро аз нав дарку эҳсос кунад.

Доираи мавзуъҳои маҷмуаҳо бисёр фаррох буда, соҳаҳои гуногуни зиндагиро фаро мегирифт. Дигаргуниҳои муҳити иҷтимоию маънавӣ, ки дар ҳаёти ҳамзамонон ба вуҷуд меояд, доираи ашёи тасвиршаванда ва имконоти эҷодии шоирро вусъат дод ва ба инкишофи доманадори шеър боз мувофиқ шароит фароҳам меорад.

Тараннуми ишқ ва муҳаббати покии инсонӣ, тасвири манзараҳои табиат, ватан ва зебоиҳои он, ситоиши иқтидори инсон, доираи ашёи тасвири комёбиҳои беназири халқ, замзамаи умри ҷавонӣ ва ғайра мавзуъҳои дилписанди шоир буда, мундариҷаи маҷмуаҳои ӯро ташкил медиҳанд.

Дар шеърҳои Мастон Шералӣ мақом ва шахсияти қаҳрамони лирикӣ қувват гирифтааст. Худҷӯй ва худшиносии қаҳрамон бештар гардида, муносибаташ ба ҳодиса ва ашёи тасвир муайян шудааст. Дунёи маънавии қаҳрамони лирики шоир, ғанӣ ва доираи назараш васеъ буда, дар худ беҳтарин сифатҳои ҳамзамононро таҷассум менамояд.

Дар шеъри «Афсона» иқтидору тавоноӣ, руҳи қавӣ ва иродаи матини инсон бо суханҳои муҳташам намоён мешавад. Шоир барои тасвири бузургии инсон калимаю ибораҳои пурмаънӣ ёфта, ба қолаби шеър мерезад ва ба ду қисм баробар тақсим шудани мисраъҳо таъсири шеърро меафзояд. Дар шеъри «Асри ХХ» тасвир андак дигаргун буда, бештар дар бораи фаросат, донишу фазилат ва камоли маънавиёти инсон сухан меронад. Шоир гуфтанист, ки ақлу шуури инсон ба кашфи ҳар муъҷиза қодир мебошад.

Дар шеърҳои лирикии Мастон Шералӣ мулоҳизаҳо дар бораи ҳаёт ва мақсаду моҳияти зиндагии инсон бештар шуда, боиси тақвият ёфтани андешаҳои фалсафиаш мегарданд. Ин хусусият аз силсилаи шеърҳое, ки ба тасвири манзараҳои табиат бахшида шудааст, зиёдтар эҳсос мешавад.

Аз шеърҳои «Роҳҳо», «Офтоби ҷануб», «Мавҷҳо», «Дар оғӯши кӯҳсор» табиати ҳаётдӯстии ӯ намоён шудан мегирад ва ҳастии худро бидуни табиат тасаввур намекунад. Зимни ин тасвир андешаи шоир дар хусуси ягонагию пайванди инсону табиат зуҳур менамояд. Чунин андеша дар шеъри «Ситораҳо» мушаххастар баён шудааст:

Ин ҷо ки ҳар хатте кашад ҳар марди раҳҷӯ,
Танҳо барои одаму аз баҳри олам аст.
Дунё барои одаму одам барои ӯст.
Дунё бидуни одамӣ як гӯшаи ғам аст.

Шоир дар шеърҳои «Бобо ва набера», «Писарам», «Ба падарам» диалектикаи инкишофи ҳаёти инсонро алоқамандона бо дирӯзу имрӯз ва фардо ба тасвир мегирад. Умуман, дар маҷмуаҳои шоир шеърҳои хубу баландмазмун кам нестанд. «Модар», «Артист», «Забони бахт», «Ёд», «Қасос», «Меравам пеш ба роҳи сафарам» ва ғайра ба мушаххасии тасвир, мазмуну мундариҷаи шоиста фарқ мекунанд. Дар шеърҳои мазкур андешаҳо ба воситаи образҳои бадеӣ баён шуда, нияти эҷодии шоир як андоза ҷамъбаст мегардад.

Мастон Шералӣ ҳамчун шоири баркамол дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи намоёнро касб кардааст. Хизмати вай дар ғояҳои пешқадами инсонпарварӣ, ватандӯстӣ ва умуман, тараққии назм бузург аст. Шоир аз санъатҳои бадеӣ моҳирона истифода намуда, каломашро дар ҳарири нозуки лафзу маънӣ ба хонанда пешниҳод месозад. Дар миёни санъатҳои бадеие, ки мавриди истифодаи шоир қарор гирифтаанд, аз ҳама бештар ташбеҳу тавсиф, маҷозу истиора, тазоду таҷнис, муболиға, талмеҳ мавқеи намоён доранд.

Шоир дар инъикоси мавзуи Ватан аз санъатҳои бадеӣ моҳирона истифода намуда, каломашро дар ҳарири нозуки лафзу маънӣ ба хонанда пешниҳод месозад. Дар миёни санъатҳои бадеие, ки мавриди истифодаи шоир қарор гирифтаанд, аз ҳама бештар ташбеҳу тавсиф, маҷозу истиора, тазоду таҷнис, муболиға, талмеҳ мавқеи намоён доранд.

Умуман, мероси адабии бой ва гуногунҷабҳаи Мастон Шералӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шоир дар адабиёти нимаи дуюми садаи бист ҷойгоҳи муносиб дошта, ашъори ӯ ғояҳои нақиби ватандӯстию панду ахлоқӣ ва эстетикию тарбиявӣ доранд.

Мукарриз: Шамсов Н.С. – н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

1. Гулназар, К. Мақолаи ваъдагӣ. Бахшида ба 80-солагии шоир Мастон Шералӣ / К. Гулназар // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 16 апрел
2. Ғазали офтоб. Маҷмуи хотираҳо. Мураттибон: Хуршед ва Парвизи Мастон. – Душанбе: 2005. – 157 с.
3. Мастон Шералӣ. Мунтахаби ашъор. – Душанбе: Адиб: 1986. -320 с.
4. 4.Шералӣ, М. Ихлос: Маҷмуаи шеърҳо. – Душанбе: Ирфон. – 1986. – 383с. 5.Шералӣ, М. Боли оташ. – Душанбе: Адиб, 1988. – 272 с.
5. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). ҷ.1. (А-Н) зери таҳрири Сайфиддин Назарзода (раис), Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон.-Душанбе., 2008.
6. Энсиклопедияи советии тоҷик. Қисми 4., саҳ. 74-76. –Душанбе: 1983
7. Шералӣ, М. Духтари кӯҳсор; Зарафшон; Ду ғазал: Шеърҳо // Адабиёт ва санъат. – 1985. – 18 апрел.
8. Шералӣ, М. Ватан; Давлати ноёфт: Шеърҳо // Тоҷикистони советӣ. – 1973. – 19 сентябр.
9. Шералӣ, М. Чашмаҳо; Бештар аён гардад: Шеърҳо // Тоҷикистон. – 1961. – № 4. – с. 11.

САБКИ НИГОРИШИ ЛИРИКАИ МАСТОН ШЕРАЛӢ

Дар мақола сухан роҷеъ ба сабки нигориши лирикаи Мастон Шералӣ меравад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки то андозае дар бораи сабки нигориш шарху тавзеҳ диҳад. Мастон Шералӣ чунин меҳисобад, ки ақлу шуури инсон қобили кашфи ҳар муъҷиза мебошад. Инчунин, ӯ ҳамқаламонро даъват намуд, ки эҷодиёти навро рӯйи қалам биёваранд. Шоир ба шеъри тоҷик рангу бӯйи тоза овард ва мазмуни шеърҳои ӯ бисёр оммафаҳм буда, мавзуи ишқ дар ашъори ӯ ҷойгоҳи хосеро соҳиб аст. Дар ҳама давру замон дар ҳаёт дигаргуниҳо пайдо мешаванд, ки ин ҷиҳат низ барои вусъат додани имконоти эҷодиёти шоир оиди рӯйи коғаз овардани шеърҳояш боз ҳам шароити мувофиқтарро фароҳам меовард.

Шеърҳои ӯ саросар пур аз муҳаббати поки инсонӣ, тараннуми ишқ, тасвири манзараҳои табиат, ватан ва зебоиҳои он, ситоиши иқтидори инсон, доираи ашёи тасвири комёбиҳои беназири халқ, замзамаи умри ҷавонӣ ва дигар мавзуъҳои дилписанд мебошад. Дар шеърҳояш ибрози ақидаҳо тавассути образҳои бадеӣ баён шуда, истифодаи онҳо хело бамаврид мебошад. Инчунин, шеърҳояш ба руҳияи ватанпарастӣ, муқаддасоти оламу одам, одамдӯстию зебоипарастӣ, равона карда шудаанд.

Калидвожаҳо: *Мастон Шералӣ, лирика, фаъолият, халқ, ишқ, эҷодиёт, осоишта, нозук, шоир, хушбахт, шуҳрат, маданият, ҷоиза, тавоно.*

ЛИРИЧЕСКИЙ СТИЛЬ СТИХОВ МАСТОНА ШЕРАЛИ

В статье рассматривается стиль написания лирических произведений Мастона Шерали. Автор попытался в некоторой степени высказать своё мнение о стиле письма. Мастон Шерали считает, что человеческий разум способен открыть любое чудо. Он также призвал своих коллег привнести в перо новый стиль и новое творчество. Поэт внес в таджикскую поэзию новый колорит и свежесть, содержание его стихов очень популярно, а тема любви занимает в его поэзии особое место. Во все времена в жизни происходят перемены, которые также создавали более благоприятные условия для расширения творческого потенциала поэта для написания своих стихов.

Его стихи наполнены чистой человеческой любовью, любовными песнями, изображениями природы, Родины и ее красот, восхвалением человеческого потенциала, спектром предметов, изображающих уникальные достижения народа, темой молодости и другими интересными темами. В его стихах идей выражается через художественные образы, и их использование очень уместно. Его стихи также посвящены духу патриотизма, святости мироздания, человечности и красоты.

Ключевые слова: *Мастон Шерали, лирика, деятельность, народ, любовь, творчество, мирный, нежный, поэт, счастливый, слава, культура, награда, могущественный.*

LYRICAL STYLE OF VERSES OF MASTON SHERALI

The article is about the style of writing of lyrical works of Maston Sherali. The author tried to express somewhat the opinion on style of the letter. Maston Sherali considers that the human mind is capable to open any miracle. He also urged the colleagues to introduce new style and new creativity in a feather. The poet brought new color and freshness in the Tajik poetry, the contents of its verses are very popular, and the subject of love holds a specific place in its poetry. At all times in life there are changes which also created more favorable conditions for expansion of creative potential of the poet for writing of the verses.

Its verses are filled with pure human love, love songs, images of the nature, the Homeland and its beauty, praise of human potential, a range of the objects representing unique achievements of the people, a subject of youth and other interesting subjects. In its verses of the ideas is expressed through artistic images, and their use is very appropriate. Its verses are also devoted to patriotic spirit, sanctity of the universe, humanity and beauty.

Keywords: *Maston Sherali, lyrics, activity, people, love, creativity, peaceful, gentle, poet, happy, glory, culture, award, powerful.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ифтихори Амонқул *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: 937592585*

Сведения об авторе: Ифтихори Амонкул *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, соискатель кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Телефон: 937592585*

Information about the author: Iftikhori Amonqul *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, applicant for the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Dushanbe city, 17/6 Muhammadiev str. Phone: 937592585*

ТДУ 891.550

СИТОИШИ МОДАР ДАР ЭҶОДИЁТИ НУРМУҲАММАД СИРОҶӢ

Раҷабалӣ Имомиён

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Нурмуҳаммад Сироҷӣ аз зумраи адибонест, ки дорои салиқаи худододи шоирӣ ва маҳорати баланди эҷодӣ буда, дар навоварӣ ва тасвирофаринӣ дар шеър, бо сабки латифу назиф ва лаҳни шевову равони хеш вориди адабиёт гардидааст.

Ҳарчанд қисмати асосии эҷодиёти ӯро мавзуъҳои бахшида ба лирикаи иҷтимоӣ ва ошиқона ташаккул дода бошанд ҳам, шоир дар чаҳорчӯбаи ин навъҳои бадеӣ дунёи ботинӣ, эҳсосот ва орзую умеди хисолии қаҳрамони лирикии хешро бо хостаҳои иҷтимоии ӯ бештар манзури назар дорад ва даррокияти худро низ дар вобастагиҳо бо фаровардҳои ҳиссиву хисоли шахс дар ҳамгирой бо иҷтимоъ ба қалам додааст, ки дар ин замина тавсифи ном ва тасвири симои “Модар” низ дар миёни ин ашъор ҷойгоҳи худро дорад.

Ӯ дар баробари рӯнамоии ашъори ғиноии худ, ки дар мавзуъҳои мухталиф болои сафҳа рехтаанд, аз нахустин иқдомоти шоирии хеш, ҳамчунон ба мавзуи хеле ҷолиб ва ғолибан мушкиладо, ки таҷассумгари симову тасвири “Модар” мебошад ва, албатта, ин мавзуъ, чунон ки бо далолати зиёде маълум гардидааст, диққати тамоми суханварони оламро дар оғози роҳи эҷоди онҳо ба худ кашидааст, даст зада ва дар мавриди коркарди санъатҳои бадеӣ барои ҳусну тароват бахшидани каломи худ дар ин шева комёб ҳам шудааст.

Шоири фарҳехтаву хушному хушкаломи тоҷик, мудири вақти бахши Кӯлобии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, устод Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ҳануз соли 1993 дар пешгуфтори китоби “Андешаҳо”-и адиби манзури назари мо таъкид карда буд, ки: “Сироҷӣ бо ашъори тару тозаи хеш дар боғи сарсабзи адабиётамон бо ҳусну рангу таровати дигар нумуъ мекунад, чун боғбони боҳуш гули истеъдоди худро мепарварад, пайи рушду камоли шоирӣ бо ҳавсалаи зиёд меомӯзаду меомӯзад”[4, с. 3]. Ва то ҳадде ки муяссар шудааст, ин таҷриба ва ҳосили чунин омӯхтаҳои шоир аз маҷмуа то маҷмуаи дигари шеъраш, бештар дар асолати сухан, услуби баён, тасвирпардозӣ ва падидории шеъри волои ӯ ба мушоҳида мерасад, ки ба тасвир овардани симои “Модар” низ яке аз бахшҳои умдаи мавзуъҳои интихобнамудаи Сироҷӣ дар роҳи шоирии ӯ ба ҳисоб мераванд.

Дар мавриди корбурди ин мавзуъ дар адабиёти тоҷик сарчашмаҳои фаровон мавҷуданд, чунон ки дар авҷи дар як давраи муайян навишта шудани “Модар”-номаҳо бештар вуруди ашъори ба Модар бахшида, аз ҷумла “Гӯянд маро чу зод модар...”-и шоири шуҳратёри Эрон Эраҷ Мирзо дар миёнаҳои садаи ХХ-ум ба Тоҷикистон хеле муассир ва илҳомовар буд. Аммо дарки мавзуъ бо асолати таваҷҷуҳӣ бар мундариҷаву ғояҳо ва мазмуни он дар банд-банди ашъори ба зан ва Модар эҳдо намудаи устод Мирзо Турсунзода, дар мисоли шеърҳои “Дасти модар”, “Хайр, Модари азиз!”, “Модарам” ва, бахусус, бандҳои:

Тифл мондам аз ту модар, рӯйи ту дар ёд нест,
Қомати ту, чашми ту, абруи ту дар ёд нест.
Дар суроғат мезанам худро ба ҳар як кӯю дар,
Чунки то имрӯз, модар, кӯи ту дар ёд нест...

- дар руҳияи шоирон як навъ эҳсосоти ҷазбдиҳанда ба ҳарорати муҳаббати ин олиҳаи рӯзгорро ба ҷӯш овард ва ин таъсирпазирӣ ба мавзуи номбурда ва болои кор овардани ашъори зиёдро бахшида ба номи Модар боз ҳам равнақ бахшид.

Дар ин миён, падидории шеърҳои Лоиқ Шералӣ, сароғоз аз нахустин шеъри дар маҷмуаи аввалини ӯ “Сари сабз” бо номи “Ба модарам” дарҷгардида, боз ҳам чашмрастару гуворотар манзур гардид, ки дар маврид шеърҳои “Мактуб ба модар” ва “Мактуби модар” ва дигар шеърҳои шоири рус Сергей Есенин илҳомбахши ӯ гардидаанд ва минбаъд ин ҷозибаи илҳом ӯро барои иншои “Модарнома”, дар маҷмуъ, шеърҳои “Нону насиб”, “Ҳасрат”, “Фарзандон”, “Модар”, “Ту монанди замин танҳой, Модар!”, “Домони модар”, “Қарз”,

“Онҳо, ки замини модаронро...”, “Муноҷот ба Модар”, Ин шаби туршрӯйи боронӣ”, “Ҷомаи гадоӣ”, “Куҷоӣ, модари пирам?”, “Ҷавҳари ҳастӣ”, “Модари бечора”, “Суруди Модар”, “Чордард”, “То ту будӣ, модарам”, “Дар сари гӯр”, “Ҳаққи модарӣ”, “Қасидаи Модар” ва дигар рубоиву дубайтиҳои ӯ шарафёб карда буд, ҷозибияти ин мавзуъро дар миёни ҳам ҳаводорони калом ва ҳам шоирон бо таваҷҷуҳи бештар бар таъсирпазирӣ, бахусус, аз байтҳои зерин:

Сад ҷону дил фидои як муддаои Модар,
Фатҳу кушоиш орад дасти дуои Модар...

ва ё ин, ки:

Ба қади модари пирам, ки заминбӯс шуда,
Мениҳад по ба лаби гӯр, дилам месӯзад...

-ба далолат афзуд, ки аз зеботарин тасвири ғамномабор ва беш аз гуфтаҳои дигар шоирон дар васфи модар дилсӯзонатар буданд, ҳарчанд дилсӯзии модар аз ин ҳама даъвиҳо ба самимият болотар меистод.

Мавриди дигар арзи ростӣ ба шумор меравад ва бояд зикр кард, ки нахустшоири водоркунандаи Сироҷӣ ба ин мавзуъ дар асл устод Аминҷон Шукӯҳӣ ба шумор меравад ва, албатта, дар зимн маълум аст, ки ӯ дар оғоз бештар ба ашъори барои “Модар” бахшидаи ин шоири номвар бо арҷгузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Нурмуҳаммад Сироҷӣ, чунон ки аз хотираҳои ӯ бармеояд, ҳатто оғози фаъолиятҳои илмӣ, яъне рисолаҳои омӯзишии даврони донишҷӯии хешро дар донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб, ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ҳоло Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб), бо баррасии шеърҳои ба унвони “Модар” сурудаи ин шоири тавонманд оғоз бахшидааст, ки дар он айём шеъри “Салом Модар”-и ӯ:

Бо номи ту ин калом, Модар!
Бо шири ту эҳтиром, Модар!
Ҳар соату субҳу шом, Модар,
Аз ҷону дилам, салом Модар!..

-вирди забони хосу ом гашта буд ва ин калом дар ҳиссиёти шоирони ҷавон, бахусус, Сироҷӣ низ муассир буд.

Аммо, ҳоло муҳиммияти баррасии шеъри худи Сироҷӣ дар миён аст, ки бо дарназардошти эҷодиёташ дар ин мавзуъ, метавон гуфт, ки ӯ ҳамчун шоири нармнавову баландэъҷоз ва дорои салиқаву маҳорати навоварӣ, бо сабки латифу ҳарфу ҳиҷои хеш, дар пайгирӣ ба шоирони номвари дар фавқ зикршуда вориди адабиёти тоҷик гардида, дар миёни дигар адибони ҳамзамонаш, яъне шоирони вассофи ин мавзуъ, мавқеи хосеро соҳиб шуда, дар дили ҳаводорони каломаш бо самимияту муҳаббати саршор маъво гирифтааст. Мо айни ин тавсифоти хешро дар ашъори дар оғози роҳи шоирӣ иншонамудаи ӯ ба мавқеъ дучор омадем ва хостаи матлабро ба шоистагӣ дар шеъри ба унвони “Модарам” иншонамудаи шоир дар ин ҷо мисол мегирем, ки ба як навъ ҳарорати самимона ва оҳанги муҷаз ва ҷамъбандии дилнишини ҳар байти он, ки ҳамноми унвони шеъри мазкур мебошад, сурудааст:

Махзани воломақоми сарбаландӣ,
Нусхаи олии мушкилнописандӣ,
Модарам!
Ҳар дуоят аз бароям судманд аст,
Зиндагият баҳри ман панд асту панд аст,
Модарам!
Чашмаи меҳру сахову дӯстдорӣ,
Шеърҳоямро чу ман ту дӯст дорӣ,
Модарам!

Раҳнамову ҳолдону ғамгусорам,
Ганҷи беҳтар аз ту дар дунё надорам,
Модарам!
Чашми ман, гарчи надида рӯйи Каъба,
Ҷонамози ту биёрад бӯйи Каъба,
Модарам!
Чун ту дорӣ покиеро, чун фаришта,
Дар ту дидам хокиеро, чун фаришта,
Модарам![4, с. 27]

Сироҷӣ дар шакл додани жанрҳои суннатии шеър, аз ҷумла, дар ғазалу рубоӣ, дубайтию нимоӣ, чаҳорпораву байту қасида ва мухаммасу мусаддасу мусаллас ва дигар анвои шеърӣ завқи табъозмо, сухани расо ва дилнишин дорад. Бахусус, дар офаридани тасвири симои “Модар” дар шеър, чунон ки дар ашъори ҷудогонаи ӯ маълум мегардад, аз коргирӣ бар мазмуни баланд ва фикри равону мавзуну салис, бо диди нави шоирона ва тарҳ кардани назари офарандаи образу андешаи навпардозона иқдом намудааст.

Дар асл, бо дарназардошти маҳорати баланди шоирӣ, аз ӯ метавон ба сифати вассофи ишқу муҳаббату самимияти инсонӣ ном бурд, зеро шеъри ӯ саршор аз бӯйи меҳру садоқат ба Ватан, Модар буда, чунон ки дар ҳама падидаҳои эҷодиаш пайдо мегардад, бо риояи корбурди санъатҳои бадеӣ, истифода аз қофияву радифи барҷо ва мусиқии диққатҷалбкунанда, инчунин офаридани образҳо, тасвирҳои рангину дилрабо ва ҷиддияти мавзунӣ ба дилҳо роҳ ёфта, ҳаводорони каломашро аз чашмаи шеъри нафису нобу гуворо шодоб кардааст. Барои далел аст, ки дар як пора аз ғазали “Дар ҷустуҷӯи модарам” иншонамудаи ин шоир ба шаҳодат мехонем:

Домани шаб медарам дар ҷустуҷӯи модарам,
Ёдам ояд руҳпарвар гуфтугӯи модарам.
Чеҳраи хуршед чун бар ман табассум мекунад,
Ҷилва созад пеши чашмам шамси рӯйи модарам.
Панҷаҳои ширдӯшаш субҳро додӣ сафо,
Атри шир орад шамими мушкбӯйи модарам.
Ҳусни рӯву навҷавониро ба мо инъом кард,
Зоғи пирӣ то ҷадал бинмуд сӯи модарам...[5, с. 85]

Баландии парвози хаёли ин шоир дар сурудани тамоми навъҳои шеърии тараннумнамудааш бо лаҳни шевову диққатрабоӣ ҷилвагар мешаванд, вале мавзуи манзараи интихобкардаи шоир, ки дар васфи Модар аз назари шоиронаи ӯ ба шеър мубаддал мегардад, ҳавову нафаси тоза дошта, аз хаёли рангину ҳунари волои ӯ гувоҳ медиҳанд. Ба ин далел аст, ки шоир аз нахустин иқдомоти шоириаш ба ҳама навъҳои шеър аҳаммияти махсус медиҳад ва, дар маҷмуъ, бо нишон дода тавонистани хусусиятҳои баланди шоирӣ ва офаридани образҳои нав, инчунин, муносибат бо маҳорати эҷодии хеш дар миёни ҳамқаламон ва адибони насли худ дар адабиёти тоҷик аз муваффақиятҳо ва дастовардҳои бештар бархурдор шудааст.

Тараннуми васфи Модар дар эҷодиёти Нурмуҳаммад Сироҷӣ мавзуи хос аст, ки таҷассумгари эҳсосоти пуробуранги дунёи ботинӣ ва орзуҳои бепоёни ӯ дар дунёи шоирӣ ба шумор мераванд. Шоири Халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Ҷоизаи байнипарламонии ИДМ ба номи Чингиз Айтматов, Муҳаммад Ғоиб дар пешсухани маҷмуаи дастҷамъонаи шоирон, ки бо номи “Суханреза”, (ҳамноми маҳфили адабии адибони ноҳияи Москва (ҳозира Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ), ки сарпарастии онро шоир Нурмуҳаммад Сироҷӣ ба уҳда дошт), менависад, ки: “бо нияти неку

андешаи фардо, бо забони қалам муҳаббати хешро ба халқу Меҳан иброз карда..., ба қадри тавон шеърҳои равон гуфтаанд”[6, с. 3].

Дар робита ба мавзуъ ҳама шеърҳои сурудаи шоир дилнишинанд, аммо “Ҷон Модарам” намунае аз ин ашъор аст, ки Нурмуҳаммад Сироҷӣ дар тавсифи модар бо тамомияти ҳиссиёти самимона ва муҳаббати саршори ормонҳои фарзандӣ сурудааст:

Кошонаам пурнур шуд, аз мақдамат, эй Модарам!
Аз синаам ғам дур шуд, аз мақдамат, эй Модарам!
Болои миҷгон ҷои ту в-он гарди хоки пои ту,
Мурғи дилам масрур шуд, аз мақдамат, эй Модарам!
Шодӣ ба ҷон омехта, аз деви ғам бигрехта,
Қалбам диёри сур шуд, аз мақдамат, эй Модарам!
Тифлони ман хандон шуда, дар доманат афшон шуда,
Оҳанги шодӣ ҷӯр шуд, аз мақдамат, эй Модарам!
Аз ин қудуми босафо, файзу сахо резад ба мо,
Килки сухан пурзӯр шуд, аз мақдамат, эй Модарам![6, с. 15].

Ӯ дар кори тасвир, дар мутобиқат ба мавзуи интихобнамудаи хеш бештар таваҷҷуҳ мекунад, чунон ки дар робита ба масъалаҳои зебоишиносӣ, кор бурдани тасвир дар лирикаи ишқӣ ва иҷтимоӣ ва, беш аз ин, дар тасвири симои Модар, бо самимияти беандоза бар ин номи муқаддас кор мегирад.

Намову симои Модар барои Нурмуҳаммад Сироҷӣ манбаи илҳом аст ва ҳам агар дар тавсиф ва ё таранну му ситоиши ин ном ҳарфе дар миён оварда бошад, нишонаи ҳамон садоқату парастиш аст, ки ӯро хушком ва каломашро равону нарму назиф гардондааст. Чунон ки бо таманнои дарёфти ҳама лаҳазоти хуши зиндагӣ ва басомон дидани рӯзгор, модарро аввалу оғоз мебинад ва дар ҳама мушоҳидоташ модар ёдмону бобақову хотираи ҷовид аст. Ин, ки дар порчаҳое аз шеъри “Модарам ояд ба ёдам!” мехонем:

Баҳри пуртуғён бубинам,
Ҳиммати хандон бубинам,
Нусрати чандон бубинам,
Талъати рахшон бубинам,
Модарам ояд ба ёдам!

Файзи дастархон бубинам,
Рӯйи сурхи нон бубинам,
Хандаи чагдон бубинам,
Иззати имон бубинам,
Модарам ояд ба ёдам!..[5, с. 367]

Гармии навозиши Модар, аз дидгоҳи ӯ сарманшаи тамоми латофату назофат, бузургиву маниш ба хотири ситоишу ниёиш дар ороя шеър ва хушиҳои саршоркунандаи қалб аст.

Нурмуҳаммад Сироҷӣ шоирест, ки бо ин ҳама тавсифот, ки дар ҳаққи Модар дорад, қаноат карда наметавонад, чунон ки мехоҳад ин тасвири абадан дар дил нишастаро аз каломи садоқату сухани отифӣ обуранг диҳад, то ҳосили кори эҷодиашро боз ҳам гуворотару рангинтар мусаввар ёбад ва ба ҳар навъ пардозҳои шоирона бузургии модарро волотару дилнишинтар ба қалам меорад.

Ӯ дар ҳоли ба забон овардани ин ном аз хуштолеътарин афроди олам аст, ки “розу ниёз”, “сӯзу соз” ва ба қимати волотарин “ҷиҳоз”, “ҷонамоз”-и “Модар”-ро ба эҳсосоти волотар ба қалами тасвир дармеёбад. Ин тавсиф, ба ҷуз дар ашъори ғазалвораву чаҳорпораҳои маъмули суннатӣ, инчунин, дар рубоиёт ва дубайтиҳои Сироҷӣ низ ба сифату сувари назаррабои хеш ҷилвагар расидаанд. Чунон ки дар рубоии зерин мехонем:

Модар, ба дилам розу ниёзат мондаст,
Сад қисса зи дарду сӯзу созат мондаст.
Қимат зи ҳама ҷиҳоз дар кулбаи ман,
Мероси азиз, ҷонамозат мондаст [5, с. 366].

Ҳаммонанди ин маъонии дилпазирро дар исми сифатсози “дуои модар”, дар дубайтиҳои унвоншуда бо “Гулрези дубайтӣ”-ҳои шоир мисол мегирем:

Бароровар – дуои модари ман,
Баҳоровар – дуои модари ман.
Кушояд ҳар гиреҳи банди умрам,
Баророфар – дуои модари ман [5, с. 83].

Чу минбар ҷонамозат - Модари ман!
Чу кайҳон сӯзу созат - Модари ман!
Зи Ҳақ талбида амни рӯйи дунё,
Фалакгир арзу розат - Модари ман! [5, с. 85]

Бзургони адабиёти тоҷик ин номи пурмаъниву муқаддасро бо эҳтиромі хос ба забон овардаанд ва пеши пои ӯ таъзим кардаанд, то ҳадде, ки Пайғамбари ислом (а) қадамгоҳи модаронро ба “Биҳишт” таносубу ташбеҳ додааст ва ҳам бояд таъкид кард, ки ин мавзуъ аз азал манбаи ситоиши тамоми аҳли маърифати олам ва, дар маҷмуъ, аҳли башарият будааст.

Дар ин радиф Нурмуҳаммад Сироҷӣ образи бемонанд ва бузургиву иффату тақдисӣ будани Модарро аз дидгоҳи худ мебинад ва аз назари тасвиргари хеш ин тасвирро сармояи пардоз дар шеър кардааст.

Модаре, ки Сироҷӣ ба тавсифи он мепардозад, симои барҷастаи модарони тамоми башарият аст. Ӯ тасвири ин симои муқаддасро дар тасаввуру дар хаёли хеш бо самимияти саршори қалб парвариш додааст, чунон ки ҳаводорони каломаш дар ин симову тасвир нахуст ҷалолату ҳишмати нуронии симои модари хешро пеши назар ҷилвагар мебинанд.

Албатта, тасвири симои аслии модари тоҷикро метавонем дар ашъори ҷудогонаи ин шоир, аз ҷумла дар шеърҳои “Модари шабзиндадорам”, “Модарам”, “Модари ман”, “Имдоди ман”, “Ёди Модар”, “Нолаи Модар”, “Ҷон, Модарам”, “Оҳ, Модарам”, “Модарам ояд ба ёдам”, “Дар ҷустуҷӯи Модарам”,”Оча, дина дар лаби чагдони ту...”, силсилаи алоҳидаи “Рубоиҳо дар васфи Модар” ва дигар байту мисраъҳои ҷудогона ба далолат гирем, ки рӯз то рӯз ба сафи ҳаводорони каломи ӯ бо теъдоди бешумор меафзоянд.

Барои мисол як ҷанбаи диққатрабо ва ҷозиберо метавон дар шеъри зерин, ки бо самимияти ёдовар бар ҳолату ҳоли як бачаи деҳотӣ муроҷиат ба “оча” мекунад, барои мисол ба ҳаволати хонанда пеш гузорем, чунон ки мегӯяд:

Оча, дина дар лаби чагдони ту,
Мешикастам пораҳои нони ту.
Ҳамчу нонат, сурхии рӯят фузун,
Бекарон буд олами армони ту...[5, с. 414]

Чунон ки бармеояд, шоир агар бо офаридани тасвири ёдмони даврони бачагии хеш, ҷое “сурхии рӯйи модар”-ро ба “сурхии рӯйи нон” ташбеҳ дода бошад, дар абёти зер ин симои нурониву биҳиштиро ба сарчашмаи илҳому офарандаи шодиву ғами хеш монанд мекунад, ки сармояи афкор ва парафшонии парчами эҷодиёти худро бар асари ҳавои сидқу муҳаббати он дарёфтааст ва ин ҳама далолат бар истеъдоди худодод ва баланди шоирии ӯ доранд. Чунон ки дар ин рубоии саропо тасвирбори шоир ба мушоҳида расидааст:

Модар, чӣ қадар алам зи ашки қаламам,
Болои варақ рехт, нашуд кам аламам.
Охир зи матои сидқу меҳрат ба ҷаҳон,
Болои сарам бишуд парафшон аламам [5, с. 366].

Ба ҳамин монанд, маъниҳои сараву тозаро бо тасвирҳои пуровоза дар ашъори Сироҷӣ ба фаровонӣ дучор меоем. Намунаи чунин ашъорро дар шеъри марсиятмазмуни “Оҳ, Модарам!”, ки бо ҳунари шеърсози ин шоир дар шакли мусаллас ва бо иловаи як байти озоди тақвиятдиҳандаи он иншо шудааст, мавриди таваҷҷуҳи хонанда пеш мегузорем:

Беҳтарин ҳамрозу ҳамдардам ту будӣ,
Шуълаҳо бар синаи сардам ту будӣ,
Сурхии ин гунаи зардам ту будӣ,

Рафтиву дил аз шукуфтан монд яксар,
Оҳ, Модар! Оҳ, Модар!

Рӯйи чашмон дода будам гарчи ҷоят,
Аз дари Яздон биҷӯям ман иноят,
Ҷаннати воло бигардад кош ҷоят,

Рафтиву лабҳо зи гуфтан монд яксар,
Оҳ, Модар! Оҳ, Модар![5, с. 364]

Адабиётшиноси варзида, устод Лоло Давлатбеков паҳлуҳои мухталифи эҷодиёти Сироҷиро таҳлил намуда, аз ҷумла дар робита ба такрори вожа ва нидои “Оҳ!”, ки заминаи ҳиссиву ҳаяҷонӣ дорад, бо таваҷҷуҳ ба корбурди он дар ашъори мағмумона, ҳузнангез ва ҷазбдиҳандаи ӯ қайд кардааст, ки: «Мавзуи ғаму андуҳи одамӣ аз мавзуъҳои деринаи адабиёти халқҳои гуногун ва, хоса адабиёти форсии тоҷикӣ буда, як навъ воситаи ифодаи руҳу равони суханварон аст» [5, с. 12] ва тарзи корбурди санъатҳо аз ҷониби шоир, дар маврид нақши хаёли ӯро дар зимни эҳсосоти ӯ равшан намудааст.

Дар асл чунин аст, ки зимни таҳлил ва таҳқиқи ашъори ба “Модар” бахшидаи Сироҷӣ ба хулоса расидем, ки айни шеърҳо, ки аз ҷиҳати ҷаззобияти мундариҷаи ғоявӣ, муҳтаво ва мазмун, дар баробари шеъри дигар адибони номвари кишварамон қарор доранд, бахусус, дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, аз дастовардҳои фитриву фикрӣ ва маънавияти ифодагари рамзу рози мавзуъ бо бархурдории қавӣ ва муваффақона болои кор омадаанд ва гӯяндаи ашъори мазкурро дар рисолати кор бо далелҳо комёб доштаанд.

Тараннуми образи Модар дар шеъри Сироҷӣ тавсифи симои ибратомӯзест, ки намунаи барҷастаи созандаи зиндагӣ ва тароватбахши рӯзгор, заминаорои ҳалимияту салимият будани ӯро дар тарбияти фарзандон инъикос менамояд.

Ашъори ҷудогона ва, ҳатто ҳар мисраъ ва байти ба Модар бахшидаи ӯ, ки тимсоли некиву покиву вафову сафо, шафқату фидокорӣ мебошад, пажӯҳиши ба тасҳеҳ сареҳ, амиқ ва тозатареро бо муқоиса бар ашъори ҳаммаънои дигар шоирон тақозо мекунад, чунон ки Сироҷӣ бо ҳисси воло ва истеъдоди нодири шоирона нақшу намои зоҳириву ботинии ин олиҳаи ҳусну хулқу маънии рӯзгору зиндагии башариятро дар сувару симои модари тоҷик ба тасвир кашидааст.

Нурмуҳаммад Сироҷӣ аз оғоз то анҷоми афкори хеш дар робита ба мавзуи “Модар” аз назари нозукбин кор гирифта, ба ҳар як мисраъ, байт ва, дар маҷмуъ, ба тамоми ашъори ғиноии хеш, чи аз ҷиҳати бандубаст ва чи аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво муносибати эҷодкорона намуда, бо шарофати вижагиҳои маҳорати баланди шоирӣ ва офаридани образҳои наву равшани шоирона дар ин самт муваффаку комёб гардида, мавзуи интихобнамудаашро бо коркарди ҳунари шоиронааш манзури хонанда гардонидааст.

Муқарриз: Салими Хатлонӣ – д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:
1. Акбаров, Ю.Ҷустуҷӯҳои эҷодию ахлоқӣ / Ю.Акбаров.-Душанбе: Ифон, 1990. -260 с.
2. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ. – Душанбе: Маориф, 1999. - 448 с.
3. Гулназар. Сазоворе чун Лоиқ / Гулназар. – Душанбе, 1993. -104 с.
4. Сироҷӣ, Н. Андешаҳо (маҷмуаи шеърҳо). – Кӯлоб, 1993.
5. Сироҷӣ, Н. Мунтахаби ашъор - Шоҳини маънӣ. – Душанбе: Адиб, 2020.
6. Суханреза (маҷмуаи шеърҳо). – Кӯлоб, 1991.
7. Шакурӣ М. Нигоҳе ба адабиёти асри бистуми тоҷик / М.Шакурӣ. -Душанбе, 2006.-С.412-455 с.
8. Шарифов Х. Шоири бузург / Х.Шарифов: Анъанаҳои адабӣ. - Душанбе: Деваштич, 2007. - 476 с.
9. Шералӣ, Лоиқ. Варақи санг. – Душанбе: Ирфон, 1980. - 272 с.
10. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт, ҷ. 1, (Китоби якум). – Хуҷанд, 2001. -724 с.
11. Шералӣ, Лоиқ. Модарнома. Душанбе: Ирфон, 1974. -160 с.

СИТОИШИ МОДАР ДАР ЭҶОДИЁТИ НУРМУҲАММАД СИРОҶӢ

Мақолаи мазкур назару андешаи Нурмуҳаммад Сироҷиро бо эҳсосоти ботинии ин шоири дақиқбин ва нозукхаёл ба мавзуи самимият ва муҳаббат дар ашъори ба “Модар” бахшидаи ӯ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ашъоре, ки дар ин мақола мураттаб шудаанд, дар тавсифи меҳру муҳаббати ба Модар доштаи шоир болои кор омада, бештар ифшогари рози садоқати фарзандии ӯ ба ин рамзи сарчашмаи зиндагии башарият мебошанд.

Калидвожаҳо: *Модар, худшиносӣ, садоқат, Сироҷӣ, зан, зебоӣ, бачагӣ, нон, танур, тоҷик, якто, ватанпарастӣ, Ватан, ишқ, замин ва ғайра.*

ВОСХВАЛЕНИЕ МАТЕРИ В ТВОРЧЕСТВЕ НУРМУХАММАДА СИРОДЖИ

Данная статья подробно рассматривает мысли и взгляды Нурмухаммада Сироджи и внутренние чувства одарённого поэта на тему верность и любовь в его стихотворении, посвящённом “Матери”, символа источника жизни человечества.

Собранные в этой статье стихи посвященные любви и верности к Матери, опираются на поэтическое чувство творца, а также обобщающие его взгляды на данную тему.

Ключевые слова: *Мать, самопознание, преданность, Сироджи, женшина, красота, детство, хлеб, очаг, таджик, единственная, верность к отчизне, Родина, любовь, земля и другие.*

СИТОИШИ МОДАР ДАР ЭҶОДИЁТИ НУРМУҲАММАД СИРОҶӢ

This article carefully examines the thoughts and views of Nurmuhammad Siroji and the inner feelings of the gifted poet on the topic of fidelity and love in his poem dedicated to “Mother,” a symbol of the source of life for humanity.

The poems collected in this article dedicated to love and loyalty to the Mother are based on the poetic feeling of the creator, as well as generalizing his views on this topic.

Keywords*: Mother, self-knowledge, devotion, Siroji, woman, beauty, childhood, bread, hearth, Tajik, the only one, loyalty to the fatherland, Motherland, love, land.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҷабалӣ Имомиён *- Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, докторант (PhD). Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. тел.: (+992)882005777*

Сведения об авторе: Раджабали Имомиён *- Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, докторант (PhD). Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67. тел.: (+992) 88200577*

Information about the author: Rajabali Imomiyon *- Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, (PhD) doctorate student. Address: 735140, Republic of Tajikistan,Bokhtar city, Aini street, 67, tel .: (+992)88200577*

ТДУ 891.550

ДОИР БА ТАРҶУМАҲОИ «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Раъноі Камолидин

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Нахустин нафаре, ки «Шоҳнома»-ро барои аврупоиён муаррифӣ мекунад, Виллям Ҷонс (асри XVIII) мебошад. Аммо В. Ҷонс ҳаҷми «Шоҳнома»-ро ба назар гирифта, ақида дошт, ки «ин асарро якчанд муаллиф таълиф намудаанд, вале бо муруруи замон номи дигарон, ба ҷуз аз Фирдавсӣ, фаромӯш шудааст» [16]. Доир ба Виллям Ҷонс муҳаққиқи эронинасл Лолоӣ Парвин зикр мекунад: «Номи Фирдавсӣ дар баробари Ҳофиз ва Саъдӣ дар Ғарб аз миёнаҳои асри XVII тавассути нақлҳои сайёҳон маълум аст, аммо достони ӯ «Шоҳнома»-ро бори нахуст ба хонандагони англисӣ сэр Вилям Ҷонс (1746-94) муаррифӣ мекунад. Ӯ дар очеркҳои сершумори худ оид ба ашъори Шарқ Фирдавсиро бо Гомер муқоиса кардааст. Таваҷҷуҳи В. Ҷонс ба «Шоҳнома» ҷалб мешавад ва иддао мекунад, ки маҳз тавассути мутолиаи достони бузурги форсӣ дар бораи оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ фикр кардааст. Ҷонс ба ҷуз аз чанд порчае, ки дар иншоҳои худ ба забонҳои инглисӣ, фаронсавӣ ва лотинӣ тарҷума кардааст, нақшаи намоишномаеро бар асоси достони «Рустам ва Суҳроб» тартиб дода, қасд дошт, ки фоҷиае бар намунаи юнонӣ, вале бо вижагиҳои форсӣ бинависад. Аммо ин тарҳ амалӣ нашуд, ҳарчанд “Эподе”-и кӯтоҳе, ки аз нуздаҳ мисраи “Хор”-и ҳакимони форсӣ ё муғҳо (мубадони зардуштӣ) иборат аст, боқӣ мондааст. Он бори аввал соли 1804 дар замимаи ёддоштҳои ҳаёт, навиштаҷот ва мукотибаи сэр Вилям Ҷонс аз ҷониби Лорд Тейнмут (Ҷон Шор, 1751-1834) нашр шудааст. «Эпод» мисли дигар гунаҳои озоди ашъори порсӣ арӯзӣ ва қофиядор аст, вале бештар ҳассос аст…» [14].

Ҳамчунин, муҳаққиқони машҳур Иоганн Волфганг Гёте (Goethe, JohannWolfgangvon) (1749-1832), Йозеф фон Ҳаммер-Пургштал (JosephvonHammer-Purgstall) (1774-1856), Теодор Нёлдеке (Theodor Noldeke) (1836-1930), Ҷеймс Аткинсон (James Atkinson) (1780-1852) (тарҷумаи достони «Рустам ва Суҳроб»-ро соли 1829 анҷом додааст), Эдвард Гренвил Браун (Edward Granvile Browne) (1862-1926), Жюлфон Мол (Juliusvon Mohl) (1800-1876) (тарҷумаи «Шоҳнома»-ро ба забони фаронсавӣ анҷом додааст) низ тавонистаанд, ки Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯро ба аврупоиёнро муаррифӣ кунанд.

Гёте дар «Девони Ғарбиву Шарқӣ» аз Фирдавсӣ низ ёдовар шуда, бо тааҷҷуб қайд мекунад, ки: «деҳқон» чӣ гуна тавонистааст ба чунин қуллаҳои камолот ва маҳорат расад ва чунин китобе таълиф кунад, мисли «Шоҳнома», ки шуҳрати он дар тамоми сайёра паҳн шудааст» [10, с. 444].

Агар Виллям Ҷонс нахустин шуда, «Шоҳнома»-ро барои Аврупо муаррифӣ намуд, вале нахустин тарҷумаи мухтасари достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба қалами Ҷосеф Чемпион (тахминан 1750-1813) тааллуқ дорад. Аз ҷониби ӯ соли 1785 ҷилди якуми тарҷумаи мукаммали «Шоҳнома» дар Калкутта нашр мешавад. Ҷосеф Чемпион ба Виллям Ҷонс садоқати самимӣ дошт, бинобар ин, тарҷумаи китобро ба номи ӯ мебахшад. Мусаллам аст, ки дар «Шоҳнома» ҳар як байт аз ду мисраи қофиядор иборат аст, аммо дар тараҷумаи Ҷосеф Чемпион ин қоида риоя нашуда, он асосан ба тариқи насрӣ, ки дар замони ӯ ҳамин шакл қобили қабул буд, тарҷума шудааст. Ҷосеф Чемпион кӯшиш кардааст, ки онро ба оҳанги эпосҳои Гомер наздик кунад, дар ин ҳолат дар тарҷума мутантании «Шоҳнома» аз даст рафтааст. Тарҷумаи «Шоҳнома»-ро Ҷ.Чемпион аз подшоҳии Каюмарс оғоз кардааст ва қисмати муқаддимавии онро, ки аз гуфторҳо ва андар ситоиши баъзе шоҳон иборат мебошад, сарфи назар намудааст. Ҳарчанд сифатан тарҷума он қадар хуб набаромадаст, аммо мутарҷим Ҷозеф Чемпион тавонистааст, ки «дарки амиқи суннати адабию таърихии форсиро нишон диҳад» [14].

Ҷеймс Аткинсон (1780-1852) мутарҷими дигаре мебошад, ки тарҷумаи достонҳои «Шоҳнома»-ро анҷом додааст. Ӯ нахустин шуда яке аз достонҳои ҳаяҷонбахшу ҳузнангези

«Шоҳнома» – достони «Рустаму Суҳроб»-ро тарҷума мекунад ва он соли 1814 нашр мешавад. Доир ба тарҷумаи мазкур Лолоӣ Парвин таъкид мекунад, ки «тарҷумаи Аткинсон аз «манзараи ҷангалҳои скифӣ» оғоз ёфта, онро ба шикори танҳоии Рустам овардааст. Забони ӯ ба диксияи Поп наздиктар аст, на ба Ҷ. Чемпион; хеле хуб хонданбоб буда, фасоҳат дорад. Сода будани тарзи хонишаш онро ба хониши аслӣ наздик мекунад. Муваффақияти Суҳроби ӯ Аткинсонро водор сохт, ки нусхаи ихтисоршудаи тамоми асарро таҳия кунад» [14].

Шояд таъсири бо фоҷиа анҷом ёфтани достони «Рустаму Суҳроб» бошад ё тасвири манзараҳои зебо дили Ҷеймс Аткинсон ба ваҷд овардааст, ки баъдан мухтасаран дигар қисматҳои «Шоҳнома»-ро низ тарҷума намуда, он аввалин китобе мешавад, ки соли 1832 аз ҷониби Хазинаи тарҷумаи шарқии Британияи Кабир ва Ирландия дар Лондон, ки соли 1829 таъсис ёфтааст, нашр мешавад. Дар ин қисмати тарҷумаи «Шоҳнома» Ҷеймс Аткинсон аз подшоҳии Каюмарс оғоз намуда он то ба марги Искандар ба охир мерасад. Худи Аткинсон дар мавриди «Шоҳнома» қайд мекунад: «Дар боқимондаи «Шоҳнома» чизе аз нигоҳи шоирона ва таърихӣ боиси тааҷҷуб нест ва воқеан ҳам ҷуз як номгӯи подшоҳоне, ки аз замони Сикандар дар Форс ҳукмронӣ мекарданд, чизе бештар пешкаш мекунад, ки дар қатори дигарон номҳои Ардшер, Шоҳпур, Баҳроми Гӯр, Нӯшервон ва Хусрави Парвизро дар бар мегирад» [10, с. 338].

Аткинсон ба ин васила баъзе порчаҳои муҳимми «Шоҳнома»-ро ихтисор карда, ҳамчун замима тарҷумаи қисмати муқаддимавии «Шоҳнома» ва ҳаҷв дар ҳаққи Султон Маҳмудро ба он илова мекунад. Тарзи тарҷумаи Аткинсон низ омехта буда, гоҳе тариқи назм ва гоҳ дар шакли наср онро тарҷума намудааст. Махсус бояд зикр кард, ки тарҷумаҳои насрии Аткинсон беҳтар ва фаҳмотар омадаанд, вале тарҷумаҳои назмии ӯ баъзан бе вазну қофия ва хеле нофаҳмоянд.

Баъдан соли 1815, як сол пас аз нашри тарҷумаи достони «Рустам ва Суҳроб»-и Аткинсон мутарҷими дигари аврупоӣ Стивен Уэстон (1747 – 1830), ки шарқшиноси маъруф буд, интихобан порчаҳоро аз «Шоҳнома» ба забони англисӣ тарҷума намуда, онро дар шакли алоҳида дар Лондон чоп мекунад. Минбаъд ин қисмати тарҷумаи «Шоҳнома» ҳамчун китоби дарсӣ хеле муваффақ мешавад. Мувофиқи иттилои Лолоӣ Парвин тарҷумаи «Шоҳнома» аз ҷониби Стивен Уэстон бо «Хронологияи сулолаҳои форсӣ» (саҳ. 3-4) кушода мешавад ва пас аз он «Қисмати муқаддимавӣ» (саҳ. 5-10 ва 14-29), ки «Муколамаи Фирдавӣ дар бораи Маҳмуд»-ро низ дар бар мегирад (саҳ. 11) ва баъдан ҳаҷви Султон Маҳмуд (саҳ. 12-13) низ ҷой дода мешавад; сипас аз «подшоҳии Каюмарс» оғоз намуда, он бо «маросими дафни Феридун» (саҳ. 30-32) ба охир мерасад. Ҳамчунин, достони ишқии «Рӯдоба ва Зол» ва достони фоҷиавии «Рустам ва Суҳроб»-ро Стивен Уэстон интихоб намуда, тарҷума мекунад. Стивен Уэстон «Шоҳнома»-ро асосан ба назм тарҷума намудааст, аммо ӯ тариқи наср маълумот доданро афзалтар мешуморид. Аз ин рӯ, бахшҳои шавқовар ва хулосаи достонҳоро ба наср овардааст. Л. Парвин дар ин хусус қайд мекунад, ки «Насри ӯ сода аст, аммо байти ӯ мисли назми Аткинсон моҳир нест. Уэстон дар тавсифи худ ва махсусан дар ҳиссиёти ошиқона ва авҷи ҳисси фоҷиавии худ конвенсияҳои жанри эпикии форсиро бо дарки амиқ нишон медиҳад» [14].

Соли 1829 дар Калкатта тарҷумаи достони «Рустам ва Суҳроб» аз ҷониби Вилям Туллоҳ Робертсон анҷом меёбад. Тарҷумаи В. Т. Робертсон шояд беадолатонатарин тарҷума достонҳои «Шоҳнома» бошад. Ин тарҷума дар пайравӣ аз Ҷонсон анҷом ёфта, драмаи фоҷиавиро нишон медиҳад. Робертсон тарҷумаи «Шаҳнома»-и худро дар ҳафт канто (мисраъ) пешкаш мекунад, ки истилоҳҳои он ба «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте ишора мекунанд. Ҳар як канто бо иқтибосҳо аз асарҳои Шекспир, Поп, Байрон ва дигарон оғоз мешавад. Аз иқтибосҳое, ки Робертсон овардааст, маълум мегардад, ки мутарҷим жанри эпосро бо жанрҳои лирикӣ махлут кардааст. Ҳамчунин, китобро тасвирҳои гуногун оро медиҳанд, ки он тасвирҳо таклид ба наққошиҳои минётураи форсӣ мебошанд.

Мутарҷими дигари «Шоҳнома» Сэмюэл Робинсон (1794–1884) мебошад. Ин мутарҷим достони «Рудоба ва Зол»-ро дар шакли насри оҳангдор (чун санъати саҷъ) тарҷума намудааст. Зикр бояд кард, ки Робинсон на ҳамчун мутахассис, балки чун як ҳаваскор аз сабаби маҳбубият доштанаш ба «Шоҳнома» ба тарҷумаи он даст задааст.

Дар соли 1907 адвокат Вильям Стиганд (1825-1915) ва тарҷумони касбӣ Александр Роҷерс (1825-1911) дар алоҳидагӣ «Шоҳнома»-ро тарҷума намуда, нашр мекунанд. Тарҷумаи В. Стиганд бо муқаддима дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ оғоз мешавад ва дар пайванди он достони "Рустам ва Суҳроб"-ро дар шакли насри тарҷума мекунад. Аз сабаби истифодаи калимаҳои архаистӣ дар тарҷумаи достони «Рустам ва Суҳроб», инчунин як порчаи шеъриро дар беш аз 14 сатр ҷойгир кунонидани мутарҷим бисёр дилгиркунанда ва хастапазир омадааст.

Александр Роҷерс бошад, баръакс тамоми «Шоҳнома»-ро тарҷума мекунад. Мутарҷим 200 саҳифаи аввалро бо назм менависад, аммо баробари пешравии кор наср мавқеи худро мегирад ва 60 саҳифаи охираш бо наср навишта мешавад. Дар ҳоле ки қисматҳои наср асосан ихтисор шудаанд, бандҳои доир ба қаҳрамониҳо бахшидашуда бо вожаҳои куҳнашуда ифода ёфтаанд, ки хеле нохоно ва нофаҳмо нисбат ба тарҷумаи Аткинсон мебошанд.

Аввалин тарҷумаи воқеан мукаммали «Шоҳнома»-ро ба забони англисӣ бародарон Артур Ҷорҷ ва Эдмонд Уорнер омода кардаанд. Артур Ҷорҷ Уорнер, ки дар аввали солҳои 1860-ум дар Оксфорд забонҳои шарқ, аз ҷумла забони форсиро аз худ мекунад, даст ба тарҷумаи «Шоҳнома» мезанад. Вале дар моҳи апрели соли 1903 Артур Ҷорҷ Уорнер ногаҳон аз олам даргузашт (Ворнер ва Уорнер, I, саҳ. vii). Баъдан, кори ӯро бародараш Эдмонд Уорнер давом дода сарсухан ва шарҳу эзоҳҳои «Шоҳнома»-ро менависад ва дар байни солҳои 1905 ва 1925 тарҷумаи пурраи асарҳоро дар нуҳ ҷилд нашр мекунад. Дар «Муқаддима» ба ҷилди аввал Эдмонд Уорнер менависад: «Гунаи тарҷумаи мо арӯзӣ аст, қисман қофиядор ва қисман беқофия. Қисмати қофиядор аз муқаддима, узрхоҳӣ, гуфтаҳои хирадмандон, таронаҳо, байтҳои хотимавӣ, порчаҳое иборат аст, ки дар он шоир ба шахсияти худаш сухан меронад ва чанде дигар, ки гӯё ба ин гуна коркард муносиб буданд. Инҳо як қисми хеле хурди маҷмуаро ташкил медиҳанд ва ба таври умум ба хатти аслӣ мувофиқат мекунанд, гарчанде ки дубайтиҳо ё нимбайтиҳо метавонанд барои беҳбудии намоиш баъзан баръакс ифода ёбанд. Вазнро гоҳ-гоҳ ба хотири гуногун будан, қисман ба хусусияти порчаҳои гуногун мувофиқ кардан ва қисман барои тароват ва фароғати худамон иваз кардем. ... Қисмати беқофия, ки умдаи тарҷумаро ташкил медиҳад ва даъвои байти сафедро надоранд, бештар аз қофиябандӣ аст, ҳарчанд таносуби инглисӣ ба форсӣ пайваста мутафовит аст» [15, с. 78].

Аммо ба андешаи Лолоӣ Парвин «бо вуҷуди ин хоксорӣ байти сафеди онҳо хубу равон, ҳатто агар истифодаи интенсивии қироати эдвардӣ метавонад баъзан ба хонандаи муосир халал мерасонад. Қисмҳои қофияшуда ба асл наздиканд. Бародарон аз забони аслии форсӣ кор мекарданд, дар ҳоле ки ҳам аз Le livre des rois (тарҷумаи франсавии Jules Mohl, 7 ҷ., Париж, 1838-78) ва Il libro dei rei (тарҷумаи итолиёвии Italo Pizzi, 8 ҷ., Турин, 1886-88) хуб истифода мекарданд..» [14].

Гунаҳои илмии Жуле Мол ва Итало Пиззи ба бародарон Артур ва Эдмонд Уорнер фаҳмиши васеи аслро фароҳам овард ва ба ин васила ба онҳо кумак мекунад, ки аз хатогиҳое, ки баъзе тарҷумонҳо содир кардаанд, канорагирӣ кунанд. Муқаддима ва қайдҳое, ки дар тарҷумаи китоб оварда шудаанд, пурмазмун ва оқилона буда, бар хилофи баъзе тарҷумонҳои қаблӣ, бародарон аз ошноӣ бо ҳама маводҳои истифодашуда зикр намудаанд.

Тарҷумони дигари «Шоҳнома» шоири англис Базил Бантинг (1900-1985) буда, ӯ мутарҷими дараҷаи баланди адабиёти форсӣ маҳсуб меёбад. Тарҷумаҳои достонҳои «Шоҳнома», ки аз ҷониби ӯ анҷом ёфтаанд, хеле бофасоҳат ва озод буда, дар шаклҳои гуногуни шеърӣ тарҷума шудаанд. Ӯ хусусан дар тарҷумаи «Фаридун ва фарзандони ӯ» [11,

с. 207-208], ки бори аввал аз ҷониби Т.С.Элиот соли 1936 нашр шудааст, хеле хуб муваффақ шудааст.

Рубен Леви (1891-1966) – тарҷумони англисзабони «Шоҳнома» мебошад, ки тавонистааст онро хеле сода ва дастрас тарҷума кунад. Рубен Леви «Шоҳнома»-ро ба наср ва танҳо ҷо-ҷо ба назм тарҷума кардааст. Р. Леви ҳарчанд тамоми асарро аз назар гузаронидааст, аммо баъзе воқеаҳои асосиро дар тарҷума сарфи назар кардааст, ҳамзамон тарҷума аз ғалатҳо низ холӣ нест. Тарҷумаи ӯ соли 1967 пас аз маргаш чоп мешавад.

Дар Иттиҳоди Шуравӣ шарқшиносон ба «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ таваҷҷуҳи хоса медиҳанд ва солҳои 1960-1971 ин асари ҷаҳоншумул дар асоси нусхаҳои қадимӣ таҳти таҳрири донишманди рустабор Е.Е. Бертелс (баъд аз вафоташ зери таҳрири А.Нӯшин) дар 9 ҷилд ба табъ мерасад. Дар ин бора Е.Е. Бертелс ёдовар мешавад: «Айни замон матни қадимии «Шоҳнома»-ро ба таваҷҷуҳи хонандагон мерасонем. Ин марҳилаи аввали пажӯҳиш дар матни ин шоҳасар ва бахше аз пажӯҳишҳои минбаъдаи он аст. Дар ин ҷо бояд иқрор шуд, ки дар ин матн, албатта, иштибоҳот ва корҳои нотамом хеле зиёд аст, вале мо аз ин санҷиш худдорӣ кардем, то ин матнро “беҳтар” такмил намоем ва онро “дастрас барои мутолиа” кунем, зеро ин равиш метавонист ба мақсади гузоштаамон, ки мунтазам омӯхтани матн зарар расонад. Ҳамчунин, метавонист ба усули асосии мо – тасдиқи нусха ва ҷамъбасти қадимаи матн халал расонад» [2].

Маҳз ҳамин нусхаи интиқодии «Шоҳнома» ва, ҳамчунин, нусхаи тайёрнамудаи Ҷалол Холиқӣ-Мутлақ (11 т., Нью-Йорк, 1987–2009) дар солҳои 80-уми асри ХХ барои мутарҷимони англисзабон ҳамчун маводи асосӣ хизмат мекунад.

Аз ҷумла, дар соли 1987 Ҷероме Клинтон (1937-2003) достони «Рустам ва Суҳроб»-ро дар шакли шеъри сафед тарҷума намуда, мунташир мекунад. Баъдан, ҳамин тарҷумаро соли 1996 бо назардошти ислоҳи ғалатҳои нашри аввал Ҷ. Клинтон маротибаи дуюм чоп мекунад. Дар нашри дуюм тарҷума хеле суфта буда, мутарҷим дар он эзоҳҳои муфиде ворид мекунад. Соли 1999 мутарҷим достони «Рустам ва Исфандиёр»-ро тарҷумае мекунад, ки он низ дар шакли шеъри озод тарҷума шуда сифатан хеле суфта ва равон мебошад. Дар он тасвири табиат низ равшану шево тарҷума шуда, аз лиҳози шеърият хеле таъсирбахш мебошад.

Ниҳоятан, беҳтарин тарҷумаи «Шоҳнома», ки дар забони англисӣ амалӣ шудааст, ин тарҷумаҳои шоир ва мутарҷими англисзабон – донандаи хуби «Шоҳнома» Дик Дэвис мебошад. Ӯ соли 1992 «Достони Сиёвуш»-ро, ки яке аз достонҳои беҳтраини «Шоҳнома» маҳсуб меёбад, бо маҳорату салиқаи хеле баланд дар шакли шеъри сафед тарҷума мекунад. Ин тарҷумаи ӯ беҳтарин тарҷума дар миёни ҳамаи тарҷумаҳои «Шоҳнома» шинохта мешавад. Сабаби дар шакли шеъри сафед тарҷума шудани достони мазкурро мутарҷим чунин шарҳ додааст: «Кӯшишҳо барои ноил шудан ба дараҷаи баланди эпикӣ одатан дар байти сафед сурат мегирад ва шояд дар хотир доштан лозим аст, ки байти сафед аз ҷониби Суррей махсусан бо мақсади тарҷумаи эпикӣ ба англисӣ ихтироъ шудааст» [12, с. 26]. Дар ин росто Лолоӣ Парвин низ ба тарҷумаи Дик Дэвис баҳои баланд дода, онро чунин арёбӣ мекунад «Дар тарҷумаи ӯ ҷумла ё ибораи ногувор хеле кам дида мешавад ва муқаддима ва қайдҳои ӯ хусусияти илмӣ ва моҳияти тарбиявӣ доранд» [14, с. 90]

Дик Дэвис асосан достонҳои «Шоҳнома»-ро мукаммал бо интихоби беҳтарин абёт дар шакли насрӣ тарҷума намуда, дар ду нашри гуногун онро чоп мекунад.

Нашри аввали тарҷумаҳои Дик Девис солҳои 1998-2004 чоп шуда, он аз се ҷилд иборат мебошад. Ҳар як ҷилд бо сарсухани алоҳида чоп мешавад. Ҷилди аввал соли 1998 чоп мешавад, ки он аз қисмати муқаддимавии «Шоҳнома» оғоз гардида то чаҳоряки қисмати пурраи асарро ташкил медиҳад. Ҷилди дуюм ба мавзуи муносибати падару писар бахшида шуда, он аз достони Сиёвуш то марги Рустамро дар бар мегирад. Ҷилди сеюм соли 2004 ба табъ расида, он аз замони ҳукмронии Искандари Мақдунӣ то охирин шоҳи сулолаи Сосониёнро дар бар мегирад.

Нашри дуюм, ки соли 2006 ба вуқуъ омадааст, матни пурраи тарҷумаи Дек Дэвисро пешкаш мекунад. Ин нашр аз ҷониби рӯзномаи «Washington Post» ҳамчун яке аз беҳтарин китобҳои соли 2006 интихоб шудааст. Доир ба тарҷумааш Дик Дэвис таъкид мекунад, ки «Ҳадафи ӯ аз тарҷумаи «Шоҳнома» на таҳияи матне барои донишмандон, балки дастрасии он ба доираи васеи ғайримутахассисон буд» [12, с. 34]. Дар тарҷума насри оҳангдор бештар ба назар мерасад, ки оҳанги он хеле замонавӣ садо медиҳад. Чунончи:

These battles that I fought, I fought, alone,
No man has shown the valour I have shown.
But we have talked enough: if you agree,
Take up your wine, and slake your thirst with me.
[12, с. 392]

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ:
Ин набардҳое, ки ман меҷангидам, танҳо будам,
Ҳеҷ кас шуҷоатеро, ки ман нишон додам, нишон надодааст.
Вале мо ба қадри кифоя суҳбат кардем: агар шумо розӣ шавед,
Майи худро бигир ва ташнагии худро бо ман рафъ кун.
[12, с. 392]

Дар қатори мутарҷимони болозикр, инчунин, метавон номҳои тарҷумонҳои порчаҳои алоҳидаи достонҳои «Шоҳнома»-ро зикр кард, ки онҳо ҳамчун донандагони забони форсӣ маҳсуб меёбанд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: Вильям Оусли (1767-1842), Э.Б.Коуэлл (1826-1903), Эдвард Генри Палмер (1840-82), Э.Г.Браун (1862-1926), Ҷеймс Росс (1759-1831) ва дигарон.

Бояд зикр кард, ки тарҷумаҳои англисии достонҳои «Шоҳнома» хеле зиёданд, ки онҳо ҳам дар шакли наср ва назм тарҷума шудаанд. Вале чунон ки маълум аст, дар асрҳои миёна нусхаҳои гуногуни «Шоҳнома» мавҷуд буд, ки баъдан муҳаққиқон нусхаҳои интиқодии «Шоҳнома»-ро коркард намуданд. Аз ин рӯ, тарҷумаҳо низ дар асоси нухсаҳои гуногун рӯйи кор омадааст.

Ба ин гуна нусхаҳои интиқодӣ, пеш аз ҳама, нусхаи ховаршиноси англис М. Люмсден дохил мешавад, ки соли 1808 дар асоси 27 нусха матни "Шоҳнома"-ро барои ислоҳ ва чоп омода кардааст ва ҷилди аввали он соли 1811 дар Калкутта нашр шудааст. Ҳамчунин, соли 1829 Тернер Макан (тарҷумони сарфармондеҳи кушунҳои Англия дар Ҳиндустон) бо дастгирии молиявии Насриддин Ҳайдар – волии шоҳигарии ҳиндии Айодҳия дар асоси 17 нусхаи хаттии «Шоҳнома» достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсиро дар 4 ҷилд дар Калкутта ба табъ мерасонад.

Ҳамин гуна, шарқшиноси фаронсавӣ – донандаи хуби забони форсӣ Жюл Моҳл бо дастури давлати Фаронса матни "Шоҳнома"-ро дар асоси 30 нусхаи хаттӣ ислоҳ намуда, онро солҳои 1838 - 1878 дар ҳашт ҷилд дар Порис ба табъ мерасонад.

Мутарҷими олмонитабор Ҳелен Зиммерн (1846-1934), ки дар Британия умр ба сар бурдааст, ба тарҷумаи Ж. Моҳл такя карда, достонҳои асосии «Шоҳнома»: «Шоҳони каёнӣ», «Фаридун», «Зол ва Рудоба», «Рустам», «Кайковус», «Рустам ва Суҳроб», «Сиёвуш», «Кайхусрав», «Бежан ва Манижа», «Афросиёб», «Исфандиёр», «Марги Рустам»-ро дар шакли наср тарҷума мекунад ва он ҳамчун нашри маҳдуди коллекторӣ дар соли 1882 чоп мешавад. Трачумаи Ҳелен Зиммерн хеле фаҳмо ва хонданбоб буда, он ҳам дар Аврупо ва Амрико чандин маротиба баъдан чоп мешавад [13].

Баъдан, донишманди олмонӣ И. А. Вуллерс дар асоси муқоисаи нашрияҳои Тернер Макан ва Жюл Моҳл нусхаи нави ислоҳшудаи «Шоҳнома»-ро таҳия мекунад ва дар се ҷилд

(ҷилди сеюм пас аз маргаш соли 1884) нашр мешавад, ки ҳамчун нусхаи мукаммал дар байни олимону донишмандон шуҳратёр шуда буд.

Ҳамзамон, зикр бояд кард, ки ба муқаддимаи аввалини нусхаи фолоретинии «Шоҳнома», ки соли 1217 навишта шудааст, мусташриқи итолиёвӣ Анҷело Пейм Нитсше таваҷҷуҳ медиҳад. Олими мазкур ин нусхаро таҳқиқ намуда, онро пешкаши олимони ҷаҳон мекунад.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз тарҷумаи охирини Дик Дэвис, нусхаи бародарон Артур Ҷорҷ Уорнер ва Эдмонд Уорнер то ҳол ягона тарҷумаи пурраи англисии «Шоҳнома» маҳсуб меёбад.

Гузашта аз ин, бояд зикр кард, ки дар соли 2013 тарҷумаи нави достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба забони инглисӣ дар шакли наср аз ҷониби Аҳмад Садрӣ нашр мешавад [1].

Солҳои 1986 то 1988 Баҳман Суҳробҷӣ Суртӣ бо кумаки Марзбон Гиора нахустин тарҷумаи муфассал ва мукаммали “Шоҳнома”-ро аз забони асл дар шакли насрӣ ба забони англисӣ дар ҳафт ҷилд мунташир мекунад.

Дар баробари тарҷумаи достонҳои «Шоҳнома», инчунин тақлидҳо низ мавҷуданд, ки бар поя «Шоҳнома» эҷод шудаанд. Аз ҷумла, соли 1853 Маттю Арнолд (1822—88) шеъреро таҳти унвони «Суҳроб ва Рустам» бидуни нишон додани ягон сарчашма чоп мекунад, ки ба достони «Рустам ва Суҳроб»-и Фирдавсӣ хеле монанд буд. Пас аз чоп ӯро ба асардуздӣ мутаҳам мекунанд ва худи Маттю Арнолд низ иқрор мешавад, ки онро дар асоси асари «Таърихи форс» ва тарҷумаи «Шоҳнома»-и Моҳл эҷод кардааст. Ҳато баъзе аз муҳаққиқон зикр кардаанд, ки равиши шеъри «Суҳроб ва Рустам»-и Арнолд ба достонҳои «Шоҳнома» бештар шабоҳат дорад, аз ин ҷо маълум мегардад, ки ӯ бо тарҷумаи Аткинсон низ ошноӣ доштааст. Арнолд бошад, «Шоҳнома»-ро тақлид ба ҳамосаҳои Ҳомер меномад, дар ҳоле ки ин асарҳо аз якдигар тавофути калон доранд.

Ҳамин гуна, Эдмунд Госсе (1849-1928) низ дар пайравӣ ба тарҷумаи достонҳои «Шоҳнома»-и Ҳелен Зиммерн 54 банд шеъри иборат аз ҳашт мисраъгиро хеле бо ҳассос менависад.

Бояд зикр кард, ки олимони зиёде мавҷуданд, ки онҳо дар пайравӣ ба тарҷумаҳои гуногуни «Шоҳнома» эҷод кардаанд ва ё онро барои доираи маҳдуд, аз ҷумла барои кӯдакон мутобиқ намуда, чоп кардаанд. Ба ин гуна олимон дохил мешаванд: Бапси Дастур Курстежи Паври (1902-1995), китоберо дар бораи «Шоҳнома» нашр мекунад ва дар он аз тарҷумаҳои бародарон Уорнерҳоро илова мекунад; санъатшинос Б.В.Робинсон (1912-2005) низ иқтибосеро доир ба «Шоҳнома» чоп мекунад ва дар он тарҷумаҳои бародарон Уорнерҳо ва минётураҳову дастнависҳои асри 15-ро илова мекунад; Альфред Ҷон Черч (1829-1912), дар соли 1887 маҷмуаи ҳикояҳои “Шоҳнома”-ро дар асоси тарҷумаҳо нашр кардааст; Элла Сайкс (1863-1939 нусхаи китоби кӯдаконаи достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсиро чоп кардааст.

Дар баробари тарҷумаҳои англисии «Шоҳнома», инчунин, тарҷумаҳои «Шоҳнома» ба дигар забонҳо низ нашр мешаванд. Тибқи маълумотҳои илмӣ, аввалин тарҷумаи «Шоҳнома» ба забони арабӣ дар солҳои 1218 – 1227 дар шакли насрӣ ба вуқуъ пайвастааст. Ин тарҷума бо дархости ҳокими Айюбиёни Димишқ Ал-Муаззам Исо аз ҷониби Ал-фатҳ ибни Алӣ ал-Бондарӣ донишманди Исфаҳонӣ сурат гирифтааст.

Дар асри 15 достонҳои «Шоҳнома»-и Фридавсӣ ба забони гурҷӣ, асри 16-17 дар Туркия, асри 19-20 ба забонҳои фаронсавӣ, итолёвӣ, олмонӣ, русӣ, ҳиндӣ, узбекӣ, озарбойҷонӣ, гуҷаротӣ ва ғайра тарҷума ва нашр мешавад. Тарҷумаи гуҷароотии «Шоҳнома» аз ҷониби бародарон Дастур Фарамроз Кутар ва Эрвад Маҳиёр Кутар ҳам дар шакли назм ва ҳам наср дар байни солҳои 1914 ва 1918 дар 10 ҷилд нашр мешавад.

Соли 1885 дар шаҳри Турини Италия «Шоҳнома» дар ҳашт ҷилд аз ҷониби нашриёти Итало Пиззи (Italo Pizzi) таҳти унвони «Il libro dei re» нашр шудааст.

Ҳамчунин, шоири олмонитабор Рюккерт нусхаҳои қаблан нашршудаи «Шоҳнома»-ро бо дастнависҳо муқоиса кард ва тарҷумаи «Шоҳнома»-ро ба забони олмонӣ анҷом медиҳад, ки як ҳодисаи назаррас буд.

Дар Россия аввалин бор достонҳои «Шоҳнома»-ро соли 1849 В. А. Жуковский бар асоси тарҷумаи олмонии Рюккерт ба забони руси чоп кардааст. Баъдан дар Русия дар охири асри 19 аз тарафи шарқшиноси маъруф А.Е.Кримский достонҳои «Шоҳнома» аз забони асл ба украинӣ тарҷума мешаванд. Ҳамчунин, дар ибтидои асри 20 (соли 1905) С. Соколов достонҳои «Шоҳнома»-ро аз забони асл ба забони русӣ дар Москва нашр мекунад.

Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ тарҷумаҳои сершумори М. Лазинский, С. И. Липкин ва В. В. Державин дар Москва ва Душанбе чоп шуданд.

Нашриёти Академияи Фанҳои СССР тарҷумаи мукаммали «Шоҳнома»-ро ба забони русӣ нашр мекунад. Тарҷумаи мазкур аз 6 ҷилд иборат буда, ҷилди аввали онро, ки аз «Оғози Достон то «Фирори Афросиёб»-ро дар бар мегирад, мутарҷимон С.Б.Бону, А. Лоҳутӣ бо тавзеҳоти А.А.Стариков ба нашр тайёр мекунанд ва соли 1957 зери таҳрири Е.Э. Бертелс чоп мешавад. Ҷилди дувуми тарҷумаи русии «Шоҳнома» аз достони «Рустам ва Суҳроб» то достони «Рустам ва Ҳоқони Чин»-ро дар бар мегирад, ки онро С.Б.Бону-Лоҳутӣ тарҷума намуда, ба чоп тайёр мекунад ва соли 1960 бо иловаи тавзеҳоти А.А.Стариков чоп мешавад. Ҷилди сеюми тарҷумаи русии «Шоҳнома» аз достони «Ҷанги Рустам бо ҳоқони Чин» то «Подшоҳии Луҳросп»-ро дар бар мегирад, ки бо қалами С.Б.Бону-Лоҳутӣ тарҷума шуда, соли 1966 бо илова тавзеҳоти А.Озар ва С.Б.Бону-Лоҳутӣ чоп мешавад. Ҷилди чоруми тарҷумаи достони мазкур аз ҷониби С.Б.Бону-Лоҳутӣ анҷом ёфта, он аз достони «Подшоҳии Луҳросп» то достони «Подшоҳии Искандар»-ро фаро мегирад. Ҷилди мазкур соли 1969 бо тавзеҳоти В.Г.Луконин ва таҳрири А.Озар чоп мешавад. Ҷилди панҷуми тарҷумаи русии «Шоҳнома» аз ҷониби С.Б.Бону-Лоҳутӣ ва В.Г.Берзнев анҷом ёфта, он аз достони «Оғози подшоҳии Искандар» то достони «Оғози подшоҳии Яздигурд – писари Баҳроми Гур»-ро дар бар мегирад ва соли 1984 нашр мешавад. Ҷилди охирини тарҷумаи русии «Шоҳнома» - ҷилди 6-ум таҳти унвони «Аз оғози подшоҳии Яздигурд, писари Баҳроми Гур то хатми китоб» низ бо қалами С.Б.Бону-Лоҳутӣ ва В.Г.Берзнев тарҷума шуда, соли 1989 чоп мешавад [3; 4; 5; 6; 7; 8]

Махсус таъкид бояд кард, ки тарҷумаи русии достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки асосан, аз ҷониби С.Б.Бону-Лоҳутӣ тарҷума шудааст, яке аз тарҷумаи мукаммал ва пурра ва, ҳамчунин, беҳтарин тарҷума миёна дигар тарҷумаҳо маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, тарҷумаи «Шоҳнома» ба забонҳои гуногун гувоҳи он аст, ки ин шоҳасари бузург ба дили ҳазорон нафар роҳ ёфта, онҳоро шефтаю мафтуни худ намудааст. Маҳбубият ба «Шоҳнома» анҷом надорад ва он минбаъд низ ба чандин забонҳои дунё такрор ба такрор тарҷума хоҳад шуд.

Муқарриз: Матробиён С. – н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт

1. Лиден, Джеки. "Сердце" иранской идентичности, переосмысленное для нового поколения. NPR. https://translated.turbopages.org /proxy_u/en-ru.ru.15d5ef9b-65115c85-13ff7f7d-74722d776562/https /www.npr.org/2013/08/25/214831942/heart-of-iranian-identity-reimagined-for-a-new-generation (манбаи электронӣ. *муроҷиат* 15.09.2023).
2. Фирдавсӣ, Абулқосим. «Шоҳнома». Бар асоси нусхаи нуҳҷилдаи чопи Москав. Ҷилди 1 ва 2 зери назари Е. Э. Бертелс. Ҷилди 3, 4, 5, 6, 7 ва 9 зери назари А. Нушин. Ҷилди 8 зери назари А. Озар./Абулқосим Фирдавсӣ.- Теҳрон: «Интишороти қақнус», 1380. – 2176 с.
3. Фирдоуси Абулкосим. Шахнаме (перевод. С.Б. Бану, А.Лохути). Том 1. (ответ. редактор. член.-корр. АН СССР Е.Э.Бертелс). / Абулкосим Фирдоуси. – Москва, 1957. – 687 с.
4. Фирдоуси Абулкосим. Шахнаме (перевод. С.Б. Бану-Лохути). Том 2. (ответ. редактор. А.А.Стариков). / Абулкосим Фирдоуси. – Москва, 1960. – 651 с.

5. Фирдоуси Абулкосим. Шахнаме (перевод. С.Б. Бану-Лохути). Том 3. (ответ. редактор. А.Н.Болдырев). / Абулкосим Фирдоуси. – Москва, 1965. – 603 с.
6. Фирдоуси Абулкосим. Шахнаме (перевод. С.Б. Бану-Лохути). Том 4. (ответ. редактор. А.Н.Болдырев). / Абулкосим Фирдоуси. – М., 1969. – 463 с.
7. Фирдоуси Абулкосим. Шахнаме (перевод. С.Б. Бану-Лохути, В.Г.Берзнева). Том 5. (ответ. редактор. А.Н.Болдырев). / Абулкосим Фирдоуси. – Москва, 1984. – 402 с.
8. Фирдоуси Абулкосим. Шахнаме (перевод. С.Б. Бану-Лохути, В.Г.Берзнева). Том 6. (ответ. редактор. А.Н.Болдырев). / Абулкосим Фирдоуси. – Москва, 1989. – 666 с.
9. Фирдуовси. Шах-наме (перевод с фарси). Подготовка текста и примечания Н.Османова. / Фирдуовси. – М. Издательство «Художественная литература», 1972. – 814 с.
10. Atkinson, J. The Shah Nameh of the Persian Poet /James Atkinson//(1892) (by Firdausi (Author), James Atkinson (Editor), John Lubbock (Introduction). – Kessinger Publishing, LLC, 2010. – 444 p.
11. Bunting, Basil. Faridun's Sons. / B. Bunting. – Terrell, Orono, 2000. pp. 207-208.
12. Dick, Davis. Epic and Sedition: The Case of Ferdowsi's Shāhnāmeh, Fayetteville. / Dick, Davis. – Ark., 1992. –213 p.
13. Helen Zimmern. The Epic of Kings: Stories Retold from Firdusi.- Fisher Unwin, «Нью-Йоркская публичная библиотека» 1883. – 339 p.
14. Loloi, P. Šāh-nāma translations iii. Into English" / Parvin Loloi. // Encyclopædia Iranica, online edition, 2014, available at http://www.iranicaonline.org/articles/sah-nama-translations-iii- (манбаи эл. *муроҷиат* 15.09.2023).
15. Warner A. G., Warner E. The Sháhnáma of Firdausí, 9 vols. I, p. 78. / Arthur George Warner and Edmond Warner. – London, 1905-25; http://hdl.handle.net/2027/mdp.39015005265668. (манбаи электронӣ, *муроҷиат* 10.09.2023).
16. Williams Jones, The Poetical Works, ed. Thomas Park, Works of the British Poets 42, 2 vols. in 1. – London, 1808. -253 p.

ДОИР БА ТАРҶУМАҲОИ «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

«Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ яке аз шоҳкориҳои бузурги адабиёти тоҷику форс маҳсуб меёбад, ки арзиши миллию илмиро доро мебошад. Ин шоҳасари оламшумул зиёда аз ҳазор сол мешавад, ки ҳамчун асари қаҳрамонию шуҷоат, далерию мардонагӣ ва, ҳамзамон, ватандӯстиву озодандешӣ дар миёни мардум маҳбубияти хоса касб намудааст. Қаҳрамони Тоҷикистон академик Б.Ғафуров дар қисмати муқаддимаи яке аз тарҷумаҳои «Шоҳнома» ба забони русӣ қайд мекунад: «Дар бораи ин достони бузург бисьёр гуфтан мумкин аст. Ёд дорам, ки дар айёми бачагиам деҳқонони одӣ дар зодгоҳам — деҳае дар Тоҷикистон чӣ тавр бо меҳру муҳаббат ба ровиёни «Шоҳнома» гӯш медоданд. Хониши «Шоҳнома» дар чойхона, дар хонаҳо ва дар ҳар ҷое, ки мардум ҷамъ мешуд ва ё дар куҷое, ки ровӣ буд, сурат мегирифт. Ва ҳоло «Шоҳнома», ё ба истилоҳи маъруф дар миёни мардум «Китоби Рустам» дар байни оммаи васеъ маҳбубияти беандоза дорад. Дар Эрону Афғонистон Фирдавсӣ бузургтарин шоир боқӣ мемонад. Қариб дар ҳар маҳаллаи Эрон нафаронеро пайдо кардан мумкин аст, ки онҳоро «шоҳ-номахон» меноманд, ки ин достонро бо муваффақият қироат мекунанд» [9, с. 17]. Ҳамин маҳбубият ва ихлос ба муҳтавои «Шоҳнома» буд, ки нусхаҳои асли он дили ҳазорон мардуми ғайризабонро низ тасхир намуда буданд ва ҳатто аввалин нухсаҳои парешони «Шоҳнома»-ро дар асрҳои миёна мусташриқони Ғарб, ки меҳр ба забони адабии форсу тоҷик доштанд, ҷамъоварӣ намуда, онҳоро муқоиса намуда, ҳамчун нусхаи интиқодӣ ба нашр расонидаанд.

Калидвожа: *Фирдавсӣ, "Шоҳнома", тарҷума, тарҷумаи англисӣ, тарҷумаи русӣ, достон, мутарҷимон, тарҷумон, Зол, Рудоба, Рустам, Суҳроб, Бежан, Манижа, Ардашер, Шоҳпур, Нӯшервон.*

О ПЕРЕВОДАХ «ШАХНАМЕ» АБУЛКАСИМА ФИРДАВСИ

«Шахнаме» Абулкасима Фирдавси считается одним из величайших шедевров таджикской и персидской литературы, имеющим огромную научную ценность. Этому универсальному шедевру уже более тысячи лет, и как произведение героизма, отваги, мужества, и в тоже время патриотизма, он пользуется особой популярностью среди народов. Герой Таджикистана академик Б. Гафуров во вступительной части одного из переводов “Шахнаме” на русский язык отмечает: “Об этой великой истории можно говорить очень многое. Помню, как в детстве простые земледельцы моего родного города – села в Таджикистане с умилением слушали рассказчиков “Шахнаме”. Чтение “Шахнаме” проходило в чайханах, домах и везде, где собирались люди, где находился рассказчик. И сейчас “Шахнама” или, как ее в народе называют, “книга Рустама” пользуется огромной популярностью среди широкой публики. Фирдоуси остается величайшим поэтом Ирана и Афганистана. Почти в каждом районе Ирана можно встретиь людей, называемых “шах-номахонами”, которые с успехом декламируют эту историю [9, с. 17]. Такова была любовь и преданность содержанию “Шахнаме”, что её оригинальные экземпляры покорили сердца тысяч не владеющих персидским языком, и даже первые разрозненные фрагменты “Шахнамы” были собраны в средние века западными иммигрантами, любившими персидско-таджикский литературный язык, сравнили их и опубликовали как критическую версию.

Ключевые слова: *Фирдоуси, “Шахнаме”, перевод, английский перевод, русский перевод, рассказ, переводчики, переводчик, Зол, Рудоба, Рустам, Сухроб, Бежан, Манижа, Ардашер, Шахпур, Нушервон.*

ABOUT THE TRANSLATIONS ABULQOSIM FIRDAVSI’S “SHAHNAME”

“Shohnoma” by Abulqosim Firdavsi is considered one of the great masterpieces of Tajik-Persian literature, which has an important value. This universal landmark has been around for a thousand years, and as a work of heroism and strength, courage and masculinity, and at the same time, patriotism and freedom, it has gained special popularity among the people. Hero of Tajikistan Academician B.Gafurov notes in the introductory part of one of the translations of “Shohnoma” into Russian: “There is a lot of words about this great story. I remember that in my childhood, ordinary farmers in my hometown in Tajikistan used to listen to “Shohnoma” with love. “Shohnoma” was performed in teahouses, in houses, and in places where people had dinner, and where the narrator was. And now “Shohnoma” and as it is popularly known among the people “Rustam’s book” is very popular among the general public. Firdavsi remains the greatest poet in Iran and Afghanistan. In almost every neiborhood of Iran, you can find people who are called “shoh-nomahon” who recite this with success” *[9, c. 17]*. It was the same love and devotion to the content of “Shohnoma”, which original copies captured the hearts of thousands of people who do not speak Forsi, and even the first scattered fragments of “Shohnoma” were collected in the middle ages by Western settlers who loved the Persian and Tajik literary languages, compared and published them as a critical copy.

Keywords: *Firdavsi, “Shohnoma”, translation, English translation, Russian translation, story, translaters, translater, Zol, Rudoba, Rustam, Sukhrob, Bezhan, Manizha, Ardasher, Shohpur, Nushervon.*

Маълумот дар бораи муаллиф*: Раънои Камолидин – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯй. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Мухаммадиев, 17/6. тел: (+992) 907322231, e-mail: ranoi.kamolidin@mail.ru,*

Сведения об авторе*:Раънои Камолидин – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзода, соискатель. Адрес: 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6, тел: (+992) 907322231, e-mail: ranoi.kamolidin@mail.ru,*

Information about the author*: Ranoi Kamolidin – Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, applicant. Address: 734019, Dushanbe city, 17/6 Muhammadiev street, phone: (+992) 907322231, e-mail: ranoi.kamolidin@mail.ru*

ТДУ 891.550

МАВЗУИ «ВАТАН ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ» ДАР АШЪОРИ ИСКАНДАРИ ХАТЛОНӢ

Шамсов Н. С.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мавзуи «Ватан ва худшиносии миллӣ» дар нимаи дуюми қарни бист бо ҷилои тоза ба тасвир омада, шарҳи мафҳуми Ватан ва изҳори муҳаббат ба он мавқеи баландтареро касб намуд. Афзалияти ин мавзуъ аз он манбаъ сарчашма мегирад, ки ҳар як адиб аз гузаштаи пурғановати кишвар, фарҳангу маданияти қадима ва таърихи бойи миллати худ эҳсосоти баланди ифтихорро соҳиб гашта, ҳисси худшиносии миллӣ ва ифтихори миллиро бештар дар ниҳоди худ касб намудаанд ва дар тавсифи чунин муқаддасот бо муҳаббати бузург сухан меронанд.

Искандари Хатлонӣ аз зумраи он адибони тозаандешу тозақалам ва тозакоре буд, ки бо вуҷуди умри кутоҳе дидан, дар хазинаи пурмуҳтавои адабиёти муосири тоҷик аз хеш ёдгории ҷовидонае боқӣ гузоштааст. Дар тасвири Искандар Ватан он маъвою маъмани муқаддасе мебошад, ки бо хоку санги одӣ, хасу хори назарногир ва шебу фарози кӯҳистонаш барои ватандорон беҳтару хуштар аз фирдавси ҷовидон аст. «Муҳаққиқон муътақиданд, ки як хусусияти фавқулоддаи шеъри тоҷик дар садаи бист фаровонии ашъор дар мавзуи Ватан аст. Ҷои шак нест, ки дар қарнҳои мозӣ низ шуаро манзилу макони худро сутуда буданд, чунонки Ҳофиз Шерозрову Камол Хуҷанду Табрезро. Шуаро аз ватану ғурбат низ зиёд ёд кардаанд, аммо дар шарҳи мафҳуми Ватан дар ягон давру замон шеъри мо ин қадар гироиш ва кӯшиш надошт» [2, 116].

Тараннуми шеъри ватанпарастӣ ва худшиносии миллӣ дар эҷодиёти Искандари Хатлонӣ дар алоқамандӣ ва тавъам бо рушди маҳорати эҷодӣ падид омада, бо самимияту садоқати баланд перомуни зебоии диёр ва муҳаббат ба он аз ҷониби ӯ шеърҳои зиёде сароида шудаанд. Паҳнои дили шоир фароху пурғунҷоиш буда, ватан бо он ҳама бузургию шаҳомат, дарёву кӯҳсор, бешазору саҳроҳо ва марғзорону беканориҳояш, бузургону фидокорони сарбаландаш дар синаи шоир маъво ва макон гирифтаанд:

Ватандорӣ набошад кори осон
Ба фарзандони боному вафодор,
Худоё, бекафан мурдан ғаме нест,
Маро аз беватан мурдан нигаҳ дор!
Дар ин дунёи пуршӯру пуроғоз
Агар оғозу анҷомам Ватан нест,
Дареғи ман, дареғи меҳнати ман,
Агар подошу инъомам Ватан нест! [6 , 27]

Бояд гуфт, ки мавзуи “Ватан ва худшиносии миллӣ” дар ашъори шоирони садаи бисти тоҷик вобаста ба вақту фазо ва шароитҳои иҷтимоӣ хусусиятҳои назаррасро касб кардааст. Дар ҳақиқат, аз ибтидои солҳои навадуми садаи ХХ сар карда, мавзуи Ватан дар эҷодиёти шоирони ҷавони он замон, аз ҷумла Искандари Хатлонӣ, моҳиятан хусусияти миллӣ касб намуд ва ба зодгоҳу диёри мушаххас иртибот пайдо намуд. Дар ашъори шоир тасвири деҳаву манзараҳои он, дашту даман, кӯҳу чашмасор, марғзору лолазор ва чанористони Ватан дар иртибот бо масоили иҷтимоиву таърихӣ ба манзари тасвир кашида шуда, мафҳуми Ватан ва диёру зодгоҳ дар онҳо пора-пора ва ҷузъ-ҷузъ ташреҳ меёбанд:

Барои шеъри Турсунзодаи мо
Тамоми Осиё мисли Ватан шуд
Вале бинвохт ӯро хоки Лучоб
Ва як абри сафед ӯро кафан шуд... [6, 69].

«Бо вуҷуди гуногунии мавзуъ, идроки воқеият ва ҳодисоти зиндагӣ, бо вуҷуди рангинии эҳсоси шоиронаи онҳо, эҷодиёти шоирони ҷавон хусусияти муштараке низ дорад ва ин хусусият ба мо имконият медиҳад, ки онҳоро ба як силсила марбут донем. Онҳо, пеш аз ҳама, кӯшиш доранд, ки ҷаҳони ботинӣ ва руҳии инсонро бо амиқӣ ва пурғунҷоишиаш тасвир карда, ба умқи андеша ва тафаккуроти инсон фурӯ рафта, моҳияти ҷамъиятӣ, саҳму мавқеи ҳамзамони худро дар пешравии ҷамъияти имрӯза нишон диҳанд» (7, 149-150). Ин гуфтаҳои адабиётшинос А. Ҳакимов ба ашъори шоирони ҷавони солҳои 90-и асри гузашта чун Раҳмат Назрӣ, А. Муродӣ, Искандари Хатлонӣ, Фарзона, Озар Салим, Рустами Хомарахш тааллуқ дорад. Искандари Хатлонӣ дар ашъори ватанпарваронаи хеш бо ифтихор аз гузаштаи пуршукуҳ, таъриху фарҳанги беназири халқи тоҷик ва бузургии миллат андешаронӣ намуда, аз худогоҳии миллӣ ва хештаншиносии тоҷикон ҳанӯз дар солҳои ҳаштодуми асри бист садо баланд намудааст:

Дар хуни ман ғурури ниёгон нуҳуфтааст,
Меҳру ситези Рустами Дастон нуҳуфтааст.
Пиндоштӣ, ки решаи пайванди ман гусаст?
Дар синаам ҳазор Хуросон нуҳуфтааст!
Хоки маро ҷазираи хушке гумон мабар,
Дарёи беканору хурӯшон нуҳуфтааст.
Холӣ дили маро ту зи тобу тавон мадон,
Шери жаён миёни найистон нуҳуфтааст! [6 , 70]

Ин таъкид, бемуҳобот, аз қалби шоире фаввора мезанад, ки ӯ таърихи пурғановати гузаштаи Меҳанро амиқу аниқ ва пурмуҳтаво омӯхта, дар мавриди талофию бурдбории миллат, сараввал, бо ифтихор ва, баъдан, бо дарду алам ва парешонии гарон шеър мегӯяд. Дар пораи болои шеър низ ҳамин ифтихору дард ва парешонию сарбаландӣ тавъам бо ҳам иброз гардида, қалби ҷӯшону дарди ҳамешатаккони шоирро бозгӯй мебошанд, ки ин хоси ҳар як нафар шоири ҳақиқатгӯй мебошад.

Дар бобати инсони наҷиб ва дӯсти шафиқу бебаҳо будани Искандари Хатлонӣ ва маҳорати фавқулоддаи шоирии ӯ адиб ва рӯзноманигор Иззатбек Идизода навиштааст, ки “Искандар содаву дилсофу нексиришт буд. Кӯдакона ҳарф мегуфт, кӯдакона табассум мекард, кӯдакона ишқ меварзид, поку беолоиш. Нигоҳаш доим ба нуктае банд буд. Гӯё сӯи манзилҳои дуру афсонавие парвоз мекарда бошад. Шояд аз ҳамин ҷиҳат бошад, ки ӯ маҷмуаи аввалини ашъори худро “Парвоз” ном ниҳода буд. Шеъри наву тоза мегуфт, ашъори шоирони бузурги дунёро тарҷума мекард. Дар шеър на танҳо маънии тоза, балки кӯшидааст, ки калимоту таъбирҳои нав ба навро истифода барад”. Дар таҳвияти гуфтаҳои боло гӯё дар шеъри «Барқи Норак» дар баробари тасвири хусусияти табиати диёр, саҳроҳои пурфайзу серҳосил, рӯдҳои самарабахш, баҳрҳои пурмавҷи гандумзор, боғҳои ғарқи гулу меваҳо ва қолини махмалини сабзазорҳо бо муҳаббату самимияти беандозаи ватандорӣ аз ояндаи накуи равшану пурбарқ ва босафои Меҳан ва соҳиби Шамсу Қамари заминӣ гардидани тоҷикон Искандари Хатлонӣ муждагонӣ медиҳад:

Истгоҳи барқи Норакро бубин,-
Инчунин, муъҷиза дар рӯйи Замин.
Дастҳои дӯст онро сохтанд,
Парчами Тоҷик баланд афрохтанд!
Симҳояш ҳамчу шарёнҳои вақт
Бар тани Фардо муҳаббат мебаранд,
Тоҷикистонро ба роҳи ростӣ,
Аз ҳақиқат то ҳақиқат мебаранд! [6, 25]

Шеърҳои зиёди меҳанпарастонаи адиб саршор аз эҳсосоту андешаҳо ва тафаккуру ақоиди жарфмаънои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ буда, бо вежагиҳои мавзуӣ ва услубии мушаххас фарқ карда меистанд:

Дар суоли беҷавоби асрҳо
Халқи ман ҳам дод посухе дигар:
Дар раҳи ояндагонаш офарид,
Дар замини кӯчаке Шамсу Қамар! [6 , 25]

Мусаллам аст, ки шоир Искандари Хатлонӣ қисмати муайяни ҳаёти кутоҳи хешро бурун аз марзи Тоҷикистон (Россияву Афғонистон ва ғ.) сипарӣ намуд ва ӯ аз дур истода ватанро наздиктару қаринтар ва пурэҳсостар дарку қабул кард ва онро аз дурии дуриҳо зеботару гаронмоятар писандида буд. Ҳамин аст, ки дар ҳар як шеъри ба мавзуи «Ватан ва ифтихори миллӣ» бахшидааш ҷилои тозаву нури навин ва парастиши накуву ҷадидеро дар ашъори ӯ дида метавонем. Бояд икрор шуд, ки дар солҳои ҳаштодуму навадуми садаи бист камтар шоиронеро метавон дарёфт, ки дар адабиёти муосири тоҷик чун Искандари Хатлонӣ дар мавзуи Ватан ва худшиносии миллӣ бо чунин дарду дарк ва самимияти баланду пурэҳсос ин маъниро сароида бошанд! Ин ҳақиқати зеборо, анқариб, тамоми адабиётшиносони тоҷик эътироф намудаанд. Дар баробари ёдкарди гузаштаи бошукуҳи халқи тоҷик, ифтихор аз ниёгони бузург ва ғурури миллӣ дар эҷодиёти шоир тасвири ҷузъи диёр ҳамчун пайванди ногусастании бузургиву паҳнои бекаронаи Ватан ба назари таҳқиқ расида, арзишҳои маънавии миллӣ дар мавқеи баланд гузошта шудаанд. Ҳамин маъниро шоир дар ситоиши пойтахти мамлакатамон - Душанбеи гулпошу гулрез ба таври воқеӣ ситоиш намудааст:

Ту яктоӣ ба мисли халқи тоҷик,
Ту яктоӣ ба мисли Тоҷикистон.
Ту яктоӣ: дигар шояд чу ту шаҳре надорем.
Душанбе-пойтахти шодию ғамҳои ширинам,
Душанбе-маркази ҳарфу ҳиҷои ман, садои ман,
Ту медонӣ, ки ман ҳам бе ту ҳеҷам,
Ту медонӣ, ки ман ҳам бо туам обод дар олам![6 , 25]

Искандари Хатлонӣ махзани пурсарвати сухан, донишманди аълои таърихи меҳану миллат ва тарғибгари таърихи боғановати фарҳанги халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Дар шеърҳои бештаре шоир ба таърихи ин халқи куҳанбунёд рӯ оварда, манзараҳои кору пайкори ниёгони барӯмандро пеши назари хонандаи имрӯз ба ҷилва меорад. Ӯ дар шеъре, ки бо унвони «Бухоро» ба Нависандаи халқии Тоҷикистон устод Ҷалол Икромӣ бахшидааст, ҳаиин гуна ифтихори миллӣ, бедорию сарафрозии миллиро аз таърихи пурғановати ниёгон бозгӯй карда, таъкид месозад, ки ҳарчанд ин шаҳри гаҳвораи тамаддуни дунё аз рӯйи харита бо мо нест, вале решаю бунёди ҳастӣ ва мағз-мағзи тамаддуни ин шаҳри ҳамешагии тоҷикон бо миллати куҳанбунёди мо пайванду тавъам мебошад:

Шаҳре, ки бодарвозааст,
Дар маҳкамӣ овозааст,
Душман намегирад варо,
Нирӯш беандозааст
Шаҳре, ки доно будааст,
Дар пушти Сино будааст,
Зӯру тавоно будааст,
Шаҳре, ки бодарвозааст!
Аммо Бухорои шариф
Бошад, ки бошад ҷовидон,
Сино ба дунё зодааст,
Эй бас чу Сино зодааст!!! [6 , 34-35]

Дар дили Искандари Хатлонӣ ишқу муҳаббати Ватан ҷӯш мезад, ӯ ошиқи ҳусну ҷамоли бебаҳои Тоҷикистон ва зебоиҳои нотакрори табиати он буд. Шоир аз қуллаҳои кӯҳҳои диёраш сарбаландиро омӯхтааст, аз дарёҳои пурҷӯшу хурӯш ва босаҳои он

дарёдилиро азбар намудааст, сабзазори меҳанро бистар, санги кӯҳашро болин шумурда, аз даштҳои чун дастархони тоҷикон босахояш саховатмандию аз рӯсурхиву покдилии мардуми диёраш накукориро ба худ гирифтааст.

Дар ҳақиқат, мавзуи Ватан дар эҷодиёти шоирони тоҷики солҳои 60-80-уми садаи XX басо густариш ёфта, ҷанбаҳои амиқи иҷтимоиву фалсафӣ касб карда буд. Шоирони тоҷик, аз ҷумла насли ҷавони он маъною мафҳуми Ватанро басо фароху амиқ дарк карда, барои онҳо Ватани бузурги мо аз бомгӯшаю остонаи хонаи падар, аз зодгоҳ оғоз меёбад. Умуман, шоирони тоҷик дар масъалаи ватану ватандӯстӣ ва инсониятпарварӣ гоҳо аз ҷузъ ба кулл мераванд ва ҳатто дар чунин ҳолат ҳам шеъри шоир аҳаммияти ҷамъиятӣ касб намудааст ва ин тасвироти нозуку хаёлпарвар моро ба хурдтарин ҷузъиёти Ватандорӣ – ҳавлии падару модар мебарад ва он ҳастии моро, пайдоиши моро, бознигарии моро ва буду боши моро сӯи ояндаи шукуфон ва пурҳавас равона месозад:

Маҳтоб дар лаби бом
Як коса шири гарм аст.
Овози модари ман
Чун бӯйи шир нарм аст...
Хуршеди Ховар ояд,
Як даста кафтар ояд.
Нури ду чашми модар
Искандар аз дар ояд! [6, 7]

Искандари Хатлонӣ дар қатори дигар адибони тоҷик бо таассуроту андешаҳои амиқу дақиқ ва доираи мафҳуму маъниҳои баланду фарох дар шеърҳои ватанпарваронаи худ дар ҳақиқати ҳаётро инъикос намудан ва муассиру ҳаяҷонбахш ифода гардидани онҳо маҳорати махсус зоҳир намудааст.

Профессор Худоӣ Шарифов сабабҳои тамоюли миллатгароӣ касб кардани шеъри тоҷикро дар он замон чунин муайян намудааст: «Мавзуи миллӣ дар охирҳои аҳди шуравӣ дар эҷодиёти адибони ҷавонтар, махсусан шоирон, қувват гирифт ва он ду сабаб ва муттакои сабзиш дошт: якум, эътироз аз маҳдудиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва дуюм, эҳсоси аз байн рафтани суннатҳои миллӣ, бахусус, фарҳангу забон ва урфу одатҳо. Чунин хавф воқеан вуҷуд дошт» [7, 145].

Табиист, ки Искандари Хатлонӣ низ дар солҳои 80-уми асри бист то ба давраи муайяне ба эҷод машғул буда, ҳамин гуна эҳсоси ҳифзи суннатҳои миллӣ ва фарҳангу забон, урфу одатҳои миллиро дар замири хеш аз дилу ҷон мепарварид. Ин мавзуъ тавъам бо ғояи ватандӯстиву меҳанпарварӣ густурдатару жарфтар бо тафсири эҷодии хеш дар хомарониҳои шоир таҷассуми худро ёфтааст. Шеъри «Хуни Сиёвуш» паҳлуҳои алоҳидаи урфу одат, таомул ва маданияти миллии моро басо муассир инъикос намудааст ва дар он шоир бо тасвирҳои нозук, хаёлоти борик ва ташбеҳҳои ҷолиб қудсияту маҳбубияти бедории миллӣ, худшиносии миллӣ ва ифтихори миллиро тараннум сохтааст. Таърихи сарбаландонаю пурифтихор ва талху хунини миллати тоҷик моро бо ҳама пастию баландиҳо ва камию костиҳо то ба ин дам - имрӯзи фарруху фархунда ва соҳибистиқлолию оламшумулӣ оварда расонид:

Куҷо хок аз хуни ман сер шуд?
Кай аз хуни ман сер шамшер шуд?
Ҷигарбанди Эрону Турон манам!
Шаҳиди пурармони майдон манам!
Набудам пайи молу ҷоҳу ҷалол,
Ки бас буд як пора нони ҳалол! [6 , 10]

Чунонки суханшинос М. Аҷамӣ оид ба иртиботи мустақими суханвар ба ҳастӣ ва фалсафаи зиндагӣ қайд мекунад: «Шоир бояст, ки огоҳии фаровоне дошта бошад аз инсон, ҳастии инсон, хилқати инсон ва ҷаҳоне, ки инсонро оғӯш дорад. Шоири оянданигор ва

камоландеш танҳо дар тасвир ва нигориш маҳдуд намемонад, балки руҳи эътиқод ва боварро дар шеър медамонад. Бо дамидани ин руҳ тасвир, нигориш, ифода, зебоӣ, шевоӣ, иртиботи мантиқии калимот дар шеър ҷон мегирад» [1, 136-137]. Искандари Хатлонӣ дар шеърҳои худ ҳамин гуна эътиқоду бовар ва моҳияти кулли ҳақиқатро дар ҳарири тасвири рангу баён ва сидқу сафо иброз дошта, бо тамоми ҷилваҳои зебоии афкор ва вусъати маъно Ватани бузургашро ситоиш менамояд. Огоҳии фаровон аз таърихи тамаддуни мардуми собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва миллати сарбаланди тоҷик ба Искандари Хатлонӣ имкон фароҳам овардааст, ки дар шеърҳои пурмуҳтавои худ аз қаъри таърих нидою овои пурсӯз бароварда, оламиёнро бо сарнавишти сангину гузаштаи пурпечутоби онон ошно месозад. Шеъри «Тахти Ҷамшед» ҳамин маъниро талқин намуда, аҳли миллатро бори дигар аз гузаштаи хунину пурсӯзу гудозаш ёдрас карда, дубора аз хокистари сӯзони таърих ахгар гирифтану аланга ёфтан ва худафрӯзӣ намудани миллати тоҷикро ёдовар мешавад:

Чу фарёди ҷарас ояд ба гӯшам,
Фиғони мурғе аз вайронаи шаб,
Ту гӯӣ дар бағал фармони Доро
Ба Юнон раҳ гирифта марди аҷнаб… [6, 10].

Ватан дар тасаввури Искандари Хатлонӣ мафҳуми васеъро ба бар карда, он – забон, таърих, табиат, рӯду кӯҳистон, ёлаву талҳо ва гузаштаву имрӯзу фардои диёр маҳсуб меёфт. Ба ҳамин маънӣ, мавзуи таърихи қадими гузаштаи миллати мо, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва дифоъ аз Ватан низ тавъам бо мафҳуми боло адибро ба масъалаҳои фоҷеавию драмавии он солҳо бурда, боиси эҷоди шеърҳои зиёде дар ин мавзуъ гаштааст.

Ҳамин тариқ, шеърҳои дар мавзуи Ватан ва ифтихори миллӣ эҷодкардаи Искандари Хатлонӣ аз меҳру садоқати зиёд нисбат ба ин сарзамини муқаддас сар зада, дар тасаввури фароху доманадори шоир ҳар як зарра хоку қатраи обаш, мавҷудоту махлуқоташ қиматанду азиз мебошанд ва дӯстдориву муҳаббати беканори Меҳан илҳомбахшу раҳнамои ҳар як сатри шеърии ин ватандори асил гардидаанд.

Муқарриз: Салими Хатлонӣ – д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт

1. Аҷамӣ М. Фурӯғи ишқ дар сукути шеър // Тафаккур ва ҳис дар шеър.- Душанбе: Адиб, 2008.- С. 175-188.
2. Мирзоюнус М. Ҳамзоди тӯфон.-- Душанбе : Адиб, 2007.- 256 с.
3. Мусулмониён Р. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар.- Душанбе: Ирфон, 1984.-224 с.
4. Рустами Ваҳҳоб. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ.- Душанбе: Адиб, 2011.-- 224 с.
5. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Қ.II.-- Душанбе: Ирфон, 1978.—224с.
6. Хатлонӣ Искандар. Косаи шир (маҷмуаи шеърҳо).-Душанбе: Адиб, 2011, 96 с.
7. Ҳакимов А. Шеър ва замон.-- Душанбе: Ирфон, 1978.- 252 с.
8. Шарифов Х. Савти Аҷам.—Душанбе: Хазинаи адабиёти Тоҷикистон, 2002.—208 с.
9. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ.—Душанбе: Пайванд, 2009.— 476 с.

МАВЗУИ «ВАТАН ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ» ДАР АШЪОРИ ИСКАНДАРИ ХАТЛОНӢ

Дар ин мақола муаллиф дар мавриди мавзуи Ватан ва ифтихори миллӣ дар ашъори яке аз шоирони навовари охири садаи бистум Искандари Хатлонӣ андеша баён намуда, бо мисолҳои мушаххасу боварибахш аз ашъори адиб намунаҳо овардааст. Таҳлили амиқу аниқ ва далелҳою муқоисаҳои муаллифи мақола бозгӯйкунандаи он паҳлуҳои эҷодии Искандари Хатлонӣ мебошанд, ки хонандаро ба андешаҳои дуру чуқур нисбат ба таърихи миллати куҳанбунёду ҷафокашидаи мо бурда, саҳифаҳои мутолианашудаи гузаштаи хунинро пеши назар ҷилвагар менамоянд. Дар мақола оид ба маҳорати эҷодӣ, тарзи тасвирот, тахайюлу образҳои шоиронаи офаридашуда ва қолибу шаклҳои шеърии осори Искандари Хатлонӣ ақидаҳои олимона иброз гардидаанд. Дар мақола омадааст, ки шоир ҳарчанд қисмати

муайяни умри хешро берун аз хоки Ватан (Россияву Афғонистон) сипарӣ намуда бошад ҳам, ҳушу ёду афкор ва ашъораш ягон лаҳза аз Меҳан ҷудо набуд. Баръакс, дар хориҷи кишвар ҳар он чи эҷод менамуд, танҳо ва танҳо дар васфу ситоиши Ватани маҳбубаш – Тоҷикистон буд. Муаллиф ба таври воқеӣ собит намудааст, ки шоир аз таърихи гузаштаи миллаташ огоҳии чуқур дошт ва, аз ҳамин боис, дар ашъораш ҳисси бедорию худшиносии миллӣ ва ифтихори миллӣ мавқеи ҷудогонаро касб намуда буд. Ҳамин гуна ҳисси баланди меҳанпарастиро саропои ашъори шоир дар худ фаро гирифтаанд. Дар мақола оварда шудааст, ки шеърҳои дар мавзуи Ватан ва ифтихори миллӣ эҷодкардаи Искандари Хатлонӣ аз меҳру садоқати зиёд нисбат ба ин сарзамини муқаддас сар зада, дар тасаввури фароху доманадори шоир ҳар як зарра хоку қатраи обаш, мавҷудоту махлуқоташ қиматанду азиз мебошанд ва дӯстдориву муҳаббати беканори Меҳан илҳомбахшу раҳнамои ҳар як сатри шеърии ин ватандори асил гардидаанд.

Калидвожаҳо: *шоир, шеър, Ватан, ифтихори миллӣ, афкор, ҳақиқат, эҷодиёт, муҳаббат, садоқат, илҳом, таърих, мавзуъ, худафрӯзӣ, тамаддун.*

ТЕМА «ОТЕЧЕСТВА И НАЦИОНАЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ» В СТИХАХ ИСКАНДАРА ХАТЛОНИ

В данной статье автор выражает свое мнение на тему Родины и национальной гордости в стихах одного из поэтов-новаторов конца XX века Искандара Хатлони, приводит конкретные и убедительные примеры стихотворений поэта. Глубокий и ясный анализ, а также рассуждения и сравнения автора статьи отражают творческие стороны Искандара Хатлони, которые наводят читателя на глубокие размышления об истории нашего древнего и надломленного народа, и напоминают о непрочитанных страницах из кровавого прошлого. В статье представлены научные мнения о творческом мастерстве, способе живописи, созданных поэтических образах и поэтических формах произведений Искандара Хатлони. В статье говорится, что хотя определенную часть жизни поэт провел за пределами родины (Россия и Афганистан), его мысли и стихи никогда не были отделены от Родины. Напротив, все, что он создавал за границей, было лишь во славу его любимой родины – Таджикистан. Автор доказал, что поэт глубоко осознавал прошлую историю своего народа и поэтому в его стихах чувство пробуждения, национального самосознания и национальной гордости заняло отдельное положение. Столь высокое чувство патриотизма отражено в стихах поэта. В статье говорится, что стихи, написанные Искандари Хатлони на тему Родины и национальной гордости, берут начало из большой любви и верности к этой святой земле, а в богатом воображении поэта каждая пылинка, капля воды, существа драгоценны, а безграничная дружба и любовь к Родине стали вдохновением и проводником каждой поэтической строки этого самобытного патриота.

Ключевые слова: *поэт, стихотворение, Родина, национальная гордость, мнение, истина, творчество, любовь, верность, вдохновение, история, тема, самооценка, цивилизация.*

THE THEME OF HOMELAND AND NATIONAL SELF-AWARENESS IN THE POETRY OF ISKANDARI KHATLONI

In this article, the author expresses his opinion on the theme of homeland and national pride in the poems of one of the innovative poets of the late twentieth century Iskandari Khatlani, and gives specific and convincing examples of the poet's poems. The deep and clear analysis and the arguments and comparisons of the author of the article reflect the creative aspects of Iskandar Khatloni, which lead the reader to deep and deep thoughts about the history of our ancient and broken nation, and bring to mind the unread pages of the bloody past. Scholarly opinions are presented in the article on the creative skills, the way of painting, the created poetic images and poetic forms of Iskandar Khatloni's works. The article states that although the poet spent a certain

part of his life outside the homeland (Russia and Afghanistan), his thoughts and poems were never separated from homeland. On the contrary, whatever he created abroad was only in praise of his beloved homeland - Tajikistan. The author has proven that the poet was deeply aware of the past history of his nation and, therefore, in his poems, the sense of awakening, national self-awareness and national pride gained a separate position. Such a high sense of patriotism is covered in the poems of the poet. The article states that the poems written by Iskandari Khatloni on the theme of the homeland and national pride originate from great love and loyalty to this holy land, and in the poet's wide-ranging imagination, every speck of dust, drop of water, creatures and creatures are precious and precious, and the boundless friendship and love of homeland became the inspiration and guide of each poetic line of this original patriot.

Keywords*: Poet, poem, homeland, national pride, opinion, truth, creativity, love, loyalty, inspiration, history, theme, self-esteem, civilization.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шамсов Н. С. *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992)918389405*

Сведения об авторе: Шамсов Н. С. *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, к.ф.н., доцент, заведующий кафедрой теории и истории литературы. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мохаммадиева, 17/6. Тел.: (+992)918389405*

Information about the author: Shamsov N.S. *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Ph.D., Associate Professor, Head of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Tel.: (+992)918389405*

ТДУ 82-1

ТАҶАССУМИ СИМОИ МОДАР ДАР АШЪОРИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Шарофова Б.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Лоиқ Шералӣ аз зумраи шоирони номвар ва баландэъҷоз ва дорои салиқаи худододи шоирӣ ва маҳорати беҳамтои эҷодӣ ба шумор рафта ва дар навоварӣ ва тасвирофаринӣ дар шеър, бо сабки латифу лаҳни беҳамтояш дар таърихи адабиёти тоҷик мавқеи назаррасеро касб намуда, дар қалби хонандагон ва мухлисони шеъраш ҷойгоҳи пур аз муҳаббату самимияту ихлосмандиро сазовор шудааст.

Овозаи шоирии Лоиқ Шералӣ ҳанӯз аз овони донишҷӯии ӯ ба гӯши ҳаводорони каломаш расида буд ва нашри силсилаи “Савтҳои форсӣ” аз ашъори шоири шаҳири рус Сергей Есенин, ба ин овоза дучанд афзуд, ки ин иқдом нахустин бор барои нашри китоби аввалинаш “Сари сабз” (соли 1965) роҳи шоирии ӯро ҳамвор кард.

Лоиқ, минбаъд ҳамчун шоири лирик, вассофи ишқу муҳаббат, вафодорӣ, садоқат ва инсондӯстӣ ном баровард ва ба шарофати навоварии дар образҳо, серталабӣ дар кори эҷодӣ ва бо диди зебонигарона ба таҳаввулоти табиат ва инсон ба дилҳо роҳ ёфта, хонандаро мафтуни завқи баланди шоирии хеш кард ва дар як муддати кӯтоҳ ҳамчун шоири лирик дар миёни ҳаводорони каломаш машҳур гардид. Ӯ, аз зумраи аввалин шоиронест, ки аз оғоз ба тариқи навгарой дар шеъри худ, мундариҷа ва ғояву мазмуни шеърро аз дарунмояи он асолати замонии маънавӣ бахшид ва бо ин иқдом дар шакли жанрҳои суннатии ғазалу рубоӣ, дубайтию қитъа, байту қасида ва мухаммасу мусаллас ва дигар анвои шеърӣ бо диди нави шоирона таҷаддуд ворид намуда, бо офаридани образу андешаҳои дорои ҷаззобияти сарзада аз қалби пуртуғён ва завқи баланди эҷодӣ, бори дигар ҷовидона будани каломи мавзун ва манзумро собит намуд.

Чунон ки бармеояд, шоир аз оғоз то анҷоми роҳи эҷодии худ ба ҳар як мисраъ, байт ва дар маҷмуъ ба тамоми ашъори ғиноии хеш, чи аз ҷиҳати бандубаст ва чи аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, муносибати хоса намуда, бо шарофати вижагиҳои маҳорати баланди шоирӣ ва офаридани образҳои наву равшани шоирона дар адбиёти тоҷик аз эҳтиромоти чашмраси аҳли адаб ва ҳаводорони каломаш бархӯрдор гаштааст. Аз ин назар аст, ки хизматҳои арзандаи ӯ дар қиболи шеъру шоирӣ ва равнақи адабиёти асри ХХ-и тоҷик бо унвонҳои Шоири Халқии Тоҷикистон, Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ ва Ҷоизаи байналмиллалии “Нилуфар” қадрдонӣ шудааст.

Агарчи, қисмати асосии мероси адабии Лоиқро лирикаи ошиқона ташаккул дода бошад ҳам, шоир дар чаҳорчубаи ин жанри бадеӣ дунёи ботинӣ, эҳсосот ва орзую умеди хисолии қаҳрамони лирикии хешро бо хостаҳои иҷтимоии ӯ бештар манзури назар дорад ва даррокияти худро низ бештар бо фаровардҳои ҳиссӣ дар доираи ҳамбастагиҳои мадракӣ бо иҷтимоъ ба қалам додааст. Ҳар падидаи эҳсосотие, ки бар дили шоир мегузарад, албатта бо таваҷҷуҳ бар падидории хусусиятҳои мадракии ҷомеа бор овардааст. Аз ин ҷост, ки адабиётшинос ва олими шинохта М.Шукуров ҷабҳаҳои гуногуни эҷодиёти Лоиқро таҳлил намуда, чунин навиштааст, ки: «Дар шеъри Лоиқ дили шикаста, яъне дарди ҷисмонӣ ва андуҳи руҳии вай нола мекунад».

Лоиқ шоирест, ки дар кори офариниши тасвир хеле муваффақ аст, чунон ки нахуст дар интихоби мавзуъ бештар ба рӯнамоии масъалаҳои диққатҷалбкунандаи он, аз ҷумла ахлоқ ва хирад, муҳаббат, самимият, шинохти маънӣ, инчунин хусусиятҳои хештаншиносӣ, худогоҳӣ, ватандӯстӣ, ҳуввияти миллӣ, ҳифзи марзу буми ватани аҷдодӣ, эҳтирому азиз доштани муқаддасоти миллӣ ва, бартар бар ин ҳама меҳру муҳаббат бар бузургдошти Модар рӯ оварда, дар амалӣ намудани мақсади хеш ба хотири дилнишин гардонидани шеъраш беш аз дигар ҳамқаламони худ сухани муассир дорад.

Яке аз пуристифодатарин образҳое, ки адибони классик ва шоирону нависандагони муосири тоҷик дар асарҳояшон васф кардаанд, образи модар мебошад, ки беш аз ҳар шоири дигар Лоиқ дар шеъри худ ба он таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Навозишҳои гарми модар ва муҳаббати бепоёни ӯ шоистаи таҳсину тавсифи аҳли адаби олам буда, адибону олимон ва ходимони машҳури дунё назди бузургӣ ва хидмати модар сари таъзим фуруд овардаанд.

Ин мавзуъ дар адабиёти тоҷик мавзуи нав нест. Вале бояд гуфт, ки маҳз Лоиқ бузургӣ ва ҳашамати модарро ба манзалати барои истеъдоди ба худаш хос равшан ва хеле дилнишину ҷаззоб офаридааст. Аз дидгоҳи Лоиқ, Модар сарманшаи муҳаббати бепоён, азизтарин шахс ва ноёбтарин неъмати дунёст.

Симо ва образи модаре, ки Лоиқ офаридааст, аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ ҳамчун шоири навовар дар офаридани образи модар ба қуллаи воқеии эҷодиёти шоирӣ расидааст. Бар ин назар аст, ки профессор Абдунабӣ Сатторзода ин истеъдоди волои Лоиқро пай бурда мақолаи худ “Мероси дили шоири дилдода ва озода”, ки ба ҷои аввалсухан дар ҷилди 1, “Куллиёт”-и шоир ҷой дода шудааст, таъкид мекунад, ки: “Шоир бо зикри ҷузъиёте аз зиндагии содаи модари пираш – зани муштипари кӯҳистонии тоҷик ва олами дар худ ниҳони орзуву ормонҳои ӯ мисраъ ба мисраъ, байт ба байт ва банд ба банд, мисли сураткаши чирадасте ба хатҳои ҷудогонаи равшан чеҳраи зинда ва бузургворонаи ӯро ба як самимият ва муҳаббати беандозаи фарзандӣ офаридааст” [7, с. 6].

«Модарнома»-и шоир бо самимияти баён ва умқи мазмунаш дар қалби хонанда вокуниши пурҷӯшу хурӯшеро ба вуҷуд овард. Хонанда бо хондани ашъори ба модар бахшидаи Лоиқ гумон мекунад, ки шоир маҳз модари ӯро васф кардааст. Сифот ва хулқу атвори модари офаридаи Лоиқ таҷассумкунандаи симо ва хислати кулли модарони тоҷик аст. Дар робита, чунон ки профессор Худойназар Асозода қайд кардааст: “Ба воситаи тасвири бадеии чеҳраи модар, Лоиқ махсусиятҳои дилчаспи миллиро, урфу одатҳои шарқиро матраҳ месозад. Ба таъбири дигар, хусусиятҳои тоҷикиву исломии модар бо тафаккури миллиаш мебошад. Ин ҷиҳат дар меҳвари модарномаи Лоиқ ҷой гирифтааст, шеъри ӯро таровати тоза мебахшад ва ҳам таъсирбахшии онро меафзоёнад...” [2, с. 132].

Шеъру ғазал ва дубайтию рубоиёти ба модар бахшидаи Лоиқро хонанда бе ҳиссиёти амиқ ва бе эҳсосоти баланди ботинӣ дарк карда наметавонад. Ӯ аз қабили он шоиронест, ки зебоии маънавӣ, вафодорӣ, хислатҳои баланди инсонии модари тоҷикро бо истифода аз санъатҳои бадеӣ ва бо маҳорати ниҳоят баланди шоирӣ амиқу равшан нишон дода тавонистааст.

Аввалин шеъри ба модар бахшидаи худро Лоиқ Шералӣ соли 1965 эҷод кардааст ва “Ба модарам” унвон додааст. Маҷмуаи “Дасти дуои модар”, ки панҷоҳу панҷ шеъри дар мавзуи зан-модар навиштаи шоирро дар бар мегирад, соли 1991 ба табъ расид. Тамоми ашъори ба модар бахшидаи Лоиқ, ки дар ин маҷмуа ҷамъбандӣ шудаанд, аз ҷумла шеърҳои “Модар”, “Қасидаи модар”, “Ту монанди замин танҳоӣ, модар”, “Қарз”, “Суруди модар”, “Дар сари гӯр”, “Дасти дуои модар”, “Чордард”, “Ҳасрат”, “Муноҷот ба модар” ва ғайра, бегазанд ва ҷовидонаанд ва дар ягон давру замон хонандаи худро аз даст нахоҳанд дод ва, баракс сафи ҳаводорони онро хоҳанд афзуд.

Дар модарномаҳои Лоиқ, пеш аз ҳама, меҳрубонӣ ва садоқату вафодории фарзанд ба модар ва баръакс, эҳсос мешавад. Бар ин аст, ки тамоми тору пуди модарномаи устод Лоиқро метавон аз ҳамбастагии руҳонию ҷисмонии модари ғамгусор ва фарзанди содиқ дар пайванди ногусастанӣ бархурдор гардид. Айни чунин эҳсосоти фарогирро дар мисраъҳои зерин мисол мегирем, ки:

Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо модари пирам,
Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ният,
Ки рӯзи тӯй дида, дар тани ман, бишканӣ армон,
Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавоният... [11, с. 42].

– гуфта, Лоиқ кору аъмол, ҳавасу армони модари тоҷикро аз нишастани кунҷи сандалӣ то ба ҷомадӯзию армоншикании ӯ дар тӯйи ҷигарбандаш ба риштаи назм кашидааст.

Ҳаводори каломи мавзун, дар зимни хондани ашъори дар васфи модар сурудаи Лоиқ, дар ҳар лаҳзаи зиндагӣ, дар ҳар синну сол ба навозишу муҳаббати нарм ва оғӯши гарми модар ниёз доштани фарзандро ба ҳиссиёти бештар дарк мекунад. Айни матлабро метавон дар мисраъҳои зерини устод ба мушоҳида гирифт:

Дар он соат, ки дилгирам, куҷоӣ, модари пирам,
Биё, бинмой тадбирам,
Ки дар гирдоби тақдирам.
Сарам хоҳад навозишҳои дастони туро имрӯз,
Дилам хоҳад нигоҳи гарми чашмони туро имрӯз.
Дилам хоҳад дуоятро,
Ду дастатро чу ду боли парастуҳо,
Ба сӯи қибла бикшода,
Худоро аз фалакҳо бар замин хонда,
Гуселам кардаи бар роҳҳои дур... [11, с. 58].

Ашъори ба тавсифи модар бахшидаи шоирро таҳлил намуда, ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки ин силсила аз ҷиҳати муҳтаво, мазмун, оҳанг, ҷаззобият ва мундариҷаи ба ғоят рангин, дар адабиёти муосири тоҷик беҳамто ва нодирмаъонист.

Шеъри дигари Лоиқ, ки"Чордард" унвон гирифтааст, шеърест, ки Лоиқ дар эҷоди он бо маҳорати баланди шоирӣ ва мушоҳидаҳои амиқи инсонӣ бар ҳолу ҳолат, азобу машаққат ҷонгудозии модарро ҳангоми тавлиди фарзанд ба қалам дода, дунёи ботинии модарро бо андешидани қисмати имрӯзу фардои фарзанд, эҳсосот ва дарки масъулияти модарро дар ба дунё овардани фарзанд ва ба воя расонидани ӯ ба риштаи назм кашидааст ва дар ифодаи чунин тасвири нозуку назиф ва пандомӯз муваффаку комёб гардидааст:

Яке дарди бимонӣ зинда ё на,
Яке дарди чӣ пеш ояд сари зо.
Яке дарди чӣ хоҳад буд имрӯз,
Яке дарди чӣ хоҳад буд фардо.
Яке дарди кӣ меорӣ ба дунё?
Варо рӯзӣ чию қисмат чӣ ранг аст?
Яке дарди чӣ ояд пеши роҳаш,
Ки одам моҳию дунё наҳанг аст... [11, с. 76].

Ва, ҳамчунон ба тавассути чунин мисраъҳои ҷолибу рангин боз таъкид менамояд, ки модар на танҳо ҳангоми зодани фарзанд чордард мекашад, балки тамоми зиндагии модар гирифтории чордардро дорад:

Аё модар, бимирам дар қадамҳот,
Ки бар ҳар бори ту сарбор дард аст.
На танҳо чордардат вақти зодан,
Тамоми зиндагият чордард аст... [11, с.77].

Вале, Лоиқ шоирест, ки бо ин ҳама тавсифот қонеъ шуда наметавонад ва мехоҳад ин тасвирро аз обуранги боз ҳам гуворотару форамтар мусаввар ёбад ва ба тариқи ҷӯёии хеш ҷои дигар бузургии модарро ба бузургии Замин-офаридаи табиат мушобеҳ нишон медиҳад ва бо як истеъдод ва илҳоми баланди шоирона пардоз медиҳад:

Ту монанди замин танҳоӣ, модар,
Ту монанди замин яктоӣ, модар... [11, с. 112].

-ва дар идома ӯро бо эътимоди комил "якто" ва муҳаббати самимияти ӯро бемунтаҳову ҷовидон ба намо мегузорад:

Ту яктоиву дар ҳар ҷо,
Ту танҳоиву ту бо мо,

Туӣ обастани шодӣ,
Туӣ обастани ғамҳо.
Туӣ обастани имрӯз,
Туӣ обастани фардо. [11, с. 112].

Модар дар нигоҳи тасвирофари ин шоири шаҳир шабеҳи Ватан аст. Лоиқ Модарро ба Ватан ҳаммаънову якеву василаи ҳамбастагиву ваҳдат мешуморад ва дар заминаи тавсифи ин номҳои муқаддас мардуми тоҷикро ба ватандӯстиву худшиносиву ҳувийяти миллӣ дар ҳамгироӣ ба тавҳид дар ин исми аъзам, ки бо унвони Тоҷикистон дар саросари олам муаррифӣ шудааст, даъват ба амал меорад:

Ёрон ҳама ҷо, вале Ватан дар якҷост,
Ҳар санги Ватан мисоли ҳайкал зебост.
Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман,
Модар яктост, Тоҷикистон яктост [11, с. 155].

Тараннуми образи Модар дар офаридаҳои Лоиқ, чунон ки дар ифодаҳои фавқ афзудем, пеши назари хонанда симои зани отифаи кӯҳистон, вуҷуди ҷафокашу пурмеҳри ӯ, ҷонсупори хонавода ва фарзандон будани ӯро ҷилвагар менамояд.

Ва, бо бардоштҳои маънавӣ бар ашъори ба Модар бахшидаи Лоиқ Шералӣ метавон хулоса кард, ки шоир дар мавриди офаридани чунин тасвир, ки моломоли зебоиву ҳусну малоҳати Зан – Модар аст, бо дарки баланди истеъдоди шоирӣ нақш ва шаъну шарафи модарро ба сароҳат нишон дода, симои тоҷикона ва ҷаҳони ботинии модари тоҷикро бо тамоми зуҳуроти он дар чашми хонанда равшан намудааст.

Симои Модар дар ашъори Лоиқ тимсоли некиву шафқат, хоксорӣ ва фидокорӣ мебошад. Модаре, ки қаҳрамони ашъори Лоиқ аст, дар асл таҷассуми тасвири симои аслии Модари тоҷик буда, ашъори шоир далели ҷовидониву абадияти ин ном хоҳад буд.

Муқарриз: Салими Хатлонӣ - д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода

Адабиёт:

1. Акбаров Ю.Ҷустуҷӯҳои эҷодию ахлоқӣ / Ю.Акбаров.-Душанбе: Ифон, 1990. -260 с.
2. Акбарзода Ю. Илҳом аз «Шоҳнома» / Ю.Акбарзода // Нобиғаи шоир ва камоли назм.- Хуҷанд, 2003. -235 с.
3. Асозода Худойназар. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ. Душанбе, «Маориф»-1999, с. 382. - 448 с.
4. Гулназар. Сазоворе чун Лоиқ / Гулназар. – Душанбе, 1993. -104 с.
5. Шакурӣ М. Нигоҳе ба адабиёти асри бистуми тоҷик / М.Шакурӣ. -Душанбе, 2006.-С.412-455 с.
6. Шарифов Х. Шоири бузург / Х.Шарифов: Анъанаҳои адабӣ. -Душанбе: Деваштич, 2007.- 476 с.
7. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт, ҷ. 1, (Китоби якум). – Хуҷанд, 2001. - 724 с.
8. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт, ҷ. 1, (Китоби дуюм). – Хуҷанд, 2001. -712 с.
9. Шералӣ, Лоиқ. Варақи санг. – Душанбе: Ирфон, 1980. - 272 с.
11. Шералӣ, Лоиқ. Модарнома. – Душанбе: Ирфон, 1974. - 160 с.

ТАҶАССУМИ СИМОИ МОДАР ДАР АШЪОРИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Мақолаи мазкур назару андешаи Лоиқ Шералиро бо эҳсосоти ботинии ин шоири дақиқбин ба мавзуи самимият ва муҳаббат дар “Модарнома”-и ӯ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ашъоре, ки дар ин мақола мураттаб шудаанд, дар тавсифи меҳру муҳаббати Модар болои кор омада, бештар ба назари шоиронаи Лоиқ дар ин мавзуъ дахл намуда, ифшогари рози садоқати фарзандии ӯ мебошанд, ки дар саросари ашъори ба Модар бахшидааш ба чашм мерасанд.

Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки Модарномаи эҷоднамудаи Лоиқ аз маҳорати баланди шоирӣ, истеъдоди худододӣ ва маҳорати танҳо ба Лоиқ хос дарак медиҳад, ки маҳз тавассути он сарманшаи муҳаббати бепоён будани модар, азизтарин ва ноёбтарин шахс будани ӯ равшан ва хеле дилнишину ҷаззоб рӯйи кор омадааст. Ин дидгоҳи Лоиқ нисбат ба Модар дар адабиёти мосири тоҷик ҳамто надорад.

Эҷоди шоир дар васфи Модар, ки дар ин мақола мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст, дар қалби хонанда ва муштоқони ашъори Лоиқ бо самимияти баён ва умқи мазмунаш вокуниши пурҷӯшу хурӯшеро ба вуҷуд овард. Симои миллӣ, хулқу атвор, ахлоқи ҳамида ва сифоту хислати модар дар ашъори Лоиқ таҷассумкунандаи симо ва хислати кулли модарони тоҷик аст.

Илова бар он, таҳқиқи мавзуи модар дар мақолаи мазкур назари эҷодкоронаи Лоикро ба модар ҳамчун тимсоли хоксорию шафқат, фидокорию меҳрубонӣ ва садоқатмандию ҷонфидоӣ таҷассум намудааст.

Калимаҳои калидӣ: *модар, Лоиқ, зан, зебоӣ, тоҷик, якто, ватан, ишқ, замин, худшиносӣ, ватанпарастӣ, садоқат, ҳашамат, дилнишин, муҳаббат, фарзанд, обастан.*

ВОПЛОЩЕНИЕ ОБРАЗА МАТЕРИ В СТИХАХ ЛОИКА ШЕРАЛИ

В данной статье рассматривается мнение Лоика Шерали и внутренние переживания этого проницательного поэта на тему искренности и любви в его “Модарнаме».

Стихи, собранные в данной статье, описывают материнскую любовь и заботу, поэтические взгляды Лоика на эту тему, раскрывают его сыновнюю преданность, которая прослеживается во всех его стихах, посвященных матери.

В то же время в данной статье отмечается, что созданное Лоиком «Модарнаме» демонстрирует высокое поэтическое мастерство, божественный талант и уникальное для Лоика мастерство, благодаря которому ясно виден источник бесконечной любви матери, самого дорогого и редкого человека в жизни каждого из нас. Такой взгляд Лоика на Мать не имеет аналогов в современной таджикской литературе.

Творение поэта в честь Матери, которое является предметом исследования в данной статье, вызвало восторженный отклик в сердцах читателей и поклонников стихов Лоика искренностью выражения и глубиной содержания. Национальный образ, характер, мораль и качества Матери в стихах Лоика в целом воплощают образ и характер таджикской матери.

Кроме того, исследование темы Матери в этой статье воплотило творческий взгляд Лоика на Мать как символ смирения и сострадания, самоотверженности и доброты, верности и самопожертвования.

Ключевые слова: *мать, Лоик, женщина, красота, таджик, единственная, Родина, любовь, земля, самопознание, верность к отчизне, преданность, роскошь, очарование, любовь, дети, привязанность и другие.*

THE EMBODIMENS OF THE IMAGE OF THE MOTHER IN THE POEMS OF LOIQ SHERALI

Abstract: This article examines the opinion of Loiq Sherali and the inner experiences of this meticulous poet on the topic of sincerity and love in his “Modarnoma”.

The poems collected in this article describe maternal love and care, Loiq's poetic views on this topic reveal his filial devotion, which can be seen in all his poems dedicated to his mother.

At the same time, this article notes that the “Modarnoma” created by Loiq demonstrates high poetic skill, divine talent and a skill unique to Loiq, thanks to which the source of the endless love of the mother, the most dear and rare person in the life of each of us, is clearly visible. This view of Loiq’s Mother has no analogues in modern Tajik literature.

The poet’s creation in honor of the Mother, which is the subject of research in this article, evoked an enthusiastic response in the hearts of readers and fans of Loiq’s poems with the sincerity

of expression and depth of content. The national image, character, morality and qualities of the Mother in Loiq's poems generally embody the image and character of the Tajik mother.

In addition, the exploration of the Mother theme in this article embodied Loiq's creative view of the Mother as a symbol of humility and compassion, selflessness and kindness, loyalty and self-sacrifice.

Keywords: *Mother, Loiq, woman, beauty, the only one, Motherland, love, land, self-knowledge, loyalty to the fatherland, devotion, luxury, fascination, love, children, attachment.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарофова Бибиҳаво Ҷоналоевна *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёт, факултети филология ва рӯзноманигорӣ. Нишонӣ:734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел: + (992) 2325125,* ***E-mail:*** *sadoratanglis@mail.ru*

Сведение об авторе: Шарофова Бибихаво Джоналоевна – *Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, старшый преподаватель кафедры теории и истории литературы, факультет филологии и журналистики. Адрес:734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6, тел: + (992) 2325125,* ***E-mail:*** *sadoratanglis@mail.ru*

Information about the author: Sharofova Bibihavo Jonaloevna *– Tajik international university of foreign languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of philology science senior lecturer of the department of theory and history of literature, faculty of philology and journalism. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev street 17/6. Phone + (992) 2325125, e-mail: sadoratanglis@mail.ru*

ТДУ 82-1

ИСТИФОДАИ ТАЛМЕҲҲОИ ЛИРИКӢ-ИШҚӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРОНИ ОХИРИ АСРИ XIX ВА АВВАЛИ АСРИ XX ДАР БАДАХШОН

Пайшанбиева Д.М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ,
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Омӯзиши марҳалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик таҳқиқи ҳаёту эҷодиёти намояндагони алоҳидаи доираҳои адабии минтақаҳои дурдасти кӯҳистон аз аҳаммияти вежа бархӯрдор мебошад. Яке аз чунин минтақаҳои шоирхезу адабпарвар Бадахшон маҳсуб меёбад, ки анъанаи эҷоди адабиёт ба забони форсии тоҷикиро дар муддати зиёда аз ҳазор сол нигоҳ дошта, намояндагони он ин анъанаро муваффақона идома дода истодаанд.

Дар самти эҷоди осори бадеӣ ҳаминро бояд зикр намуд, ки анъанаи он ҳанӯз аз ибтидои асри IX дар ин сарзамин оғоз ёфтааст ва муҳаққиқи адабиёти ин минтақа В.Д. Охонниёзов дар асоси таҳлили чанде аз намунаҳои мавҷуда андешаҳои дигар олимони ховаршиносро доир ба он, ки эҷод гардидани осори фалсафию бадеӣ ба забони форсии тоҷикӣ дар Бадахшон ба охири асри VIII ва ибтидои асри IX рост меояд, то андозае собит намудаст [11, с. 16-29].

Адабиёти дар ин сарзамин арзи ҳастинамуда бо дигар самтҳои фарҳангу маданияти миллӣ омехтагии устувор дошта, дар тамоми тули мавҷудияташ ҳамчун воситаи тарғиби арзишҳои миллӣ ва башарӣ ва ҳамчун тарбиятгари наслҳо баромад намудааст. Ин адабиёт имрӯз ҳам рисолати худро мисли пештара иҷро карда истодааст ва омӯзиши таърих ва раванди ташаккулу таҳаввули он боиси боз ҳам бештар ошкор гардидани рангорангии адабиёти тоҷик мешавад. Аз ҷониби дигар, ин адабиёт, бо доштани махсусиятҳои забонӣ, тасвирӣ ва шаклӣ ҳавзаи алоҳидаи адабии адабиёти тоҷикро муаррифӣ мекунад. Бар замми ин, адабиёти дар ҳудуди Бадахшон пайдошуда ва рушдёфта далели қатъии мақоми бузург доштани забони тоҷикӣ дар ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва эътиқодии сокинони Бадахшон мебошад.

Охири асри XIX ва ибтидои асри XX бо ҳодисаҳои гуногуни таърихиаш дар ҳаёти минтақаи Бадахшон саҳми гуногун дошт. Воқеаҳо ва санаҳои зиёди сиёсӣ аксаран бо таъсири манфӣ ба ҳаёти моддии мардуми ин сарзамин дар таърих зикр шудаанд, вале бо вуҷуди ҳамаи ин, вазъиятҳое буданд, ки барои рушди фарҳанг ва адабиёт имкониятҳои ҳархеларо фароҳам оварда буданд. Дар ин давра шоирони зиёде ҳам дар ҳудуди Бадахшон ва ҳам берун аз он, ки аз ин сарзамин кӯч баста буданд, ба эҷоди навъҳои гуногуни осори назму наср шуғл варзиданд. Дар ин замина таҳқиқоти олимони варзидаи тоҷик [1, с. 193] маълум менамояд, ки ин давра яке аз марҳалаҳои рушд ва такомули навъҳои гуногуни назми тоҷик дар доираҳои адабии минтақаи Бадахшон ба шумор меравад. Шоирони ин давра кӯшидаанд, то аз тамоми имкониятҳои забон ва тасвири бадеӣ истифода баранд ва шеъри хуб гӯянд. Новобаста аз он, ки дар хусуси ашъори шоирони ин давра таҳқиқҳо анҷом шудаанд, вале дараҷаи бадеияти ин ашъор, махсусан, ҳунари шоирони Бадахшон дар истифода аз санъатҳои лафзиву маънавӣ то ҳанӯз ба таври пурра омӯхта нашудааст. Ҳамин тарафи масъала мубрамии мавзуи таҳқиқи моро фароҳам меорад, зеро истифодаи санъатҳои дар ашъори шоирони Бадахшон дорои махсусиятҳои умумӣ ва ҳамчунин алоҳида мебошад, ки ба сабку услуб, урфу одат ва ҷаҳоншиносии мардуми ин сарзамин, ҳамчун қисмати миллати тоҷик ҷобаста аст.

Мавзуе, ки мавриди баррасии мақолаи мазкур қарор гирифтааст, истифодаи талмеҳҳои лирикӣ-ишқӣ дар ашъори шоирони охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Бадахшон ном дошта, то ба ҳол дар адабиётшиносии муосири тоҷик ба таври васеъ ба таҳлил гирифта нашудааст. Муҳаққиқоне, ки дар хусуси адабиёти сарзамини Бадахшон ба таври

умумӣ, ё нисбат ба давраҳои алоҳида таҳқиқ бурдаанд, ба масъалаҳои назарӣ, аз ҷумла бадеияти ашъори шоирон камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Бо вуҷуди ин, метавон аз корҳои тадқиқотии устодон Тилло Пӯлодӣ, Амирбек Ҳабибов, Худоӣ Шарифов, Нисормамад Шакармамадов, Варқа Охонниёзов, Лоло Давлатбеков ва Абдураҳмон Охонниёзов ёдовар шуд, ки дар ин радиф монографияи "Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар Бадахшон"-и В.Д. Охонниёзов барои таҳлили мавзуи мақолаи мо, махсусан, муҳим аст [11, с. 290].

Таҳқиқ нишон дод, ки талмеҳҳои лирикӣ-ишқӣ дар ашъори шоирони ин давра мақоми махсус дошта, дар симоҳои қаҳрамонони лирикӣ-ишқӣ, аз қабили Лайлӣ ва Маҷнун, Фарҳод ва Ширин, Юсуф ва Зулайхо, Вомиқу Узро таҷассум ёфтаанд, зеро ин персонажҳо ба мардум ошно буда, барои баёни андешаи шоир кумак мерасонданд. Аз таҳқиқи ашъори шоирони ин давра маълум шуд, ки образи Юсуф ва Зулайхо аз симоҳои динӣ дида, бештар чун образҳои лирикӣ-ишқӣ истифода шудааст. Ҳангоми корбасти образи Юсуф шоирон гоҳе зебогии он, гоҳе дарди фироқи падар, гоҳе муҳаббати поки ӯ ва гоҳҳо ранҷу заҳмати вайро барои баёни ҳасби ҳоли худ ба риштаи тасвир кашидаанд. Дар байтҳои зерини, Ҷирмӣ, Мушкилалишо, Маҳмуми Дарвозӣ зебоӣ ва ҷамоли хуби Юсуф истифода шудааст:

Маслаки Дарвозӣ

Як партави анвори ту бар чеҳраи Юсуф,
Як оташи савдои ту бар ҷони Зулайхо [11, с. 16].

Ҷирмӣ:

Ту Юсуфи маҳрӯйӣ дар арсаи ин бозор
Ҳастам мани савдоӣ, эй дӯст, харидорат [3, с. 302].

Ҳар як санъати талмеҳи динӣ, ки шоир кор мефармояд дар худ ривоятеро ғунҷонидааст. Чунончи дар байти боло шоир лаҳзаеро ёдовар шудааст, ки савдогар Юсуфро аз чоҳ бадар мекунад ва бо худ мебарад ва дар бозор ӯро ба савдо мемонад. Чун Юсуф нури пайғамбарӣ дошта, хеле зебо буд дарҳол бо нархи гарон ба фурӯш рафт.

Мушкилалишо:

Васфи туро бигӯям армон кашам ба дил,
Ҳусну ҷамоли Юсуф дар назди ту хиҷил [13, с. 144].

Маҳмуми Дарвозӣ:

Ку Хизру ку Сулаймон, Искандару ҷалолаш,
Ку Юсуфи чу хуршед в-он ҳусну он ҷамолаш [7, с. 115].

Шоҳабдуллоҳ:

Субҳидам чун заврақи заррин ба амри додгар,
Шуд равон бар рӯйи ин дарёи сабзи пардадар.
Аз паси парда Зулайхои саҳаргаҳ рух намуд,
Ҳамчу Юсуф, к-ӯ баровард аз даруни чоҳ сар [3, с. 228].

Дар ин ҷо аз қиссаи Юсуф ёдовар мешавем, ки чун Юсуф модарро аз даст доду ятим монд, таваҷҷуҳи падар ба ӯ зиёдтар гардид. Гузашта аз ин, Юсуф аз лиҳози ҳусну ҷамол, хулқу атвор ва саводаш аз бародарон фарқ мекард ва маҳбуби падар гашта буд. Ин кор бародарони ҳасудашро ба роҳи нодуруст бурда, онҳо бо фиреб Юсуфро ба дашт бурда. ба чоҳ меандозанд. Аз лутфи илоҳ Юсуф аз чоҳ бадар меояд. Дар байти боло шоир санъати талмеҳро барои тасвири манзараи зебо истифода кардааст. "Зулайхои саҳаргаҳ" киноя аз офтоб аст ва барои он ки тасвир зеботар шавад шоир баромадани офтобро ба баромадани Юсуф аз чоҳ ташбеҳ додааст. Яъне дар ин байтҳо маҳорати баланди шоир имкон додааст, ки санъати талмеҳ ва ташбеҳ якдигарро пурра карда, қиммати бадеии шеърро боз ҳам баландтар бардорад. Манзури шоир аз "Зулайхои саҳаргаҳ" ва "Юсуф" тасвири шаҳомат ва зебогии офтоб аст.

Дар баъзе тасвирҳо образи Юсуф барои ифодаи дарди дуриву фироқ хизмат кардааст, чунончи шоир Қулӣ гуфтааст:

Ҷомаи айшам аз қазо оби ғами Яъқуб рехт,
Дида аъмо гашт Юсуф хунҷигар садпора шуд [1, с. 25].

Дар байти боло Яъқуб ва Юсуф санъати талмеҳ ҳастанд. Яъқуб падари Юсуф аст, ки солиёни зиёд аз фироқи писар ашк мерехт ва оқибат нобино шуд. Шоир дар ин маврид образи Яъқубро барои тасвири руҳияи худ истифода кардааст. Рӯзгори Юсуф, ки пур аз ҳаводис буд, барои баёни руҳияи шоир истифода шудааст. Чунончи, ба дидори падар расидани Юсуф баъди чандин соли ҷудоӣ як лаҳзаи шодиофарин ва ҳаяҷоновар мебошад, ки шоир онро барои ғояи оптимистонаи худ ва баёни эҳсоси шодӣ истифода мекунад. Дар байти зерини шоир Иззат талмеҳ моҳияти оптимистона гирифта, бозгашти Юсуфро ба Канъон ёд меорад:

Эй мушфиқи дармондагон, аз баҳри дармон омадӣ,
Пушту паноҳи осиён, ғамхори моён омадӣ.
Яъқуб шуд гирёни ту, Юсуф бувад нолони ту,
Вирди забон шуд номи ту, дар Миср султон омадӣ [9, с. 59].

Албатта, зикр бояд шавад, ки Мисру Яъқубу Юсуф ҳар се ҳам барои пурра ва комил намудани образи лирикии шоир истифода шудаанд ва шоир ӯро “мушфиқи дармондагон”, “пушту паноҳи осиён”. “ғамхори моён” ном мебарад. Диққатовар аст, ки шоир маъшуқаашро “пушту паноҳи осиён” номидааст, зеро ин истилоҳ, асосан, барои тасвири шайх, муршид, пир ва имом истифода мегардид.

Дар ин банди мураббаи тарҷеъбанди Шоҳфутур бошад, санъати талмеҳ ба таври фаровон истифода шуда, он ба асли мақсад, яъне тавсири маъшуқа дуруст меояд:

Эй бубули чаман ба гулистон хуш омадӣ
Эй андалеби равзаи Ризвон хуш омадӣ
Эй кабки зери дасти ҷавонон хуш омадӣ
Эй Юсуфи азиз ба Канъон хуш омадӣ. [6, с. 85].

Талмеҳҳои равзаи Ризвон ва бозгашти Юсуф ба Канъон арзиши бадеии онро баланд кардаанд ва хонанда онро хуш қабул мекунад.

Чанд мисоли дигар дар истифодаи талмеҳои ишқӣ лирикӣ аз шоирони Бадахшон:

Азизӣ:

Ин лутф, ки дар чоҳи занахдони ту дидам
Сад Юсуфи мисрӣ фитад аз тавба ба чоҳат [3, с. 265].

Махфии Бадахшонӣ:

Он Юсуфи ман то шуда, Махфӣ, зи барам дур,
Ин кулбаи танҳо шуда байтулҳазани ман [10, с. 3].

Дар байти боло байтулҳазан хонаест, ки дар он Яъқуб танҳо мезист ва дарди фироқи писар мекашид. Махфӣ дар байти дигар аз Зулайхо ёдовар мешавад:

Зулайхо рӯйи Юсуф диду гуфто,
Муҳаббатгоҳ бошад қаҳрабо дил [10, с. 30].

Дар баъзе мавридҳо Юсуф на чун персонажи лирикӣ, балки воситае барои баёни рӯзгори вазнини шоир ва шикоят аз замона хизмат кардааст. Чунонки шоир Мисраъ дар ғазали зер менависад:

Ҷой то чанд чу Юсуф таги чоҳат надиҳанд,
Мисри ишрат шарафу рутбаи ҷоҳат надиҳанд,
Баҳри ҳирс ин ҳама чун чашм паридан то кай,
Аз матои ду ҷаҳон ҷуз пари коҳат надиҳанд [3, с. 248].

Аз таҳлили ин намуди ашъори шоирон маълум мегардад, ки қиссаи “Юсуф ва Зулайхо” дар байни мардум хеле маъмул буда, дар эҷодиёти халқ ҳазм гардидааст. Шоир

Қудрати Шуғнонӣ, бо вуҷуди он ки хату савод надошт, бо таъсири эҷодиёти даҳонии халқ аз ривоятҳои асотириву динӣ хеле огоҳ буда, онҳоро барои баёни андешаи худ устодона истифода намудааст. Намунаи онро дар мухаммаси зерин мебинем:

Гуфтанд бо муҳиббон: бо ҳам шавед якдил,
Ин амри ҳақ бигиред, гардад мурод ҳосил,
Гуфтанд ба шоҳ – Юсуф, эй шоҳ ту бош одил,
Шоҳӣ кунӣ ба Шуғнон монанди зархарида [12, с. 133].

Дар ин ҷо Юсуф санъати талмеҳ буда, мурод аз Юсуф шоҳи Шуғнон Юсуфалихон мебошад. Шоир ормони халкро дар симои Юсуфи мисрӣ тасвир карда, бо истифодаи калимаи "зархарида" қиссаи фурӯхта шудани Юсуфро дар назар дорад. Шоир орзу мекунад, ки Юсуфалихон низ чун Юсуфи мисрӣ шоҳи адолатхоҳу одил бошад. Ин ривоят заминаи таърихӣ дорад. Вақте ки Юсуфалихон ба тахти шоҳи Шуғнон менишинад, пирони Шуғнон ӯро чунин насиҳат карданд, ки шоҳи одил бошад.

Образҳои дигаре, ки барои баёни эҳсоси ботинии шоирон, баёни андешаи ошиқона ҳамчун санъати талмеҳ истифода шудаанд, образҳои Лайливу Маҷнун мебошанд. Лайливу Маҷнун машҳуртарин симоҳои афсонавии ишқу ошиқӣ ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ васеъ истифода шудаанд. Симои Лайливу Маҷнун дар адабиёти классикии тоҷик ҳамчун намунаи олии дӯстдориву муҳаббат, вафодориву садоқат, биёбонгардиву ранҷу азобкашиданҳо мебошанд. Дубайтии зерини машҳури халқӣ, ки баёнгари ишқи нокоми Лайливу Маҷнун буда, аз забони ошиқони ноком чун таронаи ҳасрат асрҳо садо медиҳад, далели гуфтаҳои болост:

Агар боди сабо пайдо намешуд,
Даруни ғунчаи гул во намешуд.
Агар Лайлира медоданд ба Маҷнун.
Дар олам ошиқӣ расво намешуд

Дар мисраъҳои якуму дуюм эҳсоси лирикӣ тавассути ибораҳои "ғунчаи гул" ва "боди сабо" оғоз шуда, анҷоми фоҷиавии ишқ бо қиссаи Лайливу Маҷнун таъкид шудааст.

Достонҳои зиёде оид ба қисмати фоҷиавии Лайливу Маҷнун дар адабиёти гузаштаи тоҷик суруда шудаанд, ки гоҳе бо унвони "Лайлӣ ва Маҷнун" ва гоҳе бо номи "Маҷнун ва Лайлӣ" машҳуранд. Ин достонҳо ба қалами шоирони машҳур чун Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Шамсиддини Шоҳин ва дигарон навишта шудаанд ва гавҳари ганҷинаи фарҳанги миллӣ мебошанд. Шоире дар адабиёти классикии тоҷик нест, ки ба симои ин ду нафар ва қиссаҳои пур аз муҳаббату фироқи онҳо муроҷиат накарда бошад. Муроҷиати шоирон ба ин ду симо ба тарз ва ҳадафҳои гуногун буда, шуарои Бадахшон низ аз қиссаи ҳаёту ишқи онҳо босамарона ва шоирона истифода кардаанд. Масалан дар байти зерин Махфии Бадахшонӣ, ки дар он санъати талмеҳ моҳиронаву шоирона корбаст шудааст, як ривоятеро дар бораи ишқи Лайливу Маҷнун бозгӯ мекунад.

Чун Маҷнун дар биёбон оҳуро мебинад, ба ӯ дил мебандад, зеро чашмони оҳу ба чашмони Лайлӣ монанд буданд. Ин ривоят дар байти зер барои баёни эҳсоси шоир кумак кардааст:

Чу Маҷнун бӯса бар чашми ғизолон додаму гуфтам,
Нисори мадди абрӯшам фидои чашми оҳушам [10, с. 32].

Дар ҷойи дигар:

Ҳар дам аз ёди нигоҳи маҳрухи Лайливаше,
Ҳамчу Маҷнун бӯсаҳо чашми ғизолон мекунам [10, с. 33].

Ҷолиб аст, ки дар байтҳои боло талмеҳи лирикӣ бар ду чиз, яке номи Маҷнун ва дигаре ривояти чашмони оҳуро бӯсиданаш асос ёфтааст.

Дар байтҳои зерини шоирон Мухлис, Саидҷаъфари Ҳилолӣ, Додии Дарвозӣ, Маслаки Дарвозӣ, Мухлис, Маҳмуми Дарвозӣ, Ноҷии Давозӣ, Айёмбек, Мирзоибод ҳамин сифатҳои Лайливу Маҷнун барои ғунҷондани маънии ошиқона хизмат кардаанд:

Мухлис:
Рамузи даҳрро то Қайсҷон фаҳмид Маҷнун шуд,
Ҳавои хамса дар ҷӯшу хурӯш афтоду берун шуд [1, с. 175].

Саидҷаъфари Ҳилолӣ:
Маҷнунсифат зи сӯзу гудози паривашон
Барҳам задем силсилаи нангу номро [3, с. 240].
Додии Дарвозӣ:
Эй парипайкар, ҳама хубон чу Маҷнун гаштаанд,
Холи Лайлӣ рух намуда, хайма зад дар ёди дил [9, с. 10].
Маслаки Дарвозӣ:
Як воситаи ишқи ту аз синаи Маҷнун,
Як ломиаи меҳри ту бар дидаи Лайло [9, с. 16].
Мирзоибод:
Ҳамчу Маҷнун бош доим дар муҳити ишқи дӯст,
З-он ки аксу оразу абзори ҷонон аст ишқ. [1, с. 163].

Дар баъзе мавридҳо образи Маҷнун барои тасвири ҳолати руҳии шоирон ҳангоми лаҳзаҳои ғамгинӣ истифода шудааст. Шоир Усто Пӯлоди Дарморахтӣ дар вафоти писараш, ки дар синни 23-солагӣ аз дунё гузаштааст, марсияеро иншо намуда, барои изҳори дарди фироқи писар образи Маҷнунро истифода кадааст:
Рафтаӣ аз пеши ман донописар,
Кардаӣ моро чу Маҷнун дарбадар,
Модаратро кардаӣ бе болу пар,
Мехурад ҳаррӯз хуноби ҷигар,
Булбули гулзор гум кардам туро [12, с. 128].
Чунин ҳолати руҳӣ дар ғазали Мирзоибод низ мушоҳида мегардад:
Мисли Маҷнун санамо, нола кунам дар ғами ту
Рехтӣ дар дили ман оташи сӯзон рафтӣ [3, с. 288].
Мирзоибод*:*
Доғам ман аз ин боғ, ки монандаи Маҷнун,
Нашкуфта гули шавқу хазон гашт баҳорам [1, с. 143].

Ҳичрӣ:
Ишорат аз хами абруи пайваста имо дорад
Агар Лайлӣ бувад гирад сабақ аз хатти девонаш [3, с. 296].
Маҳмуми Дарвозӣ:
Ҳамчу ман саргаштаву девонаи рӯйи бутон,
Шуҳра андар арсаи офоқ Маҷнун асту бас [7, с. 59].
Махфии Бадахшонӣ:
Аз хирад бегона гашта бо даду дам ошно,
Ҳамчу Маҷнун дар биёбонат на ман сад ҳамчу ман [10, с. 37].

Аз қиссаи Маҷнун маълум аст, ки ӯ аз таъсири ишқи ҷонгудози Лайлӣ инони хирадро аз даст доду хӯйи девонагӣ гирифт ва рӯ ба биёбон ниҳод. Номи Маҷнун, яъне девонаи ишқ баъд аз ин ҳолати руҳӣ ба ӯ мулаққаб шуд. Махфии Бадахшонӣ маҳз ҳамин ҳолати Маҷнунро барои баёни ҳолати равонии худ дар байти боло истифода кадааст.
Девонаи ишқ аст на ҷӯяндаи Лайлӣ,
Маҷнун, ки ба ҳар водию вайрона кунад рақс [10, с. 27].

Аҳқар:

Дар биёбоне, ки омад руҳи Маҷнунам ба хоб,
Маҳмили Лайлӣ намоён гашт ҳомунам ба хоб [1, с. 139].

Мирзоибод:

Сад олам сад дарду ғам аз чархи гардун дар замир,
Сад ситам сад доғ дар дил ҳамчу Маҷнун дар замир [1, с. 10].

Образҳои дигаре, ки ҳамчун санъати талмеҳ дар баёни эҳсоси ошиқона истифода шудаанд Фарҳоду Ширин мебошанд. Симои Фарҳод дар баробари образи лирикӣ – ишқӣ, ҳамзамон чун симои марди меҳнаткашу бунёдкор дар шеър барои баёни андеша истифода шудааст. Аз образҳои асотирӣ аз ҳама бештар симои қаҳрамони афсонавӣ, рамзи мардонагиву заҳматталабӣ Фарҳоди Кӯҳкан истифода шудааст. Шояд яке аз сабабҳои ин, муносибати рӯзгори сангии қаҳрамон ба зиндагии пурмашаққати мардуми кӯҳистон мебошад. Образи Фарҳод ҳамчун рамзи меҳнатдӯстиву қаҳрамонӣ ба табиати равонии мардуми кӯҳистон бештар таъсиргузор буда, симои асотирии он хеле зиёд дар шеър инъикос ёфтааст. Чунони, шоир Мубораки Вахонӣ менависад :

Ширин талабонӣ, бош Фарҳод,
Дар водии матлаб аст устод.
Хоҳӣ намак аз лабони Ширин
Дарёб, ки кандан аст бунёд [12, с. 158].

Шоир Собири Андаробӣ, ки дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX зиндагӣ кардааст, ҳангоми тасвири сохтмони канали Ғорон маҳз образи Фарҳодро истифода намудааст:

Ин канали пур зи об аз кӯҳи Ғорон омадаст,
Заҳмати меҳнаткашон бас роҳати ҷон омадаст.
Офарин бар қуввати бозуи деҳқонони мо,
Гӯиё Фарҳоди Кӯҳкан дар Бадахшон омадаст [12, с. 57].

Шоир Саид Фаррухшоҳ дар яке аз шеърҳояш душвориҳои кандани кӯҳро чунин тасвир кардааст:

Фарҳод накандааст чунин ҷӯй,

Аз кандани кӯҳ шудем афгор [1, с. 59].,

Ёрии Дарвозӣ:

Ҳеҷ кас туҳматнишони доғи маҳрумӣ мабод,
Бесутунро сина бар ҷон кандани Фарҳод сӯхт [1, с. 59].

Мулло Ёри Ванҷӣ:

Шарҳи ҷафои ишқро карда зи оташи ҷигар,
Синаи Бесутун ҷудо, тешаи Кӯҳкан ҷудо [8, с. 56].

Маслаки Дарвозӣ:

Бош саргаштаву Маҷнун ба хаёли Лайлӣ,
Партави чеҳраи Ширин ситами Фарҳод аст [9, с. 46].

Махфии Бадахшонӣ :

Пайваст ба коми дигарон ширинам
Ҷуз кандани ҷон кор чу Фарҳодам нест [10, с. 52].

Фарҳод, ки бо вуҷуди заҳмату ҷонканданҳо ҷӯйро баровард, вале бо ҳиллаи найранги пиразане ҷони худро бохт. Чун Фарҳоди Кӯҳкан кӯҳи Бесутунро зеру забар мекунад ва ҷӯйро мебарорад, Хусрав бо роҳи фиреб хабари марги Ширинро ба Фарҳод мерасонад ва ӯ ҷон медиҳад. Дар ривояти дигар омадааст, ки пиразане меояд ва хитоб карда мегӯяд:

Ранҷи беҳуда мекашад Фарҳод,
Лаби Ширин ба коми Хусрав бод

Фарҳод тоқати ин хабари шумро накарда, бо теша бар ҷигаргоҳи хеш мезанад ва худро ҳалок месозад. Махфии Бадахшонӣ маҳз ҳамин лаҳзаро ба ёд оварда, мегӯяд:

Тарсам, ки чу Фарҳод диҳам беҳуда ҷонро,
Раҳме накунӣ, эй бути ширинсухани ман [10, с. 38]

Мухлиси Бадахшӣ, ки аз ҳунармандтарин шоирони лирики Бадахшон шинохта шудааст, мегӯяд:

Ба сони Кӯҳкан сад теша бар ҷон мехӯрам аз ғам,
Зи Ширин талхкомам шахси соҳибдардро монам [3, с. 59].
Зи оҳу нолаи пурдарди Ширинам чӣ мепурсӣ,
Ба кӯйи бенавоӣ Кӯҳканро раҳбари ишқам [1, с. 162].

Дар баъзе мавридҳо образҳои Фарҳод ва Маҷнун барои боз ҳам барҷастатар офаридани тасвир якҷо корбаст шудаанд:

Аз Махфии Бадахшонӣ :

Макун ҳикояти Маҷнуну Кӯҳкан, ки чунин
Ҳазор қиссаву афсона дар бағал дорам [10, с. 34].

Аз Ҷирмӣ:

Барои дидани Ширин ҳамеша зору саргардон,
Ҳанӯ ҳам кулфати дунё кашидан орзу дорам [3, с. 302].

Байти боло хосияти аҷиберо дорад, зеро дар он номи Фарҳод ва номи Маҷнун ёдоварӣ нашудааст. Аммо хонанда бо дидани номи Ширин аз Фарҳод ёдовар мешавад ва шоир ҳам “барои дидани Ширин” Фарҳодро дар назар дорад ва худро ба ӯ баробар медонад. Дар масъалаи ёдоварӣ аз Маҷнун бошад, ибораи “зору саргардон” ба он далолат мекунад.

Аз таҳлилҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки мардуми кӯҳистон бо вуҷуди дур будан аз доираҳои адабӣ ва шароити вазнини зиндагӣ аз маънавиёт, махсусан адабиёт баҳравар буда, шоирони зиёдеро бо сабку услуби хоса ба майдони адаб ворид намудааст. Намунаҳои ашъори ин шоирон баёнгари он аст, ки онҳо аз илми каломи бадеъ пурра огоҳ буда, бо истифодаи санъати бадеӣ, махсусан, талмеҳ осорашон қимати бештар пайдо кардааст.

Муқарриз: Давлатбеков Л., д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

1. Абибов, А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон. – Душанбе: Дониш, 1971 - 193 с.
2. Абибов, А. Баъзе маълумотҳо дар бораи шоир Назаршо // “Шарқи сурх”. – 1957. – № 7. – С. 76-83.
3. Абибов, А. Ганҷи Бадахшон. - Душанбе: Ирфон, 1972. – 319 с.
4. Абибов, А. Ганҷи парешон. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 304 с.
5. Абибов, А. Шоир Мубораки Вахонӣ // «Маориф ва маданият» - №\\\ - 9 декабри 1961.
6. Давлатбеков, Л. Шоҳфутур адиби донишманд. – Душанбе: Матбааи ДСРТ, 2012. – 171 с.
7. Дарвозӣ, Мир Авлиёҳусайн Маҳмум. Баргузидаи ашъор. – Душанбе: Дониш, 1970. – 131 с.
8. Ванҷӣ, М. Табъи Оташбор. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. –142 с.
9. Маҷмуаи адабиёти Дарвоз -Душанбе: Адиб,2008. –144 с.
10. Махфии Бадахшонӣ. Шеърҳо, Тартибдиҳанда А. Ҳабибов. – Душанбе: Дониш, 1975. – 57 с.
11. Охонниёзов, В. Таҳаввули адабиёти Бадахшон дар даврони Истиқлолият. – Душанбе: Сифат-офсет, 2023. – 290 с.
12. Пӯлодӣ, Т. Шоирони халқии Бадахшон. - Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 157 с.
13. Шарифзода, Х. Сездаҳ мақола. – Душанбе: Офсет-империя, 2013 – 270 с.

ИСТИФОДАИ ТАЛМЕҲҲОИ ЛИРИКӢ-ИШҚӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРОНИ ОХИРИ АСРИ XIX ВА АВВАЛИ АСРИ XX ДАР БАДАХШОН

Дар мақола вазъи адабиёти минтақаи Бадахшон дар охири асри XIX ва аввали асри XX мавриди баррасӣ қарор гирифта, корбасти санъати бадеии талмеҳ дар ашъори шоирони ин давраи Бадахшон таҳқиқ шудааст. Вобаста ба ин, мубрамияти мавзуъ муайян шуда, таъкид гардидааст, ки дараҷаи бадеияти ашъори шоирони Бадахшон ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст.

Дар ин замина, истифодаи талмеҳҳои лирикӣ-ишқӣ дар мисоли эҷодиёти шоироне ба монанди Маслаки Дарвозӣ, Ҷирмӣ, Мушкилалишо, Шоҳабдулло, Иззат, Шоҳфутур, Махфии Бадахшонӣ, Аҳқар, Мирзо Ибод, Ҳабои Дарвозӣ ва як идда дигарон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Дар иртибот бо ин, натиҷагирӣ шудааст, ки шоирони Бадахшон новобаста аз дур будан аз марказҳои бузурги адабиву фарҳангӣ, аз илми каломи бадеъ ба хубӣ огоҳ буда, аз он ҷумла санъати бадеии талмеҳро дар осори худ устодона истифода кардаанд.

Калидвожаҳо: *шоирони Бадахшон, ашъор, санъати талмеҳ, талмеҳҳои лирикӣ-ишқӣ, санъатҳои бадеӣ, адабиёти тоҷик, тасвир, образ.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЛИРИКО-ЛЮБОВНЫХ РЕМИНИСЦЕНЦИЙ В ПОЭЗИИ ПОЭТОВ БАДАХШАНА КОНЦА XIX И НАЧАЛА XX ВЕКОВ

В статье рассматривается положение литературы Бадахшана в конце XIX начале XX веков и исследуется использование художественного искусства реминисценции в поэзии поэтов Бадахшана данного периода. В связи с этим, определяется актуальность темы и подчеркивается, что до сих пор степень художественности стихотворений поэтов Бадахшана недостаточно изучено.

В этом контексте, исследованию подвергается использование лирико-любовных реминисценций в творчестве таких поэтов, как Маслака Дарвози, Джирми, Мушкилалишо, Шохабдулло, Иззата, Шахфутура, Махфи Бадахшони, Ахкара, Мирзо Ибода, Хабо Дарвози и ряда других.

Исходя из этого, сделан вывод о том, что поэты Бадахшана независимо оттого, что находились вдалеке от культурно-литературных центров, были хорошо осведомлены о науке художественности слова, в том числе о художественном искусстве реминисценции, которую мастерские использовали в своих произведениях.

Ключевые слова: *Поэты Бадахшана, поэзия, искусство реминисценции, лирико-любовные реминисценции, художественные искусства, таджикская литература, изображение, образ*

THE USE OF LYRICAL AND LOVE REMIXES IN THE POETRY OF THE POETS OF BADAKHSHAN OF THE LATE XIX AND EARLY XX CENTURIES

The article examines the situation of Badakhshan literature in the late XIX-early XX centuries and explores the use of the art of reminiscence in the poetry of the poets of Badakhshan of this period. In this regard, the relevance of the topic is determined and it is emphasized that so far the degree of artistry of the poems of the poets of Badakhshan has not been sufficiently studied.

In this context, the use of lyrically loving reminiscences in the works of such poets as Maslak, Jirmi, Mushkilalisho, Shohabdullo, Izzat, Shahfutur, Mahfi Badakhshoni, Akhqar, Mirzo Ibod, Habo Darwazi and numder of others is confirmed.

Based on this, it is concluded that the poets of Badakhshan, regardless of the fact that they were far from cultural and literary centers, were well aware of the science of the artistry of the word, including the artistic art of reminiscence, which the workshops used in their works.

Keywords: *Poets of Badakhshan, poetry, art of reminiscence, lyrical and love reminiscences, art, Tajik literature, reflection, image*

Маълумот дар бораи муаллиф: Пайшанбиева Давлатхотун *– Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторант (PhD). Суроғa: Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Телефон: (+ 992) 501885986. Email: pdavlatkhotun@mail.ru*

Сведения об авторе: Пайшанбиева Давлатхотун *– Институт языка и литературы имени Рудаки Национальной академии наук Таджикистана. докторант (PhD). Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 21. Телефон: (+ 992) 501885986. Email: pdavlatkhotun@mail.ru*

Information about the author: Paishanbieva Davlathotun *- Rudaki Institute of Language and Literature of the National Academy of Sciences of Tajikistan, is a PhD student. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 21. Phone: (+ 992) 501885986. Email: pdavlatkhotun@mail.ru*

ТДУ 82-1

МАСЪАЛАҲОИ МАФҲУМ, НАЗАРИЯ ВА ШИНОХТИ ПОЭТИКА. ПОЭТИКАИ НАВИСАНДА (Ф. МУҲАММАДИЕВ)

Набиев А., Қурбонова Ф.

Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ,

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Поэтика ва таҳқиқи он дар адабиётшиносии имрӯзи тоҷикӣ рӯз ба рӯз мавқеи муҳим касб мекунад. Вале тасаввур дар бораи он гуногун ва гоҳо хеле маҳдуд ҳам ҳаст. Ҳол он ки поэтика аз мақулаҳои муҳимми илми адабиётшиносии муосир ба шумор омадааст ва таърихи қадима дорад. Ибтидои зуҳури он зоҳиран бо номи Арасту ва асари машҳури вай «Поэтика» (Фанни шеър) дар нақду илми адаб ва баррасиҳои назариявию амалӣ иртибот мегирад. Ин замоне буд, ки адабиёт ба фанни хос ва эҷод ба кори афроди ҳунарманд табдил ёфт ва аз ин ҷо, шинохти вай - назарияи он низ ба майдон омад. Яъне, мафҳум ва истилоҳи поэтика дар оғоз бо истилоҳи назарияи адабиёт яксон будааст. Албатта, андеша дар бораи чигунагии адабиёт ва вазоифи он пеш аз Арасту низ иброз шуда буд, вале маҳз дар «Поэтика»-и Арасту тасаввур ва дониш дар бораи адабиёт, хосса адабиёти Юнони қадим ва сифатҳои хоси ҳунарии бадеии он ба низоми муайян ва ҳирфаӣ дароварда мешавад. Маълум аст, ки дар он даврон мафҳуми поэтика ва шинохту шарҳи сохтору ҳунарии он қарини якдигар будаанд.

Ҳарчанд мафҳуми поэтика таърихи қадима дорад ва таҳаввули чашмрасро паси сар кардааст, вале пажӯҳиши мафҳум, моҳият ва вазифаҳои он ба сифати илми суханшиносӣ маҳз дар ибтидои асри гузшта ба таври воқеъӣ ва илмӣ дар адабиётшиносии шуравии собиқ, хосса илми адаби русӣ мавриди таваҷҷуҳи мушаххас қарор гирифт. Баҳсҳои атрофи поэтика, пеш аз ҳама, сари моҳияти адабиёт, ҷусторҳои ҳунарӣ ва сохтори матни адабӣ иртибот мегирад. Дар ин амал мактаби формализми (суратгаро)-и русӣ дар мавқеи аввал қарор гирифта буд. Ҳамзамон равияҳои дигаре, хосса мактабҳои забошиносӣ низ дар мавриди шинохти матни адабӣ, адабиёт ва моҳияти он ба майдон омаданд. Дар баробари ин аз усулҳои машҳур ва ҳоким дар замони ҳокимияти идеоложии синфгарои Ҳизби Коммунист шинохт ва тавзеҳи иҷтимоии адабиёт буд. Маълум аст, ки ин ду назар дар муқобили ҳамдигар қарор доштанд ва барои шарҳу баррасии поэтика ва куллан шакли адабиёт бо ҳама ҷузъиёт ва баррасии муфассалу мустақили он имкон вуҷуд надошт. Танҳо охири солҳои 50 ва аввали 60, ки дар ҷомеа озодии нисбӣ фароҳам шуд ва шароит барои андеша ва шинохти солими адабиёт ба вуҷуд омад, масъалаи поэтика низ аз нав мавриди баҳсу баррасиҳои назариву амалӣ қарор гирифт.

Маҳз дар ҳамин давра мафҳуми поэтика ва вазифаҳои он ба низом медарояд ва дар бораи он тасаввури мушаххасу мукаммал дар шакли як қоидаи нисбӣ дароварда мешавад. Аммо наметавон гуфт, ки ин қоида то ба охир комил ва фарогири ҳамаи ҷузъиёти мавзуъ аст. Поэтика, дар маҷмуъ, илмест, ки аз системаи бадеии адабиёти як давра ва адиби алоҳида то сохти осори адабӣ ва маҷмуи воситаҳои эстетикии мавриди истифода дар тасвирро фаро мегирад. Он вожаи юнонӣ (греч. poietike techne – творчское искусство, ҳунари эҷодкорӣ, яъне илм дар бораи системаи воситаҳои ифода дар асари адабӣ) буда, ба маънии «санъати сухан» аст. Тибқи маълумоти муҳаққиқини назарияпардоз ва донишномаҳои адабӣ дар маънии истилоҳӣ поэтика фаннест дар бораи системи хоси тафаккури бадеӣ, сохтмони асари адабӣ ва маҷмуи воситаҳои бадеӣ (эстетикие), ки дар кори эҷодӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аммо тибқи пажӯҳишҳои ахир мафҳуми поэтика шомили маъниву мафоҳими хеле васеъ аст ва аз кӯчактарин аносири сохти асару адабиёт то сифати тафаккури адабии инсониятро дар даврахои бузурги ташаккулу таҳаввули он фаро мегирад. Таҳаввули поэтикӣ ба ин маънӣ танҳо аз се марҳалаи пурвусъат иборат дониста шудааст [14, с. 174-179; 370], зеро чунонки гуфта омад, он таҳаввулу тағйири сифатии тафаккури бадеиро дар назар дорад ва сабаби хеле оҳиста ҷараён гирифтани ин таҳаввул низ ҳамин тағйири кайфист, ки вусъати

замониро тақозо мекунад. Ба ин маънӣ, агар як меъёри рушди адабиёт инкишофи таърихии марҳала ба марҳалаи он бошад, пас меъёри дигари рушд таҳаввули поэтикии он ба шумор омадааст.

Ин ҷо лозим аст боз як масъали дигари куллиро таъкид намоем, ки агар таҳлили ғоявӣ-бадеии адабиёт мутаваҷҷеҳи масъалаи дар бораи чӣ баҳс кардани асари адабӣ, таърихи адабиёт, осори адибии алоҳида аст, пас таҳлили поэтикӣ фарогири масъалаҳое мисли сифати афкори бадеӣ, сохтори адабӣ, ҳунари тасвиргарии хоси нависандаи алоҳида ва ҳирфакорӣ дар банду баст, сужет ва хеле ҷузъиёти дигар мебошад, Ба ин маънӣ, таҳлили поэтикӣ воситаи муҳимме дар бозгӯ кардану дарки муҳтаво ва ворид шудан ба умқи мазуву маъно ва дарунмояи асар мегардад.

Зиёда аз он, ин нукта низ лозим ба таъкид аст, ки то ба ҳол як қоидаи тамомёфта дар бораи поэтика ба сифти бахши илм ба даст наомадааст. Чи олимони русӣ ва чи олимони тоҷикӣ ин нуктаро қайд кардаанд. Аммо ибрози назарҳо дар мавриди поэтика кам нест ва имкон дорад як тасаввури бонизом бо мантиқи сиҳҳати илмиро пеши назар оварда бошем. Чунонки дар боло ёдовар шудем, баррасии илмӣ ва дарки ҳунарии (эстетикии) поэтика низ маҳз дар ҳамин як асри ахир ба амал омад ва аз ин ҷо назарҳои гуногуну баҳсноки то охир даркнашуда дар мавриди қазияи мазкур хеле зиёданд.

Ба қавли яке аз аввалин муаллифони китоб оид ба поэтика дар даврони нав Б.В. Томашевский, «вазифаи поэтика (ё ба наҳваи дигар санъати сухан ва адабиёт) иборат аз омӯзиши тарзу тариқи сохтмони асари адабист» [13, с. 22]. Жирмунский, аз дигар назарияпардозони поэтика, наздик ба гуфтаҳои боло изҳор дошта будааст, ки: «вазифаи мо ҳангоми ба низом даровардани поэтика, ...иборат аз омӯхтани сохтори объекти эстетикӣ, дар ин маврид асари санъати сухан (бадеӣ) мебошад» [13, с. 23].

Агар дар ду қоидаи аввал масъалаҳои сохтори асари бадеӣ ҷиҳати асосӣ дар поэтика ба шумор оварда мешавад, пас дар баъзе манобеи назарӣ он тавсифу қоидаи дигар низ дорад. Масалан, ба ин тартиб, ки: поэтика мафҳумҳои «ташкилу тартиби замону макони шартӣ, системаи мотивҳо (мавзуъҳо), системаи «садоҳо» ва бунёди авзону оҳанги матн»-ро фаро мегирд, ки аз ягонагии ботинии маҷмуи арзишҳо берун омадааст [4, с. 54]. Д.С. Лихачев дар пажӯҳиши худ оид ба поэтикаи адабиёти Руси қадим хасоиси хос ва ҷиҳатҳое, ки онро аз адабиётҳои дигар тафовут медиҳанд, ба сифати муайянкунандаи поэтикаи ин адабиёт ба шумор овардааст [7, с. 3]. Дар ҳар маврид ташкилу тартиби сохтори хос, диди бадеии мутафовит ва ҳатто, махсуси минтақаҳои бузурги олам (Шарқу Ғарб) ба такрор во мехӯрад, ки ин бояд бесабаб набошад. Шояд аз ҳамин меъёр аст, ки поэтикаи адабиётҳои дунё ба гурӯҳҳо дастабандӣ гардидаанд: поэтикаи Аврупо, поэтикаи Шарқ, ки дар айни замон аз поэтикаи ҳиндӣ, арабӣ ва форсӣ [12, с. 295-302] иборат дониста шудааст.

Масъалаи дигаре, ки бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, қаробати поэтика бо мақулаҳои дигари адабиётшиносӣ мебошад. Масалан, поэтика аз бисёр ҷиҳат бо мафҳумҳои дигари адабиётшиносӣ, амсоли *сабк*у *маҳорати адабӣ* ва *забону воситаҳои тасвири бадеӣ* қаробати танготанг дорад, вале бо онҳо як чиз нест. Агар поэтика ба сифати тафаккури бадеӣ, сохтори асри адабӣ ва дар ин манзар ба ба кор гирифтани тамоми аносири адабиётро тақозо кунад, пас сабки адабӣ усули хосу фардии нависанда (адабиёт) ва ҷузъиёти ба он мувофиқ ва аммо маҳорат ҳунари истфода аз унсурҳои шаклу мазмун аз ҷониби адибро дар маҷмуъ дар назар дорад. Дар мавриди забон ҳаминро гуфтан лозим аст, ки он унсури асосии ҳамаи мақулаҳои зикршуда ва умуман адабиёт мебошад, вале баррасиҳои поэтикиро бо забони бадеӣ маҳдуд кардан нашояд, ҳарчанд ки он аз лояҳои сатҳи аввал ва хеле муҳим ба шумор меояд. Ҳамин нуктаро низ таъкид кардан лозим аст, ки жанру шакл, аз ҷумла сабк низ поэтикаи хоси худро доранд. Ҳамчунин поэтикаи назму наср аз ҳам тафовут дорад ва хоса ин дар забону баён ва воситаҳои нақлу тасвири онҳо равшантар зоҳир мешавад. Ба ин маънӣ мавзуи поэтика танҳо хоси шеър нест, чунон ки дар илми адаби мо гоҳо чунин ҳам тавзеҳ

мешуд, балки кулли адабиёт бо хасосиси поэтикӣ аст ва он дар ҳамин мураккабӣ ва ғановат бояд мавриди пажӯҳиш қарор дода шавад. Поэтика имкон медиҳад, ки дар ҳар як асари бадеӣ, нависандаи алоҳида ва адабиёти давраи муайян хусусиятҳои нотакрору муайян тавассути алоқаҳои мураккаби дохилӣ ошкор карда шавад.

Зимнан бояд қайд кунем, ки дар иртибот бо вазоифи гуногуни ҳунарӣ ва сохторие, ки поэтика дар кулли тафаккури бадеӣ ва диди хоси адабӣ дорад, назарияпардозони адабиёт онро ба гунаҳое таҳсимбандӣ кардаанд, ки маъмултаринашон *поэтикаи умумӣ*, *поэтикаи тавсифӣ* ва *поэтикаи таърихӣ* мебошанд [6, с. 937]. Ин мафҳумҳо аз ҷиҳати мантиқӣ ва таърихӣ ба ҳам иртибот доранд:

Ба маънии аввал, поэтика маҷмуи қоидаҳоест, ки тибқи он осори адабӣ бояд сохта мешавад. Поэтикаро дар ин маврид поэтикаи меъёрӣ номидаанд, зеро он қоидаву қолабҳоеро муқаррар мекунанд, ки ичро карданаш дар кори эҷодӣ ҳатмӣ мебошад. Ин навъи поэтика дастурҳои эҷодии равия ва ҷараёнҳои муайяни адабиро ба низом медарорад ва таҳким мебахшад. Масалан, класитсизм, ки як ҷараёни хоссе дар таърихии адабиёту фарҳанги Ғарб аст, аз адибон риояи меъёр ва дастурҳои муайяни эҷодиро таҳозо мекард. Мисли ҳамин, поэтикаи адабиёти классикии мо меъёрӣ буд ва дар бораи қавоиду қонуни он аз ҷониби назарияпардозоне мисли Рашиди Ватвот, Муҳаммад Умари Родуёнӣ, Шамси Қайс ва дигарон китобу рисола ва дастурҳо таълиф шудааст, ки қавонини илми баён, вазну қофияро ба низом дароварда ва риояаш дар кори эҷодӣ қатъан таҳозо карда мешуд. Дар илми адаби Ғарб асари Н. Буало «Санъати шоирона» низ аз ҳамин навъ асар аст, ки дастурҳои чӣ гуна навиштани асари адабии бо сабки классикро танзим ва пешниҳод мекунад. Поэтикаи меъёрӣ ҳарчанд ҳангоми эҷоди осори адабӣ риояи ҷиддии канон ва ҳадду ҳудуди қавонинро дар назар дорад, аммо дар зоҳир шудани маҳорат ва ҳунари шоирӣ мамониат намегузорад, балки адиб имкон дорад дар доираи суннату қолабҳои адабӣ бо тавони истеъдоди волои худ эъҷозҳо карда бошад, ки намунаашро дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ фаровон ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Дар муқобил, дастуру таҳозоҳои сиёсию зӯроваронаи ғайриадабӣ метавонанд сабаби ба қолабу меъёри шахшуда бадал шудани кори эҷодӣ, яъне зуҳури поэтикаи меъёрии ичборӣ ва ғайриҳирфаӣ гарданд, чунонки адабиёти ба истилоҳ методи реализми сотсиалистӣ дар Шуравӣ бисёр мавридҳо ба ҳамин ҳолат гирифтор буд.

Ба маънии дувум, поэтика системаи хоси бадеии нависанда, ягон давраи адабӣ, нависандаи алоҳида, асари мушаххаси бадеӣ, ин ё он жанру қолабҳои адабиро дар марҳалаҳои муайяни инкишофи он фаро мегирад. Дар ин маврид поэтикаро ба мафҳуми кайфияту сифати диди бадеии хоси давру замон ё эҷодкори алоҳида, аносири қолабсози жанр, ки дар марҳалаҳои гуногун шакл гирифтаву таҳаввул намудааст, шарҳу тавзеҳ мекунад. Адабиётшиносон Д. С. Лихачев поэтикаи адабиёти қадими Рус (7.) ё Аверентсев поэтикаи адабиёти Византияи ибтидоро маҳз дар ҳамин равиш ба таҳқиқ кашиданд [1] ва дар бораи поэтикаи романтизм ё поэтикаи реализми адабиёти русӣ низ асарҳои ҷиддии таҳқиқӣ навишта шудаанд. Дастовардҳои илми поэтикаи муосир дар шинохти сабки адабиёти классикии форсу тоҷик низ ба кор гирифта шудаст ва намунаи хуби он рисолаи арзишманди М-Н. Усмонов дар бораи сабки адабиёти классикии форсу тоҷик [10] ба шумор мояд.

Бахши дувуми поэтика, ҳамчунин масъалаи пажӯҳиши поэтикаи нависандаи алоҳидаро дар назар дорад ва дар ин маврид оид ба поэтикаи нависандагоне чун Достоевский, Гогол ва Чехов корҳои бисёр муҳимме анҷом дода шудааст. Аз ҳамин меъёр ва дидгоҳ метавон осори Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Айнӣ ва бисёр дигар адибони бузурги тоҷикиро мавриди пажӯҳиш қарор дод. Мо ин корро дар мисоли осори нависанда Фазлиддин Муҳаммадиев анҷом додан мехоҳем, ки поёнтар тавзеҳ хоҳем дод.

Ҳаминро ҳам бояд дар назар дошт, ки одатан ташаккули (системаи) бадеӣ чи дар ҷараёни адабӣ, чи дар эҷодиёти нависандаи алоҳида ва чи жанру тамоюлти адабӣ ба таври айнӣ (объективӣ) ҳузур дорад ва ҷараён мегиранд, ки танҳо тавассути пажӯҳиши илмӣ онро мушаххас намудани мумкин аст. Бинобар ин, аҳли илму пажӯҳиш аз мавқеи илмҳои гуногун

ба таҳқиқи поэтика пардохтаанд ва аз ин ҷо истилоҳҳое чун поэтикаи муқоисавӣ, иҷтимоӣ, шаклгароёна, сохторӣ, мифологӣ ва ғайра ба вуҷуд омадаанд.

Ва ниҳоят, поэтика ба сифати як бахши илм дар таърих ва назарияи адабиёт вуҷуд дорад. Поэтикаи илмӣ сифатҳои аслии адабиётро меомӯзад, яъне ба тавсифи он аносире машғул аст, ки хоси адабиёт буда, онро аз дигар бахшҳои фарҳанг фарқ мекунад.

Тавассути баррасиҳои поэтикӣ хусусияти нотакрор ва махсуси асари алоҳидаи бадеӣ равшан, ҷиҳатҳои умумии адабиёт ва алоқаҳои мураккаби дохилии ҳодисаҳои ҷараёни адабӣ ошкор мегарданд. Поэтика ба бисьёр саволҳое амсоли иртиботи сюжет ва асолати композитсия, хусусиятҳои услубӣ, робитаи жанри асар ва вазн, ҷузъиёти шеъру шеърият, дар бораи муносибати лаҳну оҳанг бо сохти образнок, шаклҳои ривоят (таҳкия), зовияи дид ва шахси ровӣ ва ғайра, яъне он ҳама аносире, ки асари бадеиро шакл медиҳанд, ҷавоб медиҳад.

Огоҳӣ аз қонуниятҳои жанр, банду баст, сохтори сужа, шаклҳои ривоятгарӣ, иртиботи банду байт, вазну қофия, шаклу воситаҳои тасвир ва тамомияти асари адабӣ ба беҳтар дарк кардан ғанои адабиёт мусоидат менамояд. Поэтика илмест, ки осори адабиро бевосита ба маҳзари таассурот мегузорад то хонанда ва пажуҳанда эҳсосу андешаҳои худро ба асар, эҷодиёти нависанда, давраи адабиёт ва ғ. мушаххас бисанҷад. Ҳамин тавр, поэтика на танҳо ба росту дуруст фаҳмидани моҳияти асар мусоидат мекунад, балки барои баҳо, шарҳу тавзеҳ ва қазовати муфассали он имконият фароҳам меоварад.

Ниҳоят, месазад ки дар бораи шинохту пажӯҳиши поэтика дар адабиётшиносии тоҷикӣ чанд мулоҳиза иброз дошта бошем. Маълум аст, ки дар иртибот бо суннатҳои адабӣ ва табиати забону баён ва тафаккури бадеӣ поэтика дар ҳар қавму миллат ва бахшҳои инсоният (ба хотир оварем таснифи шакли мутафовут ва ба худ хоси дарки бадеии мардумони Шарқу Ғарбро аз тарафи Ҳегелро) ҷиҳатҳои хосеро доштааст. Бинобар ин, шинохти он низ яксон набудааст. Аз ҷумла, дар илми сухансанҷиии форсиии тоҷикӣ аносири асосии поэтика саноеъи бадӣ, воситаҳои тарзи баён ва вазну қофия будааст. Сабаб ин ҳодиса гӯё ҳамин аст, ки дар адабиёти мо ва ҳатто бо баъзе истисноҳо, куллан дар адабиёти Шарқ, шеър дар мақоми аввал ва дар рушду нумуи бештаре қарор доштааст. Хато намешавад, агар бигӯем, ки нуфузи зиёди поэтикаи шоирона ва мавқеи бузурги шеър дар тарзи тафаккури зеҳнгароёнаи румонтик ва рамзиву киноии шарқии мо нуҳуфтааст.

Ҳамин нуктаро қайд кардан лозим аст, ки дар масъалаи шарҳу тавзеҳи истилоҳи поэтика дар адабиётшиносии тоҷикӣ кори зиёде анҷом дода нашудааст, ҳарчанд ки ба мафҳуми мазкур аз нимаи солҳои 50 рӯ ба рӯ меоем. Ин нуқтаи назар ба қавли адабиётшиноси шинохта М. Мирзоюнус пас аз ба чоп расидани китоби адабиётшинос ва назариядони адабиёти классик Турақул Зеҳнӣ таҳти унвони «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ» (1960, бо такмили маводи нав «Санъати сухан», 1970) роиҷ гардид. Зеҳнӣ аз рисолаҳои назарии классикӣ ном бурда навишта буд: «…ин гуна рисолаҳо хеле бисёранд ва илми поэтикаи форс-тоҷик таърихи қадима ва пурвусъате дорад» [5, с. 25]. Дар идомаи сухан муҳаққиқ менависад: «Чунонки маълум аст, дар бораи саноеъи бадеӣ, ки аз қисми муҳимми поэтикаи классикии мост, то ҳол ба хатти имрӯзаи тоҷикӣ ягон китоби содаи оммафаҳм чоп нашудааст... » (5, 25). Аммо дар ҳамин ибтидо, дар пайравӣ ва таъсири илми адаби суннатии тоҷикӣ мафҳуми поэтика, асосан, ба фунуни сегонаи марбут ба аносири шеър - вазну қофия ва саноеъи бадеӣ нисбат дода мешавад. Аз ин ҷо, дар тасаввури аксар аз аҳли нақд ва адабиётшиносон гӯё поэтика танҳо махсуси шеър асту бас.

Аммо, баъдтар тасаввур дар бораи поэтика дар шинохти адабиётшиносони мо тағйир хурд ва бо мушоҳидаи М. Мирзоюнус [9, с. 229] ин кор дар таълифи энсиклопедии олими назарияшинос Х. Шарифов «Поэтика» изҳор дошта шудааст. Вай дуруст навиштаст, ки поэтика мафҳуми хеле пурғунҷоиш аст, ки тамоми масъалаҳои марбут ба ҳунари нависандагиро фаро мегирад. Ҷои шак нест, ки он ҳамчун системаи яклухти инкишофи адабиёт аз каломи бадеиву услубӣ то қонунҳои таҳаввули ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ масъалаҳои зиёдеро фаро гирифта, бо эстетика ва назарияи адабиёт, таърихи адабиёт ва

нақди адабӣ ҳамбастагӣ дорад [15, с. 546].

Аз тавзеҳи назарии олимони тоҷик маълум аст, ки дар адабиётшиносии тоҷикӣ шинохти поэтика аз мафҳуми классикии меъёрӣ берун рафта, масъалаҳои зиёди кори эҷодӣ ва тору пуди тасвирро фаро гирифтааст. Дар ин миён яке аз чунин масъалаҳо баррасии чигунагии поэтикаи нависандаи алоҳида мебошад ва ҳоло бештари таҳқиқот зери унвони поэтикаи адиби муайян таълиф мешаванд, ки дар ин мавридҳо гоҳо поэтика ба маҳорату ҳунар ва сабку услуб ба ҳам омехта мешавад. Аммо ба андешаи мо поэтикаи нависандаи алоҳида мафҳуми васеътаре аз сабку маҳорат аст.

Пас дар бораи поэтикаи нависандаи алоҳида чӣ метавон гуфт ва ҳангоми таҳқиқи он ба чӣ масъалаҳое бояд таваҷҷуҳ кард?

Дар ин маврид, пеш аз ҳама, муайян кардан лозим аст, ки зери мафҳуми поэтикаи нависандаи алоҳида чиро бояд фаҳмид? Ҳамин нуктаро набояд фаромӯш созем, ки халлоқи асари адабӣ маҳз нависанда аст ва дар канори риояи канон ва суннатҳои хоси адабиёт, умуман, ба эҷоди воқеъӣ низ аз роҳи шикастани суннатҳо ба мақсади ибтикорот пой мебардорад ва он, пеш аз ҳама, аз бухудхосии диди бадеӣ ва поэтикаи вай зоҳир мегардад. Яъне, поэтикаи нависанда ба таври куллӣ метавонад дар худ аксари аносири умуман поэтикаро, ки дар боло аз онҳо ном бурдем, фаро гирифта, ҳамзамон онро ба таври хосе такмил кунад. Ин ибтикорот аскар вақт аз нависандагоне сар мезанад, ки истеъдод, диди бадеиашон аз ҷиҳати кайфӣ (сифатӣ) нотакрору навоварона мебошад. Ва ин амал, пеш аз ҳама, бо роҳи тозабинӣ ва инқилобгариву суннатшиканӣ сурат мегирад. Маҳз дар ҳамин маврид, ба фикри мо, мешавад аз *поэтикаи хоси як нависандаи алоҳида* сухан ба миён овард.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки масъалаи поэтикаи нависандаи алоҳида, пеш аз ҳама, ба эҷоду сохтани осори адабӣ бо диди хоси эстетикӣ иртибот мегирад. Олимони босалоҳият дар бораи чеҳраҳои дурахшоне чун Ф. М. Достовский, Л.Н. Толстой, Н. Гогол А.П. Чехов ва дигарон пажӯҳишҳои мукаммалу бунёдӣ анҷом додаанд, ки дастури кору меъёри масъалагузориашон ибрат аз кашфи асрори поэтикаи хоси ҳар яке аз муаллифон будааст. Аз ҷумла, адабиётшиноси рус Ю. Манн бо такя ба суханони Н. Некрасов бар ин ақида аст, ки Гогол аз миёни афроде, ки соҳиби тавони эҷодкорӣ ҳастанд, «ҳодисаи ба куллӣ нав аст», «...ҳодисае, ки ба қолаби ҳеч кадом аз назариёте, ки дар заминаи осори шоирони дигар сохта шудааст, намегунҷад» [8, с. 4]. Бинобар ҳамин ҳам дорои поэтикаи хос аст.

Муҳаққиқи дигари поэтика, донишманди маъруф Михаил Бахтин поэтикаи Ф. М. Достоевскийро ба хотири эҷоди «...навъи нави тафаккури бадеӣ», ки шартан тафаккури полифонӣ номзад мекунад, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Зиёда аз он, вай бар ин бовар аст, ки Достоевеский «чунон тарҳи (модели) нави бадеии олам (зиндагӣ)-ро эҷод кард, ки дар натиҷа бисёре аз ҷиҳатҳои асосии шаклҳои куҳнаи бадеӣ ба тағйири ҷиддӣ мувоҷеҳ гардиданд» [3, с. 5].

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои муҳаққиқон бармеояд, ки масъалаи поэтикаи нависанда алоҳида, пеш аз ҳама, ба «навъи нави тафаккури нависанда, ба эҷоди чизи ба кулли тозаи эҷодӣ аз ҷониби ӯ иртибот мегирад. Аз ин ҷо ибатокорот ва тозаназарӣ дар тафаккури адабии нависанда аз унсурҳои асосии поэтикаи ӯ ба шумор меравад. Дар омади сухан бояд гуфт, ки, албатта, на ҳама нависандагон ба пояи навоварии сифатӣ дар афкори адабӣ расидаанд. Вале гумон мекунем, ки метавон аз баъзе ҷиҳатҳои хоси поэтикаи фардии ҳар нависандаи баркамоли соҳибистеъдод, ки дорои ҷиҳатҳои равшани сабки эҷодӣ ҳаст, сухан ба миён овард.

Албатта, дар бораи поэтикаи хоси устод Айнӣ, нависандагони пешкисвате чун Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Пӯлод Толис ҷои баҳс нест. Нависандагони чун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Сорбон, Абдуҳамид Самад дар осори худ аносири бахудхоси поэтикиро шакл додаанд. Даҳсолаҳои охир дар насри тоҷикӣ тамоюлҳои тозаи поэтикӣ, ки илҳомгирифта аз насри мудерни ҷаҳон мебошанд, дар навиштаҳои нависандагоне чун Баҳманёр, Сайф Раҳимзод, Муҳаммадзамони Солеҳ, Муаззама, Юнус

Юсуфӣ ба зуҳур омаданд, ки ҳама дар кулл аз ҷӯяндагӣ ва паҳнои поэтикаи насри муосир шаҳодат медиҳанд.

Аммо дар мавриди Фазлиддин Муҳаммадиев бо боварии том метавон гуфт, ки вай аз нависандагони тозаназар бо тафаккури хос ва навоварона дар адабиёти тоҷики солҳои 50-80-и асри гузашта шинохта шудааст, ки дорои сабк ва поэтикаи инфиродии худ мебошад. Пас, навовариҳо ва поэтикаи ба худ хоси Фазлиддин Муҳаммадиев дар чӣ зоҳир мешавад?

Садоқат ба мавзуи рӯз, тасвири воқеияти ҳол ва шинохти равандҳои он яке аз хусусияти муҳимми диди бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев аст ва аз ин ҷо ба поэтикаи осори ӯ таъсири назаррасе кардааст. Дар асарҳои ӯ ҳозиразамон будан дар биниши бадеӣ, тезу тунд ва таҳрики воқеаҳо ва зуҳури навиву барҳӯрди он ба куҳнагӣ (тазоди наву куҳна), ки хеле мавридҳо паҳлуи ҳам омаданаанд, зоҳир мешавад ва баёнгари мураккабиҳо дар воқеият ва зиндагии одамон аст. Албатта, ҳозирнигарии воқеӣ ва солимро аз ёди гузашта гузир нест. Нависанда инро чи дар тасвири бевоситаи таърих (қиссаи «Зайнаббибӣ), чи дар риоя ва таҷассуми садоҳои мухталифи маънавияти асрҳо («Дар он дунё») ва чи ба ҳам пайвастани таърих бо замони ҳол («Палатаи кунҷакӣ») ба амал баровардааст. Инро ҳам бояд гуфт, ки тасвири мавзуи ҳозира дар очерк ва мақолоти пулитсистӣ як бахши эҷодиёти нависандаро ташкил медиҳанд. Аммо мақсади мо дар мавриди қазияи мазкур меъёр на мавзуъ, балки диди инзамонӣ чун сифати тафаккури бадеии ӯ мебошад. Ин меъёри назар, яъне дар мавқеи замон истодану дидан ва баҳо додан аз навиҳо бояд як хусуссияти муҳим дар диди бадеии Муҳаммадиев ба шумор ояд. Гумон меравад, ки мавқеи масъалагузориҳои гоҳномаӣ ва диди публитистӣ на танҳо як қисми таркибии назари нависанда аст, балки меъёри муайянкунанда дар тозаназарӣ ва равандбинии нависанда мебошад. Ва ин ҳол сабаби ибтикороти сифатӣ дар тасвири образҳои бадеӣ гардида, ҳолбинӣ ва рӯзнигорӣ маҳаки шинохту таваҷҷуҳ ба инсони фаъол гардидааст.

Аз ин ҷост, ки ин хусусиятҳои муҳимми поэтикаи Фазлиддин Муҳаммадиев ба сифат ва савияи қаҳрамони вай низ иртибот мегирад. Дарвоқеъ, қаҳрамони осори вай ба худ хос аст: инсони мустақил, фаъол, ҷӯянда, худков ва худрас, мушоҳидакор ва ибратпазир дар роҳи худшиносӣ ва такомул бо дастурҳои хоси ахлоқӣ ва маънавӣ (муаллим Юсуфзода, Қурбон, Иброҳимҷон). Қаҳрамон дар амал ва андешаи худ озод аст ва он нусхаи ғаразҳои нависанда нест, балки назари вай дар бораи худ наздик ва арзишманд ба андешаҳои муаллиф аст (Носир Аббос, Акаи Барака, Саидбек). Ва ин озодии нисбии қаҳрамон ва муносибати як андоза бетарафонаи нависанда ба фикру амали он сабаби хусусиятҳои хос дар ривоятгарии ӯ шудаанд. Ҳамин тавр, дар таҳияи Муҳаммадиев нақли дуовоз, ки садои қаҳрамон ва муаллиф ба ҳам пайванд мехӯрад, мавқеи асосӣ дорад.

Маҳз ҳамин ҷиҳатҳо на танҳо чандсадоӣ, балки сертаркибии тору пуди тасвир (дар як таркиби жанрӣ ба ҳам пайвастани сужаҳои мухталиф) ва истифодаи воситаҳои гуногуни нигоришро (зарофти омехта бо лиризм, руҷӯи таърихӣ, шеъру тамсил, ҳаҷву муқобала) ба миён овардаанд, ки ҳама дар маҷмуъ таркиби сифатан бахудхосу тозаи поэтикаи эҷодиёти Муҳаммадиевро дар наср муайян мекунанд.

Адабиётшиноси рус М. Пархоменкко дар мисоли асарҳо ва хосса қиссаи «Дар он дунё»-и Муҳаммадиев аз умеди ибтикороте, ки ӯ ба насри тоҷикӣ чашм доштан мумкин аст, сухан ба миён оварда, навишта буд, ки: на танҳо умед медиҳад, балки повест дарвоқеъ дар таҷдиди наср иштирок дорад. Ҳамин чанд вақт пеш чунин шумурда мешуд (масалан, устод Икромӣ ин андшеро изҳор дошта буд – А.Н., Ф.Қ.), ки гӯё қолабҳои (канонҳои) суннатии поэтикаи шарқӣ собит ва тағйирнопазиранд ва хонандаи дар таъсири ин суннатҳо тарбия дида ҳеч гуна навовариро қабул надорад ва аз насри муосир (ва куллан адабиёти миллӣ) танҳо чизҳое, ки ҷавобгӯи уннатҳо ҳастанд, қабул дорад ва муҳим медонад... Воқеият нодурстии чунин тасаввурро собит намуд» [11, с. 521-522]. Андаке пештар, ин мунтақид навоврии Муҳаммадиевро на танҳо дар тасвири симоҳои нави инсонҳо, ҳатто «одамони куҳна», балки «пеш аз ҳама дар шаклу сабки ривоятгарии нависанда, забони бадеӣ ва сохтори асар» [11, с.

518] ба мушоҳида гирифтааст. Ғарази пажӯҳишгар аз ин ҳама таъкиди навпардозиҳоест, ки Муҳаммадиев ба насри тоҷикӣ ворид овардааст ва ин бисёр муҳим мебошад. Ин ибтикороти Муҳаммадиеро аҳли нақди тоҷикӣ низ мушоҳида ва қайд кардаанд. Аз ҷумла дабиётшинос Ҷ. Бақозода дар бораи асарҳои муҳимми ӯ сухан ронда, изҳор дошта буд, ки тавассути онҳо: «…баробари офаридаҳое, ки ба сюжетсозии анъанавӣ (услуби таҳкия) асос ёфтаанд, «насри андеша», ки бунёдаш бар психологизми амиқ аст, дар адабиёт мавқеи мустаҳкам пайдо кард. Муҳим аз ҳама таносуби байни бофтаи бадеӣ ва ҳаёти воқеӣ ба дараҷае такомул ёфт, ки ба вусъати имконияти воситаҳои тасвир ва ифоданокӣ дар насри тоҷик боис гардид» [2, с. 33].

Ҳамин тавр, ба чунин натиҷае расидан мумкин аст, ки масъалаҳои назарии поэтика фарогири хусусиятҳои муҳимми адабиёт буда, имкон медиҳанд, ки адабиёт, осори адабӣ ва хосса навовариҳои адиби алоҳида мавриди баррасии мушаххас, асоснок ва боварибахш қарор гирад ва ғанои адабиёту имконоти тасвирии он равшан карда шавад. Ин барои адабиётшносии тоҷикӣ бисёр муҳим мебошад.

Муқарриз: Олимӣ Х.Ҳ., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

1. Аверенцев, С. Поэтика ранневизантийского литературы. – М.: Наука, 1987. – 320 с.
2. Бақозода, Ҷ. Андеша ва чеҳраҳои адабӣ. - Душанбе: Адиб, 2005. – 180 с.
3. Бахтин, М. Проблемы поэтики Достоевского. – СПб: Азбука-классика, 2019. – 416 с.
4. Введение в литературоведение: Учеб. пособие. Под ред. Л. В. Черец. – М.: Высш. школа, 2004. - 680 с.
5. Зеҳнӣ Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1960. – 260 с.
6. Иванов, В.В. Поэтика. – В кн.: Краткая литературная эциклопедия, т. 5. - М.: Сов. энциклпедия, 1968 - С. 936-943.
7. Лихачев, Д. Поэтика древнерусской литературы. – Л.: Изд-во «Наука», Ленинградское отделение, 1967. – 372 с.
8. Манн, Ю. Поэтика Гоголя. – М.: Художественная литература, 1988. - 378 с.
9. Мирзоюнус М. Турақул Зеҳнӣ ва масъалаҳои поэтикаи шеър. Дар кит.: Зеҳнинома. – Душангбе: Дониш, 2022, С. 226-236.
10. Османов, М.-Н.. Стиль персидско-таджикской поэзии. - М.: Наука, 1974. – 270 с.
11. Пархоменко, М.. Два поколения. – в книге Рахим Джалил. Пулат и Гульру: роман. Ф. Мухаммадиев. Путешествие на тот свет, или повесть о великом хадже: повесть. М.: Известия, 1969. - 513-522 с.
12. Поэтика. В кн.: Литературный энциклопедический словарь. - М.: Советская энциклопедия 1987 – 752 с.
13. Томашевский Б.В. Теория литературы. Поэтика. – М.: Аспен пресс. 1999, – 344 с.
14. Хализев В.Е. Теории литературы. - М.: Высш. шк. 2005. – 405 с.
15. Шарифов Х. Энсиклопедияи адабиёт ва санъат, ҷ. 2. - Душанбе: Сарредаксияи энсиклопедияи тоҷик. – 546 с.

МАСЪАЛАҲОИ МАФҲУМ, НАЗАРИЯ ВА ШИНОХТИ ПОЭТИКА. ПОЭТИКАИ НАВИСАНДА (Ф. МУҲАММАДИЕВ)

Дар мақола таъкид мешавад, ки пажӯҳиши поэтика имрӯз яке аз масъалаҳи муҳим ва доғи адабиётшиносии тоҷикӣ гаштааст. Ин ҳол тақозо мекунад, ки дар бораи ин мақулаи назарӣ тасаввури солим ва комил дошта бошем. Бинобар ин, зарур шуморидем то масъалаҳои назарии поэтика: мафҳум, моҳият, вазифаҳои онро то қадри тавон аз ҷиҳати назарӣ ба баррасӣ кашем. Таваҷҷуҳ ва таҳқиқ ба поэтика хеле дертар, хосса дар асри ХХ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддии илмӣ қарор гирифтааст ва аз ин ҷо назарияи он низ то ба ҳол амиқу аниқ ба баррасӣ кашида нашудааст. Маълум аст, ки мақоми он дар шинохти адабиёт ва таъин кардани сифати тафаккури бадеӣ хеле муҳим буда, тамоми ҷузъиёти андешаи адабиро аз садову лаҳн ва забон то моҳият, муҳтаво ва паёми нависанда дар бар мегирад.

Дониши поэтикӣ барои мутахассиси адабиёт бисёр зарур аст.

Дар мақола ҳамин нуктаҳо ва вазифаи пажӯҳишгари поэтика мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Вобаста ба мавзуи мавриди таҳқиқ мавзуи пажӯҳиши поэтикӣ низ муайян мегардад ва яке аз онҳо таҳқиқи поэтикаи нависандаи алоҳида мебошад. Ин масъаларо муаллифони мақола дар мисоли махсусиятҳои поэтикаи нависандаи маъруф ва навовар Фазлиддин Муҳаммадиев аз назар мегузаронанд.

Вожаҳои калидӣ: *поэтика, сохтори асар, тафаккури бадеӣ, жанр, забони бадеӣ, таҳкия ва ривоят, Арасту, поэтикаи меъёрӣ, поэтикаи тавсифӣ, поэтикаи таърихӣ, Бахтин, поэтикаи нависанда, унсурҳои поэтика, Фазлиддин Муҳаммадиев.*

ПРОБЛЕМЫ ПОНЯТИЯ, ТЕОРИИ И ПОЗНАНИЯ ПОЭТИКИ: ПОЭТИКА ПИСАТЕЛЯ (Ф. МУХАММАДИЕВА)

В статье подчеркивается, что изучение поэтики стало одним из важнейших вопросов таджикского литературоведения. Поэтому необходимо иметь здравое и полное представление об этой теории. В связи с этим, мы считали необходимым максимально с теоретической точки зрения решить конкретные вопросы поэтики: ее понятие, сущность, задачи. Интерес и исследование поэтики стали предметом серьезного научного внимания значительно позже, особенно в XX веке, и ввиду этого ее теория не была глубоко и точно изучена. Понятно, что его статус очень важен для распознавания литературы и определения качества художественного мышления и включает в себя все детали литературной мысли, от гармонии и языка до сущности, содержания и обращения писателя. Поэтические знания очень необходимы специалисту по литературе.

Указанные проблемы и задачи исследователя поэтики обсуждаются в статье. В связи от темы исследования определяется и содержание поэтических исследований, где одной из них является исследование поэтики отдельного писателя. Авторы статьи рассматривают этот вопрос на примере поэтики известного писателя-новатора Фазлиддина Мухаммадиева.

Ключевые слова: *поэтика, структура произведения, художественное мышление, жанр, художественный язык, анализ и повествование, Аристотель, нормативная поэтика, описательная поэтика, историческая поэтика, Бахтин, поэтика писателя, элементы поэтики, Фазлиддин Мухаммадиев.*

PROBLEMS OF THE CONCEPT, THEORY AND KNOWLEDGE OF POETICS: POETICS OF THE WRITER (F. MUHAMMADIEVA).

The article emphasizes that the study of poetics has become one of the most important issues in Tajik literary criticism. Therefore, it is necessary to have a sound and complete understanding of this theory. In this regard, we considered it necessary to solve specific issues of poetics as much as possible from a theoretical point of view: its concept, essence, tasks. Interest and study of poetics became the subject of serious scientific attention much later, especially in the 20th century, and because of this, its theory has not been deeply and accurately studied. It is clear that its status is very important for recognizing literature and determining the quality of artistic thinking and includes all the details of literary thought, from harmony and language to the essence, content and address of the writer. Poetic knowledge is very necessary for a literature specialist.

These problems and tasks of a poetics researcher are discussed in the article. In connection with the topic of research, the content of poetic research is also determined, where one of them is the study of the poetics of an individual writer. The author of the article considers this issue using the example of the poetics of the famous innovative writer Fazliddin Muhammadiyev.

Keywords: *poetics, structure of the work, artistic thinking, genre, artistic language, analysis and narration, Aristotle, normative poetics, descriptive poetics, historical poetics, Bakhtin, poetics of the writer, elements of poetics, Fazliddin Muhammadiev.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Набиев Абдухолиқ *- Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии АМИТ, ходими пешбари илмӣ. Суроғa: 734016, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Нуратулло Махсум, 105/4-56. E-mail: anabavi46@mail.ru. Тел.: (+992) 935 084608.*

Қурбонова Фарзона Мироновна *- Академияи идоракунии давлатии назди Призиднти Ҷумҳарии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ. Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-21. E-mail: farzonamiron@gmai.ru. Тел: (+992) 91835 00 24*

Сведения об авторах: Набиев Абдухалик *- Институт языка и литературы им. Рудаки НАНТ, ведущий научный сотрудник Адрес: 734016, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Нуратулло Махсум, 105/4-56. E-mail: anabavi46@mail.ru. Тел: (+992) 935 084608.*

Курбанова Фарзона Мироновна*, Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, старший преподаватель кафедры иностранных языков. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки-21. Электронная почта: farzonamiron@gmai.ru. Тел: (+992) 91835 00 24*

Information about the authors: Abduhalik Nabiev *- Rudaki Institute of Language and Literature of NAST, leading Researcher. Address: 734016, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 105|4-56 Nusratullo Makhsum. E-mail: anabavi46@mail.ru. Tel: (+992) 935 084608*

Qurbanova Farzona Mironovna *- Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, senior lecturer at the Department of Foreign Languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 21 Rudaki avenue. E-mail: farzonamiron@gmai.ru. Tel: (+992) 91835 00 24*

ТДУ 82-1

МАҚОМИ МАСОИЛИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОӢ ДАР АШЪОРИ НИЗОМ ҚОСИМ

Абдураҳимов Б., Маҳкамов Д.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Эҷодкор, шоир фарди фаъоли ҷомеа аст, аз ин рӯ, аз ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҷудо буда наметавонад. Ӯ дар фаъолияти хеш хоҳу нохоҳ бо илмҳое чун таърих, иҷтимоиёт, сиёсатшиносӣ сару кор мегирад. Аз ин рӯ, дар осораш каму беш масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва таърихӣ инъикос хоҳанд ёфт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба масоили мазкур дар адабиёт дар асри охир – аввалу анҷоми қарни гузашта таваҷҷуҳ бештар шудааст. Намунаи инро мо дар мисоли ашъори шоирони намоёни асри гузашта, ки худро аз дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоии замон дур гирифта наметавонанд ва дили ҳассос доранд, мавриди муҳокима қарор медиҳем. Бо вуҷуди ин, ногуфта намонад, ки аз ин пеш, дар анвои шеъри тоҷикии асрҳои пешин низ нишонаҳои инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ ба чашм мерасанд.

Сабаби инро адабиётшиносон ва назарияпардозони гузашта дар он мебинанд, ки модоме шеър дар ҳар илм лозим аст, дар ҳар шеър ҳам илме бояд бошад: “Чунон ки шеър дар ҳар илме ба кор ҳамешавад, ҳар илме дар шеър ба кор ҳамешавад” [14, с. 79]. Пас, шеър аз илмҳои дигар ҷудо нест. Шеър монанди илм қобилияти дониш додан дорад, пеш аз ҳама, донишҳои гуманитарӣ: адабиёт, таърих, сиёсат, ҷомеашиносӣ, инсоншиносӣ... Илмҳои мазкур бошанд, дар навбати худ, аз қонуниятҳои шеър баҳравар мешаванд. Аз ин рӯ, Муҳаммад Авфии Бухороӣ ба мақоми шоир баҳои баланд дода, ӯро олим номидааст: “маънии шоир олим бувад, яъне, доно, ки маонии дақикро идрок кунад ва маънии дақиқ он ки фикрати ӯ дар зери пардаи замири хаёл бозиҳои латиф намояд” [15, с. 60]. Устод С.Айнӣ ашъори дорои инъикоси масъалаҳои иҷтимоиро дорои аҳаммияти бештар дониста ва шеъреро, ки аз ин хусусият орист, ашъори “бе қимати иҷтимоӣ” [2, с. 119] номидааст.

Ба қавли донишмандон, сиёсат аксар вақт дар ҷараёни дигаргуниҳои сиёсӣ, инқилобу ҳодисаҳои дигари муҳимми ҷамъиятӣ ба шеър сар медарорад. Ин аст, ки “адабиёти замони Шуравӣ аз назари иҷтимоигароӣ, мардумгароӣ ва воқеиятгароӣ дар таърихи адабиёт назир надошт” [3, с. 5]. Маҳз дар ҳамин давра шоирони наслҳои аввал ва дувум ва ниҳоят, сеюми Шуравӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳ карданд ва дар ин мавзуъ дафтарҳои комили ашъор ба вуҷуд оварданд. Ин падидаро муҳаққиқ М.Шакурӣ қобили қабул донистааст: “Бешак, ба шеър, ба адабиёт сар даровардани сиёсат рӯйдоди табиист ва бояд боиси тааҷҷубу сарзаниш нагардад... Агар сиёсати рӯз ё як хатти он ва ё марому маслаки сиёсатмадоре манфиатҳои ҷомеаро ифода карда бошад, аз эҳтимол дур нест, ки ба шеър болу пар бахшад” [19, с. 418]. Дар ашъори Низом Қосим барин шоири ҳассос, ки оғози фаъолияти эҷодиаш ба даврони воқеоти муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ рост омад, ангезаи сиёсӣ мавқеи муҳим пайдо кард.

Ба қавли муҳаққиқон, ба шеъре, ки ба мавзуи иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ бахшида шудааст, талабот бештар мебошад: “Шеъри оҳангҳои шаҳрвандӣ аз ҷиҳати санъат ва маҳорат бояд бисёр баланд бошад” [18, с. 257], – таъкид намудааст М.Шакурӣ. На ҳар шоир сарояндаи ашъори иҷтимоӣ шуда метавонад. Аммо “имрӯз шоироне ҳастанд, ки ҷанбаи публитсистӣ дар шеърашон нисбатан суст аст” [19, с. 130] ва муҳаққиқ Бозор Собирро аз ҷумлаи чунин шоирон ҳисобидааст, ки вобаста ба вазъи руҳӣ назар ба ҷанбаи публитсистӣ барояшон ҷузъиёти бадеӣ ва манзара муҳим мебошад.

Низом Қосим бо пайравӣ ба таҷрибаи насли калонсол ва афзудани дарки масъулияти шаҳрвандӣ ба шеъри иҷтимоӣ ва сиёсӣ таваҷҷуҳи зиёд равона кард. Баъзеҳо аз сиёсат дур будани шоирро афзал донанд, дигарон шоирро аз он ҷудо тасаввур намекунанд. Зикр мешавад, ки шарт нест, шоир ба воқеоти иҷтимоӣ ҳамчун сиёсатмадор ё як корманди ҳизбӣ назар дӯзад. Ба қавли Аскар Ҳаким, “адиб ба таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии рӯзгори худ набояд бо айнаки сиёсатмадорон нигоҳ кунад” [21, с. 101]. Муҳаққиқ ба фарқ байни шоир ва сиёсатмадор ишора кардааст.

Бо вуҷуди ин, алоқамандии адибон ба сиёсат мавзуи муҳим ба ҳисоб рафта, муҳаққиқони адабиёти тоҷик кам бошад ҳам, дар ин бобат баъзе корҳоро анҷом додаанд. Махсусан, дар ин маврид пажӯҳишгар Х. Асозода масъалаи алоқамандии устод Айнӣ ба сиёсатҳои замонро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ба қавли ӯ, «падидаи сиёсат ва сабабҳои таъсири он дар афкори адибон мавзуи муҳимме ба шумор меравад ва он дар шинохти шахсияти адибе равшаниҳо андохта, муносибати ӯро ба воқеияти зиндагии дар ҷомеа сармезада муайян месозад» [6, с. 39].

Вобаста ба нуктаи фавқ ақоид ва пажӯҳишҳои донишманди шаҳири Эрон Ризо Бароҳанӣ муҳим буда, ба баҳси мазкур хотима гузоштааст: «Нависанда ва шоир аз се нуқтаи назар бо иҷтимоъ марбут мешаванд. Нахуст, аз ин дидгоҳ, ки нависанда фарде иҷтимоӣ аст ва дар иҷтимоъ зиндагӣ мекунад. Дувум аз нуқтаи аввал ношӣ шуда, марбут ба асари адабиёст, ки нависанда ба вуҷуд меоварад. Ҳар асари адабӣ танҳо ба далели он ки нависандаи он фарде аз афроди иҷтимоъ аст, миқдоре муҳтавои иҷтимоӣ дорад. Ва савум, он ки таксири асар ба сурати чоп ва интишор ба рӯйи иҷтимоъ таъсир мегузорад» [8, с. 129]. Яъне, нахуст, шоир фарди иҷтимоист, дувум, ҳар асар то андозае сифати сиёсӣ ва иҷтимоӣ дорад, сеюм, адиб бо сухан ба рафторҳои аҳли ҷомеа таъсир мерасонад. Чунин таъсир ба ақидаи мо, дар ашъори сиёсӣ ва иҷтимоӣ пурзӯртар аст ва инро аз баррасии ашъори иҷтимоии Низом Қосим метавон мушоҳида кард.

Рустам Ваҳҳобзода вижагӣ ва имтиёзи шеъри тоҷикии имрӯзро дар мушаххас ва ҳадафманд будани он арзёбӣ кардааст: “Албатта, назарҳое низ вуҷуд дошту дорад, ки дар даврони Шуравӣ адабиёт аз ҳад зиёд побанди вазоифи иҷтимоӣ гардид, фазои бози тахайюли эҷодӣ маҳдуд карда шуд, методи реализми сотсиалистӣ адабиётро аз ҳад зиёд воқеъгаро ва тобеи ҳадафҳои сиёсию иҷтимоӣ сохт... Аммо муҳимтар аз ҳама ин аст, ки дар онҳо симоҳо, манзараҳо ва ҳадафҳои мушаххасу диданӣ ва баёдмонданӣ вуҷуд доранд” [10, с. 157-158]. Ин аст аҳаммияти шеъри иҷтимоӣ. Шеърҳои иҷтимоии Низом Қосим аз ҳамин гуна ашъор мебошанд, онҳоро метавон “шеъри ҳадафманд” номид.

Рушди шеъри иҷтимоӣ дар арафа ва солҳои аввали даврони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳаққиқ И.Бобомаллаевро бар ин хулоса овардааст: «Шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ ва дигар адибони ин давра, аз ҷумла Ғ.Мирзо, М. Қаноат, Лоиқ ва дигарон дар марҳилаи аввал бо низоми суннатии шеър эҷод шуда, баъдан истиқлолияти шаклии мувофиқи мавзуъ пайдо кардааст». [9, с. 34]. Ин ҳарфҳоро дар мавриди ашъори Низом Қосим ҳам метавон гуфт. Баъди истиқлолият дар ашъори ӯ шеъри озод мавқеи мустаҳкам пайдо карда, мазмуну мундариҷаи он ҳам тоза ва нав гардид.

Низом Қосим аз шоиронест, ки воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар эҷодиёташ равшан инъикос ёфтаанд. Ӯ вобаста ба воқеоти замони дахлдор мавзуъҳои алоҳида: зикри норасоиҳои ҷомеа (дар солҳои бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ); оташбас ва сулҳ (даврони ҷанги шаҳрвандӣ); тараннуми Ватан, ситоиши ашхоси писандидаи халқу миллат, мустаҳкамшавии пояҳои давлатдорӣ (дар ду даҳсолаи охир)-ро пайгирӣ кардааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи падидаи мазкур дар ашъори Низом Қосим ба аҳаммияти калон молик буда, равандҳои муҳимми эҷодиёти шоирони ҷавони даврони истиқлолиятро инъикос карда метавонад. Зеро «таҳқиқи мавзуъ ва мундариҷаи ашъори шоир яке аз меъёрҳо ва унсурҳои асосии тавзеҳдиҳандаи бурду бохти эҷодӣ, ҳунару маҳорати адабӣ ва таъйинкунандаи мақоми ӯ дар давраи муайяни таърихи адабиёт мебошад» [9, с. 17-18]. Дар ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим кам бошад ҳам, шеърҳои соф сиёсӣ ягон-ягон ба чашм мерасанд, шоир ин мавзуъро чун устодаш Лоҳутӣ дар либоси лирика ифода намудааст. “Ҳизби халқ. Бахшида ба ҲХДТ”, “Рӯзи интихоб” аз ҷумлаи онҳоянд.

Дар шеърҳои иҷтимоию сиёсӣ шоир баъзан ба масъалаҳое дахл менамояд, ки на ҳар кас дар замони Шуравӣ ва имрӯз ҳам ҷасорати ба он даст заданро дошту дорад. Шеъри “Коркарди замон” мисоли равшан аст. Нахуст, сарлавҳаи он бесобиқа аст, ибораи “коркарди замин” ба ҳама шинос бошад, “коркарди замон” на ҳама шунидаанд, он чӣ маънӣ дорад ва

ҳадафаш чист, дар идома аён мегардад. Дар шеъри шоир ба ин монанд таъбиру ибораҳое ҳастанд, ки наванд: “Ин замон аз луғоти нав бишнав, Бингар оилаи идоранишин” [15, с. 95]; муқоисаи ибораи маълуми «меваҳои сари дарахт» бо «меваҳои сари карахт»... Дар натиҷа хонанда хулоса мебарорад, ки ҳарчанд обод кардани кишвар душвор аст, «коркарди замон», мушкилоти дар майнаи мардум буда аз он душвортар мебошад. Шеър дар ҳақиқат сиёсист.

Махсусан, дар охири солҳои ҳаштодум ошкорбаёнӣ ва мавқеи шаҳрвандии Низом Қосим бештар шуд. Шоир нотарсона аз дарди ҷомеа сухан кард. Дар маҷмуаи «Хуни ситора» (1988) чунин ашъор зиёд ба чашм мерасанд. Аз ҷумла, дар назари аввал менамояд, ки шеъри «Рӯбарӯ бо сурати Ленин» чун анъана шояд аз васфи доҳӣ ва шиору хитобаҳо иборат аст. Аммо чунин нест. Шеър саросар ифодагари дарду ғами мардум дар охири солҳои 80-уми қарни гузашта мебошад. Ҳарчанд солҳои ба ном демократия ва ошкорбаёнӣ буд, он вақт ҳам на ҳар кас метавонист ба чунин далерӣ андешаашро баён созад, аз ҷумла, ба галстуки гардани мансабдорон ҳамчун «тавқи чун мораш» ишора намояд. Шоир акси Ленинро дар болои сари роҳбарону мансабдорон «расми ҳақиқат» номидааст ва мехоҳад онҳо дар зери ин акс аз кирдорашон ҳисобот диҳанд. Доҳии ранҷбарон ва ҳизби ӯ ниятҳои бад надоштанд, мутаассифона, зимоми ҳукумат ва давлатро онҳое ба даст гирифтанд, ки дасту дилашон пок набуд, акси доҳиро «сипар» карда, ба кирдори ношоям даст мезаданд:

Хабисе ё ҳарисе, тӯрае ё ошнобозе
Ба нафъи хештан пайваста кирдори сияҳ созад,
Биёяд пас, таҳи ин сурати пурнур биншинад,
Ки бо ин сурат, оваҳ, сирати худро панаҳ созад [15, с. 68].

Пешниҳоди аҷибе кардааст, ки мансабдорони худпараст дар зери акси Ленин ба муҳокима кашида шаванд. Шеъри мазкурро метавон қаҳрамонии шоир дар мавриди инъикоси ҳақиқати сиёсии замон номид.

Дар ин шеъри ҳақиқатан сиёсӣ аз истилоҳҳои сиёсиву ҳуқуқӣ чун “расми ҳақиқат” ба кордонӣ истифода шудааст. Умуман, ба қавли муҳаққиқон, истилоҳҳои ҳуқуқию сиёсӣ ба адабиёти тоҷик асосан аз оғози асри бистум ворид гардиданд. Масалан, “аввалин бор мафҳумҳои нави сиёсию ҳуқуқӣ, монанди давлат, миллат, ҳуқуқи зан, таҳсил, кор ва озодиҳои инсон вориди фарҳанг ва шеъри тоҷик шуданд” [19, с. 78]. Онҳо, агар аз рӯйи меъёр истифода шуда бошанд, бадеият ва забону оҳанги шеърро коҳиш надоданд, балки эътибору аҳаммият ва таъсири шеърро баланд бардоштанд. Минбаъд ҳам, дар даврони бозсозӣ ва соҳибистиқлолии кишвар ба забони шеър калимаву истилоҳҳои нав ҳамроҳ шуданд. Намунаашонро дар шеъри зикршудаи Низом Қосим, дар мавриди номбар шудани «сифат»-ҳои чунин роҳбарон дидан мумкин аст: «кару фар», «хабис», «ҳарис», «тӯра», «ошнобоз», «худхоҳ», «худбин», «худком», «хор», «раҳзан», «коҳи раҳ», дар шеърҳои баъдина – “либосовезак ”, “бюрократ”, “коғазӣ”...

Барои ифодаи назари танқидии хеш ба норасоиҳои ҷомеа Низом Қосим калимаю ибораҳои хосе дорад, ки сарчашмаашон сухани халқ аст, яке аз онҳо ифодаи «коғазӣ» мебошад, ки дар чандин шеър фаровон истифода шудааст. Шоир зери ин истилоҳ кору амалеро дар назар дорад, ки сохтаю сунъӣ аст. Ин калима дар шеъри “Коғазӣ”, ки соли 1984 эҷод шуда, такрор ба такрор истифода мешавад ва ҳар бор маънии тоза дорад:

Солҳо кардем кори коғазӣ
Рӯзу шаб бо ифтихори коғазӣ [15, с. 205-207].

Дар замони сензураи сахт Низом Қосим дар ин шеър тавонист рӯшод гӯяд: «Пири коғазбозҳо ҳиммат намуд», яъне, давлати марказии шуравии замонро дар назар дошт, ки бо коғаз ба ҷумҳурию халқҳо фармонравоӣ мекард; ё ифодаи “пунбакоронаш ҳама синтетикапӯш”-ро ба кор бурд. Тамоми зиндагӣ, ашёву ақлҳо коғазӣ (сунъӣ) шудаанд ва шоир далерона пешниҳод мекунад, ки ҳар касеро, ки минбаъд кори коғазӣ мекунаду “эътиқоду ифтихори коғазӣ” дорад, “бояд афканд аз манори коғазӣ!” «Ҳамаи ин моро куҷо мебарад?» – суол кардааст шоир. Ин шеър дар охири даврони Шуравӣ эҷод шудааст ва

пешгӯии шоир («То куҷоҳо меравад, эй одамон; Баъд аз ин ин раҳсипори коғазӣ?!» [15, с. 207] муддате пас амалӣ гашт ва ин давлати коғазӣ парешон гашт.

Калимаи “коғазӣ” дар шеъри иҷтимоии «Ба ҷои лавҳаи коргоҳи бюрократ» низ маънии хоси сиёсӣ пайдо кардааст:

Пушти мизат,
эй «баиззат»,
ҷумла чизат –
коғазӣ,
Пушти мизат
ҷумла чизат
ғайри мизат –
коғазӣ… [15, с. 211].

Чӣ тавре мебинем, шеър ба шакли нав эҷод шуда, яке аз аввалин шеърҳои озоди шоир аст ва ин услуб оҳангро мутантан ва дарки шеърро осону фаҳмо кардааст. Сухан дар боби роҳбароне меравад, ки ба дарди «тӯрагарӣ» (ба истилоҳи он замон «бюрократия») гирифторанд. Дар бораи ҳама чиз, дар ҳама бобат, ҳатто, аз мард ё зан буданатон маълумотнома (справка) мепурсанд. Бале, он вақт аз касе талаб карда буданд, ки барои мард ё зан буданаш справка биёрад, ин ҳодисаи булаҷаб, мудҳиш дар матбуот чоп шуда буд ва шоир маҳз онро ёдовар шудааст. Аз ин рӯ, шоир аз ҳарфҳои «эй басо имрӯзҳо фардо шуданд, «ичрои корҳои коғазӣ», «гап миёни ҳардумон!», «барои зан ё мард будан справка биёр», – ёдовар шудааст. Дар ин маврид дуои ниҳоии шоир аз таҳти дил садо медиҳад:

Орзу дорам
бар ин кишвар
биёяд тӯрамарг! [15, с. 214].

Дар ашъори Низом Қосим, махсусан, баъд аз Истиқлоли давлатии кишвар дидгоҳи иҷтимоӣ мавқеи намоён пайдо кард. Бояд гуфт, баъд аз даргузашти устод Мирзо Турсунзода дар адабиёти тоҷик ашъори сиёсии байналмилалӣ кам шуд ё тамоман аз байн рафт. Аммо ин мавзуъ дар шеърҳои Низом Қосим аз нав эҳё гашт. «Ғазали Фаластин» аз ҷумлаи онҳост. Алиасғари Шеърдӯст ин падидаро дар ашъори шоир хуб арзёбӣ кардааст: «Аз дигар вижагиҳои ашъори шоир таваҷҷуҳи ӯ ба оламу ранҷҳои ҳамнавъ дар ҳар гӯшаи ҷаҳони хокист, ки эҳсосоти шоирро ҷариҳадор ва бо мардумони мазлуми он диёр ибрози ҳамдардӣ мекунад» [21]. Халқи Фаластин зиёда аз ним аср боз аз мушкилоти ҷангу бесарусомонӣ раҳоӣ намеёбад ва ҷанги охирини шуруъёфта аз 7 октябри соли 2023 низ натиҷаи сиёсатҳои нодурусти кишварҳои абарқудрат мебошад:

Фаластин,
Ашки талхи бар мижа яхбастаи таърих…
Фаластин,
Хонаи бе бому дар… [16, с. 32-133].

Шоир ин кишвар ва мардуми онро «давлати бемарз», «мурғи парбишкастаи таърих» номидааст. Шеър ба услуби шеъри нав сароида шудааст. Шеъри дигар дар ин мавзуъ «Офтоби Карбало. Бар асари фоҷиаи Ироқ» мебошад. Карбало минтақаест дар ҷануби Ироқ, ки дар натиҷаи нофаҳмиҳои қавмию мазҳабӣ таҳти таарруза ҷанҷолҳо қарор гирифта, зиндагӣ ин ҷо монанди офтоби сӯзони дашт гарму мубтало бар дарду ранҷ аст:

Эй сӯзи ҷонҳоро гувоҳ, эй офтоби Карбало,
Эй шоҳиди рӯзи сиёҳ, эй офтоби Карбало…
Бо ӯ бигӯ, бо ман бигӯ, бефан бигӯ, рӯшан бигӯ:
Ку кинавар? Ку кинахоҳ? Эй офтоби Карбало! [16, с. 133-134].

Дар қисмате аз шеърҳои ба ҳаёти байналмилалӣ бахшидашуда шоир дар баррасии масоили ҷомеа боз ҳам фаротар рафта, кӯшидааст, вазъи мураккабу печида ва зиндагонии мардуми мазлуму ситамдидаи ҷаҳонро инъикос намояд. Чунин шеърҳо танҳо бозгӯи ҳолат

набуда, балки ҳамзамон фарогири роҳиҳалҳои вазъияти бавуқуъпайваста мебошанд. “Ғазали Фаластин”, “Дар силсилазилзилаи Эрон”, “Офтоби Карбало”, “Индира Ганди”, “Че Гевара” намунаи барҷастаи чунин ашъор ҳастанд.

“Че Гевара” ба услуби шеъри озод эҷод шудааст. Дар он таърихи пурошӯб, муборизаҳои хунин ва озодихоҳии мардуми ҷафокашидаи Куба, корномаи роҳбари ҳаракати инқилобӣ дар Амрикои Лотинӣ, ходими низомӣ ва давлатӣ, яке аз роҳбарони инқилоби соли 1959 Эрнесто Че Гевара тасвир ёфтааст. Чун Гевара марди шуҷоъ ва адолатпарвар буд, халқ ба ӯ эътимод кард ва умед баст, ки аз ҷабру зулми золимон онҳоро раҳо мебахшад. Эрнесто Че Гевара соли 1967 дар ҷанг бо қувваҳои давлатии Боливия шикаст хӯрда, асир афтод ва баъдан кушта шуд. Дар маъхазҳои таърихӣ омадааст, ки вақте Гевара асир меафтад, ӯро шиканҷа менамоянд ва панҷаҳояшро мебуранд. Дар шеъри “Че Гевара” ин ҳодисаи нангин дар меҳвар қарор гирифта, шоир панҷаҳои ӯро “мазраи уммеди халқ”, “минбари халқ” ва “мушти беамон” хондааст.

Панҷаҳояш буд гӯё мазраи уммеди халқ,
Панҷаҳояшро буриданд,
то чу дарёҳо
рагу пайҳои дасташро ҷудо созанд,
ҳар якеро ҳамчу як дарё ҷудо созанд [15, с. 108].

Аммо муборизони роҳи озодӣ таслим нашуданд: “Мушти мардум нест қулфи хонаи мардум, ки битвонанд ин дуздон басо осон кушод” [15, с. 109]. Бо вуҷуди риққатангезии мазмун ва муҳтавои умумии шеър ғояи аслии он руҳбаланднамоӣ, нерубахшоӣ ва ба таҳрик овардани миллату қавмест, ки аз қайду истибдоди ачнабӣ ворастан мехоҳад. Дар шеър рӯйдоди воқеӣ, ки сафҳае аз таърихи озодихоҳии мардум мебошад, таҷассум ёфтааст.

Шеъри “Индира Ганди” низ ба мисли “Че Гевара” дар шакли шеъри озод сароида шудааст. Индира Ганди – яке аз сиёсатмадорони барҷастаи Ҳинд, дар қарни гузашта ягона занест, ки дар таърихи Ҳиндустон ба ҳайси сарвазир фаъолият кардааст. Поёни зиндагии Индира Ганди ва Че Гевара ба ҳам шабоҳат дорад, яъне, фарҷоми умри ҳарду бо фоҷеа анҷом мепазирад. Агар Че Гевара пас аз асир афтодан ба дасти душманон бераҳмона ба қатл расид, Индира Ганди аз ҷониби муҳофизони худ дар назди хонаи истиқоматиаш тирборон карда шуд. Шоир ӯро ҳам падар ва ҳам модари миллат донистааст, ки оқибат барои мардумонаш сӯхту хокистар шуд:

Ӯ падар буд,
хонадони беназиреро падар буд...
Оре,
умре буд модар,
дар сари гаҳвораи мулкаш ҳамеша буд бедор... [15, с. 114-115].

Қисмати қаҳрамонони шеърҳои “Че Гевара” ва “Индира Ганди” ба ҳам мушобеҳ аст. Шоир аз ҳамин дидгоҳ образи шахсиятҳои мазкурро мавриди интихоб ва корбурд қарор додааст. Мавзуъ, шакл, устухонбандӣ, вазн ва оғозу анҷоми ҳарду шеър яксон мебошад. Вазн дар ашъори зери назар баҳри рамал аст, яъне, бо истифода аз рукни солими ин баҳр - V - - (фоилотун) эҷод шудааст.

Охири асри бистум ва оғози қарни бисту якум дар сатҳи байналмилалӣ ҳодисаҳои даҳшатнок, мондагор зиёд рӯй медиҳанд. Аммо каманд, қариб нестанд шоироне, ки ба ин мавзуъҳо рӯй оранд. Танҳо Низом Қосим, чӣ тавре аз мисолҳои боло дидем, дар пайравӣ ба устод Турсунзода ашъори зиёд дар мавриди мавзуи байналмилалӣ сароидааст. Юсуф Акбаров шеъри «Бехобӣ»-и ӯро чунин тавзеҳ дода: «шеъри сиёсӣ ва публитсистиест, ки монандаш дар Лоҳутӣ, Турсунзода, Муъмин Қаноат ва каме дар Бозор мушоҳида мешавад. Махсусияти ин шеър аз он иборат аст, ки дар он номмаконҳое ёдовар мешаванд, ки дар паси онҳо як воқеаи таърихӣ ё хулосаи сиёсӣ маҳфуз аст» [4, с. 13]. Дар ҳақиқат, дар ин шеър номмаконҳои мавзеъҳои Беларус, Словакия ва Ветнам зикр шудаанд [15, с. 24]. Шоир

ҳодисаи даҳшатноки дар мамлакати ҷангзада рӯйдодаро ёдовар мешавад, ки кӯдак бо тир дар бадан таваллуд шудааст, тир ҳангоми ҳомиладорӣ ба модараш расидааст. Шоир хабари рӯзномаро дар ин бора ҳамчун пролог (сарсухан)-и ин шеър оварда, навзодро “тифли ҷаҳони нав” меномад, умед мекунад, ки оянда чун муборизи даврон ба воя хоҳад расид:

Агар имрӯз андар батни модар захмдорӣ ту,
Аминам ман,
Ки фардо мешавӣ сарбози исёнҳо [15, с. 25-26].

Айёми ташаккул ва шукуфоии табъу завқи Низом Қосим ба даврони Истиқлоли миллӣ ва фоҷиаи мудҳиши ҷанги бародаркуш ва баъди он рост омад. Аз шеърҳои шоир маълум мешавад, ки вазъи руҳию равонии шоир дар солҳои 1992-1993 то андозае ноумедона бошад ҳам, ӯ бетараф истода натавониста, афкори мардуми одиро баён кардааст. Бо фарорасии Истиқлоли кишвар ҳама умеди нек доштанд, аммо чунин нашуд. Шеъри зер ин вазъи руҳи шоирро ифода мекунад:

Ҳамегуфтам, ки аз масҷид садои пир меояд,
Дареғи ман, надонистам, ки бонги тир меояд! [15, с. 268].

Замоне ки мардум ба майдонҳо фурӯ рехтанд ва намедонистанд чӣ мехоҳанд, шоирон бо нияти нек ба майдонҳо сар халонданд, «то бигирад дил нафас озод». Имрӯз баъди гузашти солҳо баъзеҳо шоиронро барои тарафдорӣ аз ин ё он майдон айбдор карданӣ мешаванд, аммо агар шеъри болоро бо диққат бихонанд, дармеёбанд, ки гап дар куҷост. Шоире чун Низом Қосимро тақдири халқ, ҳодисоти бар сари вай омада бетараф гузошта наметавонад. Афсӯс, ки он вақт ва ҳоло ҳам аз гӯшаву канор «чун алаф рӯйида», «тақсирҳо», вале тақсири зиндагӣ маҳз аз ин «тақсирҳо»-ст, ҳарчанд аз забонашон «такбир меояд», аз он бӯйи «занҷир», банду баст меояд.

Шоир ҳамчун фарди бошуур ва пешқадам дар шеърҳояш сабабҳои ҷанги бародаркушро аз инҳо иборат медонад: «Худро намебинем мо, кӯрем мо, кӯрем мо. Худро намедонем мо, аз хештан дурем мо», «хушбовар», «нобовар», «бемор», «маҒрур», «шӯрбахт», «зидди мулке ноҷангида», «ҷанговари зидди худ», «дар ҷанги ҳам зӯр», «як умр ранҷур»… мебошем. Сабаби ғаму андӯҳ, дур рафтан аз аслу насаб ва нагирифтани сабақ аз бародаркушиҳои таърих нохудогоҳӣ ва хештанношиносист:

Пурдард Афредуни мост, Эраҷкушӣ дар хуни мост,
Аз тухмаи Салмем мо, пасмондаи Тӯрем мо [15, с. 287].

Дар он даврони миллаткуш баъзе шоиронро то андозае ҳисси ноумедӣ, дилсардӣ, нобоварӣ ва дилмондагӣ фаро гирифта буд, ки албатта, даркшаванда аст: «Гули армони ман дар ин замин хушкид»; «Қимоб аст ин замон аз ростӣ чандон»; «Кохамонро бохтанду хокамонро бехтанд, Хонамонро тохтанду хунамонро рехтанд»; «Кай булбуле дар ин боғ бе доғ месарояд?»; «Номдоро, ном рафту нангамон дигар намонд»; «Ҳанг-ҳанги ҷумла бефарҳанг то афлок рафт»; «Андар ин диёр имрӯз ёру ёрие намонд»; «Риштаи макру риё пайваста шуд»; «Мекунад соҳибватан тарки Ватан, Ҷисми ман, бингар, ки ҷонам меравад»…

Низом Қосим дар инъикоси масъалаҳои сиёсӣ давомдиҳандаи кори устод Лоҳутӣ буда, ашъори сиёсӣ ва иҷтимоиаш бо лирика пайванд мебошад. Ин аст, ки ҳамчун яке аз парчамбардорони неҳзати эҳёи миллии тоҷикон бо ифтихор аз забони қаҳрамонаш ба таври бадеӣ ва пуробуранг навиштааст:

Ман аз ин сарзамин тиру камонро дур бинмудам,
Ки андар осмонаш пурҷило тирукамон бошад [15, с. 667].

Хуллас, як қисмати назарраси ашъор, ҳатто, чанде аз маҷмуаҳои алоҳидаи Низом Қосимро шеърҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ташкил додаанд. Ҳарчанд шоир сиёсатмадор нест, дар ашъори ӯ пайванди афкори шоир ба иҷтимоиёт, воқеоти сиёсӣ ва таърихӣ равшан зоҳир мегардад. Сабаби инро аз вазъи иҷтимоии дар замони такомули эҷодии шоир ба миёномада метавон донист.

Муқарриз: Салими Х., д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

АДАБИЁТ:

1. Айнӣ, Садриддин. Шеърҳои тоҷикистонӣ / Садриддин Айнӣ.- Куллиёт. ҷ. 11, китоби якум.- Душанбе: Нашр.давл.Тоҷ.-1963. - 506 с.
2. Айнӣ, С. Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ /С. Айнӣ.- Куллиёт.-ҷ.11, к.1.-Душанбе: Нашр.давл. Тоҷ.-1963.-506 с.
3. Акбарзода, Ю. Рисолати шоир ва шеър / Ю.Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2009. – 376 с.
4. Акбарзода, Ю. Ҳосили умр ё ғановати шеър / Ю.Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2009. – 223 с.
5. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) / Х. Асозода.- Душанбе:-Маориф ва фарҳанг. - 2004. - 672 с.
6. Асозода, Х. Воқеият, сиёсат ва С. Айнӣ / Х. Асозода. - Воқеият, сиёсат ва С. Айнӣ. Маҷмуаи мақолаҳо.- Душанбе: Шуҷоиён, 2010.- 208 с.
7. Асозода, Х. Адабиёти садаи бисти форсии тоҷикӣ / Х. Асозода.-Душанбе: Сино, 1996.-161 с.
8. Бароҳанӣ, Р. Тилло дар мис (Дар шеър ва шоирӣ) / Р. Бароҳанӣ. – Теҳрон: Ковиён, 1347. – 655 с.
9. Бобомаллаев, И. Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-7-уми асри 19 (дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ). Дисс. барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ. - Д.: 2020.
10. Ваҳҳобзода, Р. Таносуби ва ҳунар дар шеър (рисолаи илмӣ-омӯзишӣ) / Р.Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2019. – 200 с.
11. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Нақди адабӣ / А. Зарринкӯб. - Душанбе:- Ирфон.-2017.-712 с.
12. Лоҳутӣ, А. Дар бораи таҷрибаи эҷодии хеш / А. Лоҳутӣ // Куллиёт иборат аз 7 ҷилд.- ҷилди 7.- Д.:- Дониш.-2019.- 512 с.
13. Муҳаммад, Авфӣ. Лубоб-ул-албоб. – Душанбе: Бебок, 2018. – 245 с.
14. Низомии, Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 224 с.
15. Низом, Қосим. Аз ассалом то вассалом / Н.Қосим. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 864 с.
16. Низом, Қосим. Оташи тасвир / Низом Қосим. – Хуҷанд: Истеъдод. - Хуросон.-2020, 424 с.
17. Низом, Қосим. Чорсӯ / Низом Қосим.- Душанбе: Истеъдод. – 2014.- 212 саҳ.
18. Шукуров, М. Мактаби одамият: Баъзе масъалаҳои адабиёт ва маънавият /М.Шукуров.-Душанбе: Адиб, 1991. – 272 с.
19. Шакурии, Бухоройӣ. Як нигоҳи умумӣ ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М.Шакурии Бухоройӣ. – Душанбе: Пайванд. - 2006. – 456 с.
20. Шеърдӯст, А. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон / А.Шеърдӯст. – Теҳрон: Катиба, 1390.-759 с.
21. Ҳаким, А. Маҷмуаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷилди чорум / А.Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 564 с.

МАҚОМИ МАСОИЛИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОӢ ДАР АШЪОРИ НИЗОМ ҚОСИМ

Таваҷҷуҳ ба масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва таърихӣ дар адабиёт дар асри охир – аввалу анҷоми қарни гузашта бештар шудааст. Сабаби ин дар мақолаи мазкур мавриди назар қарор гирифт. Дар асоси таҳқиқи ашъори шоири номии тоҷик Низом Қосим муайян мегардад, ки ин масъалаҳо дар даврони дигаргуниҳои куллии ҷомеа, инқилобу навовариҳо дар ҳаёти ҷомеа ба мавзуи асосии шоирони асил табдил хоҳад ёфт. Низом Қосим, бешак, яке аз шоирони муосирест, ки дар ашъораш масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҷойи аввал меистанд. Ӯ дар эҷодиёташ, на танҳо воқеоти солҳои охири даврони Шуравӣ, озодии баён, демократия ва ошкорбаёнӣ, балки ҳодисаҳои даврони пурошӯби ҷанги шаҳрвандиро, ки дар ин давра аксарияти эҷодкорон хомӯширо ихтиёр карда буданд, инъикос намуда, ба мардум роҳи сулҳу оштӣ, ободонӣ ва осудагии кишварро пешниҳод кард. Дар натиҷа Низом Қосим тавонист қарзи шаҳрвандӣ, вазифаи шоири роҳнаморо иҷро намояд. Дар ин бобат даъвату пешниҳодҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро шиори хеш қарор дода, дар кори расидан ба сулҳи воқеӣ, ваҳдати халқ саҳм гузошт.

Калидвожаҳо: *шеъри иҷтимоӣ, шеъри сиёсӣ, шеъри дард, адабиёт ва иҷтимоъ, илм ва шеър, оҳангҳои шаҳрвандӣ дар шеър, фарди иҷтимоъ, шеъри ҳадафманд, мавзуи сиёсии байналмилалӣ, истилоҳҳои сиёсиву ҳуқуқӣ дар шеър, коғазӣ.*

МЕСТО СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ ТЕМАТИКИ В СТИХАХ НИЗОМА КОСИМА

В литературе начала и конца прошлого века возросло внимание к социальным, политическим и историческим проблемам. Причина этого рассмотрена в этой статье. На основе исследования стихов известного таджикского поэта Низама Касыма определено, что данные вопросы станут основной темой творчества настоящих поэтов в эпоху радикальных перемен в обществе, революций

и нововведений в жизни общества. Безусловно, Низам Касим один из современных поэтов, чьи стихи посвящены политическим и социальным проблемам. В своих работах он отразил не только реальность последних лет советской эпохи, свободу слова, демократии и открытости, но и события бурной эпохи гражданской войны, во время которой большинство художников предпочитали хранить молчание. Он предложил народу путь мира, согласия и развития страны. В результате Низам Касим смог выполнить свой гражданский долг и роль ведущего поэта. В связи с этим он сделал своим девизом призывы и предложения Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона и внёс свой вклад в достижении мира и национального единства.

Ключевые термины: *социальная поэзия, политическая поэзия, стихи о боли, литература и общество, наука и поэзия, гражданские тона в поэзии, социальный индивидуум, целенаправленная поэзия, международная политическая тема, политико-правовые термины в поэзии, бумажный.*

THE ROLE OF POLITICAL AND SOCIAL ISSUES IN THE POEMS OF NIZAM KASIM

Concerns to social, political and historical issues has increased in literature in the last century - the beginning and the end of the last century. The reason for this was discussed in this article. Based on the research of the famous Tajik poet Nizam Kasim's poems, it is determined that these issues were the main topic of the poems of the hard-working poets in the era of radical changes in the society, revolutions and innovations in the life of the society. Nizam Qasim is one of the modern poets whose poems focus on political and social issues. In his works, he reflected not only the reality of the last years of the Soviet era, freedom of speech, democracy and openness, but also the events of the turbulent era of the civil war, during which most of the artists chose to remain silent, and showed the people the way to find peace and prosperity in the country. As a result, Nizam Qasim was able to fulfill his civic duty and the role of a leading poet. In this regard, he made the calls and suggestions of the leader of the nation, Honorable Emomali Rahman, his slogan and contributed to the achievement of real peace and unity of the people.

Keywords*: social poetry, political poetry, poetry of pain, literature and society, science and poetry, civic tones in poetry, social individual, purposeful poetry, international political topic, political and legal terms in poetry, paper.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 904-10-85-85. E-mail: vorisonisomoni@mail.ru*

Маҳкамов Дороҷон Сухробҷонович *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторант (PhD)-и кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 93 445 5656. E-mail: doro.suhrobi@mail.ru*

Сведения об авторах: Абдурахимов Бахтиёр Абдурахимович *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, доцент кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6, телефон: (+992) 904-10-85-85. E-mail: vorisonisomoni@mail.ru*

Махкамов Дороджон Сухробджонович *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, докторант (PhD) кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6, телефон: (+992) 93 445 5656. E-mail: doro.suhrobi@mail.ru*

Information about the authors: Abdurahimov Bakhtiyor Abdurahimovich *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, associate professor of the department of theory and history of literature. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev street, 17/6, phone: (+992)) 904-10-85-85. E-mail: vorisonisomoni@mail.ru*

Mahkamov Dorojon Suhrobjonovich *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, doctoral student (PhD) of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev street, phone: (+992) 93 445 5656. E-mail: doro.suhrobi@mail.ru*

ТДУ 891.55+891

АРЗЁБИИ ФАЪОЛИЯТИ АДАБИЁТШИНОСИИ УСТОД АЙНӢ

Сирочзода Ҷамолиддин Қиём
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Донишманди фақид Холиқ Мирзозода дар як мақолааш, ки солҳои шастум ба чоп расидааст, Садриддин Айниро "аввалин адабиётшиноси советии тоҷик" [6, с. 172] унвон карда буд. Хеле баъдтар А. Маҳмадаминов навишта буд, ки "пайдоиш ва инкишофи адабиётшиносии советии тоҷик ба номи устод Айнӣ сахт вобаста аст. Асарҳои илмии ӯ оид ба таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, танқиди адабӣ ва проблемаҳои муҳимми адабиёти муосир дар ташаккули адабиётшиносии марксистии тоҷик нақши ҳалкунанда бозидаанд. Хизматҳои С. Айнӣ, хусусан дар бобати омӯзиши мероси адабӣ, тарғиби адабиёти нави тоҷик ва ривоҷу равнақи минбаъдаи он бағоят бузурганд" [5, с. 9]. А. Сатторзода "Муаллифи нахустин таҳқиқоти илмии муосир" будани Айниро таъкид карда, номгӯйи пурраи асарҳои илмии ӯ, аз ҷумла таълифоташро дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Восифӣ ва Бедил зикр карда, меафзояд, ки "ҳар яке аз ин асарҳо, бемуҳобо, заминаи боэътимоди ташаккули шохаҳои рӯдакишиносӣ, фирдавсишиносӣ, синошиносӣ, саъдишиносӣ, камолшиносӣ, навоишиносӣ, восифишиносӣ ва бедилшиносӣ дар Тоҷикистон ва қаламрави забони форсии тоҷикӣ гардид" [9, с.17].

Дар ин замина агар фаъолияти адабиётшиносии Айниро мурур кунем, маълум мешавад, ки воқеан ҳам домана ва паҳлуҳои таҳқиқоти ӯ васеъ буда, аввалин андешаҳои илмиаш, ба шаҳодати М. Шукуров ва Ҷ. Бақозода, бори аввал дар мактубе, ки ӯ "моҳи марти соли 1910 аз Бухоро ба Истамбул – ба Идрисӣ фиристода будааст" [13, с. 151; 5, с. 9], баён шудааст. Аз таҳқиқоти М. Шукуров ва Ҷ. Бақозода муъулум мешавад, ки "Олимҷон Идрисӣ аввал дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили илм мекардааст ва бо устод Айнӣ шарикдарс будааст. Баъд Идрисӣ ба Истамбул рафтааст ва аз он ҷо ба Айнӣ мактубе навишта, дар бораи Бедил саволе кардааст. Устод ба саволи ӯ ҷавоби муфассале фиристодааст. Азбаски мактуби ҷавобии устод аҳамияти илмӣ дошт, Идрисӣ қарор додааст, ки онро айнан тарҷума карда, ба шакли мақолае дар журнали "Шуро" чоп кунонад, то ки оммаи хонандагони туркизабон аз мазмуни он баҳраманд гарданд" [13, с. 151].

Аз мақолаи зикршудаи М. Шукуров ва Ҷ. Бақозода бармеояд, ки Идрисӣ "айнан тарҷумаи ҳамин мактуби форсиюлибора"-и Айниро чоп карда, ба ин васила маълумоти "муфассалтареро", ки "ваъда дода" будааст, ба хонандаи маҷалла мерасонад. Андешаҳои М. Шукуров, Ҷ. Бақозода ва тавсифоти мухтасари Идрисӣ далели онанд, ки "устод аз овони ҷавонӣ ба омӯхтани эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ҷиддан машғулӣ мекард ва шуҳрати адабиётдонию бедилшиносии ӯ то он дараҷае буд, ки мухлисонаш аз наздику дур (ҳатто аз Туркия барин кишвари дурдасте) барои ҳалли шубҳаҳо ба ӯ мурочиат менамуданд. Мо дар он солҳо аз тарафи аҳли илму адаби Бухоро эътироф шудани истеъдоду заковати Айниро аз бисёр фактҳои дигар (масалан, аз сухани баъзе зиёиёни пешқадами асри XX ва аз тазкираҳои он давра) ҳам медонем. Мақолаи Идрисӣ боз як далелест, ки ин ҳақиқатро тасдиқ менамояд" [13, с. 151]. Дар ҳақиқат, мақолаи Идрисӣ ва тавзеҳоти М. Шукурову Ҷ. Бақозода далели онанд, ки "устод Айнӣ дар фаъолияти адабиётшиносиаш тадқиқро бори аввал аз абулмаонӣ-Бедил оғоз карда, муддати чил сол дар бораи ӯ пайваста ба пажуҳиш машғул шуда ва ниҳоят натиҷаҳои кори илмии охиринашро бо таълифи монографияи дар бедилшиносӣ бесобиқаву беҳамто "Мирзо Абулқодири Бедил" (1954) ҷамъбаст намудааст" [5, с. 9-10], ки дар он замон "дар илми адабиётшиносии ҷаҳон дар хусуси Бедил якумин монография буд" [13, с. 152].

Аз он чи ки дар фавқ гуфта шуд бармеояд, ки адабиётшиносӣ аз ибтидои фаъолияти эҷодии Айнӣ то охирин рӯзҳои ҳаёташ ҷузъи асосии ҷустуҷӯҳои эҷодии ӯ қарор гирифта, дар ин замина ӯ дар тули замон корҳои шоистаеро ба анҷом расондааст. Ба ин далел, таҳқиқи

фаъолияти адабиётшиносии ӯ аз ибтидо ҷузъи муҳимм и таҳқиқоти айнишиносони тоҷик қарор гирифта, дар ин замина корҳои зиёде анҷом гирифтааст, ки дар ин мақола мо муҳимтарини онҳоро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Дар марҳалаҳои гуногуни айнишиносии тоҷик фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ дар самтҳои таърихи адабиёт, масъалаҳои назарӣ ва зебоишиносӣ (эстетикӣ) мавриди таҳқиқ ва арзёбии муҳаққиқон қарор гирифтааст. Ба эътирофи аҳли таҳқиқ Айнӣ нахустин адабиётшиноси давраи нави таърихи халқи тоҷик буд, ки бо таълифи як силсила асарҳо, ба қавли Холиқ Мирзозода "якчанд масъалаҳои муҳими таърихи адабиётамон"-ро ба миён гузошта ва ҳал кардааст. Ба андешаи ин донишманд Айнӣ аввалин нафаре буд, ки муҳимтарин масъалаҳои таърихи адабиёт, аз ҷумла "масъалаи мероси адабӣ, давраҳои адабиёт, шуур ва худшиносии миллӣ"-ро ҳал кардааст [6, с. 173].

Х. Мирзозода дар мақолаи "Садриддин Айнӣ – аввалин адабиётшиноси советии тоҷик" асарҳои адабиётшиносии Садриддин Айнӣ: "Намунаи адабиёти тоҷик" (1926), "Дар бораи Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ" (1935), "Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино" (1939), "Устод Рӯдакӣ" (1940), "Як симои номашҳури адабиёти тоҷик – Восифӣ" (1940), "Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ" (1942), "Алишер Навоӣ" (1948), "Мирзо Абдулқодири Бедил" (1954) ва ғайра"-ро зикр карда, таъкид мекунад, ки "вай асосан дар соҳаи таърихи адабиёт кор кардааст" [6, 173]. Муҳаққиқ дар ин замина дар мақолаи ёдшуда муҳимтарин ҷустуҷӯҳои илмии устод Айниро оид ба таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷик ба таври мушаххас нишон медиҳад, ки кӯшиши аввал ва ҷиддӣ дар шинохт ва арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ мебошад. Ҳамчунин, Х. Мирзозода таъкид мекунад, ки агарчи Айнӣ "дар соҳаи назарияи адабиёт асаре нанавиштааст, дар бораи шаклҳои адабӣ, воситаҳои тасвир, вазни аруз ва ғайра донишманди бузург буд" [6, с. 174]. Ин донишманд бо маслиҳатҳо, тақризҳо ва мактубҳо ба "инкишофи танқиди адабӣ низ ёрӣ" [6, с. 174] расондани Айниро ҷузъи фаъолияти адабиётшиносии ӯ маънидод мекунад.

Х. Мирзозода дар мақолаи зикршуда дар бораи "Намунаи адабиёти тоҷик" ҳамчун аввалин "асари оид ба адабиёт навиштаи Айнӣ" сухан ронда, бартариҳои мундариҷаи ғоявии онро нишон медиҳад ва фарқи муҳим ва ҷиддии ин асарро аз тазкираҳои пешина дар он мебинад, ки "нависанда ба китоби худ шуур ва худшиносии миллиро дохил кардааст, ки мо дар тазкираҳои гузашта инро намебинем". Муҳаққиқ "фактҳои таърихи адабиётро дар партави адабиётшиносии" навин ҳал намудан, "масъалаҳои муҳими назарияи адабиётро баён" кардан ва мушкилоти матншиносиро [6, с. 178-179] ба миён кашиданро аз имтиёзоти "Намунаи адабиёти тоҷик" дониста, сипас рисолаҳо ва мақолаҳои дигари Айниро низ дар бораи саромадони шеъру адаби тоҷик баррасӣ намудааст, ки арзиши таърихию адабии асари Айниро собит мекунад.

Дар мақолаи Р. Ҳодизода "Масъалаҳои таърихи адабиёт дар "Намунаи адабиёти тоҷик" низ хидмати Айнӣ дар шинохт ва арзёбии "афкор ва андешаҳои пешқадамонаи адибон", бахусус мушаххас намудани "дараҷаи бадеият ва қимати эстетикии назм ва насри гузаштагон" муҳим арзёбӣ шуда, муҳаққиқ ҷустуҷӯҳои Айниро дар баррасии усули тасвири реалистӣ дар осори гузаштагон, тарҳи муайяни даврабандии таърихи адабиёт, роҳҳои истифодаи мероси адабии пешин "барои тарбияи насли навраси ҷамъияти сотсиалистӣ" ва "ба тарзи нави илмӣ ва усули тадқиқи марксистӣ омӯхтан ва таҳқиқ намудани таърихи адабиёти тоҷик" [7, с. 135-138] тоза ва пураҳамият ба шумор меоварад.

Аз таҳқиқоти ҷиддӣ ва муҳимме, ки дар онҳо фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ бевосита баррасӣ шудааст, метавон мақолаҳои Э. Муллоқандов "Устод Айнӣ-адабиётшинос" ва А. Маҳмадаминов "Оид ба фаъолияти адабиётшиносии устод Айнӣ" ва рисолаи ҳамин муаллиф "Айнишиносӣ ва замони ҳозира"-ро ном бурд.

Э. Муллоқандов дар мақолаи зикршуда хидмати Айниро "дар наср" ва ҳам "дар адабиётшиносӣ" бузург шинохта, менависад, ки "Мақола ва китобҳои Айнӣ аз ҷиҳати вуқуфи том доштан ба адабиёти классикии форсу тоҷик ва таърхи он, аз ҷиҳати пухтафикрӣ

ва чуқурии муҳокимаронихо дар бораи масъалаҳои ин адабиёт, аз ҷиҳати дурустфаҳмӣ ва дурустбаҳодиҳӣ ба шоирони пешина ва навиштаҷоти онҳо, аз ҷиҳати ташхиси дурусти классикон ва мавқеи ҳар кадоми онҳо дар адабиёти ҳазорсолаи форсу тоҷик мақоми алоҳидае доранд” [7, с. 85]. Муҳаққиқ дар мақола ҳамин “мақоми алоҳидае”-ро, ки устод Айнӣ ҳамчун адабиётшинос дар таҳқиқу таҳлили масъалаҳои таърихи адабиёт, ҳаёт ва эҷодиёти адибони алоҳида ва назарияву зебоишиносии мероси адабии гузаштагон ба даст овардааст, бо таҳлили қиёсӣ мушаххас менамояд.

Э. Муллоқандов дар ин мақола китобҳои Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик”, “Мирзо Абдулқодири Бедил” ва таълифоти дигари ӯро доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Рӯдакӣ, Восифӣ ва Навоӣ муфассал таҳлил ва арзёбӣ карда, сипас хидмати Айниро дар соҳаи матншиносӣ ва таҳриру такмили осори шоирон, аз ҷумла Ҳофиз, Саъдӣ ва Бедил бо мисолҳо нишон медиҳад. Ҳамчунин вай луғот ва баъзе байтҳои шарҳу тафсир кардаи Айниро нақд карда, ба хулоса меояд, ки “Хонандагон аз ин шарҳу тафсирҳо ба хубӣ мебинанд, ки ин марди фозил барои шиносондани хонандагони имрӯза бо ҳаёт ва таърихи пешинаи халқи худ, маданият ва адабиёти он, расму оин ва урфу одати вай ҳар мавриди муносибро ғанимат дониста, ба онҳо ҳар чи зиёдтар маълумоти муфид ва даркорӣ додааст, то ба дониши онҳо донише афзояд, доираи фаҳм ва дониши онҳоро васеътар кунонад, умуман дараҷаи маданияти онҳо ва хусусан савияи шеърфаҳмии онҳоро бардоронад” [7, с. 115-116].

Яке аз айнишиносоне, ки дар таҳқиқ ва таҳлилу арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ нақши мондагор дошта, дар ин самт пайгирона хидмат намудааст, А. Маҳмадаминов мебошад. Таълифоти ӯ “Садриддин Айнӣ – олим”, ки дар он дар қатори дигар масъалаҳо фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ муфассал баррасӣ шудааст. “Айнишиносӣ ва замони ҳозира”, ки мақолаҳои ҷудогонаи муаллифро доир ба масъалаҳои афкори дабию эстетикии Айнӣ, тадқиқи Абулқосим Фирдавсӣ ва масъалаи худогоҳии миллӣ, саҳми Айнӣ дар матншиносӣ ва ғайраро дар бар мегирад, саҳифаҳои тозае дар айнишиносии тоҷик ба шумор мераванд.

А. Маҳмадаминов дар мақолаи “Оид ба фаъолияти адабиётшиносии устод Айнӣ”, ки дар рисолаи “Садриддин Айнӣ – олим” ба чоп расидааст, нақши Айниро дар ташаккули соҳаҳои гуногуни илми адабиётшиносии тоҷик муфассал баррасӣ карда, аз ҷумла нигоштааст: “Устод Айнӣ дар адабиётшиносии советии тоҷик аввалин касест, ки таърихи адабиётро мувофиқи талаби замони нав тадқиқ намуда, таълимоти ленинии омӯзиши мероси адабӣ ва дар ҳар як маданияти миллӣ мавҷуд будани ду маданияти миллиро ба воситаи “Намунаи адабиёти тоҷик” амалӣ гардондааст” [5, с. 14]. Муҳаққиқ ин китобро “асоси мустаҳками илми адабиётшиносии советии тоҷик” номида, дарёфтҳои бунёдии Айниро дар таҳқиқи ҳаёту осори шоиру нависандагон, даврабандии таърихи адабиёт, шинохт ва арзёбии “боигарии жанру намуд ва сабку услубҳои адабӣ, нафосати калом ва салосати баён, лирикаи пурэҳсоси тараннумкунандаи маънавияти инсон, забони пуробу ранг ва санъату бадеияти баланди адабиёти гузашта” [5, с. 14] мушаххас ва баҳогузорӣ намудааст, ки дар айнишиносӣ мушоҳидаҳои тоза мебошанд. Дар мақола муаллиф дар боби аз тарафи Айнӣ “бори аввал ба адабиётшиносии тоҷик” ворид намудани “жанрҳои танқиди адабӣ: тақриз, китобиёт, мақолаҳои мубоҳисавӣ, қайдҳои адабӣ, мақолаҳои обзорӣ, илмию тадқиқотӣ, танқиди танқид ва ғайра” сухан карда, намунаҳои ин гуна таълифоти Айниро зикр ва дар бораи онҳо сухан кардааст. Ҳамчунин, вай хидматҳои Айниро дар таҳқиқи масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик, ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони адабиёти даврaҳои гуногун ёдрас карда, дар ин замина нақши ӯро дар “инкишоф ва такомулоти адабиётшиносии тоҷик” бузург таъбир мекунад [5, с. 26].

Мақолаҳое, ки дар китоби А. Маҳмадаминов “Айнишиносӣ ва замони ҳозира" чоп шудаанд, бо фарогирии масъалаҳо ва нақду арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ саҳми ин муҳаққиқро дар ин соҳа муайян менамоянд. Масалан, муҳаққиқ дар мақолаи “Оид ба як баромади танқидии устод Айнӣ” дар асоси матни мухтасари баромади Айнӣ дар пленуми

якуми васеи Бюрои осиёимиёнагии Иттифоқи нависандагони умуиииттифоқ андешаҳои Айниро доир ба масъалаҳои тарҷумаи бадеӣ, аҳамияти нақди адабӣ, тарбияи кадрҳои соҳаи танқиди адабӣ, тарзу услуби танқид ва омӯзиши таҷрибаи адибони бузург мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст. Дар мақола А. Маҳмадаминов андешаҳои адабии Айниро доир ба масъалаҳои ёдшуда ба таври алоҳида баррасӣ ва аз онҳо натиҷагирӣ кардааст, ки баёнгари диди тоза ва интиқодии ӯ доир ба фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ мебошад. Арзёбии андешаҳои Айнӣ дар бораи моҳияти тарҷумаи бадеӣ, аҳамияти танқиди адабӣ дар пешрафти адабиёт, тарбияи кадрҳои соҳаи танқид ва таъсири таҷрибаи адибони бузург ба пешрафти адабиёт баёнгари диди моҳиятҷӯйи муҳаққиқ аз фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ мебошад.

Дар мақолаи “Масъалаҳои назарияи адабиёт ва ақидаҳои адабию эстетикии С. Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” А. Маҳмадаминов андешаҳои Айниро доир ба масъалаҳои назарияи адабиёт ва адабию эстетикӣ (зебоишиносӣ) мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин замина ҷустуҷӯҳои назариву эстетикии Айниро оид ба мушкилоти омӯзиши мероси адабӣ, таъини ҳуқуқи миллати тоҷик ба мероси адабӣ, худшиносии миллӣ, усули таблиғи адабиёт, даврабандии адабиёт ва монанди инҳо муайян намудааст ва моҳияти андешаҳои Айниро дар ин боб шарҳу тавзеҳ додааст. Ҳамчунин, ин донишманд ақидаҳои Айниро “дар бораи мазмун ва шакли асари бадеӣ, мавзуъ ва ғоя, қонунияти инкишофи ҷараёни эҷоди бадеӣ, робитаи ҳаёт ва адабиёт, бадеият, устухонбандӣ, забони асари бадеӣ, вазифаҳои тарбиявии адабиёт, услуб, санъату воситаҳои тасвири бадеӣ, мавқеи санъаткор ва нақши адабиёт дар ҷомеа, навъ ва жанрҳои адабӣ, анъана ва навоварӣ, шеъру шоирӣ, вазни арӯз, маҳорати адабӣ, матншиносӣ ва ғайра” [4, с. 19] муфассал таҳлил карда, “Намунаи адабиёти тоҷик”-ро ифодакунандаи дидгоҳҳои назарӣ, зебоишиносӣ ва интиқодии Айнӣ оид ба масоили мухталифи адабӣ унвон мекунад.

Дар мақолаҳои “Тадқиқи Абулқосим Фирдавсӣ ва масъалаи худогоҳии миллӣ”, “Аввалин матншиноси тоҷик”, “Маъхазе оид ба Тошхоҷаи Асирӣ”, “Садриддин Айнӣ – сардафтари тақризнависии навини тоҷикӣ”, “Таърихи инилоби Бухоро” ва масъалаи тадқиқи ақидаҳои адабию эстетикии Айнӣ”, “С. Айнӣ ва китобшиносии навини тоҷик”, “Муаммо ва моддаи таърих дар “Намунаи адабиёти тоҷик”, “Саҳифаҳои заррини ҳаёт”, “Оид ба як ҷавобияи устод Айнӣ” ва “Намунаи адабиёти тоҷик” – якумин намунаи нақди адабии навин дар Тоҷикистон” низ, чунонки аз номи мақолаҳо бармеояд, муаллиф муҳимтарин паҳлуҳои фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ ва нақши андешаҳои ӯро дар ташаккулу таҳаввули соҳаҳои гуногуни он муайян ва мушаххас намудааст, ки кӯшишҳои босамари ӯро дар пешрафти айнишиносӣ собит менамояд.

Дар таҳқиқ ва арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ омӯзиши масъалаҳои назарӣ ва зебоишиносӣ (эстетикӣ) ҷойгоҳи хос дошта, баъзе тамоюлҳои айнишиносии вақтро мушаххас месозад. Таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта нишон медиҳад, ки ҳарчанд аз рӯйи миқдор омӯзиши масъалаҳои назариву зебоишиносӣ дар ин боб чандон зиёд нест, бо вуҷуди ин, таҷрибаи мавҷуда имкон медиҳад баъзе равишҳои айнишиносиро дар шинохти фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ дар заминаи таълифоти донишмандоне мисли М. Шукуров (М. Шакурӣ), С. Табаров, Р. Ҳошим, Ҷ. Бақозода, Т. Абдуҷабборов, А. Набиев (А. Набавӣ), К. Қаландаров ва дигарон мушаххас созем.

Дар ин замина, мақолаи М. Шукуров “Фаъолияти илмии устод Айнӣ ва худогоҳии миллии меҳнаткашони тоҷик” яке аз аввалин таҳқиқотест, ки муаллиф дар он “назари таърихӣ”-и Айниро “ба сифати як ҷузъи табии назари нави замонӣ” дар шинохт ва арзёбии мушкилоти ҳаёти адабии тоҷикон баррасӣ ва арзёбӣ кардааст [14, с. 4]. Ба мушоҳидаи М. Шукуров ҷавҳари назарияи Айниро дар боби шинохти таърих ва осори бадеӣ худшиносии миллӣ ташкил дода, роҳро барои баҳарбардорӣ аз мероси гузаштагон ҳамвор менамояд.

Ба андешаи ин донишманд “илми адабиётшиносии марксистии тоҷик” аз “таҳқиқоти калони ҳамаҷонибаи Айнӣ” - “Намунаи адабиёти тоҷик” оғоз ёфта, “Дар он вақт дар назари Айнӣ байни муборизаи иҷтимоиву сиёсӣ ва илми адабиётшиносӣ фарқе набуд. Тадқиқоти

илмӣ дар дасти Айнӣ ба сифати силоҳи муборизa дар роҳи ҳалли яке аз масъалаҳои асосии таърихи нави халқаш хизмат кардааст. Аз ин рӯ, тадқиқи илмии Айнӣ дар ташаккули шуури нави тоҷикон ба сифати як омили пурзӯр иштирок намудааст” [14, с. 6]. Ба ин далел, М. Шукуров солҳои сиюми садаи гузаштаро давраи ташаккул ва таҳаввули андешаҳои назарӣ ва амалии Айнӣ бар зидди “нигилизми зарарнок” маънидод карда, хидмати ӯро дар роҳи ҳифз ва нашру тарғиби мероси адабии гузаштагон омили муҳими зиндадори миллат дар баробари “боқимондаҳои пантуркизм” медонад. Ба хулосаи ӯ, “Китобҳои машҳуре, ки Айнӣ дар бораи Рӯдакӣ, Абуали ибни Сино, Фирдавсӣ, Саъдӣ дар соҳои сӣ навишт”, зери таъсири ҳамин назарияи миллатдӯстона таълиф ва нашр шуда, дар “ташаккули ҳофизаи таърихии халқ ва муайян шудани мазмуни асосии он” [14, с. 7] нақши калидӣ бозидаанд, ки ин назарияи солими муносибат ба мероси адабию фарҳангиро маҳз Айнӣ поягузорӣ намудааст.

Дигар аз муҳақиқоне, ки дар омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои назарӣ ва эстетикии Айнӣ ҷустуҷӯҳои судмандеро анҷом додааст, Соҳиб Табаров мебошад. Ин донишманди фақид дар мақолаи “Дар бораи баъзе масъалаҳои ақоиди эстетикии С. Айнӣ” барои “фаҳмидани хусусиятҳои мундариҷавӣ, идеявӣ ва бадеии” асари нависанда “омӯхтани лабораторияи эҷодӣ ва донистани фикру ақидаи худи мусанниф дар бораи он асарҳо”-ро муҳим дониста, дар ин замина дар мисоли таҷрибаи эҷодии Айнӣ мулоҳизаҳои назариву эстетикии ӯро баррасӣ ва арзёбӣ кардааст. Мақолаи ёдшудаи С. Табаров, пеш аз ҳама, таҳаввули муносибатҳои назарӣ ва зебоишиносии Айниро доир ба поэтики наср ифода мекунад. Чунон ки муаллиф таъкид кардааст, ӯ дар ин мақола андешаҳои ҷавобии Айниро, ки ба “китобчаи Н. Бектош” дар ҷавобияҳояш “Эзоҳ” ва “Ҷавоби ман” навиштаасту “масъалаҳои эстетикӣ, назариявӣ ва таҷрибаи эҷодии нависанда”-ро [10, с. 41] дар бар мегирад, нақду арзёбӣ кардааст. Ба мушоҳидаи С. Табаров “Мақолаҳои номбаршудаи С. Айнӣ оид ба як чанд масъалаҳои адабӣ-эстетикӣ (нависанда ва замон, муносибати нависанда ба мавзуъ, тасвири манзараҳои табиӣ; образ, характер, амалиёт; забон ва услуб; ҳақиқати ҳаёт ва хаёлоти бадеӣ ва монанди инҳо) нуқтаи назари нависандаро муайян мекунанд. Ҳамин тавр, рол ва мақоми ин мақолаҳо барои муайян кардани чандин соҳаҳои афкори адабиётшиносии нависанда хеле калон аст”. Бо назардошти масъалаҳои зикршуда муҳаққиқ “баъзе фикрҳои нависанда дар бораи “Одина” ва “Дохунда”-ро, ки “дар мақолаҳои номбаршудаи ӯ ва махсусан дар “Эзоҳ” оварда шудаанд, накд карда, “муаммоҳои муҳими эстетикӣ-адабӣ”-и ба миён гузоштаи Айниро арзёбӣ намудааст. Он чи ки ӯ дар таҷриба ва андешаҳои Айнӣ муҳим дониста аст, нуқтаи назари нависанда “дар бораи типӣ, конкретӣ, воқеӣ-таърихӣ будани образҳо” ва мувофиқати онҳо “бо эстетикаи адабиётшиносии советӣ” [10, с. 53] мебошад, ки, ба эътирофи муҳаққиқ, Айнӣ “ақидаи эстетикии худро ҳам дар масъалаи ба таври конкретӣ ва воқеӣ тасвир кардани конфликт ва ҳодисаҳо, ҳам дар тасвири образи персонажҳо, аз ҷумла персонажҳои таърихӣ ва ҳам дар банду басти роман равшан муайян кардааст”. Дар ин замина муҳаққиқ “системаи мукаммали образи қаҳрамони асосии роман (“Дохунда” – шарҳи мо) – Ёдгор”-ро бо назардошти андешаҳои адабии Айнӣ баррасӣ карда, бебунёдии даъвоҳои Бектош ва воқеияти андешаҳои Айниро собит менамояд, ки мавқеияти нависандаро дар шинохти моҳияти назарии масъала мушаххас месозад.

Ҷустуҷӯҳои Айнӣ дар соҳаи назарияи адабиёт ва ташаккули афкори адабию эстетикии тоҷик дар мақолаҳои Т. Абдуҷабборов “Устод Айнӣ ва баъзе масаъалаҳои назарияи адабиёт”, Ҷ. Бақозода “Устод Айнӣ ва ташаккули афкори адабию эстетикии тоҷик дар солҳои бистум” ва К. Қаландаров “Хизмати устод Айнӣ дар таҳрир ва нашри “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ низ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст, ки баъзе паҳлуҳои муҳимми фаъолияти адабиётшиносии Айниро ошкор менамояд. Аз ҷумла, Т. Абдуҷабборов дар мақолаи зикршуда андешаҳои назарии Айниро доир ба масъалаҳои робитаи ҳаёт ва адабиёт, мазмун ва шакли асари бадеӣ, системаи образҳо, композитсия ва сужет, забони асари бадеӣ, шеърият, қонуни инкишофи кори эҷодӣ, услуб, метод, навъ ва жанрҳои адабӣ” баррасӣ карда, дар такя ба мақолаву мактубҳо ва таҷрибаи эҷодии Айнӣ бунмояи афкори адабии

назарӣ ва зебоишиносии ӯро муайян намудааст, ки ҳам мансуб ба шеър аст, ҳам наср [1, с. 45]. Т. Абдуҷабборов андешаҳои Айниро дар бораи сохтори мундариҷавӣ ва композитсионии осори насрӣ дар заминаи таҷрибаи Айнӣ дар эҷоди “Ёддоштҳо” таҳлил карда, андешаҳои назарӣ ва таҷрибаи нависандаро дар офаридани “системаи образҳо”, “типӣ будани ҳодисаҳои камшумор, саъати типсозӣ, эволютсияи қаҳрамонҳо, роли ҷузъиёт дар офаридани характерҳо” [1, с. 46] муфассал баррасӣ ва арзёбӣ кардааст.

Дар мақолаи Ҷ. Бақозода “Устод Айнӣ ва ташаккули афкори адабию эстетикии тоҷик дар солҳои бистум” муаллиф бо таҳлили муқоисавӣ собит кардааст, ки “устод Айнӣ на танҳо бунёдгузори адабиёти навини тоҷик, балки илми адабиётшиносӣ низ мебошад” [2, с. 230]. Дар ин замина муҳаққиқ ҷанбаҳои назарии андешаву орои Айниро дар мисоли “Намунаи адабиёти тоҷик” баррасӣ карда, ин асарро “дар интихоб ва ҷо ба ҷо гузоштани масоили адабӣ, дар баҳо додан ба ашъори шоирон ва дар матншиносӣ барои аҳли адаби солҳои бистуму сиюм намунаи ибрат” [2, с. 236] ба шумор меоварад. Ба мушоҳидаи Ҷ. Бақозода устод Айнӣ сохтори шеърро дар алоқамандӣ бо мазмуну мундариҷа, истифодаи санъати сухан, таносуби тасвир, сабку услуб ва маҳорати ҳунарии шоир арзёбӣ намуда, “бо як маҳорати фавқулода зимни ду-се ҷумлаи муҷаз ва дар маънӣ пурбор хусусияти хоси эҷодиёти ин ё он шоирро муайян мекунад. Аз шарҳу эзоҳи ӯ хонанда махсусиятҳои эҷодиёти Рӯдакӣ, Бадри Чочӣ, Камоли Хуҷандӣ, Сайидои Насафӣ, Туғрал ва монанди инҳоро равшан ҳис мекунад” [2, с. 236]. Муҳаққиқ андешаҳои интиқодии Айниро дар бораи ҳусну қубҳи шеъри Лоҳутӣ ба таври муфассал баррасӣ намуда, дар мисоли таҷрибаи нависанда дар эҷоди повести “Одина” хусусиятҳои бадеию эстетикии адабиёти навини тоҷикиро мушаххас ва нақши афкори назарӣ ва таҷрибаи амалии Айниро дар ташаккули насри навини тоҷикӣ муайян намудааст. Х. Қаландаров дар мақолаи дар боло ёдшуда дар заминаи таҳрир ва нашри “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ назариёти матншиносӣ ва усули таҳриру такмили Айниро дар заминаи асари Восифӣ ба таври мушаххас нақд кардааст [3].

Аз айнишиносон Раҳим Ҳошим аз аввалин муҳаққиқест, ки назариёти Айниро дар бораи шеъру шоирӣ, зебоишиносӣ ва таълиму тарбия баррасӣ намудааст. Нахуст вай дар мақолаи “Баъзе мулоҳизаҳои Айнӣ дар бораи шеъру шоирӣ” [12] масъалаҳои назарӣ ва зебоишиносии шеъру шоириро дар заминаи таълифоти Айнӣ “дар бораи Фирдавсӣ, Саъдӣ, Рӯдакӣ, Бедил ва дигарон” ва “Намунаи адабиёти тоҷик” таҳлил кардааст. Р. Ҳошим барои муайян кардани назариёти Айнӣ ба шеъру шоирӣ, пеш аз ҳама, аз тарзи интихоби шеърҳо дар “Намуна...” кор гирифта, “шеърҳои ба ин маҷмуа даровардашуда”-ро “пеш аз ҳама, далели завқи баланди шеърӣ, серталабии” Айнӣ донистааст.

Ин донишманд барои муайян кардани назариёти Айнӣ оид ба шеъру шоирӣ “Ёддоштҳо”-ро “яке аз манбаъҳои пурқимат” [12, с. 187] дониста, дар такя ба ин асар муносибати Айниро ба шеъри шоирон муайян менамояд. Раҳим Ҳошим дар такя бар “Ёддоштҳо” андешаҳои Айниро оид ба шеъру шоирӣ ба гурӯҳҳои шоирони мансуб ба дарбор; шоирони муқаллиди услуби Бедил ва шоирони ҷараёни соданависӣ [12, с. 188] тақсим карда, сипас андешаҳои Айниро нисбати ҳар гурӯҳ иқтибос, таҳлил ва дар ин замина мухтассоти назариёти Айниро оид ба шеър мушаххас менамояд. Раҳим Ҳошим дар идомаи ин баҳс назари Айниро ба шеъри Бедил, сабки бедилӣ ва амали “тақлидикунандагон ба Бедил, ки аксаран сухани гуфтанӣ надоштанд, балки бо роҳи тақлиди маҳз рафта, шеърро ба чистон ва муаммои бесару бун мубаддал мекарданд, ки ин, ба қавли устод Айнӣ, “дар назари удабои ҳақиқӣ мақбул ва писандида набуд”, таҳлил ва моҳияти андешаҳои Айниро ошкор менамояд.

Адабиётшинос Ш. Раҳмонов дар рисолаи “Шеър ва Айнӣ” (Дигаргунии сифатию созмонӣ дар лирикаи муосири тоҷик) баъзе паҳлуҳои назариёти Айниро оид ба шеъру шоирӣ ба таври мушаххас баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, дар фасли “Айнӣ ва баъзе нуктаҳои назарии шеър” масъалаҳои шеъри асил ва имтиёзоти ҳунарии онро аз дидгоҳи Айнӣ баррасӣ карда, баъзе нуктаҳои муҳимми афкори назарии Айниро ба таври мушаххас таҳлил намудааст.

Таҳлилҳои ӯ дар заминаи гуфтаҳои худи Айнӣ сурат гирифта, пеш аз ҳама моҳияти фикру андешаи устоди адабро ошкор менамояд, ки нишони воқеъбинии муҳаққиқ аст. Муҳаққиқ дар ибтидо суоли “Шеъри ҳақиқӣ чист ва самимияти шоир дар шеърҳояш ба кадом роҳ ифода меёбад?-ро ба миён кашида, посухи зерини Айнӣ ба ин суол моварад, ки ҷомеияти андешаву орои Айниро оиди ин масъала ифода мекунад: “Бо тартиб додани суханони маънодор, бо вазну қофия шеъри ҳақиқӣ ба вуҷуд намеояд. Шеъри ҳақиқӣ ин аст, ки ба хонанда ва шунаванда ҳаяҷони ҳақиқӣ бахшад. Ин ба даст намедарояд, магар ба шарти он ки гӯянда дар вақти гуфтани он шеър самимият дошта бошад ва шахси худро тамом дар он гуфтааш ҳулул кунонда (гузаронда) тавониста бошад” [8, с. 46].

Муҳаққиқ барои моҳияти асосии назариёти Айниро оид ба шеър муайян намудан таълифоти ӯро дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдӣ, Камол, Навоӣ, Восифӣ, Бедил, Лоҳутӣ ва монанди инҳо мурур карда, нуктаҳои асосии афкори назарии ӯро мушаххас месозад. Ба мушоҳидаи ӯ Айнӣ дар асарҳои зикршуда ва “Намунаи адабиёти тоҷик”, пеш аз ҳама, ба неруи таъсиргузории шеър ба афкори омма диққат дода, дар ин замина маънӣ, тарзи нигориш ва ҳунари тасвиргарии шоирро аз имтиёзоти ҳунарии он донистааст. Ба мушоҳидаи ӯ барои Айнӣ имтиёзи ҳунарии Рӯдакӣ дар сурудани шеъри саҳли мумтанеъ, пеш аз ҳама, содагӣ, образнокӣ, усули барозандаи ифодаҳои лирикӣ буда, “Ӯ Фирдавиро нахустин шоири достонсаро, Саъдӣ, Камол, Навоӣ ва Лоҳутиро устодони машҳури ғазал ба қалам додааст. Аз рӯйи мулоҳиза ва тадқиқоти Айнӣ Восифӣ дар шеър хостааст, ки онро хушоҳанг созад ва шеър тобеи маънӣ бошад... Камол аз суханҳои дорои ду маъно-таҷнис фаровон кор бурдааст” [8, с. 47]. Ин донишманд дар идомаи ин баҳс андешаҳои Айниро доир ба моҳияти иҷтимоӣ ва ҳунарии шеър, жанрҳо, аз ҷумла хусусияти сохтории ғазал, тарҷеъбанд ва таркиббанд баррасӣ карда, он чиро, ки Айнӣ дар бораи шеър ва жанрҳои он гуфтааст, “тадқиқоти пурраю ҳамаҷониба” надониста, “аз гуфтаю андешаҳои муҳим, фикрҳои бикр, сухани амиқи илмӣ дар бораи жанр ва дигар ҷузъиёти он” иборат будани онро таъкид менамояд [8, с. 52] ва дар ин замина таҷрибаҳои судманди Айниро дар сурудани ашъори гуногунжанр ба алоҳидагӣ баррасӣ менамояд, ки татбиқи назарияи Айниро дар таҷрибаи амалиаш бозгӯ менамояд.

Ҳамин тариқ, мурури анҷомгирифта нишон медиҳад, ки фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ ҳамеша мавриди қазовати муҳаққиқони айнишинос қарор дошта, дар ин замина моҳияти асосии равиши ҷустуҷӯҳои ӯ оид ба мушкилоти омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик, мероси адабӣ, шинохти ҳуқуқи тоҷикон ба ин мерос, худшиносиву худогоҳии миллӣ, усули таблиғи адабиёт, даврабандии он ва масъалаҳои дигар ҳамчун “аввалин адабиётшиноси советии тоҷик” муайян ва мушаххас гардидааст. Таҳлилҳои анҷомгирифта далели он аст, ки домана ва паҳлуҳои фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ васеъ буда, масъалаҳои назария, таърихи адабиёт ва зебоишиносии (эстетикии) осори бадеиро фаро мегирад.

Муқарриз: Боев Ш.Э., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Рӯйхати адабиёт

1. Абдуҷабборов, Т. Устод Айнӣ ва баъзе масъалаҳои назарияи адабиёт / Т. Абдуҷабборов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 3. – Душанбе: Дониш, 1966. – С. 44-54.
2. Бақозода, Ҷ. Устод Айнӣ ва ташаккули афкори адабию эстетикии тоҷик дар садаи бист / Ҷ. Бақозода. Гузашти айём ва таҳаввули адабиёт. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 230-278.
3. Қаландаров, К. Хизмати устод С. Айнӣ дар таҳрир ва нашри “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ / К. Қаландаров // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 5. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 129-141.
4. Маҳмадаминов, А. Айнишиносӣ ва замони ҳозира / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 160 с.
5. Маҳмадаминов, А. Садриддин Айнӣ-олим / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 64 с.
6. Мирзозода, Х. Садриддин Айнӣ аввалин адабиётшиноси советии тоҷик / Х. Мирзозода. Мулоҳизаҳо дар бораи адабиёт. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963. – С. 172-194.

7. Муллоқандов, Эм. Устод Айнӣ-адабиётшинос / Эм. Муллоқандов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 5. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 85-121.
8. Раҳмонов, Ш. Шеър ва Айнӣ / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 189 с.
9. Сатторзода, А. Ҷойгоҳи устод Айнӣ дар ҷомеаи тоҷик / А. Сатторзода // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 12. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 13-18.
10. Табаров, С. Дар бораи баъзе масъалаҳои ақоиди эстетикии С. Айнӣ / С. Табаров // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 4. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 41-69.
11. Ҳодизода, Р. Масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик дар “Намунаи адабиёти тоҷик” / Р. Ҳодизода. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб,1988. – С. 131-148.
12. Ҳошим, Р. Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи шеъру шоирӣ / Р. Ҳошим // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 7. – Душанбе: Дониш, 1991. – С. 186- 195.
13. Шукуров, М., Бақозода, Ҷ. Аввалин фикру мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи Бедил / М. Шукуров, Ҷ. Бақозода // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 3. – Душанбе: Дониш, 1966. – С. 151-158.
14. Шукуров, М. Фаъолияти илмии устод Айнӣ ва худогоҳии миллии меҳнаткашони тоҷик / М. Шукуров. Пайванди замонҳо ва халкҳо. – Душанбе: Ирфон, 1982. – С. 3-10.
15. Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи VII. – Душанбе: Дониш, 1991. – 296 с.

АРЗЁБИИ ФАЪОЛИЯТИ АДАБИЁТШИНОСИИ АЙНӢ

Дар мақола ҷустуҷӯҳои илмии муҳаққиқон дар боби фаъолияти адабиётшиносии устод Айнӣ, аз ҷумла, таълифоти ӯ оид ба таърих, назарияи адабиёт, нақди адабӣ ва мушкилоти адабиёти муосири тоҷик таҳлил шуда, дар ин замина чеҳраи ҳунарии ӯ ҳамчун нахустин адабиётшиноси советии тоҷик ва нақши таъсиргузораш дар таърихи илми адабиётшиносии тоҷик муайян ва мушаххас карда шудааст.

Таҳқиқи фаъолияти илмии устод Айнӣ дар соҳаи назарияи адабиёт, ташаккул ва таҳаввули афкори адабию зебоишиносии тоҷик, андешаҳои назарии ӯ оид ба масъалаҳои робитаи ҳаёт ва адабиёт, мазмун ва шакли асари бадеӣ, системаи образҳо, устухонбандӣ, сужет, забони асари бадеӣ, шеърият, қонуни инкишофи кори эҷодӣ, услуб, метод, шинохти ҳуқуқи тоҷикон ба мероси адабӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, усули таблиғи адабиёт, даврабандии он ва ғайра паҳлуи дигари ҷустуҷӯҳои айнишиносонро муайян мекунад, ки дар мақола ба таври фушурда баррасӣ шудааст.

Калидвожаҳо: *Айнӣ, адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, назария, таърих, тадқиқот, тазкира, мақола, рисола, тарз, усул, сабк, зебоишиносӣ, навъ, жанр, методи адабӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ.*

ОЦЕНКА ЛИТЕРАТУРНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АЙНИ

В статье анализируются научные исследования литературной деятельности Устада Айни, в том числе его труды по истории, теории литературы, литературному капиталу и проблемам современной таджикской литературы, и в этом контексте его художественное лицо как первого советского таджикского литературоведа. Определена и уточнена его влиятельная роль в истории науки таджикского литературоведения.

Исследование научной деятельности Устада Айни в области теории литературы, становления и эволюции таджикской литературно-эстетической мысли, его теоретических взглядов на вопросы взаимосвязи жизни и литературы, содержания и формы художественного произведения, системы образов, закостенелость, сюжет, язык художественного произведения, поэзия, закон развития творчества, стиль, метод, признание права таджикистанцев на литературное наследие, самоидентичность и национальное искусство, метод пропаганды литературы, его периодизация определяют другую сторону исследований модернистов, которая кратко рассматривается в статье.

***Ключевые слова**: Айни, литературоведение, литературная критика, теория, история, исследование, образ, статья, тезис, манера, метод, стиль, эстетика, тип, жанр, литературный метод, самопознание, самосознание.*

ASSESSMENT OF AYNI'S LITERATURE ACTIVITY

The article analyzes the scientific researches of the researchers in the literary activities of Ayni, including his writings on history, literary theory, literary cash and problems of modern Tajik literature, and in this context, his artistic face as the first Soviet Tajik literary critic and his influential role in the history of science Tajik literary studies has been defined and specified.

Researching the scientific activity of Ayni in the field of literary theory, the formation and evolution of Tajik literary and aesthetic thought, his theoretical opinions on the issues of the relationship between life and literature, the content and form of an artistic work, the system of images, ossification, plot, the language of an artistic work, poetry, the law of development creative work, style, method, recognition of the right of Tajiks to literary heritage, self-identity and national art, the method of promoting literature, its periodization, etc., determine another aspect of the research of modernists, which is briefly discussed in the article.

***Keywords**: Ayni, literary analysis, theory, history, research, image, article, dissertation, method, style, aesthetics, type, genre, literary method, self-knowledge, self-awareness.*

***Маълумот дар бораи муаллиф: Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём** - Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, унвонҷӯй. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Тел.: +992 907717887; E-mail: imkhan87@mail.ru;*

***Сведения об авторе: Сироджзода Джамолиддин Киём** - Институт языка и литературы им. Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. Тел.: +992 907717887; E-mail: imkhan87@mail.ru*

***Information about the author: Sirojzoda Jamoliddin Qiyom** - Rudaki Institute of Language and Literature of the National Academy of Sciences of Tajikistan, graduate. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 21 Rudaki Ave. Tel.: +992 907717887; E-mail: imkhan87@mail.ru*

ТДУ 82-14: 891.550

ВАЗИФАҲОИ СУХАНИ МУАЛЛИФ ВА РУҶУИ ЛИРИКӢ ДАР АСАРИ БАДЕӢ

Пиров М.М.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Адабиёти бадеӣ – яке аз куҳантарин намудҳои фарҳанги маънавӣ, бо роҳу усулҳои беҳтарин, гуворотарин ва ҳассостарин ба руҳияи инсон таъсир расонида, дар тарбияи ахлоқӣ, равонӣ, ватанпарварӣ, инсондӯстӣ ва эстетикии одамон саҳми намоён гузоштааст ва мегузорад. Ин таъсиррасонӣ бо роҳҳои гуногун амалӣ мегардад. Яке аз онҳо *сухани муаллиф* буда, аз ҷиҳати сохту мазмун ба намудҳои гуногун ҷудо мешавад, ки муҳимтаринаш *руҷуи лирикӣ* мебошад. Руҷуи лирикӣ аз ҷиҳати услуб ҳамчун як намуди санъати сухан шинохта шуда, аз рӯйи сохт ба сухани муаллиф ҳамбастагӣ дорад.

Нахуст сухани муаллиф бо он фарқ мекунад, ки бевосита ба хонанда нигаронда шудааст. Он ҳадафи асосии асарро ифода менамояд. Намунаи қадимтаринаш иқтибосест, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз китоби «Авасто» овардаанд: «Ҳамаи китобҳои «Авасто», аз ҷумла «Виспарад», бо суханони зер хатм мешавад: «Роҳ якест ва он роҳ роҳи ростист, ҳамаи дигар роҳҳо бероҳа аст» [24, с. 53]. Бояд гуфт, ки ин ҷо ҷумлаи дувум сухани муаллиф ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, намунаи одӣ ва содаи сухани муаллиф ҳамонест, ки ноқил ба таврҳои зерин бевосита ба хонанда муроҷиат мекунад: 1) Тавассути феълҳое монанди «гуфтаанд, пурсидаанд, овардаанд, замзама кардаанд, тасдиқ кардаанд, мегӯянд, буд набуд» ва ғайра шуруъ мешавад; намунаи равшанаш аз «Самаки айёр», ки қариб дар ҳамаи бобҳо такрор шудааст: «*Чунин гӯяд* ҷамъкунандаи ин китоб Фаромарз, ки чун умрам ба бисту панҷ сол бирасид...» [14, с. 13] ва ғайра; 2) Бо ёрии феълҳои ишора дар алоқамандӣ бо сухани пешин: «илова бояд кард, хулоса бояд кард, ҷамъбаст намуд, шуруъ намуд, дар омади гап, бояд гуфт…», мисол: «Мо омадем ба ҳадиси Хуршедшоҳ. Чунин гӯяд муаллифи ахбор, ки…» [14, с. 188] ва пас аз ин ҷумла нақл аз ҷойи кандашуда идома меёбад; 3) Феълҳое, ки мақсади нуткро ифода мекунанд: «хоҳиш кардан, фармудан, тасдиқ кардан, ризо шудан, эзоҳ додан»…; 4) Ибораҳои исмдоре, ки аз рӯйи аҳамият ва ташаккул ба феъли нутқ наздиканд, монанди «бо савол муроҷиат кард, ҷавоб дод, ишора шуд, фарёд кард, овоз ба гӯш расид, пичиррос зад…»; 5) Ишоракунанда ба пайдоиши фикр: «фикре ба сараш зад, андеша кард, ки» ва ғайра; 6) Сухани муаллиф бо феълҳои ифодакунандаи ҳаракат, ишора, мимика: «давид, хез зад, сар ҷунбонд, китф ҷунбонд, даст афшонд, лабу лунҷ ҷумбонд…», ифодакунандаи эҳсос, ҳолати ботинии гӯянда: «хурсанд шуд, хафа шуд, ҳайрон гашт, ба ҳарос афтид, ба ханда даромад, гирист, оҳ кашид” ва ғайра.

Ногуфта намонад, ки дар миёни сухани муаллиф баъзан *нутқи бевосита* ба кор меравад. Мисол: «*Ана, сарҳад*! – гуфт Ноздрев. – *Ҳамаи чизе, ки дар ин тараф мебинӣ, аз они ман, ҳатто, дар он тараф буда ҳам, ҳамаи ин бешазор ҳам, чизҳои дар паси он буда ҳам, аз они ман»* (Гогол) [6, с. 93]. Дар ин ҷумла ба ғайр аз «гуфт Ноздрев», ки сухани муаллиф аст, боқимонда нутқи бевосита маҳсуб меёбад. Аз ҷиҳати сохтор нутқи бевосита аз ҷумлаҳои одӣ, мураккаб, пурра, нопурра, яктаркиба ва дутаркиба иборат мешавад. Дар мисоли боло нутқи бевосита дар дохили сухани муаллиф омадааст. Нутқи бевоситаро бо диалог, ки он ҳам як намуди пешниҳоди бевоситаи нутқи бегона буда, аммо дар он сухани муаллиф мушоҳида намешавад, набояд омехта кард. Ҳамин тавр, сухани муаллиф дар чунин мавқеъҳо омада метавонад:

а) пеш аз нутқи бевосита: «*Худованди ҳадис ва ровии қисса ва муаллифи ахбор чунин гӯяд, ки чун Қатур ва Қатрон ва Сайлам ва Меҳрони вазир аз банд биҷастанд ва аз дараи Буғрой эшонро бибурданд, Хуршедшоҳ нома фармуд ба шоҳ Фағфур ва дар нома ёд кард, ки*: «Эй шоҳ, ин ҷойгоҳ ҳафл бисёр аст ва Меҳрони вазир, ки шоҳ ӯро ба мо фиристод, то моро мадад бошад, ғадр кард…» [14, с. 189]. Дар ин ҷо ҷумлаи охирин нутқи бевосита аст;

б) аз паси нутқи бевосита: «–Қиссаи худро бигӯй, Артём, – *челонгар садои Сиротенкоро шунид*» (Н.Островский);

в) дар шакли як калима ё як ҷумла пурра дар дохили нутқи бевосита: «Эй лоло Солеҳ, магар осӣ шудӣ ё магар маро намешиносӣ? – *Гуфт*: – Манам бародари Хуршедшоҳ, омадам то Маҳпариро ба вай бирасонам» [14, с. 204];

г) истифодаи якбораи чунд нутқи бевосита: «*Кондратий хомӯш истод, ба чанд маънӣ*: «Ана, гап дар кучо?!» – *гӯён ба қафо баргашт*» (А.Н. Толстой). «Ана, гап дар кучо?!» нутқи бевосита аст.

Сухани муаллиф на танҳо далели гуфтори каси бегонаро бо шарҳи ба кӣ тааллуқ доштани он муайян мекунад, балки баробари ин, ба он ишора мекунад, ки нутқ ба кӣ равона шудааст: «Ҳомони вазир нома навишт ба шоҳ Фағфур ва аҳволи лашкару ҳазимат шудани душман ва аҳволи қалъаи Шоҳак бистадану Маҳпарӣ бурдан; пас гуфт: «Агар тавонад моро ба улуфа мадад медиҳад, ки мо ба Мочин меравем» [14, с. 205].

Тартиби ҷудо кардани сухани муаллиф аз нутқи бевосита бо вергул, дунуқта, мӯлнуқта ва аломатҳои дигари китобатӣ тибқи қоидаҳои ҷории имлои забон муайян мегардад. Ногуфта намонад, ки қоидаҳои имло дар мавриди ҷойи сухани муаллиф ва нутқи бевосита дар забонҳои гуногун метавонад аз ҳам фарқ кунад. Чунин фарқиятҳо бештар дар забони классикии форсии тоҷикӣ ба назар мерасанд. Ин ҷо суоле ба миён омаданаш мумкин аст, ки масъалаҳои сабку услуб, забони асар ба илми забоншиносӣ наздик аст, аммо чаро мо бо назардошти танҳо мазмуни асар онро дар доираи адабиётшиносӣ мавриди таҳқиқ қарор доданием? Ҷавоб ин аст, ки «мазмун ва шакл ҷудогона мавҷуд буда наметавонанд». [5, с. 109], аз ин рӯ, дар омӯзиши мазмун шакли асар нақши муҳим дорад; сухани муаллиф ва руҷуи лирикӣ бошанд, бевосита ба шакли асар тааллуқ доранд.

Сухани муаллифро баъзе муҳаққиқон *ремарк* номидаанд ва дар ин ҳолат онро ҳамчун шарҳи муаллиф ба ин ё он ҳодиса донистаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоҷик А.Саъдуллоев нигоштааст: «Шарҳи муаллиф (ремарка) ду функсия дорад, ки бо ҳам баробар ҳамкорӣ мекунанд. Дар мавриди аввал сухани қаҳрамон фаъол буда, муаллиф ҷо-ҷо, барои рӯшанӣ андохтан ба воқеа ё самтбахшии иштирокчиёни воқеа луқма мепартояд. Дар мавриди дигар, қаҳрамони рӯйдод худ ноқили ботаннии гуфтор аст ва гоҳ-гоҳе, гӯё аз равзанае сухане ба гуфтаи ӯ илова мекунад» [15, с. 60]. Аз ин гуфтаҳо бармеоянд, ки муносибати муаллифи асар ё ноқил, гӯянда ба воқеаҳо дар асар ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Он роҳнамои асосӣ ба дунёи таҳтонии асар мебошад. Зеро «тасвири ашё ва ифодаи муносибати муаллиф ба ашёи тасвир ба ҳам алоқаманданд. Маҳз ин алоқамандӣ, омезиши лаҳзаҳои воқеӣ ва субъективӣ адабиётро ба аслиҳаи ҷамъиятии дарки эстетикӣ ва тарбия табдил додааст» [5, с. 316].

Чи тавре ки дар оғоз ишора шуд, *руҷуи лирикӣ* аз рӯйи шакл яке аз намудҳои асосии сухани муаллиф ва аз рӯйи услуб яке аз намудҳои маъмул ва паҳнгардидаи санъати сухан ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, арзиши бадеӣ, таърихӣ ва ҷамъиятии он дар композитсияи асосии асар хеле барҷаста аст. Дар руҷуи лирикӣ инъикоси мақсаду маром, эҳсосоти муаллиф ва қаҳрамонон осонтар мебошад. Дар натиҷа, зимни баррасии руҷуи лирикӣ «таваҷҷуҳи адабиётшиносон ба фардияти эҷодии нависанда зуҳуроти маъмулӣ гаштааст» [5, с. 24].

Аммо мавзуи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик амалан мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Руҷуи лирикӣ ҳарчанд аз ҷиҳати сохт ва услуб шакли ҳикоят андар ҳикояти адабиёти классикии шифоҳӣ ва китобии тоҷикро мемонад, аз он фарқи назаррас дорад: ҳикоят андар ҳикояти классикӣ дорои қаҳрамонҳои асосӣ ва сюжети махсус мебошад, дар руҷуи лирикӣ бошад, сюжет, қаҳрамонҳо нестанд, як қаҳрамони асосӣ ҳаст, ки ё худи муаллиф мебошад ё яке аз қаҳрамонони асар; дар мавриди забон ва услуб низ руҷуи лирикӣ аз асарҳои ба услуби ҳикоят андар ҳикоят офаридашуда фарқ мекунанд. Руҷуи лирикӣ бандубасти муайян надорад, ҳаҷман хурд аст. Баъзан нависанда сабаби руҷуъ, гардиш карданашро ошкор баён месозад. Дар баъзе намудҳои руҷуи лирикӣ на танҳо эҳсосоти

муаллиф ё қаҳрамон, балки факту далелҳо ва санадҳои таърихию иҷтимоию иқтисодӣ низ оварда мешаванд.

Дар адабиёти форсу тоҷик истилоҳи *руҷуъ* ҳамчун санъати бадеӣ таърихи қадима дорад. Ҳарчанд то аввали асри бист он дар адабиётшиносӣ чун истилоҳи алоҳида ба кор нарафтааст, ҳамчун яке аз санъатҳои сухан истифода шудааст. Дар асарҳои классикӣ чун «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» [13, с. 123], «Ал-муъҷам" [21, с. 82], «Бадоеъ-ус-саноеъ» [2, с. 117] дар бораи руҷуъ маълумот пайдо кардан мумкин аст. Истилоҳи «руҷуъ» арабӣ буда, маъноях «бозгашт» мебошад, яъне *бозгашти лирикӣ*.

Ниҳоят, дар даврони шуравӣ ҳамчун тарҷума аз забони русӣ истилоҳи адабиётшиносии «руҷуи лирикӣ» арзи вуҷуд кард. Дар адабиётшиносии тоҷик ҷиҳати назариявии мавзуъ то андозае баён шуда бошад ҳам, ба таври амалӣ мавриди таҳқиқот қарор нагирифтааст. Бори аввал дар «Санъати сухан»-и Т.Зеҳнӣ дар фасли «Руҷуи лирикӣ» маълумоти мухтасар омадааст: «Нависанда баъзан аз тасвири воқеа ё аҳволи руҳияи қаҳрамонон ба ҳаяҷон омада, якбора ҳикояи худро қатъ менамояд ва ба тарафи дигаре гардиш карда, хитобан ба хонанда ё ягон предмети дигар сухан кардан мегирад. Ин усулро руҷуи лирикӣ ё қатъ номидан мумкин аст» [9, с. 102]. Чи тавре ки мушоҳида мешавад, Т.Зеҳнӣ дар мавриди руҷуъ ифодаҳои «қатъ», «гардиш»-ро низ ба кор бурдааст. Албатта, калимаҳои «бозгашт» ҳамчун тарҷумаи тоҷикии «руҷуъ» ва «гардиш» қобили қабул буда метавонанд, аммо калимаи «қатъ» дар ин маврид бемавқеъ менамояд.

Аз адабиёти классикии форсу тоҷик, махсусан, назми эпикии адабиёти классикӣ ва имрӯзаи форсу тоҷик мисолҳои зиёд овардан мумкин аст. Ба қавли Т.Зеҳнӣ, руҷуъҳои лирикӣ хусусияти ягона доранд, яъне, тақсимнашавандаанд. Ӯ таъкид намуда, ки онҳоро танҳо шартан ҷудо кардан мумкин аст. Аз ҷумла, муаллиф санъати *нидо*ро яке аз навъҳои ҷудонашавандаи руҷуи лирикӣ номидааст.

Дар асари аввалини адабиётшиносии даврони шуравии тоҷик «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» руҷуи лирикиро чунин таъриф кардаанд: «Аз тасвири воқеаҳои асар бозистода, фикру мулоҳиза ва ҳиссиёту ҳаяҷони худро баён кардани нависанда руҷуи лирикӣ номида мешавад» [20, с. 93]. Албатта, ин як таърифи содаву мухтасари ин намуди васеъ паҳншудаи санъати сухан ё сухани муаллиф мебошад. Дар адабиётшиносии тоҷик беш аз ҳама муҳаққиқи шодравон Соҳиб Табаров нақш ва вазифаҳои руҷуи лирикиро дар насри бадеӣ зимни таҳқиқи мавзуъҳои умумии адабиёти тоҷик ёдовар шудааст. Аз ҷумла, дар маҷмуаи мақолаҳои худ бо номи «Ҳаёт, адабиёт, реализм», ки аз ду китоб иборат мебошад, низ ба мавзуъ таваҷҷуҳ намудааст. Дар яке аз мақолаҳо дар бораи руҷуи лирикӣ дар насри бадеӣ чунин изҳор дошта: «Дар қисме аз асарҳои дорои хусусияти лирикию романтикӣ, психологию фалсафӣ гоҳо лавҳаву лаҳза, руҷуъ ва ҷузъе аз хатти умумии сюжет ҷудо ба назар мерасад. Аммо ҳангоми мутолиа маълум мешавад, ки онҳо бо хислати ҳуҷҷатнокӣ, бо лиризми ҳаётдӯстона, бо руҷуи лирикӣ ва ё публитсистонаи худ қисми таркибии асарро ташкил мекунанд» [16, с. 43]. Муаллиф руҷуъро қисми ҷудоншавандаи таркибии асари бадеӣ номидааст.

Адабиётшинос Ю.Бобоев руҷуи лирикиро «воситаи устухонбандии асари бадеӣ» [3, с. 93] номида, андешаҳои адабиётшиносони рус ва тоҷикро дар ин маврид бо баъзе тағйирот такрор кардааст.

Азбаски дар бораи руҷуи лирикӣ дар адабиётшиносии тоҷик кори назаррас анҷом наёфтааст, моро лозим меояд, ки дар мавриди ҷиҳатҳои назариявии масъала бештар ба таҳқиқоти адабиётшиносони рус ва маълумотҳои шабакаҳои интернетӣ такя намуда, намунаҳоро асосан аз адабиёти тоҷик оварем. Бояд гуфт, ки руҷуи лирикӣ дар шакли руҷуъҳои публитсистию таърихӣ яке аз роҳҳои ба ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсат ва ҷомеа рӯй овардани муаллифи асари бадеӣ аст. Ин масъаларо метавон ба таври алоҳида мавзуи баҳс қарор дод. Ҳамчунин, зимни таҳқиқот бештар ба методи муқоисавӣ такя кардан лозим меояд, зеро танҳо ҳангоми муқоисаи руҷуъҳои лирикӣ дар асарҳои гуногун ва дар қиёс бо

қисматҳои боқимондаи асари бадеӣ ҳадаф, аҳамият, мавзуи онҳо равшантар инъикос мегардад. Дар натиҷа, имконияти арзёбии қимати асари бадеӣ, аҳамияти иҷтимоӣ ва бадеии он бештар мешавад.

Дар адабиётшиносии имрӯзаи рус дар бораи руҷуи лирикӣ муҳаққиқоне чун М.Сойфер, В.Гура ва Л.Якименко таҳқиқоти ҷолиб анҷом додаанд. Чунончи, В.Гура қайд намуда, ки ҳангоми ба асар ворид намудани руҷуи лирикӣ лиризми асар меафзояд. «Дар руҷуи лирикӣ оптимизм ва гуманизм пурқувват мебошад» [8, с. 283]. Дар ҳақиқат, руҷуи лирикӣ шеъриятӣ асарро меафзояд. Маҳз ба ин сабаб асари бузурги насрии «Ҷонҳои мурда»-и Гоголро, ки дар он руҷуъҳо хеле зиёданд, достон (поэма) номидаанд.

Л.Якименко ба хулоса омадааст, ки руҷуи лирикӣ забони махсус дорад, зеро ҳиссу ҳаяҷони нависанда тавассути санъатҳои гуногуни сухан таъсирбахш карда шудаанд. «Санъаткор дар руҷуи лирикӣ на танҳо мушоҳидакор, тамошобин, балки инъикоскунандаи бевоситаи ҳаёти халқ мебошад» [25, с. 398], - навиштааст муҳаққиқ.

Дар «Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ» чунин таърифи руҷуи лирикӣ ба назар мерасад: «Руҷуи лирикӣ сухани муаллиф дар асари эпикӣ аст, ки муносибати бевоситаи нависандаро нисбат ба образ ё воқеаи тасвиршаванда ва ҳодисаҳои ба он алоқаманд ифода мекунад… Он ҷузъи ғайрисюжетии асар мебошад» [17, с. 221]. Дар асари муҳташами «Энсиклопедияи мухтасари адабӣ» омадааст: «Руҷуи лирикӣ дар асарҳои мансур ва манзуми адабиёти рус зиёд вомехӯрад… Руҷуи лирикӣ дар асарҳои Чехов ба муҳокимаронии персонаж ё тасвир омезиш ёфта, духӯрагии муайянро ба вуҷуд овардааст» [11, с. 214]. Хулосаи ин муаллифон чунин аст, ки руҷуъ ба сюжет тааллуқ надорад.

Титов В.Г. руҷуи лирикӣ ва ҳикояҳои иловагӣ чун ҷузъҳои алоҳидаи композитсияро таҳлил намудааст. Мавсуф зикр карда, ки руҷуи лирикӣ мазмун ва вазифаҳои хосро дорост. Ӯ дар асоси далелҳои кофӣ ин вазифаҳои руҷуъҳои лирикиро муайян бинмуда:

1. Муносибати муаллиф ба ашёи тасвир, вобастагии он ба ҳаёт;
2. Ифодакунандаи мақсади муаллиф;
3. Ифодакунандаи муносибати нависанда ба шахсҳои амалкунанда;
4. Муаллиф дар руҷуи лирикӣ вазифаи асари худро баён месозад, дар бораи тарзи кораш маълумот медиҳад;
5. Нависанда дар руҷуи лирикӣ метавонад лаҳзаҳои ҳаёти хеш, саргузашташро нақл намояд [18, с. 24].

Дар ҳамаи ин ҳолатҳо аз мазмуну мундариҷаи руҷуи лирикӣ симои муаллиф аён мегардад. Баробари ин, руҷуи лирикӣ ба дарки мазмуни ғоявию мундариҷавии асар кӯмак мерасонад. Муаллифи зикршуда, ҳамчунин, зикр карда, ки ҳарчанд дар руҷуъҳои лирикӣ шахсияти амалкунанда сюжет нест, ба зиндагӣ бо диди муаллиф баҳо дода мешавад; ҳамчунин, дар онҳо системаи образҳо ҷой дорад, ки он (низоми образҳо) шахсияти нависандаро ба мақсади асосӣ муттаҳид менамояд [18, с. 25-28].

Ба қавли адабиётшинос Л.Б.Шепилова, руҷуи лирикӣ образи муаллифро инъикос карда метавонад. Дар ин маврид аҳамияти руҷуи лирикӣ бағоят калон мегардад [23, с. 148]. Дар ҳақиқат, яке аз фарқиятҳои руҷуъҳои лирикӣ воситаи шинохти муаллифи асари бадеӣ будани он мебошад, дар натиҷа муаллиф дар паси парда намемонад, симои ӯ пеши назари хонанда ҳувайдо мегардад. Маънии мазкурро муаллифони «Энсиклопедияи калони шуравӣ» низ айнан зикр кардаанд [4, с. 489].

Адабиётшиноси сермаҳсул Г.Абрамович ба руҷуи лирикӣ таърифи зерин додааст: «Бевосита фикр ва ҳиссиёти худро баён кардани нависанда дар асари эпикӣ *руҷуи лирикӣ* ном дорад» [1, с. 127]. Муҳаққиқ мулоҳизаҳои адабиётшиносони дигарро дастгирӣ намуда, қайд кардааст, ки ҳамчун қоида руҷуи лирикӣ дар асарҳои драмавӣ истифода намешавад, дар лирика ва шеър бошад, маълум аст, ки эҳсосоти шоир бевосита истифода мешавад ва дар онҳо саҳна ва лаҳзаҳои иловагӣ зарур намебошанд: «Руҷуи лирикӣ ифодаи бевоситаи андешаҳо ва ҳиссиёти муаллифи асари эпикӣ мебошад. Чунин руҷуъҳо маҳз танҳо дар асари

эпикӣ мавҷуданд; дар асари драмавӣ сухани муаллиф, умуман, нест; лирика бошад, ифодаи бевоситаи руҳияи шоир мебошад» [1, с. 127]. Хуллас, ин муаллиф ҷойи истифодаи руҷуъҳоро муайян карда, дар ҷамъбаст овардааст: «Руҷуи лирикӣ сухани муаллиф дар асари эпикӣ ё лиро-эпикӣ мебошад, ки муносибати бевоситаи муаллифро ба тасвир ифода мекунад. Руҷуи лирикӣ ба ҷузъи ғайрисюжетии асар дохил мешавад, барои ифодаи мазмуни ғоявии асар кӯмак мерасонад. Чунончи, дар «Евгений Онегин» композитсияи «романи озод» имконият додааст, ки ба он руҷуъҳои гуногуни муаллифӣ дохил карда шавад, ки аз хотироти лирикӣ аз зиндагии шоир, муроҷиат ба дӯстон, хонанда иборат аст; мавзуъҳои шеър ва баҳсҳои ба он дахлдор, андешаҳо оид ба дӯстӣ, ишқ, арзиши шахсияти инсон ба миён гузошта шудааст» [1, с. 67]. Баробари асари зикршудаи А.Пушкин дар асарҳои адибони имрӯза низ масъалаҳои гуногуни дӯстдоштании онҳо, аз ҷумла, ҳунари шеъру шоирӣ ва ғайра мавзуи асосии руҷуи лирикӣ шуда метавонанд. Чунин ҳолатро дар асарҳои публитсистикаи бадеии «Этюдҳои лирикӣ» ва монолог-эссеи «Шабпаракҳои шабона»-и Эдуардас Межелайтис, роман-эссеҳои «Доғистони ман»-и Р.Ғамзатов, «Садбарги заррин»-и К.Паустовский ба таври барҷаста дидан мумкин аст. Чунончи, дар яке аз чунин руҷуъҳои лирикии Э.Межелайтис омада: «Рости гап, ҳеҷ намефаҳмам чӣ тавр шеърро ба «навъ» ҷудо кардан ва дар рафҳо гузоштан мумкин бошад. Ман, масалан, наметавонистам байни лирикаи шаҳрвандӣ ва маҳрамона хатти сарҳадӣ гузорам?.. Ба шеър тамға зада нашавад. Решаи шеър зери замин аст» [12, с. 272]. Баъди баёни ин мулоҳизаҳои муҳим муаллиф ба тариқи намуна чанд шеър меорад ва ачиб аст, ки сарлавҳаи онҳоро «Таваққуфи лирикӣ» (Лирическая пауза) номидааст.

Руҷуи лирикӣ аз композитсияи асар ҷудо нест, ба он дахл дорад. Ин аст, ки дар илми адабиётшиносӣ руҷуи лирикӣ вобаста ба композитсияи асар омӯхта мешавад. «Композитсияи асар ин ҷойгиршавии муайян ва алоқамандии байниҳамдигарии образҳои бадеӣ мебошад» [10, с. 19]. Он ҷузъҳои ҷудогонаи асарро ба ҳам мепайвандад. Дар ин ҷузъҳои ҷудогона, ки хишти асар мебошанд, образҳои бадеӣ тавассути руҷуи лирикӣ низ тасвир карда мешаванд. Зеро «хиштро наомӯхта, мақсади меъморро дарк кардан мумкин нест» [7, с. 109]. Бозгашт ё руҷуи муаллиф ба мавзуи асосии асар, нақлу тасвири бевоситаи сюжет кам муносибат дорад ё тамоман алоқаманд нест. Намунаҳои возеҳашро дар романи бузурги «Ҷанг ва сулҳ»-и Л.Толстой дидан мумкин аст. Нависанда ҳангоми тасвири вазъи руҳии қаҳрамони асосӣ Андрей Болконский ҳангоми ба ҷанг сафарбар шуданаш беихтиёр мегӯяд: «Дар лаҳзаҳои сафар ва тағйири зиндагӣ одамоне, ки рафтори худро муҳокима карда метавонанд, одатан барои андеша кардан имкони васеъ пайдо мекунанд. Дар ин лаҳзаҳо гузашта пеши назар оварда, барои оянда нақша кашида мешавад» [19, с. 282]. Руҷуъҳои лирикӣ ва публитсистии повести «Одина»-и устод Айнӣ низ аз намунаҳои ҷолиби ин намуди санъати бадеӣ мебошанд. Маълум аст, ки қиссаи мазкур саргузашти ба қавли худи муаллиф, «як тоҷики камбағал» мебошад, аммо дар идомаи миёнаи нақл боби воқеаҳои моҳи феврали соли 1917 ҷой дода шудааст, ки ба рафти воқеа дахл надорад. Аммо дурусттар мулоҳиза кунед, алоқаи ҳадафнокро пай хоҳед бурд: дар ин руҷуъ мақсади ғоявии асар ифода ёфтааст.

Ба қавли муҳаққиқони рус, руҷуи лирикӣ ба асари эпикӣ хос аст, дар асари драмавӣ сухани муаллиф амалан ҷой надорад.

Руҷуъҳои лирикӣ аз ҷиҳати ҳаҷм ва сохт гуногунанд. Руҷуъҳое ҳастанд, ки хеле калон буда, ба сари худ онҳоро асари алоҳида номидан мумкин аст, ё руҷуи лирикие ҳаст, ки аз як ҷумла иборат мебошад. Намунаи руҷуъҳои лирикие, ки аз як ҷумла иборатанд, ҷумлаи мураккаби зер буда метавонад, ки дар он ҷумлаи ёрирасони охир руҷуи лирикӣ мебошад ва назари муаллифи асарро ифода кардааст: «Назари асб бар ишон афтод, биҳаросиду аз ҷой биҷаст… ва мардро аз пушти худ биандохт ва чунонки гардани вай бишкаст ва дигар бор ғамз (фитна) накард, *ки ҳар кас, ки ғамз кунад ва далел бар халқ бошад, он бинад, ки он мард дид*» [14, с. 228].

Баъзан як луқмаи садододаи муаллиф ё қаҳрамон низ дар рафти сюжет руҷуи лирикӣ шуда метавонад. Намунаи онро дар асари таърихии зикршудаи Л.Толстой дидан мумкин аст. Нависанда ҳангоми инъикоси меҳри падар ба фарзанде, ки ба аскарӣ даъват шудааст, бо танз чунин як ишорае мекунад, ки гӯё танҳо ин падар писарашро ба ҷанг фиристода бошад: «Бузургшавии фарзандаш ҳар лаҳза барои ӯ чунон ғайриоддӣ буд, ки гӯё *ягон вақт миллионҳо-миллионҳо одамонро фарзандонашон чунин калон нашуда бошанд*» [19, с. 447]. Ҷойи дигар нависанда аз аломати қавс истифода бурда, андешаи худро дар бораи қаҳрамон баён кардааст: «Мумкин аст ӯ ҳангоми бо занҳо вохӯрдан чунин хаёл накарда бошад (*ва ҳатто, фикр накарда ҳам бошад, зеро ӯ умуман кам фикр мекард»* [19, с. 429]).

Дар идомаи мулоҳизаҳои мазкур метавон гуфт, ки солҳои охир дар адабиёти ҷаҳон шаклу услубҳои нави истифодаи руҷуъҳо пайдо шудаанд. Дар романҳои нав сухани муаллиф ва руҷуи лирикӣ метавонад бо сухани қаҳрамонон пайванд бошад: «Кина қафасест, ки дар он истеъдоди одам дар ҳабс аст. Қафасро бишкан ва истеъдодат ба парвоз меояд чун паранда» [22, с. 161]; «Ҳақиқат монанди парвонаест, ки аз гул ба гул мепарад, одамон бошанд, аз пасаш бо тӯр медаванд, гӯиё бо ин хушбахтанд» [22, с. 451]. Чунин намуди сухани муаллиф, ҳарчанд дар дохили гуфтори қаҳрамон меояд, сухани муаллиф мебошад. Дар чунин асарҳо ҳолатҳое, ки сухани муаллиф бевосита аз забони худаш бошад, кам воқеъ мегардад. Ҳамчунин, дар байни тасвири ҳолат ва воқеот нависанда аз ифодаҳое кор мегирад, ки бевосита аз мақсаду ҷаҳонбинии ӯ бармеоянд: «Аслан зиндагӣ бе ишқ осонтар аст, зеро ишқ баста ба дарду ғам мебошад» [22, с. 471]. Дар чунин порчаҳо тасвири муфассал нест, аммо ҳамон ду-се ҷумла низ мавқеъ ва назари нависандаро ба воқеа ифода кардаанд.

Ниҳоят, руҷуъҳо дар оғоз ба шакли эпиграф ва ё дар охир таҳти унвони «Аз муаллиф» ва ҳатто, «Миннатдориҳо» омаданашон мумкин аст. Чунин шакли руҷуъҳо ба шахси нависанда дахл дошта, як навъ ҷамъбасти асар мебошад ё ҳадафи иншо гардидани асарро баён месозанд.

Дар умум, мавзуи назария ва амалияи руҷуи лирикӣ ҳамчун як намуди ифодаи сухани муаллифи асари бадеӣ дар адабиётшиносии рус ва хориҷа хуб таҳқиқ шудааст. Дар ин маврид адабиётшиносони тоҷикро лозим меояд, ки бо назардошти масъалаҳои назариявии мавҷуда ин падидаи аҷоиби илми адабиётшиносиро дар асарҳои эпикии адабиёти классикии форсу тоҷик ва адабиёти имрӯзаи тоҷик мавриди пажуҳиш қарор диҳанд.

Муқарриз: Абдураҳимов Б., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

1. Абрамович, Г.Л. Введение в литературоведение / Г.Л. Абрамович - М.: Просвещение. 1979. - 352 с.
2. Атоулло, Ҳ. Бадоеъ-ус-саноеъ / Атоулло Ҳусайнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 221 с.
3. Бобоев, Ю. Муқаддимаи адабиётшиносӣ / Ю.Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 332 с.
4. Большая Советская Энциклопедия, т.14, - М.: - 1974. - 540 с.
5. Бушмин, А. Наука о литературе. Проблемы. Суждения. Споры / А. Бушмин. - М.: Современник, 1980. - 360 с.
6. Гоголь, Н.В. Избранные произведения / Н.В. Гоголь ОГИЗ. - М.: - Ленинград: - Художественной литературы, 1947. - 550 с.
7. Гуговский, Г.А. Изучение литературного произведения в школе / Г.А.Гуговский. - М.: - Ленинград, 1966. - 320 с.
8. Гура, В.В. История создания первой книги романа М.Шолохова «Тихий Дон» / В.В. Гура. - Вологда: ВГПИ. Ученные записки. Т. Х II, филолигические, 1953. - 526 с.
9. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Турақул Зеҳнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 242 с.
10. Калачева, С.В. Методика анализа сюжета и композиции литературного произведения / С.В. Калачева. - М.: МГУ, 1973. - 430 с.
11. Краткая литературная энциклопедия. - М.: 1967. т.4. - 430 с.

12. Межелайтис Э. Ночные бабочки. Собр.соч. в трех томах. Том 3. / Э.Межелайтис. - Москва: Художественная литература, 1979. - 402 стр
13. Рашиди, В. Ҳадоиқуссеҳр фӣ дақоиқушшеър / Рашиди Ватвот. Чопи Ҳиндустон, 1923.
14. Самаки айёр. Китоби 1. Сарредаксияи Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе: 2007. - 506 с.
15. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт (Бунёди пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ) / А.Саъдуллоев. - Душанбе: Адиб, 2000. - 280 с.
16. Табаров, С. Услуби бадеӣ ва насри муосири тоҷик / С. Табаров // Ҳаёт, адабиёт, реализм. К.2. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 320 с.
17. Тимофеев, Л.И., Венгров, Н. Краткий словарь литературоведческих терминов / Л.Тимофеев, Н.Венгров, Н. - М.: 1958. - 420 с.
18. Титов, В.Г. Литературное произведение. Композитсия / В.Титов - ТГПИ. - Кишинёв: Карта Молдовеняска, 1967. - 307 с.
19. Толстой, Л.Н. Война и мир. Собр. соч. в 12 томах, т.3. / Л.Н. Толстой. - Москва: Правда, 1987. - 502 с.
20. Ҳодизода, Р. ва дигарон. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р.Ҳодизода ва дигарон. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 302 с.
21. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам / Қ.Р.Шамс. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
22. Шафак, Э. Ученик архитектора / Элиф Шафақ. - Санкт-Петербург: Азбука, 2016.-300 с.
23. Щепилова, Л.В. Введение в литературоведение / Л.В. Щепилова. -М.: Высшя школа, 1968. - 380 с.
24. Эмомалӣ, Р. Чеҳраҳои мондагор. / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. -336 с.
25. Якименко, Л. «Тихий Дон» М.Шолохова / Л. Якименко. - М.: Советский писатель, 1954. - 440 с.

ВАЗИФАҲОИ СУХАНИ МУАЛЛИФ ВА РУҶӮИ ЛИРИКӢ ДАР АСАРИ БАДЕӢ

Мавзуи мақолаи мазкур – вазифаҳои сухани муаллиф ва руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ хеле муҳим ва нав буда, дар адабиётшиносии тоҷик гуфтан мумкин аст, ба таври амалӣ таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ, ин ҷо муҳаққиқ масъалаҳои назариявӣ ва амалиро дар асоси методи қиёсӣ матраҳ карда, кӯшиш намуда, бештар мисолҳоро аз намунаҳои адабиёти тоҷик пешниҳод намояд. Бо ин роҳ вазифа, аҳамият ва ҳадафи руҷуъҳои лирикиро дар адабиёти бадеӣ метавон мавриди арзёбӣ қарор дод. Муаллиф бар он аст, ки чунин намуди порчаҳои сухани муаллифӣ дар адабиёти классикӣ, шифоҳӣ ва имрӯзаи тоҷик хеле фаровон ба кор рафтааст. Аммо онҳо мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Бинобар ин, кӯшиш шудааст, дар мақола асосан гузинаҳои назариявии мавзуъ пешниҳод гардида, аҳамияти омӯзиши мавзуи мазкур барои таҳқиқотҳои ояндаи муҳаққиқон таъкид карда шавад.

Калидвожаҳо: *сухани муаллиф, руҷуъ, руҷуи лирикӣ, руҷуи публитсистӣ, нутқи бевосита, гардиш, сохтори руҷуъҳо.*

5. **Реалистичность и привлекательность** [15, стр. 35; 19, стр.18]**:** 3D-моделирование создаёт более реалистичные и привлекательные среды для изучения. Учащиеся могут погружаться в виртуальные миры и исследовать различные объекты и явления.

В целом, 3D-моделирование предоставляет уникальные возможности для образовательного процесса. Оно помогает учащимся лучше понять и запомнить материал, развивает творческое мышление и практические навыки, а также повышает мотивацию и интерес к изучению.

Примеры применения
3D-моделирования в национальной педагогике

В национальной педагогике применение 3D-моделирования может быть особенно эффективным. Например, создание виртуальных экскурсий по национальным музеям и достопримечательностям позволяет учащимся познакомиться с национальными культурами и традициями, не выходя из класса. Они могут исследовать модели и взаимодействовать с ними, что создаёт более реалистичную и захватывающую среду для изучения.

Также 3D-моделирование позволяет моделировать традиционные ритуалы и обряды. Учащиеся могут взаимодействовать с моделями и участвовать в виртуальных обрядах, что помогает им лучше понять и запомнить национальные традиции.

Кроме того, создание интерактивных игр и заданий для изучения национальной культуры может быть полезным при использовании 3D-моделирования. Учащиеся могут играть в игры, которые представляют национальные культуры и традиции, и таким образом лучше усваивать информацию.

3D-моделирования на интерес и мотивацию учащихся

В современном образовательном процессе все большее внимание уделяется изучению национальных культур и традиций. Это связано с необходимостью формирования у учащихся толерантного отношения к другим культурам, развития межкультурной коммуникации и понимания. Однако, часто учащиеся проявляют недостаточный интерес и мотивацию к изучению национальных культур и традиций. В связи с этим возникает необходимость разработки новых подходов и методов, способствующих повышению интереса и мотивации учащихся.

В последние годы все большую популярность приобретает 3D-моделирование в образовании. Эта технология позволяет создавать трёхмерные модели объектов и явлений, что значительно повышает реалистичность и интерактивность обучения. Применение 3D-моделирования может быть эффективным средством для привлечения внимания учащихся и повышения их интереса и мотивации к изучению национальных культур и традиций.

Задачи 3D-моделирования для повышения интереса и мотивации учащихся к изучению национальных культур и традиций

С помощью 3D-моделирования учащиеся могут создавать виртуальные модели национальных архитектурных сооружений, народных костюмов или предметов быта. Это позволяет им более глубоко погрузиться в изучение культуры и традиций различных народов, а также проводить виртуальные экскурсии по историческим местам и музеям.

Кроме того, 3D-моделирование может быть использовано для создания виртуальных выставок и проектов, посвящённых национальным культурам. Учащиеся могут создавать свои собственные проекты, представляющие искусство, музыку, танцы и другие аспекты культуры различных народов.

Таким образом, 3D-моделирование в образовании может стимулировать интерес учащихся к изучению национальных культур и традиций, а также помочь им лучше понять и оценить многообразие мировых культур.

Заключение

В данной статье была рассмотрена эффективность применения 3D-моделирования в национальной педагогике для повышения интереса и мотивации учащихся к изучению национальных культур и традиций. Она позволяет создать более реалистичные и привлекательные среды для изучения, а также способствует развитию творческого мышления и практических навыков. Дальнейшие исследования в этой области позволят расширить применение 3D-моделирования и оптимизировать его использование в национальной педагогике.

Рецензент: Султонхайдаров Н.Х. – к.п.н., доцент ТМУИЯ им. С. Улугзода

Литература

1. Информационные системы и технологии / Под ред. Тельнова Ю.Ф. - М.: Юнити, 2017. - 544 с.
2. Венделева, М.А. Информационные технологии в управлении.: Учебное пособие для бакалавров / М.А. Венделева, Ю.В. Вертакова. - Люберцы: Юрайт, 2016. - 462 с.

3. Гавриленкова, И.В. Информационные технологии в естественно-научном образовании и обучении. Практика, проблемы и перспективы профессиональной ориентации. Монографии / И.В. Гавриленкова. - М.: КноРус, 2018. - 284 с.
4. Гагарина, Л.Г. Информационные технологии: Учебное пособие / Л.Г. Гагарина, Я.О. Теплова, Е.Л. Румянцева и др. - М.: Форум, 2018. - 144 с.
5. Данелян, Т.Я. Информационные технологии в психологии: Монография / Т.Я. Данелян. - М.: Ленанд, 2015. - 232 с.
6. Елочкин, М.Е. Информационные технологии в профессиональной деятельности дизайнера / М.Е. Елочкин. - М.: Academia, 2016. - 396 с.
7. Жук, Ю.А. Информационные технологии: мультимедиа: Учебное пособие / Ю.А. Жук. - СПб.: Лань, 2018. - 210 с.
8. Затонский, А.В. Информационные технологии: разраб. информ. модел.: Учебное пособие / А.В. Затонский. - М.: Риор, 2017. - 384 с.
9. Захарова, И.Г. Информационные технологии в образовании: / И.Г. Захарова. - М.: Academia, 2016. - 543 с.
10. Зубов, А.В. Информационные технологии в лингвистике: Учебник / А.В. Зубов. - М.: Академия, 2019. - 400 с.
11. Киселев, Г.М. Информационные технологии в педагогическом образовании: Учебник для бакалавров / Г.М. Киселев, Р.В. Бочкова. - М.: Дашков и К, 2016. - 304 с.
12. Коканова, Р.А. Компьютерные информационные технологии в документационном обеспечении управления. Учебное пособие / Р.А. Коканова, А.Ф. Климова. - М.: КноРус, 2018. - 288 с.
13. Конявский, В.А. Доверенные информационные технологии: От архитектуры к системам и средствам / В.А. Конявский, С.В. Конявская. - М.: Ленанд, 2019. - 264 с.
14. Летин, А.С. Информационные технологии в ландшафтной архитектуре: Учебник / А.С. Летин. - М.: Академия, 2018. - 272 с.
15. Михеева, Е.В. Информационные технологии в профессиональной деятельности: Учебник / Е.В. Михеева. - М.: Академия, 2018. - 224 с.
16. Остроух, А.В. Интеллектуальные информационные системы и технологии: Монография / А.В. Остроух, А.Б. Николаев. - СПб.: Лань, 2019. - 308 с.
17. Потапова, Р.К. Новые информационные технологии и лингвистика / Р.К. Потапова. - М.: Ленанд, 2017. - 368 с.
18. Рожков, И.В. Информационные системы и технологии в маркетинге / И.В. Рожков. - М.: Русайнс, 2017. - 320 с.
19. Федотова, Е.Л. Информационные технологии в науке и образовании: Учебное пособие / Е.Л. Федотова, А.А. Федотов. - М.: Форум, 2018. - 256 с.

ИССЛЕДОВАНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРИМЕНЕНИЯ 3D-МОДЕЛИРОВАНИЯ В НАЦИОНАЛЬНОЙ ПЕДАГОГИКЕ ДЛЯ ПОВЫШЕНИЯ ИНТЕРЕСА И МОТИВАЦИИ УЧАЩИХСЯ К ИЗУЧЕНИЮ НАЦИОНАЛЬНЫХ КУЛЬТУР И ТРАДИЦИЙ

Данная научная статья исследует эффективность применения 3D-моделирования в национальной педагогике с целью повышения интереса и мотивации учащихся к изучению национальных культур и традиций. В последние годы использование 3D-моделирования стало все более популярным в образовательных учреждениях, так как оно предоставляет уникальную возможность визуализировать и взаимодействовать с различными объектами и явлениями.

В данной статье представлен обзор существующих исследований, которые подтверждают положительное влияние 3D-моделирования на интерес и мотивацию учащихся. Отмечается, что использование 3D-моделей позволяет создать более

реалистичные и привлекательные среды для изучения национальных культур и традиций. Учащиеся могут исследовать и взаимодействовать с моделями, что способствует более глубокому пониманию материала и развитию творческого мышления.

Также в статье рассматриваются примеры успешного применения 3D-моделирования в национальной педагогике. Они включают создание виртуальных экскурсий по национальным музеям и достопримечательностям, моделирование традиционных ритуалов и обрядов, а также создание интерактивных игр и заданий для изучения национальной культуры.

В заключении статьи подводятся общие выводы о положительном влиянии применения 3D-моделирования в национальной педагогике. Отмечается, что оно способствует повышению интереса и мотивации учащихся к изучению национальных культур и традиций, а также развитию их творческого мышления и практических навыков. Дальнейшие исследования в этой области позволят расширить применение 3D-моделирования и оптимизировать его использование в национальной педагогике.

Ключевые слова: *3D-моделирование, национальная педагогика, интерес, мотивация, национальные культуры, традиции.*

ОМӮЗИШИ САМАРАНОКИИ 3D-МОДЕЛСОЗӢ ДАР ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛӢ БАРОИ ТАТБИҚИ БАЛАНДБАРДОРИИ ТАВАҶҶУҲ ВА РАҒБАТИ МУҲАСИЛИН БА ТАЪЛИМИ ФАРҲАНГУ АНЪАНАҲОИ НИЁГОН

Дар мақолаи мазкур самаранокии истифодаи 3D-моделсозӣ дар педагогикаи миллӣ бо мақсади баланд бардоштани таваҷҷуҳ ва рағбати муҳассилин ба омӯзиши фарҳангҳо ва анъанаҳои миллӣ баррасӣ гардидааст. Дар солҳои охир истифодаи 3D-моделсозӣ дар муассисаҳои таълимӣ торафт маъмул гаштааст, зеро он имконияти беназири намоиш ва ҳамбастагӣ бо объектҳо ва падидаҳои гуногунро фароҳам меорад.

Ҳамзамон, дар мақола шарҳи таҳқиқоти мавҷуда оварда шудааст, ки таъсири мусбати 3D-моделсозиро ба таваҷҷуҳ ва рағбати муҳассилин тасдиқ мекунанд. Гуфта мешавад, ки истифодаи 3D-моделҳо имкон медиҳад, ки барои омӯзиши фарҳангу анъанаҳои миллӣ муҳити воқеӣ ва фароҳам ба миён ояд. Муҳассилин бо моделҳо таҳқиқ ва ҳамкорӣ карда метавонанд, ки ба фаҳмиши умқи мавод ва рушди тафаккури эҷодии онҳо мусоидат мекунад.

Инчунин, дар мақола намунаҳои истифодаи бомуваффақияти 3D-моделсозӣ дар педагогикаи миллӣ баррасӣ карда шудаанд. Ба намунаҳои истифодаи бомуваффақияти 3D-моделсозӣ дар педагогикаи миллӣ сохтани экскурсияҳои виртуалӣ ба осорхонаҳо ва ҷоиҳои таърихии миллӣ, моделсозии расму оинҳои анъанавӣ ва эҷоди бозиҳо ва супоришҳои интерактивӣ барои омӯзиши фарҳанги миллӣ дохил шудааст.

Дар ҷамъбасти мақола хулосаи умумӣ дар бораи таъсири мусбати истифодаи 3D-моделсозӣ дар педагогикаи миллӣ оварда шудааст. Қайд гардидааст, ки 3D-моделсозӣ ба афзоиши таваҷҷуҳ ва рағбати муҳассилин ба омӯзиши фарҳангҳо ва анъанаҳои миллӣ, инчунин, рушди тафаккури эҷодӣ ва малакаҳои амалии онҳо мусоидат мекунад. Тадқиқоти минбаъда, дар самти 3D-моделсозӣ дар педагогикаи миллӣ барои татбиқи баландбардории таваҷҷуҳ ва рағбати муҳасилин ба таълими фарҳангу анъанаҳои миллӣ имкон медиҳад, ки истифодаи 3D-моделсозиро васеъ гардонида шавад ва истифодаи он дар педагогикаи миллӣ оптимизатсия карда шавад.

Калидвожа: *3D-моделсозӣ, педагогикаи миллӣ, таваҷҷуҳ, рағбат, фарҳангҳои миллӣ, анъанаҳо.*

RESEARCH ON THE EFFECTIVENESS OF USING 3D MODELING IN NATIONAL PEDAGOGY TO INCREASE THE INTEREST AND MOTIVATION OF STUDENTS IN STUDYING NATIONAL CULTURES AND TRADITIONS

The use of 3D modeling in national pedagogy has gained attention as a potential tool for increasing students' interest and motivation in learning about their national culture and traditions. This research aims to explore the effectiveness of incorporating 3D modeling in national pedagogy and its impact on students' engagement and understanding of their cultural heritage.

The study will review existing literature on the use of 3D modeling in education and its potential benefits for enhancing students' learning experience. It will also analyze the current state of national pedagogy and the challenges faced in engaging students in the study of their cultural heritage.

The research will be conducted through a mixed-methods approach, including surveys, interviews, and observation, to gather data from both teachers and students. The collected data will be analyzed to identify the impact of 3D modeling on students' interest, motivation, and understanding of their national culture and traditions.

The findings of this research will contribute to the existing knowledge on the effectiveness of 3D modeling in education and its potential for enhancing the study of national cultures and traditions. It will also provide insights for educators on how to incorporate 3D modeling into their teaching practices to increase students' engagement and motivation in learning about their cultural heritage.

Overall, this research aims to promote the use of 3D modeling in national pedagogy as a means to foster students' appreciation and understanding of their national identity and cultural heritage.

Keywords: *3D modeling, national pedagogy, interest, motivation, national cultures, traditions.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Яҳёев Дилшод Зиёдуллоевич *–Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муааллими калони кафедраи информатика.* ***Суроғa:*** *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Муҳаммадиев, 17/6.* ***Тел.:*** *918823028.* ***E-mail:*** *firdavsidil@gmail.com.*

Сведения от овторе: Яҳьёев Дилшод Зиёдуллоевич *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, старший преподаватель кафедры информатики. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, у. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: 918823028.* ***E-mail:*** *firdavsidil@gmail.com.*

Information from the author: Yahyoev Dilshod Ziyodulloevich *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, senior specialists of the Department of Computer Science.* ***Address:*** *734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str.* ***Tel.:*** *918823028.* ***E-mail:*** *firdavsidil@gmail.com.*

ТДУ 37.01

МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ АЗ НИГОҲИ АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ

Шарифов М., Миракзода Ф.Ю.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар замони муосири рушди ҷомеа муҳиммияти махсусро масъалаи ташаккули ҳамаҷонибаи рушди муносибати шахсият мебозад.

Дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ мардумони Осиёи Марказӣ саҳми беандоза калон доранд. Дар байни намояндагони номдори фарҳанги бисёрасраи ин минтақа ҷойгоҳи намоёнро мутафаккирони фарҳехтаи форсу тоҷик Ал-Хоразмӣ, Ал-Форобӣ, Ибни Сино, Умари Хайём ва даҳҳо нафари дигар ишғол менамоянд. Абурайҳон ибни Аҳмад Ал- Беруниро аз сафи чунин донишмандони муътабар ҷудо кардан ҳеҷ мумкин нест. Таърихи башарият ин шахсияти бузургро ҳамчун як энсиклопедист, бузургтарин олими соҳаи илмҳои дақиқ дар саҳифаҳои худ ҷой додааст. Хидмати ин шахсияти бузург дар рушди илмҳои гуманитарӣ низ кам нест ва нигоҳ накарда ба зулми феодалони давр ва муқовимати руҳониёни иртиҷоӣ дар хазинаи мероси фарҳангии инсоният саҳми беназири худро гузоштааст.

Мутафаккирони бузург ва педагогҳои пешқадам андешаҳои зиёде пешниҳод намудаанд, ки дар ғанӣ гардидани таърихи педагогика нақши назаррас гузоштаанд.

Таҳқиқотҳои илмии пайдарпайи осори Абурайҳони Берунӣ, тарҷумаи ашъори ӯ ба забонҳои аврупоӣ аз нимаи дуюми қарни гузашта оғоз гардидааст. Аллома шуморидани Берунӣ дар тамоми ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки саҳми ӯ дар илм ва фарҳанги умумибашарӣ хеле бузург аст. Исми ӯ дар радифи номи чунин олимон, аз қабили Птоломей, Леонардо да Винчи, Коперник, Ломоносов ва дигарон қарор мегирад. Муаррихи маъруфи амрикоӣ Ҷ. Сартон тамоми замони нимаи аввали асри XI-ро дар таърихи илми ҷаҳонӣ давраи Берунӣ номидааст [7, с.89].

Таҳқиқотҳои илмии ашъори Абурайҳони Берунӣ, дар ҳақиқат, аз ҷониби таърихнигорони илми ҷаҳонӣ тафаккури пешрафтаи замони худ буда шаҳодат аз он медиҳад, ки саҳми ин мутафаккир дар навбати худ пойдевори мустаҳками маърифати илмӣ ва тарбия дар асоси дастовардҳои андешаҳои пешқадам мебошад.

Дар замони Берунӣ фарҳанг, бо дарки васеи ин вожа, танҳо ба табақаи болоии аҳолӣ, яъне феодалон ва руҳониёни мусулмон дастрас буд. Барои оммаи халқи заҳматкаш роҳ ба сӯи илм ва маърифат баста буд.

Пас аз истилои Осиёи Марказӣ аз ҷониби арабҳо алифбои арабӣ дар ин минтақа паҳн гардид, ки нақши калонро мактабҳои мусулмонӣ бозидаанд. Дар он замон ду шакли мактабҳо амал мекард ва ном доштанд: мактаб (мактаби ибтидоӣ) ва мадраса (мактаби олӣ). Одатан, мактабҳои ибтидоӣ дар назди масҷидҳо ва ё хонаи муллоён кушода мешуданд. Руҳониёни мусулмон роҳбари мактабҳо буданд ва онҳоро муаллим ва ё адиб меномиданд. Мадраса аз тарафи мутаввалӣ идора карда мешуд [3, с. 27]. Ба ҳар ҳол ташкили мактабҳо ба забони арабӣ ба пешрафти илму адаб то андозае мусоидат намуд ва дар пайдо гардидани ақидаҳои нави педагогии давру замон саҳми худро гузоштааст.

Ҳамин тавр, замони Берунӣ давраи даргириҳои тезутунди иҷтимоӣ ва задухӯрдҳои байни мулкдорон буд. Нигоҳ накарда ба ин мероси илмӣ-педагогии олимон, мутафаккирони бузурги асримиёнагии барвақтӣ дастоварди пешқадаму бузургтарини илм ва адаби ҷаҳонӣ мебошанд, ки шахсияти олими барҷаста ва мутафаккир Абурайҳони Берунӣ яке аз зумраи онҳост. Дар бораи ҳаёти даврони кӯдакии Берунӣ маълумот кам буда ҳамин маълум аст, ки донишманд 4-уми сентябри соли 973 дар деҳаи Кати назди пойтахти Хоразм ба дунё омада барвақт ятим мондааст. Худи ӯ дар яке аз шеърҳои шарҳи ҳолияш ҳамин матлабро ба ҳамин маънӣ тасвир кардааст: “Ба худо қасам, ҳақиқатан, ман насабномаи худро намедонам. Охир, ман бобои ҳақиқии худро надонам, пас падари худро аз куҷо донам?”.

Аз овони хурдӣ Берунӣ шавқу рағбат ба дониш доштааст. Дар охири асри X, дар зодгоҳи ӯ олим-математик ва мунаҷҷим Абунаср Мансур ибни Ироқ кор ва фаъолият доштааст. Қобилияти Берунии ҷавон диққати ин олимро ба худ ҷалб намуд ва ӯ дар таълими ҳаматарафаи Берунии ҷавон саҳм гирифт. Ҳамин тавр меҳрубонӣ ва талошҳои зиёди устодаш буд, ки меҳри илми математика ва ситорашиносӣ дар дили Берунӣ ҷо гирифт.

Маводи муҳимми шарҳиҳолие, ки дар бештари осори назмии Берунӣ ба назар мерасад, баромади ӯро аз оилаи одӣ нишон медиҳад ва дар синни кӯдакӣ бо кунҷковии зиёд аз дигарон фарқ мекардааст. Берунӣ барои аз худ намудани дониш, пеш аз ҳама мустақилона амал намуда вақт ва нерӯйи худро дареғ надоштааст. Ӯ тамоми ҳаёт аз пайи омӯзиш вақти худро сарф намудааст. Мустақилона фалсафа ва забонҳои зиёдро аз худ намудааст. Дар баробари забонҳои форсӣ ва арабӣ забони юнонӣ ва суриёниро аз худ намуда асари Евклид “Ибтидо”-ро аз арабӣ ба санскрит тарҷума кардааст.

Охирҳои ҳаёташ Берунӣ болои ду асар: “Ҷамъи маълумот барои дарки анбои қиматбаҳо” ва “Фармакогенезия” кор бурд, аммо қисмати дуюмро ба анҷом нарасонида 11-декабри соли 1048 дар Ғазна чашм аз олам пӯшидааст. Аз ҷониби ин мутафаккири бузург 150 асар иншо шудааст, ки 70 иншо ба ситорашиносӣ, 20 асар ба математика, 15 асар ба таърих, этнография ва таърихи дин, 4 интишор ба фалсафа ва адабиёт, 18 асар ба китобшиносӣ ва тарҷумаи осори адабӣ бахшида шудааст. Мутаасифона аз мероси гаронбаҳои Абурайҳони Берунӣ то ба мо 27 асар омада расидааст [11, с.125]. Ҳамин мероси боқимондаи олими саршинос Абурайҳони Берунӣ, як хазинаи бузург ба шумор меравад ва дар он назарияи арзишманди илмӣ, мазмуну мундариҷаи омӯзишу парвариш нуҳуфтааст.

Андешаҳои Абурайҳони Берунӣ доир ба омӯзиш, роҳҳо ва моҳияти он дар бисёр асарҳои ӯ во мехӯрад, ки ба шакли ҳар ҷо ҳар ҷо дар саҳифаҳояш ба шакли пароканда ҷой гирифтаанд. Ба андешаи мо Берунӣ таснифоти зерини омӯзишро пешниҳод менамояд: 1) омӯзиши бошуурона; 2) аёниятнокӣ; 3) системанокӣ ва пайдарпайӣ; 4) асоснокӣ; 5) алоқаи назария бо амалия; 6) талабот ба китоби дарсӣ.

Хусусияти хоси асоси методҳои илмии Абурайҳони Беруниро воқеият ва беғаразии олим, назорат, таҷриба, омӯзиши осори хаттӣ ва шифоҳӣ, муносибати танқидӣ доштан ба маълумоти пайдонамуда, муқоисаи он бо мақсади барқарор намудани ҳақиқат, маҷмуи мантиқии далелҳо дар хулосаи фикрӣ ва хулосаи мантиқӣ ба назария ташкил менамояд.

Ташхиси муқоисавӣ, амали мантиқӣ ва дигар андешаҳои мутафаккир, воқеан, дар шароити имрӯза ҳам дуруст буда, ҳамин тавр, асоси омӯзиши мактаби муосир дарк намудани дониш ба шумор меравад. Ин маънои онро дорад, ки хонанда набояд танҳо бо дарк намудании захираи донишҳои илмӣ қаноатманд бошад, балки малакаи мустақилона илова намудани маълумоти дигарро ба он донишҳои аз бар намудааш дошта бошад. Чунин имкониятро бо кӯмаки муомилоти зеҳнӣ ба даст овардан мумкин аст.

Дар боби зарурияти алоқамандии назария бо амалия Берунӣ қайд менамояд, ки табибон ҳаққи зиёдро ба эҳтиром ва нерӯйи азхудкунии илми худ доранд, барои он ки онҳо на танҳо “илми худро ба қаноти назария мебардоранд, балки дар амалия истифода менамоянд”.

Абурайҳони Берунӣ муҳиммияти аёниятро дар омӯзиш махсус қайд намудааст. Ба андешаи ӯ, аёнияти омӯзишро хеле осон, дақиқ, ҷолиб мегардонад ва фикрронию назоратро равнақ медиҳад. Дар асари “Илм дар бораи ситораҳо” бисёр фаҳмишҳо бо расму аёниятҳо ва таблитса муайян карда шудааст. Дар бораи зарурати айёнияти дар раванди омӯзиш Берунӣ менависад: “Вақте ки бо шакли аёнӣ ба муаррифии худ одат мекунӣ, ба фикрронӣ гузаштан осон мегардад”. Воқеан зарурияти аёниятро дар фаъолияти омӯзишӣ нисбат ба аврупоиён, ки дар таърихи педагогика Ян Амос Каменскийро поягузор меҳисобанд [12, с. 53], мутафаккири тоҷик Абурайҳони Берунӣ зиёда аз 600 сол барвақтар дарк карда ибрози андеша намудааст.

Олими бузург бар он ақида аст, ки омӯзиш доимо бояд дар ҳоли асоснокии ҷидди илмӣ ба роҳ монда шавад. Дар бораи ҷиддияти илм ва дақиқии маълумот дар асари

“Солнома”-аш чунин меорад, ки аз маълумоти носаҳеҳ худдорӣ бояд намуд ва имконият додан даркор нест, ки ҳама бохабар гарданд ва ба бешубҳагӣ боз шубҳа илова гардад ва ба маълум номаълумӣ.

Абурайҳони Берунӣ, инчунин, доир ба мавзуъҳои омӯзиш, аёнят ва методҳои амалӣ, доир ба нақши тафтиш ва баҳогузории меҳнати иҷрогардида ва донишҳои андӯхташуда шумораи зиёди намуна ва андешаҳоро навиштааст. Ҳамин тавр, Берунӣ бар он ақида мебошад, ки асоси омӯзишро бояд ҷиддияти илмӣ ташкил намояд. Раванди омӯзишро бояд дар асоси принсипҳои аёниятнокӣ, пайдарпайи ва системанокӣ ба роҳ мондан зарур мебошад. Мутафаккир моҳияти асосиро дар раванди омӯзиш ба мақсаднок будани он меафзояд.

Андешаи арзишноки Абурайҳони Берунӣ дар боби талаботҳо ба китоби дарсӣ ва дастури таълимӣ аз илмият, фаҳмо ва дастрас будан ба онҳо иборат мебошад.

Абурайҳони Берунӣ мардумро ба хусусиятҳои баланди тарбияи ахлоқӣ даъват намуда андеша дошт, ки танҳо роҳи наҷот аз камбағалию қашшоқии халқ дар илм, паҳн намудани дониш ва меҳнати суботкорона дар ҷомеа медонист. Аз худ намудани дониш дар асоси меҳнати суботкорона, сарфи нерӯ, вақт ва сабру таҳаммул ба даст меояд.

Дониш, ба андешаи Берунӣ, инсонро нексиришт, хайрхоҳ ва боақл мегардонад. Мутафаккири бузург андеша дошт, ки ба даст даровардани мувафаққият дар ҳаёт риояи меъёри баланди ақли расо, ахлоқ ва тарбия бо ёрии илм ба амал меояд. Берунӣ бар он бовар буд, ки дониш инсонро ба роҳи дуруст ҳидоят менамояд. Аммо мувафаққияти наҷот бо воситаи дониш танҳо ҳамон вақт имконпазир аст, ки аз бадӣ дар канор бошӣ.

Мувофиқи нуқтаи назари муосир ҷолибият ва муҳим будани андешаи Абурайҳони Берунӣ дар он аст, ки танҳо донистани қоидаи рафтори хуш ва маълумотнок будани инсон кам аст, муҳим он аст, ки донишро дар амал истифода бурда тавонистан зарур аст.

Абурайҳони Берунӣ муҳиммияти тарбияи меҳнатиро махсус қайд намудааст. Ба андешаи олим, шароити зарурӣ барои рушди наврас меҳнат ба шумор меравад. Маҳз меҳнат омили асосии ба амал баровардани арзишҳои модӣ буда метавонад. Берунӣ ҳаёт ва хушбахтиро бидуни меҳнат номумкин медонист ва тарбия тавассути меҳнатро асоси фаровонии зиндагии инсон мешуморад. Доир ба тарбия меҳнатӣ ақидаи худро пешниҳод намуда мутафаккир зарурияти озодиро махсус қайд намудааст. Доир ба мувофиқати худ баҳри ноил гардидан ба мақсади гузошташуда ва азхуднамудани дониш Берунӣ чунин менависад: “Ман дар гузашта барои муттаҳид намудани методи Птоломей дар китоби “Ҷуғрофия” бо Ал-Ҷайҳонӣ ва дигарон сахт меҳнат намудам”.

Омӯзиши осори Берунӣ нишон медиҳад, ки ӯ диққати муҳимро ба масъалаҳои ахлоқӣ ба мисли эътибор, дӯстӣ, рафоқат, некӣ, ҳақиқат ва шараф додааст. Нобоварӣ, фиребгарӣ, душманӣ, ноҳақии муҳити атрофи худро, ки ба тарбияи ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад дида истода, маорифпарвари бузург баҳри тарбияи ахлоқии халқ баромад намудааст.

Берунӣ ҷавононро таълим медод, ки некӯкор бошанд, ба инсон меҳрубон, ҳамдард ва кӯмакрасон бояд буд. Бисёр мисраъҳои зеборо донишманд ба кушодани моҳияти калимаҳои “некӣ”, “ҳақиқат”, “адолат” бахшидааст. “Чун адолат бо табиати худ таҳсинро ба амал меорад, бо моҳияти худ муҳаббатро пайдо менамояд, ба зебогӣ одат мекунад, мисли оне ки бо ҳақиқат будан” – нигоштааст Абурайҳони Берунӣ [13, с. 134].

Муҳиммияти бештарро донишманд ба масъалаҳои дӯстӣ ва рафоқат дода чунин мешуморад, ки он “туҳфаи қиматбаҳои ҳаёт” ба ҳисоб меравад. Хусусияти дӯстиро кушода мутафаккир тарбияи хонандагонро дар руҳияи рафоқат ва ёрмандӣ талаб менамояд.

Барои ба даст даровардани мувафақиятҳои назаррас дар тарбия Абурайҳони Берунӣ, истифодаи методҳои эътиқод, ҳавасмандгардонӣ, муҷозот, суҳбатҳои гуногун доир ба мавзуъҳои эстетикӣ ва ахлоқро тавсия медиҳад, ки имрӯз ҳам моҳияти худро аз даст надодаанд.

Омӯзиши мероси илмии мутафаккири бузург Абурайҳони Берунӣ нишон медиҳад, ки ташхиси ҳамаҷонибаи андешаҳои ӯ хусусияти хоси замони худаш буда дар шароити он давру замон дурахшандатар ҷило медод.

Назарияи зиёд дар осори Берунӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки мутафаккир алоқамандии беҳад ба раванди омӯзиш доштааст. Ба ақидаи ӯ, омӯзиш бояд дар асоси ҷиддияти илмӣ ба роҳ монда шавад.

Дар масъалаҳои ахлоқӣ Абурайҳони Берунӣ қайд менамояд, ки инсон бояд арзанда ва намуна барои дигарон бошад. Ӯ ахлоқи баландро асоси сифати инсонӣ шуморида менигорад, ки бо дар ихтиёр доштани илм ба даст меорад. “Инсоне, ки зебо пӯшидааст, вале аз илм, дарки зебопарастӣ, илм ва маърифат дур аст, чунин инсон бараҳна аст”. Дар ҷои дигар мефармояд: “Суҳбат бо инсоне, ки ба андешаҳои соф беэътиборӣ менамояд, ҷоҳилест саворaи нобино ва бефоида ”.

Оила ба андешаи Берунӣ, “қафас”-и аввала аст, ки аз он ҷомеа рушд ёфтааст. Вазифаи оила аз тарбия намудани кӯдакон дар руҳияи муҳаббат ба Ватану мадуми худ ва эҳтиром доштан ба халқҳои дигарро дорад. Тарбияи кӯдакон дар оила уҳдадории асосии волидон, сарони давлат, амалдорони сатҳи баланд ва мардуми одӣ ба шумор меравад.

“Осор-ул-боқия” яке аз асарҳои безаволи назмии мутафаккир буда дар боби аз бар намудани илм андешаи ҷолиб дорад ва чунин меорад: “Вақте, ки инсон ҳамавақт дар бораи илм фикр менамояд, сахт монда мешавад, аммо дар ҳоле, ки омӯзишро аз як фан ба илми дигар идома медиҳад, ба монанди он аст, ки дар боғҳои гуногун гом мезанад ва набаромада аз ягон боғ, дар зери қадамҳои ӯ боғи муҷизаосои дигар пайдо мешавад...”.

Ҳамин тавр, андешаҳои педагогии Абурайҳони Берунӣ чи дар замонаш ва чи имрӯз моҳияти созандагӣ дорад ва омӯзиши он барои кормандони соҳа дар такаммул ва инкишофи илми педагогика аҳаммияти бисёр созанда дорад.

Муқарриз: Шосаидзода С.Ҳ., н.и.п., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт

1. Атахонов Т., Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ. – Душанбе, 2005.
2. Арипов М. (Орифӣ). Из истории педагогический мисли таджикского народа. - Душанбе, 1965.
3. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. - Душанбе, 1995. – 192 с.
4. Ашуралиев М. Тарбияи маънаввию ахлоқии мактабиён дар суннатҳои педагогии мардуми тоҷик. –Душанбе, 2007.
5. Базарова С.Ш. Философия воспитания: пути совершенствования.–Душанбе, 2008. –244 с.
6. Базарова С.Ш. Тарбияи комил – хазинаи бузурги ҷамъият. – Душанбе, 2011. – 264 с.
7. Булгаков П.Г. Жизнь и труды Беруни. - Ташкент, изд.“Фан”, 1972.
8. Давлатшоев И. Нақши ҳамкориҳои педагогӣ дар камолоти ахлоқию маънавии кӯдакону наврасон. – Душанбе, 2012. – 232 с.
9. Егоров Ф.С. Хрестоматия по истории школы и педагогики Росии. – М., 1986. – 430 с.
10. Зубайдов У. Проблемаҳои рӯзмараи беҳдошти таълиму тарбияи хонандагон дар шароити кунунӣ. –Душанбе, 2004. – 84 с.
11. Насыров А. Список трудов Бируни - великий ученый средневековья.-Ташкент,1950.
12. Носиров С.Ш., Давлатова М.Д. Педагогика. – Душанбе, 2015. – 178 с.
13. Нурутдинова З.Г. Педагогические идеи Абу Райхана Беруни.- Ташкент. Изд. «Фан», 1989.
14. Раҳимов Б., Нуров А. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик. – Душанбе, 2008. – 295 с.
15. Сухомилинский В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ. – Душанбе, 1988. – 670 с.
16. Харламов И.Ф. Педагогика. – М., 1990. – 574 с.

МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ АЗ НИГОҲИ АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ

Ташаккули ҳамаҷонибаи рушди шахсият дар замони муосир муҳиммияти вижаро касб намудааст ва мазмуну мундариҷаи таҳсилот ба ҳамин самт равона мегардад. Ҳалли самаранокии ин проблема то ҳадде аз муайян кардан ва дуруст истифода намудани ин ё он андешаи пешқадами педагогии гузашта вобаста мебошад.

Дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ нақши мутафаккирони тоҷику форс беандоза калон аст. Мутафаккирони фарҳехтаи форсу тоҷик Ал-Хоразмӣ, Ал-Форобӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва даҳҳо нафари дигар аз худ андешаҳои шоистаи педагогӣ ба мерос мондаанд. Абурайҳон ибни Аҳмад Ал-Беруниро аз сафи чунин донишмандони муътабар ҷудо кардан ҳеҷ мумкин нест. Таърихи башарият ин шахсияти бузургро ҳамчун як энсиклопедист, бузургтарин олими соҳаи илмҳои дақиқ дар саҳифаҳои худ ҷой додааст. Хидмати ин шахсияти бузург дар рушди илмҳои гуманитарӣ низ кам нест.

Аллома шуморидани Берунӣ дар тамоми ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки саҳми ӯ дар илм ва фарҳанги умумибашарӣ хеле бузург аст.

Муаллифон дар мақола бо такя ба сарчашмаҳо андешаҳои ҷолиби ин олими маъруфро дар боби омӯзишу парвариш ба қалам додаанд.

Вожаҳои калидӣ: *руҳониён, энсиклопедист, аллома, мактаб, мадраса, математик, мунаҷҷим, фалсафа, мутафаккир, маорифпарвар, тарбия, эстетика, ахлоқ, донишманд*.

ВОПРОСЫ ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АБУРАЙХАНА БЕРУНИ

Всестороннее формирование развития личности в современное время приобрело особое значение и содержание образования направлено в этом направлении. Эффективное решение этой проблемы зависит в некоторой степени от выявления и правильного использования той или иной передовой педагогической идеи прошлого.

Роль таджикских и персидских мыслителей в развитии мировой культуры огромна. Великие персидско-таджикские мыслители Аль-Хоразми, Аль-Фараби, Ибн Сина, Умар Хайям, Саади Ширази, Абдурахмана Джами и десятких других людей унаследовали достойные педагогические идеи. Невозможно выделить Абу Райхана ибн Ахмада аль-Бируни из рядов столь уважаемых учёных. История человечества поместила на своих страницах эту великую личность как энциклопедиста, величайшего ученого в области точных наук. Не мала и заслуга этого великого человека в развитии гуманитарных наук.

Признание Баруни Алламой во всем мире свидетельствует о том, что его вклад в науку и общечеловеческую культуру очень велик.

В статье на основе источников авторы изложил интересные идеи этого известного учёного в области образования и воспитания.

Ключевые слова: *духовенство, энциклопедист, учёный, школа, медресе, математик, астролог, философия, мыслитель, просветитель, образование, эстетика, этика, учёный.*

ISSUES OF EDUCATION AND UPBRINGING FROM THE POINT OF VIEW OF ABURAIKHAN BERUNI

The comprehensive formation of personality development in modern times has acquired special significance and the content of education is directed in this direction. An effective solution to this problem depends to some extent on the identification and correct use of one or another advanced pedagogical idea of the past.

The role of Tajik and Persian thinkers in the development of world culture is enormous. The great Persian-Tajik thinkers Al-Khwarizmi, Al-Farabi, Ibn Sina, Umar Khayyam, Saadi Shirazi, Abdurrahmani Jami and dozens of other people inherited worthy pedagogical ideas. It is impossible to single out Abu Rayhan ibn Ahmad al-Biruni from the ranks of such respected scholars. The

history of mankind has placed this great personality on its pages as an encyclopedist, the greatest scientist in the field of exact sciences. The merit of this great man in the development of the humanities is not small.

The recognition of Baruni Allama throughout the world indicates that his contribution to science and human culture is very great.In the article, based on sources, the authors outlined the interesting ideas of this famous scientist in the field of education and upbringing.

Keywords: *clergy, encyclopedist, scientist, school, madrasah, mathematician, astrologer, philosophy, thinker, educator, education, aesthetics, ethics, scientist.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифов Муҳсин Ғаффорович *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика. Нишонӣ: 734019, г. Душанбе, ул. Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 003333880. E-mail charifov63@inbox.ru*

Миракзода Фаридун Юсуфӣ *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангӣ. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.:(+992)93 4137333, E-mail: Mastchoh94@mail.ru*

Сведения об авторах: Шарифов Мухсин Гаффорович *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики. Адрес:,734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел: (+992) 003333880. E-mail charifov63@inbox.ru*

Миракзода Фаридун Юсуфи *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории и межкультурной коммуникации. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 93 4137333, E-mail: Mastchoh94@mail.ru*

Information about the authors: Sharifov Mukhsin Gafforovich *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the Department of pedagogical, , 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. tel: (+992) 003333880. E-mail charifov63@inbox.ru*

Mirakzoda Faridun Yusufi *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of History and Intercultural Communication. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 93 4137333, E-mail: Mastchoh94@mail.ru*

ТДУ39(575.3)

ПАЖУҲИШЕ ДАР МАРДУМШИНОСИИ ТОҶИК

Сайфуллоҳи М., Неъматов И., Саиднуриддинзода А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Академияи давлатии идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Рустам Ҷумъаев «Таърихи мардумшиносии тоҷик».
- Душанбе, «Эр-граф», 2022. -92 с.

Беш аз як қарн аст, ки мардумшиносии тоҷик дар меҳвари гуфтумонҳои донишмандону муҳаққиқони ҷаҳон қарор дорад. Мурур ба ин сад сол баёнгари он аст, ки ин роҳ ҳамвор набудааст. Ҳарчанд мардумшиносӣ дар оғози роҳи худ асосан ба таҳқиқи мардумони аз корвони тамаддун ақибуфтода машғул буд, вале гузашти замон нишон дод, ки дастовардҳои ин фан барои фарҳангу тамаддуни ҷаҳон арзиши бузургеро соҳиб аст. Ҳосили таҳқиқоти донишмандон осори гаронарзишу пурбаракатест, ки дар муаррифии тоҷикон нақши муҳим дорад. Дар ин ҷода хидмати муаррихону адибон ва бостоншиносону мардумшиносони рус беназир аст. Дар мактаби ин олимон се насли мардумшиносони маҳаллӣ низ тарбия ёфта, ба қуллаҳои баланди илм расиданд. Бар аҳамияти мардумшиносӣ ҳамин нукта кифоят мекунад, ки дар замони муосир ба хотири ваҳдати бештар бахшида ба ҷомеаи Тоҷикистон русуму ойинҳоро дар чаҳорчӯбаи қонунҳои миллӣ танзим бахшида, ин корро бар асоси тавсияи олимонаи донишмандони мардумшинос ба роҳ монданд.

Таҳқиқоти донишмандони тоҷик **Рустам Ҷумъаев «Таърихи мардумшиносии тоҷик»** дар ростои ёдоварӣ, тазаккур ва гиромидошти хотираи неки донишмандони тоҷикпажуҳ коре арзишманду мондагор аст, ки соли 2022 нашр гардидааст. Муаллиф аз донишмандони пуркор аст, ки то ин дам чанд пажуҳише дар заминаи таъриху фарҳанг ва мардумшиносии тоҷик анҷом додааст. Дар пешгуфтори худ навиштааст, ки қасд дорад, то «саҳми ҳар як муҳаққиқро дар омӯзиши тоҷикон махсус нишон дода, мавқеи ҳар як муҳаққиқро муайян» намояд. Китоби мазкур барои доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст.

Китоб аз ду боб иборат аст. Боби якуми асар «Мардумшиносии тоҷик дар даврони Шуравӣ ном дорад». Баррасии худро муаллиф аз зикри номи мардумшиноси забардасти рус Михаил Андреев оғоз мекунад. Ҳикояти аҷибе, ки дар ин бахш оварда шудааст, шаҳодат аз алоқаву дилбастагии ин муҳаққиқ ба сарнавишти мардумон ва, ҳамчунин, басирату оянданигарии мардумшиноси бузург дорад. Вақте аз М. Андреев суол мекунанд, ки чаро вақти хешро сарфи ҷамъоварии мадорик мекунед, посух медиҳад, ки дар натиҷаи рушди босуръати ҷомеа урфу одат ва сунану маросими мардумӣ ба фано мераванд. Сипас, аз сафарҳои ин донишманд ба гӯшаву канори Тоҷикистон, аз ҷумла водии Яғноб, муфассал суҳбат карда нақши Адреев ва ҳамроҳи ӯ Е. Пешереваро қайд кардааст. Аз ҷумла, муҳимтарин натиҷаҳои ин таҳқиқот нишон дода шудаанд, ки раҳкушои муҳаққиқони оянда гардид.

Дар идомаи боби нахуст аз мардумшиноси машҳури рус А. Писарчик, ки саҳми бориз дар мардумшиносии тоҷикон гузоштааст, ёдоварӣ мешавад. Ин донишманд дар баъзе сафарҳо Михаил Андреевро ҳамроҳӣ карда, дар оянда худ аз мардумшиносони пуркор гардид. Таърихи ҷамъоварии мавод ва таълифу муҳтавои китоби муҳимми мардумшиносии тоҷик таҳти унвони «Тоҷикони Қаротегину Дарвоз», ки байни солҳои 1966-1970 таълиф шудааст, дар китоб баён гардидааст. Р. Ҷумъаев ин китоб ва муаллифони қисматҳои умдаи онро шарҳ дода, менависад, ки ба ғайр аз тавсифи мардум дар китоби зикршуда, нақшаву

аксҳои фаровон низ оварда шудаанд. Аз донишмандони мардумшинос Р. Немонова, Н. Нурҷонов, Н. Ершов, З. Широкова, М. Раҳимов ва бахшҳои таълифкардаи онҳо низ ёдоварӣ мегардад.

Таълифоти муҳимми дигар, ки дар китоб ба он пардохта шудааст, ба қалами Б. Қармишова тааллуқ дорад. Ин китоб, ки дар илм бо номи «Очеркҳои таърихи этникии ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистону Узбекистон» (Москва, 1976) ном дорад. Ин асар ҷойгоҳи махсус дар мардумшиосии тоҷик дорад, зеро роҳи тайкардаи қавмҳои минтақаҳои Тоҷикистону Узбекистон, умумияту тафовут ва ҳамзистии онҳоро ба баҳсу баррасӣ кашидааст. Дар поёни боби аввал инчунин аз таҳқиқоти мардумшиносони маъруфи тоҷик М. Ҳомидҷонова, И. Муҳиддинов, У. Ҷаҳонов ва таълифоти умдаи онҳо низ ёдовар мешавад.

Боби дуюми асар ба рушди мардумшиносии тоҷик дар замони истиқлол бахшида шудааст. Дар ин қисмат муаллиф бештар талошҳои худ ва муҳтавои осори ба мардумшиносӣ бахшидаи худро, ки дар солҳои гуногун (асосан солҳои 1992-2012) таълиф кардааст, муаррифӣ мекунад. Рустам Ҷумъаев дар заминаи таъриху мардумшиносии ду минтақаи тоҷикнишини Тоҷикистон – Ҳисор ва Яғноб китобу мақолаҳо таълиф кардааст.

Дар идомаи китоб перомуни асари мардумшинос А. Давидов, ки ба навиштаи муаллиф, ба насли муҳаққиқони давраи шуравӣ мансуб аст, маълумот дода шудааст. Ба китоби ӯ «Мансубияти этникии мардуми бумии Бадахшони кӯҳӣ» бо сарсухани академики АИ ҶТ Раҳим Масов оғоз мегардад. Давидов перомуни ҷуғрофияи зисти мардуми Бадахшон, ҳудуди этникӣ, асолати миллӣ, умумияти этнофарҳангӣ ва худшиносиву худномии ин минтақа баҳсу баррасӣ оростааст.

Идомаи асар ба нақди осори мардумшинос А. Мардонова ихтисос дода шудааст. Асари нақдшудаи ин муаллиф дар хусуси ҷашни арусии тоҷикони водии Ҳисор ба назари Р. Ҷумъаев олимона таълиф ёфтааст. Дар китоб, инчунин, дар хусуси осори ба ҷашну маросимҳои тоҷикон бахшидашуда низ аҳамият дода мешавад. Аз ҷумла, китоби муҳаққиқи варзида Д. Раҳимовро ба нақду баррасӣ кашида, онро «як пажуҳиши шоистае дар мардумшиносии даврони истиқлолияти тоҷикон» мешуморад. Дар қисмати хотимавии таҳқиқоти худ муаллиф дубора аз таҳқиқоти дигари хеш таҳти унвони «Ҷашни арусии тоҷикон» ёдовар шуда, бахшҳову муҳтавои китобро муаррифӣ мекунад.

Ҳамин тавр, муҳаққиқи тоҷик Рустам Ҷумъаев дар китоби мухтасару муфиди хеш муҳимтарин саҳифаҳои мардумшиносии тоҷик ва дастовардҳои асосии онро мавриди нақду баррасӣ қарор дода, метавон гуфт, нахустин бор, мардумшиносии тоҷикро дар тарозуи таърихнигорӣ ниҳода, ҳусну қубҳ ва натиҷаҳои муҳимтарини ин фанро натиҷагирӣ мекунад. Китобномаи ин таҳқиқот аз 130 номгӯй иборат буда, гувоҳи равшани тасаллути муаллиф бар мавзуи мавриди таҳқиқ мебошад. Тавлиди ин китобро барои муаллиф ва илми мардумшиносиву таърихнигории тоҷик табрик арз карда, умедворем, ки дар таҳқиқоти ояндаи муаллиф мо нақду баррасии осори бештарро шоҳид хоҳем буд ва ё ҳадди ақал дар нашрҳои минбаъдаву мукаммили ҳамин асар инро аз муаллифи арҷманд чашм дорем.

Мисли ҳар китобе навиштаи донишманд Р. Ҷумъаев аз костиҳо низ холӣ нест. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ Р. Ҷумъаев муҳтавои асарҳои А. Шишов ва Аво Сузиро, ки дар илми мардумшиносии тоҷик нақши муайян гузоштаанд, ба баҳс кашида, ҷойгоҳи ин осорро тазаккур медод. Зеро муаллифи Шишов боби таҳқиқи мардумшиносии тоҷиконро боз карда, А. Сузи дар вопасин солҳои Ҳукумати Шуравӣ китоби судманде дар бораи бахшҳои мардумшиносӣ китобе таълиф кард. Ҳамчунин, осори мардумшиноси тоҷик Н. Турсунов низ бояд ба таври муфассалтар инъикос мегардид. Зеро мавсуф низ хадамоти арзандае дар илми мардумшиносии тоҷик кардааст, ки ба ҳамагон маълум аст. Инчунин муаллиф боястӣ китоби дастаҷамъонаи мардумшиносон бо номи «Тоҷикон»-ро, ки интишороти Москва соли 1992 мунташир кардааст, тазаккур медод. Дар баъзе мавридҳо тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва дур аз асолати забонӣ оварда шудаанд, назири хурока (34), умдавият (с. 61) ва ғайра, ки ислоҳи онҳо низ воҷиб аст.

Сарфи назар аз фурӯгузориҳои зикршуда, китоби **Рустам Ҷумъаев «Таърихи мардумшиносии тоҷик»** як пажуҳиши судманду ҳирфаӣ буда, гомест дар ҷодаи арзёбии илми мардумшиносии тоҷик ва марҳилаҳои асосии он. Он фишурда аст, вале фарогиру судманд. Инчунин кӯшишест дар бахши таърихнигории мардумшиносии тоҷик ва ҳаққо ки муаллиф аз уҳдаи он ба хубӣ баромадаст.

ПАЖУҲИШЕ ДАР МАРДУМШИНОСИИ ТОҶИК

Беш аз як қарн аст, ки мардумшиносии тоҷик дар меҳвари гуфтумонҳои донишмандону муҳаққиқони ҷаҳон қарор дорад. Аҳамияти илми мардумшиносӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар замони муосир тавсеа додани он ҷиҳати шиносоии фарҳанги миллӣ мусоидат мекунад.

Вобаста ба ин, таҳқиқоти донишмандони тоҷик Рустам Ҷумъаев **«Таърихи мардумшиносии тоҷик»** яке аз таҳқиқотҳои бунёдӣ маҳсуб меёбад, ки фарогири ду боб буда, соли 2022 нашр гардидааст, ки аз ҷониби муқарризон аз нигоҳи илмӣ баҳо дода шудааст.

Муқарризон ба чунин натиҷа омодаанд, ки китоби мазкур як пажуҳиши судманду мондагор буда, ҷиҳати шиносои мардумшиносии тоҷик то андозае мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: *мардумшиносӣ, мардумшиносии тоҷик, бостоншиносон, донишмандон, таърихи мардумшиносии тоҷик, фарҳанг.*

ИССЛЕДОВАНИЕ В ТАДЖИКСКОЙ ЭТНОГРАФИИ

Более века таджикская этнография находится в центре дискуссий среди ученых и исследователей мира. Актуальность этнографии заключается в том, что в наши дни ее расширении будет способствовать в представлении национальной культур.

В связи с этим одним из фундаментальных исследований считается исследование таджикских учёных Рустама Джумаева «История таджикского этнография», включающее две главы опубликованные в 2022 году, которые оценены экспертами с научной точки зрения.

Рецензенты пришли к такому выводу, что данная книга представляет собой необходимое и комплексное исследование что может в определенной степени способствать в познание таджикской этнографии.

Ключевые слова: *этнография, таджикская этнография, археологы, учёные, история таджикской этнографии, культура.*

RESEARCH IN TAJIK ETHNOGRAPHY

For more than a century, Tajik ethnography has been at the center of the discussions among scientists and researchers around the world. The valuce of ethnography lies in the fact that in our days its expansion will contribute to the representation of national cultures.

In this regard, one of the fundamental studies is Tajik`s scientists Rustam Jumaev “History of Tajik ethnography”, which includes two chapters published in 2022, which are assessed by experts from a scientific point of view.

The reviewers came to the conclusion that this book represents a necessary and comprehensive study that can, to a certain extent, contribute to the knowledge of Tajik ethnography.

Key words: *ethnography, Tajik ethnography, archaeologists, scientists, history of Tajik ethnography, culture.*

Маълумот дар бораи муқарризон: Сайфуллоҳи Муллоҷон *- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва археология. Нишонӣ: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.:(+992)918800610, E-mail: saifullo7272@mail.ru*

Неъматов Икромидин *- Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ, Нишонӣ: 734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Тел.: (+992) 907705875, E-mail: i.nemat@mail.ru*

Саиднуриддинзода Аҳлиддин *- Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯй. Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.*

Сведения об рецензентов: Сайфуллохи Муллоджон *– Таджикский национальный университет, доктор исторических наук, профессор кафедры истории древнего мира, средневековья и археологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, тел.: (+992) 93 8006109, E-mail: saifullo72@mail.ru*

Нематов Икромидин *- Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и международных отношений, Адрес: 734003, г. Душанбе, ул. Саида Насира, 33, тел. .: (+992) 907705875, E-mail: i.nemat@mail.ru*

Саиднуриддинзода Аҳлиддин *- Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67.*

Information about the reviewers: Sayfullohi Mullojon *– Tajik National University,doctor of history, Professor of the Department of the History of the Ancient World, the Middle Ages and Archeology.. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki avenue, Phone: (+992) 93 8006109, E-mail: saifullo72@mail.ru*

Nematov Ikromidin *- Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Diplomacy and International Relations, Address: 734003, Dushanbe, 33 Said Nasir str. tel.: (+992) 907705875, E-mail: i.nemat@mail.ru*

Saidnuriddinzoda Ahliddin *- Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, applicant. 735140, Republic of Tajikistan,Bokhtar city, Aini street, 67*

ТДУ 373.09

НИГОҲЕ АЗ ТАЪРИХИ НАТИҶАИ ОЗМОИШИ НИЗОМИ НАВИ БАҲОДИҲӢ (10-100-ХОЛА) БА ДОНИШ, ҚОБИЛИЯТ ВА МАҲОРАТУ МАЛАКАИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Каримов М.Б.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ислоҳоти фаъолияти назорату баҳогузории сифати таҳсилот чунин маънӣ дорад, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва омода намудани шогирдон ба меъёрҳои мавҷудаи арзёбии сифати дониш, рақобатпазирии он дар марҳилаи кунунӣ ва ворид гардидани маорифи кишвар ба низоми ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, махсусан, гузариш ба системаи нави баҳогузорӣ ба дастовардҳои таҳсилии хонандагон ногузир арзёбӣ мегардад. Илова бар ин, баҳогузории воқеъии хонандагон ҷузъи ҷудонашавандаи ҷараёни таҳсилот ба шумор рафта, ҳамчун баёнгари доимии натоиҷ ва дастоварду пешрафтҳои таҳсилот, имконоти назорат ва тасҳеҳи ҷараёни таълимро фароҳам меоварад.

This scientific article focuses on the economic development of southern Tajikistan from 1960 to 1970, analyzing the history and achievements of this region. The main object of study is the Southern Tajik Territorial Production Complex (STTPC), which includes the Gissar, Vakhsh, Kulob, and Garm regions. This complex played a significant role in the structure and dynamics of the republic's industrial development and had an impact on public production.

The article examines the process of natural resource utilization in this region, with a special emphasis on the hydroelectric resources of the Vakhsh River during the 1950s to 1970s, contributing to industrialization. Political and legal aspects developed by both the Tajikistan government and the Soviet government for the exploitation of raw, energy, and natural resources in southern Tajikistan are discussed.

The article underscores important socio-economic prerequisites that contributed to the creation of the STTPC, including a large population, vast territory, and rich raw material resources. The research authors also analyze the experience of agro-industrial integration in the region and the rational use of labor and material resources through various agricultural enterprises.

The study highlights that the development of production capacities in the Gissar, Vakhsh, Kulob, and Garm regions occurred within the framework of the formation of the Southern Tajik Territorial Production Complex. Natural-economic factors such as infrastructure, water resources, hydroelectric potential, mineral resources, and favorable climatic conditions that promote the development of various economic sectors in this region are also noted. The presence of a significant labor force is also emphasized.

Keywords: *role, South Tajik Territorial-Production Complex, industrial development, economic structure, geopolitical position, factor analysis, expert assessments, historical experience, hydroenergy resources, intersectoral enterprise, agro-industrial integration, natural-economic factors, key role, energy-intensive chemical industry.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Наҷмуддинов Толибшоҳ Ашурович *– ДДОТ ба номи С Айнӣ, номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ. Tel.: +992985624423. E-mail: tolib.t@mail.ru*

Сведения об авторе: Наджмуддинов Толибшох Ашурович *– ТГПУ имени С. Айни, кандидат исторических наук, заведующий кафедрой всеобщей истории и международных отношений. Тел.: +992985624423. E-mail: tolib.t@mail.ru*

Information about the author: Najmuddinov Tolibshoh Ashurovich *– TSPU named after S. Aini, Candidate of Historical Sciences, Head of the Department of General History and International Relations. Tel.: +992985624423. E-mail: tolib.t@mail.ru*

ТДУ 339(575.3+575.1)

ШАРОИТ ВА МАНФИАТҲОИ НАВИ ҲАМКОРИҲО БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА УЗБЕКИСТОН

Мамадқулова Р.О.

Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

Барои халқи тоҷик солҳои 90-уми асри гузашта ҳамчун давраи мушкилу фаромӯшнашаванда ва фоҷеабор боқӣ хоҳад монд. Дар натиҷаи барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ алоқаҳои иқтисодии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои аъзои Иттиҳод канда шуд ва ҳодисаву воқеаҳои минбаъда боиси ба вуҷуд омадани бухрони иқтисодиву молиявӣ дар қаламрави мамлакат гардиданд. Вазъи сиёсии баамаломада дар қаламрави кишвар мамолики дигари чанде пеш дар ҳайъати давлати мутамарказ қарордоштаро водор сохт, ки дар роҳи бартараф кардани мушкилиҳои мардуми тоҷик мадад расонанд.

Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Узбекистон, ки аз зумраи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ маҳсуб мешаванд, дар қатори дигар ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ баъди инқирози давлати абарқудрат соли 1991 истиқлолияти давлатии худро эълон карданд ва соҳибихтиёр гардиданд [5]. Дар замони шуравӣ мардуми кишварҳои минтақа шароити ба ҳам монанди табиию иқлимӣ доштанд. Баробари ин, бо мушкилоти мушобеҳ рӯзгори душвор ва сангинро аз сар мегузаронданд. Ҳокимияти қавию тоталитарии шуравӣ, ҳолати ҳанӯз дуруст ташаккул наёфтаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократиябозии даври горбачевӣ, тасаллути комили давлат бар иқтисод, сипас, гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ бо механизми ҳанӯз комилан суратнагирифтааш ба сари ҷомеа бор шуда, душвориҳои ҳалношуданиро пеш овард [6].

Нигоҳи сарварони Давлати Шуравӣ ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ як хел набуд. Масалан, дар шаҳри Тошканд ба ном «Главка»-ҳое ташкил карда шуда буданд, ки барои тамоми минтақа гӯё хизмат мекарданд, аммо аз ҳисоби ҷумҳуриҳои дигар маблағҳои аз Марказ ҷудошударо ба таври худ корбаст менамуданд. Аз ин лиҳоз, мамлакатҳои минтақаро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Қазоқистон ва Ӯзбекистон нисбат ба Тоҷикистон, Қирғизистон ва Туркманистон, ки иқтисодашон дорои табиати возеҳи ёрирасон буд, шароити беҳтар доштанд. Яъне, ин ду давлати иқтисодашон пешрафта таъсири бухрони иқтисодиро, ки баъди пошхӯрии Давлати Шуравӣ ба вуҷуд омад, сабуктар аз сар гузаронда бошанд, пас гурӯҳи дуюми кишварҳо маззаи талхи онро чашиданд. Гарчанде Туркманистон бо роҳи фурӯши газ ба воситаи Россия вазъи худро нисбатан беҳтар кард [11].

Вазъияти сиёсию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлоли томи давлатӣ нахуст кишварҳои ба мо дӯсту ҳамсоя Федератсияи Русия ва Узбекистонро водор намуд, ки барои таъмини оромӣ ва сулҳ дар тамоми минтақа чорачӯйӣ намоянд. Аз байн рафтани Давлати Шуравӣ истиқлолияти комили ҷумҳуриро таъмин карда бошад ҳам, ба пайдоиш ва ташаккули ҳизбу созмонҳои гуногуни сиёсӣ замина гузошт. Аз ҷониби сарвари коммунистони мамлакати Шуравӣ М.С. Горбачев демократикунонии тамоми сохтори шуравӣ яке аз сабабҳои пайдоиши ҳизбу созмонҳои ҷамъиятии бисёре гардида, ба раванди ба вуҷуд омадани давлатҳои нав суръат бахшид [4].

Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бавуҷудомада минбаъд ба таври расмӣ сурат гирифтанд. Масъалаи ташкили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳанӯз ибтидои моҳи декабри соли 1991 аз ҷониби роҳбарони Федератсияи Русия, Украина ва Белорусия муҳокима гардида, сарварони ин давлатҳо ба чунин хулоса омаданд, ки баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ аз ҳисоби кишварҳои соҳибистиқлол Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ташкил намоянд [9].

Дар шароити падидомада кишварҳои Осиёи Марказӣ ғайричашмдошт ба ҳаводисе рӯ ба рӯ гардиданд, ки касе интизораш набуд. Аз ин лиҳоз, ҳамаи кишварҳои минтақа таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба хубӣ пазируфтанд ва чун шакли таҷдидёфтаи иттифоқи

барҳамхӯрда дониста, ба он шомил шуданд. Аз байни собиқ ҷумҳуриҳои аъзои Иттиҳоди Шуравӣ 11 кишвар ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ворид гардиданд.

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) аввалин созмони расмие маҳсуб мешавад, ки аз ҳамон давр то ба ҳол барои ҳифзу ҳимояи сохторҳои сиёсии давлатҳои навташкил, тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои иқтисодию фарҳангӣ ҳамчун замонат хизмат мекунад ва кору фаъолияти бисёрҷабҳаи байнидавлатиро вусъат мебахшад [11].

Аз оғози соҳибистиқлолӣ масъалаи низои дохилии давлати ҷавони тоҷикон бисёртар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва давлатҳои манфиатдори қазияи Тоҷикистон, пеш аз ҳама Русия, Эрон ва дигар мамлакатҳоро ба ташвиш меандохт. Аз ҷумла, аз хавфи паҳншавии оташи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон собиқ Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Ислом Каримов изҳори нигаронӣ намуда, доир ба вазъи бавуҷудомада дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидои моҳи сентябри соли 1992 ба Дабири Кулли СММ муроҷиат кард. Муроҷиати мазкур ба Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати расонидани кӯмак ба Ҳукумати Конституцсионии Тоҷикистон дар бартараф сохтани низои дохилӣ аввалин иқдоми ҷониби Узбекистон ба ҳисоб рафта, барои ҷалби кӯмакҳои башардӯстона дар бартараф кардани вазъияти муташанниҷ дар қаламрави ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Моҳи майи соли 1992 вохӯрии роҳбарони мамлакатҳои аъзои ИДМ дар шаҳри Тошканд баргузор шуда, дар он якчанд масъалаи муҳим, инчунин, масъалаи низои байни миллату халқиятҳои дар ҳайъати ИДМ қарордошта муҳокима ва доир ба ҳалли муаммоҳои мавҷуда изҳори нигаронӣ карда шуд. Дар вохӯрии мазкур масъалаи низои тоҷикон мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки аввалин кӯшиш ва чораи амалии андешидаи кишварҳои узви ИДМ доир ба масъалаи низои тоҷикон мебошад.

Минбаъд ҳам Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон ҷонибдори сулҳ ва осоиштагӣ дар қаламрави ИДМ, махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳисоб мерафт. Таваҷҷуҳи роҳбарияти ин кишварро ҳамчунин теъдоди муайяни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намудани мардуми узбекзабон ҷалб карда буд [3].

Мусаллам аст, ки муносибатҳои расмии дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон 22-юми октябри соли 1992 барқарор гашта, дар ҳарду давлат сафоратхонаҳо ба фаъолият оғоз намуданд. Саршавии муносибатҳои расмии дипломатӣ ва ҳамкориҳои байниҳамии ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Узбекистон ба давраи хеле вазнин иттифоқ афтод, ки он замон дар қаламрави Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт. Аз ин лиҳоз Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон барои бартараф сохтани низои дохилии тоҷикон аҳамияти махсус зоҳир менамуд [8].

Яке аз аввалин сафарҳои сарвари навинтихобшудаи давлати тоҷикон 4-уми январи соли 1993 ба пойтахти Узбекистон сурат гирифт. Дар рафти сафари расмии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Тошканд байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва якдгарфаҳмӣ имзо карда шуд, ки дар муносибатҳои байни ду давлат дар роҳи барқарор намудани муносибатҳои дӯстона қадами устувор ба ҳисоб мерафт. Ҳарчанд муносибатҳои дипломатӣ пештар оғоз шуда бошад ҳам, баъзе муҳаҚиқон бар он назаранд, ки муносибатҳои расмии дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон аз 4-уми январи соли 1993 ибтидо гирифтааст, зеро маҳз дар ҳамон рӯз байни ҳарду ҷумҳурӣ Созишномаи дӯстӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ ба имзо расид. Ин яке аз аввалин созишномаҳое аст, ки муносибатҳои дӯстонаи ҳарду давлатро расман ба танзим медаровард.

Ҳар ҷаласаи давлатҳо ва ҳукуматҳои аъзои ИДМ дар он давраи душвор барои тамоми ҷумҳуриҳо манфиатовар буд. Бахусус, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии роҳбарони давлатҳои аъзо дар шаҳри Мински Белорусия (22-юми январи соли 1993) муҳим гардид ва барои ба эътидол овардани вазъи номуътадили Тоҷикистон шароити хуберо муҳайё кард. Дар ин мулоқот сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои 12 давлати аъзои ИДМ иштирок карданд ва

якчанд масъалаи муҳим муҳокима карда шуд, ки яке аз онҳо масъалаи ба эътидол овардани вазъи сарҳади миёни Тоҷикистону Афғонистон ба ҳисоб мерафт [9].

Дар ин вохӯрӣ қарор қабул карда шуд, ки барои таъмини бехатарии вазъият дар марзи Тоҷикистону Афғонистон чораҳои иловагӣ андешида шаванд ва мудофиаи сарҳад пурзӯр карда, гурӯҳи қувваҳои наздисарҳадии Федератсияи Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон ва дигар мамлакатҳои аъзои Шурои Амнияти Дастҷамъӣ созмон дода шавад, ки шумораи ҳар як баталион аз 500 нафар иборат бошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти олии иҷроия мебошад. Президент дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад, дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад, масъалаҳоеро, ки заруру муҳим мешуморад, ба муҳокимаи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд. Президент тариқи интихоботи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол интихоб карда мешавад [10].

Эмомалӣ Раҳмон 6 ноябри соли 1994 ва маротибаи дуюм 6 ноябри соли 1999 бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ дар асоси алтернативӣ бори аввал ва дуюм ба муҳлати ҳафт солӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд. Санаи 6 ноябри соли 2006 Эмомалӣ Раҳмон дар интихоботи озоду шаффофи демократӣ дар асоси алтернативӣ бори сеюм ба муҳлати ҳафт сол, солҳои 2013 ва 2020 низ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 1990 танҳо як ҳизби сиёсӣ – ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии ҲКИШ фаъолият дошт, ки он асоси низоми сиёсии тоталитарии ҶШС Тоҷикистонро ташкил мекард ва ҳокимияти мутлақ дар дасти он буд. Ин ҳизби сиёсӣ сатҳ ва усули иштироки шаҳрвандиро дар кулли ҳокимияти давлатӣ ба фоидаи худ ҳал мекард.

Ҳамкориҳои дутарафаи наздимарзӣ дар ҷодаҳои иқтисод, роҳу коммуникатсионӣ, тиҷорат ва нақлиёт ба ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Узбекистон шароит фароҳам овардаанд, ки дар ҷануб бо вилояти Сурхондарё, дар шимол бо вилоятҳои Самарқанд, Сирдарё, Тошканд ва Фарғона додугирифти иқтисодӣ ва равуои шаҳрвандон ба роҳ монда шаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлолият бо Созмони Милали Муттаҳид (СММ - ООН), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА - ОБСЕ), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ - ШОС) ва дигар созмонҳои байналмилалӣ муносибати хубро барқарор карда, густариш бахшидааст. Ҳамкории Тоҷикистон бо давлатҳои ИДМ ва мамлакатҳои дигари ҷаҳон пайваста рушд меёбад, ки дар қатори аввал Ҷумҳурии Узбекистон қарор дорад [12]. Баробари ин яке аз омилҳои халали амният дар минтақа ҷанги тулонӣ дар қаламрави давлати Афғонистон маҳсуб мешавад ва дар солҳои 90-уми асри гузашта аз масоили мубрами Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ҷонибдори ҳалли муаммои сиёсии ин кишвар бо роҳи муколамаи сиёсӣ буданд ва ҳастанд, ки дар ин бора сарварони ҳарду ҷумҳурӣ аз минбарҳои баланди СММ ва созмонҳои дигари байналхалқӣ ибрози ақида кардаанд [2]. Зеро ҳифзи амният дар давлати Афғонистон осоиштагӣ ва сулҳро дар минтақа таъмин менамояд. Дар масъалаи Афғонистон ҷонибҳои Тоҷикистону Узбекистон ҳамеша якдигарро дастгирӣ мекарданд.

Ҳамин тавр, бо ташаббуси Узбекистон ва Тоҷикистон қазияи Афғонистон дар Конфронсҳои байналхалқии сатҳи баланд дар шаҳри Тошканд 26-27 марти соли 2018 оид ба масъалаи амният ва ҳамкорӣ дар минтақа ва дар шаҳри Душанбе санаҳои 3-4 майи соли 2018 дар бораи муборизa бар зидди терроризм ва ифротгароӣ бо иштироки намояндагони бештарин давлатҳои дунё муҳокима карда шуд.

Яке аз масъалаҳои нозуки муносибатҳо дар минтақа, бахусус, байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ин ҳосил кардан ва истифодаи сӯзишвории газ ва нерӯи барқ маҳсуб мешавад. Дар солҳои нахустини даврони Истиқлолият Ҷумҳурии Узбекистон дар таъмини барқ ва газ ба ноҳияҳои наздимарзии кишвари мо мадад мекард. Вале вазъи баамаломадаи сиёсию иқтисодӣ минбаъд водор намуд, ки роҳбарияти вақти

Ҷумҳурии Узбекистон интиқоли газ ва барқро қатъ намояд. Зеро давлати ҷавони тоҷикон аз аввал барои расидан ба истиқлолияти энаргетикӣ саъй мекард. Диққату эътибор ба масъалаи энергетика ва сарчашмаи оби минтақа будани Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле калон аст ва бештарин давлатҳо, амсоли Афғонистону Покистон, Чину Ҳиндустон ба давлати мо бо чашми умед менигаранд, ки дар ҳалли мушкилоти энергетикӣ мадад хоҳад кард. Ифтитоҳ ва оғози корҳо дар Барномаи байнидавлатии «КАССА-1000» мисоли равшани ин мебошад.

Мушкилоти истифодаи об ва масоили ба он пайванди энергетикӣ айни замон маҷмуи дигари душвориҳоро ба вуҷуд овардаанд. Мавҷудияти нобаробари манбаъҳои об дар минтақа ва дар ҳар кишвари алоҳида, маҳдудияти захираҳои об дар соҳаи кишоварзии ин давлатҳо масоили марбут ба истифодаи обро ба мадди аввал мебарорад. Зеро афзудани аҳолӣ дар ҷумҳуриҳои собиқ шуравии минтақа масъалаи амнияти озуқавориро ба стратегияи давлатӣ табдил додааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд масоили об вобаста ба табиат буда, ҳазор сол инҷониб идома дорад, дар аҳди шуравӣ тавонистанд, онро дар чаҳорчӯбаи муайяни сиёсати кишоварзию дохилии мамлакат ҳаллу фасл намоянд. Дар шароити соҳибихтиёриву истиқлолияти томи саросарии кишварҳои минтақа муаммои об, бахусус, оби ошомиданиву полезӣ ба сатҳи байналхалқӣ баромадааст. Агар танҳо зиёд шудани шумораи аҳолиро мисол гирем, пас муқоиса кунед, ки дар соли 1956 аҳолии панҷ кишвари минтақа каме зиёдтар аз 20 млн нафар буд, ҳоло бошад, ин рақам аз 65 млн нафар зиёд аст. Яъне афзун шудани шумораи одамон се баробар бештар истифода бурдани обу барқро тақозо мекунад, то ки аҳолӣ бо озуқа таъмин карда шавад.

Бояд зикр намуд, ки рушду нумуи энергетика дар Осиёи Марказӣ дар даврони шуравӣ оғоз ёфта, беш аз пеш сурат гирифт, ҳамчунин, он чун бахши муҳими иқтисод дар замони шуравӣ хеле инкишоф ёфт. Чунончи соли 1990, вақте ки теъдоди аҳолии минтақа 50 млн нафар буд, истеҳсоли нерӯи барқ 189,5 млрд Квт-соатро ташкил медод. Мутаассифона, имрӯз ин соҳаи муҳими иқтисодиёт низ монанди соҳаи обёриву ирригатсия проблемаҳои мушаххасу монанд дорад [12].

Барои ҳамагон равшан аст, ки барҳам хӯрдани Давлати Шуравӣ зуд мувозинати таъминоти барқи кишварҳои тозаистиқлолро вайрон кард. Баробари ин, азбаски фаъолияти шабакаҳои энергетикии Тоҷикистон ба шароити табиӣ ва иқлим, аз ҷумла, сатҳи оби рӯдҳо ва дарёҳо сахт вобаста мебошад, душворӣ бештар гардид. Ҳол он ки дар се кишвари дигар чунин вобастагӣ қариб вуҷуд надошту надорад. Чунончи, Тоҷикистон дар мавсими баҳору тобистон, ки вақти обшавии пиряху барфҳои кӯҳсор аст, ҳамон қадар барқе тавлид мекунад, ки аз эҳтиёҷоти худаш хеле зиёд аст [9].

Вазъи имрӯзаи бахши обу энергетикаро чун тазоди байни обёриву тавлиди энергия метавон тавсиф кард. Кишварҳои болооб – Тоҷикистону Қирғизистон манфиатҳои худро дар истифодаи об барои тавлиди барқ мебинанд, то эҳтиёҷоти худро ба он қонеъ намоянд, чунки аз манобеи бузурги нафту газ маҳруманд. Кишварҳои поёноб – Қазоқистону Узбекистону Туркманистон бошанд, обро василаи обёрӣ медонанд.

Сиёсати давлатӣ ва низоми даврони шуравӣ дар ин самт ба мубодилаи энергия аз ҷониби давлатҳои минтақа асос ёфта буд ва бо мавсими обёрии зироатҳо ҳамоҳанг мешуд ва шакли беҳтарини ҳамкории ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар бахши обу энергетика буд. Вале ин низом бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба нестӣ расид.

Ҳангоми сохтмони НБО-ҳои “Сангтӯда-1” ва “Сангтӯда-2”, минбаъд идомаи бунёди НБО-и Роғун муносибатҳои байни ҷумҳуриҳо ба ноҷӯрӣ гирифтор гардиданд. Ҳарчанд обанборҳои ин нерӯгоҳҳо барои мавзеъҳои поёноб манфиатҳои калон доранд, аммо ҷониби Узбекистон дар симои роҳбари олии вақти ҷумҳурӣ ҳамкориро қариб қатъ кард. Вале ин дер давом наёфт ва алҳол ҳамкориҳо муттасил ва дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ идома доранд [5].

Дар масъалаи истифодаи об ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби СММ ва созмонҳои байналхалқӣ ва давлатҳои гуногуни олам дастгирӣ ёфтанд. Соли 2003-ро Соли байналмилалии об эълон кардан, сипас ташаббусҳои даҳсолаи амал "Об – барои тараққиёт, солҳои 2005-2015", даҳсолаи амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" мақом ва манзалати кишвари тоҷиконро дар арсаи байналхалқӣ баланд бардошт. Дар амалӣ намудани барномаҳои байналмилалии вобаста ба об ҳукумати кунунии Ҷумҳурии Узбекистон ҳамчун ҷонибдор ва татбиққунанда иқдом варзидааст, ки шоёни зикр мебошад.

Масъалаи марбут ба об созмон додани ташкилоти байнидавлатии ҳифзи баҳри Аралро ба миён гузошт, ки барои бо оби ошомиданӣ ва полезӣ таъмин намудани кишварҳои поёноби ҳавзаҳои дарёҳои Ому ва Сирро ҳаллу фасл хоҳад кард. Дар ин ҷода низ ҳамкориҳои ҳукуматҳо ва сохторҳои ба об вобастаи Тоҷикистону Узбекистон қаноатбахш маънидод мегарданд.

Ҷумҳурии Узбекистон иқдоми бевоситаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба об ҳамеша дастгирӣ мекард ва айни замон низ аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ ва дар созмонҳои байналхалқӣ ҷонибдорӣ менамояд. Дар шартномаҳои байнидавлатии ҳамкории Тоҷикистону Узбекистон солҳои охир масъалаи истифодаи об ва энергетика махсус таъкид карда шудаанд, ки аз ҳусни тафаҳҳум ва ҳамкории бемайлони ҷонибҳо дарак медиҳанд.

Тоҷикистон тайи понздаҳ соли охир барои ҳалли масоили дастрасӣ ба обу беҳдошт қариб як миллиард доллари амрикоӣ сарф кардааст. Дар натиҷа Ҳукумат дар панҷ соли охир дастрасии тақрибан 1,2 миллион нафарро ба оби ошомидании босифат ва 600 ҳазор нафарро ба оби ошомидании бехатар таъмин гардонид. Ҳамкории самаранок метавонад, василаи муассири тавсеа дар соҳаи об гардад ва норасоии иқтидори он метавонад хатари ҷиддӣ ва хароҷоти зиёдро ба вуҷуд оварда, ба вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои маҳсур бо хушкӣ таъсири манфӣ расонад.

Дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон тақвияти иқтидори институтсионалии ҳамкории байнисарҳадии обӣ ба рушди мутавозини ҳамаи кишварҳои соҳилӣ мусоидат мекунад. Ҳоло дар Осиёи Марказӣ раванди густариши ҳамгироии минтақавӣ фаъолона идома дорад, ки, ба назари мо, бояд ба беҳтар гардидани ҳамкории минтақавӣ дар масъалаҳои обу энергетика кӯмак намояд[11].

Тазаккур бояд дод, ки таърихи ҳамкориҳо ва муносибатҳои кишварҳо дар даврони шуравӣ бидуни шубҳа иртиботу ҳамназарии байни халқҳои тоҷику узбекро ранги хос ва муҳтавои нек бахшидааст. Албатта, ин равуо ва додуситад дилу руҳи ҷонпарвар ва дӯстхоҳи ин ду халкро нуру назҳату сафо мебахшиданд. Аммо фоҷиаҳои маълуми охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар қаламрави Осиёи Миёна барои барҳам хӯрдану аз ҷӯш мондани ин равуо ва ҷонпайвандии ҳамешагӣ сабаб шуд. Дилҳои мардум дар фосилаи бист-сӣ соли ахир ба ёди он ҳама равуои озоди байни ин ду халқ аз тамоми қаламрави Тоҷикистон, хосса рафтуомади шимоли кишвар бо шаҳрҳои зебои Тошканд, Хуқанд, Намангон, Андиҷон, Фарғона ва ғайра, дар самти ҷануб ба шаҳрҳои Термизу Қаршӣ (Насаф), Самарқанду Бухоро сахт гум мезад.

Ташаббуси эҳё шудани гузаргоҳҳои қаблан мамнуи байнисарҳадии Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Узбекистон аз муҳимтарин тадбирҳои обёрӣ шудани решаҳои дӯстии азаливу таърихии байни ин ду кишвар мебошад, ки марҳалаи тозаеро дар муносибатҳои дӯстонаи байни ин ду қаламрав боз мекунад. Ба фикри мо, хеле арзишманд, муҳим ва усулӣ аст, ки ду нафар шахсияти баландрутба ва воломақоми сиёсии дорои иродати комили пайвандгарӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Узбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев эҳёи суннатеро ба роҳ мондаӣ шуданд, ки дар амри устуворӣ ёфтани муносибатҳои самимӣ ва сулҳгарои ин ду халқи қадршинос, дӯстию ҳамкорӣ ва

якдигарфаҳмии онҳо дар амри ҳаёт ва рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ арзиш ва аҳамияти баланди сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабӣ доранд. Дар зербинои ин амри муҳим ва тақдирсози таърихи навини мо, ки аз ҷониби ду сарвари давлати бузурги ҳамсоя анҷом мепазирад, муҳимтарин нуктаҳои пешрафтҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангӣ қарор дорад.

Яке аз руйдодхои муҳим дар амри ривоҷи дӯстиву ҳамкории ин ду халқи ҳамсоя ифтитоҳи гузаргоҳҳои байнисарҳадӣ мебошад, ки мардуми ду кишвари ба ҳам дӯст онро дер боз интизор буданд ва хеле самимона, бо миннатпазирии тарафайн пазируфтанд. Зеро, бо кушоиши он анбӯҳи норасоиҳое, ки чандин сол халқи ин ду кишварро нороҳат мекарданд, аз байн рафта, ин иқдоми нек ба ниёзҳои руҳиву равонии ин ду халқи дӯсту ҳамсоя манфиат мебахшад.

Хушбахтона, бо хиради волои роҳбарони ин ду кишвари дӯст Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев муносибатҳои байни ҳарду мамлакат хеле хуб ба роҳ монда шуд, ки он дар таърихи ҳарду кишвар то абад боқӣ хоҳад монд. Дар натиҷаи муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистон ва Узбекистон байни ин ду ҷумҳурӣ даҳҳо санадҳои расмӣ имзо гардиданд, ки муҳимтарин самтҳои ҳамкориҳои ҳарду кишварро ба танзим медароранд.

Муқарриз: Муллоҷонов С.К., д.и.т., профессор

Адабиёт:

1. Бенёдгузори давлати миллӣ – Пешвои миллат. – Душанбе: Эр-граф, 2015.
2. Ғафуров А. Тоҷикистон дар роҳи ҳифзи истиқлолият // Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Душанбе: Дониш, 2016.
3. Мамадов С. В. К вопросу интеграции экономики РТ в ЕАЭС: предпосылки, проблемы и возможности //Международная научно-практическая конференция "Тенденции и перспективы развития Евразийского экономического союза", в Финансовом университете при Президенте РФ. – М., 21. 04. 2015 г.
4. Парвозгоҳи бузургон. - Хуҷанд, нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2002
5. Рахмон, Э. и мировое сообщество (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). - Душанбе, Ирфон, 2011. – 372 с.
6. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар Анҷумани сеюми зиёиёни эҷодкор ва илмии кишварҳои аъзои ИДМ, ш. Душанбе, 18 сентябри соли 2008 / Э. Раҳмон // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2010. –Ҷ. 9.
7. Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе (1992-2005 гг.).
8. Саидов З. Ш. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков. Четвертое, дополненное издание (новая редакция).–Душанбе: ООО « Контраст», 2011
9. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият / Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.
10. Ташкентская международная конференция высокого уровня по Афганистану. Пресс-служба Министерства иностранных дел Республики Узбекистан // Международное информационное агентство «Фергана» 27. 03. 2018.
11. Центральная Азия: одно прошлое и общее будущее, сотрудничество ради устойчивого развития и взаимного процветания» // [Электронный ресурс]. Режим доступа https://unrcca. unmissions org/ru/ (Дата обращения 4. 06. 2019)
12. Эмомали Рахмон: ШОС показала всему миру свою состоятельность// [электронный ресурс]. URL: http://khovar.tj/rus/archive/300-emomali-rahmon-shos-pokazala-vsemu-miru-svoyu-sostoyatelnost.Html
13. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи миллат. - Душанбе, Ирфон, 1999.

ШАРОИТ ВА МАНФИАТҲОИ НАВИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА УЗБЕКИСТОН

Мақолаи илмии мазкур роҷеъ ба шароит ва манфиатҳои нави ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва Узбекистон, масъалаҳои ташаккули робитаҳои байни Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Узбекистон, ки аз зумраи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ маҳсуб шуда, дар қатори дигар ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ баъди инқирози давлати абарқудрат соли 1991 истиқлолияти давлатии худро эълон карданд ва соҳибихтиёр гардиданд. Вазъияти сиёсию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлолияти томи давлатӣ нахуст кишварҳои ба мо дӯсту ҳамсоя Федератсияи Русия ва Узбекистонро водор намуд, ки барои таъмини оромӣ ва сулҳ дар тамоми минтақа чорачӯйӣ намоянд. Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бавуҷудомада минбаъд ба таври расмӣ сурат гирифтанд.

Мусаллам аст, ки муносибатҳои расмии дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон 22-юми октябри соли 1992 барқарор гашта, дар ҳарду давлат сафоратхонаҳо ба фаъолият оғоз намуданд. Саршавии муносибатҳои расмии дипломатӣ ва ҳамкориҳои байниҳамии ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Узбекистон ба давраи хеле вазнин иттифоқ афтод, ки он замон дар қаламрави Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон барои бартараф сохтани низои дохилии тоҷикон аҳамияти махсус зоҳир менамуд.

***Калидвожаҳо**: манфиатҳои нави ҳамкориҳо, давлати абарқудрат, омадани буҳрони иқтисодиву молиявӣ, буҳрони иқтисодиву молиявӣ, шартномаи дӯстӣ, муносибатҳои расмии дипломатӣ, Шурои Амнияти Дастҷамъӣ.*

НОВЫЕ УСЛОВИЯ И ПРЕИМУЩЕСТВА СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ И УЗБЕКИСТАНОМ

В данной научной статье речь идет об условиях и новых преимуществах сотрудничества между Таджикистаном и Узбекистаном, вопросах формирования отношений между республиками Таджикистан и Узбекистан, которые считаются одними из республик Средней Азии и среди других бывших советских республик, заявили о себе. государственная независимость после кризиса сверхдержавы в 1991г. и стала независимой. Политическая и социальная ситуация Республики Таджикистан после обретения полной государственной независимости в первую очередь заставила наши дружественные и соседние страны – Российскую Федерацию и Узбекистан – принять меры по обеспечению мира и спокойствия во всем регионе. Сотрудничество Таджикистана со странами бывшего Советского Союза продолжало носить формальный характер.

Официальные дипломатические отношения между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан были восстановлены 22 октября 1992 года, и в обеих странах начали работать посольства. Начало официальных дипломатических отношений и взаимного сотрудничества между республиками Таджикистан и Узбекистан совпало с очень сложным периодом, когда на территории Таджикистана шла гражданская война. С этой точки зрения Правительство Республики Узбекистан придавало особое значение устранению внутреннего конфликта таджиков.

***Ключевые слова**: новые полезные взаимоотношение, мощные государства, экономический крызис, дружеские договоры, официальные дипломатические отнощение, Совет Безопасности.*

NEW CONDITIONS AND ADVANTAGES OF COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND UZBEKISTAN

This article deals with the conditions and new advantages of cooperation between the Republic of Tajikistan and the republic of Uzbekistan, the issues of forming relations between the

Republic of Tajikistan and Uzbekistan, which are considered one of the republics of Central Asia and among other former Soviet republics, have made themselves known. The State independence after the superpower crisis in 1991 and became independent. The political and social situation of the Republic of Tajikistan after gaining full state independence first forced our friendly and neighboring countries - the Russian Federation and the Republic of Uzbekistan - to take measures to ensure peace and tranquility throughout the region. Cooperation between Tajikistan and the countries of the former Soviet Union continued to be formal.

Official diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan were restored on October 22, 1992, and embassies began to operate in both countries. The beginning of official diplomatic relations and cooperation between the republics of Tajikistan and Uzbekistan coincided with a very difficult period when there was a civil war on the territory of Tajikistan. From this point of view, the Government of the Republic of Uzbekistan attached special importance to eliminating the internal conflict of the Tajiks.

Keywords*: new beneficial relationships, powerful states, economic crisis, friendly treaties, official diplomatic relations, Security Council.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Мамадқулова Раъно Олимовна - *Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, унвонҷӯй. Нишонӣ: 735730, ш. Бӯстон, Ҷумҳурии Тоҷикистон. E-mail: rano.mamadkulova@gmail.com*

Сведения об авторе: *Мамадкулова Рана Олимовна – Горно-металлургический институт Таджикистана, соискатель. Адрес: 735730, г. Бостон, Республика Таджикистан. E-mail: rano.mamadkulova@gmail.com*

Information about the author: Mamadkulova Rana Olimovna *– Mining and Metallurgical Institute of Tajikistan, applicant. Address: 735730, Boston, Republic of Tajikistan. E-mail: rano.mamadkulova@gmail.com*

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ – ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Гулназарзода Ж.Б., Сатторова Д.Қ. Муродифот дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ.....5

Абдулоева Г.З., Лузинаи З., Назирқулов Т. Ҷанбаҳои этнолингвистии маросими тӯйи арусӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ.....13

Аттоев С. К. Классификация политической лексики в таджикском и английском языках...25

Ғафури З.С. Тавзеҳи сленг дар забоншиносии муосир.....37

Давлатов М., Мусоямов З. Ташаккули назарияи аломатҳои китобат ва тамоюлоти асосии он дар забоншиносии муосир.....41

Давлатова М.О. Принсипҳои асосии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар матнҳои аслӣ ва тарҷума (дар мисоли асари «Ҷен Эйр»-и Ш. Бронте).....48

Қурбонов Э.М. Иқтибосоти луғавӣ ва муносибати он бо дигар ҳодисаҳои луғавӣ ва пуризм.....54

Ибрагимова Р.А. Роҷеъ ба баъзе вижагиҳои валентнокии феълҳо дар ибораҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....62

Насруллоев М.Н. Корбурди антропонимҳо дар осори Убайди Зоконӣ.....70

Раҳимова Ш.Д. Падидаи калимаҳои такрорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....83

Ризоева Г.И. Усули ифодаи реалияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли асарҳои бадеӣ).....94

Равзалиев А.Ш. Вижагиҳои семантикии ҳиссачаҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....99

Тағоева Т. М., Матробиён С. Таркибҳои фразеологии зооморфии феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....106

Тошова М.М. Проблемы перевода полиграфической терминологии в таджикском языке...115

Умедҷони Л. Баррасии диалектизмҳои сифатӣ дар осори Сорбон.....122

Ҳабибов С.Ш. Лексикографический анализ концепта труд / меҳнат.....128

Ҳасанзода А.А., Мирзозода Н.М. Сифатҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд» (ҳузворишҳо) дар «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон.....133

Ҳалимова М.С. Таҳлили прагматикии ҷонишинҳои шахсии субъектӣ.....139

Ҷалолова Ш. А. Хусусиятҳои асосии жаргон дар забони англисӣ ва тарҷумаи он.....146

Якубова М.Т. Хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти маркетингӣ-интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....152

АДАБИЁТШИНОСӢ – ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Суфизода Ш.З. Такомули назарияи матншиносии Бертелс Е.Э.: аз М. Усмонов то А. Насриддин.....160

Додихудоев Ё.Ш. Корбурди санъатҳои бадеӣ дар «Сафарнома»-и Низории Қуҳистонӣ.....165

Ифтихори А. Сабки нигориши лирикаи Мастон Шералӣ.....172

Рачабалӣ И. Ситоиши модар дар эҷодиёти Нурмуҳаммад Сироҷӣ.....178

Раънои К. Доир ба тарҷумаҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ.....185

Шамсов Н.С. Мавзуи “Ватан ва худшиносии миллӣ” дар ашъори Искандари Хатлонӣ.....194

Шарофова Б. Таҷассуми симои модар дар ашъори Лоиқ Шералӣ.....201

Пайшанбиева Д.М. Истифодаи талмеҳҳои лирикӣ-ишқӣ дар ашъори шоирони охири асри XIX ва аввали асри XX дар Бадахшон.....207

Набиев А., Қурбонова Ф. Масъалаҳои мафҳум, назария ва шинохти поэтика. Поэтикаи нависанда (Ф. Муҳаммадиев).....215

Абдураҳимов Б., Маҳкамов Д. Мақоми масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Низом Қосим.....224

Сироҷзода Ҷ.Қ. Арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ.....232

Пиров М. М. Вазифаҳои сухани муаллиф ва руҷуи лирикӣ дар асари бадеӣ.....241

ПЕДАГОГИКА

Андамова Х., Рузиева Л.Т. Развитие речи: задачи и содержание обучения.....249

Джафаров С.Ф. Учёт понятийной сущности веления и сути использования времени в процессе формирования системного мышления будущих специалистов на основе опыта ведущих стран мира.....260

Рахмонова М.Э. Роль уроков литературы в решении задач гуманизации личности в современных условиях образования.....266

Рачабов Д.А. Масъалаҳои фаъолияти таҳсилию маърифатӣ ва баҳодиҳии муваффақияти таълимии донишҷӯёни соли якуми таҳсилоти олӣ.....273

Бекмуратова У.А., Гадоев К.Х. Самостоятельная работа студентов-каракалпаков: виды и формы в лингводидактике.....282

Султонхайдаров Н.Х. Роль искусственного интеллекта(ии) в системе образования и учебе.....288

Шохиён Н.Н., Макнуна Н. Мировой опыт квалиметрического подхода к оценке качества образования в контексте определения рейтинга вузов и их миссии в подготовки специалистов новой формации.....292

Яхьёев Д.З. Исследование эффективности применения 3D-моделирования в национальной педагогике для повышения интереса и мотивации учащихся к изучению национальных культур и традиций.....302

Шарифов М., Миракзода Ф.Ю. Масъалаҳои омӯзишу парвариш аз нигоҳи Абурайҳони Берунӣ.....310

ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ

Сайфуллоҳи М., Неъматов И., Саиднуриддинзода А. Пажуҳише дар мардумшиносии тоҷик.....316

Каримов М.Б. Нигоҳе аз таърихи натиҷаи озмоиши низоми нави баҳодиҳӣ (10-100-хола) ба дониш, қобилият ва маҳорату малакаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.....320

Наджмуддинов Т.А. Экономическое развитие южного Таджикистана: история и достижения (1960-1970 годы).....327

Мамадқулова Р.О. Шароит ва манфиатҳои нави ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва Узбекистон.....335

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи забонҳо» пешниҳод мегарданд.

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз ҳама гуна китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Саидов С.А.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с. 25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи МАТС (ГОСТ) 7.1-2003 ва МАТС (ГОСТ) 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шаванд;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф;

– ба мазмуну муҳтавои мақолаҳо муаллифон масъул мебошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник университета языков»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times Nев Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Саидов С.А.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [6, с. 42]. То есть, литература №6 и страница 42;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес места работы автора);

–авторы несут ответственность за содержание статей.

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих)

Маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих» соли 2011 таъсис ёфтааст. Дар як сол 4 маротиба нашр мегардад. Шакли чопии маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зеринро барои чоп қабул менамояд:

Илмҳои филологӣ (10.00.00), педагогӣ (13.00.00) ва таърих (07.00.00).

Шакли пурраи электронии маҷалла дар сомонаи маҷалла (www.payom.ddzt.tj) дастрас аст.

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих)

2023. № 4 (52)

Шумораро ҳайати зерин омода намуд:
Котиби масъул: Миракзода Ф.Ю.
Мусаҳҳеҳи забони тоҷикӣ: Шарипов Ш.Р.
Мусаҳҳеҳи забони русӣ: Ҳоҷатов Б.Д.
Мусаҳҳеҳи забони англисӣ: Азизмуродов М.Р.

Паёми Донишгоҳи забонҳо
(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих):
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Сомонаи маҷалла**:** www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

Дар матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба табъ расид.
ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои 14.
Ба чоп супорида шуд: 06.01.2024. Ба чоп имзо шуд: 10.01.2024.
Формати 60х841/8. Қоғази офсетӣ. Нашрӣ офсетӣ.
Теъдод 100 нусха.

ВЕСТНИК
УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)

Научный журнал «Вестник университета языков. Серия филологических, педагогических и исторических наук» основан в 2011 г. Выходит 4 раза в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: филологические науки (10.00.00), педагогические науки (13.00.00) и исторические науки (07.00.00).

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте журнала (www.payom.ddzt.tj).

ВЕСТНИК
УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)

2023. № 4 (52)

Над номером работали:
Ответственный секретарь: Миракзода Ф.Ю.
Корректор таджикского языка: Шарипов Ш.Р.
Корректор русского языка: Ходжатов Б.Д.
Корректор английского языка: Азизмуродов М.Р.

Вестник университета языков
(серия филологических, педагогических и исторических наук):
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала**:** www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

Отпечатано в типографии Таджикского национального университета.
г. Душанбе, ул. Буни Хисорок.
Сдано в печать: 06.01.2024. Подписано к печати 10.01.2024.
Формат 60х841/8. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз.